**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 342 (575.3)**
**ТКБ: 67 400 (2 Т)**
**Я – 49**

**ЯКУБОВА САБОҲАТ НАРЗУЛЛОЕВНА**

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ ВА ДУРНАМОИ РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

**МУШОВИРИ ИЛМӢ:**
**Зоир Ҷурахон Маҷидзода**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........................4
**МУҚАДДИМА**..........................................................................................5-31
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..........................................................................32-107
1.1. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таносуби ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ.......................................................................................32-62
1.2. Давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................................62-80
1.3. Принсипҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ ва кафолатҳои татбиқи онҳо..............................................................................................80-107
**БОБИ 2. СУБЪЕКТҲО ВА МЕХАНИЗМИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚИ ТАШАББУСИ ҚОНУНГУЗОРӢ**...................................................108-217
2.1. Мафҳум ва намудҳои субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ..108-136
2.2. Моҳияти конститутсионӣ ва ҳуқуқии ташаббуси қонунгузории вакили Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................136-161
2.3. Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳамчун шакли татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии сарвари давлат....................161-187
2.4. Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................187-217
**БОБИ 3. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**.........................................................218-276
3.1. Баррасӣ ва қабули қонунҳо дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................218-249
3.2. Тафсири расмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................249-276

**БОБИ 4. БАНАҚШАГИРИИ РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....................................................277-320**
4.1. Масъалаҳои мубрами банақшагирии раванди қонунгузорӣ.............277-299
4.2. Экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо........................................................299-320
**БОБИ 5 ИМЗОИ ҚОНУНҲО АЗ ҶОНИБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ИНТИШОР ВА БА ҚУВВАИ АМАЛ ДАРОМАДАНИ ОНҲО**...................................................................................................321-350
**ХУЛОСАҲО**............................................................................................351-358
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...........................................................................................359-362
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)** ....................................................363-395
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ**……..................396-400

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМКБ** - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ФР** - Федератсияи Россия

**ИҶШС -** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШСТ -** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИДМ -** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Раванди қонунгузорӣ самти муҳим ва бевоситаи фаъолияти парлумони кишвар мебошад ва он дар ҳамаи кишварҳо новобаста аз вазифаҳо, навъҳои таърихӣ, хусусияти иҷтимоӣ доштани он ба амал баровварда мешавад. Дар ҷомеаи демократӣ, ки ҳадафи он одатан ташкили давлати ҳуқуқбунёд аст, мавқеи раванди қонунгузории парлумон аввалиндараҷа буда, он на танҳо дар давраи ташаккули низоми сиёсии ҷомеа, балки дар ин равия барқарорёбии инфраструктураи иқтисодӣ низ афзоиш меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки барои давлати муосир ташкили дуруст ба роҳ мондани раванди қонунгузории фаъолияти парлумон яке аз вазифаҳои муҳим буда масъалаҳои калидии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули Маҷлиси Олӣ бо рушди ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон, аз қабили низоми бисёрҳизбӣ, афкори ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва ғ. алоқамандии зич бо парлумонро ба миён овард. Дар ин навъи гузариши парлумон ҳокимияти қонунгузор принсипи соҳибихтиёрии халқро ҳамчун асоси волоияти қонун амалӣ месозад. Чунин тарзи ташаккули конститутсионӣ имкон медиҳад, ки ду вазифаи асосии Маҷлиси Олӣ - намояндагӣ ва қонунгузориро ҷудо кунем. Фаъолияти қонунгузории парлумон аз баррасӣ, қабули қонунҳо ва ҷонибдории онҳо, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, вобаста ба талаботи рушди ҷомеа ва давлат дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, иборат мебошад.

Фаъолият ва амалигардонии раванди қонунгузории парлумон, ки ба риояи қатъии меъёрҳои конститутсионӣ, бо дарназардошти ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ҳангоми қабули қарорҳои муҳимтарини давлатӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки сулҳу субот дар кишвар пойдор гардида, тавассути он устувории ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеа дар роҳандозии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шавад. Раванди қонунгузории Маҷлиси

Олӣ хеле раванди мураккаб буда, раванди эҷоди муқарраротҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қабули қонунҳо, хеле вазифаи пурмасъул мебошад.

Қонуне, ки парлумони кишвар қабул кардааст, имкон дорад комилан талаботҳои нави ҷомеаро бо мустаҳкамӣ қиёс намояд ва танзими сазовори инкишофи ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар марҳилаи муосири рушд таъмин менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала чунин иброз намудаанд: “Қонун бояд пеш аз ҳама, ба ҳифзу ҳимояи инсон ва озодиҳои он равона карда шавад, мавқеи махсусро дар ҷомеа мустаҳкам намояд ва барои амалӣ намудани нерӯи моддиву маънавии он, зиндагии озоду осуда ва шоистаи шаҳрвандон дар ҷомеа имконоти васеъ фароҳам оварда, барои истеҳсоли маҳсулот, ташкили фазои мусоиди соҳибкорӣ ва фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо замина гузорад”[1].

Тоҷикистон ҳанӯз аз қадамҳои нахустини ташаккули худ ба сифати кишвари мустақил дар роҳи қабули қонунҳо ва татбиқи он дар ҳаёт пайваста кӯшишҳои назаррас ба харҷ додааст ва бо шарофати истиқлолият дар низоми қабули қонунҳо принсипҳои нав ҷорӣ гардиданд, ки он пеш аз ҳама аз истиқлолияти давлатӣ сарчашма мегирад.

Маҳз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ қонунгузории кишвар хусусияти миллӣ пайдо кард ва албатта, ба ин раванд ислоҳоти конститутсионии соли 1999 такони ҷиддӣ бахшид. Тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 сентябри соли 1999 ворид карда шуд, бо мақсади хотима гузоштан ба низои дохилӣ, пешгирии аз байн рафтани асосҳои иқтисодию сиёсии давлат, таъмини сулҳу суботи сиёсиву ҳамгироии ҷомеа, пойдориву бардавомии давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои алоҳида ва ҳизбҳои сиёсӣ бо дарназардошти принсипи инсондӯстӣ, аввалин маротиба дар таърихи сиёсии

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012. (Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / URL. htpwww/ presidenttj.ru).

кишвар таъсис ёфтани парлумони думаҷлисаи доимоамалкунанда ва касбӣ, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ фаъолият менамоянд, барои эҷод ва қабули қонунҳои ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеа заминаи боэътимод гузошт.

Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ замина барои рушди ҳам андешаи парлумони миллии мо ва ҳам амалияи демократии давлату давлатдориамон фароҳам оварда шуд. Акнун фаъолият ва раванди қонунгузорӣ дар фазои озод бо иштироки аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ, дастаҷамъона, дар равобит бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти давлатӣ, бо иброз намудани фикру андешаҳои мустақил бо забони давлатӣ сурат мегирад.

Дар давраи истиқлолият қонунҳои мукаммал таҳия ва қабул гардиданд, ки нақши онҳо махсусан дар даврони нобасомониҳои иқтисодиву сиёсии кишвар хеле муҳиму назаррас буданд. Аз ҷумла, қонунҳо масоили меъёрҳои умумиҳатмӣ ва қоидаҳои рафтори амалкунандаро бояд ба танзим медароварданд. Дар ин самт аъзоёни парлумон ҳамчун субъекти асосии батанзимдарорандаи дигаргуниҳои ба миён омада ва ҳамчун субъекти таҳиякунандаи консепсияи таҳаввулоти инкишофи давлатдорӣ нақши муҳимро бозиданд.

То имрӯз аз қабули Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сол сипарӣ шудааст. Дар давоми солҳои аввали истиқлолият низоми ҳуқуқии Тоҷикистон фаъолона ба роҳ монда шуд. Қариб ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла соҳаи ҳуқуқи инсон, конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ ва ҳамчунин соҳаҳои мурофиаи қонунгузорӣ: мурофиавӣ-ҷиноятӣ, мурофиавӣ-гражданӣ, мурофиавӣ-иқтисодӣ қабули қонунгузории нав ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа низоми нави ҳуқуқӣ, неру ба миён овард, ки минбаъд онҳо демократикунонии тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистонро фарогир мебошад. Ин раванд то ба имрӯз дар ҷараён аст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои демократӣ замина гузошта, механизми қонунэҷодкунӣ барои халқи тоҷик имконпазир, шаффоф ва дастрас низ гардид. Нобаваста аз он ки худи Конститутсия дар

раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва дар он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи иродаи худро изҳор намуда якдилона онро қабул карданд. Ҳамчунин Конститутсия меъёр дар бораи иштироки бевоситаи халқи тоҷик дар муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаи қонунро муқаррар намудааст. Дар ин раванд ҳангоми қабули қонунҳо фикру андешаҳои мардум, таклифу пешниҳоди онҳо, ҳамзамон хусусиятҳои миллӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои асосии парлумони муосири миллии Тоҷикистон рушду такомул ёфта, вазифаҳои дар назди давлат гузошташуда аз ҷониби парлумони мамлакат ба воситаи раванди қонунгузорӣ, аз ҷумла қабули қонунҳои хусусияти миллӣ дошта, ки мақсаду мароми онҳо ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони кишвар мебошанд, бомаром идома ёфта истодааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - қонунҳои зиёде қабул ва ба тасвиб расидаанд, ки татбиқи амалӣ ва фаҳмондадиҳии мазмуну мӯҳтавои онҳо барои баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии мамлакат нақши калидӣ мебозад. Ин ҳама аз натиҷаи таҳия ва қабули қонунҳо аз тарафи парлумони мамлакат мебошад[2] гуфта шуд дар зимни суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин ҳама дастовардҳои парлумон буда, қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад.

Таҳлили назариявӣ ва амалии падидаи мазкур дар замони муосир муҳим ба ҳисоб рафта, дар ин замина таҳлил ва баррасии мафҳум ва мазмуни раванди қонунгузории парлумон, идеяҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии он, ҳамчунин муайян намудани давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ, муайян намудани мавқеи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, пешниҳоди лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ ва дар асоси онҳо қабул

---

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. (Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / URL. htpwww/ presidenttj. ru).

ва ҷонибдории қонунҳои мукаммали Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян намуда муносибатҳои ҷамъиятиро мустаҳкам менамояд, дар такмил ва ташаккули падидаҳои конститутсионӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷиҳати илмӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бояд тазаккур дод, ки рисолаи номзадии муаллиф ба мавзӯи “Вазъи конститутсионӣ ҳуқуқии Маҷлиси Олии (Парламенти) Ҷумҳурии Тоҷикистон”[3] бахшида шуда буд ва он то андозаи муайян бо мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии докторӣ алоқамандии зич дорад. Вале масъалаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносӣ, аниқтараш дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба таври мукаммал аз ҷониби муҳаққиқон пурра мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Бояд қайд намуд, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ муҳаққиқон ҷанбаҳои алоҳида ва гуногуни роҷеъ ба масълаҳои раванди қонунгузориии парлумонро таҳқиқ намудаанд.

Чунончӣ, дар корҳои илмии олимон Ҷ.М. Зоир дар мавзӯи “Ташаккул ва инкишофи миллии давлатдорӣ дар Давлатҳои Иттиҳоди Мустақил: таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ”[4], З. Ализода ҷанбаҳои “Ташаккул ва инкишофи парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи-конститутсионӣ”[5], Б.С. Гадоев[6] дар мавзӯи “Тамоюли инкишофи шакли олии демократияи бевосита дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ”, А.М. Диноршоҳ[7] дар мавзӯи “Асосҳои конститутсионии таҷзияи ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Р. Шарофзода “Назарияи ҳукуқ ва давлат”[8], А.И. Имомов[9] “Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, А.Р. Нематов

---

[3] Якубова С.Н. Конституционно - правовой статус Маджлиси Оли (Парламента) Республики Таджикистан. – Дисс …. канд. юрид. наук. Москва, 2008. – 181 с.

[4] Зоиров Дж.М. “Формирование и развитие национальной государственности в странах содружества независимых государств: Сравнительно-правовое исследование”. Санкт - Петербург. 2004. Дисс. ... д-ра юрид. наук.- 416 с., Зоир Ҷ.М. Тоҷикистон: эҳёи давлатдории миллӣ (методологияи таърихӣ ва ҳуқуқии таҳқиқоти давлатдорӣ). – Душанбе, 2017. – 366 с.

[5] Ализода З. Становление института Парламента в Республике Таджикистан: Проблемы теории и практики. Дисс. … д-ра. юрид. наук – М. 2013. – 329 с.

[6] Гадоев Б.С. Тенденция развития высших форм непосредственной демократии в Республике Таджикистан: Конституционно-правовое исследование. Дисс. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе. 2018. – 425 с.

[7] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. Монография. Душанбе. – 2007. – 206 с.

[8] Сотиволдив Р.Ш. Назарияи ҳукуқ ва давлат[8]. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси “ҳуқуқшинос” таҳсил мекунанд. Душанбе. “Империал – Групп” 2014. – 631 с.

[9] Имомов А. Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Васоити таълимӣ. 2016.– 238 с.

ҷанбаҳои назариявӣ - амалии роҷеъ ба мавзӯи “Ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Масоили мубрами назариявӣ ва амалӣ”[10], Ш.С. Давлатова доир ба субъектон ва амалигардонии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ “Асосҳои умуминазариявӣ ва хусусиятҳои татбиқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Тоҷикистон”[11], А.Ғ. Холиқзода[12] дар мавзӯи “Андешаи давлати миллӣ”, А.Ғ. Холиқзода оид ба масоили “Маҳаки сифати қонун: таҳқиқоти умуминазариявӣ”[13] таҳлил ва таҳқиқ гаштаанд, ки онҳо масъалаҳои марбут ба фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман масъалаҳо марбут ба ҳуқуқэҷодкунӣ, раванди қонунэҷодкунӣ, қабули қонунҳо, субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи парлумони кишварро фарогир мебошанд.

Масъалаҳои мубрам дар самти фаъолияти Маҷлиси Олӣ ва дигар масъалаҳои ба он монанд, аз қабили давраҳои раванди қонунгузорӣ, раванди қонунэҷодкунӣ, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, ба амал баровардани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, баррасӣ ва қабули қонунҳо дар парлумон, ба имзорасонии қонун ва амсоли инҳо, дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии кишварҳои хориҷӣ баррасӣ ва таҳлил шудаанд, ки дар заминаи онҳо рисолаҳо ва адабиёти илмӣ таҳия ва пешкаш шудааст. Олимони хориҷӣ, ба монанди: С.А. Авакьян[14], Т.П. Виноградов[15], Ю.Е. Ширяев[16], Д.Р. Паштов[17], А.Л. Питерская[18], А.Т. Толеубеков[19], Н.В. Родионов[20], В.В. Светков[21], С.В.

---

[10] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. … д-ра. юрид. наук – Душанбе, 2013 г.– 343 с.

[11] Давлатова Ш.С. Общетеоретические основы и особенности реализация законодательной инициативы в Таджикистане. Дисс... канд. юрид. наук. Душанбе, 2015. – С.89.

[12] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе; «ЭР-граф». 2013.- С. -684.

[13] Холиқзода А.Ғ. Критерии качества закона: Общетеоретическое исследование. Дисс. ... канд. юрид. наук. Душанбе. - 2018. – С. - 226 с.

[14] Авакьян С.А. Конституционное (государственное) право. – Издательство. НОРМА. - 2020. – 928 с.

[15] Виноградов Т.П. Разработка законов Российской Федерации. Конституционно-правовой аспект. Дисс. ... канд. юрид. наук. М. – 2008. – С. - 35.

[16] Ширяев Ю. Е. Федеральный законотворческий процесс: конституционно-правовой анализ: дисс. ... д-ра юрид. наук: СПб, 2006. – С.- 56.

[17] Паштов Д.Р. Участие прокуратуры в законотворческой деятельности законодательных (представительных) и исполнительных органов субъектов Российской Федерации. Дисс. ... д-ра юрид. наук. М. - 2014. - С. 35.

[18] Питерская А.Л. Официальное толкование норм Конституции Российской Федерации высшими судебными органами. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М. 2003.– 162 с.

[19] Толеубеков А.Т. Конституционно-правовой статус парламента Республики Казахстан. Дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2015.– 122 с.

[20] Родионова Н.В. Осуществление законодательной инициативы законодательными (представительными) органами государственной власти субъектов Российской Федерации в Государственной Думе Федерального Собрания Российской Федерации: Дисс. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2006. – 203 с.

Бошно[22], Э.Т. Рамазанова[23], Д.А. Кудрявсев[24] ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи мазкурро баррасӣ намудаанд.

Масъалаи таъсиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби ташкили Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, аз ҷумла фаъолияти қонунгузории парлумон, дар асарҳои олимони варзидаи соҳаи ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ инъикос шудаанд, ки мавзӯи таҳқиқотии мо ба таври умуминазариявӣ ва соҳавӣ баррасӣ гардида, онҳо таҳкурсии муҳимми таҳлил ва дарки масъалаи фаъолияти парлумон ва раванди қонунгузорӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин самт корҳои илмии олимони ватанӣ А. Ализода[25], Ҷ.М. Зоир[26], А. Абдуджалилов[27], Б.С. Гадоев[28], А.М. Диноршоҳ[29], А. Имомов[30], А.С. Достиев[31], М. Дададжонов[32], М.А. Маҳмудзода[33], Р.Н. И.Д. Сафаров[34], Р. Шарофзода[35], А.Ғ. Холиқзода, З.Ҷ. Маҷидзода, Р.С. Одиназода[36], Ф.Т. Тоҳиров[37], олимони хориҷӣ: А.И. Абрамова[38], С.С.

---

[21] Цветков В.В. Реализация института законодательной инициативы в современном Российском государстве (общетеоретический аспект): Автореферат канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2008. – С. -32.

[22] Бошно С. В. Законодательная инициатива в Государственной Думе Федерального Собрания Российской Федерации: Автореферат канд. юрид. наук. М., 1997. – С. - 10.

[23] Рамазонова Э.Т. Институт законодательной инициативы в правовой системе РФ: теория и практика реализации: Дисс. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. - 165.

[24] Кудрявцев Д.А. Осуществление права законодательной инициативы в Российской Федерации: Конституционно-правовое исследование Дисс. ... канд. юрид. наук. 2017. СПб. – С. - 276.

[25] Ализода З. Становление и развитие института парламента в РТ: Конституционно-правовое исследование. М.: 2013. – С. - 138.

[26] Маҷидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан: 20 лет. – Душанбе, «ЭР-граф», 2014. – 152 с.

[27] Абдуджалилов А. Законодательный процесс в Таджикистане // Государство и право. – Душанбе, 2003. - № 2. – 14 с.

[28] Гадоев Б.С. Тенденция развития высших форм непосредственной демократии в РТ: Конституционно - правовое исследование. Дисс. …д-ра юрид. наук. – Душанбе. 2018. – 425 с.

[29] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. Монография. Душанбе. – 2007. – 206 с.

[30] Имомов А. Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Васоити таълимӣ. 2016. – 238 с.

[31] Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятие внесение изменений и основные положения. Монография. Душанбе, 2001. - 240 с.

[32] Дададжонов М. Развитие парламентаризма в современном Таджикистане. Монография. Душанбе. 2006. - 265 с.

[33] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2 - юм. – Душанбе, «ЭР-граф», 2016. – С. - 4.

[34] Сафаров И.Д., Зиёев М. Логические основы законотворческого процесса в Республике Таджикистан. - Душанбе. / Государство и право. № 3. - 2006. – С.- 34.

[35] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳукуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси "ҳуқуқшинос" таҳсил мекунанд. Душанбе. "Империал – Групп" 2014. – 631 с.

[36] Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно - правовое развитие Таджикистана. – Душанбе. - «Мехрона» - 2017», - 2019. – 274 с.

[37] Тахиров Ф.Т. Политико-правовое значение послания Президента //Народная газета от 30 июля 2005 г. - № 29. – 190 с.

[38] Абрамова А.И. Современный законодательный процесс Российской Федерации: Стадии и проблемы их совершенствования // Журнал российского права. 2007. № 2. - С.14.

Алексеев[39], А.М. Артамонов[40], О.Н. Булаков[41], Н.Н. Карпов[42], В.В. Комарова[43], А.Г. Гузнов., А.А. Кененов, Т.Э. Рождественская[44], Е.А. Пискунова[45], И.Т. Тултеев, Г.Т. Тастанбеков, А.К. Янгибаев[46], Т.Я. Хабриева[47], Г.Т. Чернобел[48] ва дигаронро метавон номбар кард.

Дар баробари ин, баъзе аз паҳлӯҳои алоҳидаи масъалаи таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва техникаи қонунгузорӣ, паёми Президент, ташаббуси қонунгузории Ҳукумат аз ҷониби муҳаққиқон Х.М. Мирзамонзода[49], Э.С. Насриддинзода[50], Х. Ойев[51], И.Х. Саидов[52], М.З. Раҳимов[53], К.Н. Холиков[54] ва ғ. баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Бояд зикр намуд, ки ҷанбаҳои илмии кори олимони зикрёфта дар раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, баррасӣ ва қабули қонун аз тарафи Маҷлиси намояндагон, ҷонибдории қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ аҳаммияти заминавӣ дошта, падидаҳо ва масъалаҳои гуногуни марбут ба мавзӯи таҳқиқотӣ дар онҳо равшан гардиданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ дар доираи барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи

---

39 Алексеев С.С. Правотворческий (законодательный) процесс. Теория государства и права. Учебник для вузов. 3 - е изд. М. – 250 – 252 с.
40 Артамонов А.М. Законодательный процесс в РФ (теоретические аспекты). Монография. Ростов на Дону. 2014. – С. - 29.
41 Булаков О.Н. Парламентское право России. Учебник. - М.: Эксмо, 2006. - Российское юридическое образование. – 378 с.
42 Карпов Н.Н. Законодательный процесс в Российской Федерации. Учебник. - Москва. – 182 с.
43 Комарова В.В. Механизм непосредственной демократии современной России (система и процедуры). – М. «Формула права», 2006. – 553 с.
44 Гузнов А.Г., Кененов А.А., Рождественская Т.Э. Современный законодательный процесс. Основные институты и понятия. Для юрид. фак. Гуманит. ун-т. Смоленск. Траст-имаком. 1995. – С. - 92.
45 Пискунова Е.А. Законодательный процесс в субъектах РФ. М. Юриспруденция. - 2017. – С. - 26.
46 Тультеев И.Т., Тастанбекова Г.Т., Янгибаев А.К. Правотворческая деятельность парламента: Содержание и приоритетные направления ее совершенствования: Учебное пособие. Ташкент.: Академия МВД Республики Узбекистан, 2016. – С. 60.
47 Хабриева Т.Я. Парламентское право России: Монография. – М. 2013. – 207 с.
48 Чернобель Г.Т. Логические основы законотворческого процесса. Правоведения. 1991. № - 6. – С.- 71.
49 Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики. Дисс. на соиск. д-ра юрид. наук. 2021 г. Душанбе. С. - 299.
50 Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 204 с.
51 Ойев Х. Конститутсияи ҶТ ва ташаккули ҳокимияти иҷроия. Душанбе. / Давлат ва ҳуқуқ № 3. - 2009. С. - 15-27.
52 Саидов И.Х. Понятие и классификация стадий законодательного процесса. Законодательство. № 2 (26). 2017. Апрель-июнь. – С. 25 – 27.
53 Рахимов, М. З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости / М.З. Рахимов. - (В Государствах Содружество). - Журнал российского права. Москва. - 2013. - № 2. – С. 102-109.
54 Холиков К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан: статус, организация и деятельность. – М. Издательство Московского университета, Монография, 2009. – 102 с.

конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Инкишоф ва тамоюли падидаҳои конститутсионализм, парламентаризм, соҳибихтиёрии давлатӣ, афзалияти хусусиятҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳияи мукаммали пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, қабул намудани қонунҳо мутобиқи техникаи қонунгузорӣ дар ба амалбарории фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2021-2025 омода гаштааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур гузаронидани таҳқиқи назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ доир ба мафҳум ва моҳияти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани табиати ҳуқуқии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор доир ба таҳия ва қабули қонунҳои мукаммал, таҳия ва қабули қонунҳои фарогири хусусияти миллидошта, давраҳои раванди қонунгузории парлумони кишвар, банақшагирӣ ва таҳияи консепсияи асоснокии илмӣ доир ба масоили баррасишаванда, инчунин бо дарназардошти мавқеъ ва хусусияти ин соҳа ва таҷрибаи давлатҳои муосир дар самти мазкур, пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба рушди фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба тавсиб расида ва интишор намудани он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмил ва рушди минбаъдаи он дар фаъолияти қонунгузорӣ мебошад.

Ҳамзамон, мақсади дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи таҳлил, таҳқиқот, омӯзиш ва баррасии масъалаи мазкур коркарди як қатор пешниҳодҳои илман асоснок вобаста ба такмили эҷоди қонунҳои кишвар, васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, қабули қонунҳои конститутсионӣ роҷеъ ба тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарҷумаи қонунҳо ба забонҳои дигари байналмилалӣ, пешниҳод шудааст. Ҳамчунин аҳаммияти муҳим доштан ва алоқаманд будани паёми Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои қабули қонунҳо, ки дар паём ироа мешавад ифода шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот гузошташуда зарурати амалишавии вазифаҳои зерин зарур мебошад:

- таҳқиқи ҳаматарафаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани мазмун ва мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ; ҳамчунин ошкор намудани фарқият ва шабоҳати ин мафҳумҳо дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ;

- омузиш ва таҳлили давраҳои асосии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ;

- таҳлил намудани принсипҳои хоси раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ;

- таҳлили мазмун, аҳамияти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ҳамчун ба миёноварандаи оғози раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ;

- баррасӣ ва таҳқиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли таклифҳои қонунгузории раванди қонунгузорӣ;

- омода ва таҳия намудани лоиҳаи қонунҳо ва қабули қонунҳо оиди таклифҳои қонунгузорие, ки дар паёми Президент ироа шудаст;

- таҳлили қонунҳое, ки аз тарафи Президент баргардонида шудааст, муайян намудани сабаб ва ҳолатҳои он дар раванди қонунгузорӣ;

- ошкор намудани аҳамияти экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар рафти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлил ва омузиши қабули қонуни конститутсионӣ дар бораи “Тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- таҳлили мазмуни асосҳои конститутсиони-ҳуқуқии банақшагирии таҳия ва қабули қонунҳо дар раванди қонунгузории Маҷлисӣ Олӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот аз маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ: пешниҳоди лоиҳаи қонун, давраҳои раванди қонунгузорӣ, баррасӣ, қабул ва ҷонибдории қонунҳо дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

имзо ва интишор намудани қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давраи ниҳоии раванди конунгузорӣ ба ҳисоб меравад иборат буда ҳамчунин ба қувваи амал даромадани қонунро низ дар бар мегирад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқотро маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди ташкил ва ба амалбарории раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумонӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ таҷассум ёфтаанд, ҳамчунин фикру мулоҳизаҳо, назария ва консепсияҳои илмӣ-назариявӣ доир ба масъалаи баррасишаванда ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ асосан фарогири марҳалаи муосир: яъне аз даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъдан аз қабули Конститутсияи соли 1994, ҳамчунин ислоҳоти конститутсионии соли 1999 т имрӯзро дар бар мегирад. Яъне аз соли 2000 ин ҷониб ба роҳ мондани раванди қонунгузории парлумон, ташаккул ва инкишофи фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қонунҳои конститутсионии ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун роҷеъ ба тафсири расмии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири расмии қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ, ки яке аз масъалаҳои муҳим мебошад бахшида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд. Хусусан, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаҳои мутахассисони ҳуқуқи конститутсионӣ, парлумонӣ, маъмурӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи буҷавӣ дар раванди таҳқиқот мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар раванди таҳлили масъалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бештар таваҷҷуҳ ба осори олимон ва муҳаққиқон Ҷ.М. Зоир, З. Ализода, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоҳ, А. Имомов, М.А. Маҳмудзода, Р.Ш. Шарофзода, А.Ғ. Холиқзода, М.И. Абдуллаев, С.А. Авакян, М.В. Баглай, Е.И. Козлова, Д.А. Ковачев, Ю.М. Лейбо, М.А. Могунова, А.А. Мишин, А.В. Мелехин,

В.Д. Мазаев, Г.В. Мингх, А.С. Пиголкин, Э.Т. Рамазанова, Г.С. Сапаргалиев, Б.А. Страшун, Д.В. Чухвичев ва ғ. дода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ усулҳои гуногуни таҳқиқот, аз қабили усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ истифода бурда шудааст. Усулҳои уммумиилмие ба монанди усулҳои умумимантиқӣ (таҳлил, синтез, шабоҳат, айният, қиёс ва ғ.), назариявӣ (тасниф, гипотеза ва ғ.), эмпирикӣ (мушоҳида, баҳодиҳӣ, индуксия, дедуксия ва ғ.), диалектика, низомнокӣ, муқоисавӣ ва ғ. истифода гардидаанд. Дар заминаи истифодаи усулҳои умумиилмии таҳқиқот, мафҳум, категорияҳои марказии дар рисола таҳқиқгардида, аз қабили "ташаббуси қонунгузорӣ", "шакли пешниҳоди лоиҳаи қонун", "шакли пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ", "баррасии қонун дар қироати якум ва дуюм", "банақшагирии таҳияи қонунҳо", "ба инобат гирифтани техникаи қонунгузорӣ дар рафти қабули қонунҳо", "гузаронидани экспертиза" ва ғ. дар алоқамандии дигар зуҳурот ва фаҳмиши умумиилмии онҳо муайян гардидаанд. Инчунин, усулҳои махсуси илмӣ: таърихи-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шакли-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва мушаххаси сотсиологӣ дар диссертатсия ба кор бурда шудаанд. Тибқи усулҳои махсуси илмӣ таҳқиқоти масоили баррасишаванда сирф ҷанбаи ҳуқуқиро дар худ касб намуда, дар иртибот бо қонунгузории амалкунандаи кишвар ва назарияи амалии ҳуқуқии соҳавӣ сурат гирифтааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро маълумоти марбут ба фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ, аз ҷумла раванди қонунгузории парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Украина, Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса ва ғайра, ки дар захираҳои интернети таҷассум ёфтаанд, иттилоотҳои дахлдори оморӣ, таҷрибаи фаъолияти омӯзгории муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки ба донишҷӯён, магистрантон ва докторантон дар доираи мавзӯи дахлдор дарс дода шудааст, ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва парлумонӣ рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммал доир ба масъалаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисаи раванди қонунгузории парлумони кишварҳои хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосҳои ҳуқуқии назариявии раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ, ба мисли субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ, фарқият ва таносуби онҳо бо субъектони раванди қонунгузории парлумон, фаҳмиши онҳо дар назарияи ҳуқуқ ва илмӣ ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи парлумонии муосир, давраҳои қабули қонунҳо, ҳамчунин масъала ва аҳаммияти муҳим доштани ин мафҳумҳои ҳуқуқи парлумонӣ, ки ба маънои том объекти фаъолияти Маҷлиси Олиро ташкил медиҳад иборат аст. Ҳамчунин, шакл ва усулҳои давраҳои баррасӣ, қабул ва ҷонибдории қонунҳо, салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Илова бар ин, хусусиятҳои хоси ҷанбаҳои таърихии ташаккули масъалаи баррасишаванда яъне таҷрибаи раванди қонунгузории парлумони кишварҳои Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия (минбаъд ФР) ва дигар давлатҳо, қабули қонунҳо бо хусусиятҳои миллӣ, вобаста ба шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ифода ёфтаанд. Доимӣ ва касби фаъолият намудани яке аз палатаҳои парлумон, ки ба раванди қонунгузории он таъсир мерасонад ва муқаррароти амалкунандаи қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ шудааст. Навоварии таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз тарафи муаллиф мафҳум ва мазмуни ба амалбарории ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки он аввалин давраи раванди қонунгузории парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне оғози ин равандро ба миён оранда ба ҳисоб рафта, баррасӣ ва қабули қонун, имзо ва интишори қонунро фарогир аст, ба таври васеъ таҳқиқ гаштааст.

Ҳамчунин, мафҳум ва масъалаҳо ба монанди "ҳуқуқэҷодкунӣ", "қонунэҷодкунӣ", "унсурҳо ва хусусиятҳои айният ва шабоҳат доштани

онҳо” дар рафти қонунгузорӣ, фарқият оиди мафҳуми “лоиҳаи қонун” ва “таклифҳои қонунгузорӣ”, “бақайдгирии лоиҳаи қонун”, “баррасии қонун дар Маҷлиси намояндагон”, “ба қайд нагирифтани қонун вобаста ба мукаммал набудани он ва замима нагардидани маводҳои ба он зарурӣ”, “пешниҳоди лоиҳаи қонун бо забони давлатӣ ва русӣ”, “пешниҳоди лоиҳаи қонун дар шакли хаттӣ ва электронӣ”, “ҳадаф аз замима гардидани қарори дахлдор бо хулосаи Ҳукумат ба лоиҳаи қонунҳо”, “мақсади гузаронидани экспертизаҳо”, “мақсади ошкоро ва бо овоздиҳии пинҳонӣ қабул намудани қонунҳо”, “қабули қонун дар асоси принсипи дастаҷамъӣ”, “омузиши хусусияти қабули қонунҳои конститутсионӣ доир ба тафсири Конститутсия”, “омузиши хусусияти қабули қарорҳо доир ба тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аҳамият ва хусусиятҳои “ба муҳокимаи умумихалқӣ баровардани лоиҳаи қонунҳо” мебошад.

Ҳамчунин “хусусиятҳои хоси салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ”, “баррасии лоиҳаи қонунҳо дар Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани он бо имзои Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон”, “иштирок ва овоздиҳии озоди вакилони Маҷлиси намояндагон барои қабули қонун”, “иштирок ва овоздиҳии озоди аъзоёни Маҷлиси миллӣ барои ҷонибдории қонун”, “дастаҷамъона қабул намудани қарор ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “қабул намудани қарор дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон оиди масъалаҳои баррасӣ шаванда”, “мавҷуд будани фраксияҳои ҳизбӣ ва гурӯҳҳои вакилӣ ва аҳамияти онҳо дар фаъолияти қонунгузории парлумон”, “баррасӣ ва қабули қарор дар фраксияҳо ва гурӯҳҳои вакилӣ оиди қабули қонун”, “баррасии лоиҳаи қонун дар кумита, комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ”, ҳамчунин оиди банақшагирии таҳия ва қабули қонунҳои соҳавӣ, аз рӯи соҳаҳои муайян мавриди экспертиза қарор додани лоиҳаи қонунҳо ва ғ. аз ҷониби муаллиф таҳлил ва ошкор гардидааст, ки он дар таҳқиқотҳои минбаъда дар ин самт аҳаммияти калидӣ ва муҳимро мебозад. Ҳамчунин

навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки раванди қонунгузорӣ бо ба имзорасонии қонунҳо аз ҷониби Президенти ҶТ ба анҷом мерасад.

Доир ба таҳлил ва баррасии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф мушкилӣ ва норасоиҳои назариявӣ ва амалии мавҷударо вобаста ба паҳлӯҳои гуногуни рисола муайян намуда, таклиф ва пешниҳодҳои худро иброз намудааст ва он метавонад ба босубот ва ҷараёни раванди қонунгузории фаъолияти Маҷлиси Олӣ мусоидат намояд. Аз рӯи соҳаҳои муайян, мавриди экспертиза қарор додани лоиҳаи қонунҳо. Ҳамчунин навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки ба имзорасонии қонунҳо аз ҷониби Президенти ҶТ ва ё сабабҳои баргардонидани қонун аз тарафи Президент таҳлил карда шудааст.

**Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррароти зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда ташкил медиҳанд:

1. Таҳқиқи ҳаматарафаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои муайян, ки он аз маҷмуӣ чорабиниҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ иборат аст, бо мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонун, баррасӣ ва қабул, ҷонибдорӣ, ҳамчунин ба имзорасонии қонун аз тарафи Президент ва интишори он иборат аст муайян карда мешавад. Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолии кишвар ва қабули Конститутсия аз 6 ноябри соли 1994 дар самти қонунгузорӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ба миён омад, ки зарурати қабули қонунҳои навро тақозо мекард. Мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорӣ ҶТ соли 1995 ташкил шуда, дар давраи гузариш як қатор вазифаҳои дар пеш гузошташуда, ба таври муназзам роҳандозӣ намудани санадҳои қонунгузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ғ. ба ҳисоб мерафт.

Аммо, мафҳум ва моҳияти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи доимоамалкунанда ва касбӣ ташкил шудани Маҷлиси Олӣ - парлумони кишвар ба миён омадааст. Раванди

қонунгузории парлумонро бо назардошти давраҳои ташаккул ва инкишофи раванди қонунгузорӣ, ки асосан фарогири қабули лоиҳаи қонун дар ду қироат дар Маҷлиси намояндагон ва ҷонибдории қонун дар Маҷлиси миллӣ мебошад, муайян кардан мумкин аст.

2. Муайян карда шудааст, ки раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ бо ҳадафҳо ва вазифаҳои қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ алоқамандӣ дошта, баҳри амалӣ гаштани фаъолияти қонунгузории парлумон замина ба миён меорад. Ҳуқуқэҷодкунӣ дорои мафҳуми умумӣ буда, онро метавон ҳамчун навъи фаъолияти давлат муайян кард, ки фарогири вазифаҳои қабул, тағйир ва бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос, аз қабили: эҷоди қоидаҳои умумӣ ва рафтори ҳатмӣ, мавҷуд будани субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, ки аз субъектони раванди қонунгузорӣ фарқ мекунанд, имконияти вогузории ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ мавҷуд аст.

Қонунэҷодкунӣ бошад, чун мафҳуми мустақил як қатор хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад: таҳияи лоиҳаи қонун дорои низоми танзимдарории қатъӣ надошта, ҳамчунин аз давраҳо низ иборат нест; дар рафти таҳияи қонунэҷодкунӣ мақомоти давлатӣ, доираи номаҳдуди шахсон, ки онҳо бо фаъолияти гуногун, масалан иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, гуруҳҳои корӣ, олимон, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва дигар соҳаҳо, коршиносон, мутахассисон, ҳамчунин субъектҳое, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, иштирок мекунанд.

3- Исбот шудааст, ки раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ аз якчанд давраҳои пай дар пайи иборат мебошад. Давраҳои раванди қонунгузорӣ дар ҶТ пас аз қабули конститутсияи ҶТ 6 ноябри соли 1994 ва ислоҳоти конститутсионии соли 1999 баъди таъсиси думаҷлисаи Маҷлиси Олии ҶТ ба миён омадаст. Исбот шудааст, ки раванди қонунгузории палатаҳои Маҷлиси Олӣ дар алоҳидагӣ баргузор мегардад. Раванди қонунгузорӣ аз чунин давраҳо иборат аст:

- пешниҳоди лоиҳаи қонун;
- баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи қонун;

- қабули лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон, дар қироати якум ва ё дуюм;
- ҷонибдорӣ намудани қонун дар Маҷлиси миллӣ;
- ба имзорасонии конун аз ҷониби Президенти ҶТ.

Қайд намудан лозим аст, ки ҳамаи ин давраҳои раванди қонунгузорӣ бояд дар пайдарҳамӣ амалӣ гарданд, дар ҳолати ғайр қонун ғайриконститутсионӣ қабулшуда ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ барои бартараф намудани норасоии қонунҳо, ки аз ҷониби Президент ва ё Маҷлиси миллӣ баргардонда шудааст, мавҷуд мебошад.

4. Самаранокии қабули қонунҳо ба мавҷуд будан ва истифодаи принсипҳои раванди қонунгузорӣ вобастагӣ дорад. Муаллиф дар диссертатсия принсипҳоро ба ду гуруҳ ҷудо карда онро мавриди баррасӣ қарор додааст: принсипҳое, ки ба ташкили мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор ва принсипҳое, ки ба раванди қонунгузории парлумон хос бударо баррасӣ намудааст. Принсипҳои ташкили мақомоти парлумон ин хусусияти намояндагӣ доштани парлумон, дараҷаи қасбият, мустақил будани аъзоёни парлумон, принсипи дастаҷамъона, бисёрҳизбӣ, мавҷуд будани мандати озод ва дахлонпазирии вакилони палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоии парлумон ба ҳисоб меравад. Ва ин принсипҳо дар ташкили парлумон аҳамияти калон доранд. Принсипҳое, ки ба гурӯҳи дуюм дохил мешаванд, мутааллиқ ба раванди қонунгузорӣ мебошад. Аз қабили, пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон ба таври хаттӣ ва электронӣ, мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Дастури Маҷлиси намояндагон. Принсипи забонӣ, ки яке аз принсипҳои муҳим ба ҳисоб рафта кафолати он дар Конститутсия муқаррар карда шудааст. Лоиҳаи қонун ба забони давлатӣ пешниҳод мегардад, раванди қонунгузорӣ низ ба забони давлатӣ баргузор гардида қонунҳо ба забони давлатӣ қабул мешаванд. Принсипи дигар, ин ба забони руси пешниҳод намудани лоиҳаи қонун мебошад, ки забони муоширати байни миллатҳо эътироф шудааст. Принсипи навбатӣ ин

баррасии ошкорои қабули қонунҳо мебошад, ки дар замони муосир хеле аҳамияти калон дорад.

5. Ошкор карда шудааст, ки дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хеле аҳамияти муҳим дошта, ҳамчун ба миёнаварандаи оғози раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ ба ҳисоб меравад, ки ин раванди ибтидоии қонунгузорӣ буда, он ҳуқуқи расман пешниҳоди лоиҳаи қонун аз тарафи субъекти ваколатдор ба парлумон фаҳмида мешавад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор муқаррар карда мешавад, то лоиҳаи қонунҳоро бо тартиби муқарраршуда барои баррасии парлумон пешниҳод кунанд. Ва албатта қайд намудан лозим аст, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта амалӣ карда мешавад. Субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Конститутсия муқаррар шудаанд.

6. Мазмуни ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли таклифҳои қонунгузории раванди қонунгузорӣ баррасӣ ва таҳқиқ шудааст. Муайян шудааст, ки байни ин мафҳумҳо фарқият вуҷуд дорад. Таклифҳои қонунгузорӣ, дар фарқият аз лоиҳаи қонун ин як идея, консепсияи қонуни оянда аст, ки баъдан метавонад дар шакли қонуни мушаххас таҷассум ёбад. Ҳамчунин дар таҳқиқоти мазкур ошкор карда шудааст, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ байни ин мафҳумҳо фарқият гузошта шудааст. Масалан, дар Фаронса, Кипр, Шветсия Ҳукумат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар шакли “лоиҳаи қонунҳо” пешниҳод менамояд. Ташаббуси қонунгузорие, ки аз ҷониби вакилони парлумон амалӣ мешавад “таклифҳои қонунгузорӣ” номида мешавад.

7. Собит шудааст, ки мақом ва нақши Президенти ҶТ дар ба амалбарории салоҳияти қонунгузорӣ ҳамчун субъект дар ин раванд аҳамияти муҳим дорад. Президенти ҶТ ташаббуси қонунгузориро ҳам дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонун ва ҳам дар шакли таклифҳои қонунгузорӣ амалӣ менамояд. Ва таклифҳои қонунгузории Президент бештар вақт зимни ироаи паём ба Маҷлиси Олӣ ифода меёбад. Паёми Президент ба раванди қонунгузорӣ ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ алоқамандии зич дошта, ҳамчун

барнома, пешниҳод оиди қабули қонун ироа мешавад. Доир ба таклифҳои қонунгузории Президент, ки дар паём ироа шудаанд аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун қабул мешавад.

8. Дар баробари соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррар намудани шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси парлумони дупалатагӣ тартиби имзои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфт. Қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҶТ, ки Маҷлиси Олӣ қабул кардааст, дар муддати ҳафт рӯз барои имзо ба Президенти ҷумҳурӣ фиристода мешавад. Мутобиқи моддаи 62-и Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки дар давоми понздаҳ рӯз қонун, қонуни конститутсиониро баррасӣ намуда онро имзо кунад ё барои аз нав баррасӣ намудан ба парлумон баргардонад. Раванди имзо нагузоштани қонун дар ду шакл имконпазир мебошад:

1) Баргардонидани қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҶТ ба Маҷлиси Олӣ дар ҳолати бо он розӣ набудан;

2) Номукаммалии қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ. Эродҳо ва таклифҳои Президент метавонад тамоми қонун ва ё қисми онро фаро гирад. Аксар, бо ҳамин тарз, номувофиқ будани баъзе моддаҳо ва бандҳои қонун бо моддаҳои Конститутсияи ҶТ ошкор карда мешавад.

9. Аз тарафи муаллиф ба амалбарории аҳамияти экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси баррасӣ қарор гирифтааст. Моҳияти экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар он ифода мегардад, ки муҳимтарин воситаи таъмини сифати баланди қонунҳо дониста мешавад. Экспертиза бо мақсади муайян гузаронида мешавад. Дар диссертатсия муаллиф якчанд намудҳои ҳатмии эспертиза, ки барои гузаронидани лоиҳаи қонунҳо муқаррар шударо таҳлил намудааст. Ҳамчунин муқаррар карда шудааст, ки дигар намудҳои экспертиза низ мавҷуд буда, дар ҳолатҳои зарурӣ нисбати лоиҳаи қонунҳо татбиқ мегардад.

10. Муаллиф равшан намудааст, ки тафсири Конститутсияи ҶТ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Тафсири мъёрҳои Конститутсия як

падидаи мураккаб буда, он барои муайян намудани мафҳуми воқеии муқаррароти ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Дар раванди қонунгузорӣ бо тафсири мушаххас номуайяни дар фаҳмиши муқаррароти асосӣ бартараф карда мешавад. Мутобиқи талаботи қонуният дар раванди қонунгузории тафсири Конститутсия ба меъёрҳои тафсиршаванда тағйиру иловаҳо ворид карда намешавад. Мутобиқи Конститутсияи ҶТ тафсири Конститутсия аз тарафи Маҷлиси Олӣ дар шакли қонуни конститутсионӣ ба амал баровария мешавад. Муаллиф қайд намудааст, ки қабули қонун дар бораи тафсири Конститутсия аз қабули дигар қонунҳои конститутсионӣ фарқе надорад. Аммо аз ҷиҳати мазмун ба куллӣ фарқ доранд. Муаллиф ба амалбарории тафсири Конститутсияро дар муқоиса бо кишварҳои хориҷӣ муайян намудааст. Масалан, дар баъзе аз кишварҳо тафсири Конститутсия ба зиммаи мақомоти назорати конститутсионӣ – Суди конститутсионӣ вогузор карда шудааст. Ҳамчунин аз тарафи муаллиф якчанд хусусиятҳои кабули қонуни конститутсионӣ доир ба тафсири Конститутсия муқаррар шудааст:

1. дархости субъекти тафсири Конститутсия, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб намеравад;

2. ҳангоми пешниҳоди дархост риоя намудани он талаботе, ки барои лоиҳаи қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ шудааст, зарурат надорад, аммо талаботҳои дигар мавҷуд аст;

3. ба дархости тафсири Конститутсия хулосаи Ҳукумати ҶТ лозим нест;

4. Маҷлиси намояндагон наметавонад дархости тафсири Конститутсияро рад кунад, ба истисноӣ мавҷуд набудани номуайянӣ дар дарки муқаррароти конститутсионӣ;

5. ҳангоми тафсири Конститутсия Маҷлиси Олӣ меъёри нав эҷод намекунад, балки танҳо меъёрҳои Конститутсияро тафсир медиҳад. Дар ин раванд дигар кардани меъёри конститутсионӣ ғайриимкон аст;

11. муайян шудааст, ки ба нақшагирии таҳия ва қабули қонунҳо ба ташкили парлумони дупалатагии Тоҷикистон рост меояд. Чунки аз соли 2000 ин ҷониб парлумони кишвар доимоамалкунанда ва касбӣ буда,

банақшагирии қабули қонунҳо дар Маҷлиси Олӣ, аз тарафи Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ ба роҳ монда шудааст. Банақшагирии раванди қонунгузорӣ ба ташкили мусоидати раванди тартиб додан ва тайёр кардани лоиҳаҳои қонунҳо ёрӣ мерасонад, дар фаъолияти қонунгузорӣ ҳамоҳангсозиро таъмин менамояд, такрории қонунҳоро бартараф менамояд, назоратро аз болои сифат ва муҳлати тайёр намудани қонунҳо пурзур мекунад. Дар раванди қонунгузорӣ вазифаи муҳими банақшагирӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди қонунгузорӣ мебошад. Банақшагирӣ воситаи муҳимтарини татбиқи сиёсати пайвастаи раванди қонунгузорӣ буда, он имкон медиҳад, ки фаъолияти қонунгузорӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди давлатию иҷтимоӣ, ки дар Конститутсия, Консепсия, стратегия ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ, афзалиятҳои қонунгузорӣ, инчунин муҳлат ва пай дар пайи ноил шудан ба ҳадафҳо ва афзалиятҳои зикргардидаро муайян мекунанд, равона гардидааст.

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф бо мақсади такмили раванди қонунгузории парлумони кишвар як қатор тавсияҳо пешниҳод мегардад:

1. Бо мақсади дар сатҳи меъёрӣ муқаррар намудани мафҳуми раванди қонунгузорӣ қобили қабул мешуморем, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шавад. Раванди қонунгузорӣ маҳз барои қабули қонун аз ҷониби парлумон муқаррар шуда, он раванди хеле мураккаби бисёрдаврагӣ буда, дар ин ҷода фарқияти “ҳуқуқэҷодкунӣ ” ва “қонунэҷодкунӣ” низ муайян карда мешавад.

2. Бо назардошти он ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ яке аз давраҳои ибтидоии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, дар такмили қонунгузории ҶТ ба инобат гирифтани ин нуктаҳо ба мақсад мувофиқ буда, ба моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон илова доир ба васеъ намудани субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар карда шавад, пешниҳод мешавад:

а) Шаҳрвандони ҶТ ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

б). Ба салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ "Оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияташон" мантиқист, зеро ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақомотест, ки таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

в). Додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияташон" муносиб медонем. Асоснокии ин пешниҳод дар он ифода мегардад, ки прокуратура назар ба дигар мақомоти давлатӣ аз вазъи қонуният дар давлат, камбудию норасоиҳои эҳтимолии қонунгузорӣ, вазъи воқеии иҷрои қонунҳо дар мамлакат, риояи талаботи ҳаётан муҳим ҳамаҷониба огоҳӣ дорад. Моҳияти илмии пешниҳоди мо дар он ифода меёбад, ки Прокурори генералӣ дар бораи танзими ҳамаҷонибаи қонуни пешниҳодшудаи муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор, оқибатҳои манфии эҳтимолии қабули он ва пешгӯиҳои криминологии татбиқи меъёрҳои лоиҳаи қонунро ироа менамояд.

г). Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ муқаррар карда шавад, яъне дар аввалин имконияти ба миёномада дар моддаи 58 Конститутсия бо дарназардошти чунин пешниҳодҳо тағйирот ворид карда шавад.

3. Бо дарназардошти он ки субъектони ҳуқуқи дархости тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Мачлиси намояндагон, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, Маҷлси вакилони халқи ВМКБ ба ҳисоб рафта дар Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ муқаррароте вуҷуд надорад ва он танҳо дар Дастури Маҷлиси намояндагон муқаррар шудааст зарур мешуморем, доираи субъектони дархости тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ карда шавад.

4. Бо мақсади дар доираи санади меъёри ҳуқуқии мушаххас танзим намудани тамоми масъалаҳои марбут ба тафсири Конститутсия, тафсири қонунҳое, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, тафсири қонунҳои конститутсионӣ, тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тафсири Конститутсия", "Дар бораи тафсири қонунҳое, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия ва қабул карда шаванд. Мавриди амал қарор гирифтани Қонун чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегирад: фаҳмиши дуруст доир ба меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои дар боло зикргардида ба миён меояд; тафовути тафсири расмии меъёрҳои Конститутсия ва тафсири қонунҳо муайян карда мешавад; ҳамчунин тафсири расмӣ барои дуруст татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо асос мешавад.

5. Маҷлиси миллӣ дар тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намекунад. Бинобар ин, вобаста ба ин санадҳои ҳуқуқӣ доир ба тафсир на қарори Маҷлиси намояндагон, балки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, ҳамзамон дар ин раванд Маҷлиси миллӣ низ иштирок намояд.

6. Пешниҳод менамоем, ки ба сархати сеюми моддаи 61-и Конститутсия "тафсири Конститутсия" тағйирот ворид гардида, калимаи "расмии" илова карда шавад. Ҳамчунин дар Конститутсия доир ба қонуне, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, муқаррар карда шавад, ки тафсир дар шакли қонун дода мешавад.

7. Тафсири расмии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

8. Зарурат нест, ки Маҷлиси миллӣ қонуни баргардонидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сурате, ки Маҷлиси намояндагон онро бе тағйир қабул намудааст, такроран баррасӣ ва ҷонибдорӣ намояд.

9. Маҳдуд намудани экспертизаи такрории қонунҳо ва маҳдуд намудани мақомоти назорати молиявии давлатӣ. Ҳамчунин қонунҳои амалкунанда, ки танзими масъалаҳои молиявиро такрор мекунанд, кам ва бекор карда шаванд[55].

10. Пешниҳод мешавад, ки барои танзими масъалаҳои молиявӣ Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ё қонун ба мӯҳлати се сол қабул карда шавад, зеро он ҷанбаи мантиқӣ дорад. Пешниҳоди мо бар он асос мегардад, ки ин намуди қонун ҳар сол барои соли молиявӣ аз нав қабул карда мешавад. Аз ин лиҳоз дар вақти мавҷуд будани чунин санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ки соли нави молиявӣ ва дигар масаъалаҳои молиявиро ба танзим медарорад, тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

11. Яке аз масъалаҳои муҳим, баровардани лоиҳаи қонун ба муҳокимаи умумихалқӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагон ба манфиати кор мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсияро (хулоса, таклифҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда) метавон дар раванди таҳлил ва таҳқиқоти илмии масъалаҳои гуногуни илмҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи парлумонӣ, курси махсуси мурофиаи парлумонӣ истифода намуд. Бо дарназардошти масоили алоҳидаи таҳқиқот дар доираи таълим ва тадриси фанҳои "Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ", "Ҳуқуқи парлумонии ҶТ", курсҳои махсус "Техникаи қонунгузорӣ", "Ҳуқуқи парлумонии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил" метавон онро истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи илмии масоили таҳқиқшаванда, ки бо истифода аз усулҳои илмии дахлдор, қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмии соҳавӣ, ибрози андешаҳо

[55] Дар ҶТ зиёда аз 5 санади меъёрии ҳуқуқӣ масъалаҳои молиявиро танзим менамояд: Қонунҳои ҶТ "Дар бораи молияи давлатии ҶТ", "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ", "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои ҶТ", "Дар бораи хазинадорӣ", "Дар бораи Палатаи ҳисоби ҶТ", "Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ", "Дар бораи Ҳукумати ҶТ" ва Дастури Ҳукумати ҶТ дар ин самт амал менамоянд.

ва хулосаҳои илмии муаллиф, инчунин тавсияҳои амалии муаллиф доир ба такмил ва рушди раванди қонунгузорӣ ва қонунгузории танзимкунандаи он ифода меёбад, акс ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи суди конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми муаллиф дар таҳқиқоти рисола чунин муайян карда мешавад: якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумлаи навгониҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тавсияҳои амалии рисола аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли мушкилоти мубрам оиди масоили баррасишавандаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Муаллиф ҳангоми таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои илмиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқот пешниҳод карда, паҳлӯҳои алоҳидаи онро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст, ки онҳо ба амалӣ намудани вазифа ва мақсадҳои таҳқиқот равона гардидаанд. Бо дарназардошти ин, муаллиф мафҳум, хусусиятҳо, принсипҳо, омилҳо ва дигар масоили марбут ба мавзӯи таҳқиқотро муайян намуда, тавсия ва пешниҳодҳоро вобаста ба масъалаҳои гуногуни таҳқиқот таҳия кардааст. Илова бар ин, муаллиф вобаста ба масъалаи баррасишавандаи таҳқиқот мақолаҳо ва монография ба табъ расонидааст, ки ин ҳам дар маҷмуъ саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи доктори илм дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи ӯ инъикоси худро ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳо ва масъалаҳои

гуногуни марбут ба таҳқиқотро дар конфронсҳо, семинарҳо ва мизи мудаввари зерин бо маърузаҳо баррасӣ намудааст, аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ**

- конференсияи илмӣ-амалии "Тоҷикон дар ойинаи таърих", бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзӯи "Особенности принятия закона Республики Таджикистан о Государственном бюджете Республики Таджикистан". "Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов" – дар шаҳри Душанбе. (Душанбе, 27 октябри соли 2023);

- конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии онлайнӣ таҳти унвони "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он" дар мавзӯи "Реализация права законодательной инициативы Правительства Республики Таджикистан". Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Душанбе, 5-6 ноябри соли 2021).

**2) ҷумҳуриявӣ**

- конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо" маърӯза дар мавзӯи "Марҳилаҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳои мукаммалгардонии он". Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Душанбе, 31 марти соли 2020);

- конференсияи ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзӯи "Конститутсия ва низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон: алоқамандии илм, ҳуқуқэҷоднамоӣ ва амалия" маърӯза дар мавзӯи "Основные принципы законодательной деятельности Маджлиси Оли Республики Таджикистан". (Душанбе, 5 ноябри соли 2020);

- конференсияи ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзӯи "Аҳаммияти Конститутсия дар ташаккули давлати Тоҷикистон" маърӯза дар мавзӯи "Порядок повторного рассмотрение законов возвращенного Президентом Республики Таджикистан". Факултети ҳуқуқшиносиии ДМТ. (Душанбе, 2 ноябри соли 2021);

- конференсияи ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзӯи “Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат” маърӯза дар мавзӯи “Усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. (Душанбе, 1 ноябри соли 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муаллиф зиёда аз 50 маводи илмиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия карда, ба табъ расонидааст, ки аз ин миён 2 монография ва 50 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда мебошанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқот бошад, аз 400 саҳифа иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таносуби ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ

Соҳибихтиёрии давлатдории навини тоҷикон, аз солҳои 90-ум оғоз ёфта, дар назди ҷомеа ва давлат вазифа ва ҳадафҳои нав гузошт. Бунёди давлати ҳуқуқбунёд яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ва ҷомеа, танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ эълон гардида, тавассути он заминаҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлатро фароҳам метавон овард.

Таъмини волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд[56], ташкили низоми нави ҳокимият дар заминаи таҷзияи он, назорати судии конститутсионӣ ва таъмини ягонагии низоми танзими меъёрӣ, ки аз ҷумлаи талаботи аввалиндараҷа ва арзишҳои давлатдории ҳуқуқбунёд маҳсуб мешаванд, фаъолияти сифатан ва мазмунан нави дигаргуниҳои қонунгузориро талаб мекард. Ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки он вақт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд, дигаргуниҳои куллӣ ва қонунгузориҳои мукаммалро тақозо мекарданд.

Амри воқеӣ аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба **рушди раванди қонунгузорӣ** дар эҷоди санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асос гузошта шуда, зарурати қабули қонунҳои наве ба миён омад, ки онҳо ба талаботи асосҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёдӣ ҷавобгӯй бошанд.

Таҳияи консепсияи санадҳои оянда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, раванди эҷоди қонунҳо, таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, эътибори қонуни оянда дар такмили танзими ҳуқуқӣ бо дарназардошти фикру ақида ва манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ аз ҳарвақта муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “Бунёди

---

[56] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001. (Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / URL. htpwww/ presidenttj.ru / 1083).

давлати навин, дарвоқеъ, талошу заҳмати зиёдро тақозо мекунад ва барои амалӣ сохтани раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар ба вуҷуд овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ зарур аст. Бо дарназардошти ин, мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ барои таъмини фаъолияти муътадили ҳокимияти қонунгузор тамоми шароити мусоидро фароҳам овардем"[57].

Ба андешаи профессорон А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.М. Зоир ва Р.С. Одиназода [58], [59][60][61][62] дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ дар самти қонунгузорӣ тағйироти ҷиддие вобаста ба арзишҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва инсонӣ ба амал омада, пас аз қабули Конститутсияи нав мақомоти қонунгузор дар[63] татбиқи эҷоди қонунҳо механизмҳои навро дар танзимоти ҳуқуқӣ ва таъмини муносибатҳои ҳуқуқии идораи давлатӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар роҳандозӣ намуд.

Бо гузашти вақт эътибори ҳуқуқии қонунгузории кӯҳнашудаи дар даврони Шуравӣ қабулшуда камтар гардида, онҳо дигар талаботи ҷомеаро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ қонеъ карда наметавонистанд. Барои давлати навини соҳибистиқлол дар таҳия ва татбиқи механизмҳои нави ҳуқуқӣ мушкилӣ низ дар ин давраи муайян ба миён омада буд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи комилҳуқуқи ҷомеаи мутамаддин мебошад, фаъолият дар фазои озоди сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ муҳим ба шумор рафта, барои мақомоти қонунгузор бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ зарурати таҳияи қонунҳои нав ва аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа мукаммал пеш омад, ки онҳо ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва демократӣ

[57] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи якуми даъвати панҷуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 марти соли 2015. (Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / URL. htpwww/ presidenttj.ru / 1083).
[58] Холикзода А.Г., Маджидзода Дж. З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно - правовое развитие Таджикистана. - Душанбе. - «Меҳрона» - 2017», - 2019. – 274 с.
[59] Ализода З.Становление института Парламента в Республике Таджикистан: Проблемы теории и практики. Дисс. … д-ра. юрид. наук – М. 2013. – 329 с.
[60] Гадоев.С.Б. Тенденция развития высших форм непосредственной демократии в РТ: Конституционно-правовое исследование. Дисс. …д-ра юрид. наук. – Душанбе. 2018. – 425 с.
[61] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. Монография. Душанбе. – 2007. – 206 с.
[62] Имомов А. Ҳуқуқи парлумонии Љумњурии Тољикистон. Душанбе. Васоити таълимї. 2016.– 238 с.
[63] Асари ишорашуда. Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. – 274 с.

ва ба қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҷавобгӯй бошанд[64].

Дар он марҳила зарурати навсозии ҳамаҷонибаи тамоми низоми қонунгузорӣ ба миён омада буд, аммо барои нав кардани низоми қонунгузорӣ бояд қонунҳои нав қабул кард, ба санадҳои қонунгузории амалкунанда тағйироти зарурӣ ворид кардан лозим буд[65]. Аммо на танҳо бо тасмимҳои қавӣ, якдафъаина, балки бо кори пайвастаи мақомоти қонунгузорӣ метавон дар низоми қонунгузорӣ тағйироти самарабахшро амалӣ гардонид, ки бидуни ислоҳоти қонунгузорӣ татбиқи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ислоҳотро таъмин намудан дар давлати ҳуқуқбунёд ғайриимкон аст.

Ислоҳоти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 сентябри соли 1999 сурат гирифт, дар сохтори конститутсионӣ ва ҳуқуқии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори ҷумҳурӣ ба таври назаррас тағйир ба амал оварда, ба раванди бунёди модели нави парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бар пояи принсипҳои демократии давлатдорӣ ва принсипҳои устувориву нигаҳдошти тавозун дар муносибатҳои ҷамъиятӣ асос ёфтааст, замина гузошт. Бори аввал дар таърихи ташаккули фаъолияти мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар, Конститутсия Маҷлиси Олиро-парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кард, ки он аз ду маҷлис: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Рисолати таърихии бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки идоракунии давлатӣ ба воситаи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ орзуи чандинвақтаи ниёгони мо буд, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, он ба таҳкими дӯстии байни халқҳо, мустаҳкам намудани пояҳои сулҳу ваҳдат, инчунин муайян кардани сиёсати берунии давлат ва гузоштани

[64] Холиқзода А.Г., Маджидзода Дж. З., Одиназода Р.С. Асари ишорашуда.- С. 275.
[65] Холиқзода А.Г., Маджидзода Дж. З., Одиназода Р.С. Асари ишорашуда.- С. 2 75.

қадамҳои устувор дар арсаи байналмилалӣ замина ба миён оварда, дар ин асос эътибори давлати мо дар арсаи байналмилалӣ афзун гардид.

Ҳар як давлате, ки мутобиқи арзишҳои демократии ҷаҳонӣ рушд мекунад, вазифадор аст, ки фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва қонунгузориро дар қаламрави худ таъмин намояд, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойи муносиби онро муайян созад, зеро ки маҳз вазифаи он фарогири рушди қонунгузорӣ ва қабули қонунҳоест, ки дар навбати худ аз рӯйи онҳо низоми давлатдорӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид истисно набуда, дар ин самт корҳои амалиро роҳандозӣ мегардонад.

Оид ба таъсиси парлумон ва низоми он дар илми ҳуқуқшиносии муосир андешаи олимонро ба таври гуногун метавон арзёбӣ намуд. Дар робита ба таъсиси парлумони дупалатагӣ олими тоҷик З. Ализода ба гуфтаҳои Н.И. Заврабян такя менамояд ва ба андешаи ӯ “яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи дупалатагӣ будани парлумон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар хусуси ҷорӣ намудани парлумони дупалатагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Масъалаи мазкур бо дарназардошти он ки далели асосии чунин ислоҳоти конститутсионӣ хоҳиши тамоми қишрҳои аҳолии кишвар барои низоми бисёрҳизбӣ,ба эътидол овардани вазъи сиёсии Тоҷикистони пасошӯравӣ тавассути намояндагии минтақаҳо дар палатаи болоӣ буд, дар баланд бардоштани самаранокии кори парлумон, сохтори давлатӣ, инчунин инкишофи демократия аҳамияти хос дошт”[66].

Ҳамин тариқ, ташаккули дупалатагии Маҷлиси Олӣ: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо рушди ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон, аз қабили афкори ҷамъиятӣ, расонаҳои озод, мавҷуд будани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра робитаи зичро ба миён овард. Ин муқаррарот дар моддаи 8-и Конститутсияи ҶТ акси худро пайдо кардааст. Тибқи муқаррароти моддаи 48-и Конститутсия Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақомоти

[66] Заврабян А.И. Бикамерализм и демократия в Республике Таджикистан. Дисс. канд.полит.наук. Душанбе. – 2008. Ализода З. Становление института Парламента в Республике Таджикистан: Проблемы теории и практики. Дисс. ...д-ра юрид. наук. - М. - 2013. – С.- 98.

намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф карда шудааст. Дар ин навъи гузариши парлумон-ҳокимияти қонунгузор принсипи соҳибихтиёрии халқро ҳамчун асоси волоияти қонун амалӣ месозад. Чунин тарзи ташаккули конститутсионӣ имкон медиҳад, ки ду вазифаи асосии Маҷлиси Олӣ-намояндагӣ ва қонунгузориро ҷудо кунем.

Вазифаи намояндагӣ тибқи фаъолияти парлумон дар соҳибихтиёрии халқ, ки тавассути интихоботи даврии озод амалӣ мегардад, ифода меёбад. Ба ибораи дигар, дар фаъолияти парлумон манфиатҳои ҷомеа ифода мегардад, ки амалисозандаи он интихобкунандагон мебошанд. Тавре аз таҳлили андешаи ҳуқуқшиносии муосир бармеояд, дар доираи вазифаи раванди қонунгузории парлумон низоми ҳуқуқии давлат ташаккул ёфта, танзими ҳуқуқии ҳамаи муносибатҳое, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд ва муттаҳидсозии қонунгузориро тақозо мекунанд, таъмин мегардад.

Маънои раванди қонунгузории парлумон аз баррасӣ ва қабули қонунҳое иборат аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ва ё вобаста ба талаботи рушди ҷомеа ва давлат дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омадааст. Маҳз вазифаи раванди қонунгузории парлумон дар муқаррар намудани тартиботи ҳуқуқии боэътимод дар низоми давлатдорӣ нақши муҳим мебозад. Раванди қонунгузории парлумон, ки ба риояи қатъии меъёрҳои конститутсионӣ, бо дарназардошти ҳуқуқу манфиатҳои халқи Тоҷикистон ҳангоми қабули қарорҳои муҳимтарини давлатӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки сулҳу субот дар кишвар пойдор гардида, тавассути он устувории ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеа дар роҳандозии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шавад.

Ин нуқтаи муҳимро аз суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 20-умин солгарди Конститутсияи ҶТ ёдовар бояд шуд: “Воқеияти ҳаёт чунин аст, ки рушди минбаъдаи кишвар ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд, таъмини шароит барои ташаккули гуногунандешӣ ва бисёрҳизбӣ, такмили салоҳияти мақомоти давлатӣ ва фаъолнокии сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон аз мақомоти

қонунгузор вобастагии амиқ дорад”[67]. Аз ин гуфтаҳои ҳаётан муҳим бармеояд, ки дар рушди низоми ҳуқуқии ватанӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ (яъне, дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - Қонун), илм ва амалияи он ташкили парлумони дупалатагии Маҷлиси Олӣ, ки раванди қонунгузориро, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ ба амал мебароранд, нақши муҳим бозид.

Даст кашидан аз шакли пешини фаъолияти қаблии Маҷлиси Олӣ ба он оварда расонд, ки парлумон дар асоси низоми муназзам ва касбияти баланд фаъолияти худро ба роҳ гузошта, вакилон фаъолияти худро озодона, бидуни маҷбурсозӣ ва фармоиши интихобкунандагон амалӣ месозанд ва ин ҷараёни мураккаби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ асоси қонунбарорӣ ба ҳисоб меравад. Дар қатори масъалаҳои мубраму сершумори дар назди Маҷлиси Олӣ гузошташуда вазифаи асосӣ аз он иборат буд, ки қонунҳои мамлакат дар асоси низоми бисёрҳизбӣ, ба таври дастаҷамъона ва ошкорбаёнӣ бояд қабул карда шаванд, ки онҳо дар самти қонунгузорӣ яке аз вазифаҳои мушаххас ба ҳисоб мераванд.

Дар марҳилаи гузариш барои Парлумони ҶТ вазифа гузошта шудааст, ки санадҳои қонунгузориро дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ба таври муназзам роҳандозӣ намояд. Ба андешаи олими тоҷик М.З. Раҳимов, хусусият, моҳият ва мазмуни қонунгузории конститутсиониро наметавон тағйирнопазир ва қолабӣ ҳисобид. Ин санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ вобаста ба пешрафти ҷомеаи демократӣ доимо ба тағйирот дучор гардида, инкишоф меёбад. Ҳар як марҳилаи рушди ҷомеа, сатҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангии он на ҳамеша ба сатҳи муайяни инкишофи қонунгузории конститутсионӣ мувофиқат мекунад[68].

Ба андешаи муҳаққиқи дигар А. Шайо “Парлумон бо аъзоёни интихобшудаи худ тамоми қишрҳои ҷомеаро намояндагӣ мекунад; дар байни

---

[67] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба таҷлили 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 3) - 2014. Душанбе. – С.- 108.

[68] Рахимов М.З. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости. (В Государствах Содружества). - Текст непосредственный. Москва. Журнал российского права. - 2013. - №2. – С. - 102-109.

намояндагони он мубоҳиса ва мубодилаи афкор ба амал омада, тавассути он иродаи умумӣ ба миён меояд ва он на дар шакли ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маҷмӯи қарорҳои умумӣ, балки як навъ қароре, ки дар асоси принсипҳои демократӣ ва бо дарназардошти ҳамагон, қабул мешавад”[69].

Бо дарназардошти ин, дар навбати аввал барои парлумон вазифаи муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқие гузошта шудааст, ки манфиат, мақсад ва эҳтиёҷоти рушди ҷомеаро ифода менамоянд. Дар баробари ин, фаъолияти қонунгузорӣ танҳо бо парлумон маҳдуд намешавад. Дар фаъолияти қонунгузорӣ саҳми шаҳрвандони кишвар низ ба чашм мерасад, чунки раванди қонунгузорӣ ҷузъи таркибии ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии рушди ҷомеа ва давлат мебошад. Ин вазифаро танҳо тавассути татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ дар Маҷлиси Олӣ, ки “**раванди қонунгузорӣ” - ро** дар бар мегирад, иҷро метавон кард. Дар баробари ин, ҳар як палатаи Маҷлиси Олӣ мустақилона фаъолияти қонунгузориро дар доираи салоҳияти худ амалӣ менамояд. Сиёсати давлатӣ дар мавриди устуворсозии он дар сатҳи қонунгузорӣ ифодаи ҳуқуқӣ, стратегӣ ва дарозмуҳлатро пайдо мекунад. Вазъи кунунии ҳуқуқӣ ва сиёсии Тоҷикистон дар ташаккули мафҳуми “раванди қонунгузорӣ”, муайян намудани мавқеи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти он бо раванди ислоҳоти конститутсионии соли 1999 алоқаманд аст.

Даст кашидан аз модели пешини мақомоти қонунгузор муносибатҳои навро дар арзёбии моҳияти фаъолияти он талаб менамуд. Дигаргуниҳои куллие, ки дар ҷараёни танзими ҳуқуқии ҳамаи шохаҳои ҳокимият, аз ҷумла дар соҳаи қонунгузорӣ, ба амал омадаанд, дар назди илми ҳуқуқшиносӣ вазифаҳои нав гузоштанд, ки ҳалли онҳо роҳандозии корҳои илмию таҳқиқотиро беш аз пеш талаб мекунад. Дар ин асос дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ солҳои охир масъалаҳои ташаккул ва фаъолияти ҳокимияти қонунгузор мавриди пажӯҳишҳои илмии як қатор муҳаққиқон қарор гирифтаанд.

---

[69] Шайо А. Самоограничение власти. Краткий курс конституционализма. - М., 2001. – С. - 112.

Муайян намудани нақши мақомоти қонунгузор дар эъмори давлати ҳуқуқбунёд, инчунин бозгӯии мавқеи он дар низоми ҳокимияти давлатӣ аз қабили ин масъалаҳост, ки дар самти қонунгузорӣ назар ба дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ фарқ дошта, дорои хусусияти хос буда, тавсифи моҳият ва хусусияти он муҳим мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар баробари истилоҳи **“раванди қонунгузорӣ”** инчунин мафҳумҳои **“ҳуқуқэҷодкунӣ”** ва **“қонунэҷодкунӣ”** васеъ истифода мешаванд. Мафҳумҳои “ҳуқуқэҷодкунӣ” ва “қонунэҷодкунӣ” ва “раванди қонунгузорӣ” дар ифодаи маъно аз ҳамдигар тафовут доранд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, аввало зарурати аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани мафҳуми мукаммали “ҳуқуқэҷодкунӣ” ва “қонунэҷодкунӣ” тавсиф карда мешавад, ки ҳар яке аз ин истилоҳҳо мавқеи истифодаи худро дорад.

**Ҳуқуқэҷодкунӣ,** ки таҳкими расмии манфиатҳо ва ғояҳои ҳуқуқии ҷомеа мебошад, механизми универсалии институтсионализатсияи ҳуқуқ мебошад. Ба гуфтаи И.Т. Тултеев, заминаҳои шаклгирии ин мафҳуми илмӣ ба гузаштаҳои дур ба асарҳои машҳури Арасту “Сиёсат”, Афлотун “Давлат”, Ал-Форобӣ “Шаҳри накӯкорон” ва ғ. алоқамандӣ дорад.

Ба андешаи олими машҳур Арасту “Дар он ҷойе, ки қонун вуҷуд надорад, он ҷой (ягон шакли) сохтори давлатдорӣ мавқеъ надорад”[70]. Ҳуқуқэҷодкунӣ шакли махсуси татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат, воситаи қонунигардонии ҳуқуқӣ ва баҳаморандаи ирода ва манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Он дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи таҷассум ёфта, ба инкишоф ва такмили муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, ҳуқуқэҷодкунӣ асоси дигаргунсозии ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҳуқуқэҷодкунӣ дорои мафҳуми умумӣ буда, онро метавон ҳамчун навъи махсуси фаъолияти давлат муайян кард, ки фарогири вазифаҳои қабул, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад.

---

[70] Тултеев И.Т., Тастанбеков Г.С., Янгибаев А.К.: Правотворческая деятельность парламента: Содержание и приоритетные направления ее совершенствования. Учебное пособие. - Ташкент. Академия МВД Республики Узбекистан, 2016. – С.60. Аристотель. Политика. - М., 1991. – С. - 176.

Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоию ҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки дар ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд онҳо ба назар гирифта шаванд.

Олими тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев "Ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун фаъолияти субъектони босалоҳият, ки мақсад аз он қабул, тағйир додан ва қатъӣ муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ, эътирофи талаботи ҳуқуқӣ-фитрӣ анҷом дода мешавад" муайян кардааст[71].

Дар асоси ин гуфтаҳо Р.Ш. Сотиволдиев якчанд хусусиятҳои ҳуқуқэҷодкуниро ба таври васеъ муайян намудааст. Якум, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолиятест, ки бо қонун танзим мешавад. Дар рафти ҳуқуқэҷодкунӣ Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мешаванд, тағйир дода мешаванд ё қатъ мегарданд. Дуюм, ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳо, аввалиндараҷа ва муайнсозанда будани онҳо, инчунин мутобиқи адолат, баробарӣ ва дигар талаботи ҳуқуқӣ фитрӣ сурат мегирад. Сеюм, ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи эҷоди ҳуқуқи нав, қонуну санадҳои нави меъёрӣ, меъёру мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ, ба шароити нави ҳаёт мутобиқ намудани санадҳои амалкунанда аз байн бурдани меъёрҳои мухолифи шароити нави ҳаёт, бо меъёрҳои нав иваз намудани меъёрҳои куҳна мебошад. Чорум, ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи ташаккул, инкишоф, такмили қонунгузории нав мебошад.

Бо баробари пешрафти ҷомеа, санадҳои нави қонунгузорӣ қабул мешаванд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба шароити нав мутобиқ карда[72] мешаванд. Вазифаи асосии ҳуқуқэҷодкунӣ ин қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Тарафдори дигари чунин андеша М.Н. Марченко мебошад, ки ба андешаи ӯ "ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, шаклҳои амалкарди он дар ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ, тағйир додан, илова ва бекор кардани онҳо акси худро меёбад"[73]. Ин ақида дар ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ тарафдорони зиёд дорад. Аз ҷумла олимони

---

[71] Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. С. - 631.
[72] Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. С .-.631.
[73] Марченко М.Н. Теория государства и права. учеб - 2-изд., перераб. и доп. -М.: ТК Велби, Изд-во проспект, 2005. – С. - 548.

тоҷик З. Ализода, А. Имомов ва олимони рус В.В. Дяконов[74], Л.А. Морозова[75] ва дигарон ҷонибдорӣ чунин андешаронӣ мебошанд.

Таърифҳои дигари ҳуқуқэҷодкунӣ низ вуҷуд дорад. Муҳаққиқон А.Р. Нематов[76] ва В.Н. Хропанюк[77] мафҳумҳои ҳуқуқэҷодкуниро баррасӣ намуда, онро ба маънои анъанавӣ, яъне шакли расмии фаъолияти давлатӣ оид ба муқаррар намудан, тағйир додан ва барҳам додани меъёрҳои ҳуқуқӣ бозгӯӣ намудаанд.

С.С. Алексеев дар муқоиса ба андешаҳои зикрёфта фикри худро дар шакли муфассал баён кардааст, ки "дар асоси натиҷаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дараҷаи демократӣ будани давлат ва дар маҷмуъ, тамаддун ва фарҳанги он баҳогузорӣ карда мешавад. Ҷамъияти инсонӣ ҳамеша ба ҳалли дурусту мукаммали ҳуқуқӣ ниёз дошт, ки дар заминаи чунин фаъолияти мақомоти давлатӣ ва амалкарди онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳои рафтори шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба вуҷуд меоянд"[78].

Таҳлилу баррасии муфассалро оид ба меъёр ва усулҳои баҳодиҳии сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ дар асарҳои Л.А. Морозова метавон дид. Ӯ ду меъёри ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Муаллиф бо мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ а) "фаъолияти маҳдудкунии давлатро мефаҳмад, зеро тамоми меъёрҳои ҳуқуқро давлат ба вуҷуд оварда, дар зинаҳои баъдӣ ба онҳо мақоми қоидаҳои умумии ҳатмии рафторро медиҳад"; б) ҳуқуқэҷодкунӣ аз рӯйи хусусиятҳои илмии худ фаъолияти хоси давлатӣ мебошад, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, такмили қонунгузории амалкунанда, муқаррар намудани тартиботи нав ва аз байн бурдани муносибатҳои барои ҷомеа номатлуб дар самтҳои эҷодию зеҳнӣ нигаронида шудааст; в) он бо дониш, омӯхтан, таҳлили падидаҳо ва равандҳои фаъолият, муайян кардани зарурати

---

[74] Диаконов В.В. Учебное пособие по теории государства и права. Allpravo. RU. - 2004. – С. - 26.
[75] Морозова Л.А. Теория государства и права. Учебник. 4-е изд. перераб. и доп. (Российское юридическое образование). Москва: Эксмо, 2010. – С. -247.
[76] Нематов А.Р. Правотворчество в РТ: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. ... д-ра юрид. наук – . Д. 2013 - С.- 59.
[77] Хропанюк В.Н. Теория государства и права. Учебник для высших учебных заведений. Под ред. В.Г. Стрекозова. - 4-изм. испр. - М. Издательство. «Омега- Л». – С. - 225.
[78] Алексеев С.С. Теория государства и права. Учебник для юридических вузов и факультетов. 3- издание. «НОРМА». 2004 - С. -247.

танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳияи қоидаҳои рафтор, муайян кардани механизми татбиқи онҳо ва як қатор равандҳои дигаре чун маҳорат, кордонӣ, фаъолияти мурофиавӣ, ки дониши амиқро талаб мекунанд, алоқамандӣ дорад”[79].

Ҳамин тариқ, дар асоси таърифҳои зикрнамудаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ мо чунин хулосагирӣ менамоем, ки андешаҳои В.Н. Хропанюк моҳияти ин мафҳуми ҳуқуқиро бештар ифодагар мебошад: “Ҳуқуқэҷодкунӣ ин эҷоди санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад”[80]. Мо тарафдорӣ ин андешаронихо буда, қайд менамоем, ки “Ҳуқуқэҷодкунӣ-ин фаъолияти доимии давлат оид ба муқаррар кардан, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои хусусиятҳои ба худ хос: субъект, предмет, макон, моҳият ва ҳудуд мебошад”.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи таҳлил намудани мафҳуми “ҳуқуқэҷодкунӣ” аз ҷониби олимон пешбинишуда, метавон вобаста ба табиати қонунгузории ҳар як кишвари олам фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар шаклу сохторҳои гуногуне, ки қонун муқаррар кардааст, хусусиятҳои ба худ хосро муайян намуд:

- якум, ҳуқуқэҷодкунӣ ин эҷоди қоидаҳои умумӣ ва рафтори ҳатмӣ мебошад;

- дуюм, субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба доираи субъектҳо ва иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ васеътаранд ва имконияти васеъ кардани доираи субъектҳо ва иштирокчиёни ҳуқуқэҷодкунӣ вуҷуд дорад;

- сеюм, субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ метавонанд санади меъёрии ҳуқуқии муштаракро таҳия ва қабул намоянд;

- чорум, мавҷуд будани вогузории ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ (ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳокимияти иҷроия, бо супориши Президенти ҶТ ва Ҳукумат амалӣ карда мешавад) вуҷуд дорад.

---

[79] Морозова Л.А. Асари ишорашуда. - С. -247.
[80] Хропанюк В.Н. Асари ишорашуда. - С. -222.

Аз ин рӯ гуфтан ба маврид аст, ки ҳуқуқэҷодкунӣ ин эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии хос мебошад, ки дар шаклҳои пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад[81].

Ҳамчунин метавон субъектҳои фаъоли ҳуқуқэҷодкуниро, ки қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ"[82] муқаррар гардидаро ба ду гурӯҳ ҷудо намоем: ба гурӯҳи якум Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, дигар мақомоти давлатӣ ва ғ. ва ба гурӯҳи дуюм, халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дохил мекунем.

Дар байни субъектҳои фаъоли амаликунандаи ҳуқуқэҷодкунӣ нақши Президенти ҶТ аз дигар субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар ин самт фарқ мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президент асосан дар шакли баровардани фармон амалӣ карда мешавад. Яке аз хусусиятҳои асосии фармонҳои Президент дар он аст, ки дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии зертобеъ қувваи ҳуқуқӣ дошта, онҳо дар асоси қонун қабул карда мешаванд. Яке аз вижагиҳои дигари фармонҳои Президент дар он аст, ки онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки барои татбиқи доимӣ ва такрорӣ пешбинӣ шудаанд ва ба доираи муайяни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор марбутанд.

Вале на ҳамаи фармонҳои Президенти ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Мутобиқи қонуни мазкур, фармонҳое, ки хусусияти фардӣ доранд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб намераванд, (мисол ба монанди фармон дар бораи сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ, таъйин кардани судяҳо ва ғ.). Ҳамчунин дар ин асно бояд қайд намуд ки Президенти ҶТ санадҳои ғайримеъёрӣ низ қабул мекунад. (Масалан ба сифати чунин санад амрҳои Президент ба ҳисоб меравад).

Ҳукумати ҶТ мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ буда, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро анҷом медиҳад, онро дар шакли қабули қарор роҳандозӣ менамояд. Санадҳои дорои хусусияти меъёрӣ дар шакли Қарори ҳукумат

[81] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси "ҳуқуқшинос" таҳсил мекунанд. Душанбе. "Империал – Групп" 2014. – С. -631.

[82] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи соли 2017 №1414 Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.). М. 7.

қабул карда мешаванд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат хусусияти зерқонунӣ дорад. Хусусияти санадҳои ҳуқуқии Ҳукумат аз он иборат аст, ки онҳо аз ҷониби Ҳукумат ҳамчун мақоми олии ҳокимияти иҷроия, ки дорои ваколати умумӣ мебошад, қабул карда мешаванд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шакли қарор қабул карда мешаванд. Ғайр аз ин, вазоратҳо низ ҳамчун мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар таҳияи ҳуқуқэҷодкунӣ саҳмгузор мебошанд. Санадҳои вазоратҳо дар шакли фармоиш содир мешаванд.

Ба ҳуқуқэҷодкунӣ мақомоти дигари давлатӣ низ машғул мебошанд. Бо назардошти ин гуфтаҳо В.Н. Хропанюк дар моҳияти илмии санадҳои зерқонунӣ[83] танҳо накши ёрирасон ва муфассал доштани онҳоро бозгӯӣ мекунад. Дар асоси андешаронии ин олим метавон зикр намуд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зертобеъ ин он санадҳои ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ваколатдор мебошанд, ки ба қонун асос ёфтааст ва хилофи он нестанд.

Аммо назар ба андешаронии И.И. Камолов, дар доираи Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мушаххас нест, ки ба мафҳуми "дигар мақомоти давлатӣ" кадом мақомот дохил мешаванд?[84][85] Дар адабиёти илмӣ зери мафҳуми "мақомоти дигар" мақомоти ёрирасони ҳокимияти иҷроия, воҳидҳои сохтории мақомоти давлатиро дар назар доранд[86][87].

Мафҳуми "дигар мақомоти давлатӣ" аксар вақт ба таври хеле васеъ шарҳ дода мешавад ва он бештар мақомоти хусусияти гуногун доштаро ифода менамояд, масалан, Прокуратураи генералии ҶТ, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоте, ки ба сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дохил намешаванд. Ба андешаи мо хуб мешуд агар дар қонуни номбурда мафҳуми "дигар мақомоти давлатӣ" пурра муайян карда мешуд.

---

[83] Ҳамон ҷо. Хропанюк В.Н. – С. - 222.

[84] Камолов И.И. Система нормативных правовых актов Республики Таджикистан. Монография -. Душанбе, «Андалеб-Р», 2015. – С. -189.

[85] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. д-ра. юрид. наук. - Душанбе. - 2013 г. – С. -321.

[86] Цитата по работе Камолова И.И.: Николаева М.Н. Нормативные акты министерства и ведомств. М., 1978. – С. -5.

[87] Ҳамон ҷо. Хропанюк В.Н. – С. -222.

Дар баробари мавҷуд будани мафҳуми ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ, ҳуқуқэҷодкунии халқӣ низ мавҷуд аст.

**Ҳуқуқэҷодкунии халқӣ** бевосита аз ҷониби шаҳрвандони ҶТ, бо роҳи гузаронидани раъйпурсӣ сурат мегирад, ки дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодкардаи мақомоти дахлдор қабул ва ё рад карда мешавад. Дар ин маврид додани мақоми қоидаҳои ҳатмии рафтор ба ихтиёри халқ вогузор карда мешавад.

Дар пасманзари ин гуфтаҳо бояд қайд намуд, ки ҳуқуқэҷодкунии халқ аз ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ бо он фарқ мекунад, ки халқ дар ин раванд ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқэҷодкунанда баромад мекунад. Яъне, ба ғайр аз шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ, халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳуқуқэҷодкунӣ саҳмгузор мебошанд.

Татбиқи ҳокимияти ҳуқуқэҷодкунии халқ, пеш аз ҳама, дар гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ, ки 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи кишвар қабул шудааст, зоҳир мегардад. Ин навъи ҳуқуқэҷодкунӣ ифодаи иродаи мардум дар муносибатҳои асосӣ ва муҳимтарини ҷомеа буда, дар он халқ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқэҷодкунӣ баромад мекунад. Халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқэҷодкуниро дар шакли қонун амалӣ менамоянд, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул мешавад, яъне он яке аз намудҳои муҳимтарини ҳуқуқэҷодкунӣ буда, бевосита дар шакли овоздиҳии умумихалқӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳим роҳандозӣ мешавад.

Ин нуқтаи муҳимро олими рус М.Н. Марченко низ пайгирӣ намуда, иштирокчиёни ин равандро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад:

-ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ;

- ҳуқуқэҷодкунии халқӣ.

Тибқи Конститутсияи Федератсияи Россия ҳуқуқэҷодкунии давлатиро мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, субъектҳои иттифоқӣ: ҷумҳуриҳо, кишвар, вилоятҳо, шаҳрҳои дорои аҳамияти иттифоқӣ дошта, вилоятҳои мухторӣ ва округҳои мухторӣ, тавассути бастани шартномаҳое, ки тобеияти умумиҳатмигиро ифода мекунад, амалӣ мегардонанд[88].

---

[88] Марченко М.Н. Асари ишорашуда. - С. -548.

Ҳуқуқэҷодкунии халқиро дар қабули Конститутсияи Федератсияи Россия, ки 12 декабри соли 1993 дар раъйпурсии умумихалқи қабул шудааст, мушоҳида намудан мумкин аст.

Бо дарназардошти мавқеъгирии як қатор олимон, ки ҳуқуқэҷодкунӣ ва нишонаҳои онро иброз намудаанд, таҳлили амиқи ин мафҳумро аз дидгоҳи худ иброз намуда, онро ба таври зайл маънидод хоҳем кард:

- Ҳуқуқэҷодкунӣ ин фаъолияти субъектҳои мақомоти давлатӣ оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиест, ки дорои таъйиноти ҳатмӣ ва хусусияти доимӣ ё муваққатӣ дошта, барои истифодаи чандкарата ё якдафъаина вобаста ба доираи номуайяни шахсон ва ё субъекти мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ шудаанд.

- Ҳуқуқэҷодкунӣ ин фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад, ки дар натиҷаи он низоми қонунгузорӣ ташаккул меёбад.

Дар баробари ин гуфтаҳо мавзеи худро доир ба ду нуқтаи муҳимми илмӣ дар ин самт басо арзишмандро иброз менамоем:

Якум, шаклҳои зикргардидаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо он фарқ мекунанд, ки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар он иштирок намуда, санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунанд ва он бо дарназардошти хусусиятҳои сохтории мақомоти давлатӣ низоми васеъ доранд. Дар ин маврид санадҳои ҳуқуқӣ қувваи гуногуни ҳуқуқӣ доранд.

Дуюм, дар ҶТ ҳуқуқэҷодкунӣ ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам ба таври дастаҷамъӣ сурат мегирад. Маҷлиси Олии ҶТ низ дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ ба таври фаъол иштирок менамояд, ки ин бевосита ба раванди қонунгузории парлумон алоқамандии зич дорад.

Таваҷҷӯҳи хоси мухаққиқон дар ин ҷода ба навъи асосӣ ва маъмули ҳуқуқэҷодкунӣ дар Маҷлиси Олӣ қабули - қонун мебошад. Ва хусусияти ҳуқуқэҷодкунии парлумонро дар андешаи олимони хориҷӣ, аз ҷумла олимони ӯзбек, дидан мумкин аст. Олимони ӯзбек дуруст қайд мекунанд, ки "ҳуқуқэҷодкунии парлумон ин раванди омӯзиш ва арзёбии талаботи ҳуқуқии ҷомеаи демократӣ, ташаккул ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар чорчӯбаи ҳуқуқии

расмиёти мувофиқ мебошад. Он унсурҳои зеринро дар бар мегирад: дарккунӣ, омӯзиш ва арзёбии падидаҳо ва равандҳое, ки танзими ҳуқуқиро тақозо мекунанд, интихоби шакли санад, таҳия ва қабули он дар доираи тартиби муқаррааргардида”[89]. Аммо санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки парлумон дар шакли қонун қабул мекунад, аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мақомоти давлатӣ қабул мекунанд, ба куллӣ фарқ мекунанд.

Аз таърифҳои додашудаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар шакли **Қонун**, мо ба чунин хулоса омадем, ки қонун дорои хусусиятҳоест, ки тавассути он мафҳуми падидаи ҳуқуқӣ акси илмии худро пайдо мекунад. Аломатҳои фарққунандаи қонунро ба таври зерин метавон тасниф намуд:

- Якум, қонунро танҳо парлумон, ки он тамоми халқро намояндагӣ мекунад ва ё бевосита худи халқ тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул мекунад.

- Дуюм, қонун муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим мекунад.

- Сеюм, қонун дар байни дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қувваи бештари ҳуқуқӣ дорад; волоияти қонун самти меъёрии он ва барои дигар санадҳои меъёрӣ ҳатмӣ буда, инчунин дар ҳолати мухолифат намудани санадҳо ба қонун имконияти бекор кардан, тағйир додан, беэътибор донистани онҳо мавҷуд аст.

- Чорум, қонун қатъиян дар давраҳои муайян қабул мешавад, хусусиятҳои ба худ хос, субъектҳои худ, иштирокчиёни давраҳои раванди қонунгузории парлумонро дорад, шакли қабули санади меъёрии ҳуқуқиро дорад, ки ин хусусиятҳо ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хос нест.

Ва қабули қонун дар Маҷлиси Олии ҶТ раванди қонунгузорӣ ном дошта, вобаста ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли қонун ин равандро, раванди мураккаби бисёрдаврагӣ ва махсус меноманд. Нақши парлумон маҳз дар ҳамин самт барҷаста намоён мегардад.

---

[89] Тультеев И.Т., Тастанбекова Г.Т., Янгибаев А.К. Правотворческая деятельность парламента: Содержание и приоритетные направления ее совершенствования: Учебное пособие. Ташкент.: Академия МВД Республики Узбекистан, 2016. – С. - 60.

Олими рус Р.В. Василев дуруст қайд менамояд, ки дар муқоиса бо мафҳуми раванди қонунгузорӣ, ки "низоми мураккаби тартиби ташкили раванди фаъолияти парлумон буда, самараи он қабули қонун мебошад"[90], ҳуқуқэҷодкунӣ низоми фарогири фаъолияте мебошад, ки он низ ба қабули санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ равона шудааст.

Раванди қонунгузорӣ ҳамчун намуди олии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад[91]. Дар давлати ҳуқуқбунёду конститутсионӣ қонун бо татбиқи худ тамоми паҳлӯҳои асосии ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад, кафили асосии манфиатҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Мақсади методологии таҳқиқоти мо низ ба ин самти ҳаётан муҳим равона гардидааст.

Ҳамин тавр, андешаҳои зикршуда ба мо имкон медиҳанд, ки байни ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқэҷодкунии парлумон, баъзе шабоҳатҳоро муайян кунем. Ин алоқамандиҳо, яъне айниятҳоро ба таври зайл метавон арзёбӣ намуд:

-Якум, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, аз ҷумла Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, кумитаҳои давлатӣ ва ғайра, салоҳияти бо ҳуқуқэҷодкунӣ машғул шуданро доранд.

-Дуюм, ҳуқуқэҷодкунӣ дар шакли санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешавад.

Аз баррасии мазмуну моҳияти мафҳуми "ҳуқуқэҷодкунӣ" бармеояд, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир як қатор мафҳумҳои дигаре аз ҷумла **"қонунэҷодкунӣ"** мавҷуд аст. Бо вуҷуди он ки раванди қонунгузорӣ бе қонунэҷодкунӣ имконнопазир мебошад, аммо мавҷудияти раванди қонунгузорӣ ҳанӯз маънои онро надорад, ки дар ин ё он давлат раванди қонунгузорӣ бе мафҳуми "қонунэҷодкунӣ" амалӣ мегардад, зеро ки он на ҳамеша дар шакли мустақил дар низоми давлатдорӣ вуҷуд дошта метавонад.

Дар баробари ин, раванди қонунгузорӣ танҳо он вақт ба раванди мустақили қонунгузорӣ табдил меёбад, ки он имкони пешниҳоди лоиҳаи

---

[90] Васильев Р.Ф. Законодательный процесс. Понятие. Институты. Стадии: Научно-практическое пособие. - М.: Юриспруденция, 2000. – С. -53.

[91] Аксарияти олимон дар зери мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ раванди қонунгузориро дар назар доранд. Ҳол он, ки ҳуқуқэҷодкунӣ гуфта на танҳо қабули қонун, балки қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ дар назар дошта шудааст. Масалан, Фармони Сардори давлат, қарори Ҳукумат, фармоишҳои вазорат ва ғ.

қонунро аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта бошад, инчунин ба он имкони баррасӣ, муҳокима ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода шавад.

Дар баробари ин, қонунэҷодкунӣ ҳамчун ҷузъи асосии ҳуқуқэҷодкунӣ тавсиф гардида, маҳаки он, яъне қабули қонунҳо, ин равандро ба пуррагӣ акс менамояд. Дар асоси такя ба андешаҳои муътамад оид ба ин масъала мо кӯшиш мекунем, ки баъзе муқаррароти зикршударо оид ба масъалаи қонунэҷодкунӣ таҳлилу баррасӣ намоем. Дар замони муосир аҳамияти "**қонунэҷодкунӣ**" дар шаффофияти раванди қонунгузорӣ аҳамияти хосса дорад.

Гуногунандешии олимонро ба назар гирифта, муҳаққиқ А.С. Полевшикова ба чунин хулосаи илмӣ меояд, ки бо истилоҳҳои зиёд ифода шудани ин мафҳуми илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ духӯрагиро ба миён оварда[92], дар шарҳи он мушкилӣ эҷод менамояд, ки онро чунин метавон арзёбӣ намуд: ифодаи мафҳумҳо дар шакли духӯра, тавсифи яке ба воситаи дигаре. Сониян, ба сифати муродиф истифода шудани онҳо, ки боиси омехта шудани мазмуни ин категорияҳои ҳуқуқӣ мегардад. Дар ин маврид мушаххас намудани ифодаи маъноӣ ва вазифаҳои ҳуқуқии ин мафҳумҳо шарт ва зарур мебошад.

Муҳаққиқ Н.М. Марченко[93] бар он андеша аст, ки барои дуруст дарк намудани моҳияти қонунэҷодкунӣ мақсади асосии онро муқаррар бояд кард. Мафҳуми мақсад дар соҳаи ҳуқуқ натиҷаи дилхоҳ ва қобили қабул фаҳмида мешавад, барои роҳандозии он фаъолияти ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми "қонунэҷодкунӣ" нисбат ба мафҳуми "раванди қонунгузорӣ" васеътар буда, дар ифодаи маъноии онҳо тафовути ҷиддӣ мавҷуд мебошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо хусусиятҳои фарқкунандаи мафҳуми **қонунэҷодкуни**ро метавон қайд намуд. Ба сифати маҳсули қонунэҷодкунӣ

---

[92] Полевщикова А.С. Конституционно-правовые основы участия МВД России в законотворческом процессе. Дисс ... канд. юрид. наук. М. - 2019. – С. - 15.

[93] Марченко М.Н. Общая теория государства и права. Академический курс в трех томах. 3-е изд., перераб. и доп. М.: Норма, 2010. Т. 3. – С. - 416.

лоиҳаи қонун баромад намуда, натиҷаи раванди қонунгузорӣ қабули қонун мебошад.

Дар ин асос Т.П. Виноградов қонунэҷодкуниро ҳамчун фаъолияти имконпазири мушаххас оид ба таҳияи лоиҳаи қонун ва қабули он ҳамчун қонун мутобиқи меъёри муқарраршуда муайян мекунад[94]. Ба таври дигар, дар ин асос вазифаи қонунэҷодкунӣ таҳияи лоиҳаи қонун буда, пеш аз ҳама, қонунэҷодкунӣ ба ҷанбаи созандаи ин раванд равона мегардад, бинобар ин, консепсияи мазкур ташаббуси таҳияи лоиҳаи қонунҳоро фаро мегирад, ки аз ҷониби субъектҳое низ амалӣ мегардад, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро надоранд. Масалан ба сифати чунин субъектҳо: ташкилотҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти давлатӣ, Суди Олии ҶТ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ ба ҳисоб меравандд.

Ба андешаи мо фаъолияти қонунэҷодкуниро дар доираи маҳдуд ва васеъ метавон арзёбӣ намуд.

Ба маънои васеъ, қонунэҷодкунӣ фаъолиятеро фаро мегирад, ки он хусусиятҳои танзимшавандагии қатъиро надорад ва бо эҷоди воқеии қонун маҳдуд нашуда, баҳодиҳии самаранокии он ва ислоҳҳои минбаъдаи имконпазирро дар ин самт фаро мегирад. Дар рафти қонунэҷодкунӣ субъектҳои зиёде ба монанди олимон, гурӯҳи фишороварӣ (лоббиҳо), марказҳои илмиву таҳқиқотӣ ва ғ., ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ надоранд иштирок мекунанд.

Ба маънои маҳдуд фаъолияти қонунэҷодкунӣ асосан ба таҳия, тартиб додани матни лоиҳаи қонуни мушаххас, тартиб додани меъёрҳои он равона карда мешавад[95]. Баррасии моҳияти илмии ин мафҳумҳо муҳим буда, таҳлили амиқи илмӣ бояд дар амалия татбиқ гардад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, мафҳуми “қонунэҷодкунӣ” ва “раванди қонунгузорӣ” ягона нестанд, зеро он ба меъёрҳои мурофиавӣ дахл надошта “раванди эҷодии ташаккули матн” мебошад. Қонунэҷодкунӣ аз дигар

[94] Виноградов Т.П. Разработка законов Российской Федерации. Конституционно-правовой аспект. Дисс. ...канд. юрид. наук. М. – 2008. – С. - 35.
[95] Паштов Д.Р. Участие прокуратуры в законотворческой деятельности законодательных (представительных) и исполнительных органов субъектов Российской Федерации. Дисс. ... канд. юрид.наук. – М. 2014. – С. - 35.

навъҳои эҷодкорӣ бо он фарқ мекунад, ки ин раванд самти мушаххаси мақсаднок дошта, аз ҷониби ҷомеа ва давлат ба танзим даровarда мешавад, инчунин талаботи мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоиро фарогир мебошад. Илова бар ин, бар хилофи бисёре аз навъҳои дигари эҷодкорӣ, таҳияи қонун ҷараёни фаъолияти дастаҷамъона мебошад. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин раванд далолат медиҳад, ки қонунэҷодкунӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад. Ин як тарзи идоракунии ҷамъият ва дар айни замон танзими рушди он мебошад, зеро ки маҳз тавассути баровардани қонунҳо давлат мавҷудияти ҷомеаи мутамаддин ва ҳуқуқбунёдро таъмин месозад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, чунин мешуморем, ки қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ мафҳумҳои ягона набуда, дар баробари ин, қонунэҷодкунӣ чун мафҳуми мустақил як қатор хусусиятҳои ба худ хосро дорост:

- Якум, таҳияи лоиҳаи қонун дорои низоми танзимдарории қатъӣ надошта ҳамчунин аз давраҳо низ иборат нест. Ин нуқтаи илмӣ диққати олимони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Аммо ба андешаи Н.Н. Карпов қонунэҷодкуниро танҳо ба қоидаҳои мурофиавӣ маҳдуд наметавон кард, он як раванди дарккунӣ буда, дар интихоби объект ва усулҳои танзими қонунгузорӣ душвориҳои ба худ хос дорад[96]. Аз ин рӯ, ӯ пешниҳод мекунад, ки қонунэҷодкунӣ ҳамчун мафҳуми васеътар баррасӣ карда шавад, зеро он пурра ба расмият надаромадааст;

- дуюм, марҳилаи ибтидоии он аз муайян намудани таклифҳои қонунгузорӣ ва зарурати қабули қонун, аз ҷиҳати замон ва дар доираи шахсон, инчунин аз нигоҳи мазмун раванди мураккабро фаро гирифта, баррасии онҳо омӯзиши амиқро талаб менамояд. Таснифи номукаммали ин категорияҳо боиси омезиш ёфтан ва номуайянии ҳамбастагии давраҳои раванди қонунгузорӣ мегардад. Аз ин рӯ, раванди қонунгузорӣ расмиёти хос

[96] Карпов Н.Н. Законодательный процесс в Российской Федерации. Учебник для студентов вузов, обучающихся вузов по специальности «Юриспруденция». Москва. ЮНИТИ: Закон и право. - 2008. – С. -182.

дошта, он истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба мақомоти салоҳиятдор оғоз мегардад.

- сеюм, дар рафти таҳияи қонунэҷодкунӣ мақомоти давлатӣ, доираи номаҳдуди шахсон, ки онҳо бо фаъолияти гуногун машғуланд, масалан, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои корӣ: иборат аз олимон, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ; унсурҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ; шаҳрвандони алоҳида, мутахассисон ва ғайра[97] ҳамчунин субъектҳое, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доранд иштирок мекунанд.

Ба андешаи олими тоҷик З. Ализода Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ дар самти қонунэҷодкунӣ иштироки фаъол дошта, ба субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳои мушаххас менамояд, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври фаъол ширкат меварзад[98].

Аз таҳлили мафҳумҳои баррасишуда метавон хулосабарорӣ намуд, ки қонунэҷодкунӣ масъалаи пӯшида ва қолабӣ набуда, ин раванд ҳамеша саъю кӯшиши муштараки субъектҳои гуногуни давлатӣ ва ҳамкории созандаро бо шахсоне, ки қонунҳо ба нафъи онҳо хизмат намоянд, тақозо мекунад.

Андешароние ба таври умумӣ низ вуҷуд дорад, барои самаранок будани тамоми раванди қонунгузорӣ ҳамфаъолиятии ягона зарур мебошад. Ҳангоми қонунэҷодкунӣ заминаҳои умумии меъёрии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд, ки дар доираи он қонунгузории кишвар амалӣ мегардад. Ба ин сохтор, тарз ва мутобиқати ҳамфаъолиятии ду палатаи Маҷлиси Олӣ, инчунин механизмҳо ва тартиби мавҷудаи омодасозӣ, таҳия, қабули қонунҳо дохил мешаванд.

Аҳамияти муҳимми таҳқиқоти мо дар он зоҳир мегардад, мафҳуми қонунэҷодкуниро аз раванди қонунгузорӣ бояд фарқ кард. Дар ин замина ба хулосае метавон омад, ки раванди қонунгузорӣ як низоми мураккаби тарзи ташкилӣ мебошад, ки натиҷаи он қабули қонун мебошад. Дар маҷмуъ ин

[97] Толеубеков А.Т. Конституционно-правовой статус парламента Республики Казахстан. Дисс. ... канд. юрид. наук. - М., 2015. – С. -122.
[98] Ализода З. Конституционный суд и проблемы защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан. Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. (№ 4) 2010. – С.- 126.

мафҳумҳо тартиби давраҳои раванди қонунгузориро ташкил медиҳанд, ки бояд ба таври қатъӣ риоя карда шаванд[99].

Аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ фарогири раванди қабул, тағйирот ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дошта, вале ба назар нарасидани мавқеи ягона дар дарки масъала ва интихоби модели қонунгузорӣ баҳси илмиро дар ин самт ба миён меорад[100]. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо чунин мешуморем, ки ҳангоми таҳлили ин масъала фикру андеша ва мавқеи олимони варзида бояд ба инобат гирифта шаванд ва маҳз дар ҳамин замина ифодаи илмии ин мафҳумҳои ҳуқуқӣ татбиқи амалии худро пайдо хоҳад кард.

Ю.Е. Ширяев дуруст қайд мекунад, ки дар баъзе мавридҳо сухан дар бораи қонунэҷодкунӣ оғоз гардида, баъдан ин истилоҳ ба мафҳуми раванди қонунгузорӣ табдил меёбад[101].

Аз таҳлили адабиёти мавҷуда бармеояд, ки дар гузашта ба **“раванди қонунгузорӣ”** эътибори махсус дода намешуд ва ин омилро ба фаъолияти дусерӯзаи иҷлосияи Маҷлиси Олӣ метавон марбут донист. Бо гузашти вақт ва ташаккули илми ҳуқуқ дар ибтидои асри XXI ба арсаи илмӣ мафҳуми нав “раванди қонунгузорӣ”, ворид мешавад.

Аз соли 2000 ин ҷониб то имрӯз раванди қонунгузорӣ дар Тоҷикистон дар шароити мавҷудияти парлумони ду Маҷлиса сурат мегирад, ки яке аз маҷлисҳо Маҷлиси намояндагон палатаи касбӣ ва доимӣ буда, он албатта ба

[99] Миронов А.Н. Административные процедуры технологии подготовки нормативных правовых актов федеральными органами исполнительной власти: Монография. Владимир: Транзит-ИКС, 2012. – С.- 37. Алексеев С.С. Проблемы теории права: учеб. курс. Т.2. Свердловск, 1973. – С. -16; Мурашин А.Г. Прямое правотворчество. Особенности принятия актов прямого народовластия. Государство и право. 2001. № 2. – С. -91.

[100] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ. Душанбе. «Империал-Групп». 2014. – С. - 483; Алексеев С.С. Правотворческий (законодательный) процесс. Теория государства и права. Учебник для вузов. 3 - е изд. – С. – 250 - 252; Диаконов В.В. Правотворчество. Учебное пособие по теории государства и права. Allpravo. PU. 2004. – С. -26; Мелехин А.Б. Теория государства и права. Учебник 2-е изд., переработанное и дополненное. - 2009. – С. - 310; Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ. Китоби дарси. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо. Душанбе. «Офсет Империал». 2017. – С. 582; Катков Б. Конституционное право РФ. Учебн. пособие - 1999. – С. -200; Баглай М.В. Конституционное право РФ. - «Издательство НОРМА», 2007. – С. -530.

[101] Ширяев Ю.Е. Федеральный законотворческий процесс: Конституционно-правовой анализ: дисс. ... д-ра. юрид. наук. СПб. - 2006. – С. - 41.

сифати қонунгузорӣ дар ҷумҳурӣ таъсир хоҳад расонд[102]. Андешаи Ҷ.М. Зоир ва А.Ғ. Холиқзода қобили қабул мебошад, ки дар тӯли зиёда аз 25 соли қабули Конститутсияи нав дар ҶТ асосҳои фаъолияти нави қонунгузории муосир ба вуҷуд омада, онҳо ба танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд. Бо вуҷуди ин, низоми ҳуқуқӣ инкишоф меёбад ва дар навбати худ он бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешавад. Яке аз шартҳои муҳими самаранокии қонунгузорӣ дар он аст, ки ҳангоми таҳияи қонун риояи талаботи доимии (тағйирнопазирӣ ва устувории маъно ё мундариҷа) матни асосии қонунҳои қабулшаванда ё аллакай қабулшуда[103] зарур мебошад.

Муҳаққиқи соҳа Б.А. Страшун комилан дуруст қайд менамояд, ки раванди қонунгузорӣ ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ бояд аз мафҳуми умумииҷтимоии қонунэҷодкунӣ ба таври қатъӣ фарқ карда шавад. Ҳатто дар адабиёти таълимӣ низ омехташавии ин дуҳӯрагии маъно ба назар мерасад.

Раванди қонунгузорӣ ба монанди ҳама гуна равандҳои ҳуқуқӣ ба ду маъно корбаст мешавад: 1) тартиби фаъолият (дар ин ҳолат эҷоди қонун); ва 2) худи фаъолияти раванди қонунгузорӣ. Он аз ҷониби парлумон ва сардори давлат ва дар баъзе ҳолатҳо бо иштироки ҳукумат, инчунин дар ҳолатҳои муайян тавассути раъйпурсӣ амалӣ карда мешавад[104]. Мо раванди қонунгузориро ба маънои томаш ҳамчун фаъолияти қабули қонун (аз ҷумла нисбати он қонунҳои амалкунандае, ки тағйиру илова ворид мекунанд ва ё бекор карда мешаванд) мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Раванди қонунгузориро меъёрҳои мавҷудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ”, “Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ”, Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, инчунин “Дастури ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ”, “Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ”, “Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ”,

---

[102] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. ... д-ра юрид. наук. Душанбе. - 2013. – С. - 125.

[103] Холикзода А.Г., Маджидзода ДЖ.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно - правовое развитие Таджикистана. - Душанбе: “Мехрона-2017”. 2019. – С. -287.

[104] Страшун Б.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Учебник. Общая часть. Издательство БЕК. - М. 1996. – С. - 492.

низомномаи Дастгоҳи ҳар як палатаи Маҷлиси Олӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд.

Бисёр масъалаҳои раванди қонунгузорӣ бо қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва қарорҳои алоҳидаи ҳар ду палата, ки вобаста ба қабули лоиҳаи қонун оид ва масъалаҳои мушаххас қабул шуда, танзим мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ оид ба таърифи мафҳуми "раванди қонунгузорӣ" ақидаҳои гуногун мавҷуданд, ки баррасии моҳияти илмии он аҳамияти амалӣ дорад. Муҳаққиқи тоҷик А. Имомов масъалаи баррасишавандаро, ба андешаи мо, ба таври дақиқ арзёбӣ менамояд: "Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси Олӣ-парлумони ҷумҳурӣ бо тартиби муайян пешниҳод, баррасӣ, қабул, ҷонибдор мешаванд, ки рафти онро раванди қонунгузорӣ меноманд"[105]. Раванди қонунгузорӣ маҷмӯи амалҳои бо қонун пешбинишудае мебошад, ки тавассути онҳо фаъолияти қонунгузории мақомоти қонунгузор, яъне парлумон амалӣ мегардад.

Муҳаққиқони хориҷӣ О.Н. Булаков[106], Е.М. Ковешников[107] ва дигарон низ ҳамин ақидаро пайравӣ доранд.

Ба андешаи Р.В. Василев[108] "меъёрҳои ҳуқуқие, ки тартиби кори қонунгузориро муқаррар мекунанд, яке аз институтҳои муҳимтарини ҳуқуқи конститутсионӣ-институти раванди қонунгузории парлумонро ташкил медиҳанд. Раванди қонунгузорӣ як падидаи ҷамъиятию давлатӣ ба шумор рафта, он ба тамоми ҷомеаи демократӣ хос аст". Маҳсули раванди қонунгузорӣ ин меъёри ҳуқуқӣ буда, дар шакли қонун ифода ёфта муҳимияти омӯзиши онро дар давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ бозгӯӣ мекунад, ки ин яке аз нишонаҳои бунёдии волоияти қонун мебошад.

Р.В. Енгибарян ин ақидаро тарафдорӣ намуда, иловатан қайд мекунад, ки "гуногунии вазифаҳои парлумон, ҷанбаи асосӣ ва муайянкунандаи

[105] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо. Душанбе. «Офсет Империя». 2017. – С. - 582.
[106] Булаков О.Н. Парламентское право России. Учебник. - М.: Эксмо, 2006. - Российское юридическое образование. – С. - 378.
[107] Ковешников Е.М. Конституционное право Российской Федерации. Краткий курс лекций. 2-е изд. изм. и доп. - М.: Издательство НОРМА. 2001. – С. - 143.
[108] Васильев Р.Ф. Законодательный процесс: Понятие. Институты, стадии. Науч.практ. пособие. - М.: Юриспруденция. 2000. – С. - 320.

фаъолияти он, пеш аз ҳама амалкарди он, ин муҳокимаи лоиҳаҳои қонун ва қабули қонунҳо мебошад”[109]. Дар баробари ин, Р.В. Енгибарян ин мавқеъро дастгирӣ намуда, ҳамчунин қайд менамояд, ки бо дарназардошти, оне, ки “парлумон дорои вазифаи бисёрҷанба мебошад, аммо фаъолияти асосӣ ва муҳими парлумон ва қисми зиёди кори парлумон, бешубҳа, муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо ва қабули қонунҳо ба ҳисоб меравад”. Ҳамчунин, ӯ қайд мекунад, ки “раванди қонунгузорӣ ин роҳалли фаъолият ва мурофиаи парлумон ба ҳисоб рафта, амал ва фаъолияти онро ба танзим медарорад”[110]. Раванди қонунгузорӣ ин қабул ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – Қонун мебошад.

Бояд гуфт, ки раванди қонунгузорӣ ин фаъолиятест, ки дорои хусусияти расмӣ буда, дар рафти он шахс, аввалан, ба сифати субъекти ваколатдор баромад мекунад, дуюм, ҳамчун факти ҳуқуқӣ амал менамояд, сеюм, муносибатҳои ҳуқуқии муайяни байни субъектҳоро дар байни иштирокчиёни ин раванд ба вуҷуд меорад.

Аз таҳлили маводи мавҷудаи илмӣ бармеояд, ки ҳангоми муайян кардани мафҳуми “раванди қонунгузорӣ” чӣ аз тарафи олимони ватанӣ ва чӣ аз тарафи олимони хориҷӣ, махсусан дар майдони уламои ҳуқуқшинос атрофи ин масъала таваҷҷуҳ камтар сурат гирифтааст. Дар ин самт, ба андешаи мо, таърифи ин мафҳум аз ҷониби муҳаққиқ А. Имомов пурратар буда, ӯ мазмуну мундариҷаи раванди қонунгузориро васеътар бозгӯӣ менамояд. Муаллиф ин нуқтаро бамаврид қайд намуда, иброз менамояд, ки “раванди қонунгузорӣ бо мазмуни ҳуқуқии конститутсионӣ тартиби хоси давра ба давра аз лоиҳа то қабул ва мавриди амал қарор гирифтани онро Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ муайян кардаанд”[111].

[109] Енгибарян Р.В. Сравнительное конституционное право. Учебное пособие. 2005. - М.: Юрист, - С. - 313.
[110] Енгибарян Р.В. Асари ишорашуда. - С. - 313.
[111] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо. - Душанбе. «Офсет Империя» 2017. – С. - 582.

Раванди қонунгузорӣ ҳамчун фаъолияти мустақил қатъиян дар шаклҳои муқаррарнамудаи конститутсия, қонунҳо, дастурҳои парлумон амалӣ мегардад[112].

Андешаи муҳаққиқи дигар Н.Н. Карпов[113] оид ба ин масъала хеле ҷолиб аст: "Вазифаи асосии парлумон қабули қонунҳо мебошад". Беш аз нисфи кори парлумонро раванди қонунгузорӣ дар бар мегирад.

Раванди қонунгузорӣ дақиқ батанзим даровarда шуда ва расмиёти он низ қатъӣ мебошад. Ин омил ҳам ба тартиби мурофиа ва ҳам ба шакли санадҳои қонунгузорие, ки соҳибихтиёрӣ ва принсипи ҳокимияти халқиро ифода мекунад, тааллуқ дорад.

Аз ин рӯ, ба парлумон вазифаи қонунгузорӣ ва мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқие гузошта шудааст, ки манфиату мақсад ва эҳтиёҷоти рушди ҷомеаро ифода мекунанд. Раванди қонунгузорӣ ин ифода ва инъикоскунандаи шакли фаъолияти парлумон мебошад. Раванди қонунгузорӣ ин маҷмӯи тартиб ва қоидаҳои парлумоние мебошад, ки вазифаи қонунгузории парлумонро амалӣ менамояд.

**Раванди қонунгузорӣ** аз як қатор давраҳои пай дар пай, ки аз ҷумла маҷмӯи муайяни тартиби ташкил: аз тартиб додани таклифҳои қонунгузорӣ то ба амал баровардани онро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин гуфтаҳо, мо ба андешаи Н.Н. Карпов пурра розӣ шуда наметавонем. Дуруст, раванди қонунгузорӣ аз давраҳои пай дар пай иборат аст. Аммо андешае, ки раванди қонунгузорӣ, идея дар бораи эҷоди қонунҳоро дарбар мегирад, на он қадар қобили қабул аст. Раванди қонунгузориро комилан дуруст раванди қабули қонунҳо меноманд. Аммо баъзан вақт раванди қонунгузорӣ гуфта, на танҳо баррасӣ ва қабули қонунҳо, балки эҷоди қонунҳоро низ дар назар доранд.

С.М. Бекетова[114] зери ифодаи "раванди қонунгузорӣ фаъолияти иштирокчиёни раванди қонунгузориро, ки бо санадҳои меъёрӣ танзим карда мешаванд, барои қабул, тағйир, илова ё бекор кардани қонунҳо ва дигар

---

[112] Страшун Б.А. Асари ишорашуда. – С. - 492.
[113] Карпов Н.Н. Законодательный процесс в Российской Федерации. Учебник. Москва. – С. - 182.
[114] Бекетова С.М. Особенности законодательного процесса в субъектах Российской Федерации в современный период. Воронежский Госуниверситет. Серия. Право. 2013. – С. - 27.

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона карда шудаанд, ҳамчунин иштирок дар таҳияи қонун дар шаклҳои муқаррарнамудаи Конститутсияро дар назар дорад". Аммо бо ин ақидаи С.М. Бекетова низ наметавон розӣ шуд. Чӣ тавре, ки дар боло қайд намудем, раванди қонунгузорӣ аз раванди қонунэҷодкунӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Доираи иштирокчиёни раванди қонунэҷодкунӣ хеле васеъ буда, на ҳамаи иштирокчиёни қонунэҷодкунӣ дар раванди қабули қонунҳо иштирок мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки доир ба як нукта алоқамандӣ ва мувофиқати андешаи олимони ватанию хориҷӣ ба мушоҳида мерасад: раванди қонунгузорӣ ин тартиби меъёри муқарраршудаи қабули қонунҳо мебошад. Таърифи овардаи А.Н. Кокотов оид ба муайянкунии раванди қонунгузорӣ лоиқи дастгирист, ки ба андешаи ӯ ин раванд "тартиби ба таври меъёрӣ муқарраргардидаи қабули қонунҳо мебошад". Олими рус Н.Н. Карпов ва олими тоҷик А. Имомов ба таври ягона ин масъаларо баррасӣ менамоянд ва ба андешаи онҳо раванди қонунгузориро ҳамчун маҷмӯи техникии давраҳо набояд ҳисоб кард.

Мо ақидаи олимонро ҷонибдорӣ мекунем, ки фаъолияти қонунгузорӣ модели аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзимшавандаи фаъолияти иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ буда, он вобаста бо талаботи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар ниёзҳои ҷомеа муайян карда мешавад[115]. Чунин тарзи тавсиф лоиқи пазириш аст. Баланд бардоштани сифати қонунҳо, то ҳадди ақал кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии номукаммал аз вазифаҳои асосии қонунгузор ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии омӯзиши масъалаҳое, ки бо ҷараёни қабули меъёрҳои ҳуқуқ алоқамандaнд, ин гуфтаи моро собит менамоянд. "Истифодабарандагон" - и қонунҳо одамон, ҷомеа буда, ба қабули қарорҳои шитобкорона ва аз ҷиҳати шаклу мазмун ба қабул намудани қарорҳои номукаммал набояд роҳ дод, зеро ҳар як хатои қонунгузор боиси хароҷоти барзиёди моддӣ, инчунин поймол шудани манфиатҳои шаҳрвандон мегардад.

[115] Карпов, Н.Н. Законодательный процесс в Российской Федерации. Учебник для студентов вузов, обучающихся вузов по специальности «Юриспруденция». М. ЮНИТИ: Закон и право. - 2008. - С. -3.

**Раванди қонунгузорӣ бояд ба таври мубоҳисавӣ, демократӣ, озод ва барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ошкоро амалӣ шавад.** Мақсади парлумон ҳамчун мақоме, ки дар он мушкилоти ҷомеа дар сатҳи миллӣ баррасӣ мешавад ва он фарогири ҳамаи қишрҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад, пеш аз ҳама, қабули қарорҳои муҳим ба шумор рафта, қонунҳои ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва некӯаҳволии халқ нигаронидашуда ҳалли саривақтии худро дар парлумон бояд пайдо кунанд[116]. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар ҳама гуна низоми ҳамфаъолиятӣ ва тақсимоти салоҳият ва ваколатҳо байни шохаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, парлумони кишварҳои ҷаҳон як қатор хусусиятҳое доранд, ки дар низоми ҳокимияти давлатӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд.

Алалхусус ин раванди қонунгузорӣ барои парлумони Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад, чунки он на танҳо бо иштироки вакилони парлумон сурат мегирад, балки дар он ниҳодҳои давлатӣ низ ҷалб карда мешаванд, ки дар асоси робитаҳои мунтазам қонунҳои сифатан мукаммалро қабул намоянд. Иштирокчиёни асосии раванди қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Маҷлиси Олии ҶТ, Президенти ҶТ ва Ҳукумати кишвар ба шумор рафта, тавассути пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон, додани хулосаи Ҳукумати ҶТ оид ба лоиҳаи қонунҳо, имзо ва интишори қонунҳо аз ҷониби Президенти кишвар амалӣ мегардад.

Дар баробари ин, ҳар як иштирокчии раванди қонунгузорӣ дар ин низом мавқеи худро дорад. Чунки раванди қонунгузорӣ фарогири мақсади мушаххас мебошад. Қоидаҳои нави баррасии лоиҳаҳои қонунҳо муқаррар карда шуданд, ки онҳо дар мушоҳида аз тартибу принсипҳои қаблии фаъолияти сохторҳои парлумони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ куллан фарқ мекунанд. Бо дарназардошти ин нукта бояд зикр намуд, ки низоми сохтори демократӣ дар ҷанбаи сохтории парлумон инъикос ёфтааст, ҳамзамон он дар меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва мутобиқ ба таҷрибаи ҳуқуқӣ муқаррар шудааст.

---

[116] Репринцев А.С. Становление парламентаризма в современной России. Дисс. ... канд. полит. наук. - М. 2001. – С. -15.

Дар ин мавридгуногунии бахшҳои парлумони муосир, ки он аз фраксияҳои ҳизбӣ ва гурӯҳҳои вакилӣ иборат аст, инчунин мутаносибии сохторҳои амудии палатаҳои парлумон ва хусусиятҳои онҳо бозгӯӣ мешавад. Ба қавли М. Дададжонов[117] "мавҷуд будани фраксияҳо дар парлумон ҳамчун як падидаи муайяни гуногунандешии сиёсӣ имкон фароҳам меорад, то парлумон рисолати демократии худро, яъне вазифаи намояндагиро, дар доираи имкон иҷро кунанд".

Ҳамин тавр, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки **раванди қонунгузорӣ худи мазмуни фаъолияти парлумон**, амалан татбиқи амалигардонии фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ мебошад, зеро ки яке аз вазифаҳои асосии Маҷлиси Олӣ фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Ваколати амалигардонии раванди қонунгузорӣ яке аз аломатҳои волоияти қонун мебошад.

Маҷлиси Олӣ мақомоти олии ҳокимияти давлатиест, ки соҳибихтиёрии халкро ифода намуда, принсипҳои ҳокимиятдории халқро татбиқ месозад. Бинобар ин, дар навбати аввал ба парлумон вазифаи муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқие гузошта шудааст, ки он манфиату мақсадҳо ва эҳтиёҷоти рушди ҷомеаро ифода менамоянд. Дар фаъолияти қонунгузорӣ саҳми шаҳрвандони кишвар низ ба чашм мерасад, чунки раванди қонунгузорӣ ҷузъи таркибии ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии рушди ҷомеа ва давлат мебошад.

Бо дарназардошти мавқегирии олимон дар ин самт, ки дар он муаллифони алоҳида нуқтаи назари худро дар бораи раванди қонунгузорӣ баён намуда, хусусиятҳои онро зикр кардаанд, бояд таърифи хоси раванди қонунгузориро баён намоем. Аввалан, Маҷлиси Олӣ мақоми намояндагӣ ва қонунгузор буда, таҳлили тартиби таҳия, баррасӣ ва қабули қонунҳо аз ҷониби ин мақоми баландпояи давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дувумин, раванди қонунгузорӣ кафолати зарурии танзими қонунгузории

[117] Дададжонов М. Развитие парламентаризма в современном Таджикистане. - Душанбе. «Деваштич», 2006. – С. - 48.

муносибатҳои иҷтимоӣ буда, дар навбати худ, он мутобиқи талаботи ҳатмии қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - Қонун қабул карда мешавад.

Аҳамияти ташкили оқилонаи раванди қонунгузорӣ аз таъмини танзими босифати қонунгузорӣ дар шакли васеътар арзёбӣ мешавад. Доираи корбурди он ниҳоят васеъ буда, ин раванд тамоми танзимоти ҳуқуқиро дар мамлакат таъмин намуда, рушди ҷомеаро дар ин самт ба таври мукаммал инъикос бояд намояд. Севумин, ҳолати қонунгузорӣ, мукаммалии он, таҳия ва истифодаи саривақт ва сифати қабули қонунҳо бевосита ба ташкили раванди қонунгузорӣ вобаста аст. Чунин ба назар мерасад, ки тартиби эҷоди қонун ва худи фаъолияти қонунгузорӣ раванди ягона ва воқеӣ буда, онҳоро набояд ба қисмҳои мустақил ва алоҳида тақсим намуд.

Олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ раванди қонунгузориро ба сифати яке аз институтҳои мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ муайян мекунанд, ки ба тағйироти ҷиддӣ ниёз надорад. Ин мафҳум раванди ба таври қатъӣ муқарраршудаи қабули қонунҳо мебошад, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тартиби қоидаҳои мавҷудбуда танзим мешаванд. Агар дар рафти қабули қонунҳо раванди қонунгузорие, ки Конститутсия муқаррар намудааст, риоя карда нашавад, ин қонунҳо ғайриконститутсионӣ эътироф мешаванд[118].

Дар асоси гуфтаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ хулосагирӣ менамоем, ки дар доираи раванди қонунгузорӣ метавон фаъолияти мақомоти салоҳиятдор – Маҷлиси Олиро муайян кард, ки онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ танзим гардида, бо низоми муайян амалӣ мешаванд ва самти фаъолияти он ба таҳия, баррасӣ ва қабули қонунҳо нигаронида шудаанд. Худи раванди қонунгузориро метавон тартиби муқарраршудаи қабули қонунҳо арзёбӣ кард[119].

Дар пасманзари гуфтаҳои боло натиҷагирӣ намуда гуфтан мумкин аст, ки раванди қонунгузорӣ як низоми мураккаби тартиби ташкилӣ буда, натиҷаи он қабули қонун мебошад.

[118] Малько А.В. Конституционное право зарубежных стран в вопросах и ответах. М. Юристь. - 2003. – С. - 128.
[119] Виноградов Т.П. Разработка законов Российской Федерации: Конституционно-правовой аспект. Дисс. ... канд. юрид. наук. М. - 2008. – С. 35.

Ҳамин тариқ, мақсади таҳқиқоти рисолаи мазкур дар он аст, ки мафҳуми “ҳуқуқэҷодкунӣ” дар маҷмуъ ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст, мафҳуми “қонунэҷодкунӣ” барои таҳияи лоиҳаи қонун, омӯзиши ниёзҳои ба мақсад мувофиқ будани қабули қонун, қарор дар бораи зарурати ба вуҷуд овардани волоияти нави ҳуқуқ ва ё қонуни нав, инчунин тағйир додани меъёрҳои мавҷуда ва **“раванди конунгузорӣ”** бошад бо ифодаи маъноии худ танҳо бо як навъ қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - яъне бо қабули Қонунҳо алоқаманд аст.

## 1. 2. Давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зарурати омӯзиш ва таҳқиқотҳои диссертатсионии раванди қонунгузорӣ дар ҷомеаи муосир аз ҳарвақта бештар эҳсос мегардад, ки дар ин самт баррасии давраҳои раванди қонунгузорӣ басо муҳим арзёбӣ мешавад.

Қабл аз баррасии давраҳои раванди қонунгузорӣ зарурати шарҳи мафҳуми калимаи “давра” пеш меояд. Маънои калимаи “давра” марҳила ё дараҷаи инкишофи амалеро дорад. Дар ҳуқуқшиносии ватанӣ ин мафҳум бештар дар соҳаҳои касбии ҳуқуқ (давраҳои мурофиаи гражданӣ, судӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ; давраҳои тафтишоти пешакӣ ва ғайра) васеъ истифода мешавад, аммо истифодаи он на танҳо мансуби масъалаҳои мурофиавӣ мебошад, балки он дар сохторҳои дигари иҷтимоӣ низ мавқеи муайяни истифодаи худро дорад.

Ба қисмҳои алоҳида тақсим кардани раванди қонунгузорӣ, яъне таҳти унвони умумии давра гурӯҳбандии он имкони муайянкунии онро ҳамчун давраҳои ба таври меъёрӣ муайяншудаи фаъолияти субъектҳо, иштирокчиён фароҳам меорад. Ба таври воқеӣ қабули қонунҳо ва қувваи ҳуқуқӣ пайдо кардани онҳо дар асоси мавҷудияти ҳадафҳо (вазифаҳо, муайян будани шакли қарорҳо), мӯҳлат ва оқибатҳои қабули онҳо тавсиф карда мешаванд.

Ҳама гуна равандҳо, аз ҷумла раванди қонунгузориро наметавон қолаби тағйирнопазир ҳисобид, ки дар шакли давраҳои бо ҳам алоқамандӣ дорои қисмҳои мустақил, субъектон ва иштирокчиёни он дар доираи салоҳияти худ амалҳои муайянро анҷом дода, қарорҳо қабул мекунанд ва онҳоро ба расмият медароранд ва ин равандро метавон анҷоми ҳар як давра ҳисобид.

Давраҳои раванди қонунгузориро дар шакли умумӣ ҳамчун маҷмӯи муайяни амалҳои мурофиавие муайян кардан мумкин аст, ки онҳо барои ноил шудан ба натиҷаи муайяни ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Вобаста ба хусусияти ин амалҳо ва натиҷаи ба дастомада як давра аз давраи дигар фарқ мекунад.

Ҳамзамон, бештари олимон таъкид мекунанд, ки давраҳои раванди қонунгузориро бо пайдарҳамии муқаррарнамудаи меъёрҳои мурофиавӣ ва иваз кардани ҳамдигар амалӣ карда мешаванд. Ин инкишофи мантиқии ҷараёнро таъмин мекунад, барои тадриҷан баррасӣ намудани вазифаҳои дар пеш истода шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳар як давраи алоҳида, ки дар муддати муайян идома меёбад, як давраи мукаммали раванди қонунгузорӣ буда, он бо мустақилияти нисбӣ дорои хусусиятҳои хос мегардад[120].

Давраҳои раванди қонунгузорӣ маҷмӯи муносибатҳо ва амалҳое мебошад, ки дар фаъолияти мақомоти олии намояндагии дорои ҳуқуқи амалӣ намудани ҳокимияти қонунгузориро дошта, татбиқ мегардад. Давраҳои раванди қонунгузорӣ хусусияти ба худ хосро дорад.

Давраҳои раванди қонунгузорӣ дар ҶТ пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 ва ислоҳоти конститутсионии соли 1999, яъне баъди таъсиси думаҷлисаи Маҷлиси Олии ҶТ куллан тағйир ёфта, ин давраҳои раванди ҳуқуқӣ хусусиятҳои хоси худро дорад:

- Ҳар як давраи раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ аз ҳамдигар ҷудо сурат мегирад. Субъектони махсуси худро дорад, ки дар давраҳои гуногуни раванди қонунгузорӣ иштирок менамоянд.

[120] Абрамова А.И. Современный законодательный процесс Российской Федерации: Стадии и проблемы их совершенствования. Журнал российского права. 2007. № 2. – С. - 14.

- Ҳар як давраҳои раванди қонунгузориро субъектони он тибқи муқаррароти Дастури палатаҳо дар баррасӣ ва қабули қонун ба таври ҳатмӣ риоя мекунанд.

- Анҷом ёфтани давраҳои раванди қонунгузорӣ ба Президенти ҶТ алоқамандӣ дорад. Чунки қонун аз ҷониби Президенти ҶТ имзо шуда интишор мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса баровардан мумкин аст, ки қабули қонун аз якчанд давраҳои пай дар пай иборат буда, маҷмӯи онҳоро **"давраҳои раванди қонунгузорӣ"** меноманд.

Аз таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки мафҳумҳои гуногун ва давраҳои зиёди раванди қонунгузорӣ мавҷуданд ва мазмуни онҳо низ ба таври гуногун баррасӣ шудааст.

Дар асоси таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ зикр намудан ҷоиз аст, ки олимон давраҳои гуногуни раванди қонунгузории парлумонро таҳқиқ намудаанд ва мо онҳоро ба ду гурӯҳ **"маҳдуд"** ва **"васеъ"** таснифбандӣ намудем.

Аз ҷумла, Б.А. Страшун[121], Енгибарян[122], Д.Б. Катков, Е.В. Корчиго[123], Г.С. Сапаргалиев[124] давраҳои раванди қонунгузориро ба маънои маҳдуд мефаҳманд. Масалан, И.Х. Саидов[125] давраҳои раванди қонунгузориро аз амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагони парлумони кишвар, қабул ва тасдиқи қонунҳо аз ҷониби палатаи поёнӣ ва болоӣ, тартиби имзо ва интишори қонун иборат буда мефаҳмад.

Олими ӯзбек Х.Т. Одилқориев давраҳои раванди қонунгузориро чунин баён намудааст: а) пешниҳоди лоиҳаи қонун аз тарафи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи қонун дар Палатаи

---

[121] Ҳамон ҷо. Страшун Б.А. – С. -492.
[122] Ҳамон ҷо. Енгибарян Р.В. – С. -312.
[123] Катков Д.Б., Корчиго Е.В. Конституционное право России: Учебное пособие. / Отв. ред. Академик РАЕН Веденеев Ю.А. - М.: Юриспруденция, 2001. – С. - 150.
[124] Сапаргалиев, Г.С. Парламентское право Республики Казахстан. Монография. Астана: ТОО «Институт законодательства РК», 2009. – С. -109-116.
[125] Саидов И.Х. Понятие и классификация стадий законодательного процесса. Законодательство. №2 (26). 2017. Апрель-июнь. – С. -25 – 27.

Қонунгузорӣ баргузор гардида баъдан қабул мешавад; б) қонун аз ҷониби Сенати Парлумони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷонибдорӣ мегардад[126]. Ин андешаи олим ҷанбаи амалӣ дошта, давраҳои раванди қонунгузории парлумонро маҳз аз пешниҳоди лоиҳаи қонун ба назар гирифта, давраҳои раванди қонунгузориро ба ду давраи мустақил ҷудо менамояд.

Ш.С. Давлатова[127] давраҳои раванди қонунгузориро ба маънои таҳияи лоиҳаи қонун, ташаббуси қонунгузорӣ, муҳокимаи лоиҳаи қонун, қабули қонун, интишор ва эътибор пайдо кардани қонун таҳлил мекунад. Дар асоси таҳлилу баррасии ин давраҳо мо чунин мешуморем, ки дар муайян кардани давраҳои раванди қонунгузорӣ аз ҷониби Ш.С. Давлатова чанд нуқтаи баҳсталаб буда ин андешаро тарафдорӣ карда наметавонем.

- Аввало, таҳияи лоиҳаи қонун ҷузъи давраҳои раванди қонунгузорӣ нест. Раванди қонунгузорӣ аз пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оғоз мегардад.

- Ҳамчунин бояд қайд кард, ки омодасозии лоиҳаи қонун дуру дароз низ идома меёбад. Ба таври мисол метавон таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ", 21 майи соли 1998 қабул шударо мисол овард. Фаъолият дар таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур аз соли 2002 оғоз гардида, танҳо пас аз ду сол, яъне соли 2004, баъди омӯхтан, мукаммал ва ислоҳи лоиҳаи қонуни омодашуда Ҳукумати кишвар истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ онро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод намуд[128].

- Сониян, доираи субъектҳои таҳиякунандаи лоиҳаи қонун муайян карда нашудааст ва ин раванд метавонад шахсон ва мақомотеро дарбар

---

[126] Адылкариев Х.Т. Цитата по работе: Тультеева И.Т., Тастанбековой Г.С., Янгибаева А.К. Правотворческая деятельность парламента: содержание и приоритетные направления ее совершенствования. Учебное пособие. - Ташкент, 2016. – С. -15.

[127] Давлатова Ш.С. Общетеоретические основы и особенности реализация законодательной инициативы в Таджикистане. Дисс. ... канд. юрид. наук. - 2015. – С. -89.

[128] Шарипов Т.Ш., Солиев К.С. Закономерность дополнений и изменений в Уголовном кодексе РТ. Государство и право. № 1. 2005. – С. - 77-82.

гирад, ки ҳуқуқи бевоситаи дар кори қонунгузорӣ иштирок карданро надошта бошанд[129].

Сеюм, ҳар ду палатаи Маҷлиси Олӣ лоиҳаи қонунро ба таври алоҳидагӣ баррасӣ намуда қабул ва ҷонибдорӣ мекунанд.

Чорум, пас аз қабули қонун аз тарафи Маҷлиси Олӣ он барои имзо ва интишор ба Президенти ҶТ пешниҳод мешавад. Бе имзои Президенти ҶТ ва интишор қонун қувваи амалро надорад.

Аз ин гуфтаҳо мо чунин натиҷагирӣ намудем. Ин давраҳои раванди қонунгузорӣ аз ҳамдигар тафовут дошта, бояд дар алоҳидагӣ амалӣ гарданд, зеро ки қабули қонун дар Маҷлиси намояндагон дар якчанд давраи раванди қонунгузорӣ сурат мегирад. Қонун метавонад дар қироати якум ё дуюм қабул шавад, ки дар ин маврид оид ба баррасӣ ва тасдиқи қонун дар Маҷлиси миллӣ сухан кардан барвақт мебошад. Ҳангоми баррасии ин масъала ба инобат гирифтани давраҳои раванди қонунгузорӣ муҳим бояд арзёбӣ шавад.

Давраҳои раванди қонунгузорӣ ба мисли ҳама гуна зуҳуроти такроршаванда дорои мафҳуму хусусиятҳо, принсип, давраҳо, субъекту иштирокчиён, инчунин омилҳои дигар аз қабили назорат аз болои қонунияти татбиқи он, баҳодиҳии самара ё натиҷаи ин фаъолият мебошад.

Ҳамин тариқ, қайд намудан лозим аст, ки қабули **Қонун** аз якчанд давраҳои пай дар пай иборат буда, маҷмӯи онҳоро раванди қонунгузорӣ меноманд.

Як қатор олимон А. Имомов[130], Е.И. Козлова[131], Е.В. Шулман[132], В.А. Малко[133] ва О.Г. Овчинникова[134] давраҳои раванди қонунгузориро хеле васеъ тавсиф мекунанд. Зери ин мафҳум тартиби амалигардонии фаъолияти

---

[129] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. - М. 2013. – С. - 207.

[130] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо. - Душанбе: «Офсет Империя». 2017. – С. -584.

[131] Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России - Учебник. - изд. третье перераб. и допол. 2001. – С. - 286.

[132] Шульман Е.В. Законотворчество как политический процесс. Московская школа гражданского просвеще-ния. 2014. – С. - 68.

[133] Малько А.В. Конституционное право зарубежных стран в вопросах и ответах. Учебн. - метод. пособие, /М.: Юристь, 2003. – С. -128.

[134] Овчинникова О.Г., Селянин А.В., Торопов С.В. Конституционное право зарубежных стран. Конспект лекций. Ростов н//Д. «Феникс». 2004. – С. 233.

қонунгузорӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шавандаро чунин муайян менамоянд:

1. Пешниҳоди лоиҳаи қонун, яъне амалӣ гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ.

2. Қабули лоиҳаи қонун ва баррасии он.

3. Баррасии лоиҳаи қонун дар палатаи поёнӣ.

4. Қабули қонун дар палатаи поёнӣ ва пешниҳоди қонун барои ҷонибдорӣ ба палатаи болоии парлумон.

5. Аз тарафи палатаи болоӣ ҷонибдорӣ ва ё рад кардани қонун ва аз тарафи палатаи поёнӣ аз нав қабул ва ё такроран тасдиқ кардани он.

6. Имзо шудани қонун ё баргардонидани он аз ҷониби Президент.

7. Интишори қонун ва мавриди амал қарор гирифтани он.

Ҳамчунин яке аз муҳаққиқони рус Е.М. Ковешников[135]. давраҳои раванди қонунгузориро хеле васеъ тасниф намуда онро ба 9 давра ҷудо кардааст.

Баъзе аз давраҳои раванди қонунгузории ин олимон иброз намуда, давраҳои иловагӣ ва ё ба истилоҳ факултативӣ ба ҳисоб рафта қайд намудан ҷоиз аст, ки на ҳама вақт зарурат барои қабули қонунҳо дар давраҳои иловагӣ ба миён меояд.

Давраҳои иловагӣ низ фарогири якчанд зердавра мебошанд ва бо дарназардошти ин, пайравӣ намудани давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ баҳсталаб ба назар расида дар ин ҷода якчанд нуктаҳоро таҳлил менамоем.

Якум, давраҳои иловагӣ ё факултативии раванди қонунгузорӣ ҳангоми қабули лоиҳаи қонуни ҶТ “Дар бораи Буҷети давлатии ҶТ” ва қонуни ҶТ дар бораи “Авф” татбиқ карда намешаванд ва ин қонунҳо ба Маҷлиси миллӣ барои ҷонибдорӣ пешниҳод намегарданд. Чунки қабули ин қонунҳо танҳо ваколати Маҷлиси намояндагон мебошад.

---

[135] Ковешников Е.М. Конституционное право Российской Федерации. Краткие учебные курсы. М. Норма. 2001. – С. - 146 - 150.

Аз ин рӯ, давраҳои иловагӣ ё факултативии раванди қонунгузорӣ барои қабули қонунҳои мазкур ҳатмӣ шуда наметавонанд.

Дуюм, давраҳои иловагӣ ё факултативӣ дар ҳолатҳое имконпазир ва ё ҳатмӣ мебошанд, ки лоиҳаи қонун дар Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ нашудааст, ё аз ҷониби Президент имзо нашуда ба Маҷлиси намояндагон барои такроран баррасӣ намудан баргардонида шудааст.

Муҳаққиқ М.В. Баглай аз ин гуфтаҳо хулосагирӣ менамояд, ки баъзе давраҳои раванди қонунгузорӣ хусусияти ҳатмиро доро намебошанд[136]. Дар ин маврид андешаи ин олим лоиқи дастгирист.

Ҳамзамон, муҳаққиқ, В.И. Чехарина давраҳои раванди қонунгузориро ба таври дигар номбар мекунад. Ин муҳаққиқ дар ин раванд давраҳои зеринро асосӣ мешуморад: ба муҳокимаи пешакӣ пешниҳод кардани лоиҳаи қонун; баррасии лоиҳаи қонун ва қабули қонунҳои иттифоқӣ; баррасии қонунҳои иттифоқӣ дар Шурои Иттифоқӣ, аз нав дида баромадани қонунҳои иттифоқӣ дар Думаи Давлатӣ, ки Шурои Иттифоқӣ онро баргардонидааст; тартиби аз нав дида баромадани қонунҳои иттифоқӣ, ки аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия баргардонида шудааст; роҳҳои ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи Федератсияи Россия[137].

Мо бо чанд нуқта андешаи В.И. Чехаринаро дастирӣ карда наметавонем. Чунки давраҳои зикршударо бо чанд сабаб наметавон давраҳои асосӣ ҳисоб кард: аввало, ба қатори давраҳои якум В.И. Чехарина:

- Аз нав дида баромадани қонунҳои иттифоқӣ дар Думаи Давлатиро, ки аз ҷониби Шурои иттифоқӣ ё Президенти Федератсияи Россия баргардонида шудаанд” номбар мекунад. Ин давраҳоро наметавон асосӣ ҳисобид, зеро ки такроран баррасӣ ва қабули қонун дар мавридҳое роҳ дода мешавад, ки он аз тарафи Шӯрои Иттифоқӣ ва ё Президент баргардонида шудааст. Бояд қайд намуд, ки ин ҳолат баъзан рух медиҳад.

- Дуюм, дар байни давраҳо, яке аз давраҳои асосии раванди қонунгузорӣ “ба имзорасонии қонуни иттифоқӣ аз ҷониби Президент”

---

[136] Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации: учеб. для вузов. - 6-е изд., изм. и доп. - М.: Норма, 2007. – С. - 526.
[137] Чехарина В.И. Проблемы парламентского права России. – Москва. 1996. – С. - 60.

номбар нашудааст. Зеро пас аз ҷонибдорӣ намудани лоиҳаи қонунҳои иттифоқӣ аз тарафи палатаи болоӣ барои имзо ва интишор ба Президенти ФР пешниҳод карда мешаванд. Ин давраи раванди қонунгузорӣ яке аз давраҳои асосӣ ва ҳатмӣ ҳисобида мешавад. Зеро бидуни ин давраи асосӣ лоиҳаи қонуни иттифоқӣ наметавонад ба қувваи амал дарояд.

- Сеюм ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи Федератсияи Россия давраҳо ва хусусиятҳои хоси худро дошта ба раванди қонунгузории қабули қонунҳои парлумон алоқамандӣ надорад.

Ҳамзамон, баъзе муҳаққиқон ҳар як қироати қонунро ба давраҳои алоҳидаи раванди қонунгузорӣ ҷудо мекунанд, вале ин ба меъёрҳои давраҳои ҷудогонаи раванди қонунгузорӣ мувофиқат намекунад.

Яъне ба назари мо ду қироати қабули қонун дар Маҷлиси намояндагон ин фарогири як давраи раванди қонунгузорӣ мебошад. Барои ин давра мақсад ё вазифаи муҳим ин қабули қонун мебошад, ки дар рафти он муҳокимаи ҳаматарафаи он, ҷамъбасти қабули лоиҳаи қонун ва ғ. таъмин карда мешавад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо чунин мешуморем, ки мавқеъи дар боло зикргардидаи муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба “давраҳои раванди қонунгузорӣ” ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Бинобар ин аз омӯзиши андешаҳои олимони дар боло зикргардида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо “давраҳои раванди қонунгузориро” ба мазмуни васеъ баррасӣ намуда, давраҳои иловагӣ ва ё факултативиро низ ба давраҳои асосии раванди қонунгузорӣ номбар намудаанд.

Давраҳои раванди қонунгузорӣ яке аз равандҳои мураккаби фаъолияти парлумонӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои олимон мо хулосагирӣ намудем, ки таснифоти давраи раванди қонунгузорӣ ба маънои “васеъ”- якчанд ҳолатҳои мураккабро ба миён меорад: Ва ин мавқеи худро бо чанд нуқта асоснок менамоем ва мо наметавонем бо ин таснифбандӣ розӣ шавем:

- Аввалан, набояд, ки давраҳои раванди қонунгузорӣ хеле давраҳои бисёрро дар бар гирифта кори парлумонро мушкил намояд.

- Дувумин, аксарияти давраҳои раванди қонунгузории парлумон аз зердавраҳои раванди қонунгузорӣ иборат аст.

- Севумин, номумкин аст, ҳамаи зердавраҳои раванди қонунгузориро ба давраҳои алоҳида тақсим намоем. Ба ин мисол шуда метавонад, қабули қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон дар ду қироат, қабули қонунҳо дар парлумони Россия дар се хониш сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии давраҳои раванди қонунгузории номбаршуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки таснифоти олимон Р.В. Енгибарян[138], Б.А. Страшун[139], Д.Б. Катков, Е.В. Корчиго[140], Г.С. Сапаргалиев[141] доир ба маънои “маҳдуд”-ро мукаммалтар ҳисобид ва бо дарназардошти ин гуфтаҳо мо ҳам ба мавқеи пешгирифтаи онҳо такя намуда аз дидгоҳи худ давраҳои раванди қонунгузориро чунин муайян намудем:

**Давраи аввали раванди қонунгузорӣ** пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мебошад. Яке аз хусусиятҳои муҳими давраи раванди қонунгузорӣ ин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, яъне аз тарафи субъектон ва мақомоти давлатии ваколатдор, доир ба пешниҳод кардани лоиҳаи қонун ба парлумон мебошанд. Ба амалбарории ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ танҳо аз лаҳзаи пешниҳоди лоиҳаи қонун ба парлумон ба миён меояд.

Аз муқаррароти моддаи 58-и Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тааллуқ дорад.

Мутобиқи қонунгузории кишвар барои бақайдгирии лоиҳаи қонун якчанд талаботҳо муқаррар карда шудааст. Яке аз талаботҳо ин пешниҳоди ҳатмии хулосаи Ҳукумат ба лоиҳаи қонун мебошад. Аммо ин анҷоми кор нест. Ҳукумат ба лоиҳаи қонун хулоса дода, раванди қонунгузориро қатъиян назорат мекунад. Дар ин раванд ҳамфаъолиятии дуҷонибаи шохаи

[138] Ҳамон ҷо. Енгибарян Р.В. – С. - 312.
[139] Ҳамон ҷо. Страшун Б.А. – С. -492.
[140] Катков Д.Б., Корчиго Е.В. Конституционное право России: Учебное пособие. / Отв. ред. Академик РАЕН Веденеев Ю.А. - М.: Юриспруденция, 2001. – С. - 150.
[141] Сапаргалиев, Г.С. Парламентское право Республики Казахстан. Монография. Астана: ТОО «Институт законодательства РК», 2009 – С. 109 - 116.

ҳокимияти давлатиро мушоҳида намудан мумкин аст: қонунро парлумон қабул мекунад ва иҷрои қонун ба зиммаи Ҳукумат гузошта шудааст.

Аммо ин маънои онро надорад, ки мақомоти қонунгузор ӯҳдадор аст, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо бо ҳамон тарзе, ки пешниҳод шудааст қабул намояд. Мавҷудияти чунин вазифа тааррuз ба волоияти ҳокимияти қонунгузор хоҳад буд. Ҳангоми баррасӣ ва қабули лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда аз тарафи мақомоти қонунгузор баррасӣ шуда, он мавриди такмил қарор дода мешавад, он ба шакли расмии қонун мукаммал шуда баъдан вобаста ба он қарор қабул карда мешавад.

**Давраи дуюми раванди қонунгузорӣ** фарогири баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи қонун дар кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон мебошад. Ин давра барои минбаъд баррасӣ ва қабули ниҳоии қонун аҳамияти муҳим дорад. Чунки дар ин давра лоиҳаи қонун дар дастгоҳи ёрирасони мақомоти қонунгузор баррасӣ ва такмил дода мешавад, баъдан онро барои баррасӣ ба рӯзномаи маҷлиси мақомоти қонунгузор дохил менамоянд.

Чунин ба назар мерасад, ки ин давраи раванди қонунгузорӣ мантиқист, зеро пеш аз он, ки лоиҳаи қонун ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагон барои баррасӣ ва қабул пешниҳод шавад, он аз ҷониби кумита ва комиссияҳои масъул ба таври комил таҳия гашта хулоса низ дода мешавад. Дар кумитаи масъул ва гурӯҳҳои корӣ, ҳамчунин вакилоне, ки ба ҳайати кумита дохил нестанд, метавон дохил шуд.

Ҳамчунин субъекти ташаббуси қонунгузорӣ дар кори кумита ва гуруҳҳои корӣ ҳуқуқ дорад бо овози машваратӣ иштирок намояд. Боиси қайд аст, ки дар ин давра лоиҳаи қонунҳои алтернативие, ки ба Маҷлиси намояндагон ворид шудааст, якҷоя бо лоиҳаи қонунҳои асосии мавҷуд буда баррасӣ карда мешаванд.

**Давраи сеюми раванди қонунгузорӣ,** қабули лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон мебошад. Мутобиқи қонунгузории ҶТ лоиҳаи қонун дар қироати якум ва ё дуюм дар Маҷлиси намояндагон қабул мешавад.

Дар натиҷаи татбиқи ин гуфтаҳо лоиҳаи қонун ба санади меъёрии ҳуқуқӣ табдил меёбад. Яъне, боиси қайд аст, ки давраҳои пешин аҳамияти

хеле муҳим дошта, барои қабули қарори ниҳоии давраҳои раванди қонунгузорӣ замина ва шароит фароҳам меорад. Пеш аз, оне, ки лоиҳаи қонун ба қироати дуюм пешниҳод шавад, Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва ё кумитаи масъул лоиҳаи қонунро боиси экспертизаи ҳатмӣ қарор медиҳанд.

Яке аз вижагиҳои хоси ин давра дар он аст, ки пас аз қироати якуми лоиҳаи қонун Маҷлиси намояндагон метавонад онро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд[142]. Ба муҳокимаи умумихалқӣ баровардани лоиҳаи қонун ҳадафҳои худро дорад:

1) иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар амалисозии ҳокимияти давлатӣ;

2) тарзи ҷалб намудани шаҳрвандон ба таҳияи карорҳои самарабахш дар асоси ошкорбаёнӣ;

3) муқоиса ва ба инобат гирифтани афкори мухталиф, роҳи таъмини иштироки васеи шаҳрвандон дар таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳо оид ба масъалаҳои муҳимтарини дорои аҳамияти давлатӣ дошта[143].

Тавассути муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо андешаҳои ҳуқуқии халқи тоҷик дар қонунгузории кишвар мустаҳкам карда мешавад. Он масъалаҳои муҳиме, ки аз тарафи омма маъқул дониста мешавад, дар заминаи муҳокима бо идеяҳои нав, нуқтаҳои муҳим, меъёрҳои пешниҳод намудаи халқ ва аз тарафи мақомоти олии намояндагӣ маъқул донисташуда пурра мегардад.

Муҳаққиқи тоҷик Б.С. Гадоев чунин мешуморад, ки “дар ин давра халқ вазифаи эҷодкунандаи лоиҳаи қонунро иҷро мекунад”[144]. Мақсад аз муҳокимаи умумихалқӣ гирифтани маълумот оид ба иродаи халқ ва ё қисме аз он дар бораи ин раванди ҳуқуқӣ мебошад. Ин муҳокимарониҳо ба таври пурра иродаи халқро оид ба мақомоти давлатӣ ифода нанамояд ҳам, он имкон медиҳад, ки гуногунандешиҳо доир ба моҳияти масъала ошкор карда шавад.

---

[142] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. - 147. – 171 с.

[143] Комарова В.В. Механизм непосредственной демократии современной России (система и процедуры). - М. «Формула права», 2006. – С. - 553.

[144] Гадоев Б.С. Конституционно-правовое регулирование референдума в Республике Таджикистан. Государство и право. № 4. - 2004. – С. -22.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, муҳокимаронихоро наметавон бевосита шакли роҳи ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташуда аз ҷониби халқ ҳисобид. Натиҷаи ин муҳокимаронихо барои мақомоти давлатӣ, ки онҳо ба назар гирифтани таклифоти пешниҳодшударо худ муайян мекунанд, аз нигоҳи ҳуқуқӣ дорои хусусияти ҳатмигиро надорад[145], вале пешниҳод ва эродҳои пешбинигардида оид ба лоиҳаи қонуни мазкур метавонанд аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон ба инобат гирифта шаванд.

Мутаассифона, дар ҶТ оиди тарғиби ба танзим даровардани ин масъала қонуни алоҳида вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, дар ин давраи раванди мураккабнизом омилҳои таъсиррасон зиёд буда, барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти қонунгузорӣ (ба маънои сатҳи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ)[146] роҳҳои самарабахши қонунқабулкуниро бояд татбиқ намуд, ки онҳо фарогири давраҳои раванди қонунгузорӣ низ бошанд.

Дар баробари ин, давраҳои раванди қонунгузориро дар шакли умумӣ метавон ҳамчун маҷмӯи муайяни амалҳои мурофиавӣ муайян кард, ки онҳо барои ноил шудан ба натиҷаи муайяни ҳуқуқӣ[147] мусоидат мекунанд. Вобаста ба хусусияти ин амалҳо ва натиҷаи ба дастомада як давра аз давраи дигар фарқ мекунад.

Давраҳои раванди қонунгузорӣ дар асоси пайдарҳамии муқаррарнамудаи меъёрҳои мурофиавӣ, иваз кардани ҳамдигар амалӣ карда мешаванд. Бо ин васила, ҷараёни мантиқии давраҳои ин раванд таъмин карда мешавад ва барои тадриҷан ҳаллу фасл намудани вазифаҳои мушаххас шароит фароҳам оварда мешавад.

Ҳар як давраи алоҳида, ки он дар мӯҳлати муайян сурат мегирад, давраи мукаммали раванди қонунгузорӣ мебошад.

**Давраи чоруми раванди қонунгузорӣ** аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намудан ва ё ҷонибдорӣ наёфтани лоиҳаи қонуни Маҷлиси

---

[145] Гадоев Б.С. Асари ишорашуда. – С. -2. -3.

[146] Артамонов Н.А. Законотворчество субъектов Российской Федерации: Стадии законодательного процесса. Издательство: Юрист. Москва. 2014 – С. -4.

[147] Абрамова А.И. Современный законодательный процесс Российской Федерации: Стадии и проблемы их совершенствования //Журнал «Российское право». 2007, №2. – С. - 18.

намояндагон қабулнамуда мебошад. Тибқи моддаи 60-и Конститутсия Маҷлиси миллӣ дар баррасӣ ва ҷонибдории қонунҳо иштирок мекунад ва ин палата ҳуқуқи рад кардани баррасии онро надорад.

Аз андешаронихои муҳаққиқони соҳа бармеояд, ки баррасӣ ва қабули лоиҳаи қонун дар парлумони дупалатагӣ аз давраҳои алоҳида ва мустақили давраҳои раванди қонунгузорӣ иборат аст.

**Давраи панҷуми раванди қонунгузорӣ** ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад, ки ин раванд бо имзои қонун аз ҷониби Президенти ҶТ ба анҷом расида ва интишори он ба салоҳияти Президент вобастагӣ дорад. Пас аз интишор қонун қувваи ҳуқуқиро пайдо мекунад. Дар ин давра қайди баъзе ҷанбаҳо зарур мебошад.

Аввалан, хусусияти ин давра дар он аст, ки он фарогири раванди имзои қонун аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, яъне тавассути амалигардонии ин давраҳои раванди қонунгузорӣ, раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ дар ин самт ба охир мерасад.

Дувумин, хусусияти ҷанбаи дигар ин аст, ки аз оғози давраҳои раванди қонунгузорӣ ва то ба қувваи амал даромадани қонун имкони ҳамкории зичи ду шохаи ҳокимияти давлатӣ: Президенти ҶТ ва Маҷлиси Олии ҶТ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, маҳаки фарогири давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ бо маҳаки давраҳои раванди қонунгузории ба таври **“маҳдуд”** пешбинӣ шуда дар он аст, ки онҳо то андозае бо давраҳои раванди қонунгузории ба таври **“васеъ”** иброз намуда шабоҳат доранд, аммо дар баробари ин миёни онҳо тафовут низ ба назар мерасад.

Аввало, ин тафовут дар он аст, ки қонунҳое, ки аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ё Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида ва ё рад шудаанд, давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ мебошанд. Давраҳои иловагӣ низ аз якчанд зердавраҳо иборатанд.

Дуюм, ба қувваи амал даромадани қонун дигар дар салоҳияти парлумон нест. Ба қувваи амал даромадани қонун амали қонунро ифода

мекунад ва он метавонад якчанд тавсият дошта бошад ва дар зербобҳои дигари рисола оид ба ин масъала муфассал суханронӣ хоҳем кард.

Ҳамин тариқ дар фарҷоми таҳлилҳо қайд намудан ҷоиз аст, ки давраҳои раванди қонунгузорӣ низоми мураккаби тартиби ташкилӣ буда, натиҷаи он қабули Қонун мебошад.

Ҳамин тариқ, мо ба чунин натиҷа омадем, ки давраҳои раванди қонунгузорӣ маҷмӯи расмиёте мебошанд, ки давраҳои нисбатан мукаммалро ташкил дода, мазмуни ҳар кадоми онҳо тавре танзим мешавад ва танҳо иҷрои қисматҳои он имкони ба давраҳои дигари раванди қонунгузорӣ гузаштанро фароҳам меорад[148].

Ҳар як давраи раванди қонунгузорӣ ҳадаф ва хусусиятҳои хоси худро дошта, таснифот ва баррасии он таҳқиқоти мукаммалро тақозо мекунад.

Ба таври амалӣ ҳамаи ин давраҳои раванди қонунгузорӣ, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ ба амал баровcarда мешавад, дар Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва ба таври васеъ дар Дастури Маҷлиси намояндагон ва Дастури Маҷлиси миллӣ муқаррар карда шудааст.

Давраҳои раванди қонунгузорӣ кафолатдиҳандаи демократиконии раванди қонунгузорӣ мебошад (ин раванд тавассути танзими расмиёти раванди қонунгузорӣ ва бозгӯии фаъолияти субъектҳои он амалӣ карда мешавад); баъдан, сифати қонунҳои қабулшуда тибқи техникаи қонунгузории лоиҳаи қонун дар ҳамаи давраҳои раванди қонунгузорӣ танзими дурусти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Ҳамин тариқ, аз нуктаҳои зикршуда мо чунин хулосагирӣ намудем:

-давраҳои раванди қонунгузорӣ яке аз ҷузъҳои таркибии мақомоти парлумон буда, ҷанбаи мурофиавии ин падидаро инъикос менамояд. Дар ин асос хусусиятҳои умумии давраҳои раванди қонунгузорӣ бояд ба таври зайл қайд карда шаванд:

---

[148] Гузнов А.Г., Кененов А.Г., Рождественская Т.Э. Современный законодательный процесс: Основные институты понятия – Смоленск. ТРАСТ- ИМАКОМ. 1995. – С. - 92.

- он аз якчанд давраҳои асосӣ иборат буда, пай дар пай ва ҳатми будани онҳоро тақозо мекунад, чун қоида, дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии дар асоси онҳо қабулшуда муқаррар карда мешаванд;

- аз ҷониби субъектҳои махсус амалӣ карда мешавад;

- натиҷаи ин давраҳои раванди қонунгузорӣ қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ-**Қонун** мебошад, ки дорои эътибори олии ҳуқуқӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки мақсади давраҳои раванди қонунгузорӣ аз он иборат аст, ки қабули қонун бояд давра ба давра паи ҳам бо асоснок намудан, таҳлил, омӯхтан ва баррасии лоиҳаи қонун, бо риоя намудани расмиёти муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар амалӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло натиҷагирӣ намуда, хусусиятҳои давраи раванди қонунгузориро ба таври зайл метавон ифода кард:

1) ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар давраҳои раванди қонунгузорӣ алоҳида иҷро мешаванд;

2) мавҷуд будани субъектҳои хос мутааллиқ ба ин давраҳои раванди қонунгузорӣ, ки иштирокчиёни асосӣ ва ҳатмии давраҳои раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб мераванд;

3) дар давраҳои раванди қонунгузорӣ талабот аз ҷиҳати мазмун барои субъектҳои дорои уҳдадориҳо ё ҳуқуқҳои муайян равшан буда онро қонунгузории ҷорӣ муқаррар намудааст;

5) ҳамзамон иҷрои вазифаҳо бояд дар асоси принсипҳои конститутсионӣ, бо риояи меъёрҳои конститутсионӣ ва дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда сурат гирад.

**Бо муайян намудани давраҳои раванди қонунгузорӣ зарурати муайян намудани давраҳои ибтидоии раванди қонунгузориро баён намоем. Аз ин лиҳоз мо онҳоро ба ду гурӯҳ тасниф мекунем.**

Ба гурӯҳи якум муҳаққиқон А.Г. Гузнов, А.А. Кененов ва Т.Е. Рождественская омодасозии лоиҳаи қонунро ҷузъи давраи раванди

қонунгузорӣ номида, онро ба давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ мансуб медонанд[149].

Ҳамзамон, ба андешаи В.М. Платонов ва Ю.А. Тихомиров давраҳои раванди қонунгузорӣ омилҳоеро чун банақшагирӣ, омӯзиш ва таҳлили зуҳуроти ҷомеа, муайян намудани зарурати танзими ҳуқуқӣ; муайян намудани мақомоти ваколатдори қабули санадҳои ҳуқуқӣ, қабули қарор дар бораи омода намудани лоиҳаи қонун; таҳияи консепсия; идеяи қонуни оянда аз ҷониби таҳиякунанда ё гурӯҳи кории таҳия намудани лоиҳаи қонун, муҳокимаи он, баррасии расмии консепсияи лоиҳаи қонун бо риояи тартиботи дахлдор муҳим шуморида, ба давраҳои раванди қонунгузорӣ марбут медонанд[150].

Ҳамзамон олимон қайд менамоянд, ки пеш аз таҳияи лоиҳаи қонун зарурати воқеии танзими ҳуқуқии баъзе муносибатҳои ҷамъиятиро муайян бояд кард. Барои ин зарурат пеш меояд, то гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ, машваратҳо бо мутахассисон ва коршиносоне, ки бояд талаботи лоиҳаи қонунро риоя кунанд, роҳандозӣ шаванд.

Роҳандозии ин фаъолият вақти зиёд ва сарбории иловагиро талаб мекунад. Аммо аз ин гуна хароҷотҳои асоснок набояд дурӣ ҷуст, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки дар асоси маълумоти объективӣ ва раванди корӣ, инчунин бо дарназардошти андешаҳои мусоҳибон ва шахсоне, ки мониторинг гузаронидаанд, қарор қабул карда шаванд. Ин амал дар навбати худ сифати мониторингро беҳтар мекунад, дар такмили лоиҳаи қонун замина фароҳам оварда, ба танзимоти муқаррароти мавҷуда мусоидат менамояд.

Ин андешаронии ҳои олимон, доир ба давраҳои ибтидоии раванди қонунгузорӣ марбут буда баҳснок ба назар мерасад.

Ва вобаста ба ин чанд нуктаро асоснок менамоем:

Якум, банақшагирӣ, омӯзиш, гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ, баррасии расмии консепсияи лоиҳаи қонун танҳо

[149] Гузнов А.Г., Кененов А.А., Рождественская Т.Э. Современный законодательный процесс: Основные институты и понятия. - Смоленск: ТРАСТ - ИМАКОМ, 1995. – С. -3.
[150] Вихарев А.А. Совет Федерации Федерального Собрания Российской Федерации. Вопросы конституционной теории и практики. Дисс. ... канд. юрид. наук. Екатеринбург. - 2000. – С. - 110.

ҳамчун асос барои таҳияи лоиҳаи қонун ва минбаъд ҳамчун қабули қонун хизмат мекунад.

Дуюм, амалҳое, ки дар ин давра анҷом дода мешаванд, чӣ аз ҷиҳати хусусият ва чӣ аз ҷиҳати шакли татбиқи онҳо аз амалҳое, ки давраҳои раванди қонунгузорӣ номида мешавад фарқ мекунанд[151]. Ҷиҳати фарққунандааш дар он аст, ки ин омода намудани лоиҳаи қонунро дар назар дорад.

Сеюм, ҷараёни таҳияи лоиҳаи қонун мафҳуми "давраҳои раванди қонунгузори" - ро пурра фаро намегирад, зеро ки таҳияи лоиҳаи қонун на ҳамеша дар доираи парлумон сурат мегирад. Андешаҳои иброз намудаи В.М. Платонов ва Ю.А. Тихомиров ба давраҳои ибтидоии раванди қонунгузории парлумони Ҷумҳурии Беларус мувофиқат мекунад.

Ба гурӯҳи дуюми давраҳои ибтидоии раванди қонунгузорӣ пешниҳоди олими ватанӣ Р.Ш. Сотиволдиев ба таври зайл арзёбӣ шудааст:

- амали гардонидани ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ;
- муҳокимаи лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон;
- қабули қонун дар Маҷлиси намояндагон;
- ҷонибдории қонун дар Маҷлиси миллӣ;
- имзои қонун аз ҷониби Президенти ҶТ ва интишори расмии қонунҳо, ки бо давраҳои раванди қонунгузорӣ алоқаманд мебошад, дар бар мегирад[152].

Ҳамин тариқ, дар адабиёти илмӣ "барои дарки давраҳои ибтидоии раванди қонунгузорӣ ва унсурҳои сохтории он усулҳои гуногунро мансуб медонанд"[153].

Дар асоси таҳлилҳои ба миён омада, ба андешаи мо давраҳои ибтидоии раванди қонунгузорие, ки аз тарафи Р.Ш. Сотиволдиев иброз шударо тарафдорӣ намуда чанд нуктаро қайд менамоем.

---

[151] Абрамова А.И. Понятие и формы осуществления законодательной инициативы. Проблемы законотворчества Российской Федерации. Труды 53. М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения, 1993. – С. -120.

[152] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. Душанбе. «Империал-Групп». 2014 с. - С. - 998.

[153] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. - М. 2013. – С. -207.

Аввалан, давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ аз пешниҳоди лоиҳаи қонун ба мақомоти қонунгузор оғоз мешавад, ки он маънои татбиқи “ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ” - ро ифода менамояд.

Дувумин, маҳз аз ҳамин давра раванди қонунгузорӣ оғоз мешавад, зеро бидуни пешниҳод намудани лоиҳаи қонун амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва баъдан қабули қонун ғайриимкон аст.

Ва севумин, давраҳои раванди қонунгузорӣ, аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба миён меояд.

Давраҳои раванди қонунгузорӣ ба мисли ҳама гуна зуҳуроти такроршаванда дорои мафҳуму хусусиятҳо, принсип, давраҳо, субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, иштирокчиён, инчунин омилҳои дигарро дорост.

Ҳамзамон олими тоҷик А. Имомов низ давраи ибтидоии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ-ро аз амалӣ гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки аз пешниҳоди лоиҳаи қонун барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон ба миён меояд, муайян намудааст[154].

Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ давраи ибтидоӣ ва ҳатмии раванди қонунгузорӣ мебошад. Аммо бо вуҷуди ин ҳама ҳамрайъиҳо дар байни онҳое, ки давраи ташаббуси қонунгузориро давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ эътироф мекунанд, дар мавриди мазмун ва ҳудуди ҳамон давра ихтилофҳо низ вуҷуд доранд. Ин ихтилофҳоро ба таври саволгузорӣ метавон арзёбӣ намуд: оё ин раванд воқеан аз пешниҳоди лоиҳаи қонун оғоз мешавад ва ё он фарогири давраҳои муҳокимаи пешакии лоиҳаи қонун мебошад?

Баъдан, ибрози дигари ин ақидаҳо дар он аст, ки давраҳои раванди қонунгузорӣ аз ворид кардани лоиҳаи қонун ба рӯзномаи ҷасала оғоз мешавад. Дар ин ҷода татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳамчун давра умуман аз раванди қонунгузорӣ берун карда шудааст.

Ба хулосае омадан, мумкин аст, ки ба таври мантиқӣ инкишофи давраҳои раванди қонунгузорӣ давраҳои қабули қонунро тавре амалӣ

---

[154] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо. - Душанбе: «Офсет Империя». 2017. – С. -584.

менамояд, ки иҷрои мақсадҳои дар пеш гузошташудаи як давра барои татбиқи мақсади давраи минбаъдаи раванди қонунгузорӣ замина ба вуҷуд меорад.

Натиҷаи давраи ташаббуси қонунгузорӣ заминаи асосии оғози давраи навбатии раванди қонунгузорӣ, мақсади он омодагии вакилони парлумон барои баррасии лоиҳаи қонун, бо дарназардошти иродаи аъзоёни парлумон доир ба ташаббуси қонунгузорӣ мебошад.

Маҳз натиҷаи давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ барои оғози давраи баррасии лоиҳаи қонун аз ҷониби парлумон дар қироати якум замина фароҳам оварда, яъне дар ин асос иродаи аъзоёни парлумон оид ба қонуни пешниҳодшуда ифода мегардад.

Меъёри самаранокии давраҳои раванди қонунгузорӣ ин қабули қонунҳои муҳим мебошад, ки воқеан рушд ва таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳалли масъалаҳои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоиро таъмин мекунанд[155].

Ҳамин тариқ, мақсади таҳлили ин зербанд бо дарназардошти гуфтаҳо ва таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқи-конститутсионӣ таснифи давраҳои раванди қонунгузорӣ дар он аст, ки дар ин ҷода муайян карда шудааст, ки ҳамаи ин давраҳо дар якҷоягӣ раванди қабули қонунро ташкил медиҳанд.

Ба ин тарз, давраҳои раванди қонунгузорӣ метавонад аз панҷ ё шаш давра иборат буда, баъзе давраҳо аз зердавраҳо иборат мебошад. Ва ҳамзамон мақсади таҳлили давраҳои раванди қонунгузорӣ низ муайян карда шуд, ки давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ аз “пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оғоз мегардад”.

### 1.3. Принсипҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ ва кафолатҳои татбиқи онҳо

Бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар марҳилаи кунунии рушди давлати тоҷикон бидуни ташаккули як низоми мукаммали санадҳои меъёрии

[155] Бошно С.В. Законодательная инициатива в Государственной Думе Федерального Собрания Российской Федерации. М., 1997. Дисс. ... канд. юрид. наук: - М., 1997. – С. -100.

ҳуқуқӣ, ки дар заминаи принсипҳои муайян таҳия шудаанд, ғайриимкон мебошад.

Ба ақидаи С.С. Алексеев мафҳуми принсипҳо ин ифодаёбии зинаи ибтидоии меъёрҳои аслии раҳнамо дар қонун буда, тавсифкунандаи мазмуну асосҳои он мебошад, ки ҷанбаҳои қонунии ҳаёти ҷамъиятиро фарогир аст[156].

Дар адабиёти илмӣ принсипҳо ҳамчун инъикоси воқеияти конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, ин мафҳуми ҳуқуқӣ дар амалия санҷида мешавад ва шарҳи илмӣ пайдо мекунад, ҳамзамон баъзан он ҳамчун қарори муайяни идеали ҳуқуқи-конститутсионӣ қабул карда мешавад, ки бо истифода аз воситаҳои ҳуқуқӣ ба даст оварда мешавад[157].

А.Р. Нематов принсипҳоро ҳамчун маҷмӯи идеяҳои пешбаранда, ақида ва асосҳои фарогирандаи тамоми низоми ҳуқуқии ҷомеа заминаҳои асосии шуури ҳуқуқиро ташкилдиҳанда марбут медонад. Онҳо бо дарназардошти фарогирии идеяҳои мустақил ва арзишҳои хос дар сатҳи танзими меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ мавқеи муҳимро касб менамоянд[158].

Ю.Е. Ширяев бошад бар он андешааст, ки "пайравӣ ба принсипҳо ба пешгирии саҳвкориҳо дар қонунгузорӣ мусоидат мекунад, эҳтимоли эҷоди меъёрҳои ҳуқуқии бесамарро коҳиш медиҳад ва дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ замина ба миён меорад. Илова бар ин, принсипҳо имкон медиҳанд, ки танзими ҳуқуқӣ ба таври илмӣ асоснок гардад ва самаранокии он ба таври назаррас афзоиш ёбад"[159].

Ҳамин тариқ, принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар баробари меъёри ҳуқуқ танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, он ҳамбастагии ҳамаи сатҳ, шакл ва навъҳои муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин менамоянд. Принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ шакли мутамарказии маҷмӯи хусусиятҳои муҳим ва бонизоми як қатор меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ мебошанд.

---

[156] Алексеев С.С. Теория права. - М.: Издательство БЕК; 1994. – С. - 130.
[157] Богданова Н.А. Система науки конституционного права. Дисс. ... д-ра юрид. наук. - М., 2001. – С. - 188-189.
[158] Нематов А.Р. Правотворчество в РТ: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. ... д-ра юрид. наук – . Д. 2013 – С. - 59.
[159] Ширяев Ю.Е. Федеральный законотворческий процесс: Конституционно-правовой анализ. Дисс. ... д-ра юрид. наук. СПб., 2006. – С. - 56.

Аз таҳлили фаъолияти қонунгузории муосир дар ҶТ бармеояд, ки айни замон раванди қонунгузорӣ як раванди мураккаби ташкили буда, он ба таври муфассал ва ба таври кофӣ расмиёти танзимшавандаро дорост. Натиҷаи ҳуқуқии чунин раванд барои шахс, ҷомеа ва умуман давлат, аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти танзими меъёрии мукаммали давраҳо, субъектҳо, марҳилаҳо ва тартиби қонунгузорӣ принсипҳои конститутсионӣ дар раванди қонунгузорӣ нақши муҳим доранд.

Принсипҳои конститутсионӣ рушди раванди қонунгузорӣ ва фаъолияти қонунгузориро пешакӣ муайян намуда, таҷрибаи рушди давлатдориро ба таври умумӣ дар худ инъикос менамояд, ба такмили низоми ҳуқуқӣ таъсири бевосита мерасонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши принсипҳо дар раванди қонунгузорӣ аз вазифаҳои мубрам ба шумор рафта, дар ин замина робитаи татбиқи амалии принсипҳои ҳуқуқ дар қонунгузорӣ ва ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ эҷоди қонунгузории самарабахш муайян карда мешавад. Дар замони муосир таърифи мафҳуми принсипҳои конститутсионӣ вобаста ба васеъ шудани соҳа ва низоми фаъолияти қонунгузорӣ бояд танҳо дар чорчӯбаи волоияти қонун ва баробарии ҳуқуқҳои ҳамаи субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ арзёбӣ гардад.

Аз ин лиҳоз ба андешаи мо, ҳоло принсипҳои конститутсионӣ на танҳо ҳамчун принсипҳои раванди қонунгузорӣ, балки ҳамчун муқаррароти асосии ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи ҶТ оид ба ташкил, фаъолият ва раванди қонунгузории мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор ифода ёфтаанд, амал намуда, он хусусияти демократии қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ-Қонунро ҳамчун шакли фаъолияти давлатӣ инъикос менамояд.

Ин принсипи раванди қонунгузорӣ таҳти таъсири як қатор омилҳои муҳим сурат мегирад, ки он заминаи нави ҳуқуқии фаъолияти мақомоти қонунгузорро дар марҳилаи муосир ба вуҷуд меорад. Ба он омилҳо ва тағйиротҳои муҳими таърихӣ қабули Конститутсияи ҶТ 6 ноябри соли 1994-ум, “Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” аз 27 июни 1997, ислоҳоти конститутсионии соли 1999, ки сохтори дупалатагии парлумонро ба миён овард, ислоҳоти конститутсионии

солҳои 2003 ва 2016, қабули як қатор консепсияҳо ва барномаҳо, аз ҷумла Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ[160], Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028[161] ва ғ. мисол шуда метавонанд.

Бо дарназардошти ин, зарурати таҳлили принсипҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ, ки ҳамчун талаботи умумии сиёсию ҳуқуқӣ, ифодакунандаи ҳокимияти давлатӣ-халқи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта вобастагӣ дорад, пеш меояд. Аммо масъалаи омӯзиши принсипҳои ташкил ва фаъолияти раванди қонунгузорӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ камтар таҳқиқ карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, мафҳуми принсип ҳамчун ҷавҳар, дар ин раванди қонунгузорӣ, маънои онро дорад, ки на ҳамаи меъёрҳо ва раванди қонунгузорӣ ба сифати он амал карда метавонад. Принсипҳои марбут ба раванди қонунгузорӣ он қоидаҳо ва меъёрҳоеро фаро мегиранд, ки ҷанбаҳои ҳаётан муҳим ва зарурии онҳо, аз ҷумла асосҳои объективӣ ва субъективиро танзим мекунанд. Принсипҳои раванди қонунгузорӣ бо сабабҳои зерини объективӣ таҷассум меёбад:

- принсипҳои хокимияти қонунгузорӣ, ки муҳимтарин шакли зуҳуроти сиёсати қонунқабулкунӣ буда, дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос буда, омили ташаккули сиёсати раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ мебошад;

- принсипҳо асоси раванди қонунгузориро ташкил намуда, дар баробари он ба инъикоси ҳамаи паҳлӯҳои он вобаста ба хусусияти муҳокимаи дастаҷамъона, тартиби қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ то ба мазмун ва татбиқи онҳо нигаронида шудаанд.

Таҳлили адабиёти соҳавӣ дар ин ҷода номукаммалии равишҳоро дар муайян намудани принсипҳои конститутсионии раванди қонунгузорӣ нишон медиҳад.

---

[160] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи қабули Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011., № 1021.
[161] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи қабули Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018., № 1005. Махзани иттилоотӣ.

Ба таври мисол, ҳуқуқшиноси тоҷик А. Имомов бар он андеша аст, ки "принсипҳое, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ муқаррар шудаанд, замина ва ё асоси татбиқи раванди парлумонӣ, тартиб, истеҳсолот ва ҳатто техникаи қонунгузорӣ мебошанд баромад мекунанд"[162].

Олими рус Е.А. Пискунова ақидаи худро ба таври зайл пешниҳод менамояд: "принсипҳои раванди қонунгузорӣ бояд дар тамоми раванди қабули қонунҳо нақши ҳамоҳангсозро бозанд"[163].

Олими дигар Ж.П. Ворсова принсипҳои конститутсионии раванди қонунгузориро ҳамчун заминаи боэътимоди устувор ва муназзам меҳисобад, ки он хусусияти бунёдиро дорост[164].

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон натиҷагирӣ кард, ки принсипҳои ташкили раванди қонунгузорӣ дар татбиқи самараноки фаъолияти мақомоти қонунгузор нақши муҳим доранд.

Дар асоси ин гуфтаҳо як қатор принсипҳоро метавон номбар кард, ки онҳо танҳо ба раванди қонунгузорӣ хос мебошанд.

Якум, принсипҳои раванди қонунгузорӣ дар маҷмӯъ як низоми ҳуқуқии пайвастаро ташкил медиҳанд, онҳо аз рӯйи моҳият ва ҳадафи худ ягона ва бо ҳам алоқаманд буда: вайрон кардани як принсип, чун қоида, боиси вайрон шудани принсипҳои дигар мегардад.

Дуюм, принсипҳо хусусияти объективӣ доранд, зеро онҳо ба қонунияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсии инкишофи ҷомеа вобастагӣ доранд, дар онҳо афкори ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, идеяҳои сиёсии дар ҷомеаи муайян ва кишвар ҳукмфармо мебошанд.

Сеюм, принсипҳо бояд ҳатман дар қонун муқаррар карда шаванд, яъне онҳо дорои хусусияти меъёрӣ бошанд.

Чорум, принсипҳо хусусияти умумиҳатмӣ ва ҳукмфармоёна доранд, яъне онҳо дорои хусусияти императивӣ мебошанд.

---

[162] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права РТ. Монография. «Сифат - Офсет». Душанбе. - 2020. – С. - 78.
[163] Пискунова Е.А. Законодательный процесс в субъектах РФ. М. Юриспруденция. - 2017 г. – С. - 26.
[164] Ворсова Ж.П. К вопросу о принципах законотворчества. Конституционное и муниципальное право. Москва. - 2008. № 12. – С. 15-18.

Ҳар як принсипи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки дар раванди қонунгузорӣ ба таври комплексӣ амал мекунад, мақсади муайяни худро дорад. Ин ҳадаф аз зуҳури ташаббуси қонунгузорӣ, баррасӣ ва муҳокимаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми сиёсӣ ва иқтисодии давлат, ҳуқуқу манфиатҳои шахс ва дигар арзишҳои дар принсипҳо ҷойгиршуда иборат мебошад. Дар ин асос, принсипҳо дорои мазмуни амиқ ва нақши танзимкунандаву созанда буда, онҳо доираи васеи амалкардро дар фаъолияти ҳокимияти қонунгузорӣ доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ муаллифони зиёде бо баррасии ҳамаҷонибаи табиати ҳуқуқии принсипҳои раванди қонунгузорӣ онҳоро вобаста ба моҳияти илмиашон ба гурӯҳҳои гуногун тақсим кардаанд.

Дар ин самт муҳаққиқ И.В. Кузнетсова[165] таъкид мекунад, "аҳамияти ҳар гуна таснифот (объектҳо, падидаҳо, институтҳои ҳуқуқӣ ва ғ.) ба зарурати донистани хусусиятҳои сохтории объекти таҳқиқшаванда вобаста аст, ки онро танҳо тавассути донишҳои мавҷуда метавон таҳқиқ кард, зеро он тавре ташкил карда шудааст, ки сохтори он ба сохтори объект бояд мувофиқат кунад".

Ба ақидаи олими дигар Е.А. Пискунова[166] дар раванди қонунгузорӣ бояд чунин принсипҳо ба инобат гирифта шаванд:

- принсипҳои умумӣ, ки иборат аст аз қонуният, риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, демократӣ, ошкорбаёнӣ, гуногунандешии сиёсӣ, федерализм, волоияти қонунгузории иттифоқӣ;

- принсипҳои махсус: истифодаи таҷрибаи ҳуқуқӣ, принсипи алоқамандӣ бо амалия, хусусияти илмӣ;

- принсипҳои ташкили кори мақомоти қонунбарор (намояндагӣ): машваратӣ, ин омил ба иродаи халқ ва ё фаъолияти парлумон вобастагӣ дошта амалӣ гардонидани вазифаи қонунгузорӣ, шаклу усулҳои алоҳида ва услуби кор, мавҷуд будани расмиёти махсуси парлумоние, ки бояд дар рафти фаъолияти парлумон ба таври қатъӣ риоя карда шаванд.

---

[165] Кузнецова И.В. Структура научной теории и структура объекта. Вопросы философии. - 1968. - № 5. – С. - 75.

[166] Пискунова Е.А. Законодательный процесс в субъектах Российской Федерации. Монография. Москва. Юриспруденция. - 2017. – С. -29.

Андешаи Г.А. Мартянов дар ин ҷода дигаргуна ба назар мерасад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки принсипҳои раванди қонунгузорӣ ба принсипҳои қонунбарории иттифоқӣ ва ҳудудӣ[167]тақсим карда шаванд.

Дар ин маврид мавқеи А.А. Кененов ва Г.Т. Чернобел[168] лоиқи дастгирӣ мебошад, ки онҳо принсипҳои асосии раванди қонунгузориро ба таври зайл муайян мекунанд:

- принсипи инъикоси зарурии талаботи меъёрию ҳуқуқӣ (ҳар як меъёри ҳуқуқӣ бояд заминаи мантиқии худро дошта бошад, мазмуни онро қонунҳои инкишофи ҷомеа, талаботи воқеии он муайян мекунанд);

- принсипи консептуалӣ (забони қонун ягона воситаи ифодаи андешаи қонунгузор ва тафаккури қонунгузорӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ мебошад);

- принсипи мувозинати моделӣ. Ин мафҳуми ҳуқуқӣ чун қоида дар моҳияти таркибҳои "иҷозат дода шудан", "ҳатмӣ будан" ("ҳатмият"), "манъ карда шудан" (самаранокии фаъолияти чунин муносибатҳо дар низоми татбиқи онҳо, яъне дар муносибатҳои гуногун бо ҳамдигар мувофиқат намудани онҳо, муайян карда мешавад), ифода меёбад.

Олимони рус Н.Г. Храмсова[169] ва Е.Б. Абрамова[170] принсипҳои раванди қонунгузориро дар қонуният, баррасии дастаҷамъонаи масъалаҳо дар раванди қонунгузорӣ, тартиботи қонунбарорӣ, раванди демократикунонӣ, ошкорбаёнӣ, самаранокӣ, афзалият, волоияти қонун, озодиҳои инсон дар муҳокимаи хусусияти эҷоди лоиҳаи қонунҳо мебинанд.

Ба андешаи ин муҳаққиқон, дар зери мафҳуми хусусияти эҷодии муҳокима ташаббус ва фаъолияти иштироккунандагони он ифода мегардад. Тибқи ин принсип ба ҳамаи иштироккунандагони муҳокимаи лоиҳаи қонун чунин маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст, ки онҳо ҳангоми муҳокимаи ин ё он лоиҳаи қонун мавқеи худро дар мулоҳизаронихои гуногун

---

[167] Мартьянов Г.А. Теория и методика оптимизации участия законодательных (представительных) органов государственной власти субъектов Российской Федерации в федеральном законотворческом процессе: Автореф. канд. юрид. наук. СПб., 2010. – С. - 167.

[168] Кененов А.А., Чернобель Г.Т. Логические основы законотворческого процесса. Правоведения. 1991. № 6. – С. - 71.

[169] Храмцова Н.Г. Принципы правотворчества в правовом дискурсе. – Юридический журнал. – М, 2009. – С. 2.

[170] Абрамова А.И. Современный законодательный процесс Российской Федерации: стадии и проблемы их совершенствования. Журнал рос. права. – 2007. – № 2. – С. -14- 23.

муайян мекунанд. Муҳокимаи фаъол ва баҳсҳои асоснок имкон медиҳад, ки андешаи ҳар як шахсе, ки дар ин раванд иштирок мекунад, муайян карда шавад ва он ба таҳкими мафҳуми “воқеияти қонунгузорӣ” мусоидат намояд.

В.Г. Ткаченко[171] дар баробари мафҳумҳои демократия ва қонуният принсипи раванди қонунгузориро бо мафҳуми “пай дар пайӣ” пурра мекунад.

Аз андешарониҳои олимон ба хулосае омадем, ки ҳамаи принсипҳо дар ташкил ва роҳандозии раванди қонунгузорӣ хусусиятҳои хос доранд.

Яке аз намудҳои маъмултарини таснифот дар адабиёти ҳуқуқӣ тақсимоти принсипҳо вобаста ба объекти танзими ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, мо онҳоро ба ду гурӯҳ чудо мекунем.

**Ба гурӯҳи якум, принсипҳое,** ки ташкили мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор, принсипҳои дараҷаи касбият ва принсипҳои мустақилияти аъзои парлумонро муайян менамоянд дохил мешаванд.

**Ба гурӯҳи дуюм принсипҳое,** ки тамоми фаъолияти амалисозии татбиқи раванди қонунгузории Маҷлиси Олиро муайян мекунанд, дохил мешаванд.

Барои равшанӣ андохтан ба моҳияти илмии ин мафҳумҳо зарурати баррасии принсипҳои гурӯҳи якум пеш меояд, ки онҳо ҳамчун принсипҳои ташкилии раванди қонунгузорӣ таъйин карда мешаванд.

**Принсипи конститутсионӣ.** Ташкили Маҷлиси Олӣ дар асоси принсипҳои конститутсионӣ ва қонунҳои конститутсионӣ, ба роҳ монда шудааст, ки яке аз талаботи асосӣ ва мазмуни ҳамин принсипро ифода мекунад. Табиати махсуси ҳуқуқӣ, вазифа ва хусусиятҳои ҳуқуқии Конститутсия ҳамчун қонуни асосии кишвар модели парлумон, принсипҳои ҳуқуқӣ, функсионалӣ ва ташкилии онро муқаррар намуда, ҳамчунин ваколати мандати озоди вакилони парлумонро кафолат медиҳад.

Дар боби 3-и Конститутсияи ҶТ принсипи конститутсионӣ ифода ёфта, он танзими минбаъдаи худро дар қонунҳои конститутсионӣ пайдо мекунад[172]. Мазмуни принсипи конститутсионӣ дар ду ҷанба ифода ёфтааст:

---

[171] Ткаченво В.Г. Методологические вопросы теории правоотношения. Под общей ред. О.В. Мартышина. М., 2010. – С. -45.

[172] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” аз 19 апрели соли 2000. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.)

- аввалан, Конститутсия ҳокимияти қонунгузор, ҳамчунин тартиби ташкили мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорро муқаррар мекунад;

- сониян, ваколат, фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олиро муқаррар менамояд.

**Принсипи мустақилияти ҳокимияти қонунгузор** аз мазмуни моддаи 9-и Конститутсия бармеояд, ки тибқи он вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ ҳангоми амалигардонии ваколатҳои худ набояд бахшҳои дигари ҳокимиятро иваз кунанд. Аз ин бармеояд, ки онҳо ҳамчун механизми самарабахши қонунқабулкунанда ва батанзимдорорандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунанд. Вале бояд гуфт, ки ин мақсад танҳо дар сурати мустақил ва дастаҷамъонаи ҳокимияти қонунгузор ба даст оварда мешавад.

Инчунин, бояд зикр кард, ки мустақилияти ҳокимияти қонунгузор дар он ифода меёбад, ки ҳеҷ кас доираи ваколатҳои онро, ки дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар муқаррар намударо, маҳдуд карда наметавонад.

Ба ақидаи мо мустақилият ҳамчун принсип мақом ва мавқеи баробарии ҳар ду Маҷлиси Олиро дар назар дорад.

Ҳамин тавр, принсипи мустақилияти парлумон мавқеи қонунгузорро дар низоми таҷзияи ҳокимият муайян мекунад.

**Принсипи соҳибихтиёр** будани парлумон ба принсипи мустақил будани вакили Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллӣ алоқамандии бевосита дорад. Ин нуктаро муҳаққиқ Н.М. Чепурнова[173] чунин ифода менамояд: "принсипи соҳибихтиёрии парлумон аз мазмуни умумии конститутсионӣ дар хусуси мустақилияти ҳокимияти қонунбарор бармеояд".

Мазмуни ин принсип дар моддаи 7-уми Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ" ифода ёфтааст. Аз моддаи мазкур бармеояд, ки узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, новобаста аз

[173] Чепурнова Н.М., Филипова А.В. Муниципальное право Российской Федерации: учебно-практическое пособие. Международный консорциум «Электронный университет» Московский государственный университет экономики, статистики и информатики, Евразийский открытый институт. – Москва: Изд. центр ЕАОИ, 2011. – С. - 230.

იродаи интихобкунандагон ҳуқуқи озодона баён кардани фикри худро доранд ва вобаста ба раъйи худ овоз медиҳанд.

Ин маънои онро дорад, ки мақомоти парлумон ҳангоми пешбурди фаъолияти қонунгузорӣ мустақил буда, салоҳият ва имтиёзҳои ба худ хос, вазифаҳои махсус дар низоми ҳуқуқ ва воситаҳои конститутсионию ҳуқуқӣ ва усулҳои ҳамкорӣ бо шохаҳои дигари ҳокимияти давлатиро дошта, принсипҳои ташкил ва раванди фаъолияти қонунгузорӣ бояд ба принсипҳои махсус ва умумии ҳуқуқӣ тасниф карда шаванд.

**Принсипи намояндагӣ**. Хусусияти намояндагӣ доштани парлумон моҳияти асосии ин мақомоти олии ҳокимияти давлатиро ифода мекунад. Ин хусусияти парлумон дар қабули қонунҳои ба талабот ҷавобгӯй ва ба манфиати мардум созгор ифода гардида, нақши парлумонро дар таъмини созиши иҷтимоӣ ва манфиатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеа нишон медиҳад. Ба намояндагии парлумон хусусияти доимият хос мебошад. Мӯҳлати ваколати ҳар як даъвати Маҷлиси Олӣ 5 солро ташкил медиҳад.

Принсипи намояндагӣ моҳияти фаъолияти доимии Маҷлиси Олиро аз нав интихоб шудани шумораи муайяни вакилон низ дар даъвати нави парлумониро таъмин менамояд. Олими тоҷик А. Имомов хусусияти дупалатагии парлумони ҶТ-ро тавсиф намуда, зикр менамояд, ки сохтори Маҷлиси Олӣ вобаста ба принсипҳои ташкили палатаҳо аз шаклҳои муташаккили фаъолият ва ваколатҳо хусусиятҳои ба худ хос дорад[174]. Аз ин андешаронии олимони соҳа чунин хулосагирӣ метавон кард, ки сохтори Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ки аз сохтори ба ҳам алоқаманд иборатанд, салоҳият дорад, ки барои иҷрои вазифаҳои намояндагӣ, қонунгузорӣ, назоратӣ ва дигар вазифаҳои парлумон шароит фароҳам орад.

Дар заминаи принсипи намояндагӣ ба муқаррароти моддаи 54-и Конститутсияи ҶТ оид ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ишорат менамоем, ки тибқи он "Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон алоҳида

[174] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права Республики Таджикистан. Монография. Душанбе «Сифат - Офсет». - 2020. – С. - 68.

ҷаласа мегузаронанд”[175]. Бо дарназардошти ин нукта, дар ҳар Маҷлис раванди қонунгузорӣ ба таври алоҳида сурат мегирад.

Принсипи навбатие, ки диққати А. Имомовро ба худ ҷалб намудааст, ин намояндагии парлумон аст ва ба андешаи муаллиф он дар се омил зоҳир мешавад:

- намояндагии халқӣ;

- ҳокимияти халқӣ (демократия);

- сохибихтиёрии халқ ва моҳияти демократӣ доштани он.

Моҳияти принсипи намояндагии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар он аст, ки дар асоси интихобот, шумораи зиёди номзадҳо аз намояндагии табақаҳои гуногуни ҷомеа интихоб шуда асос ёфта, фаъолияти худро дар шакли дастаҷамъона ба амал мебароранд[176]. Мувофиқи моддаи 48-и Конститутсияи ҶТ, Маҷлиси Олӣ-Парлумони ҶТ мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ ҶТ мебошад. Маҷлиси намояндагон дар асоси принсипи интихоботи умумӣ, баробар ва мустақим бо тарзи овоздиҳии пинҳонӣ ташкил карда мешавад. Маҷлиси намояндагон дар асоси шаклҳои доимӣ ва касбӣ фаъолият мекунад.

Аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим, бо овоздиҳии пинҳонӣ дар Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз воҳидҳои маъмуриву ҳудудӣ бо шумораи баробар, панҷ нафари интихоб карда мешаванд. Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти ҶТ таъйин мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси ин гуфтаҳо мо чунин натиҷагирӣ намуда принсипҳои мақомоти намояндагиро ба таври зайл баррасӣ менамоем:

- якум, хусусияти намояндагӣ доштан, ки он танҳо ба мақомоти интихобӣ - Маҷлиси Олии ҶТ тааллуқ дорад;

- дуюм, вакилони Маҷлиси намояндагон намояндагони тамоми халқ мебошанд, на танҳо намояндагони, он ҳавзаҳое, ки аз он интихоб шудаанд[177].

---

[175] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. - М. 54. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
[176] Андреева Г.Н. Конституционное право зарубежных стран. Учебник. - М. Изд. Эксмо. 2005. – С. - 395-396.
[177] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права Республики Таджикистан. Монография. Душанбе «Сифат - Офсет». - 2020. – С. -60.

**Принсипи дастаҷамъона.** Тибқи қонунгузории ҶТ, дар низоми принсипҳои ташкили раванди қонунгузорӣ принсипи дастаҷамъона ҷойи асосиро ишғол мекунад. Вобаста ба моҳият ва мақсад принсипи дастаҷамъона дар фаъолияти Маҷлиси Олӣ, пеш аз ҳама, аз хусусияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор бармеояд, зеро он ҳамчун мақомоти дастаҷамъонаи қонунгузорӣ барпо гардида, хусусияти универсалӣ дорад.

Дар амалишавии принсипи дастаҷамъона тафовутҳо назар ба принсипҳои дигар, аз қабили ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ дида мешавад. Масалан, дар раванди қонунгузорӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ - **Қонун** аз тарафи як шахс қабул карда намешавад. Яъне қабули қонун дастаҷамъона сурат мегирад. Аммо дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи як шахс санади меъёрии ҳуқуқӣ (яъне шахсе, ки чунин ваколатро дорад) қабул мегардад. Ба андешаи мо дар раванди қонунгузорӣ ба ин нуктаҳои муҳим бояд диққати махсус равона сохт, зеро ки дар фаъолияти Маҷлиси Олӣ принсипи дастаҷамъона нақши муҳим дорад. Маҷлиси Олӣ аз рӯйи моҳияти худ мақомоти дастаҷамъона буда, тамоми фаъолияти он дар татбиқи раванди қонунгузории конститутсионӣ танҳо дар асоси пояҳои дастаҷамъона созмон меёбад.

**Дараҷаи касбият** ҳамчун принсипи раванди қонунгузорӣ зарурати риояи қонунҳо ва меъёри техникаи қонунгузории ин равандро дар назар дорад.

Ю.Е. Ширяев дуруст қайд мекунад, ки дар амалишавии принсипҳои демократии раванди қонунгузорӣ дар таносуби касбияти ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти намояндагони дигар соҳаҳо, пеш аз ҳама дар бахшҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар вакилони касбии парлумон мушкилот ба миён меояд.

Дар асоси масъалагузории ин олим якчанд саволҳо ба миён меояд. “Қонунҳоро кӣ қабул мекунад? Ҳуқуқшиносон ва ё сиёсатмадорон? Иқтисодчиён ва ё мутахассисони дигар? Вакилони парлумон ё олимону мута-хассисон”? Посух ба ин савол мушаххас мебошад: танҳо ҳуқуқшиносон

қабункунандаи қонунҳо нестанд, балки дар ин раванди қонунгузорӣ вакилон бо намояндагони бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим дар якҷоягӣ бо коршиносони ҳуқуқшинос амал менамоянд.

Ю.Е. Ширяев моҳияти асосии ин фаъолиятро дар амалӣ намудани идеяи ҳуқуқӣ, ки он ба манфиатҳои аҳли ҷомеа нигаронида шудааст, мансуб медонад. Дар ин раванд ҳадафи муҳим канораҷӯӣ аз омилҳои сиёсӣ буда, танзими қонун асос ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳимро олимони дигар ба монанди В.В. Лазарев, Г.Н. Манов, А.С. Пиголкин, В.С. Нерсесянс низ баён кардаанд, ки ба андешаи онҳо мафҳуми ҳуқуқ табиатан падидаи ғайрисиёсӣ мебошад. Вакилони Думаи Давлатии Маҷлиси Иттифоқии Федератсияи Россия дар бораи зарурати роҳ наёфтани ҳадафҳои бемавриди сиёсӣ ба қонун пайваста ҳарф мезананд[178][179]. Ю.Е. Ширяев низ ҳамин мавқеъро ҷонибдорӣ карда, ҳадафҳои ғаразноки сиёсиро берун аз раванди қонунгузорӣ меҳисобад[180]. Ин гуфтаҳои олимро дастгирӣ намуда, қайд кардани ҳастем, ки принсипҳои раванди қонунгузорӣ бояд дар асоси меъёрҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ татбиқ гардад, ба масъалаҳои муғризона роҳ дода нашавад.

Ҳамзамон муҳаққиқ М.И. Абдуллоев бар он андеша аст, ки “дар қонунгузории мутамаддин принсипҳои адолат ва мустақилият, кордонӣ бояд истифода шавал, ки он хусусияти ҷудонопазири давлати ҳуқуқбунёд мебошад”[181].

А. Имомов ба **принсипи касбият** диққати калон дода, қайд менамояд, ки “Маҷлиси Олӣ на мақомоти намояндагии меҳнаткашон ва на мақомоти ифодагари иродаи синфӣ муайян аст. Ба ҳайати парлумони ҶТ намояндагони баландпоя, ҳуқуқшиносони соҳибихтисос, иқтисоддонҳо, ходимони илм ва фарҳанг, олимон, духтурон, намояндагони соҳаи кишоварзӣ интихоб мешаванд, яъне ҳайати парлумон асосан аз шахсони соҳибзеҳн иборат аст”.

---

[178] Ширяев Ю.Е. Исполнение законов. «Круглый стол» журнал «Советское государство и право». 1991. №6. – С. - 4.
[179] Общая теория права. Под редакцией Пиголкина А.С. Москва. 1998. С.3-15; Теория права и государства. Под редакцией Манова Г.И. М. 1996. - С. – 4 - 11.
[180] Ширяев Ю. Е. Федеральный законотворческий процесс: Конституционно-правовой анализ. Дисс. ... д-ра юрид. наук. 2006. - Санкт-Петербург. – С. - 123.
[181] Абдуллаев М.И. Теория государства и права. Учебник. - М. - 2004 г. – С. - 227.

“.... ин ҳолат бештар ба дараҷаи касбияти фаъолияти парлумон дар иҷрои вазифаҳои қонунгузорӣ мусоидат мекунад....”[182].

Ҳамзамон, дар баробари ин гуфтаҳо, ӯ қайд менамояд, ки “дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ субъектони фаъоли раванди иҷтимоию сиёсии ҷомеаи озод соҳибкорон, намояндагони соҳибкорони миёна ва бахши истеҳсолоти саноатӣ ҳузур надоранд”. Ӯ дар бораи набудани субъектони фаъол дар ин самт сухан ронда, гуфтаи олими рус М.В. Баглайро мисол меорад, ки “Ҷалб намудани намояндагии тамоми табақаю гурӯҳҳои аҳолӣ дар парлумон маънои баргаштан ба амалияи бардурӯғи даврони сотсиализм аст, ки он ба таври намоишкорона сурат гирифта, дар асл аз ҳисоби шахсони дараҷаи касбияташон миёна ташкил карда мешуд”. Баъдан, М.В. Баглай қайд мекунад, ки “Ҳадди бештари намояндагӣ, ки тавассути низоми интихоботии демократӣ таъмин карда мешавад, интихоби вакилони парлумон аз тамоми минтақаҳои кишвар ва ҳизбҳои сиёсие, ки аз тарафи аҳолӣ дастгирӣ доранд, мебошад”.

Мо ба ин андешаронии олимон розӣ ҳастем. Пас ҳизбҳои сиёсие, ки дорои электорати худ нестанд, чӣ бояд кард? Аммо посух ва баррасии ин масъала дар дигар таҳқиқотҳо мукаммал баррасӣ мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба интихоби вакилони мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ-Маҷлиси Олии ҶТ эътибори махсус медиҳанд ва дар паёми навбатии худ қайд намуданд, ки “ба парлумони кишвар номзадии шахсони донишманд, кордону пуртаҷриба ва обрӯманду поквиҷдон пешбарӣ ва интихоб карда шаванд”. Президенти ҶТ ба шаҳрвандони мамлакат муроҷиат намуданд, ки “вакилони мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ масъулиятшинос бошанд ва номзади арзандаро ба хотири пешрафти халқу ватан интихоб намоянд”[183]. Аз гуфтаҳои Президенти ҶТ ба хулосае омадан мумкин аст, ки шаҳрвандони ҶТ барои намояндаи арзандаи

[182] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права Республики Таджикистан. - Душанбе. «Сифат - Офсет». - 2020. – С. - 64.
[183] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права Республики Таджикистан. - Душанбе. «Сифат-Офсет». - 2020. – С. - 108.

худро пешбарӣ ва интихоб намудан ба ин мақомоти баландпоя имконияти зиёдро доранд. Ҳатто ҶТ барои шаҳрвандони бурунмарзӣ имконият фароҳам меоварад, ки онҳо дар асоси принсипҳои овоздиҳии пинҳонӣ, озодона дар интихобот иштирок намуда номзади боэътимоди худро интихоб намоянд.

**Принсипи бисёрҳизбӣ.** Ба андешаи А. Имомов, яке аз хусусиятҳои амалияи парлумонӣ ин иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккул ва пешбурди фаъолияти он мебошад. Ташкил ёфтани Маҷлиси Олӣ бо ташаккули низоми бисёрҳизбӣ дар кишвар робитаи ногусастанӣ дорад. Низоми интихоботии ҶТ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон таъсиси 41 ҳавзаи интихоботии якмандата ва интихоби вакилон аз ҳизбҳои сиёсиро дар ҳавзаи ягонаи ҷумҳуриявӣ пешбинӣ мекунад. Аз 63 нафар вакил 35 фоизи номзадҳо аз ҳавзаҳои интихоботии ягонаи ҷумҳуриявӣ, мутаносибан ба шумораи овозҳое, ки ба рӯйхати номзадҳои аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шудаанд, интихоб карда мешаванд. Аммо муаллиф бар он андеша аст, ки низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз низоми ба қадри кофӣ устувор нест.

Ба ақидаи мо ин андеша ба тавзеҳ ниёз дорад, зеро ки дар ҶТ заминаҳои ташаккули бисёрҳизбӣ барвақт гузошта шудааст. Зиёда аз 20 сол аст, ки парлумони ҶТ дар асоси низоми бисёрҳизбӣ фаъолият мекунад.

**Принсипи мандати озоди вакилони палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоии парлумон**. Яке аз принсипҳои муҳими иштироки аъзоёни парлумон дар фаъолияти он тибқи меъёрҳои конститутсионӣ муқаррар намудани моҳияти мандати озоди вакилон мебошад. Мафҳуми мандати озод ба узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон хос аст. Дар муқаррароти моддаи 51-и Конститутсияи ҶТ омадааст, ки узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба амри интихобкунандагон тобеъ набуда, ҳақ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад. Мандати вакили Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллӣ ба таври озод амалӣ мешавад.

Суоле ба миён меояд. Вакилони парлумон намояндаи ҳавзаи интихоботие, ки аз он интихоб шудааст ба ҳисоб меравад ва ё намояндаи тамоми халқ? **Албатта, вакилон намояндаи тамоми халқ мебошанд, на танҳо намояндаи он**

**ҳавзае, ки ӯ интихоб шудааст.** Дар зимн интихобкунандагон ҳуқуқи ба вакилон супоришу дастур доданро надоранд. Вакилон доир ба амалбарории фаъолияти худ озод мебошанд[184].

Ба андешаи мо, такмили механизмҳои батанзимдарории фаъолияти вакилон дар омода намудани лоиҳаҳои қонунҳои ҷорӣ, дар мубоҳисаҳои парлумонӣ, муҳокимарониҳо қабули қонунҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Принсипи дахлнопазирии вакилони палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоии парлумон**. Бояд гуфт, ки муқаррароти моддаи 34-и Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ” мазмуни принсипи дахлнопазириро ошкор мекунад. Аз ҷумла узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд. Иммунитети вакилӣ чун қоида, ба манзил, коргоҳ, нақлиёт, ашё ва ҳуҷҷатҳои вакили парлумон низ тааллуқ дорад. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳамчунон мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон муқаррар намудааст. Онҳоро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истисноии дастгир шуданаш дар ҷойи содиршавии ҷиноят.

Барои баёни ақидаи дурусти вакилони халқ дар рафти фаъолият ягон чорае дида намешавад. Бояд гуфт, ки вакилон ва аъзоёни парлумон на танҳо барои фикри дар рафти фаъолияти парлумонӣ ва қабули қарор баёнкардаи худ, балки барои натиҷаи овоздидӣ низ ҷавобгар нестанд. (Албатта фикру ақидаҳо ва овоздиҳӣ мутобиқи қонун амалӣ мегардад).

**Принсипи иҷтимоӣ.** Профессор М.В. Баглай ҳангоми дар бораи ҳайати Парлумони ФР сухан рондан қайд менамояд, ки “дар давлати ҳуқуқбунёд интихоботи озодонаи парлумон сурат мегирад ва он тобеи манфиатҳои муғризонаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ намебошад, тамоми қишрҳои ҷомеа сарфи назар аз миллат ва мавқеи иҷтимоиашон кӯшиш менамоянд дар интихобот ширкат варзанд. Дар ҳамин асно дар Маҷлиси Иттифоқии ФР новобаста аз

[184] Юдин Ю.А. Политические партии и право в современном государстве. М.: Издательская группа «ФОРУМ-ИНФРА-М», 1998. – 236 - С. - 237.

миллат ва вазъи иҷтимоияшон сиёсатмадорони касбӣ намояндагӣ мекунанд”[185].

Аз ин андешаронихо ба хулосае омадем, ки принсипҳои тартиби ташкили фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ аниқ муқаррар карда шудааст ва бе риояи ин принсипҳо парлумони муосир наметавонад фаъолияти худро ба дараҷаи касбӣ ба амал барорад. Давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ чунин принсипҳоро тақозо менамояд.

**Гурӯҳи дуюми принсипҳо, ки танҳо ба тартиби фаъолияти амалисозии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ марбут бударо баррасӣ мекунем.**

**Принсипи якум.** Яке аз принсипҳои муҳими раванди қонунгузорӣ ин аст, ки лоиҳаҳои қонунҳо ба таври хаттӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд ва онҳо ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури Маҷлиси намояндагон ҷавобгӯй бошанд[186]. Яъне ҳамзамон, бо лоиҳаи қонун, мактуби расмии субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, тавзеҳнома ва дар мавриди хароҷоти молиявӣ доштани он хулосаи Ҳукумати ҶТ, пешниҳод карда мешавад. Лоиҳаи қонунро танҳо бо асоснок кардани принсипҳои он ва таҳлили паёмадҳои эҳтимолии иқтисодӣ метавон пешниҳод кард. Матни лоиҳаи қонун дар шакли электронӣ низ пешниҳод мешавад. Ин яке аз принсипи асосии пешниҳоди лоиҳаи қонун мебошад.

**Принсипи дуюм, принсипи забонӣ.** Яке аз принсипҳои муҳими раванди қонунгузории конститутсионии парлумони ҶТ ба ҳисоб меравад. Принсипи мазкур асоси конститутсионӣ дошта, он дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 муқаррар гардида, айни замон ин принсипи конститутсионӣ аз ҷониби умум эътирофгардида мебошад, ки дар тамоми равандҳои ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон бо забони давлатӣ пешниҳод мегардад. Раванди қонунгузорӣ ба забони давлатӣ сурат гирифта қонунҳо ба забони давлатӣ қабул карда мешаванд.

---

185 Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации: Учебник для вузов. 7 - ое издание. - М.: 2008. – С. - 522.

186 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. – С. - 292.

Ҳамзамон, **принсипи дигар, яъне ба забони русӣ** пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон мавҷуд аст. Аммо дар сурати номуайяни ва ихтилофҳо ба забони давлатӣ афзалият дода мешавад. Аҳаммияти муҳими ин принсип дар он аст, ки лоиҳаи қонун бояд бечуну чаро ба забони давлатӣ ва забони муошırати байни миллатҳо, яъне ба забони русӣ низ, пешниҳод мешавад.

**Принсипи сеюм** фарогири баррасии лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мебошад. Ин принсип фарогири он равандест, ки Маҷлиси намояндагон наметавонад бидуни баррасии лоиҳаи қонун аз муҳокимаи он даст кашад (агар лоиҳаи қонун тибқи меъёрҳои муқарраркардаи Дастур пешниҳод шуда бошад). Вакилони Маҷлиси намояндагон дар баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи қонун аз лаҳзаи ба кумита ва комиссияҳо пешниҳод шудани он шахсан иштирок мекунанд. Ҳар як аъзои парлумон барои овоздиҳии қонун шахсан иштирок менамояд.

**Принсипи чорум** ин аст, ки баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо дар Маҷлиси Олӣ ба таври ошкоро сурат гирифта қонунҳо ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ қабул мешаванд. Принсипҳо ва нуктаҳои асосии лоиҳаи қонун муайян карда мешаванд. Ин раванд ба салоҳдиди кумита ва комиссияҳо барои муҳокимаи пешакӣ, тайёр кардани матни лоиҳаи қонун ва додани хулоса пешниҳод мегардад. Фаъолияти асосӣ ин баррасии лоиҳаи қонун дар кумита ва комиссияҳои палатаҳо ба ҳисоб рафта дар алоҳидагӣ баргузор мегардад.

Ба тарзи ошкоро сурат гирифтани муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо яке аз принсипҳои асосии фаъолияти Маҷлиси Олӣ эътироф карда мешавад, баъдан, миёни тамоми принсипҳои мавҷудаи раванди қонунгузорӣ принсипи ошкоро мавқеи устуворро касб менамояд.

**Принсипи панҷум,** ин қарор дар бораи қабули лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ва масъалаи минбаъд баррасии лоиҳаи қонун мебошад. Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунро дар ду қироат баррасӣ мекунад. Дар қироати якум аз ҷониби ташаббускори он асоснокии лоиҳаи қонун сурат гирифта, оид ба принсипҳои асосии лоиҳаи қонун байни вакилон мубоҳиса

ба миён омада саволҳои вакилӣ низ ба миён меояд. Дар қироати дуюм матни тайёршудаи лоиҳаи қонун барои қабул ба овоз гузошта мешавад.

Татбиқи принсипи баррасӣ ва ҷонибдории қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ дар рафти раванди қонунгузорӣ ба миён меояд.

**Принсипи шашум**, баргузории мубоҳисаву мунозираҳо бо иштироки васеи вакилон аст, ки ин раванд дар такмили қоидаҳо зарур буда, барои аз ҷониби парлумон саривақт ва дар шакли мукаммал қабул шудани лоиҳаи қонун заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Принсипи ҳафтум шаффофияти қонун.** Барои шаффофияти қонун асосан, дар рӯзномаҳои давлатӣ "Ҷумҳурият" чоп мекунанд. Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" масъулинро вазифадор менамояд, ки дар "Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ" матни қонун пурра ҷой дода шавад. Дастрасӣ ба он тавассути шабакаҳои интернетӣ низ бояд таъмин карда шавад.

**Ба принсипи ҳаштум** Т.Я. Хабриева амнияти ҳуқуқиро дохил менамояд. Мақсади ин принсип ҳифзи шаҳрвандон аз оқибатҳои дуюмдараҷаи манфии қонун, аз ҷумла, номутобиқатӣ ва мураккабии қонунҳо ва дастурҳо (санадҳои зерқонунӣ) ва аз ҳад зиёд тағйир додани онҳо (набудани амнияти ҳуқуқӣ) мебошад. Маъмулан, ба омилҳои хавфи вайрон кардани амнияти ҳуқуқӣ инҳоро метавон дохил намуд: меъёрҳои барзиёд дар қонунгузорӣ, моҳиятан мураккаб будани онҳо, номувофиқ, номуайян (нофаҳмо), инчунин хусусияти ғайримеъёрии муқаррароти баъзе қонунҳо, таъсири баръакси қонунҳо, ки дар муносибатҳои мавҷуда халал эҷод менамояд. Рафъи ин хатарҳо, пеш аз ҳама, вазифаи ҳокимияти қонунгузор аст, ки ҳангоми қабули қонун бояд оқибатҳои манфии онҳо барои меъёри нави ҳуқуқӣ ба таври пурра арзёбӣ гарданд[187].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои принсипҳои зикрёфта, мо ба хулосае омадем, ки принсипҳои намояндагӣ, ташкилӣ ва татбиқи амалисозии фаъолияти раванди қонунгузории парлумони кишвар бо ҳам бевосита алоқаманд буда, онҳо як низоми мукаммалро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки амалисозии раванди қонунгузорӣ метавонад бо риояи

---

[187] Хабриева Т.Я. Организация законодательного процесса в зарубежных странах. / Под ред Хабриевой Т.Я. Колл. авторов: Газизова Р.Г., Касаткина Н.М., Крысенкова Н.Б., Лещенков Ф.А., Пилипенко А.Н., Трещетникова Ю.Н., Чурина Т.И. - М. - Издание Государственной Думы. - 2014. – С. -93.

пурра ва ҳамаҷонибаи тамоми принсипҳо сурат гирад, зеро ки ин муносибат ба таври ногузир боиси вобастагии мутақобила ва таъсири мухталиф дар татбиқи он мегардад.

Аз ин рӯ, риоя накардани яке аз принсипҳои зикргардида ташкил ва фаъолияти раванди қонунгузории парлумонро кафолати комёбӣ дар қонунгузорӣ ба ҳисоб намеравад.

Дар асоси принсипҳои дар боло зикргардидаи раванди қонунгузорӣ мо ба натиҷае омадем, ки ҳар як принсип мазмуни хоси худро дошта, бо ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Онҳо дар ягонагии муайян амал карда, мазмуни якдигарро мукаммал мегардонанд, онҳо дар алоқамандӣ бо ҳам ба раванди қонунгузорӣ барои ба амал баровадани ҳокимияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ мусоидат мекунанд.

Бояд дарк намуд, ки низоми принсипҳои раванди қонунгузорӣ қолаби тағйирнопазир набуда, вобаста ба талаботи ҳуқуқӣ ба тағйирот рӯ ба рӯ мешаванд. Раванди қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқӣ пайваста такмил меёбад, илми ҳуқуқшиносӣ бо гузашти вақт принсипҳои навро мураттаб месозад, ки баъдан онҳо дар матни қонун ифодаи худро меёбанд.

Ба таври мисол, бори нахуст дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ”, дар моддаи 34 муқаррар шудааст, ки лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи ҶТ воридшаванда, ба Суди конститутсионӣ, мутобиқ будан ба Конститутсияи ҶТ - ро баррасӣ мекунад, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшавандаро баррасӣ менамояд. Бидуни қарори Суди конститутсионӣ Маҷлиси намояндагон наметавонад ин масъалаҳоро ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод кунад. Ин маънои онро дорад, ки Суди конститутсионӣ пешниҳоди ин масъалаҳоро барои ба раъйпурсии умумихалқӣ баровардан тасдиқ мекунад.

Дар ҳамин замина мо қайд карданӣ ҳастем, ки “баъзе аз принсипҳои раванди қонунгузорӣ вобаста бо мурури замон ва ё бо тағйирёбии сохтори мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор тағйир меёбанд”.

Ба ин нукта принсипи ба **муҳокимаи умумихалқӣ** пешниҳод кардани лоиҳаи қонун баъди қироати якум дар Маҷлиси намояндагон тааллуқ дорад. Яъне ин меъёр айни замон дар Дастури Маҷлиси намояндагон танзими худро ёфтааст.

Низоми принсипҳои раванди қонунгузорӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, онҳо дар намудҳои гуногуни фаъолияти қонунгузорӣ, аз нигоҳи ҳаҷм фарқият пайдо мекунанд, вале дар айни замон аксари принсипҳо барои қабули қонунҳои конститутсионии ҶТ, қонунҳои ҶТ, қонунҳои конститутсионии ҶТ оид ба тафсири Конститутсияи ҶТ хусусияти ягона доранд.

Дар баробари ин, дар қонунгузории ҶТ ғайр аз принсипҳои зикргардидаи раванди қонунгузорӣ як қатор принсипҳое пешбинӣ шудаанд, ки танҳо ба қабули баъзе аз қонунҳо мансубият доранд.

Масалан, вакилони Маҷлиси намояндагон ҳангоми қабули қонун "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" як қатор принсипҳоеро риоя мекунанд, ки онҳо танҳо ба лоиҳаи қонуни мазкур хос мебошанд. Яке аз **принсипҳои асосии конститутсионӣ дар** ҶТ **сармоягузории ҳатмии буҷет** дар шакли лоиҳаи қонун мебошад.

Мутобиқи қисми 2-и моддаи 59-и Конститутсия, Ҳукумати ҶТ лоиҳаи Қонун "Дар бораи Буҷети давлатии ҶТ", оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд[188].

Яке аз хусусиятҳои хоси танзими конститутсионӣ дар Тоҷикистон дар соҳаи молия ин **принсипи солона аст**, ки он талаботи асосӣ, яъне қабули ҳатмии буҷет то оғози соли нави пешбинишавандаро фаро мегирад. Риояи ҳатмии ин қоида имкони назорати заруриро дар иҷрои маблағҳои буҷет фароҳам меорад[189]. Дар Тоҷикистон буҷети давлатӣ барои як соли молиявӣ,

[188] Хабриева Т.Я. Организация законодательного процесса в зарубежных странах. Под ред. Хабриевой Т.Я. Колл. авторов: Газизова Р.Г., Касаткина Н.М., Крысенкова Н.Б., Лещенков Ф.А., Пилипенко А.Н., Трещетникова Ю.Н., Чурина Т.И. - М. - Издание Государственной Думы, 2014. – С. - 43
[189] Ковачев Д.А. Конституционное право государств Европы: Учебное пособие для студентов юрид. вузов и фак. Отв. ред. Ковачев Д.А. - Вольтер Клувер, 2005 – С. - 35.

қабул карда мешавад[190]. Яъне дар баробари принсипҳои мавҷудбуда, принсипи номбаршуда барои қабули қонуни мазкур ҳатмӣ мебошад. Ва риоя накардани ин принсип имконнопазир аст.

**Дар баробари номбар намудани принсипҳои ташкили ва фаъолияти раванди қонунгузории парлумон, ҷоиз аст, он присипҳои умумиэътирофшуда, ки дар рафти раванди қонунгузорӣ ва ҳамчунин дар ҳуқуқэҷодкунӣ татбиқи онҳо ногузир аст номбар намоем.**

**Принсипи инсондӯстӣ** ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пурратар қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва моддии ӯ равона кардани ҳама гуна санади баррасишуда ва қабулшударо дар назар дорад. Афзалияти манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, фарогири раванди таваҷҷуҳи давлат ба муҳайё намудани шароити мусоид барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо дар бунёд ва рушди қонуният мебошад. Ин принсип дар моддаи 5-и Конститутсияи ҶТ ифодаи худро ёфтааст. Принсипи инсондустӣ ҳангоми қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ҳангоми қабули Қонуни ҶТ дар бораи "Авф" ифодаи худро меёбад.

Яке аз олимони тоҷик А.Ғ. Холиқзода, қайд менамояд, ки заминаҳои ислоҳотро дар давлатҳои муосир раванди қонунгузорӣ гузоштааст, ки тавассути он сиёсати пешгирифтаи давлат, ҳадаф ва вазифаҳои ҳокимияти амалкунанда муайян карда мешаванд. Ӯ чунин меандешад, принсипҳои раванди қонунгузорӣ дар ҳама давру замон ба афкори пешқадам такя мекард, ки он бо мазмуну моҳияти худ дар маҷмуъ принсипҳои қонунқабукуниро ташкил медиҳанд[191].

**Принсипи ҳуқуқи инсон.** Яке аз принсипҳои аввалин ва асосӣ ин эътироф ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Конститутсия ҳамчун арзиши олӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд муқаррар шуда, ҳамчун вазифаи давлат ба шумор меравад. Дар ин ҷо метавон қайд кард, ки Конститутсияи ҷорӣ

---

[190] Қонуни ҶТ "Дар бораи молияи давлатии ҶТ" аз 28 июни соли 2011. – М. 43. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.02.2022 с.)

[191] Холиков А.Ғ. Андешаи давлати милли. - Душанбе: "ЭР-граф", 2013. – С. - 575.

ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро чун мафҳуми "бевосита амалкунанда" эътироф мекунад. Моҳияти моддаи мазкур ин аст, ки ҳеҷ як қонун ҳуқуқи инсонро, ки дар Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ муқаррар шударо, ки ин уҳдадории давлат ба ҳисоб меравад, поймол карда наметавонад. Маҳз ҳуқуқи инсон маъно, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, худидоракунии маҳаллиро муайян намуда, ба таъминоти ҳуқуқӣ поя мегузорад.

Ҷой гирифтани ин мазмун ва моҳияти ҳуқуқӣ дар Конститутсия асоснок буда, ҳар як қонун ва дигар санадҳои ҳокимияти давлатӣ танҳо дар сурате бояд қонунӣ дониста шаванд, ки онҳо ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро таъмин ва риоя кунанд. Нишондиҳандаи таъмини ҳуқуқи инсон мутобиқи адолати суди заминаи такмили ин ҳуқуқҳоро ба дараҷаи қонунҳои баробарқувва фароҳам оварда, он маъмулан аз меъёрҳои ахлоқӣ, урфу одат ва ақида фарқ мекунад, ки дар ин ҷода риояи қонун аз ҷониби мақомоти судӣ таъмин карда мешавад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, тибқи Конститутсияи ҷорӣ, асоси қонунҳо, маъно ва мазмуни онҳо, яъне сарчашмаи конститутсионии муқаррароти қонунҳо ва қонунӣ будани дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ мебошанд.

**Принсипи қонуният** яке аз принсипҳои асосии тамоми фаъолияти давлатӣ, аз ҷумла раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб меравад. Ин принсип дар моддаи 10-и Конститутсияи ҶТ ифода ёфтааст, ки "Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд"[192].

Ин принсип хусусияти умумӣ дошта, дар соҳаи қонунгузорӣ ва ҳам дар раванди қонунгузорӣ татбиқшаванда аст. Аз таърифи додаи Р.Ш. Сотиволдиев бармеояд, ки "Принсипи қонуният аз принсипи умумии ҳуқуқии волоияти Конститутсия сарчашма гирифта, ба таъмини риояи он нигаронида шудааст, ки ҳамаи санадҳои қабулшуда бояд бо риояи раванди ҳуқуқӣ, дар

---

[192] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. М. 10. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.

доираи салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатӣ (мақомоти судӣ, прокуратура ва ҳуқуқэҷодкунӣ) ба амал бароварда шаванд”[193].

Муҳаққиқи дигар А.Р. Нематов дар навбати худ қайд мекунад, ки “Принсипи қонуният дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ хусусияти роҳнамоӣ дорад. Он дар мазмуни худ ҳамаи принсипҳои дигарро инъикос мекунад. Дар марҳалаи кунунӣ қонуният дар раванди қонунгузорӣ нақши қонунро баланд мебардорад, таҳкими нуфузи он аз ҳисоби пурра инъикос намудани принсипи адолати иҷтимоӣ дар он, рушди демократӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ, ошкоро ва раванди инкишофи қонунгузорӣ дар қабули қарорҳои қонунгузориро дар бар мегирад”[194]. Принсипи қонуният аз ҷониби А.С. Пиголкин хуб таъриф дода шудааст. Ин муҳаққиқ қайд мекунад, ки “волоияти қонун нисбат ба дигар санадҳои ҳуқуқӣ яке аз талаботҳоест, ки он татбиқи устувори қонуниятро таъмин менамояд. Тамоми масъалаҳои асосиро қонунҳо, яъне санадҳои мақомоти олии намояндагии хокимияти давлатӣ танзим мекунанд. Санадҳои ҳамаи мақомот ва ташкилотҳо бояд ба таври қатъӣ дар асоси қонун таҳия шаванд”[195].

Принсипи қонуниятро дар раванди қонунгузорӣ ба инобат гирифта, татбиқи онро ба таври зайл метавон арзёбӣ намуд: танҳо мақомоти ваколатдори конститутсионӣ метавонад санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро қабул намояд; тартиби қабули санадҳои меъёрӣ дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар муқаррар карда мешавад; ҷараёни қабули санадҳои меъёрӣ бояд ба тартиби муқарраршуда мутобиқ бошад, санадҳои меъёрӣ набояд ба санадҳои дорои эътибори баланди ҳуқуқӣ дошта мухолиф бошанд.

**Принсипи демократӣ** бо мавҷудияти расмиёти демократӣ ҳангоми таҳия, муҳокима ва қабули лоиҳаи қонунҳо, аз ҷумла имконияти муҳокимаи ҳамаҷонибаи лоиҳа ва пешниҳодҳои озоди он, ҷалби аҳолӣ, пеш аз ҳама олимон, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тавсиф дода мешавад.

---

[193] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарси. Душанбе. «Империал-Групп». 2014. - 467 с.
[194] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. ... д-ра юрид. наук. - Душанбе. - 2013. – С. - 51.
[195] Пиголкин А.С. Право, законность, гражданин. - М., 1976. – С. - 58-59.

Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ мебошад. Танҳо халқ сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз ин рӯ ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ ба манфиати халқ таҳия мегарданд. Бо дарназардошти ин нукта, хусусияти ҳатмии раванди қонунгузорӣ ба иродаи халқ вобастагӣ дорад. Аҳолие, ки кирдори онҳо бо қонунгузорӣ танзим мешавад, бояд ба эҷоди қонунгузорӣ таъсир расонанд, моҳияти ин равандро муайян намоянд, зеро мафҳуми ҳуқуқие, ки дар мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум ёфтааст, таҷассумгари иродаи аҳли ҷомеа ва воситаи таҳким бахшидани он мебошад.

Зуҳуроти олии принсипи демократӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ чун анъана қабули қонун бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи муҳаққиқ Б.С. Гадоев, раъйпурсӣ як падидаи ҷудонашавандаи давлати муосири демократӣ, унсури муайянкунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад[196]. Дар моддаи 6-и Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи халқ ба раъйпурсӣ ҳамчун шакли амалигардонии ҳокимият ва соҳибихтиёрӣ муқаррар шудааст. Аммо таҷрибаи қабули қонунҳо дар раъйпурсии умумихалқӣ дар ҶТ то ҳол ба таври зарурӣ инкишоф наёфтааст. Усулу расмиёти дар фаъолияти қонунгузорӣ истифодашаванда бояд ҳамкории тамоми иштирокчиёни имконпазири ин фаъолиятро таъмин намоянд. Дар ин замина, қайд менамояд муҳаққик бояд афкор ва мавқеи аҳли ҷомеа дар баррасии роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои мушаххас, инчунин таҳияи стратегияи ҳуқуқии дарозмӯҳлати инкишофи давлат муайян карда шавад. Дар зимн бояд қайд кард, ки муҳокимаи пешакии муқаррароти консептуалии лоиҳаҳои қонунҳо на танҳо аз ҷониби субъектони қабулкунандаи санади қонунгузорӣ, балки аз ҷониби шахсоне, ки бояд онро татбиқ кунанд, инчунин шахсони дахлдор, аҳаммияти муҳим дорад.

**Принсипи ошкорбаёнӣ.** Бо ақидаи муҳаққиқ Д.В. Чухвичев ҳамраъй шуда қайд менамоем, ки аҳли ҷомеа бояд аз тамоми давраҳои раванди қонунгузорӣ саривақт огоҳӣ дошта бошанд[197]. Чунки ин раванд на танҳо

---

[196] Гадоев Б.С. Тенденция развития высших форм непосредственной демократии в РТ: Конституционно - правовое исследование. Дисс. ... д-ра юрид. наук. Душанбе. 2018. – С. - 131.
[197] Чухвичев Д.В. Законодательная техника. Учебное пособие. Москва. – 2010. – С. -93.

фарогири баррасии лоиҳаи қонунҳо дар парлумон бошад, балки дар мавриди таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва таҳлили натиҷаҳои ҷараёни эҷоди қонунҳо низ амалӣ шавад.

Ин омил ба оммаи васеи аҳолӣ имкон медиҳад, ки оид ба танзими ҳуқуқӣ, тағйироти дар пешистодаи қонунгузорӣ тасаввурот дошта бошанд, ҳамчунин тавассути неруйи зеҳнии аҳли ҷомеа тавсияҳои мушаххас ба мақомоти давлатӣ сурат гирифта, он дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилиҳои мураккаб дар бахши қонунгузорӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин, ошкорбаёнии раванди қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки намояндагони халқ дар мавриди зарурӣ ба халқ таъсири ҳуқуқӣ расонанд. Ошкорбаёнии раванди қонунгузорӣ зарурати бо тарзҳои гуногун инъикос намудани ин равандро тақозо дорад. Ба ин омилҳо интишори лоиҳаи қонун дар васоити ахбори омма, ҷойгиркунии онҳо дар сомонаҳои дахлдори шабакаи интернетӣ[198], муҳокимаи оммавии лоиҳаҳо ва роҳҳои дигари иттилоотиро метавон дохил кард. Лоиҳаи қонунҳои ба Маҷлиси намояндагон пешниҳодшуда дар ҷаласаи ҳармоҳаи Ҳукумат баррасӣ шуда, баъдан бо имзои Раиси Ҳукумати ҶТ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мегардад. Ин раванд аз тариқи телевизион ва радиои кишвар садо медиҳад. Дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ новобаста аз мулоҳизаҳои гуногун ба махфият роҳ дода намешавад. Қабул ва тасдиқи қонуни аз ҷониби Маҷлиси Олӣ қабулшуда ва аз ҷониби Президенти ҶТ ба имзо расонидашуда низ дар васоити ахбори омма эълон карда шуда, дар матбуоти расмӣ интишор мегардад. Дар сурати интишор нагардидан он наметавонад эътибори ҳуқуқӣ пайдо кунад.

**Принсипи илмӣ.** Бояд қайд намуд, ки барои баъзе соҳаҳои қонунгузорӣ тавзеҳи робитаи илми ҳуқуқ бо илмҳои дигар аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ба монанди он ки дар қонунгузории самти молиявӣ (ҳуқуқи буҷети) алоқаи он бо илми иқтисод баръало намоён мегардад. Принсипи илмӣ дар раванди қонунгузорӣ истифода бурдани комёбиҳои илмиву технологӣ ва усулҳои таҳлили илмиро дар назар дорад. А.С. Пиголкин чунин мешуморад, ки

[198] Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи соли 2017. – С. - 39. Дар ҶТ Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии ҶТ махзани электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳисоб рафта, дар шакли электронӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пеш бурда мешавад.

раванди қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ-Қонун бояд ба низоми муайян, пешгӯиҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок ташаккул ёбад[199]. Чунин мавқеъро донишманди тоҷик И.Д. Сафаров низ пайравӣ намуда, ба андешаи ӯ фаъолияти қонунгузорӣ бояд дар заминаи дастовардҳои илмӣ амалӣ шаванд[200]. Ин гуфта ҷанбаи амалӣ дошта, ба таври илмӣ ҳал намудани масоили ҳуқуқӣ ва фаъолияти қонунгузор муҳим мебошад[201].

Дар асоси ин гуфтаҳо мо ба хулосае омадем, ки принсипҳои раванди қонунгузории зикршудаи Маҷлиси Олӣ ба итмом расида ба ҳисоб намераванд. Яъне дар раванди қонунгузорӣ, принсипҳои дигар низ истифода бурда мешавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо андешаронии олими тоҷик А.Ғ. Холиқзода қобили қабул мебошад. Ба андешаи ӯ принсипҳое, мавҷуданд, ки манфиатҳои миллиро ифода намуда ба инкишоф ва ташаккули давлати демократӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ ва ҳамаҷониба омода кардани лоиҳа, бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ ва арзишҳои миллӣ дар шакли мукаммал қабул намудани қонунҳо бояд диққат дода шавад.

Ҳамзамон, дар даврони муосир барои мусоидат ба ташаккули давлати миллӣ, арзёбии ҳамоҳанги низоми раванди қонунгузорӣ бо фарҳанги миллӣ, динӣ, бартарият ва волоияти манфиатҳои шаҳрвандони давлат; мутобиқати қабули қонунҳо ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби давлат эътироф шудаанд, ҳангоми қабули қонунҳо ба таҷрибаи институтҳои нави ҳуқуқии давлатҳои пешрафта такя мекунанд[202].

Масалан, ҳангоми қабули қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" принсипҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба назар гирифта шуданд.

Дар айни замон дар раванди қонунгузории парлумони кишвар **принсипи истифодаи хусусиятҳои миллӣ** доир ба қабули қонун ба миён

---

[199] Пиголкин А.С., Рахманина Т.Н., Желялетдинова З.С. Законодательные программы субъектов Российской Федерации. – С. - 86.
[200] Сафаров И.Д., Зиёев М. Логические основы законотворческого процесса в Республике Таджикистан. Давлат ва ҳуқуқ. №3. - 2006. – С. - 35.
[201] Закон, создание, толкование. Под. ред. Пиголкина А.С. - М.: Сиарк. 1998. – С. - 86.
[202] Холиков А. Ғ. Андешаи давлати миллӣ. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – С. - 576.

омадааст. Масалан, ҳангоми қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ”[203] принсипи хусусиятҳои миллӣ дошта ба инобат гирифта шудааст. Принсипи мазкур бо дарназардошти талаботи рушди ҷомеа ба миён омада ба ҳифзи арзишҳои воқеии фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба расму оинҳои мардумӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии зиндагии шаҳрвандони ҶТ нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилу баррасии ҳамаҷониба мо метавонем хулосабарорӣ намоем, ки ин принсипҳо дар раванди қонунгузории парлумон ва дигар намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Бо дарназардошти хусусиятҳои сершумори раванди қонунгузорӣ мо ба чунин хулоса омадем:

- Аввалан, принсипҳо дар низоми ҳуқуқӣ хусусияти илмиро ба миён оварда, самти рушди ояндаи онро муайян мекунанд;

- дуввум, онҳо барои қонунгузор шароит фароҳам меоранд, ки аз хатогиҳо ва низоъҳои қонунгузорӣ канораҷӯӣ карда, дар ин замина эҳтимолияти эҷоди меъёрҳои ҳуқуқии камсамарро рафъ намуда, камбудӣ ва зиддиятҳоро дар танзими ҳуқуқӣ бартараф намоянд;

- сеюм, онҳо ба баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулшуда мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ҳар як принсип бо хусусияти худ, самти амалкард, доираи субъектҳо ва ғ. фарқ мекунанд. Ва дар адабиёти ҳуқуқӣ маҳаки гуногун пешниҳод карда мешаванд, вале дар онҳо бояд асоси таснифи принсипҳо бошанд.

[203] Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ”. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.)

# БОБИ 2. СУБЪЕКТҲО ВА МЕХАНИЗМИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚИ ТАШАББУСИ ҚОНУНГУЗОРӢ

## 2.1. Мафҳум ва намудҳои субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ

Дар солҳои аввали истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таҳия ва қабули қонунҳои нав оғоз гардида, дар ин самт ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ яке аз дигаргуниҳои муҳим дар қонунэҷодкунӣ ба шумор рафт. Дар солҳои аввали истиқлолият мақомоти давлатӣ ҳамчун субъектҳои фаъоли ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар қабули қонунҳои нав масъулияти баланд нишон доданд. Дар ин замина Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр сиёсати нави низоми қонунгузории миллии худро муайян намуд. Тарзи дурусти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа сари вақт ва самаранок татбиқ намудани ташаббуси қонунгузорӣ вобастагӣ доштанд.

Дар ҳар як давлат раванди қонунгузорӣ аз вазифаҳои муҳимтарини фаъолияти парлумон ба ҳисоб рафта, онро субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта дар асоси санади муайян татбиқсозанда амалӣ менамоянд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун пешниҳод шудаанд, ки барои таснифи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ асос мешаванд. Ва ин вобастагӣ дорад ба оне, ки ҳар як субъект дорои хусусиятҳои хос буда, доираи муайяни амалро дорад. Номгӯи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бояд яке аз мавзӯи асосӣ ва доимии қонунгузор буда, он ба ташаккули фаъолияти қонунгузорӣ ва раванди қонунгузории парлумони ҶТ ва кишваҳори хориҷӣ амиқ гардондани принсипҳои демократӣ мусоидат ҳоҳад кард. Субъктони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои раванди қонунгузории парлумон дар давлатҳои демократӣ аҳаммияти калон дорад.

Эътироф шудааст, ки субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ин мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, ташкилотҳо, шахсони воқеӣ ва шаҳрвандон буда, дар асоси меъёри муқарраркардаи Конститутсия ба ҳисоб рафта, лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузориро ба парлумон барои баррасӣ ва қабул пешниҳод менамоянд.

Таҳлили назариявии субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба се гурӯҳ ҷудо намоем.

Олими рус А.В. Мелехин доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба ду гурӯҳ: яъне дар сатҳи **конститутсионӣ** ва **қонунгузорӣ** муқаррар шударо ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи якум, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории сардари давлат, парлумон, ҳукумат ва ба гурӯҳи дуюм, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории дар сатҳи қонунгузорӣ мавҷуд бударо муайян намудааст. Ин таснифот ба қадри кофи хеле маҳдуд аст ва он бесабаб нест. Чунки дар ҳолати ғайр фаъолияти парлумони миллӣ ба таври амалӣ осебпазир гардида, бо дарназардошти шумораи зиёди шаҳрвандоне, ки хоҳиши иштирок кардан дар ин равандро доранд, ба бесарусомонӣ роҳ дода мешавад.

Ҳамзамон, ӯ илова менамояд, ки дар амалияи қонунгузории Россия ҳамаи усулҳои ба ҷомеаи ҷаҳонӣ маъмул, аз ҷумла шаҳрвандони ФР-ро ҳамчун субъекти ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок карданро номбар намудааст[204].

Гурӯҳи дуюми муаллифон субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба ду категория: **умумии конститутсионӣ** ва **махсус** ҷудо кардаанд. Ба категорияи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории умумии конститутсионӣ, доираи васеи мақомот ва ашхосро метавон дохил кард. Президент, Ҳукумат, палатаи поёнии парлумон, палатаи болоии парлумон, вакилони палатаи поёнӣ, гурӯҳҳои васеи вакилони палатаи поёнӣ (дар давлатҳои гуногун аз 1/10 ҳайати умумии вакилони палата) тааллуқ доранд. Ҳамчунин С.В. Бошно мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шахсони воқеӣ ва иттиҳодияҳои онҳоро, ки ба ташаккули низоми ҳуқуқии ин ё он ҷомеа таъсири воқеӣ мерасонанд ва манфиатҳои онҳо дар масъалаи ҳуқуқии давлат муқаррар карда шударо номбар мекунад[205].

---

[204] Мелехин А.В. Теория государства и права. Учебник. – М. - 2009. – С. -311.
[205] Бошно С.В. Законодательная инициатива в Государственной Думе Федерального Собрания Российской Федерации. Автореферат дисс. ... канд. юрид. наук. - М., 1997. – С. - 19.

Ба категорияи махсуси субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мақомоти ҳокимияти давлатиро номбар кардан мумкин аст. Масалан, Суди конститутсионии Федератсияи Россия, Суди Олии Федератсияи Россия, Суди Олии Арбитражии Федератсияи Россия танҳо аз рӯйи масъалаҳои ба тобеияти онҳо махсуб буда метавонанд ин фаъолиятро ба амал бароранд.

Ба гурӯҳи сеюм таснифоти аслии субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории пешниҳод намудаи Ю.М. Лейборо пеши назар меоварем, ки ӯ хуқуқи ташаббуси қонунгузории ҳукумат, сардори давлат, парлумон, субъектҳои иттифоқӣ (барои давлатҳои иттифоқӣ) ва ё воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ (барои давлатҳои ягона); судӣ, халқӣ ва махсусро ҷудо мекунад[206]. Ӯ чунин меҳисобад, ки дар муайян кардани талаботи рӯзмарраи ҷомеа, таҳияи қонунҳои нав ва такмили қонунҳои минбаъда мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла сардори давлат ва ҳукумат, вакилон ва аъзоёни палатаҳои болоӣ саҳми калон доранд. Ва ин тасодуфӣ нест. Ин раванд асоси воқеӣ дорад, зеро ки маҳз мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ба таҳияи лоиҳаи қонун ва қабули қонунҳои нав машғуланд ва дар ин самт таҷрибаи кофӣ низ доранд.

Аз таснифоти дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ начандон васеъ буда қариб, ки якранг мебошанд. Мо бо қисме аз ин таснифот розӣ шуда, бо қисме аз он қариб, ки розӣ шуда наметавонем. Ва доир ба ин якчанд нуктаҳои худро ба таври зайл иброз менамоем:

Якум, мо ба андешаи А.В. Мелехин пурра розӣ шуда наметавонем. Ин муҳаққиқ субъектонро дар сатҳи конститутсионӣ ва қонунгузорӣ муқаррар шуда ҷудо намудааст. Аввало, дар аксарияти конститутсияҳои кишварҳо субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аниқ муқаррар карда мешаванд.

Дувумин, дар ғайри ин сурат, ҳолатҳои ногувор ба миён меояд. Чунки ин масъалаҳо дар сатҳи конститутсионӣ ҳалли худро меёбанд.

Таснифоти гурӯҳи дуюми субъектонро, ки ба категорияи умумии конститутсионӣ ва махсус ҷудо кардаро дастгирӣ намуда қайд менамоем, ки

---

206 Лейбо Ю.М. Законодательный процесс в зарубежных странах. Учебное пособие. М. 2012. – С. - 5.

ин таснифот дар Конститутсияи баъзе аз кишварҳо муқаррар карда шудааст. Субъектони категорияи махсус аз пешниҳод намудани доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла масъалаҳои буҷет, молиявӣ, авф ва ғайра бархурдор нестанд.

Дар раванди қонунгузорӣ субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Аз ин гуфтаҳо мо натиҷагирӣ намуда, ба хулосае омадем, ки субъектони дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта дар кишварҳои хориҷӣ гуногунанд. Масалан, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вакилони Маҷлиси миллӣ, Президент, Суди Олӣ, Прокуратураи Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Мухтории Нахичеван ба ҳисоб меравандд[207]. Мутобиқи Конститутсияи ФР субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Президенти ФР, Шӯрои Иттифоқӣ, аъзоёни Шӯрои Иттифоқӣ, вакилони Думаи Давлатӣ, Ҳукумати ФР, субъектҳои иттифоқӣ, яъне ба мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори субъекти иттифоқӣ мутааллиқ аст[208].

Дар рисолаи номзадии худ Э.Т. Рамазонова таҳти унвони "Институти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар низоми ҳуқуқии ФР: татбиқи назария ва амалия" муайян намудааст, ки субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар ФР шахсони мансабдори ФР, мақомоти олии намояндагӣ ва иҷроияи ФР, вакилони Думаи Давлатӣ, аъзоёни Шӯрои Иттифоқӣ, мақомоти қонунгузории (намояндагии) субъектҳои ФР ва мақомоти олии судии ФР ба ҳисоб меравандд.

Ин таърифро аз нигоҳи илмӣ арзишманд наметавон тасниф кард, ки он ба меъёри эътимодбахши илмӣ начандон мувофиқат мекунад, зеро муаллиф шахсони мансабдорро, ки ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб меравандд, аниқ муайян накардааст[209]. Ҳол он, ки дар Конститутсияи

[207] Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 12.11.1995 с. – С. - 96.
[208] Конститутсияи Федератсияи Россия аз 12.12.1993 с. – С. -104.
[209] Рамазанова Э.Т. Институт законодательной инициативы в правовой системе РФ: теория и практика реализации: Дисс. ...канд. юрид. наук. М., 2005. –С. - 165.

ФР ба сифати субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ шахсони мансабдор аниқ муқаррар шудааст.

Роҷеъ ба ин гуфтаҳо мо якчанд ҷанбаро қайд намудани ҳастем. Ба андешаи мо Конститутсияи ФР таснифоти васеъи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро инъикос менамояд ин якум.

Ва дуюм, субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар моддаи 104 Конститутсия оиди палатаи болои ду субъектро муайян намудааст. Конститутсия ба сифати субъект ҳам Шӯрои Иттифоқӣ (палатаи болоии парлумони ФР) ва ҳам аъзоёни Шӯрои Иттифоқиро муқаррар намудааст. Ва ин бесабаб нест. Чунки, ба ҳар як аъзои палатаи болой, ки аз минтақаҳои мавҷудбудаи ФР аъзо ҳастанд, имконият дода шудааст, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар парлумони иттифоқӣ амалӣ намоянд.

Аммо дар ин асно қайд намудан лозим аст, на ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ё дигар субъектони ҳуқуқи конститутсионӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдоранд. Масалан, мақомоти прокуратура, ҳокимияти маҳаллӣ, яъне воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ ва шаҳрвандон аз ин ҳуқуқ бархурдор нестанд.

Вобаста ба ин, андешаронихои муаллифон, мо низ оид ба ин мавзӯъ, нуқтаи назари худро дар заминаи қонунгузории ҶТ баён менамоем.

Вобаста ба гуфтаҳои боло доир ба масъалаи ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ мо каме раванди қонунгузории гузаштаи наздики кишварамонро бозомӯзӣ намудем. Қонуни Асосии ҶШС Тоҷикистон[210] соли 1978 доираи васеи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро пешбинӣ карда буд. Мутобиқи Қонуни Асосӣ ба ғайр аз Шӯрои Олӣ, Президиуми Шӯрои Олӣ, вакилони Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон, ҳамчунин комиссияҳои доимӣ ва дигар комиссияҳои Шӯрои Олӣ, инчунин Суди Олӣ ва Прокурори ҶШС Тоҷикистонро ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар намуда буд. Ба ғайр аз ин мутобиқи Қонуни Асосӣ ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ низ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдор буданд.

---

[210] Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶСС Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978. - М. 103.

Албатта, бо гузашти вақт дар самти қонунгузорӣ тағйироти назаррас ба амал омад. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи нави ҶТ дар Конститутсияи соли 1994 субъектҳои нави ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар карда шуданд. Мувофиқи моддаи 60-и Конститутсия ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба "вакили халқ, Президент, Ҳукумат, Суди конститутсионии ҶТ, Суди Олии ҶТ, Суди Олии иқтисодии ҶТ, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон" муқаррар шуда буд. Мақомоти судии олии кишвар субъектҳои комилҳуқуқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ буданд. Бо истифода аз ин ҳуқуқ Суди конститутсионӣ моҳи ноябри соли 1995 лоиҳаи қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" - ро ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуд[211]. Баъдан, лоиҳаи қонун аз ҷониби парлумони кишвар баррасӣ ва қабул карда шуд.

26 сентябри соли 1999 аз рӯйи зарурати пешомада дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи кишвар тағйиру иловаҳои калидӣ ворид карда шуд. Мутобиқи ислоҳоти конститутсионӣ бо таъсис додани парлумони ду маҷлиса доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ тағйир дода шуд. Яъне аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ, Маҷлиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доранд. Ин ислоҳоти конститутсионӣ судҳои олии мамлакатро бетараф намонд. Бо назардошти ин ислоҳот салоҳияти ташаббуси қонунгузори мақомоти олии ҳокимияти судӣ маҳдуд карда шуд. Яъне мутобиқи меъёри конститутсионӣ Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ танҳо аз рӯйи масъалаҳое, ки ба салоҳияти онҳо марбут буда[212], ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доштанд.

22 июни соли 2003 раъйпурсии умумихалқӣ доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ҳокимияти олии судиро дар канор нагузошт. Раъйпурсии конститутсионӣ Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди

---

[211] Холиков К.Н., Якубова С.Н. Маҷлиси Олӣ ва Суди конститутсионии ҶТ: Мақоми ҳуқуқи ва алоқамандии байни онҳо. - Давлат ва ҳуқуқ. №2. - 2004. – С. - 14.
[212] Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994 с. Бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999. - М. С. - 58.

Олии иқтисодиро аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ комилан пурра маҳрум сохт[213].

Ин ҳолат омили худро дорад, мақомоти олии судӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо сабаби аз салоҳияти муқаррар намуда ба таври зарурӣ истифода нашуда пурра маҳрум шуданд.

Як гурӯҳ олимони ватанӣ, А. Имомов, А.М. Диноршоев[214], З.Х Искандаров ва А.Р. Нематов[215] бар он ақидаанд, ки мақомоти олии судиро аз ҳуқуқи ташаббуси конунгузорӣ маҳрум кардан мувофиқи мақсад набуда, моҳиятан ҳокимияти судӣ аз ягона имконияти таъсиррасонӣ ба ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия маҳрум гашт.

Ба ин гуфтаҳо андешаронии Д.В. Чухвичев мувофиқат менамояд, ба фикри ӯ судҳо аз аввалинҳо шуда ба низоъҳо, муқаррароти ғайриқонунӣ ва дигар норасоиҳои низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва вобаста ба вазъияти ба амаломада роҳи ҳалли масъаларо пайдо мекунанд. Дар заминаи таҷрибаи судӣ, таҳлилу муқоисаи равандҳои қонунгузорӣ мақомоти олии судӣ имкони муносиби ислоҳи камбудиҳои мавҷудаи қонунгузориро доранд. Бояд қайд намуд, ки дар судҳои зинаи поёнӣ ҳамарӯза қонунҳоро татбиқ мекунанд ва парвандаҳоро баррасӣ менамоянд[216]. Дар ин асос онҳо бояд субъекти фаъоли фаъолияти қонунгузорӣ, дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва иштирокчии раванди қонунгузорӣ бошанд. Аммо аз сабаби муқаррароти маҳдудияти конститутсионӣ (табиист, ки онро нодида гирифтан мумкин нест), судҳои болоӣ аз ин салоҳият маҳрум мебошанд[217].

Бо дарназардошти ин баъзе олимони ватанӣ бар он андешаанд, ки маҳрум сохтани ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ асоснок мебошад. Ба таври мисол, профессор З. Ализода маҳрум кардани судҳои болоӣ, аз ҷумлаи субъектҳои ҳуқуқи

---

213 Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994 с., бо тағйиру иловаҳо аз 22 июни соли 2003. - Душанбе, 2003. Ҳамон ҷо. Алиев З.М. Парламентаризм и процесс его становления в РТ. Государство и право. - Душанбе. 2006. №3. – С. - 22.

214 Диноршоев А.М. Конституционный суд в системе органов государственной власти РТ. Вестник Конституционного суда РТ. №(3) 2014. – С. - 168.

215 Нематов А.Р. Правотворчество в РТ: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. ... д-ра. юрид. наук., Душанбе. - 2013. – С. - 139.

216 Бямбадоржа Ж. Конституционный суд Монголии - важный институт демократического государства. Вестник Конституционного суда РТ. (№4) 2010. – С. -84.

217 Чухвичев Д.В. Законодательная техника. Учебное пособие. - Ашхабад. 2011. – С. -136.

ташаббуси қонунгузориро бо он асоснок мекунад, ки дар шакли классикӣ танҳо вакилони парлумон ва сарони давлатҳо ин ҳуқуқро доштанд. Аз тарафи дигар, тавре маълум аст, мақомоти судӣ дар аксари кишварҳои пасошуравӣ ба ҳуқуқтатбиқкунӣ машғуланд. Ин нуктаро муҳаққиқ Х.М. Мирзамонзода низ қайд мекунад[218]. Аммо муаллиф дар асарҳои минбаъдаи худ пешниҳод мекунад, ки "дар сурати мавҷуд набудани амсоли судӣ, ба мақомоти олии ҳокимияти судӣ, салоҳияти ташаббуси қонунгузорӣ баргардонида шавад"[219].

Ба андешаи мо дар шароити кунунӣ зарурати ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доштани мақомоти олии ҳокимияти судӣ ба назар намерасад. Мақомоти олии ҳокимияти судӣ чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ дар даврони муосир ҳамчун мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба ҳисоб меравaнд. Дар низоми судии ҶТ амсоли судӣ татбиқ намегардад аз ин лиҳоз бархурдор будани мақомоти олии ҳокимияти судӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷоиз нест. Аз ин лиҳоз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо вазъӣ мақоми судӣ ва ба принсипи таҷзияи ҳокимият мутобиқ нест.

Ҳамин тариқ, ҳар як субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вобаста ба фаъолияти худ мақсади амали гардонидани ин ҳуқуқро дорад. Мақсади мазкур пешниҳоди лоиҳаҳои қонун оид ба ҳифзи сохтори конститутсионӣ, низоми сиёсӣ ва иқтисодии давлат, ҳуқуқу манфиатҳои шахс ва дигар арзишҳои воло, ки принсипи асосиро ташкил медиҳад, иборат мебошад. Дар асоси гуфтаҳои боло мо чунин мешуморем, ки амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар баъзе мавридҳо уҳдадории субъект ва дар мавриди дигар ҳуқуқ мебошад.

Тибқи Конститутсия дар ҶТ амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оиди баъзе масъалаҳо, ба баъзе аз субъектон вогузор шудааст, ки ин ба раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ аҳамияти калон дорад.

---

[218] Гафуров Х.М. (ныне Мирзамонзода Х.М). Судебная система РТ: современное состояние и перспективы развития. - Душанбе. - 2007. – С. - 25.

[219] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики. Дисс. ... д-ра юрид.наук. 2021 г. - Душанбе. – С. - 299.

Масалан, пешниҳод намудани лоиҳаи қонун дар бораи “Авф”[220], тағйиру илова ба Конститутсия ба Президенти ҶТ[221] вогузошта шудааст. Ҳамчунин пешниҳод намудани тағйиру илова ба Конститутсия ба ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар якҷоягӣ вогузор карда шудааст[222].

Баъдан, лоиҳаи қонун “Дар бораи Буҷети давлатии ҶТ”, оид ба муқаррар ва бекор кардани андозҳо ба зиммаи Ҳукумати ҶТ вогузор шудааст, ки вобаста ба ин раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон дар асоси принсипҳои ба он мутобиқ ба амал бароварда мешавад.

Дар ин раванди қонунгузории парлумон аъзои Ҳукумат ҳатман дар баррасии лоиҳаи қонуни мазкур иштирок менамояд.

Аммо ба Ҳукумати ҶТ дода шудани ин ҳуқуқ ҳамзамон вазифаи Ҳукумат низ ба ҳисоб меравад[223].

Аммо олимони тоҷик М. Маҳмудзода ва Р. Сотиволдиев бар ин назаранд, ки дар Конститутсия ва қонунҳо як қатор масъалаҳои ҳатмӣ барои субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд[224]. Ин андешаи олимон ниёз ба тавзеҳ дорад. Ва дар навбати худ олимон қайд мекунанд, ки салоҳияти истиснои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории сарвари давлат ва хукумат муайян карда шудааст. Баъди таҳлили ҳамаҷониба қисман метавон баъзе андешаи онҳоро тарафдорӣ кард, вале бояд қайд намуд, ки баъзе масъалаҳо дар бахши субъектҳои махсуси ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд.

Мувофиқи моддаҳои 58 ва 82-и Конститутсияи ҶТ Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок намудани ин муқаррарот ба шартҳои мушаххас, инчунин ҳолатҳои истисноӣ аз қабили шароити махсуси ҳудудию иқлимӣ, вазъи этникӣ, инчунин муносибатҳои махсуси иҷтимоию иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Ин омил таваҷҷӯҳи махсусро дар самти

---

[220] Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994 с. - М. 58. Қ 2, м. 59. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
[221] Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994 с. - М. 58.Қ. 1., м. 99. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
[222] Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994 с. - М. 58. Қ. 1., м. 99. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
[223] Конститутсияи ҶТ аз 6.11.1994 с. - М. 59. Қ. 3. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
[224] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. - Душанбе. «ЭР-граф». 2016. – С. -18.

қонунгузорӣ талаб намуда, дар баробари ин он ба такмил ва рушди раванди қонунгузорӣ таъсиргузор хоҳад буд.

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон метавонад ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дастаҷамъона амалӣ намояд, аммо дар Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои ҶТ доир ба кадом масъалаҳои мушаххас ташаббуси қонунгузориро амалӣ мегардонад нишон дода нашудааст. Дар ин аснод саволе ба миён меояд, ки оё Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон метавонад ба Маҷлиси намояндагон доир ба масъалаҳои гуногун (ба истиснои масъалаҳои молиявӣ, авф, тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ) лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ пешниҳод намояд. Дар ин хусус дар Конститутсия ҳеҷ гуна манъкуниро мушоҳида намекунем. Ҳамчунин дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” низ ин ҳолат мушаххас нест.

Андешаи коршиносон дар ин хусус гуногун ба назар мерасад. Бархе аз олимон бар ин назаранд, ки Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқ дорад оид ба масъалаҳои гуногун (ба ғайр аз масъалаҳои дар боло нишондода шуда) лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ пешниҳод намояд. Олимони дигар бар ин назаранд, ки Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба масъалаҳои тобеияти ҳудуди вилоят ба парлумон лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ пешниҳод кунанд.

Дар раванди қонунгузорӣ фаъолияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бояд хеле назаррас бошад.

Тавре мушоҳида мегардад, нуқтаи назари олимон хеле баҳснок аст. Дар зимн дар муқоиса бо дигар субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ меъёри конститутсионӣ ва қонунгузорӣ Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро оиди пешниҳод намудани лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ, муҳлати пешниҳоди лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ, вобаста ба раванди қонунгузориро вазифадор намекунад.

Ба андешаи мо дар муқаррар намудани меъёри ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баъзе нуктаҳои қонунгузорӣ ба тавзеҳот ниёз дорад. Дар оянда хуб мешуд, агар доираи масъалаҳое, ки вилояти мухтор дар доираи онҳо фаъолияти худро пеш мебарад, дар қонунгузорӣ маҳз аз рӯйи ҳамин масъалаҳо ҳуқуқи махсуси ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Аз ин лиҳоз мо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро ба категорияи махсуси субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта дохил менамоем. Ва ҷоиз аст, Маҷлиси вакилони халқи вилоят ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ метавонад аз Маҷлиси намояндагон тафсири муқаррароти моддаи 58 ва 82-и Конститутсияи ҶТ - ро дархост намояд ва ба ин масъала равшанӣ андохта мешавад.

Қариб дар тамоми давраи мавҷудияти Конститутсияи Тоҷикистон аз соли 1994, моҳиятан Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба таври зарурӣ истифода накардааст. Дар оянда хуб мешуд, агар вакилони Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ин меъёри муқараррнамудаи Конститутсияи ҶТ ба пуррагӣ истифода мекарданд. Оиди масъалаҳои маҳаллӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии таҳқиқот, мо ба хулосае омадем, ки зарурати васеъ намудани субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҶТ метавон андешаронӣ кард. Дар ин асос мо тарафдори он нестем, ки ташаббуси қонунгузорӣ ба салоҳияти Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ вогузор шавад. Аммо ба Суди конститутсионии ҶТ додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ танҳо аз рӯйи масъалаҳои ба он марбут буда, мантиқист.

Барои далели ин пешниҳод бояд мо ба суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ оид ба такмили ваколатҳои Суди конститутсионии ҶТ такя намоем. Ин пешниҳодҳо дар

“Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ”, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 23 июни соли 2007 тасдиқ шудааст, инъикос ёфтаанд.

Барои татбиқи “Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” 20 марти соли 2008 дар бораи ворид намудани илова ба қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ” қабул карда шуд. Мутобиқи ин қонуни конститутсионӣ салоҳияти Суди конститутсионии ҶТ вобаста ба хусусиятҳои назорати конститутсионӣ васеъ гардонида шуд[225].

Аммо дар ин ҷода масъалаи ба Суди конститутсионӣ додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ инъикос наёфтааст. Дар аксари кишварҳои пасошуравӣ мақомоти назорати конститутсионӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Масалан, Суди конститутсионии Федератсияи Россия вобаста ба масъалаҳои ба он марбут[226], Суди конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон[227] аз ин ташаббус бархурдоранд.

Баъдан, васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро аз ҳисоби Прокурори генералии кишвар, “танҳо дар доираи масъалаҳои ба онҳо марбут буда” муносиб медонем. Асоснокии ин пешниҳод дар он ифода мегардад, ки прокуратура назар ба дигар мақомоти давлатӣ аз вазъи қонуният дар давлат, камбудию норасоиҳои эҳтимолии қонунгузорӣ, вазъи воқеии иҷрои қонунҳо дар мамлакат, риояи талаботи ҳаётан муҳим ҳамаҷониба огоҳӣ дорад. Моҳияти илмии пешниҳоди мо дар он ифода меёбад, ки Прокурори генералӣ дар бораи танзими ҳамаҷонибаи қонуни пешниҳодшудаи муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор, оқибатҳои манфии эҳтимолии қабул ва пешгӯиҳои криминологии татбиқи меъёрҳои лоиҳаи қонун ҳарф мезанад. Прокурори генералӣ метавонад консепсияи мукаммал ва ё таҳрири пурраи лоиҳаи қонун ё таклифҳои қонунгузории мушаххасро пешниҳод намояд.

А. Имомов низ тарафдори васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мебошад. Ба андешаи у “ба мақомоти маркази

---

[225] Холиков К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан: статус, организация и деятельность. - М. Издательство Московского университета, Монография. - 2009. – С. - 102.
[226] Конститутсияи Федератсияи Россия аз 12 декабри соли 1993. - М. 104.
[227] Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 8 декабри соли 1992. - М. 83.

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва пеш аз ҳама, ба мақомоти марказии ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар маъракаҳои интихоботӣ иштирок мекунанд, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шавад”[228]. Мо ин пешниҳодро бо якчанд сабабҳо дастгирӣ наметавонем кард.

Якум, аксарияти вакилони парлумон аъзои ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд.

Дуюм, ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон танҳо аз тарафи ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташудаи ҷумҳурӣ пешбарӣ карда мешаванд. Ба замми ин ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи пешбарии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатаро низ доранд.

Сеюм, ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи пешниҳод намудани номзад барои интихоб шудан ба мансаби Президенти ҶТ - ро доранд. Аз ин лиҳоз мо бар он андешаем, ки намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ба қадри кофӣ метавонанд ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро бемамоният амалӣ намоянд.

Имрӯз аксари кишварҳои демократӣ ташаббуси қонунгузории шаҳрвандонро муқаррар намудаанд. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории шаҳрвандон дар бисёр давлатҳои демократӣ эътироф шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки шаҳрвандон ҳуқуқи ба мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорӣ кишвар оид ба қабули санадҳои меъёри хуқуқӣ - Қонун, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаро доранд.

Хусусияти демократӣ бахшидан ба ташаббуси халқӣ дар қабули қанунҳо оид ба масъалаҳои муҳимтарин мусоидат мекунад, ин раванд бешубҳа ба сифатан беҳтар шудан ва такмили онҳо, инчунин таъсирбахшии қарорҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ боис мешавад. В.В. Комарова ташаббуси халқиро ҳамчун шакли нави амалисозии ҳокимияти давлатӣ ҳисоб менамояд, ки он аз ҷониби гурӯҳи шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо тартиби муқарраршуда пешниҳод менамоянд[229].

---

[228] Имомов А. Конституция как юридическое и социально политическое явление. Государство и право. №4. 2008. - Душанбе. – С. -60.
[229] Комарова В.В. Механизм непосредственной демократии современной России. (система и процедуры). - М.: «Формула права». 2006. – С. - 367.

Масъалаи татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории халқ дар мамлакатҳои демократӣ бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешавад. Масалан, дар Лихтенштейн на камтар аз ҳазор интихобкунанда, дар Словения, Панама на камтар аз 5 ҳазор интихобкунанда, Италия, Беларус, Литва 50 ҳазор нафар интихобкунанда, дар Шветсария 100 ҳазор нафар интихобкунанда, дар Руминия то 250 ҳазор нафар интихобкунанда, дар Испания камтар аз 500 ҳазор нафар интихобкунанда; дар Коста-Рика 5 фоиз ва Эквадор 25 фоизи шаҳрвандон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доранд.

Дар Конститутсияи ҶТ шаҳрвандон ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар нашудаанд. Ин мавзуъ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ба шаҳрвандони Тоҷикистон додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории халқӣ дар такмили қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ташаббуси қонунгузории халқӣ метавонад дар шакли лоиҳаи қонун пешниҳод шавад. Ташаккули чунин ниҳод барои иштироки бевоситаи шаҳрвандони воқеӣ дар идоракунии давлат замина фароҳам меорад. Доир ба механизми амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби корпуси интихоботӣ қонуни ҶТ “Дар бораи тартиби татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шавад, ва ҳамзамон дар он бо дарназардошти ҷамъоварии шумораи ҳадди ақали имзоҳо барои пешниҳоди ташаббус зарур муайян карда шавад.

Ин ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро ба Маҷлиси Олӣ бевосита тавассути пешниҳоди лоиҳаи қонун амалӣ намоянд. Мо чунин мешуморем, ки аз ин раванди амали қонунгузории мамолики хориҷӣ бояд таҷриба андӯхт. Албатта, моҳиятан муайян намуд, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории халқӣ бояд фарогири кадом масъалаҳо бошад.

Ҳамин тариқ, ҳама гуна пешниҳоди мо доир ба васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҳисоби Суди конститутсионии ҶТ, Прокурори генералии ҶТ ва ташаббуси қонунгузории халқӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияташон марбут буда (ғайр аз масъалаҳои андозбандӣ, қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, пешниҳоди ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсия, авф ва амсоли инҳо) дар шароити

низоми мавҷуда ва имкони ворид намудани тағйирот ба конститутсия хуб мешуд боиси баррасӣ қарор дода шавад.

**Ҳамин тариқ, бо муайян намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки дар раванди қонунгузорӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, зарурати муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пеш меояд.**

Раванди қонунгузории парлумон бо амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ алоқаманд аст. Ин раванди ибтидоии қонунгузорӣ буда, он ҳуқуқи расман пешниҳоди лоиҳаи қонун аз тарафи субъекти ваколатдор ба парлумон фаҳмида мешавад. Дар адабиёти илмӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба назар мерасад. Ба таври мисол, В.И. Чехарина ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ҳамчун ҳуқуқи конститутсионӣ ё салоҳияти субъектҳои дар Конститутсия муайяншуда (мақомот ё шахсон) барои ба палатаи парлумон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо иброз менамояд[230] ва дар ин таъриф метавон шарҳи конститутсионӣ ва ҳуқуқии мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро мушоҳида кард. Д.А. Ковачёв ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро имкони пешниҳоди лоиҳаи қонун аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои баррасӣ ба мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва қонунгузор мешуморад[231].

Ба андешаи олимони тоҷик М. Маҳмудзода ва Р. Сотиволдиев мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ҳамчун ибтидои таҳияи қонунҳо муайян мекунанд. Ба андешаи муаллифон, “маҳз дар ҳамин марҳилаи раванди қонунгузорӣ талаботи объективии ҳаёти ҷомеа ба қонунҳо муайян карда мешавад, муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба танзим даровара мешаванд. Саривақт ва ба таври пурра диққат додан ба талаботи ҷомеа дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ барои рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ҳимояи

---

[230] Чехарина В.И. Право законодательной инициативы и его влияние на процесс стабилизации закона. Концепция стабильности закона. Отв. ред. Казимирчук В.П. - М., 2000. – С. - 95.
[231] Ковачев Д.А. Проблемы конституционного права. - Москва: ОЛИТА, 2003. – С. - 21.

манфиатҳои ҷамъият ва давлат, таъмини рушди минбаъдаи ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа дорад”[232].

М.А. Абдуллоев зери ифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ “фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор доир ба мақомоти қонунгузор пешниҳод барои қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё лоиҳаи қонуни омодашуда” - ро дар назар дорад. Ба андешаи ин муаллиф “ҳуқуқи иҷрои чунин амалҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ номида мешавад ва ин мафҳум маънои онро дорад, ки лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ дошта ба мақомоти қонунгузор пешниҳодшуда новобаста аз қабул гардидан ё нагардидани онҳо бояд дар раванди қонунгузорӣ баррасӣ шаванд”[233].

Мо ин андешаи М.И. Абдуллоевро дастгирӣ мекунем, мақомоти қонунгузор вазифадор аст, ки лоиҳаи қонун ё таклифҳои қонунгузорӣ (аз назари муаллиф агар таклифҳои қонунгузорӣ аз тарафи Президенти кишвар иброз шуда бошад) ба палатаи парлумон пешниҳодшударо дар рафти раванди қонунгузорӣ баррасӣ намояд. Ҳар як лоиҳаи қонуне, ки аз ҷониби шахсони ваколатдор ва мақомоти дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта ба парлумон пешниҳод мегардад, бояд ҳатман дар раванди қонунгузорӣ баррасӣ карда шавад[234]. Дар баробари ин, дар давраҳои ҷудогона риоя намудани коидаҳои муқарраршуда ва пайдарҳамии баррасии лоиҳаи қонун, ки ҳар кадоми онҳо дар рафти раванди қонунгузорӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд, ниҳоят муҳим мебошад.

Дар энсиклопедияи ҳуқуқӣ, ки зери таҳрири М.Ю. Тихомиров мураттаб гаштааст, “ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ин ваколати махсуси мақомот, ташкилотҳо ва шахсони ваколатдор ба ҳисоб рафта, мақомоти қонунгузор вазифадор аст, ки пешниҳод доир ба қабул, тағйир додан ё бекор кардани

---

[232] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. - Душанбе. «ЭР-граф». 2016. – 4 с.
[233] Абдуллаев М.И. Теория государства и права. Учебник. - М. - 2004. – С. - 227.
[234] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Асари ишорашуда. – С. - 4.

қонун ё санади дигари воридшударо, ҳатман дар раванди қонунгузорӣ боиси баррасӣ қарор диҳад", фаҳмида мешавад[235].

Муҳаққиқӣ рус Д.Т. Кривенко ин мафҳумро пурра намуда, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ҳамчун ҳуқуқи пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ва таклифҳои қонунгузорӣ оид ба таҳия ва қабули қонунҳои нав, бекор кардан ва ворид намудани тағйироту иловаҳои мавҷуда баррасӣ менамояд. Бо дарназардошти ин андешаронихо доир ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ақидаҳои ягона вуҷуд надорад. Чунки дар ин раванди қонунгузорӣ ҳар як мақомот ва шахсони ваколатдор вобаста ба салоҳдиди худ дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, самти муайяни фаъолият фарқ карда мешаванд.

Вобаста ба андешаронихои олимон доир ба масъалаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мо тасмим гирифтем ибрози ақидаи олимонро дар ин самт ба маънои **"маҳдуд"** ва **"васеъ"** ҷудо намоем.

Ба гурӯҳи маҳдуд, андешаҳои олимон А.И. Денисов[236], С.А. Галунский, М.С. Строгович[237], Д.А. Керимов - ро дохил менамоем, ки мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ гуфта ин ворид намудани лоиҳаи қонун ба мақомоти қонунгузор дар назар дошта дар ин раванди қонунгузорӣ парлумон бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи конститутсия дар бораи қабули онҳо қарор қабул намояд.

Ба гурӯҳи васеъ, андешаронихои олимон С.В. Бошно[238], И. Левин[239] - ро дохил менамоем, ки онҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ҳамчун ҳуқуқи пешниҳоди лоиҳаи қонун ба мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор фаҳмида, ҳатман ворид намудани лоиҳаҳои қонун ба рӯзномаи корӣ аз ҷониби мақомоти роҳбарикунанда барои тасдиқи он аз ҷониби парлумонро дар назар доранд.

Аммо баъзе муҳаккиқон, ба мисли А.В. Кудряшов ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ҳам ба маънои маҳдуд ба мақомоти қонунгузорӣ ворид

---

[235] Тихомирова Л.Ю., Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия. - 5 е изд., перераб. и доп.- Москва: Юринформцентр, 2008. – С. - 340.
[236] Денисов А.И. Советское государственное право. М., - 1947. – С. - 45.
[237] Галунский С.А., Строгович М.С. Теория государства и права. - М., 1940. - С.177; Керимов Д.А. Законодательная деятельность Советского государства. (Основные принципы и орг. формы). - М., 1955. – С. - 70.
[238] Бошно С.В. Законодательная инициатива в Государственной Думе Федерального Собрания РФ: Автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. М., 1997. – С. - 18-19.
[239] Левин И. Советское государственное право. - М., 1947. – С. - 131.

намудани лоиҳаи қонун ва ҳам ба маънои васеъ на танҳо пешниҳоди лоиҳаи қонун, балки дигар ташаббусҳоро низ дар назар дорад, ки он ба такмили қонунгузории ҷорӣ нигаронида шударо муайян намудааст[240].

Аз ин гуфтаҳо ба хулосае метавон омад, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ин имконияти қонуниест, ки ба баррасии парлумон, лоиҳаи қонунҳо ва матни пешаки омода гаштаи лоиҳаи қонун пешниҳод карда мешавад, ки ин давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ фаҳмида мешавад.

Аз баррасии ин таснифот мо хулоса баровардем, ки мавқеи муаллифони гурӯҳи якум ва дуюм то андозае ба ҳам мувофиқат мекунад ва тафовут низ ба назар мерасад, мо низ вобаста ба моҳияти илмиву амалӣ маънои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории раванди қонунгузории ба маънои маҳдудро тарафдорӣ мекунем. Зеро оғози татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз пешниҳоди лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ ба мақомоти қонунгузор ва қабули қарор иборат мебошад.

Бо дарназардошти мавқеъгирии олимон, ки дар он муаллифони гуногун андешаҳои худро нисбати ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баён намуда, хусусиятҳои онро зикр кардаанд, пас нуқтаи назари худро оиди мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки ибтидои раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, чунин баён менамоем.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ин ҳуқуқ ба мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шахсони алоҳида дода мешавад, то лоиҳаи қонунҳоро бо тартиби муқарраршуда барои баррасии парлумон пешниҳод кунанд. Ин ҳуқуқ бо ӯҳдадории мақомоти қонунгузор дар мавриди баррасӣ кардани чунин пешниҳод аз рӯйи моҳият ва қабули қарори муайян бевосита алоқамандӣ дорад, яъне дар ин раванди қонунгузорӣ метавон қонуни навро қабул ё рад кард[241].

Ҳамзамон доктринаи ҳуқуқии муосир се равишро ба шарҳи мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод мекунад ва дар асл чунин мавқеъ

---

[240] Кудряшов А.В. Правовые основы согласования воль и интересов субъектов права законодательной инициативы. Дисс. ... канд. юрид. наук. - М., 2008. – С. - 73.
[241] Королев Ю.А. Законодательство и законодательная деятельность в СССР. Отв. ред. Гуреев П.П., Седугин П.И.– М., 1972. – С. - 120.

умумиэътирофшуда низ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ чунин маънидод карда мешавад:

1) иборат аст аз давраҳои раванди қонунгузорӣ;

2) ҳуқуқи субъективии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки аз маҷмӯи ҳуқуқу ӯҳдадориҳо иборат аст;

3) институти ҳуқуқи конститутсионӣ, ки дар доираи раванди қонунгузорӣ инкишоф ёфта, доираи муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба пешниҳоди лоиҳаи қонун ё таклифҳои қонунгузорӣ ба парлумонро фаро мегирад.

Дар ин маврид мо андешаронии Н.В. Родионовро ҷонибдорӣ менамоем, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ буда, он аз маҷмӯи амалҳои мурофиавӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ барои оғози раванди қонунгузорӣ дар мақомоти қонунгузор иборат аст[242].

Одатан, давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ аз пешниҳоди ташаббуси қонунгузорӣ ва дархост оид ба қабули он оғоз мегардад, ки он аз тарафи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои ба миён гузоштани масъалаи таҳия, қабул, тағйир додан ё бекор кардани қонуни мушаххас зимни раванди қонунгузорӣ ифода меёбад.

Тавсифи дақиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро В.В. Светков додааст: “Институти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ як иттиҳоди нисбатан мустақил ва фаъол амалкунандаи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва мурофиавии ба он алоқаманд буда, ба танзими муносибатҳои байни субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ оид ба қабули таклифҳои қонунгузорӣ барои баррасӣ нигаронида шудааст”[243].

Ба андешаи баъзе олимон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ унсури таркибии раванди қонунгузорӣ ва шакли амалигардонии ҳуқуқ мебошад. Ин мавқеъро, масалан, С.В. Бошно тарафдорӣ мекунад ва қайд менамояд, ки

---

[242] Родионова Н.В. Осуществление законодательной инициативы законодательными (представительными) органами государственной власти субъектов РФ в Государственной Думе Федерального Собрания РФ: Дисс. ... канд. юрид. наук. - Челябинск, 2006. – С. - 203.

[243] Цветков В.В. Реализация института законодательной инициативы в современном Российском государстве (общетеоретический аспект): автореф. Дисс. ... канд. юрид. наук. - Н. Новгород, 2008. – С. - 7.

ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ зинаи ибтидоии раванди қонунгузорӣ мебошад, зеро “эҷоди қонун” ҳамеша бо зуҳури ташаббуси эҷодии субъектҳои ҳуқуқ ва ташаббуси қонунгузорӣ алоқаманд аст. Дар ин раванд, пеш аз ба таври меъёрӣ ифода намудани қонун ҷанбаи асосноккунии сотсиологии онро таҳким бояд бахшид.

Дар ин самт мафҳуми васеътари ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Д.В. Чухвичев додааст[244] додааст, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳамчун давраи раванди қонунгузорӣ вазифаи асосии худ амалисозии механизми парлумонии пешниҳоди лоиҳаи қонунҳоро дошта, аввалин муносибатҳои ҳуқуқии конститутсиониро дар баррасии лоиҳаи қонун, даровардани тағйироту иловаҳо ба он ва қабулу татбиқи он танзим менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад[245]. Бояд гуфт, ки таърифи истилоҳи “ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ”, ки танҳо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро барои пешниҳоди лоиҳаи қонун таъмин менамояд, вобаста ба моҳияти ҳуқуқии худ баъзе тафсилот ва мушаххасотро талаб мекунад, чунки дар ин ҷода парлумон вазифадор нест, ки субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро водор намояд, ки лоиҳаи қонунро пешниҳод намоянд.

Аз лиҳози оне, ки пешниҳод намудани лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ ин ҳуқуқи субъекти ваколатдор мебошад, вобаста ба ин дар амалияи раванди қонунгузорӣ як қатор муносибатҳои мураккаби ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо ташаббускор ва парлумон ҳам ҳуқуқ ва ҳам вазифаҳои дахлдор доранд.

Баррасии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар ин самт ҳуқуқи субъективии ташаббускорро нишон медиҳад, яъне субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузор ҳуқуқи пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳоро дошта дар ин асно оиди ӯҳдадории парлумон чизе гуфта нашудааст.

Ба ин норасоӣ дар таърифи пешниҳоднамудаи М.В. Баглай равшанӣ андохта шудааст. Дар ҳолате, ки ба парлумон лоиҳаи қонунҳо, ворид

[244] Чухвичев Д.В. Законодательная техника. Учебное пособие. 2011. Ашхабад. – С. - 86.
[245] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомали Рахмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. - Душанбе. «ЭР-граф». 2016. – С. - 4.

шудааст, парлумон ӯҳдадор аст, ки мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ баррасии лоиҳаи қонунро шуруъ намояд, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ номида мешавад[246]. Дар баробари ин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки дар мақомоти қонунгузор ҳатман баррасии лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо пешбинӣ мекунад, ҳамзамон дар назар дорад, ки сохтори дохилии ёрирасонӣ палатаи парлумон аз нуқтаи назари мулоҳизавӣ имкони омӯхтан ва омода намудани қабули лоиҳаи қонунҳоро дорад, ки ин боиси оғози раванди қонунгузории парлумон ба ҳисоб меравад.

Аммо бархе аз муҳаққиқон, масалан Х.М. Мирзамонзода "таҳияи матни қонун ва пешниҳод оид ба такмили қонун ба мақомоти дахлдор"- ро ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ меҳисобад[247]. Ӯ мавқеи худро бо он асоснок мекунад, ки "таҳияи матни лоиҳаи қонун ва пешниҳод ба мақомоти дахлдор оиди такмили қонун ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад". Дар ин маврид муаллиф бар он такя менамояд, ки "таҳия ва пешниҳоди Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ оид ба такмили қонунгузорӣ дар матни қонунҳо аз ҷониби мақоми олии қонунгузор асосан дар шакли бетағйир қабул карда мешавад".

Бо дарназардошти ҷанбаи амалии ин мавзуъ Х.М. Мирзамонзода қайд менамояд, ки муқаррароти моддаи 22-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои ҶТ" моҳиятан аз рӯйи мазмуни худ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Суди Олии ҶТ мебошад»[248]. Мо бо чунин тафсири мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Х.М. Мирзамонзода розӣ шуда наметавонем.

Моддаи 55-и Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ"[249], муқаррар кардааст, ки мақомоти давлатие, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ надоранд, ҳуқуқ доранд лоиҳаи қонун ё таклифҳои қонунгузориро тавассути мақомоти ваколатдор ё тавассути аъзои Маҷлиси

---

[246] Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. - М., 2004. – С. - 400.
[247] Ҳамон ҷо. Мирзамонзода Х. М. – С. - 233.
[248] Ҳамон ҷо. Мирзамонзода Х. М.- С. - 233.
[249] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ" аз 19 апрели соли 2000. - М. 55. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.)

миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ё ба воситаи дигар субъектон ба Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод намоянд. Дар ин асос “таҳияи матни лоиҳаи қонун ва пешниҳод оид ба такмили қонун аз тарафи Суди Олӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ” ба ҳисоб намеравад.

Ҳамзамон, дар мавриде, ки лоиҳаи қонун аз тарафи мақомот ё шахсоне, ки дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ нестанд, мақомоти қонунгузор ӯҳдадор нест ин масъаларо боиси баррасӣ қарор диҳад. Бисёре аз мақомот, ба монанди Прокуратураи генералӣ ва вазоратҳо оид ба таҷдид ва такмили қонунгузорӣ пешниҳоди худро ба Парлумон ироа менамоянд. Аммо ин омил ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳисобида намешавад, зеро ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ин асно мо метавонем гуфт, ки ин ҳолат аз мавҷудияти коргузории даврони шуравӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои дар боло гуфташуда мо ба хулосае омадем, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳуқуқи субъекти ваколатдор буда дар шакл ва бо тартиби муқарраршуда ташаббус оиди оғози раванди қонунгузорӣ дар парлумон мебошад. Ин ҳолат ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки парлумонро водор намояд, ки пешниҳодотро баррасӣ кунад.

Таркиби ҳуқуқии ташаббуси қонунгузориро дар асл субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳамчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо ташкил медиҳанд[250]. Ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузориро метавон ба маҷмӯи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ташаббускор ва мақомоти қонунгузор мансуб донист, ки онҳо муносибатҳои махсуси ҳуқуқиро ташкил дода, дар татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ифода меёбанд.

Ба ибораи дигар, қонунгузорӣ ҳамеша бо зуҳури ташаббуси эҷодии субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки дорои ҳуқуқҳои муайян ва ӯҳдадориҳо буда, раванди татбиқи ташаббуси қонунгузориро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ тавсиф мекунанд, алоқаманд мебошад. Зимнан, лоиҳаи

[250] Ларионов В.П., Петров Н.П. Юридические конструкции законодательной процедуры Нижегородской области. Юридическая техника. - Н. Новгород, 2013. - №7. - Ч. 2. – С. - 393.

қонунҳое, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод мешаванд, аз дигар субъектоне, ки дорои чунин ҳуқуқ нестанд, фарқ бояд кард. Агар ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби субъекти ваколатдор изҳор шуда бошад, пас баррасии он дар парлумон ҳатмӣ мебошад.

Зимнан, дар ин ҷо метавон ба андешаи Д.А. Кучерявсев[251], такя намуд, ки доир ба амали гардонидонии шаклҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ҳамчунин вобаста ба табиати ҳуқуқии ташаббуси қонунгузорӣ ва мафҳуми раванди ташаккули қонунгузорӣ ақидаи ягонаро бояд ба асос гирифта эътибори ҷиддӣ дод. Дар ин маврид ҷанбаҳои табиати ҳуқуқии ташаббуси қонунгузорӣ, бо дарназардошти он ки ҳуқуқ унсури раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад ва мақсади он ба миён овардани раванди қонунгузорӣ арзёбӣ мешавад.

Ин масъалаи муҳим аз ҷониби олимон ба таври гуногун баррасӣ мешавад. Ба андешаи Н.Т. Леоненко, бо вуҷуди он ки таҳқиқотҳои зиёде ба масъалаҳои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бахшида шудаанд, дар бораи ин институти ҳуқуқи конститутсионӣ ягонагии ақидаҳо вуҷуд надорад. Аммо, бояд зикр намуд, ки ҳамаи ҳуқуқшиносон дар як нуктаи муҳим ҳамфикр мебошанд: онҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ҳамчун ҳуқуқ, дар баъзе мавридҳо ӯҳдадорӣ дар иҷрои амалҳо маънидод мекунанд. Вобаста ба дигар масъалаҳо начандон ҳамфикрии олимони соҳа мушоҳида мешавад[252].

Дар асоси таҳлили гуфтаҳои боло оид ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мо чунин хулосагирӣ намуда, чанд нуктаи ҷолиброқайд менамоем, ки субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ҳуқуқ дорад:

1) ҳар вақт лоиҳаи қонунро ба мақомоти қонунгузор пешниҳод намояд;

2) лоиҳаи қонунро оид ба ҳама гуна масъалаҳо (бо дарназардошти маҳдудиятҳо), ки барои субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар шудааст, пешниҳод намояд;

---

[251] Кучерявцев Д.А. Осуществление права законодательной инициативы в Российской Федерации: Конституционно-правовое исследование. Дисс. ... канд. юрид. наук. 2017. СПб. – С. - 44.

[252] Леоненко Н.Т. Право законодательной инициативы в региональном законодательном процессе: сущность, проблемы, предложения. – С.- 88. Российский юридический журнал. - 2011. №5. (сентябр-октябр).

3) субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ метавонад баррасии лоиҳаи қонунро аз парлумон талаб намояд;

4) дар мақомоти қонунгузор нуктаҳои муҳимми лоиҳаро ҳимоя мекунад;

5) ҳуқуқи бозпас гирифтани лоиҳаи қонунро дорад[253].

Ҳамзамон, дар баробари он ки субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ҳуқуқи пешниҳоди лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузориро дорад, дорои як қатор уҳдадориҳо низ мебошад. Ва мо ин ӯҳдадориҳои субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доштаро ба таври зайл муайян намудем:

Якум, таҳия намудани матни босифати лоиҳаи қонун.

Дуюм, мебояд низоми қонунгузории амалкунандаро таҳлил намуд, зеро батанзимдарорандаи предмети лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда вобаста ба мақсад ва муайян намудани ҷойи он дар ин низом, ки боиси тағйир ва ё бекор кардан ва қабули қонунро ба миён меояд, зоҳир намуд.

Сеюм, интихоби шакли ҳуқуқии санад (лоиҳаи қонуни нав, қонуни конститутсионӣ, лоиҳаи қонун дар борои бекор кардан, пешниҳод намудани тағйиру илова ба қонуни конститутсионӣ, ба кодексҳо, қонунҳои амалкунанда).

Чорум, тартиб додани лоиҳаи қонун бо дарназардошти талаботи техникаи қонунгузорӣ.

Панҷум, тартиб додани тавзеҳоте, ки зарурати қабули санади мазкурро асоснок мекунад.

Шашум, таҳияи асосҳои молиявию иқтисодӣ (барои лоиҳаи қонунҳое, ки татбиқи онҳо хароҷоти моддиро талаб мекунад).

Ҳафтум, гирифтани хулосаи Ҳукумат оид ба лоиҳаи қонунҳое, ки танзими ҳуқуқӣ ва манбаъҳои маблағгузориро дар назар дорад.

---

[253] Дубов И.А. Законодательная инициатива: проблемы и пути совершенствования. Государство и право. - 1993. - №10. – С. - 34.

Хулоса, мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар асоси он хусусиятҳои асосии ин падидаи ҳуқуқиро метавон ҷудо кард ва онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

Якум, ташаббуси қонунгузориро танҳо субъектони ваколатдор амали карда метавонанд.

Дуюм, парлумон вазифадор аст, ки лоиҳаи қонун ё таклифи қонунгузориро дида баромада, доир ба он қарори катъӣ қабул намояд[254].

Сеюм, ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ ин давраҳои раванди қонунгузорӣ мебошад, ки тартиб, мӯҳлати пешниҳоди лоиҳаи қонун ба парлумон, баррасии пешакӣ, гузаронидани экспертизаи лоиҳаи қонун ва баъдан эҳтимоли дар парлумон боиси баррасӣ ва қабул шудани қонун қарор қабул карда шавад.

Чорум, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ маҷмӯи муносибатҳои мураккаберо дар бар мегирад, ки дар байни субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва парлумон оид ба масъалаи қабули лоиҳаи қонун ба миён меоянд. Дар мадди аввал ба назари мо чунин мерасад, ки раванди қонунгузорӣ на он қадар аҳамияти муҳим дошта ҷараёни хеле кутоҳро дар бар мегирад. Аммо, дар асл чунин нест.

Воқеан раванди қонунгузорӣ муносибатҳои мураккаби ҳуқуқиро вобаста ба таҳияи қонун, бо маводҳои дахлдор ва риояи тартиби махсуси пешниҳоди лоиҳаҳои қонун ба парлумонро ифода мекунад.

Дар асоси таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ нуқтаи назари гуногун доир ба амали гардонидани **ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ** дар шакли "лоиҳаи қонун" ва "таклифҳои қонунгузорӣ"- ро ба ду маъно таҳлил менамоем.

Гурӯҳи якум, асосан намояндагони илми ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд, ки мафҳуми "лоиҳаи қонун" - ро ҳамчун шакли маъмул ва мукаммали амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ маънидод мекунанд. Ба андешаи С.А. Авакян шакли лоиҳаи қонунро ҳамчун "матни

---

[254] Абросимова Е.Б. Комментарий к Конституции РФ. (Коллектив авторов). – Юрайт-М. Новая правовая культура.М. – 2002. – С. -400.

хаттии лоиҳаи қонун", ки субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ба парлумон барои баррасӣ ва қабул намудани қонун пешниҳод менамояд бозгӯӣ намудааст[255].

Ба гурӯҳи дуюм, амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли "таклифҳои қонунгузорӣ" фаҳмида мешавад. А.И. Абрамова дар омӯзиши мушкилоти раванди қонунгузорӣ оид ба таносуби мафҳуми "таклифҳои қонунгузорӣ" андешаи ҷолиб баён менамояд. Ин муаллиф дар зери мафҳуми "таклифҳои қонунгузорӣ" пешниҳод доир ба қабули лоиҳаи қонун, пешниҳод доир ба ворид намудани тағйиру илова ба қонуни амалкунандаро, ки яке аз шаклҳои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ низ ба ҳисоб меравад маънидод кардааст[256].

Ин нукта диққати А.С. Достиевро ба худ ҷалб намудааст ва ӯ чунин қайд менамояд: "таклифҳои қонунгузорӣ, дар фарқият аз лоиҳаи қонун, ин як идея, консепсияи қонуни оянда аст, ки баъдан метавонад дар шакли қонуни мушаххас таҷассум ёбад"[257].

Воқеан, дар баъзе кишварҳо байни мафҳумҳои "лоиҳаи қонун" ва "таклифҳои қонунгузорӣ" фарқият вуҷуд дорад. Масалан, ин фарқиятҳоро Ю.М. Лейбо дар амали намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории раванди қонунгузории парлумони Испания, Фаронса, Кипр, Шветсия мушоҳида намудааст. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат дар шакли "лоиҳаи қонунҳо" пешниҳод мегардад. Ташаббуси қонунгузорие, ки аз ҷониби вакилони парлумон амалӣ мешавад "таклифҳои қонунгузорӣ" номида мешавад.

Дар Конститутсияи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар шудааст, ки субъектон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар шакли "лоиҳаи қонун" амалӣ менамоянд.

---

[255] Авакян С.А. Конституционный лексикон: государственно-правовой терминологический словарь. – М.: Юстицинформ, 2015. –. С. -400.

[256] Абрамова, А. И. Современный законодательный процесс Российской Федерации: стадии и проблемы их совершенствования. Журн. рос. права. - 2007. - №2. – С. - 14.

[257] Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия и основные положения. - Душанбе, 2001. – С. - 115.

Раванди қонунгузории Парлумони[258] ҶТ дар доираи тартиби муфассал муқаррарнамудаи меъёрҳо бо иштироки мақомоти давлатӣ ва риояи як қатор кафолатҳои мурофиавӣ сурат мегирад, ки натиҷаи муносиби ниҳоиро таъмин менамояд. Ҳуқуқи иштирок дар раванди қонунгузорӣ, шаклҳо ва тартиби он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Конститутсияи ҶТ [259] (моддаҳои 58, 59, 60, 61, 62, 69, 75, 82 ва 99), қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ, Дастури Маҷлиси миллӣ, Дастури Маҷлиси намояндагон, Дастури Ҳукумати ҶТ, ки ҳолатҳои асосӣ ва муайянкунандаи ин фаъолиятро танзим мекунанд, муқаррар шудаанд.

Дар ин моддаҳо раванди қонунгузорӣ, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, тартиби пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон, қабули қонун аз ҷониби Маҷлиси намояндагон, ҷонибдории қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ, тартиби баргардонидани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳамчунин бартараф намудани норозигии Маҷлиси миллӣ, лоиҳаҳои қонунҳои баргардонидашуда, баргардонидани қонун барои такроран баррасӣ намудан, инчунин тартиби бартараф намудани ветои нисбии Президент, имзо кардани қонунҳо аз ҷониби Президенти ҶТ[260] муқаррар шудааст. Мутаассифона, дар Конститутсияи ҶТ фаслҳои махсуси “Фаъолияти қонунгузорӣ” вуҷуд надорад.

Дар Конститутсияи ҶТ мафҳуми “лоиҳаи қонун” муқаррар карда шудааст[261]. Аммо дар қонунгузорӣ барои татбиқи шакли ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мафҳуми дигар аз қабили “таклифҳои қонунгузорӣ” - ро низ пешбинӣ намудааст. Яъне, амалигардонии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро хеле васеътар, ба таври зайл тасниф менамоем:

- якум, дар шакли пешниҳод намудани лоиҳаи қонуни нави ҶТ;

- дуюм, пешниҳоди лоиҳаи қонун дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қонуни ҶТ ва ё аз эътибор соқит донистани қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

---

[258] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права Республики Таджикистан. - Душанбе, 2020. «Сифат-Офсет». – С. -81.
[259] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. Бо тағйиру иловаҳои минбаъда.
[260] Ализода З. Становление института парламента в Республике Таджикистан: Проблемы теории практики. Монография. - Душанбе. 2010. – С. - 128.
[261] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. - М. 59. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.

- сеюм, инчунин дар шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонуни нав ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар зимн агар таклифҳои қонунгузорӣ, бо риояи тамоми талаботи техникаи қонунгузорӣ ва расмиёти мурофиавӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуда бошад, имкони ба қонун табдил ёфтани он мавҷуд аст.

Албатта, ба қонун табдил ёфтани таклифҳои қонунгузорӣ ҷараёни тарҳрезии раванди қонунэҷодкуниро дар назар дорад. Тавре маълум аст, таҳияи лоиҳаи қонун пеш аз татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ сурат мегирад. Аммо на дар мавриди пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ. Яъне дар ин сурат аввал таклифи қонунгузорӣ иброз карда шуда, баъдан таҳияи матни лоиҳаи қонун оғоз меёбад.

Пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ низ дар қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, дар қонуни зикргардида меъёре мавҷуд нест, ки дар асоси таклифҳои қонунгузорӣ таҳияи санади меъёриро пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид масъалаи мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳуқуқие ба миён меояд, ки ба лоиҳаи қонун табдил додани таклифҳои қонунгузориро пешбинӣ намояд.

Интихоби ин шакл дар баробари дигар масъалаҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Дастури Маҷлиси намояндагон инъикос ёфтааст. Хусусияти истисноии татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли "таклифҳои қонунгузорӣ" ин пешниҳоди хаттии он мебошад. Дар баробари ин, норасоии татбиқи ин шакли таклифҳои қонунгузорӣ на танҳо набудани тартиби татбиқи он, балки мавҷуд набудани намунаи шакли хаттии таклифҳои қонунгузорӣ низ мебошад.

Аз ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар парлумони кишварамон аз тарафи субъектон ҳам дар шакли "лоиҳаи қонун" ва ҳам дар шакли "таклифҳои қонунгузорӣ"[262] амалӣ мегардад.

---

[262] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 19.04.2000 с. М. 54; Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30.05.2017 с. М. 2.; Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 291. – С. - 161.

Аз дидгоҳи мо фарқи байни мафҳуми “лоиҳаи қонун” ва “таклифҳои қонунгузорӣ” дар он аст, ки ҳар як мафҳум бо хусусият ва доираи муайяни амали худ фарқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ имконияти конститутсионие дода шудааст, ки ба парлумон дар шакли пешниҳод намудани лоиҳаи қонуни ҶТ, лоиҳаи қонуни ҶТ дар таҳрири нав, лоиҳаи қонун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонун ё аз эътибор соқит донистани он, инчунин дар шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонуни нав, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонун ё аз эътибор соқит донистани он (таклифҳои қонунгузорӣ) фаҳмида мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо шакли татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро пешниҳоди лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ мешуморем, ки он дар раванди қонунгузории парлумон мавқеи муҳимро дорад.

## 2.2. Моҳияти конститутсионӣ ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакили Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Маҷлиси Олии ҶТ бо раванди қонунгузорӣ алоқаманд аст. Ин расмиёти ибтидоии раванди қонунгузории парлумонӣ буда, маънои расман пешниҳод намудани лоиҳаи қонун аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парлумонро дорад. Чӣ тавре, ки дар зербоби якуми ҳамин боб таҳлил кардем доираи субъектҳои ташаббуси қонунгузориро конститутсия муайян мекунад. Ташаббуси қонунгузории парлумонӣ дар он кишварҳое пешбинӣ шудааст, ки дар он ҷой парлумон вуҷуд дорад ва ин амри воқеӣ буда, яке аз вазифаи асосии парлумон маҳз таҳия ва қабули қонунҳо мебошад, қайд намудааст Ю.М. Лейбо[263].

[263] Лейбо Ю.М. Законодательный процесс в зарубежных странах. М. Учебное пособие. 2012. – С. - 7.

Мустаҳкам шудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро барои субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бисёр ҳолатҳо тақозо мекунанд:

- ҳувияти миллӣ;
- таҷрибаи касбии субъект;
- таҷрибаи таърихии ин ё он кишвар;
- анъанаҳои сиёсии дар доираи баҳогузории ҷамъиятии парлумони ташаккулёфта ва нақши он дар механизми давлатдорӣ ва ғ.

Ҳар кадоми ин омилҳо дар татбиқи амалишавии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории раванди қонунгузорӣ нақши арзанда доранд. Бояд қайд намоем, ки дар аксари кишварҳо масъалаи ба кадом субъект додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар асоси мулоҳизаҳои дорои аҳамияти сиёсӣ дар давраи ислоҳоти конститутсионӣ баррасӣ карда мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки ин раванд хусусиятҳои ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дуруст инъикос мекарда бошад. Таҳлили раванди таъмини ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории палатаҳои Маҷлиси Олӣ дар рушди таърихӣ парлумон, бешубҳа, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишманд аст.

Олимон масъалаҳои танзими тартиби таъмини ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Конститутсияи давлатҳоро омӯхта, барои таснифи онҳо асосҳои гуногун медиҳанд:

- Якум, меъёре, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзоёни парлумонро муқаррар мекунад. Тибқи ин муқаррарот ҳар як вакил чунин ҳуқукро дорад.

- Дуюм, меъёрест, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро аз ҷониби палатаҳои парлумон таъмин менамояд. Ин ҳуқуқ ба палатаи парлумон мансубият дорад. Аз ҷумла агар парлумон дупалатагӣ бошад, пас барои ҳар ду палата тааллуқ дорад.

Дар ин бахш таснифи дигарро олимон Ю.М. Лейбо[264] ва О.Н. Булаков пешниҳод мекунанд. Муаллифон муқарраротӣ конститутсиониро оид ба татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

[264] Лейбо Ю.М. Законодательный процесс в зарубежных странах. М. Учебное пособие. 2012. – С. - 7.

Якум, муқаррароте, ки моҳияти ҳуқуқи конститутсиониро муайян мекунанд, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро барои вакилон, гурӯҳи вакилон, палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоии парлумон таъмин менамоянд.

Дуюм, муқаррарот ин ҷиҳати махсуси ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакилонро, доир ба пешниҳод намудани масъалаҳои махсус, масалан пешниҳод намудани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи мамлакат ва ғайраро муқаррар мекунад.

Моҳиятан аз раванди демократӣ-сохтори ҳокимияти давлатӣ бармеояд, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бояд ба парлумони ба тариқи интихобот ташкил шуда тааллуқ дошта бошад. Бо дарназардошти ин нукта ба парлумон ва палатаҳои он, вакилон, аъзоёни палатаи болоии парлумон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шудааст.

Аммо баъзе олимон ин ақидаро пурра тарафдорӣ намекунанд. Масалан Н. Ахтенберг ва П. Будара[265] бар он ақидаанд, ки ба вакилони мақомоти қонунгузор додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ нест. Ба андешаи ин олимон, дар раванди қонунгузорӣ таваҷҷуҳи вакилон ба ҷанбаи сиёсӣ бештар равона мегардад, дар ҳоле ки ҷанбаи ҳуқуқӣ дар ин раванд бештар мавқеъ дорад.

О.Н. Булаков низ ин андешаро тарафдорӣ намуда, иброз менамояд, ки вакилон набояд дорои субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бошанд, зеро онҳо танҳо ҳуқуқи овоздиҳиро дар шакли “тарафдор” ва ё “муқобил” оид ба лоиҳаи қонуни муайян дошта бошанд[266].

Мо бо андешаи Н. Ахтенберг ва П. Будара оиди оне, ки дар ин раванди қонунгузорӣ аз салоҳияти худ дур рафтани вакилон ва оҳанги сиёсӣ бахшидан ба масъалаҳо аз ҷониби онҳо бояд мушоҳида нашавад, ҷонибдор ҳастем, аммо оиди оне, ки аъзоёни парлумон набояд ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дошта бошанд, бо чанд нукот розӣ шуда наметавонем.

---

265 Цитата по работе Давлатовой Ш. дисс. канд. юрид. наук.: Государственное право Германии /Сокращенный перевод с немецкого 7-томного издания. - М.:1994 г.

266 Булаков, О.Н. Двухпалатный парламент Российской Федерации. Издательство «Юридический центр Пресс», СПб. 2003. – С. -266.

Аввалан, на танҳо худи аъзоёни парлумон лоиҳаи қонунҳоро тайёр мекунанд, балки шаҳрвандони кишвар, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар маҳалҳо ва ғ., метавонанд ба воситаи аъзоёни парлумон лоиҳаи қонунҳо, таклифҳои қонунгузориро пешниҳод намоянд.

Дувумин, амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ танҳо дар пешниҳод намудани лоиҳаи қонуни нав ифода намегардад, балки дар пешниҳод намудани қонунҳо дар бораи тағйиру илова ворид намудан ба қонунҳои амалкунанда, пешниҳод оиди бекор кардани қонунҳои кӯҳнашуда, ки ба замони муосир мутобиқат намекунад ифода мегардад.

Севумин, масъалаҳое, ҳастанд, ки танҳо аз ҷониби аъзоёни парлумон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ амалӣ мегардад. Ба ин мисол шуда метавонад, пешниҳод оиди тағйиру илова ба Конститутсияи кишвар ва ғ.

Аз ин лиҳоз мо ин андешаҳоро дастгирӣ карда наметавонем.

Ҳамчунин байни олимон роҷеъ ба “таҳия намудани лоиҳаи қонун аз тарафи аъзоёни парлумон ҳуқуқ ва ё вазифа аст” андешаҳои мухталиф зиёданд. Бархе аз олимон бар он ақидаанд, ки “аъзоёни парлумон вазифадоранд, ки лоиҳаи қонунро таҳия намоянд”. Бархе аз олимони дигар мухолифи ин ақида мебошанд.

Дар ин хусус муҳаққиқи тоҷик З. Ализода қайд менамояд, ки “Дар палатаи поёнии парлумон ақидаи нодуруст мавҷуд аст, ки вакилон вазифадоранд лоиҳаи қонунро омода ва пешниҳод кунанд”. Ҳамзамон ӯ иброз менамояд, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳуқуқи вакилон аст, на ӯҳдадории онҳо. Вакил ҳамчун намояндаи халқ пеш аз ҳама вазифадор аст, ки лоиҳаи қонунро муҳокима кунад, оид ба он фикри худро баён кунад, инчунин ба тарафдорӣ ва ё муқобили он овоз диҳад. Ин вазифаи асосии вакилонро ифода мекунад.

Вобаста ба ин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ қайд мекунад ӯ ба вакилон имкон медиҳад, ки ҳамчун намояндаи халқ ва вакили парлумон, агар зарур шуморад, лоиҳаи қонунро таҳия намуда барои баррасӣ ба палатаи

поёнӣ пешниҳод намояд. Ин ҳуқуқ ба вакил инчунин имконият медиҳад, ки лоиҳаи қонунро пешниҳод карда, дар ҷомеа барои ҳалли вазифаҳои гуногуни қонунқабулкунӣ фаъолона иштирок намояд, дар ҳалли муносибатҳои ҷамъиятӣ кумак расонад[267].

Ин андеша лоиқи дастгирист ва мо низ ба андешаи З. Ализода розӣ ҳастем, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳуқуқи вакили парлумон аст, на ӯҳдадории онҳо. Илова бар ин, бояд гуфт, ки вакили парлумонро ба истифодаи ин ҳуқуқ маҷбур кардан ғайриимкон аст. Вакилон, албатта, ҳамчун намояндаи халқ аз мушкилоти аҳли ҷомеа бояд бохабар бошанд ва дар ҳалли онҳо иқдом гиранд, дар ин раванд барои бартараф намудани он пешниҳодҳои мушаххас намоянд.

Иштироки вакилон ва аъзоёни палатаи болоии парлумон дар раванди қонунгузорӣ ба ҳуқуқ ё вазифаҳои онҳо асос меёбад. Дар заминаи ҳуқуқи дахлдоре, ки дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, аъзоёни парлумон, яъне, иштирокчиёни бевоситаи раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар таҳияи қонуни навро низ доранд.

Ҳуқуқи субъективии вакил ва ё аъзоёни палатаи болоии парлумон аз он иборат аст, ки дар озодии интихоби вақт барои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ метавонад аз ҳуқуқи ба ӯ муқарраршуда истифода барад, аммо аз ин кор худдорӣ низ карда метавонад. Танҳо мавҷудияти манфиати объективӣ дар ҳалли ҳама гуна вазифаи иҷтимоии дорои хосиятҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти манфиати субъективии вакили парлумон асоси қарори субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро оид ба истифодаи ин ҳуқуқ ташкил медиҳад.

Андешаи А.М. Артамонов[268], ҷолиби диққат мебошад, чунки у иброз дорад, ки гурӯҳе аз вакилон дар раванди қонунгузорӣ, вобаста ба давраҳои он, метавонанд иродаи худро дар шакли фаъол ё ғайрифаъол баён кунанд ва

[267] Ализода З. Становление и развитие института парламента в РТ: Конституционно - правовое исследование. Дисс. ... д-ра юрид. наук. - 2013. – С. - 137.
[268] Артамонов А.М. Законодательный процесс в РФ (теоретические аспекты). Монография. Ростов на Дону. 2014. – С. - 29.

дигар вакилон низ метавонанд, вале ӯҳдадор нестанд, ки онҳоро дар шакли ҳатмии имконпазир амалӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки вакилон ва аъзоёни парлумон бояд бечуну чаро ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дошта бошанд. Фаъолияти асосии қонунқабулкунӣ ба зиммаи парлумон гузошта шудааст, ки он тавассути интихоботи мустақим ва умумӣ ташкил карда шудааст. Вакилон метавонанд мустақилона лоиҳаи қонун таҳия намоянд, дар ҳоле ки лоиҳаи қонун идеяҳои худи онҳоро инъикос намуда, он фарогири самтҳои дар асоси маъракаи интихоботӣ ва ё дар рафти фаъолияти минбаъдаи интихобкунандагон муайяншуда мебошад.

Дар ин маврид интихобкунандагон, намояндагони аҳли ҷомеа аз ҳуқуқҳои пешбининамудаи Конститутсия, яъне аз ҳуқуқи мурочиат ба мақомоти давлатӣ истифода намуда, ба намояндагони парлумон дар хусуси лоиҳаи қонун ё таклифҳои қонунгузорӣ мурочиат карда метавонанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки вакилон ва аъзоёни парлумон маҳз барои ҳамин фаъолият муваззаф ҳастанд. Беҳуда қонунгузории кишвар фаъолияти онҳоро касбӣ ва доимоамалкунанда муқаррар накардааст. Ва ҷоиз нест дар тӯли панҷ сол вакилон ва аъзоёни парлумон танҳо ба тарафдории қонун “ҳа” ва ё “не” овоз диҳанд. Ва дар ин ҷода саволе ба миён меояд. Оё боз барои такмили қонунгузорӣ, мақомоти нав таъсис дода шавад? На! Ин фаъолият вазифаи мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор ба ҳисоб меравад.

Аммо ба андешаи мо, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ бояд ба ин нукта таваҷҷуҳи зиёд намоянд, чунки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ваколатро нисбати онҳо муқаррар кардааст. Аз ин лиҳоз хуб мешуд аъзоёни парлумон ин ваколати конститутсиониро дар амал бештар татбиқ намоянд ва онҳо доир ба ин масоил муваззаф ҳастанд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои ҳуқуқии ин раванд таҳлили меъёрҳои конститутсионӣ ҷиҳати омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаи асосҳои

конститутсионӣ ва ҳуқуқии ташаббуси қонунгузории узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Модели тоҷикии парлумон дар ин самт дар ҷараёни ислоҳоти конститутсионии соли 1999 аллакай навсозӣ шудааст. Дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ аз 2000 сол ин ҷониб намояндагони мардумӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Сарфи назар аз он ки субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аллакай дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қатъӣ муқаррар шудаанд, муҳокимаҳо оид ба такмили ин раванд ҳанӯз идома доранд.

Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон субъектҳои фаъоли ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ мебошанд. Дар мавриди мавҷудияти парлумони дупалатагӣ ин вазъият аҳаммияти хоса дорад, зеро Конститутсияи ҶТ фаъолияти Маҷлиси Олиро ҳамчун мақомоти қонунгузор, ки мувофиқи он фаъолияти қонунқабулкунӣ яке аз вазифаи асосии парлумони ҶТ мебошад, тавсиф мекунад ва раванди қонунгузории аъзоёни парлумон тавассути амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оғоз ва амалӣ карда мешавад.

Маҷлиси Олӣ-Парлумони ҶТ мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин мақомоти ягонаи қонунгузор буда, фаъолияти худро аз номи халқ дар шакл ва дар доираи муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Дар навбати худ татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ шакли бевоситаи фаъолияти қонунгузории ҳам аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳам вакилони Маҷлиси намояндагон мебошад.

Дар раванди қонунгузорӣ татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони парлумон дар Тоҷикистон метавонад ба таври инфиродӣ, дастаҷамъӣ, инчунин аз ҷониби аъзоён ва вакилони ҳарду палатаи Маҷлиси Олӣ дар якҷояги амалӣ шавад ва ин дар ҳолест, ки барои пешниҳоди лоиҳаи қонун талаби ба гурӯҳ ва фраксияҳо муттаҳидшавии вакилон ва ё зарурати пешниҳод кардани шумораи муайяни имзои вакилон лозим нест.

Ин раванд дар кишварҳои дигар ба таври гуногун амалӣ мешавад. Дар баъзе давлатҳо ин қоида роиҷ аст, ки мувофиқи он лоиҳаи қонуне, ки аз ҷониби аъзои парлумон истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парлумон ирсол мешавад, бояд аз ҷониби аксарияти аъзои парлумон дастгирӣ карда шавад.

Ба андешаи муҳаққиқон чунин маҳдудиятҳо ҷанбаҳои худро дорад. Масалан, дар Норвегия барои пешниҳод намудани лоиҳаи қонун ба парлумон розигии на кам аз даҳ вакил лозим аст.

Назари худро М.А. Могунова доир ба ин масоил чунин иброз намудааст; "Чунин қоида бар зидди пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои ҳизбҳои сиёсие нигаронида шудааст, ки дар парлумон шумораи ками намояндагонро доранд"[269]. Ба андешаи мо ин ҳолат барои роҳ надодани амали гаштани ҳадафҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ки начандон электорати зиёдро доранд, на он қадар дар байни шаҳрвандон нуфузи калон доранд ва дар қабул намудани масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ ва давлатӣ он қадар мавқеи муҳимро ишғол намекунанд муқаррар шудааст. Ин ҳолат дар раванди қонунгузорӣ ва фаъолияти парлумони мушкилӣ ба миён меорад.

Дар Дастури Маҷлиси намояндагон муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро вакил дар алоҳидагӣ ва ё гурӯҳи вакилон аз як ҳизби сиёсии дар парлумон ҷой дошта амалӣ карда метавонанд. Дар ин ҷо бояд ба он нукта таваҷҷуҳ кард, ки мумкин аст, ки вакил лоиҳаи қонунро омода накунад, балки лоиҳаи қонун аз тарафи вазорат таҳия гашта, бидуни Ҳукумат ба воситаи вакилони Маҷлиси намояндагон ва ё узви Маҷлиси миллӣ ба Маҷлиси намояндагон метавон пешниҳод кард.

Ҳамчунин боиси қайд аст, ки халқи ҶТ, ки мутобиқи моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барандаи соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад[270], метавонанд лоиҳаи қонунҳо ва ё таклифҳои қонунгузориро ба вакилони Маҷлиси намояндагон ва ё аъзоёни Маҷлиси миллӣ пешниҳод намоянд. Аҳли ҷомеа ва шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқи

---

[269] Могунова М.А. Скандинавские государства: Центральные органы власти. М.- 1975 г. – С. - 83.
[270] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. - М. 6. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.

бевосита пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагонро надоранд.

Дар раванди қонунгузорӣ саҳми кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ хеле назаррас буда, ҳамзамон пешниҳод менамоем, ки дар қонунгузории кишвар ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба кумитаҳо ва худи Маҷлиси намояндагон низ вогузор карда шавад. Чунки таҷрибаи ҷаҳонии раванди қонунгузории парлумон нишон медиҳад, ки дар баъзе аз кишварҳо, ба кумитаҳо, комиссияҳои парлумон (Австрия, Бразилия, Полша) ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шудааст.

Дар пасманзари ин гуфтаҳо бояд қайд кард, ки дар қонунгузории кишвар меъёр оиди кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ, комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ ва худи Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб меравconfigured мукаррар нашудааст.

Дар аксари конститутсияҳои давлатҳои хориҷӣ тартиби пешниҳоди лоиҳаи қонун ба парлумон дақиқ муайян карда мешавад. Қонунгузории кишварҳои хориҷӣ муқаррар мекунанд, ки лоиҳаи қонунҳо, пеш аз ҳама, ба палатаи поёнии парлумон пешниҳод мешавад. Чунин меъёр дар конститутсияҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон мавҷуданд. Дар баъзе кишварҳо лоиҳаи қонунҳо метавонад ба ҳар ду палатаи парлумон, ирсол карда шавад, ба таври мисол дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса ва Италия.

Дар баъзе кишварҳои хориҷӣ барои баъзе намудҳои лоиҳаи қонунҳоро ворид намудан ба палатаи поёнии парлумон субъектҳои махсус муваззаф карда шудаанд. Аз ин мебарояд, ки пешниҳод намудани баъзе лоиҳаи қонунҳо ҳуқуқи истисноии субъектҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 59-и Конститутсияи ҶТ, лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд ва вобаста ба ин раванди қонунгузорӣ низ оғоз мегардад. Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон баррасӣ

ва қабул мекунад, ҷонибдории қонун бошад дар салоҳияти Маҷлиси миллӣ мебошад.

Субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар ҶТ матнро дар шакли лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамоянд. Дар ин раванди қонунгузорӣ субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хеле фаъолияти назаррасро ба анҷом мерасонанд. Муқаррароти моддаи 59-и Конститутсияи ҶТ, ки дар асоси он лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд, ин палатаро ҳамчун субъекти асосии раванди қонунгузории парлумон муайян кардааст.

Вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ ҳуқуқ доранд ташаббуси қонунгузориро дар шакли лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ пешниҳод намоянд.

Аз нигоҳи илмӣ тафовути маъноии ин ду мафҳум аз маънои аслии истилоҳот бармеояд:

- истилоҳи аввал дар матни лоиҳаи қонун мавҷудияти тамоми хусусиятҳои онро (муқаддима, моддаҳо, зербандҳо, ифодаҳои дақиқ ва ғ.) - ро дар назар дорад[271];

- ва истилоҳи дуюм ба идея, мафҳуми қонуни оянда дахл дорад.

Ин масъалаи муҳим ҳамеша мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ буд.

Дар даъвати панҷум ва шашуми Маҷлиси намояндагон нӯҳ кумита таъсис дода шудааст, ин кумитаҳо дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо, баррасӣ, пешниҳод ва таклифҳо, додани хулоса ба лоиҳаи қонунҳо дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ хеле фаъол мебошанд. Ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонад Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар баррасӣ ва пешниҳодҳо оиди мукаммал гардонидани лоиҳаи қонун, ҳамчунин ба аксарияти лоиҳаи

---

[271] Постатейный комментарий к Конституции РФ. Под общей ред. Кудрявцева Ю.М. - М., Авторский коллектив: Андрианов В.И., Боботов С.В., Васильева Г.В., Деденева А.С., Иванов И., Иванова Р.И., Кикоть В.А., Кондратов П.Е., Кряжков В. А., Лазарев Л.В., Мойсеенко М.Г., Страшун Б.А., Шейнин Х.Б. - Фонд "Правовая культура", - Москва. 1996.; также см.: Звягин Ю.Г. Парламент и Регламент. Заметка журналиста. /Журнал российского права. 1997. №11. – С. - 55. т.е. законодательное предложение отличается более облег-ченной формой реализации (например, может быть сделано в устной форме).

қонунҳои баррасишаванда додани хулосаи ин кумитаҳо ҳамчун саркумита назаррас мебошад.

Масалан, соли 2015, кумитаҳои номбурда, алалхусус, аз ҷониби шаш вакилони Маҷлиси намояндагони даъвати панҷум (солҳои 2015-2020), аз ҷумла доктори илмҳои ҳукукшиносӣ, профессор Зоир Ҷурахон Маҷидзода ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Абдураҳим Холиқзода бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонун дар бораи "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат" - ро таҳия намуда барои баррасӣ ва қабул ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуданд, ки ин раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагонро ба миён овард.

Ин қонун дар кумитаҳои номбурда ва кумитаҳои дигар низ баррасӣ шуда ҳамзамон хулоса дода шуда ба Маҷлиси намояндагон барои қабул пешниҳод гардид. Ва ташаббус оиди қабули қонун дар палатаи поёнӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон овоз дода шуда қабул гардид. Яъне ин ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилон ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт. Ва дар Маҷлиси миллӣ низ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзоён қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шуд.

Дар пасманзари ин гуфтаҳо, чунин меҳисобем, ки кумитаҳои мазкур ва алалхусус вакилони номбурда дар пешниҳод ва амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хеле фаъол буданд. Ҳамин тавр қайд намудан лозим аст, ки ин аз фаъол будани кумитаҳои Маҷлиси намояндагон низ дар раванди қонунгузорӣ далолат медиҳад.

Барои тасдиқи ин андешаҳо лоиҳаи қонунҳоеро, ки аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон даъвати дуюм (солҳои 2000-2005) пешниҳод шуда метавон мисол овард. Вакилон ба Маҷлиси намояндагон 75 лоиҳаи қонун пешниҳод карданд. Онҳо аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хеле фаъолона истифода карданд ва дар навбати худ фраксияҳои парлумонӣ низ 17-лоиҳаи қонунро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуданд[272].

---

[272] Имомов А. Таъсисёби ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ - Парлумони ҶТ даъвати якум (с. 2000 - 2004). Қонунгузорӣ. №2 (26). 2017. Апрель-июнь. – С. -22. Дар ин давра Маҷлиси намояндагон 6 иҷлосияи навбатӣ, як иҷлосияи ғайринавбатӣ, 19 ҷаласа баргузор кардааст. Ҳамчунин конвенсияҳо, протокол, барнома ва ғ. қабул шудааст.

Дар даъвати сеюм (солҳои 2005-2010) аз тарафи вакилон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, 122 лоиҳаи қонун пешниҳод карда шуд. Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аъзоёни Маҷлиси миллӣ 14-лоиҳаи қонунро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намудаанд. Тавре ки ба назар мерасад, аз ҷониби аъзоёни Маҷлиси миллӣ нисбат ба вакилони Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонун камтар пешниҳод шудааст. Ин, пеш аз ҳама, аз он далолат медиҳад, ки иҷрои вазифа дар парлумон салоҳияти асосии аъзоёни Маҷлиси миллӣ ба ҳисоб намеравад[273].

Ба андешаи олими тоҷик З. Ализода, солҳои охир, баъди фаъолияти доимӣ касб намудани Маҷлиси Олии ҶТ, дар самти татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва раванди қонунгузорӣ тағйироти ҷиддие ба амал омадаст.

Дар ин маврид метавон ба андешаи Р. Абдулатипов, узви Шӯрои Иттифоқии Маҷлиси Иттифоқии ФР такя кард, ки "Қонунгузор бояд дақиқкор бошад ва ба дараҷаи касбӣ гузаштани палата имконият фароҳам меорад, то ба фаъолияти қонунгузорӣ таҳким бахшида шавад. Ин андешаронихо ба фаъолияти пурсамари вакили парлумон мусоидат менамояд".

Ҳамчунин, мисоли дигар оиди амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, дар шакли "таклифҳои қонунгузорӣ" низ аз тарафи вакилон амалӣ карда мешавад. Масалан, аз тарафи вакили Маҷлиси намояндагон даъвати панҷум (солҳои 2015-2020), аз тарафи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Зоир Ҷурахон Маҷидзода ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли "таклифҳои қонунгузорӣ" барои ворид намудани тағйиру илова ба моддаи 36 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ", аз 19 апрели соли 2000[274] қабул шудааст пешниҳод шуда буд. Таклифи қонунгузорӣ дорои чунин мазмун буд: "Маҷлиси намояндагони Маҷлиси

---

[273] Ализода З. Становление и развитие института парламента в РТ: Конституционно - правовое исследование. Дисс. ... д-ра. юрид. наук. 2013. – С. - 137.

[274] Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ" аз 19.04.2000 с. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.)

Олии ҶТ иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои Маҷлиси Олиро назорат мекунад”[275]. Чунин меъёр дар моддаи 64 қонуни конститутстионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” аз 3 ноябри соли 1995 қабулшуда муқаррар шуда буд. Дар асоси меъёри номбурда вакилони Маҷлиси Олии ҶТ даъвати якум (солҳои 1995-2000) аз ҷумла вакили халқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Зоир Ҷурахон Маҷидзода бо гурӯҳи корӣ доир ба амалишавии ин меъёр ба мақомоти судӣ назорат оиди рафти иҷроиши Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои ҶТ ва дигар санадҳои Маҷлиси Олиро анҷом дода буданд.

Вобаста ба ҳамин мо низ пешниҳод менамоем, ки ба моддаи 36 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” аз 19 апрели соли 2000 илова дар чунин мазмун ворид карда шавад: “Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои Маҷлиси намояндагонро назорат мекунад”. Пешниҳод доир ба он асоснок карда мешавад, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” 4 ноябри соли 1995 қабул шуда, дар моддаи 64[276] чунин меъёр муқаррар шуда буд.

Тавре ки дар зербобҳои қаблӣ қайд карда шуд, қонунгузории як қатор кишварҳо аксар вакт номгӯи масъалаҳоеро муқаррар мекунад, ки на ҳамаи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ метавонанд доир ба ҳамаи масъалаҳо лоиҳаи қонунро пешниҳод кунанд. Ин низ боиси тафовути мазмуни ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории субъектҳои гуногун мегардад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо аз танзими ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ мо метавонем муқаррароти моддаи 40-и Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронсаро мисол орем.

Аз мазмуни ин муқаррарот бармеояд, ки вакилони парлумон наметавонанд аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои кам кардани маблағҳои молиявии давлатӣ, ташкил ё зиёд кардани хароҷоти давлатӣ истифода баранд. Дар баробари ин, чунин ба назар мерасад, ки ин

[275] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” аз 4 ноябри соли 1995. М. 64. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ.- №21.- М. 64.
[276] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” аз 4 ноябри соли 1995. М. 64. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. №21.

монеагузориҳо заминаи ҳуқуқӣ надошта, он ба ташаккули ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар раванди қонунгузорӣ (татбиқи чунин ҳуқуқ махсусан раванди қонунгузориро оғоз мекунад, аммо қарори ниҳоӣ оид ба лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо парлумон ва шахси мансабдори ваколатдори интишори қонун қабул мекунад) ва мақоми вакилон ва аъзоёни парлумон мухолифат эҷод мекунад. Ин муқаррарот аз ҷиҳати демократӣ ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идораи корҳои давлатӣ тавассути намояндагонашон на он қадар мутобиқат менамояд.

Дар амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ низ дар пешниҳоди лоиҳаи қонун оид ба баъзе масъалаҳо маҳдудият дида мешавад, масалан, дар масъалаҳои кам ва ё зиёд кардани хароҷотҳои молиявӣ аз ҳисоби давлат, авфи умумӣ ва ғ.

Аммо ҳарчанд субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорие, ки ба категорияҳои махсус ҷудо шуда ҳуқуқи пешниҳоди чунин намуди лоиҳаи қонунҳоро доранд, вале дар баррасӣ ва қабули лоиҳаи қонунҳо, қабул кардан ва ё рад кардани лоиҳаи қонун, матни ниҳоии қонун, такмили он дар раванди қонунгузорӣ аз вакилон ва аъзоёни парлумон вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки дар қабул намудани чунин намуди қонунҳо аъзои парлумон саҳми калон доранд. Аз ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ кард, ки агар аъзоёни парлумон доир ба баъзе масъалаҳо ҳуқуқи пешниҳод намудани лоиҳаи қонунро надошта бошанд, бевосита метавонанд ба қабули ин қонунҳо дар раванди қонунгузорӣ таъсир расонанд.

Дар кишварҳои хориҷие, ки парлумони дупалатагӣ мавҷуд аст, на ҳамаи палатаҳои болоии парлумон масалан Сенати парлумони Канада, Сенати Парлумони Италия, Сенати Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Сенати Парлумони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сенати Парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро надоранд.

Таҳлили муфассали меъёри конститутсионии Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон маҳрум будан аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ палатаи болоии парлумонро шаҳодат медиҳад. Чунин

маҳдудият палатаҳои болоии парлумони ин кишварҳоро дар раванди қонунгузорӣ дар заминаи нақши муҳими ин мақомоти давлатӣ дар низоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон на он қадар қобили қабул аст[277]. Зеро ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ салоҳияти муҳимми конститутсионии палатаи болоӣ буда, он тавассути таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни мукаммал ба палатаи поёнӣ амалӣ карда мешавад.

Дар Конститутсияи як қатор кишварҳои хориҷӣ бошад, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба палатаи болоии парлумон муқаррар шудааст. Ба таври мисол, дар конститутсияи Австрия, Ҷумҳурии Иттифоқии Олмон, Испания, Ҷопон ва Федератсияи Россия ин раванди қонунгузорӣ дақиқ ифодаи илмиву амалии худро ёфтааст. Масалан, моддаи 104 - и Конститутсияи ФР муқаррар кардааст, ки Шӯрои Иттифоқӣ ва аъзои Шӯрои Иттифоқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки ҳам Шӯрои Иттифоқӣ (ҳамчун палатаи болоии парлумони иттифоқӣ) дар алоҳидагӣ ва ҳам аъзоёни Шӯрои Иттифоқӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доранд. Чунин падида дар таҷрибаи парлумонҳои давлатҳои иттифоқӣ ба назари мо бештар қобили қабул аст, зеро масъалаҳои иттифоқӣ, умумидавлатӣ ва ҳудудҳои миллӣ мавҷуданд, ки дар ҳал намудани қарор оиди ин масъалаҳо намояндагони ҳамаи табақаҳо ва субъекҳои иттифоқӣ дар он шомиланд. Масъалаҳои миқёси минтақавӣ, ки ҳалли онҳо дар сатҳи иттифоқ имконпазир аст, метавонанд аз ҷониби аъзоёни Шӯрои Иттифоқӣ, ки манфиатҳои субъекти иттифоқиро дар палатаи болоии парлумон намояндагӣ мекунанд, амалӣ карда шуда вобаста ба ин раванди қонунгузорӣ ба миён меояд.

Аз маълумотҳои овардаи парлумонҳои ҷаҳон, метавон гуфт, ки аз шумораи умумии 68 парлумони дупалатагиии ҷаҳон танҳо дар 32 давлат ба палатаҳои болоии парлумон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шудааст.

Ҳамин тариқ, дар раванди қонунгузорӣ аъзоёни Маҷлиси миллӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баромад намуда дар ҷонибдориии

---

[277] Зарецкий А.П. Законодательная инициатива в парламентах Казахстана, Таджикистана, Узбекистана. Кафедры государственного и международного права северо-западной академии государственной службы. Закон и право. - ЮНИТИ-ДАНА Москва. 2009. – С. - 100-103.

қонунҳо мавқеи муайянро ишғол мекунанд. Вазифаи қонунгузории он, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ин ташаббус мувофиқи моддаҳои 58 ва 99 Конститутсияи ҶТ ба ҳамаи аъзоёни Маҷлиси миллӣ тааллуқ дорад[278].

Вазифаи Маҷлиси миллӣ аз таъмини бонизоми фаъолият ва раванди қонунгузорӣ дар байни палатаҳои парлумон ва худдории мутақобила барои роҳ надодан ба хатогиҳо дар фаъолияти қонунгузории кишвар иборат аст. Маҷлиси миллӣ ҳамчун қисми таркибии Маҷлиси Олии ҶТ дар раванди қонунгузорӣ мустақилона иштирок намуда, барои ҷонибдории қонунҳои мукаммал ва таъмини волояти онҳо масъул мебошад, ки асосан воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудиро намояндагӣ намуда, манфиатҳои онҳоро тибқи манфиатҳои миллӣ амалӣ менамояд ва қонунҳоро мувофиқи ин талабот ҷонибдорӣ мекунад, зеро аксарияти аъзоёни Маҷлиси миллӣ, намояндагони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мебошанд.

Тавсифи воқеии салоҳияти қонунгузории Маҷлиси миллӣ бидуни арзёбии мавқеи он дар низоми институтҳои конститутсионии ҶТ ғайриимкон аст.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзоёни Маҷлиси миллӣ ба такмил ва раванди қонунгузорӣ дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Дар раванди қонунгузорӣ лоиҳаҳои муҳими қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳое, ки меъёрҳои қонунҳои амалкунандаро тағйир медиҳанд ва ё бекор мекунанд, инчунин таклифҳои қонунгузориро дар шакли хаттӣ оид ба қабули қонунҳои нав бояд қайд кард. Дар асоси ин гуфтаҳо бояд қайд кард, ки ҳар як узви Маҷлиси миллӣ ҳуқуқ дорад ташаббуси қонунгузориро мустақилона дар амал татбиқ намояд. Пешниҳоди аъзои Маҷлиси миллӣ бояд дар шакли лоиҳаи қонун сурат гирад. Кумита ва комиссияҳо, аъзои Маҷлиси миллӣ, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро доранд (ҳарчанд дар қонунгузорӣ дар алоҳидагӣ муқаррар карда нашудаанд), ба Маҷлиси намояндагон оид ба

[278] Якубова С.Н. Конституционно - правовой статус Маджлиси Оли РТ. Монография. - Душанбе. «ЭР-граф». 2009. – С. - 111.

лоиҳаи қонунҳо ва таклифҳои қонунгузорӣ метавонанд пешниҳоди хаттӣ ирсол намоянд.

Лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ дар якҷоягӣ бо мактуби замимавӣ ба мақомоти дахлдор равона карда мешаванд, ки дар он бояд асоснокии зарурати таҳия ё қабули қонунҳо, инчунин тавсифи мақсад, вазифаҳо ва муқаррароти асосии қонунҳои оянда, мавқеи онҳо дар низоми қонунгузории амалкунанда, оқибатҳои пешбинишудаи иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар оқибатҳои татбиқи онҳо арзёбӣ шаванд.

Дар мавриди амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оиди пешниҳоди лоиҳаи қонун ё татбиқи таклифҳои қонунгузорӣ, ки аз буҷети давлатӣ харҷи моддӣ ё дигар хароҷотро талаб мекунад, асоснокии молиявию иқтисодии онҳо ва пешниҳодҳо оид ба пӯшонидани ин хароҷот замима карда мешаванд[279].

Аммо боиси қайд аст, ки фаъолона истифода накардани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзоёни Маҷлиси миллӣ дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардида буд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳои Президенти кишвар, 16 июли соли 2003 Қарори Маҷлиси миллӣ “Дар бораи таъсиси гурӯҳи кории Маҷлиси миллӣ оид ба омода ва пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон” қабул гардид. Қарори мазкур бо мақсади роҳандозии самарабахши татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзоёни Маҷлиси миллӣ қабул шудааст. Раиси Маҷлиси миллӣ зикр намуд, ки қабули ин қарор дар оянда дар раванди қонунгузорӣ барои баланд бардоштани масъулияти аъзои Маҷлиси миллӣ дар амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ нақши муҳим мебозад[280].

Ҳарчанд фаъолияти Маҷлиси миллӣ доимоамалкунанда набошад, ҳам аъзоёни Маҷлиси миллӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории муқарраршуда ба таври кофӣ бояд истифода баранд.

---

[279] Убайдуллоев М.У. Нақши Маҷлиси миллӣ дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд. Душанбе. Давлат ва ҳуқуқ. №2. - 2004 – С. -4.
[280] Убайдуллаев М.У. Асари ишорашуда. - С. - 4.

Албатта, фаъолияти аъзои Маҷлиси миллӣ танҳо аз пешниҳоди лоиҳаи қонун иборат нест, аммо дар ин ҷода мебояд хеле саҳмгузор бошанд ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро бамаврид истифода кард. Ба назари мо, аз ин лиҳоз теъдоди пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ кам ба назар мерасад.

Муҳаққиқи рус В.Б. Исаков комилан дуруст қайд мекунад, ки самаранокии нокифояи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории палатаҳои болоии парлумон дар он аст, ки онҳо "дар асоси мушкилот ва душвориҳои ҳаёти маҳаллӣ ба вуҷуд омада, ба истиснои баъзе ҳолатҳо хусусияти инфиродӣ доранд ва дар шакли ҳуқуқӣ тағйироти қонунгузории мавҷуда мебошанд". Дараҷаи коркарди илмию техникӣ ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, чун қоида нокифоя ба назар расида, усули такмили онҳо дар давраҳои раванди қонунгузорӣ ба таври зарурӣ коркард нашудааст[281][282][283].

Ба андешаи А.С. Адамович, ин омил аъзои палатаи болоии парлумонро водор месозад, ки барои ҳалли мушкилоти ба амаломада дар ин бахши қонунгузорӣ иқдоми самарабахшро пеш гиранд. Воқеан, ин андешаи олим қобили қабул мебошад.

Дар заминаи дастурҳои Президенти кишвар дар фаъолияти аъзоёни Маҷлиси миллӣ тағйироти назаррас ба амал омад. Ба гуфтаи раиси Маҷлиси миллӣ дар даъвати сеюм соли 2005, аъзоёни Маҷлиси миллӣ фаъолияти хеле пурсамари қонунгузориро анҷом доданд. Аъзоёни Маҷлиси миллӣ дар ин давра ба Маҷлиси намояндагон 6 лоиҳаи қонунро пешниҳод карданд. Ӯ ҳамчунин қайд намуд, ки аксарияти аъзои Маҷлиси миллӣ раисони мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошанд, яъне онҳо барои пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ва ё қабули қонунҳои нави ҶТ имкони зиёд доранд[284].

---

281 Хованский Н.А. Право законодательной инициативы и его реализация. Вестник Совета Федерации, 1998. №1. – С. - 20 – 21.

282 Копылев С., Шуплов А. Цена депутата. Независимая газета. 2000 от 16 марта.

283 Адамович А.С. Система государственного и муниципального управления: учебник. Под общ. ред. Г.В. Атаманчука. - изд. 2-е, доп. и перераб. - Москва: РАГС, 2007. – С. - 74.

284 Якубова С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Монография. - Душанбе. «ЭР-граф». 2009. – С. - 114 -115.

Афзалиятҳои қонунгузории Маҷлиси миллӣ бо он муайян карда мешаванд, ки аъзоёни ин палата сиёсатмадорон аз минтақаҳои ҷумҳурӣ буда, онҳо бояд диққати худро ба лоиҳаи қонунҳое равона кунанд, ки ба пойдории манфиати ҳудудҳои муайян нигаронида шудаанд.

Истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Маҷлиси миллӣ лоиҳаи қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохтори маъмурӣ-ҳудудии ҶТ", дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қонуни ҶТ "Дар бораи илм ва сиёсати давлатии илмию техникӣ" дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба "Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ" пешниҳод шудааст.

Ҳамчунин соли 2003 Маҷлиси миллӣ ба Қонунҳои ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи нотариати давлатӣ", "Дар бораи тендер", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", бинобар ҷавобгӯ набуданашон ба талаботи меъёрҳои қонунгузорӣ аз тарафи Маҷлиси миллӣ дар раванди қонунгузорӣ ҷонибдорӣ карда нашудаанд ва мувофиқи моддаи 60 Конститутсияи ҶТ ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ" барои такроран баррасӣ намудан ба Маҷлиси намояндагон баргардонида шудааст.

Аз санадҳои ҳуқуқии номбурда яктои он Қонуни ҶТ "Дар бораи нотариати давлатӣ" баъди таҳриру такмили иловагӣ ва рафъи камбудиҳо дар Маҷлиси намояндагон дубора ба Маҷлиси миллӣ ворид шуда ҷонибдорӣ ёфтааст[285].

Боиси қайд аст, ки вақтҳои охир Маҷлиси миллӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ хеле саҳми арзанда доранд. Масалан соли 2016 мутобиқи қарори Шӯрои Маҷлиси миллӣ қонунҳои ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат", "Дар бораи ипотека" бинобар мавҷуд будани камбудӣ ва барои мукаммал намудан ба Маҷлиси намояндагон баргардонида шудааст[286]. 16 феврали соли 2017 дар ҷаласаи навбатӣ ва иҷлосияи навбатии даъвати панҷуми Маҷлиси миллӣ

---

[285] Убайдуллоев М.У. Асари ишорашуда. – С. - 3-8.

[286] Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ дар бораи баргардонидани қонунҳои ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат", "Дар бораи ипотека". / Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 2016 с. № 12.

қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз тарафи аъзоёни Маҷлиси миллӣ, бо сабаби мавҷуд будани камбудиҳо ҷонибдорӣ нашуд. Ва он ба Маҷлиси намояндагон барои такроран баррасӣ намудан пас гардонида шуд[287].

Тибқи омори мавҷуда, Маҷлиси миллӣ дар ҳар як даъвати нав аз соли 2000 то соли 2020 ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар ҳаҷми 5-6 қонуни қабулшуда амалӣ менамояд. Дар самти қонунгузорӣ аъзои Маҷлиси миллӣ дар панҷ соли охир зиёда аз панҷоҳ қонун бо ҷонибдории онҳо ба тасвиб расида, ба миқдори беш аз 10 лоиҳаи қонун (аз ҷумла зиёда аз 20 лоиҳаи қонуни муштарак бо вакилони палатаи поёнӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод шудааст) афзоиш ёфтааст. Дар ин давра пешниҳод доир ба лоиҳаи қонунҳое, ки ба қонунҳои амалкунанда тағйиру илова ворид карда шудаанд, зиёда аз 10 ададро ташкил дода, зиёда аз 11 қонун ҷонибдорӣ нашудааст.

Ин феҳристи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Маҷлиси миллӣ аз он далолат медиҳад, ки Конститутсия барои танзими он ҳамзамон аз имконияти пешниҳоди лоиҳаи қонун ва ҳатман баррасӣ ва ҷонибдорӣ ва ё рад намудани қонунҳоро иҷозат медиҳад. Бояд гуфт, ки Маҷлиси миллӣ дар як қатор ҳолатҳо ҳамчун пешниҳодкунандаи фаъоли лоиҳаи қонунҳо баромад карда, баъдан ҳамчун субъекти ҷонибдорӣ қонун ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат вақте рух медиҳад, ки Маҷлиси миллӣ лоиҳаи қонунро истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод менамояд ва баъдан онро ҷонибдорӣ менамояд. Вақте ки Маҷлиси миллӣ субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ буда, варианти интихобшудаи лоиҳаи қонунро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад, раванди қонунгузорӣ ба миён меояд. Бешубҳа, иштироки ғайрифаъоли Маҷлиси миллӣ дар тасвиби таклифҳои қонунгузорӣ аз имконоти воқеии ин палата дар раванди қонунгузорӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар таи солҳои охир мукаммалии раванди татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳам аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ва ҳам аъзоёни он, ба назари мо, на танҳо аз фаъолияти фаъоли палатаи болоӣ дар масъалаҳои пешниҳоди

---

[287] Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 феврали соли 2017. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. № 1-2. 2017 с.

лоиҳаи қонун далолат медиҳад, балки ба сифати баланди ташкили қонунҳо низ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Боби 13-и Дастури Маҷлиси миллӣ “Тартиби баррасии қонунҳо дар Маҷлиси миллӣ” ном дорад. Номгузории ин қисм дар Дастур комилан мантиқист аст, зеро Маҷлиси миллӣ қонунҳоро баррасӣ намуда баъдан онро боиси ҷонибдорӣ қарор медиҳад.

Ҳамчунин дар Дастури Маҷлиси миллӣ барои баррасии ҳаматарафаи қонунҳои қабул намудаи Маҷлиси намояндагон боби алоҳида бахшида шудааст. Бояд қайд намуд, ки иштирок дар баррасии қонунҳо дар кумита ва худи Маҷлиси миллӣ бениҳоят муҳим буда, бидуни он худи раванди қонунгузориро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, қисми муқаррароти марбут ба кори палатаҳо дар соҳаи қонунгузорӣ ҳаҷман васеъ мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои боло ба хулосае омадем, ки ҳангоми муайян намудани мавқеи Маҷлиси миллӣ дар низоми институтҳои конститутсионӣ ба чунин омилҳо бояд таваҷҷуҳ кард:

Якум, мавҷудияти Маҷлиси миллӣ дар сохтори Маҷлиси Олӣ хусусияти асоси танзими ҳуқуқии давлатдории тоҷиконро бозгӯӣ мекунад. Маҳз Маҷлиси миллӣ андешаҳо ва манфиатҳои ҳудудҳои ҶТ - ро инъикос мекунад. Дар натиҷа, он ба таври шоиста мақоми ғайрирасмии “палатаи ҳудудии парлумони Тоҷикистон” - ро гирифта, ба ин васила онҳо дар таҳияи қонунҳо иштирок менамоянд. Санадҳои меёърии ҳуқуқии қабулкардаи Маҷлиси миллӣ на ин ки ба субъектҳои алоҳида, инчунин ба ҳуқуқ ва ақидаҳои инсон ва мавқеи ҳуқуқии тамоми мардуми Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дуюм, Маҷлиси миллӣ ҷузъи мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори ҳокимияти давлатӣ-Маҷлиси Олии ҶТ мебошад. Ҳамин тавр, Маҷлиси миллӣ дар танзимоти ҳокимияти қонунгузор саҳмгузор буда, дар барқарории низоми дохилии парлумон нақши босазо дорад.

Вобаста ба раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзоёни Маҷлиси миллиро таҳлил намуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки дар маҷмуъ онҳо бояд ба ҳалли масъалаҳои хоси аксари ҳудуд, аз ҷумла такмили

худидоракунии маҳаллӣ дар самти муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини некӯаҳволии иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, нафақахӯрон, собиқадорон, маъюбон ва дигар категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ равона карда шаванд. Дар ин самт Маҷлиси миллӣ бояд дар истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ-Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо бевосита ҳамкории зич намоянд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, мо чунин пешниҳодҳои худро иброз мекунем:

Дар аввалин имконияти ба миён омада хуб мешуд меъёрҳои моддаи 58-и Конститутсия ба таври зайл илова карда шавад: “ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси миллӣ, ба кумитаҳои Маҷлиси миллӣ муқаррар карда шавад”. Дар Дастури Маҷлиси миллӣ ба таври муфассал муайян карда шавад, ки матни лоиҳаи қонуни нав бояд бо кадом санадҳо асоснок карда шавад. Муқаррароти матни лоиҳаи қонун ҳатман нишон дода шавад. Қарор дар бораи пешниҳоди ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Маҷлиси миллӣ бояд дар ҷаласаи худ бо тарафдории аксарияти узви Маҷлиси миллӣ қабул кунад.

Чунки ин масъулияти палатаро дар раванди қонунгузорӣ барои қарорҳои қабулшуда боз ҳам зиёд мекунад. Бинобар ин, тартиб додани лоиҳаи қонун ба зиммаи як ё якчанд кумитаҳои палата, ки ба ин масъала масъуланд, супорида шавад. Қарор дар бораи пешниҳоди лоиҳаи қонун истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзоёни Маҷлиси миллӣ, бояд бо аксарияти овозҳои шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ қабул карда шавад. Мо чунин мешуморем, ки ин меъёри иловагӣ мантиқан аз хусусияти конститутсионии Маҷлиси миллӣ ҳамчун мақомоти намояндагии минтақавӣ бармеояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи амалияи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории муштарак ба ҳукми анъана даромадааст.

Дар адабиёти илмӣ инчунин ба таҳким бахшидани ҳуқуқҳои ташаббуси қонунгузории дастаҷамъона низ ақидаҳо пешбинӣ шудааст. Ва мо ин равандро аксар вақт дар амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории

вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ мушоҳида намудем.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории якҷоя на танҳо дар як лоиҳаи қонун мувозинати манфиатҳои гурӯҳу табақаҳои гуногуни иҷтимоиро имконпазир мегардонад, балки он имкони озод намудани парлумонро аз зарурати баррасии ҳамаи лоиҳаҳои алтернативии қонун фароҳам меорад. Ин раванд бори дигар собит месозад, ки субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар рафти таҳияи лоиҳаи қонунҳо фаъолияти худро чун механизми ягона ба роҳ монда, ҳар як унсури он дигар унсурҳоро пурра мекунад.

Моддаи 99-и Конститутсияи ҶТ татбиқи муштараки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҳар ду Маҷлисҳои парлумони кишварро пешбинӣ мекунад. Пешниҳоди масъалаи дар бораи "ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҳайати конститутсионии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Ин гуна пешниҳод фарогири матни моддаи нави (қисм ё банди моддаи) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё матни таҳрири нави модда (қисм ё банди модда), ё муқаррарот дар бораи хориҷ кардани моддаи (қисм ё банди моддаи) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки бе ризоияти Маҷлиси намояндагон ва ё Маҷлиси миллӣ ин ташаббуси қонунгузорӣ ба таври алоҳида амалӣ карда намешавад.

Иштироки аъзоёни Маҷлиси миллӣ дар ин раванди қонунгузорӣ аҳамияти муҳимро ишғол менамояд. Дар раванди қонунгузорӣ рафти пешниҳод кардани "тағйиру илова ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" хусусиятҳои ба худ хос дорад. Мутаассифона, Маҷлиси миллӣ аз идомаи амали минбаъдаи қонунгузорӣ дар ин раванд маҳрум аст. Яъне дар ҷараёни баррасӣ ва қабули қарори ниҳоӣ оид ба ин ибтикор ва ҳамчунин дар роҳандозииояндаи ин пешниҳод Маҷлиси миллӣ иштирок намеварзад. Қарори қатъӣ вобаста ба давоми ин масъала ба Маҷлиси намояндагон ва ба

қарори ҳалкунандаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло саволе ба миён меояд, ки оё пешниҳоди “Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар моддаи 99-и Конститутсия муқаррар шуда ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад ва ё на? Албатта, он ҳамчун яке аз шаклҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар ин модда пешбинӣ шуда ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ ба муносибати 20-умин солгарди қабули Конститутсия аҳаммияти ҳуқуқи ташаббуси муштараки қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллиро бояд ёдовар шуд. Президент дар суханронии худ қайд намуданд, “Бояд гуфт, ки Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ догма нест. Бо назардошти ин, дар давраҳои мухталиф (солҳои 1999 ва 2003) бо ворид кардани тағйиру илова ба Конститутсия ислоҳоти конститутсионӣ дар мамлакат идома ёфта, дар баробари як силсила навовариҳо, барои танзими муносибатҳои сифатан наве, ки ба рушди давлатдории миллӣ робитаи мустақим доштанд, заминаи муҳимми ҳуқуқӣ гузошта шуда, дар мамлакат низоми комилан нави мақомоти қонунгузор, яъне парлумони касбии иборат аз ду маҷлис таъсис гардид, ки ин икдом қадами устувор дар роҳи рушди парламентаризми муосир хоҳад буд”[288].

Дар раванди қонунгузорӣ татбиқи самараноки ташаббуси муштараки қонунгузорӣ ҳамчунин дар суханронии Раиси Маҷлиси миллӣ даъватҳои 1-5-уми Маҷлиси миллӣ низ зикр карда мешавад, ки “фаъолияти қонунгузории аъзои Маҷлиси миллӣ дар самти татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо пешниҳод оид ба масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ алоқаманд аст”[289].

---

[288] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 20 солгарди қабули Конститутсияи ҶТ. Ахбори Суди конститутсионии ҶТ. (№3) 2014. – 108 с.
[289] Убайдуллаев М.У. Асари ишорашуда. Асари ишорашуда. – 3 с.

Бо истифода аз ин ҳуқуқи конститутсионӣ дар тӯли солҳои 2003 ва 2016 вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ дар бораи "Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси намояндагон пешниҳодҳои мушаххас кардаанд.

Барои татбиқи ин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз Маҷлиси намояндагон комиссияи ҳамоҳангсозӣ ташкил карда, бо дарназардошти андеша ва хулосаҳои дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ онро ҷамъбаст намуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуданд[290].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки вакилон ва аъёзони парлумон аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба таври дастаҷамъона то имрӯз доир ба ин масъала ду маротиба истифода кардаанд. Пас аз чунин пешниҳоду дастурҳо дар даъватҳои баъдӣ вакилон ва аъзоёни парлумон худро фаъол нишон доданд.

Масалан, дар даъватҳои чорум ва панҷум вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ якҷоя 127 лоиҳаи қонунҳои барои давлат ва ҷомеа заруриро таҳия намуда, дар давраҳои гуногун ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуданд, аз ҷумла лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат" (баъдан 14 ноябри соли 2016 баъди баъди ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 майи соли 2016, қонуни конститутсионӣ қабул карда шуд); "Дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва ҳимояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"; "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", "Дар бораи сайёҳии дохилӣ", "Дар бораи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об", "Дар бораи деҳқонӣ (фермерӣ)", "Дар бораи таҳсилоти калонсолон", "Дар бораи чарогоҳҳо", "Дар бораи амнияти озуқаворӣ", "Дар бораи фаъолияти нашриёт"[291] ва ғ.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки Конститутсия ба вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ барои самаранок истифода

---

[290] Якубова С.Н. Конституционно - правовой статус Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Монография. - Душанбе. «ЭР-граф». 2009. – С. - 133-134.

[291] Суханронии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Шукурҷон Зуҳуров доир ба фаъолияти ҷамъбастии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ даъвати панҷум (солҳои 2015-2020) аз 28 феврали соли 2020.

намудан аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои ба миён овардани раванди қонунгузорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, дар такмили ин раванд вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ мебояд фаъолона аз он истифода баранд.

Ҳамин тариқ, таҳлили таъмини ҳуқуқии раванди қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакили Маҷлиси намояндагон ва узви Маҷлиси миллӣ моро ба хулосае меорад, ки барои зарурати такмили ҳуқуқии ин тартиб низоми таъмини илмию ташкилӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, кадрӣ ва молиявии фаъолияти парлумони ҳар ду палата дар ин самт бояд бунёд карда шавад.

### 2.3. Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳамчун шакли татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии сарвари давлат

Муайян кардани салоҳияти Президент яке аз масъалаҳои асосии муайян кардани мақоми ӯ мебошад. Нақш ва мавқеи Президентро дар низоми ҳокимияти давлатӣ аксаран дар доираи салоҳият муайян мекунанд. Президент ҳамчун намояндаи олии давлат дар дохили кишвар ваколатҳои муайянеро дар соҳаи қонунгузорӣ дорад.

Тавре А.И. Черкасов қайд мекунад, “ба сарварони давлатҳо аксаран дар конститутсия салоҳиятҳои хеле васеъ дода мешаванд”[292]. Аммо дар амал доираи воқеии салоҳияти Сардори давлат дар соҳаи қонунгузорӣ ба фаъолияти механизми давлатӣ, вазъи воқеии сиёсие, ки бо таносуби қувваҳо дар мамлакат муайян карда мешавад, инчунин низоми сиёсии ҳизбӣ вобаста аст. Салоҳияти қонунгузории Президент хеле васеъ мебошанд. Аксар вақт ваколати қонунгузории Президент аз салоҳияти қонунгузории ӯ бармеояд. Президент бо парлумон ҳамкории мутақобила дорад, ки ин нақши назарраси сарвари давлатро дар раванди қонунгузорӣ ба таври зайл тавсиф мекунад:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонунҳо бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ;

[292] Чиркин В.Е. Конституция XXI века: Сравнительно – правовое исследование. – М., 2011. – М. - 494.

- пешниҳоди лоиҳаи қонун дар бораи “Авф” ба Маҷлиси намояндагон;

- ҳуқуқи имкони иштироки доимӣ дар раванди таҳияи лоиҳаи қонун ҳангоми баррасии қонунҳо дар палатаҳои парлумон ё комиссияҳои созишӣ;

- баргардонидани қонунҳо;

- имзо ва интишори қонунҳо.

Аз ин гуфтаҳо метавон муайян кард, ки иштироки Президент дар раванди қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, аз татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оғоз меёбад. Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби сарвари давлат дар санадҳои конститутсионии шумораи зиёди давлатҳо, ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ шудааст.

Дар ин замина суханони В.Е. Чиркинро зикр намудан ба манфиати кор мебошад, ки “қариб дар ҳама кишварҳои шакли идоракунии ҷумҳурӣ сарвари давлат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дорад ва лоиҳаи қонунҳои ӯ пешниҳод намуда ба парлумон дар навбати аввал баррасӣ мешаванд”[293].

Дар баъзе аз кишварҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президентро дар давраҳои раванди қонунгузории парлумон ба таври гуногун мебинем. Масалан, то соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ маҳрум буд. Танҳо баъд аз ислоҳоти конститутсионии соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдор шуд (Муқаррароти 1, моддаи 61 Конститутсия)[294].

Дар баъзе аз ҷумҳуриҳои шакли идоракунии президентӣ сарони давлатҳо ах ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдор нестанд. Масалан, президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ надорад, метавонад лоиҳаи қонунҳоро тавассути сенаторҳо ё ба воситаи ҳамҳизбони худ ба Конгресс пешниҳод кунад. Президенти Ҷумҳурии Фаронса ва Арманистон низ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ маҳруманд[295].

[293] Чиркин В.Е. Конституционное право зарубежных стран. Учебник. «Юристь» 1997. – 444 с.
[294] Малиновский В.А. ЛИДЕР: Президентская власть в Казахстане на рубеже эпох. Монография – Астана. ТОО. - «Издательство «Норма-К», – 2012. – С. - 89.
[295] Лейбо Ю.М. Законодательный процесс в зарубежных странах. Учебное пособие. М. – 2012. – С. - 5.

Баъзан конститутсия ба сарвари давлат дар ҳолатҳои фавкуллода ваколати қабули фармонҳои қувваи амалашон ба қонун баробарро муқаррар намудааст, Аз чунин салоҳият Президенти Ҷумҳурии Беларус, Гретсия, Италия, Қазоқистон, монархи Испания бархурдоранд[296].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз салоҳияти қонунгузории ваколати бархурдор нест.

Ба Президент додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ин унсури мушаххас ва ниҳоят муҳимми шакли давлатдорист. Илова бар ин, мавҷудияти ин салоҳияти сарвари давлат ба ӯ имкон медиҳад, ки на танҳо стратегияи қонунгузориро ташаккул диҳад, балки бо амали худ фаъолияти субъектҳои дигари ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро таҳким бахшад, ба раванди қонунгузории парлумон тавассути пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва таклифҳои қонунгузорӣ таъсири амиқ расонад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент нақши муҳим ва зарур мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки Президент қисми зиёди лоиҳаи муҳимтарин ё лоиҳаи қонунеро, ки вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбанд, ба парлумон пешниҳод мекунад. Маҳз Президент як қатор ваколатҳое, ки ба стратергияи қонунгузорӣ нигаронӣ шудааст амалӣ менамояд ва он самтҳои афзалиятноки фаъолияти қонун қабулкуниро муайян мекунад, оид ба зарурати омода намудани лоиҳаи қонунҳои дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ тавсияҳо медиҳад.

Дар шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории сарвари давлат-Президент, афзалияти ҷиддӣ дода мешавад. Баъзе омилҳое мавҷуданд, ки ба ташаккули фаъолияти қонунгузории Президент таъсир мерасонанд. Ин омилҳо метавонанд хусусиятҳои объективӣ ва субъективӣ дошта бошанд.

---

[296] Ковачев Д.А. Конституционное право государств Европы. Учебное пособие. /Отв. ред. Ковачев Д.А. – М. Волтер Клувер. – 2003. – С. - 207.

Якум, пеш аз ҳама, шакли идоракуниро дар кишвар ба хусусиятҳои объективӣ бояд нисбат дод ва дар асоси он мавқеи сарвари давлатро дар низоми тақсимоти ҳокимият муайян намуд.

Дуюм, ба омилҳои субъективӣ муносибатҳои сиёсии байни қувваҳои гуногуни сиёсие, ки дар давлат инкишоф меёбанд, нуфуз ва эҳироми роҳбари давлат дар байни аҳолӣ, инчунин масъалаҳои геополитикӣ ва як қатор омилҳои дигарро метавон ном бурд[297].

Як мисоли барҷастаи таъсири субъективӣ ба салоҳияти қонунгузории Президент таъсиркунанда равандҳое мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ва солҳои минбаъдаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, шуруъ аз солҳои 1994 то 2000, ба вуҷуд омадаанд.

Маҳз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ омили муҳим буд, ки дар соли 1999 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи кишварро ба миён гузоштанд ва он ба музокироти байни тоҷикон ва поёни ҷанги шаҳрвандӣ асос гашт, дар сарзамини тоҷикон созиш ба вуҷуд омад. Воқеан, ин омил ва равандҳо бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд. Тағйир додани яке аз омилҳо метавонад боиси тағйирёбии низоми коргузорӣ дар ин самт, тағйир додани доираи ваколатҳои қонунгузорӣ дар маҷмуъ ва умуман тағйир ёфтани раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

Ҳамин тариқ, ин омилҳо низ аз ҳамфаъолиятии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шохаҳои дигари ҳокимият сарчашма гирифта, дар се самт ҳамкорӣ бо Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат ва ҳокимияти судӣ роҳандозӣ мешаванд.

Дар асоси ин гуфтаҳо мо метавонем омилҳои зеринро мураттаб созем, ки ба раванди қонунгузории парлумонӣ кишвар таъсир мерасонанд. Ва ин вобастагӣ дорад ба:

- якум, шакли идоракунии давлатӣ;

[297] Сулаймонов М.С. Конституционно – правовой статус Президента РТ. Монография. – Душанбе. 2019. – С. - 90.

- дуюм, мавқеи Президент-сарвари ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ;

- сеюм, анъанаҳои сиёсии давлати соҳибихтиёр;

- чорум, нуфуз ва мавқеи сарвари давлат дар байни мардум.

Омилҳои субъективӣ ва объективии таъсиргузор ба фаъолияти қонунгузории Президентро муайян намуда, мо бояд баҳодиҳии гуногуни ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президентро баррасӣ намоем.

Ҳангоми баррасии масъалаи ташаббуси қонунгузории Президент дар доираҳои илмӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Олимони рус В.Д. Мазаев ва Г.В. Мингх[298] ин андешаҳоро ба се нуктаи асосӣ мансуб медонанд.

Тибқи андешаронии аввал, Президент бояд фаъолият ва ҳамкории ҳамаи мақомоти давлатиро таъмин намояд, аз ин лиҳоз барои иштирок дар раванди қонунгузорӣ, ки бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оғоз мегардад, имконияти воқеиро дошта бошад.

Мавқеи дуввум ин аст, ки Президент бояд ташаббуси қонунгузорӣ дошта бошад. Дар акси ҳол, дар раванди қонунгузорӣ ӯ худро вобастаи дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ қарор медиҳад. Дар баробари ин, истифодаи ин ҳуқуқ бояд танҳо бо пешниҳодҳои муҳимтарини қонунгузорӣ маҳдуд карда шавад.

Тарафдорони мавқеи сеюм бар ин назаранд, ки набояд ба президент ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шавад (ё аз чунин ҳуқуқ истифода шавад).

Моҳияти ин мавқеъ дар он аст, ки:

1) аз ҷониби сарвари давлат пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо маънои фишори воқеӣ ба мақомоти қонунгузорро дорад, зеро ҳеҷ мақомоти давлатӣ ба мисли Президенти Федератсияи Россия мақоми баланди конститутсионӣ надорад;

2) Президенти Федератсияи Россия қонунҳои иттифоқиро дар рафти ба имзорасонии қонунҳо баҳои ҳуқуқӣ медиҳад; дар сурати имзо кардани

[298] Мазаев В.Д., Мингх Г.В. Законодательная инициатива как инструмент реализации конституционных полномочий Президента РФ. Конституционное и муниципальное право 2013. - №1. – С. 18.

лоиҳаи қонунҳое, ки худи ӯ пешниҳод кардааст мазмуни онро объективона баҳо дода наметавонад;

3) Президенти Федератсияи Россия таклифҳои қонунгузории худро метавонад тавассути Ҳукумати Федератсияи Россия амалӣ гардонад, Яъне ба Ҳукумат супориш медиҳад, ки таклифҳои қонунгузориро дар шакли лоиҳаи қонунҳо ба парлумон ирсол намояд.

Барои фаҳмидани он ки оё Президент аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдор бошад, ё не бояд тартиби татбиқи ин ҳуқуқро таҳлил кард.

Аз тарафдорони мавқеи якум А.С. Маминро метавон номбар кард, ки ба андешаи ӯ Президенти Федератсияи Россия ҳамчун сарвари давлат вазифадор аст, ки фаъолият ва ҳамкории ҳама мақомоти давлатиро таъмин намояд ва аз ин лиҳоз ӯ бояд ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва имконияти воқеии иштирок дар фаъолияти қонунгузориро дошта бошад[299].

Олими дигар Д.Ю. Скуратов мавқеи дуюмро ҷонибдорӣ менамояд. Ба андешаи ин муаллиф, дар амалияи конститутсионӣ аз ин ҳуқуқ истифода кардани сарвари давлат нисбат ба лоиҳаи қонунҳои муҳимтарин аз нигоҳи низоми сиёсиву ҳуқуқии кишвар ба ҳукми анъана даромадааст. Иқдом гирифтан дар ҳуқуқи ташаббусҳои қонунгузорӣ оид ба "масъалаҳои ҷорӣ, ба ақидаи ӯ, ба дигар субъектҳои ин ҳуқуқ, пеш аз ҳама ба вакилони Думаи Давлатӣ, аъзои Шӯрои Иттифоқӣ ва Ҳукумат воҷиб аст"[300].

Ҷонибдори мавқеи сеюм Т.И. Новитская мебошад ва ба андешаи ӯ ташаббуси қонунгузории Президенти Федератсияи Россия татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимиятро дар доираи раванди қонунгузорӣ ба таври назаррас шакли онро дигаргун сохта, танзими онро амалӣ месозад. Чунин салоҳияти президент фаъолияти мақомоти қонунгузорро коста мегардонад. Бо дарназардошти ин, ӯ пешниҳод менамояд, ки Президенти Федератсияи Россия аз доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бароварда шавад, зеро ки шумораи лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби Президенти

---

[299] Мамин А.С. Проблемы совершенствования законодательного процесса в Парламенте РФ. Белгород. 2008 г.- Наука. Теория. Практика. – С. - 1.

[300] Скуратов Д.Ю. Проблемы участия Президента РФ в правотворческом процессе: Дисс. ... канд. юрид. наук. М. – С. - 129.

Федератсияи Россия пешниҳодшаванда ҳамагӣ 5-10% - ро ташкил медиҳад. Ин андешаро олими дигар М.А Краснов низ тарафдорӣ менамояд[301].

Бо вуҷуди ин, баъзе олимон дар ин масъала мавқеи гуногунро ишғол мекунанд. Масалан, С.А. Авакян чунин мешуморад, ки президент бо пешниҳоди лоиҳаи қонун аз номи худ ба мақомоти дигар фишор оварда, онҳоро маҷбур мекунад, ки андешаи ӯро дар фаҳмиши масъалаи мазкур дастгирӣ намоянд[302]. Ба ин гуфтаҳо қариб ки розӣ шуда наметавонем. Ҳамзамон ин олим қайд менамояд, ки ташаббуси қонунгузории президент аҳаммияти хосса дорад[303].

Ин мавзуъ мавриди таваҷҷуҳи олими тоҷик З. Ализода қарор гирифтааст. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ танҳо ба ҳукумати кишвар бояд тааллуқ дошта бошад[304].

Вобаста ба ин андешаронихо, З. Ализода назари худро чунин иброз намудааст. "Дар бисёре аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз ҷониби таҳиякунандагони Конститутсия муқаррар намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Президент ва Ҳукумат аз он бармеояд, ки мавҷуд будани имконият ба Президенти кишвар қудрат ва салоҳияти ӯро тақвият мебахшад"[305]. Ҷиҳати дигари ин масъала дар он аст, ки Президенти кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар таҳияи Конститутсияҳои кишвари худ расмӣ ва ё ғайрирасмӣ иштирок доштанд ва ин ҳолат ба муқаррар намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таъсир расонидааст"[306].

Ҷанбаҳои назариявии консепсияи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президентро дар раванди қонунгузорӣ баррасӣ намуда, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст баррасӣ менамоем.

---

[301] Научно-практический комментарий к Конституции РФ. Под ред. Лазарева В.М. 1997. – С. -385.
[302] Авакьян С.А. Федеральное Собрание - парламент России. М. – 2202. – Российский Юридический Издательский дом. 1999. – С. - 79.
[303] Авакьян С.А. Асари ишорашуда. – С. - 79.
[304] Ализода З. Становление и развитие института парламента в РТ: Конституционно-правовое исследование. М.: 2013. – С. - 138.
[305] Ализода З. Становление и развитие института парламента в РТ: Конституционно-правовое исследование. М.: 2013. – С. - 132.
[306] Ализода З. Ҳамон ҷо. – С. - 132.

Муқаррароти моддаи 58-и Конститутсия ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ медиҳад, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо роҳи пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ амалӣ намояд. Ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои асосии раванди қонунгузориро ҳал мекунад. Президент оид ба масъалаҳои гуногун тадбирҳо меандешад, таҳияи лоиҳаи қонунҳоро ба миён мегузорад ва онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад. Ин масъалаҳо муҳим ва ҳалталаб ҳисобида мешаванд.

Барои аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани ақидаи ягона ба шаклҳои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Сарвари давлат, зарур аст, ки табиати ҳуқуқии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ташаккули мантиқии раванди онро ба таври мукаммал бозгӯӣ намоем. Дар ин ҷо баррасии амиқи хусусиятҳои хоси ҷанбаҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муҳим ба шумор рафта, дар ин раванд набояд сарфи назар намуд, ки ҳуқуқ унсури ҷараёни қонунгузорӣ буда, бо мақсади ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ Президенти кишвар бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳоро оид ба масъалаҳои муҳимми давлатӣ ва амнияти давлатӣ, лоиҳаи қонунҳо дар соҳаи андози давлатӣ, сиёсати молиявию андоз, авфи умумӣ, дар бораи истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ва ғ. пешниҳод менамояд[307].

Сарвари давлат ҳамчун кафили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самаранокии қонунгузорӣ пайваста ғамхорӣ намуда, ба салоҳияти парлумон дахолат накарда, дар ҳолатҳои ҳаётан муҳими дар Конститутсия пешбининашуда ба таври фаврӣ амал мекунад. Дар ин маврид ба суханони А.А. Котенков такя намудан мувофиқи матлаб мебошад, ки ба андешаи ӯ

---

[307] Президенти ҶТ ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифадор аст, ки дар сурати мавҷуд набудани қонунҳои дахлдор онҳоро таҳия ва пешниҳод менамояд. Барои ҳифзи соҳибихтиёрии ҶТ, истиқлолият ва якпорчагии он чораҳоро андешад, фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатиро таъмин менамояд.

“ҳуқуқи сарвари давлат дар мавриди афзалият ба баррасии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ӯ бояд қонунӣ гардонида шаванд”[308].

Дар раванди қонунгузорӣ Президент нисбат ба дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бартарӣ дорад, яъне таклифҳои қонунгузории ӯро афзалиятнок бояд ҳисобид. Мо ин андешаи олимро тарафдорӣ менамоем. Гарчанде дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти дахлдор мавҷуд набошад ҳам, Маҷлиси Олӣ бо риояи таҷрибаи муқарраргардида одатан онҳоро бенавбат баррасӣ менамояд.

Мо андешаронихои дар боло гуфташудаи Т.И. Новитскаяро таҳлил намуда, чунин мешуморем, ки бекор кардани Президент аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ беасос ва бедалел аст. Бо назардошти он, ки салоҳияти қонунгузории Президент дар ҳалли масъалаҳои мубрам аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, аз ин рӯ, дар Конститутсияи аксари кишварҳои ҷаҳон, бахусус дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил салоҳияти ташаббуси қонунгузорӣ ба салоҳияти президент шомил шудааст. Дар сурати надоштани ташаббуси қонунгузорӣ, президент бояд тавассути ҳамҳизбони худ лоиҳаи қонунро ба парлумон пешниҳод кунад ва ин президентро вобастаи аъзои ҳамҳизбони худ мегардонад.

Воқеан, дар баъзе конститутсияҳо меъёр дар бораи боздоштани фаъолияти Президент дар ҳизби сиёсӣ дар давраи иҷрои ваколатҳояш муқаррар шудааст. Агар президент лоиҳаи қонунро ба воситаи вакилон пешниҳод кунад, ин омил боз президентро ба вакилон вобаста мекунад. Ин масъала дар ин раванд мубрам ва мураккаб мегардад. Вобаста ба вазъи ба амал омада саволҳо ба миён меоянд, ки дар ин ҳолат чӣ бояд кард? Оё беҳтар нест, ки ба Президент салоҳияти конститутсионии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шавад?

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти ин фикру ақидаи олимон дар бораи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент, мо ба хулосае омадем, ки Конститутсияи Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои

---

[308] Котенков А.А. Конституционно-правовые основы, практика и проблемы повышения эффективности взаимодействия Президента РФ с Государственной Думой Федерального Собрания в законотворческой сфере: Дисс. ... канд. юрид. наук. М., 1998. – С. - 17.

Мустақил ба президенти кишвари худ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба таври мақсаднок муқаррар кардаанд. Далелҳои зикршуда, ба фикри мо, андешаи аз доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ маҳдуд намудани Президентро комилан рад мекунанд. Ба ғайр аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, Президент дар дигар давраҳои раванди қонунгузорӣ иштирок намуда саҳми калон дорад.

Президент дар раванди қонунгузорӣ дар вақти имзои қонуни қабулшуда бо имкони истифодаи ветои нисбӣ, баргардонидани қонун бе баррасӣ ба парлумон ва ҳамчунин паёми солона ба парлумони кишвар нақши бузург мебозад. Аз ин рӯ, Президент бояд имкони воқеии иштирок дар раванди қонунгузорӣ, аз ҷумла дорои ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ бояд бошад.

Президент нисбат ба дигар субъектҳои ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ бартарӣ дорад пешниҳоди ӯ дар самти қонунгузорӣ бояд афзалият дошта бошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо, мо чунин мешуморем, ки иштироки Президент дар раванди қонунгузорӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷузъи ниҳоят муҳими давлатдорӣ мебошад. Илова бар ин, мавҷудияти ин салоҳият ба ӯ имкон медиҳад, ки на танҳо стратегияи қонунгузориро ташаккул диҳад, балки бо иқдоми худ камбудии дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро рафъ намояд, тавассути ҷорӣ намудани лоиҳаи қонунҳои алтернативӣ ба раванди қонунгузорӣ бевосита таъсир расонад.

Воқеан, бо дарназардошти фикру ақидаҳои олимон дар бораи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент хулосагирӣ намоем, истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як навъ пурра намудани механизмро дар сохтори давлатдорӣ пешбинӣ намуда, ваколати истисноии Президентро ифода мекунад, ки дар ҳолати зарурӣ аз он истифода мебарад.

Салоҳияти қонунгузорӣ ба Сардори давлат имконият медиҳад, ки аз давраҳои раванди қонунгузорӣ бархурдор бошад, дар яке аз давраҳо ба

камбудӣ ва норосоии қабули қонунҳо аз тарафи Маҷлиси Олӣ таъсир расонад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ин гуфтаҳо мо бояд таснифоти шакли татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намоем. Президент ин ҳуқуқро тавассути пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо дар шакли мукаммал ба Маҷлиси намояндагон ба таври васеъ амалӣ менамояд. Президент талабот ва номгӯи маводҳоеро, ки якҷо бо лоиҳаи қонунро ташкил медиҳанд, риоя мекунад ва дар ин маврид барои Президент ҳеҷ истисно нест.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президент ҳамчун сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат доираи хеле васеи масъалаҳои ҳуқуқ ба ташаббуси қонунгузориро муқаррар намудааст. Бояд қайд намуд, ки вобаста ба салоҳдиди президент предмети танзими ин раванд маҳдудият надорад, ки инро дар тасвиби як қатор қонунҳо метавон дид, аз ҷумла, “Кодекси мурофиавии гражданӣ”, “Кодекси иқтисодии мурофиавӣ”, Кодекс “Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ”; қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Авф”, “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҷорӣ намудани моратория ба ҳукми қатл”, “Дар бораи маориф”, “Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии маблағҳои онҳо”, “Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қонунигардонии амвол” ва ғ. Бо ташаббуси Президенти мамлакат бори аввал Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ қабул карда шуд. Бояд зикр намуд, ки дар кодекс институтҳои нав, аз қабили “ҷараёни тезонидашуда”, “тартиби содакардашудаи тафтишоти судӣ”, “принсипи баҳсу мунозира ва баробарҳуқуқии тарафҳо” ва ғ. пешбинӣ карда шудаанд.

Ҳамчунин, дар раванди қонунгузорӣ истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президент бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва пурра намудани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ як қатор пешниҳодҳои қонунгузорӣ сурат гирифтаанд.

Албатта, ин номгӯи ҳамаи он лоиҳаи қонунҳое нест, ки бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шудаанд ва омӯзиши ин раванд ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи фаъолияти пурсамари қонунгузории сарвари давлат тасаввуроти мукаммал пайдо кунем. Вазифаи муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имтиёзҳои баррасишаванда далолат медиҳад.

Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз солҳои 2010 то 2015 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон қонунҳои конститутсионӣ, як кодекс, 53 тағйироту илова ба 53 қонуни амалкунанда ирсол гардид[309]. Ҳар як лоиҳаи қонуни пешниҳодкардаи Президент бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеаи муосир таҳия ва мукаммал шуда ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод мешавад. Агар ба лоиҳаи қонунҳои дар боло зикргардида оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, аз ҷумла, кодексҳои мурофиавии гражданӣ, ҷиноятӣ ва иқтисодӣ аҳамият диҳем, ҳамаи онҳо бо мақсади саривақт ҳал намудани парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, инчунин манфиатҳои қонунии шаҳрвандон нигаронида шудаанд.

Ба ҷуз аз ин гуфтаҳо метавон қайд намуд, ки Президент лоиҳаи қонун дар бораи "Авф" - ро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад ва вобаста ба ин раванди қонунгузорӣ оғоз мегардад. Президент ин муқаррароти конститутсиониро ҳамчун ҳуқуқ ва вазифа амалӣ менамояд. Салоҳияти қонунгузории Президент аз ҳуқуқҳои конститутсионӣ сарчашма гирифта, инсондӯстии ӯ ҳамчун сарвари давлат таҷассум ёфтааст ва ӯҳдадории Президент аз муқаррароти конститутсия бармеояд, ки ҳамчун субъекти ташаббуси қонунгузор лоиҳаи мазкурро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд. Дар пояи инсондӯстӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 қариб ҳар сол ба Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонун дар бораи авф пешниҳод мешавад.

---

[309] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. - Душанбе. "ЭР - граф". 2016. – С. - 72.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки ин санадҳои ҳаётан муҳим дар фаъолияти мақомоти ҳамарӯзаи ҳифзи ҳуқуқ истифода мешаванд. Чунин санадҳои ҳуқуқӣ ҳанӯз дар замони шӯравӣ қабул шуда буданд ва ба талаботи ҷомеаи имрӯза ҷавобгӯ набуда, эътибори ҳуқуқии худро аз даст дода буданд. Президент сол то сол бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар назди парлумон вазифаҳои бештари фаъолияти қонунгузориро мегузорад.

Ташаббуси қонунгузории Президенти кишвар дар шакли “таклифҳои қонунгузорӣ” 17 марти соли 2015 зимни суханронӣ дар иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагон, даъвати панҷум бо истифода аз ин ҳуқуқ ба вакилон бо чунин мазмун пешниҳод шуда буд: “Итминон дорам, ки шумо, вакилони нав интихобшуда, дар роҳи эҷоди қонунҳо ва қабули онҳо, тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ барои кишварамон зарури саъю кӯшиши бештар мекунед ва дар таҳкими пояҳои ҳаёти давлату ҷомеа саҳми арзанда гузошта, бо дарназардошти вазъи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа қонунҳои ба меъёрҳои ҷаҳони мутамаддин ҷавобгӯйро таҳия ва қабул хоҳед кард”.

Аз ин гуфтаҳои Президент хулоса баровардан мумкин аст, ки қонунгузории Тоҷикистон ба принсипҳои меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шавад, зеро ин вазифа яке аз самтҳои асосии фаъолияти парлумони касбӣ маҳсуб мешавад; такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти қонунгузориро ба манфиати миллат бояд равона кард; таъмини сифат ва самарабахшии қонунҳое, ки ба талаботи ҷамъият мувофиқанд, таҳким ёбанд.

Дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи тавре ки дар боло қайд намудем, дар шакли “таклифҳои қонунгузорӣ” низ амалӣ мегардад. Татбиқи “таклифҳои қонунгузори”- и Президент дар бораи қабули қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод карда мешавад ва ҳамин таклифҳо метавонад оғози раванди қонунгузориро ба миён орад. Масалан, дар асоси “таклифҳои қонунгузорӣ” Президенти мамлакат ба Кодекси оила оид ба баланд бардоштани синни никоҳӣ, дар Кодекси ҷиноятӣ дар бораи иҷрои

ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди қонунгузорӣ оғоз гашта ба ин санадҳои меъёри ҳуқуқӣ тағйиру илова ворид карда шуд.

Яъне ба гуфтаи М. Маҳмудзода ва Р. Сотиволдиев, дар солҳои истиқлолият шакли нави ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: "лоиҳаи қонун" ва "масъалагузорӣ кардан дар хусуси зарурати қабули қонун" ташаккул ёфт[310]. Ин гуфтаҳо боиси дастгирист. Таклифҳои қонунгузории Сарвари давлат дар шароити нави таърихӣ, пеш аз ҳама, ба ҳадафу вазифаҳои давлати соҳибистиқлол, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистон, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати ҷомеа, худшиносии миллӣ ва барои рушди ҷомеа нигаронида шудаанд[311].

Таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

Аввалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат дар гузоштани вазифаҳои умумӣ дар назди тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ қонунгузор ва иҷроия ҷиҳати таҳкими давлатдорӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ, таъмини принсипҳои демократӣ дар ҷомеа фаъол аст.

Масалан, яке аз муҳимтарин иқдомҳои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми якуми моддаи 99-и Конститутсия, ин пешниҳоди ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи кишвар дар соли 1999 мебошад. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси моддаи 8-и қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон" 26 сентябри соли 1999 райъпурсии умумихалқӣ барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид[312].

Дуюм, ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузории Президенти Тоҷикистон бо дарназардошти мушкилоти дар ҷомеа ба вуҷуд омада ва вобаста ба нақшаҳои давлат дар раванди қонунгузорӣ самтҳои гуногун ва вазифаҳои нав

---

[310] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. – Душанбе. «ЭР-граф». 2016. – С. -18.

[311] Маҳмудзода М. Президент ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ӯ. Ҷумҳурият, 5 октябри соли 2005. Ҳамон ҷо. Маҳмудзода М. Президент ва конститутсионализм. //Пешвои миллат. Абармарди афкори сиёсат. – Душанбе. 2008. – С. - 15-19.

[312] Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 1999 с.

тадриҷан татбиқ мегарданд. Ин муқаррароти Конститутсия моҳияти мақоми Президенти мамлакатро ифода менамояд. Ин вазифаи пурмасъулият мақсадноки ин мақомро ифода намуда, он бевосита ба фаъолияти давлатие, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, иртибот дорад.

Бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки он ба ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон нигаронида шудааст, ду лоиҳаи қонуни муҳими миллӣ “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шудааст. Бори аввал дар Тоҷикистони соҳибихтиёр муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳо барпо гардид. Дар шароити ошкорбаёнӣ бо иштироки шаҳрвандони мамлакат, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва тамоми аҳли ҷомеа лоиҳаи қонунҳо дар шакли мукаммал таҳия гашт. Шаҳрвандон дар рафти муҳокимаи лоиҳаи қонун имконият пайдо карданд, ки дар шаклҳои гуногун: шифоҳӣ ва ё хаттӣ дар доираи коллективҳои меҳнатӣ, дар ҷойи истиқомат ҷаласаҳо баргузор намуда, тавассути васоити ахбори омма (радио, телевизион ва ғ.) таклифҳо пешниҳод кунанд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, андешаи Б.С. Гадоев саривақти буда, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун як навъи демократияи мустақим буда, он ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ба мазмуни қонуни қабулшаванда бевосита таъсир мерасонанд, меҳисобад ӯ. Институти муҳокимаи умумихалқӣ имкон фароҳам меорад, ки тамоми манфиатҳои аз тарафи қонун эътирофшуда ба назар гирифта шуда, мазмуну мундариҷаи онҳо дурусттар дарк гарданд. Истифодаи таҷрибаи муҳокимаи умумихалқӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ ба маънои васеъ аз сохти демократии давлат далолат медиҳад[313].

Ҳамин тариқ, халқи Тоҷикистон имкон дорад, ки бевосита дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо ширкат варзида, ба раванди қонунгузорӣ таъсир

[313] Гадоев Б.С. Тенденция развития высших форм непосредственной демократии в РТ: Конституционно-правовое исследование. Дисс. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе. 2018. – С. - 113.

расонанд ва дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо иштироки озодонаи онҳо таъмин карда мешавад.

Б.С. Гадоев масоили танзими ҳуқуқии ташаббуси гузаронидани муҳокимаи умумихалқиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунад, ки ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ на танҳо дар Дастури Маҷлиси намояндагон, балки дар қисми 2-и моддаи 57-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст[314]. Ва мо ин нуктаи назари Б.С. Гадоевро оиди оне, ки Президенти кишвар ҳамчун роҳбари давлат ва субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз номи тамоми халқ баромад карда, ҳуқуқ дорад, ки шумораи зиёди қонунҳоро ба муҳокимаи умумихалқӣ бо мақсади шинос шудан доир ба фикру мулоҳиза ва таклифҳои шаҳрвандон оид ба такмили лоиҳаи қонунҳо пешниҳод намояд, дастгирӣ менамоем. Дар баробари ин, раванди мазкур метавонад маънои онро дошта бошад, ки Сарвари давлат дар шароити муайян бо муқаррароти қатъии қонунгузорӣ маҳдуд намешавад, балки раванди татбиқи Конститутсияро роҳнамоӣ мекунад.

Бо дарназардошти он, ки қонунҳои дар боло номбаршуда дорои аҳаммияти умумидавлатӣ буданд, лоиҳаи қонунҳои мазкур ба муҳокимаи шаҳрвандони кишвар пешниҳод карда шуданд. Гарчанде, ки муҳокимаи умумихалқӣ хусусияти машваратӣ дошт, мақомоти қонунгузор таклифи шаҳрвандонро дар бораи такмил додани қонун ба эътибор гирифт. Фикру андешаҳои баёншударо мақомоти қонунгузорӣ мамлакат маъқул донист ва ин раванд ифодагари андешаи умум оид ба қабули ин қонунҳо мебошад[315]. Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун якҷоя бо раъйпурсӣ ва интихобот ифодаи бевоситаи демократия, асоси демократиконии ҷомеа, робитаи бевоситаи мақомоти қонунгузор ва афкори аҳли ҷомеа мебошад.

Хулоса, метавон қайд намуд, ки дар муҳокимаи ин лоиҳаи қонунҳо (дар давраҳои гуногун) зиёда аз 3 миллион нафар шаҳрвандони мамлакат (қариб

---

[314] Гадоев Б.С. АСари ишорашуда. – С. - 178.
[315] Комарова В.В. Механизм непосредственной демократии современной России (система и процедуры). М.: (Формула права). - 2006. – С. - 27.

30 фоизи аҳолии кишвар) иштирок доштанд. Муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо дар муҳити ошкорбаёнӣ сурат гирифт.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои ҷамъбастӣ ва таҳияи таҳрири ниҳоии лоиҳаи қонун дар солҳои 2007 ва 2011 Президент истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ин лоиҳаи қонунҳоро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод карданд. Ин меъёр дар асоси моддаи 6-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки "дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад" асос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, қайд кардани ҳастем, ки иштироки халқи Тоҷикистон дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, бахусус лоиҳаи қонунҳое, ки **бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории роҳбари давлат барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шудаанд, як шакли нави татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**

Дар асоси ин гуфтаҳо мо чунин мешуморем, ки меъёрҳои конститутсионӣ[316] ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштироки бевоситаи халқ дар фаъолияти қонунгузорӣ ба қадри кофӣ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд.

Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар марҳилаҳои ибтидоии қонунгузорӣ қадамҳои аввалини такмили қонунгузории халқӣ буд. Таҷрибаи дар ин самт ташаккулёфта барои боз ҳам такмил додани раванди қонунгузорӣ аз тарафи халқ мавқеи муҳим дорад. Иштироки аҳолӣ дар муҳокимаи қонунҳо бо ташаббуси роҳбари давлат аҳамияти махсус дорад. Ғайр аз ин, Конститутсия на танҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро таъмин менамояд, балки он татбиқи ташаббуси қонунгузориро ба таври ҳатмӣ низ пешбинӣ менамояд.

Дар асоси мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент мо ба чунин хулосае омадем ва дар ин ҷода якчанд нукотро арзёбӣ менамоем.

---

[316] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои минбаъда. Қ. 2. М. 57. Ҳамчунин банди 347 Дастури Маҷлиси намояндагон лоиҳаи конунро баъди қироати якум ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуданро муқаррар менамояд. 2010 с.

- Аввало, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент танҳо бо масъалаҳои ворид намудани лоиҳаи қонун ба Маҷлиси Олӣ маҳдуд намешавад.

- Дуюм, Президент дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ буда, ҳуқуқи пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ба муҳокимаи умумихалқӣ ва пас аз таҳияи бодиққат ва мукаммал онро барои баррасӣ ва қабул ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад.

- Сеюм, Президент бо истифода аз ҳуқуқи истисноии ташаббуси қонунгузорӣ қонуни “Авф” - ро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд.

- Чорум, Президент бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парлумони кишвар ҳамчунин лоиҳаи нави қонунҳои мукаммал ва таклифҳои қонунгузориро пешниҳод менамоянд, ки дар паёми солона ироа мешавад.

Ҳамин тариқ, қайд менамоем, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани салоҳият дар соҳаи қонунгузорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ваколати қонунгузории Президент ба салоҳиятҳое, ки дар муқаррароти моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, асос меёбад.

Президент дар тамоми давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд. Ӯ дар муҳокима, баррасӣ ва қабули қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон, инчунин дар расмиёти ҷонибдории қонунҳо аз тарафи Маҷлиси миллӣ иштирок мекунад. Аз нуқтаи назари мурофиавӣ, ки дар палатаҳои Маҷлиси Олӣ аз номи Президент намояндагӣ мекунад, ин Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қаблан мушовир[317][318] номида мешуд) дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

---

[317] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ 2005 - Б. 4.
[318] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.2010 - Б. 339.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои ибтидоии раванди қонунгузорӣ иштирок менамояд, дар ҷаласаҳои парлумонӣ баромад мекунад, ҳангоми баррасии лоиҳаи қонунҳо дар ҷаласаҳои палатаҳо иштирок мекунад. Бояд гуфт, ки вазифаи Ёрадмчии Президент инчунин аз он иборат аст, ки тамоми фикру мулоҳизаҳое, ки оиди лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон иброз медорад бо Президент мувофиқа менамояд. Баъдан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳоро имзо мекунад, амр дар бораи нашри қонунҳо дар нашрияҳои расмии давлатиро медиҳад, аз ҳуқуқи ветои нисбӣ, баргардонидани қонун бе баррасӣ истифода мебарад.

Дар зимн шаклҳои амалӣ гардондани ин ваколатҳо, ба андешаи мо, дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад. Аз як тараф, Президент ҳамчун роҳбари давлат дар соҳаи қонунгузорӣ як қатор ваколатҳоро амалӣ менамояд, ки ба ташаккули стратегияи қонунбарорӣ нигаронида шудаанд, самтҳои афзалиятноки раванди қонунгузориро муайян намуда, оид ба зарурати омода намудани лоиҳаи қонунҳо ба дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ тавсияҳо медиҳад[319]. Дар ин марҳилаи қонунэҷодкунӣ доираи ваколатҳои ӯ аз доираи иштироккунандагони дигари ин раванд фарқ мекунад.

Аз тарафи дигар, Президент ваколатҳои худро тавассути имзо ва интишори расмии қонунҳо, ки яке аз давраҳои раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад амалӣ мекунад. Нақши Президент дар раванди қонунгузорӣ ва дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ будани ӯ дар он ифода меёбад, ки "Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мебошад" ва маҳз ӯ самтҳои асосии сиёсати давлатиро муқаррар менамояд.

---

[319] Маҳмудзода М., Сотиволдиев Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. Нашри 2-юм. – Душанбе. "ЭР-граф". 2016. – С. - 15-16.

Ҳамин тариқ, дар асоси ин гуфтаҳо мо метавонем нақши махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузориро бозгӯӣ намоем. Маҳз ҳамин раванд аз он далолат медиҳад, ки Президент дар тамоми давраҳои раванди қонунгузорӣ дорои ваколатҳои назарраси қонунгузорӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, як қатор масъалаҳои назариявиро баррасӣ намуда, мафҳуми "ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент" - ро муайян намуда, мо ба чунин хулоса омадем, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва иштироки Президент дар раванди қонунгузориро бояд фарқ кард, яъне дар ҳолати надоштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ низ сарвари давлат дар ҳамаи давраҳои раванди қонунгузорӣ метавонад иштирок кунад. Аммо ин ҳар ду раванди ҳуқуқӣ ба фаъолияти қонунгузории Президент алоқаманд мебошанд. Пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо танҳо давраи ибтидоии раванди қонунгузорӣ мебошад.

Ба масъалаи вазифаҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон олимон таваҷҷуҳи бисёр зоҳир намудаанд. Ба андешаи М.С. Сулаймонов[320], вазифаҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз:

- Аввалан, иштирок дар раванди қонунгузорӣ.

- Дуюм, раванди ташкилӣ.

Президент дар раванди қонунгузорӣ ҳамчун субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ва инчунин иштирокчии бевоситаи ин раванд, ки қонунҳоро имзо ва интишор мекунад ё ҳуқуқи ветои нисбиро истифода мебарад, иштирок мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем, вазифаи қонунгузории Президентро дар раванди қонунгузорӣ чунин муайян намоем:

Якум, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ: дар шакли лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад; лоиҳаҳои қонунҳо

[320] Сулаймонов М.С. Конституционно – правовой статус Президента РТ. Монография. – Душанбе. – 2019 – С. - 86.

доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда ё қонунҳое, ки эътибори ҳуқуқии худро аз даст додаанд.

Дуюм, татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ: шифоҳӣ ё хаттӣ амалӣ мегардад.

Сеюм, имкони иштироки доимӣ дар давраҳои раванди қонунгузорӣ ҳангоми баррасӣ ва қабули қонунҳо дар палатаҳои Маҷлиси Олӣ ва комиссияҳои дахлдор.

Чаҳорум, имзо ва нашри қонун, (ё баргардонидани қонун).

Панҷум, пешниҳод дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шашум, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо.

Дар баробари муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти кишвар, мо якчанд **ҷанбаҳои алоқамандии паёми Прездиенти кишвар ба раванди қонунгузориии Маҷлиси Олиро** арзёбӣ менамоем.

Ба ақидаи А.А. Мишин "дар як қатор мавридҳо ба президент ё монарх ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли маҳдуд дода мешавад, ки он одатан дар шакли паём амалӣ карда мешавад"[321].

Дар заминаи таҳлили мазмуни фаъолияти қонунгузории чанд соли охир метавон гуфт, ки он ба мазмуни паёмҳои солонаи Президент, пеш аз ҳама, вобаста ба вазъи кунунӣ ва таъмини раванди қонунгузорӣ ба афзалиятҳои асосие, ки Сарвари давлат ҳангоми суханронӣ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст ҳамкории сарвари давлат ва парлумони кишвар буда[322], ҳамчун ҳуҷҷатест, ки афзалият, ҳадаф ва вазифаҳои тамоми низоми ҳокимияти давлатии кишварро муқарраркунанда, ба ҳисоб меравад.

Танзими конститутсионии паёмҳои Президент дар муқаррароти моддаи 55-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси

[321] Мишин А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Учебник. – М.: Белые альвы. 1996. – С. - 164.
[322] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994., бо тағйиру иловаҳои минбаъда. Қ. 3. М. 55.

намояндагон оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ паём ирсол менамояд, ифодаи ҳуқуқии худро меёбад. Дар ин раванд дар бораи моҳияти ҳуқуқии паёми[323] президент масъалаҳои ҳалталаб зиёд мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ин масъала олимон мавқеъҳои гуногун доранд.

Ин мавқеъҳоро метавон ба таври зайл гурӯҳбандӣ намуд: Як зумра олимон паёми Президентро санади конститутсионӣ[324], мафкуравӣ[325], ғайримеъёрӣ муайян мекунанд[326].

М.Г. Қубатаев моҳияти ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президентро омӯхта дар ин замина онҳоро тасниф менамояд, ӯ ба паёмҳои Президент таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ҳамчун санади дорои мазмуни барномавию сиёсӣ эътироф мекунад[327].

Олими дигар А.П. Мазуренко паёми Президентро вобаста ба мазмуну мундариҷа ба сарчашмаҳои роҳнамои ибтидоии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мансуб медонад. Баъдан, ӯ гуфтаи худро тавзеҳ медиҳад, ки дар доираи мафҳуми сарчашмаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ санадҳои расмии ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва идеологӣ принсипҳои ибтидоии сиёсати ҳуқуқиро бояд дарк намуд, ки онҳо ба таҳияи ҳадафҳо ва муайян кардани вазифаҳои он равона гардидаанд[328]. Ба ибораи дигар, сарчашмаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои ташаккули ҳадафҳо ва афзалиятҳои он дар ояндаи наздик, яъне ҳамчун воситаи асосии ташаккули стратегия ва тактикаи навъи раванди қонунгузорӣ истифода мешавад.

---

[323] В законодательной практике США применяется три вида президентских посланий – послание о состоянии Союза, экономический доклад и послание по бюджету. Каждое из них представляет собой законодательную программу для Конгресса. См.: Мишин А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Учебник. – М.: Белые альвы. 1996. – С. - 164. По важнейшим вопросам обращаются с посланиями к парламенту и нации главы государств. См.: Конституционное право РФ. Учебник для вузов. / Под ред. Чл. корр. РАН, проф. Баглай М.В. – Изд. НОРМА, 2007. – С. - 227.

[324] Земченков Н.Ф. Послание Президента РФ, Федеральному Собранию РФ как стимул правовой реформы (Проблемный комментарий). Известия Южного Федерального университета. Техническая наука. 2014. – С. 268.

[325] Сапаргалиев Г.С. Конституционное право Республики Казахстан. Академический курс. – Алматы. - 2005. – С. 311.

[326] Нематов А.Р. Правотворчество в РТ: Актуальные вопросы теории и практики. – Душанбе. – 2013. – С. - 125.

[327] Кубатаев М.Г. Правовые акты Президента РФ. Дисс. ... канд. юрид. наук. М. 2000. – С. – 88.

[328] Мазуренко А.П. Роль посланий законодательным органам власти и иных документов концептуального характера и формирования правотворческой политики. /Современная наука инновация. М. 2014. № 2. – С.- 48-59.

Аз таҷрибаи илмию амалии ҳуқуқшиносии муосир бармеояд, ки дар айни замон бо дарназардошти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ он дорои як қатор хусусиятҳо буда, аз ҳар фарди ҷомеа фаҳмиши мукаммали ҳуқуқӣ, дониши кофӣ, шуур ва фарҳанги баланди ҳуқуқиро талаб мекунад. Онҳо раванди сиёсию ҳуқуқии давлатро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, аз баррасии моҳияти илмии паём чун санади ҳуқуқӣ хулосабарорӣ намуда, метавонем онро дар ҳалли масъалаҳои муҳим дар чаҳорчӯби стратегии қаблан муайяншудаи навсозии тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ равонашуда ҳисоб намоем.

Таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба мафҳум ва моҳияти паёми[329] Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиқи омӯзиш аст. Ба андешаи академик Ф.Т. Тоҳиров паёми Президентро як усули огоҳкунандаи парлумон аз сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумат метавон арзёбӣ кард[330] ва ин усул дар ҷумҳуриҳои ба истилоҳ президентӣ маъмул мебошад. Нуктаи назари муаллиф ҷолиби диққат аст, ки тибқи он дар чунин кишварҳо паёми президентӣ метавонад як шакли мавҷудияти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби роҳбари давлат бошад[331].

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди қонунгузории парлумон алоқамандии муҳим дорад.

Мо ба андешаи А. Имомов такя менамоем, ки муқаррарот ва дастурҳои дар паёми Президент овардашуда барои фаъолияти минбаъдаи парлумон муҳиманд. Паёми Президент барои қабули қонунҳо ва раванди қонунгузорӣ аҳаммияти калон дошта, дар паём нуктаҳои муҳим оид ба нақш ва аҳаммияти қонунҳои муосир, зарурати омодасозии онҳо дар шакли мукаммал ва андешидани чораҳои лозима дар ин самт, ки ба масъалаҳои муҳими ҷомеа дахл

---

[329] Паёми аваалини Прзиденти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ 27 аперли соли 2000 (баъди ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи кишвар 26 сентябри соли 1999) дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ироа гардид. Президентҳои қаблии кишвар чунин салоҳиятро надоштанд, ҳарчанд, то қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 ду маротиба солҳои 1990 ва 1991 институти президенти таъсис дода шуда буд. Меъёр дар бораи суханронии Президенти ҶТ бо паём оид ба сиёсати асосии дохилию хориҷии кишвар дар қисми 3-моддаи 55 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст.

[330] Тахиров Ф.Т. Политико-правовое значение послания Президента. Народная газета от 30 июля 2005 г. - № 29. – С. - 190.

[331] Тахиров Ф.Т. Асари ишорашуда. – С. - 190.

доранд, оварда мешаванд, аммо барои татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ талаботи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор бояд риоя карда шавад[332].

Олимон М. Маҳмудзода ва Р. Сотиволдиев паёми солонаи Президент ба Маҷлиси Олиро ҳамчун шакли пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ дар раванди қонунгузорӣ арзёбӣ менамоянд, ки дар он оид ба вазъи кишвар, самтҳои асосии фаъолияти дохилӣ ва берунии он нуктаҳои асосӣ зикр меёбанд. Аз ин ру паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ шакли нави амалӣ гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Сардори давлат маҳсуб мешаванд. Ин нуктаи муҳим воқеан лоиқи дастгирист. Сарвари давлат ҳар сол дар паёми худ ба масоили раванди қонунгузорӣ, яъне қабули қонунҳо аҳаммияти зиёд медиҳанд.

Э.С. Насурдинзода, паёми Президенти кишварро ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ маънидод менамояд[333]. Ба андешаи А.М. Диноршоев метавон розӣ шуд, ки паёми Сарвари давлат ба парлумони кишвар яке аз муҳимтарин ниҳодҳои давлатдории муосир аст, ки дар конститутсияҳои аксари кишварҳои ҷаҳон пешбинӣ шудааст. Ва ин ниҳод, самтҳои асосии рушди давлатро дар соҳаҳои қонунгузорӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва мафкуравӣ муайян мекунад, ҳамчун пайвандгари фаъолияти сарвари давлат бо намояндагони мақомоти давлатӣ амал мекунад[334].

Дар таҷрибаи раванди қонунгузории парлумонӣ аз паёми Президенти ҶТ ба таври мукаммал истифода бурда мешавад.

А.Р. Нематов доир ба паём чунин андешаи худро иброз намудааст: "Паёми ҳарсолаи Президент метавонад сарчашмаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҳам мақомоти қонунгузор ва ҳам иҷроия гардад"[335]. Андешаи ин олим лоиқи дастгирист.

Ф.С. Сайнозимзода доир ба хусусиятҳои паём чунин фикру ақидаи худро иброз намудааст: "Гарчанде паём меъёрҳои ҳуқуқӣ надошта бошад ҳам

---

[332] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права РТ. Душанбе. – 2020 - «Сифат – Офсет». - 101 с.
[333] Насурдинзода Э.С., Сайнозимзода Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии паёми Президенти ҶТ. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷалли илмӣ-амалӣ №2 (21) 2021- С. - 13-19.
[334] Диноршоев А.М. Правовая природа послания президента РТ. Государствоведение и прав человека. №1. 2016. – С. - 54.
[335] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан. LAP LAMBEPT/ Academik Publishing. Саар-bpucken. Cermany, 2013.- С. - 244.

он хислати меъёрӣ дорад, зеро барои мақомоти дахлдори давлатӣ, шаҳрвандон ва ташкилотҳо дорои аҳамияти умумиҳатмӣ аст”[336].

Дар раванди қонунгузорӣ ташаббусҳои қонунгузории Президент дар заминаи дастурҳои дар паёми Президент ироашуда ба таври ҳатмӣ иҷро мешаванд. Ҳарчанд паём ҳуҷҷати дорои хусусияти ҳуқуқӣ набошад ҳам (Паём санади меъёри ҳуқуқи ба ҳисоб намеравад, хусусияти меъёриро надорад ва давраҳои ҳуқуқэҷодкуниро низ дар бар намегирад ва ҳамчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ҳамчун санади меъёри ҳуқуқӣ муқаррар нашудаст, балки хусусияти сиёсӣ дошта ба ҳисоб меравад).

Мазмун ва мундариҷаи паём одатан аз ду қисм иборат буда, ба самтҳои асосии сиёсати берунӣ ва дохилии давлат барои ҳар сол бахшида шудааст.

Дар раванди қонунгузорӣ аҳамияти ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузории Президент, ки дар шакли “таклифҳои қонунгузорӣ” дар асоси ироаи паём пешниҳод мешавад, хусусияти хос дошта, на танҳо самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, балки тамоми мақомоти ҳокимияти давлатиро, ки аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори он намояндагӣ мекунанд, инъикос менамояд. Дар ин ҳол, дар паёми Президент дар баробари дастурҳое, ки дар оянда шакли меъёрии ҳуқуқӣ пайдо хоҳанд кард, бевосита таҳия ва қабули пешниҳодҳои мушаххаси меъёриро, ки субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, инчунин дигар идора ва мақомоти давлатиро вазифадор мекунанд, пешбинӣ менамояд, лоиҳаҳои дахлдори қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқиро сари вакт таҳия намоянд, то онҳо дар мӯҳлати муайян бо тартиби муқараргардида баррасӣ шаванд.

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки дар раванди қонунгузорӣ паёми солонаи Сарвари давлат, ки самтҳои стратегии вазифаҳои кунунии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян мекунад, асоси фаъолияти қонунгузории палатаҳои Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат ва дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, инчунин сарчашмаи батанзимдарории конститутсионии онҳо мебошад.

[336] Сайнозимзода Ф.С. Аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқии паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. «ЭР-граф», 2021. – С. -22.

Аз нуктаи назари илмӣ паём як санади мукаммал таҳияшуда аст. Бо дарназардошти мазмуну мӯҳтавои паём метавон гуфт, ки ин санади таърихӣ ба ғояҳои худшиносии миллӣ таҳким мебахшад. Он ҳуҷҷатест, ки ба таври умум таҷрибаи давлатдорӣ, самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият таҳлилу баррасӣ ва баҳогузорӣ менамояд.

Дар раванди қонунгузорӣ аз тарафи вакилон паём мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин замина нуктаҳои ҳалталаби паём мушаххас карда мешаванд, ҳамчунин паём пеш аз ҳама, аз ҷониби мақомоти давлатӣ, Ҳукумати кишвар, вакилон ва аъзоёни парлумон дар амалбарории фаъолияти давлатӣ ба инобат гирифта мешаванд. Ин санад барномарезии мукаммалест, ки тамоми самтҳои фаъолияти аҳли ҷомеаро фаро мегирад.

Ҳангоми ироаи паём ба Маҷлиси Олӣ дар рӯзномаи корӣ танҳо як масъала мавҷуд аст: шунидани паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бояд қайд намуд, ки "Паём муҳокима намешавад ва он ниёз ба қарор надорад"[337]. Чун анъана ҳамасола баъди ироаи паём вакилон ва кормандони ҳукумат ба фаҳмондадиҳӣ, вохуриҳо бо мардум машғул мешаванд.

Дар раванди қонунгузорӣ аз паёми ҳамасола ба парлумон оиди таҳияи қонунҳо дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, таъмини амнияти зеҳнӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ифодаи худро меёбад. Дар паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парлумони кишвар сарвари давлат тамоми соҳаҳои ҷамъиятиро баҳогузорӣ намуда, дастовардҳоро арзёбӣ менамояд, роҳҳои минбаъдаи рушди раванди қонунгузории парлумони кишвар, ҳадафҳои тамоми ниҳодҳои давлатиро муайян менамояд[338].

Аз мазмуну мӯҳтавои гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар раванди қонунгузорӣ паём барои қабули қонунҳои мукаммал як раҳнамо мебошад. Маҷлиси Олӣ дар таҳия ва қабули қонунҳо аз паём натиҷагирӣ намуда, дар фаъолияти қонунгузории худ истифода мебарад. Оид ба аксари

---

[337] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳайати муаллифон. - Душанбе: Шарқи озод, 2009. – Душанбе. – 288 с. /Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики акадеии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А.

[338] Диноршоев А.М. Правовая природа послания президента РТ. Государствоведение и прав человека. №1. 2016. – С. – 54.

масъалаҳои дар паёми Президент баёнгардида қонунҳои дахлдор қабул мегарданд. Ироаи паём ба Маҷлиси Олӣ оид ба вазъи кишвар оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии давлат баъдан ё дар лоиҳаи қонунҳои Президент ё Ҳукумат ва ё дар ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда инъикоси худро меёбад.

Истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Президент бо суханронии худ дар назди аъзоёни парлумон ва ҳукумати кишвар доир ба такмили қонунгузорӣ, вазифаҳои мушаххас мегузорад. Дар мазмуну мӯҳтавои паём омадааст, ки вакилони парлумон бояд ба зиндагии воқеии мардуми кишвар, пеш аз ҳама ба неъматҳои моддиву маънавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд. Муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, муайян намудани дурнамои инкишофи минбаъда, таъмини ягонагии волоият дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсия ва қонунҳо, таъмини қонунияти конститутсионӣ, таваҷҷӯҳ ба роҳу усулҳои ҳуқуқии аз ҷониби умум эътирофшуда, таҳия, қабул ва татбиқи лоиҳаҳои қонун дар заминаи ин санади муҳим амалӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши ҷанбаи илмиву амалии ин санади таърихӣ метавон хулосабарорӣ намуд, ки паёми солонаи Сарвари давлат ба мақомоти қонунгузор заминаи фаъолияти имрӯза ва оянда раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, дар раванди қонунгузорӣ истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент, ки дар паём ироа мешавад, натиҷаи он дар қабули қонунҳо ифодаи худро меёбад. Ин бори дигар саҳми арзанда ва таърихӣ доштани паёми Президенти мамлакатро дар раванди қонунгузорӣ собит месозад.

### 2.4. Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат ҳамчун мақомоти дастаҷамъонаи ҳокимияти иҷроия дар фаъолияти қонунгузорӣ бештар аз

шакли идоракунии муқаррарнамудаи конститутсия, хусусиятҳои механизми таҷзияи ҳокимият, вазъи конститутсионию ҳуқуқии ҳукумат, ки самти фаъолияти он, ҳуқуқҳои асосӣ, вазифа ва масъулияти онро муайян месозад, вобаста аст. Барои дарки иштироки ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ бояд меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, тадриҷан таҳлили шакли идораи он, механизми таҷзияи ҳокимият ва мақоми ҳукуматро баррасӣ кард.

Дар ҳар як шакли идоракунӣ Ҳукумат дар самти қонунгузорӣ, аз ҷумла дар амали гардонидани раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хусусияти хосро дорад. Самти қонунгузории ҳукумат дар шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ хусусияти аҳамияти муҳим дорад.

Хусусиятҳои асосии шакли идораи ҷумҳурии президентӣ инҳоянд:

1. Ҳукумат дар назди президент масъул аст, на дар назди парлумон.

2. Ҳукумат ҳуқуқи пешниҳоди пароканда кардани парлумонро надорад ва дар навбати худ парлумон ҳуқуқи изҳор намудани нобоварӣ нисбати Ҳукуматро надорад.

Танзими конститутсионии салоҳияти қонунгузории ҳукумат аҳаммияти баланди мақоми ҳуқуқии он ва нақши онро дар раванди идоракунии давлатӣ собит менамояд, ки он дар конститутсияҳои кишварҳои пешрафта инъикос ёфтааст. Чунин тамоюл фаҳмо ва ҳатто зарурӣ ба назар мерасад.

Тавре ки олими рус В.И. Лафитский қайд мекунад, мухтасар будани конститутсияҳо оид ба ин масъала ба возеҳ будани мазмуни фаъолияти се шохаи ҳокимият-ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шарҳ дода мешавад, вале дар ҳақиқат ин масъала баҳсталаб буда, тавре ки амалия нишон медиҳад, он оқибатҳои гуногунро дар шакли мавҷуд набудани меъёрҳои конститутсионӣ, ки аксар вақт боиси низоъҳои байни шохаҳои ҳокимият мегардад, дар худ таҷассум менамояд[339].Чунин ба назар мерасад, ки набудани танзими конститутсионии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия низ метавонад омили ин зуҳуроти манфӣ дар самти низоми ҳуқуқии тақсимоти ҳокимият бошад.

---

[339] Правительство Российской Федерации. Под ред. Хабриевой Т.Я. - М.: Норма, 2005. – С. - 584 – 587.

Дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории мақомоти ҳокимияти иҷроия ба таври дастаҷамъона амалӣ мегардад. Дар низоми таҷзияи ҳокимият фаъолияти ҳокимияти иҷроия асосан иҷроиши қонунҳоро амалӣ мегардонад, ҳукумат иҷроиши қонунҳоро иҷро намуда, фаъолияти онҳоро тавассути танзимоти дастурӣ ва санадҳои зерқонунӣ назорат ва таъмин менамояд.

Ҳукумат дар самти қонунгузорӣ на танҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро амалӣ мегардонад, балки иҷрои қонунҳоро, ки тибқи раҳнамоии конститутсия, яке вазифаи муҳимтарини ҳукумат мебошад ба иҷро мерасонад. Чунин амалия барои шакли классикии давлатдорӣ чун аксиома ба назар расида, он ба принсипҳои волоияти қонун ва таҷзияи ҳокимият поя дорад[340]. Чунин ақида бояд оқилона ва одилона эътироф карда шавад. Ин гуфта маънои онро дорад, ки баҳогузории чунин принсип, монанди қонуният дар иштироки ҳокимияти иҷроия дар раванди қонунгузорӣ ҷараёни марбут ба падидаи конститутсионӣ, аён мебошад. Иҷрои нишондодҳои тамоми меъёрҳое, ки фаъолияти ҳукуматро дар тартиб додани лоиҳаи қонун танзим мекунанд, шарти ба роҳ мондани сиёсати муназзам ва мукаммали давлатӣ мебошад. Ба ин маъно, принсипи ҳуқуқии қонуният аҳаммияти ҳалкунанда дошта, барои ҳамаи давлатҳои демократӣ он дорои хусусияти умумиинсонӣ мебошад.

Иштироки Ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат асосан дар санадҳои қонунгузории давлат бармеояд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ принсипҳои асосии фаъолияти низоми ҳокимияти иҷроия дар раванди қонунгузориро муқаррар мекунанд.

Иштирок дар раванди қонунгузориро бисёре аз конститутсияҳои кишварҳои хориҷӣ, ки тайи чанд даҳсолаи охир қабул шудаанд, яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат муқаррар намудаанд. Масалан, мутобиқи Конститутсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қазоқистон ва ФР Ҳукумат бо

---

340 Мишин А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран: Учебник для вузов. - 17-е изд., испр. и доп. - М.: Статут, 2013. – С. - 283.

ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳоро омода намуда, барои баррасӣ ба парлумон пешниҳод мекунанд.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи қарорҳои дахлдори Ҳукумат ва фармонҳои Президенти кишвар тасдиқ мешаванд, омода ва таҳия мешаванд. Дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд принсипҳо риоя ва истифода мешавад. Масалан, принсипи пай дар пайӣ дар фаъолияти қонунгузории Ҳукуматро метавон дар маҷмӯи марҳилаҳои пай дар пайи омодасозии иттилоотӣ-таҳлилии лоиҳаи қонун дид, ки аз рӯйи натиҷаҳои он консепсияи лоиҳаи қонун ва нақшаи матнии он ташаккул ёфта, экспертизаҳои гуногуни зарурӣ гузаронида баъдан лоиҳаи қонун ба муҳокима ва баррасии парлумон пешниҳод мегардад.

Ҳукумат мақомоти олии ҳокимияти иҷроия буда, ба низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия сарварӣ мекунад ва хусусиятҳои ба худ хос дорад ва мо онро чунин арзёбӣ менамоем:

- Якум, пеш аз ҳама қайд намудан лозим аст, Ҳукумат мақомоти дастаҷамъона буда, иҷрои қонунҳо ба салоҳияти он вогузошта шудааст;

- дуюм, сиёсати дохилӣ ва хориҷиро амалӣ мегардонад;

- сеюм, роҳбарии самарабахши соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро ба амал мебарорад[341]. Ҳукумат татбиқи сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи фарҳанг, илм, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва экологиро таъмин менамояд;

- чорум, ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия роҳбарӣ мекунад;

- панҷум, барномаҳои мақсадноки давлатиро таҳия намуда, иҷрои онҳоро таъмин менамояд ва ғ.

Дар бисёр кишварҳои пешрафта ҳукумат ҳамчун субъекти фаъолтарини ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории раванди қонунгузорӣ баромад мекунад ва чунин тамоюлро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушоҳида кардан мумкин аст.

---

[341] Ойев Х. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули ҳокимияти иҷроия. Давлат ва ҳуқуқ. №3. - 2009. – С. - 25.

Метавон Ҳукуматро манбаи асосии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ эътироф кард ва яке аз субъектҳои фаъолтарини раванди қонунгузории парлумони кишвар ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба салоҳияти амалии Ҳукумат савол, ба миён меояд, ки чаро зиёда аз 50% - и лоиҳаҳои қонунҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парлумон пешниҳод карда мешаванд?

Дар ин масъала таҳлили андешаронихои олимони соҳа ба манфиати кор мебошад.

Ба ақидаи В.И. Лафитский, ин раванд на танҳо ба вазъи сиёсӣ, балки ба соҳибиқтидории ҳокимияти иҷроия нисбат ба парлумон, ки дар ихтиёри худ шахсони мансабдори зиёд, мавҷуд будани кадрҳо, мутахассисони соҳибтаҷриба, дастрасии бемайлон ба иттилоот ва таҷҳизоти беҳтарини техникиро дорад, тавзеҳ дода мешавад.

Н.Н. Тасин ин нуктаро тарафдорӣ карда, қайд мекунад, ки Ҳукумат назар ба вакилон дар мавриди татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мавқеи устувортар дорад[342].

Ба гуфтаи Р.В. Енгибарян, лоиҳаи қонунҳои вакилони палатаи поёнӣ имкони камтари қабули қонунро доранд (на бештар аз 3/1 ҳиссаи лоиҳаи қонунҳои пешниҳоднамудаи вакилон ба сифати қонун қабул мешаванд)[343].

Шумораи лоиҳаи қонунҳое, ки ҳукумат бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парлумон пешниҳод менамояд ва бо ташаббуси он қабул мешавад, хеле зиёд мебошад. Дар Британияи Кабир қариб ҳамаи лоиҳаи қонунҳое, ки ҳукумат ба парлумон пешниҳод менамояд, ба сифати қонун қабул мешаванд (97-98%.) Дар Олмон, лоиҳаи қонунҳо ба ҳисоби миёна то ба 80% аз ҷониби намояндагони ҳукумати иттифоқӣ ба парлумон пешниҳод мешавад[344]. Аксарияти лоиҳаи қонунҳоеро, ки парлумон қабул мекунад, Ҳукумати иттифоқӣ - Бундесфер таҳия намуда истифода аз ҳуқуқи

---

[342] Тасин Н.Н. Правительство Кыргызской Республики как субъект права законодательной инициативы. Государственная власть и местное самоуправление. – 2009. №2. – С. - 5.
[343] Енгибарян Р.В. Сравнительное конституционное право. Издательская фирма «Манускрипт». М. 1996. – С. - 521.
[344] Лейбо Ю.И. Законодательный процесс в зарубежных странах. Учеб. пособие. М.: МГИМО-Университет, 2012. – С. - 172.

ташаббуси қонунгузорӣ ба Бундестаг пешниҳод менамояд. Ин равандро дар Фаронса низ мушоҳида менамоем, ки 95% - қонунҳои қабул намудаи парлумон аз тарафи ҳукумат пешниҳод мешавад. Лоиҳаи қонунҳои ҳукуматӣ қисми муҳим ва ҷудонашавандаи фаъолияти ҳукуматро ташкил медиҳад. Тавассути онҳо ҳадафҳои сиёсӣ амалӣ мешаванд, зеро ин самт ба танзими қонунгузорӣ ниёз доранд.

Дар ин самт, бо дарназардошти фикру дархости олимон, ки оид ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат андешаҳои худро баён намуда, хусусиятҳои онро зикр кардаанд, баррасии мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукуматро аз ҷониби худ баён менамоем:

Аввалан, Ҳукумат дар ҳамаи давраҳои раванди қонунгузорӣ ҳуқуқ ва имконияти иштирок намуданро дорад, барои амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ имконияхои васеъ дошта, барои таҳияи лоиҳаи қонунҳо мутахассисони соҳибтаҷрибаро ҷалб менамояд. Дар ин бобат мақомоти иҷроия дар муқоиса бо парлумон имкониятҳои таҳияи лоиҳаи қонунҳоро бештар доранд.

Сониян, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат роҷеъ ба масъалаҳое, мебошад, ки танзими қонунгузориро тақозо мекунад, аз мавзӯи фаъолияти амалии ҳаррӯзаи мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад ва онҳо хусусиятҳои ин самтро хубтар медонанд.

Сеюм, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат раванди хеле заҳматталаб буда, дар баробари ин имконоти молиявӣ ва кадриро низ ба тариқи таҳияи қонунҳо ба танзим медарорад.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат аз моҳияти ҳуқуқии салоҳияти ӯ ҳамчун мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи иҷрои санадҳои қонунгузорӣ, ки аз ҷониби парлумон қабул шудааст, ифода меёбад[345].Чунин ба назар мерасад, ки арзишҳои ягонаи ҳуқуқӣ метавонанд муқаррароти умумии шакли ибтидоӣ буда, муайянкунандаи асосҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти иҷроияро дар самти қонунгузорӣ муайян кунанд. Ба

[345] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. Дисс. ... д-ра юрид. наук. - Душанбе. - 2013 г. – С. - 125.

ибораи дигар, ин раванд принсипҳои иштироки ҳокимияти иҷроия дар раванди қонунгузорӣ мебошад.

Ба мазмуни муосир фаъолияти Ҳукумат дар самти қонунгузорӣ мутобиқи Конститутсияи соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфта сифатан нав буда, аз нуктаҳое, ки дар Конститутсияи соли 1978 Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон муқаррар шуда буд ба куллӣ фарқ мекунад[346].

Ҳокимияти иҷроия дар доираи салоҳияти худ, ки дар Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мустақилона бидуни ҳамоҳангӣ бо дигар шохаҳои ҳокимият амал мекунад. Ваколатҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки аз марому мақсадҳои иҷтимоии онҳо дар ҷомеа бармеоянд, нақши ҳокимияти иҷроияро дар низоми ягонаи ҳокимияти давлати ошкор мекунанд. Масалан, таҳлили мазмуни моддаҳои Конститутсия нишон медиҳад, ки фаъолияти ҳокимияти иҷроия, пеш аз ҳама, ба амалисозии қонунҳо, яъне татбиқи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ иборат мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи Ҳокимияти иҷроия аз дигар шохаи ҳокимияти давлатӣ аз ҷиҳати шакл ва доираи фаъолияти худ, дар он ифода мегардад, ки яке аз мақсади асосии он таҳияи лоиҳаи қонунҳо, амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, иштирок дар раванди қонунгузорӣ, ташкили иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар мебошад. Ин самт, ки моҳиятан тамоми фаъолияти ҳокимияти иҷроия, мазмуни ваколатҳои мақомоти онро ташкил медиҳад, хусусияти қонунгузории ҳамаи санадҳои онро муайян мекунад.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 59 Конститутсия муқаррар шудааст. Ҳамчунин салоҳияти қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва иштирок дар раванди қонунгузориро дар моддаҳои 58, 59, 73, 75 муайян намудааст. Ин муқаррарот ба ҳеҷ ваҷҳ далели дахолат ба

---

[346] Раззоков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти РТ. Дисс. ...д-ра юрид. наук. - М. 2014 г.- С. - 51.

соҳаи ҳокимияти қонунгузориро надорад, балки он ба осон кардани вазифаҳои қонунгузор ба раванди ташкили иҷрои қонунҳо такон мебахшад.

Танзими конститутсионии иштирок дар раванди қонунгузорӣ ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ асоси ба низом даровардани фаъолияти ҳукумат дар соҳаи қонунгузорӣ ва ба ин васила ташаккул додани муқаррароти дахлдори ибтидоӣ мебошад, ки дар доираи он ташаккули якпорчагии мақоми ҳуқуқии мақомоти олии ҳокимияти иҷроия ҳамчун иштирокчии раванди қонунгузорӣ ва муносибатҳои он ташаккул ёфта, унсурҳои алоҳидаи чунин мақом ба амал меояд. Дар натиҷа раванди иштироки ҳокимияти иҷроия дар ташаккул ва раванди қонунгузорӣ дар сатҳи ҳуқуқи миллӣ хусусияти хоси фаъолияти мунтазам пайдо мекунад, ки онро ҳамчун принсипи зарурӣ низ бояд муайян кард. Ҳамин тавр, фаъолияти ҳукумат ба чунин мавқеи раҳнамоӣ, монанди пайгирӣ асос меёбад, ки ин яке аз муҳимтарин принсипҳои субъекти ҳуқуқӣ дар самти амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мебошад.

Ҳукумат дар соҳаи қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро амалӣ менамояд, ба лоиҳаи қонунҳо хулоса медиҳад, ки мавҷудияти онҳо барои ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо дар бораи ҷорӣ кардан ё бекор кардани андозҳо, озод кардан аз пардохти онҳо, додани қарзҳои давлатӣ ҳатмӣ мебошад, инчунин дар бораи тағйир додани ӯҳдадориҳои молиявии давлат, буҷети давлатӣ ва ҳисобот дар бораи иҷрои он дигар лоиҳаи қонунҳоро, ки хароҷоти аз ҳисоби буҷети давлат пешбинигардидаро дар бар мегирад, таҳия намуда, ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

Дар раванди қонунгузорӣ Ҳукумат на танҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар шакли “лоиҳаи қонун” амалӣ менамояд, балки дар шакли “таклифҳои қонунгузорӣ” низ амалӣ мегардад. Яъне ба Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳоро ирсол менамояд; ба Маҷлиси намояндагон оид ба қонунҳо ва лоиҳаи қонунҳое, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод шудаанд хулоса медиҳад. Ҳукумат ҳуқуқи додани хулосаи расмии хаттиро оид ба лоиҳаи қонунҳо, инчунин вобаста ба салоҳдиди худ оид ба дигар

лоиҳаи қонунҳое, ки дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешаванд, дорад. Мавҷуд набудани хулосаи расмии Ҳукумат оид ба лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон ҳуқуқ медиҳад, ки то аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод нагардидани чунин хулоса қонунро боиси баррасӣ қарор надиҳад. Набудани хулосаи Ҳукумат дар лоиҳаи қонунҳо, ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоте, ки Маҷлиси намояндагон қонунро қабул кардаасту онро ба Маҷлиси миллӣ фиристодааст барои баргардонидани онҳо аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ва ё Президент асос шуда метавонад. Илова бар ин, тавре амалияи фаъолияти қонунгузорӣ нишон медиҳад, мавҷуд набудани хулосаи мусбии Ҳукумати дар роҳи қабули қонун дар Маҷлиси намояндагон ва ҷонибдорӣ дар Маҷлиси миллӣ монеаи ҷиддӣ мебошад. Ва ҳамзамон ин лоиҳаи қонун аз ҷониби Президенти ҶТ ба имзо расонида намешавад ва ё он аз тарафи Президент "баргардонида" мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ Ҳукумат бо Маҷлиси Олӣ пайваста ҳамфаъолиятӣ мекунад. Ин ҳамфаъолиятӣ дар якчанд самт роҳандозӣ мешаванд. Онҳо тавассути амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, пешниҳоди таклифҳои қонунгузорӣ, тибқи қонунҳои қабулкардаи парлумон амалӣ мешаванд, ки Ҳукумат ҳамчун ҳокимияти иҷроия бояд онҳоро дар амал татбиқ намояд ва ваколати Ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ аз инҳо иборат аст:

- банақшагирии самти қонунгузорӣ, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагон, ки Ҳукумат ҳамчун субъекти фаъоли ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баромад мекунад;

- додани хулосаи Ҳукумат ба лоиҳаи қонунҳое, ки дар Маҷлиси намояндагон қабул ва дар Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ мешаванд.

Аз ин лиҳоз натиҷагирӣ намудан лозим аст, Ҳукумат ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ фаъолияти худро бо хусусиятҳои ба худ хос, ки моҳияти онро афзоиши ҳаҷми қонунгузорӣ ташкил медиҳад, ба амал мебарорад. Ин нуктаро чунин тавзеҳ медиҳем, ки ин раванд бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 амалан ба роҳ монда

шуда, дар давраи муосири рушди давлатдорӣ аҳаммияти худро нигоҳ доштааст.

Дар раванди қонунгузорӣ амалигардонии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат дар асоси як қатор принсипҳо: қонуният, шаффоф, дастрасии ошкоро ба иттилоот, ошкоро дар фаъолияти мақомоти иҷроия, пай дар пайӣ, тақсимоти амали ваколатҳо, иқтисоди бозорӣ ва омилҳои дигар муайян карда мешавад[347].

Вобаста бар ин муҳиммияти давлати ҳуқуқбунёд ба мо имкон медиҳад, ки принсипи қонуниятро дар мадди аввал гузорем. Яке аз талаботи давлати ҳуқуқбунёд ба қонун тобеъ будани ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки танҳо дар сурати рушди ҷомеа имконпазир мегардад[348]. Аз ин рӯ, принсипи қонуният, ки хусусияти декларативӣ надорад ва аз ҷониби шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ амалӣ мегардад, хоси давлатҳои пешрафта мебошад.

Мутобиқи принсипи мазкур, дар кишвар ҳамаи амрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи субъектони ҳуқуқ қатъи риоя карда мешавад. Принсипи мазкурро инчунин дар амалӣ намудани ҳокимият, мутобиқи меъёрҳои дар қонун муқаррааргардида, ки одилона эътироф шудаанд ва қоидаҳои дар ин меъёрҳо ҷорӣ намударо зарур медонанд, метавон мушоҳида намуд. Мамлакатҳои пешрафта ба риояи ин принсип зиёд аҳаммият медиҳанд. Чӣ тавре, ки бисёре аз муҳаққиқони соҳа қайд кардаанд, қонуният ба мафҳуми конститутсионӣ табдил ёфта, шакли ҳуқуқии давлатдориро муайян мекунад. Қобили қайд, аст, ки анъанаҳои давлатдории Аврупо бартарияти моҳияти қонуниятро нишон медиҳад, ки он бо волоияти қонун ва фаъолияти муътадили институтҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамоҳанг аст[349]. Принсипи қонуният табиати конститутсионӣ дорад. Тавре аз омӯзиши таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ бармеояд, маҳз конститутсияҳо барои субъектҳои мушаххас истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро муқаррар мекунанд.

---

347 Ойев Х. Асари ишорашуда. – С. - 27.

348 Конституционные основы организации и функционирования институтов публичной власти в РФ: Материалы всероссийской научно-практической конференции (20-21 апреля 2000 года). – Екатеринбург: Изд-во УрГЮА, 2001. – С. - 62.

349 Конституция и закон: стабильность и динамизм (серия «Конфликт закона и общества»). - М.: Издательство «Юридическая книга», 1998. – С. - 147. Vladimir Petrovich Kazimirchuk, Institut gosudarstva i prava (Rossiĭskaia︠︡akademiia︠︡nauk).

Дар раванди қонунгузорӣ ва умуман дар амалӣ гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мутаносибан, принсипи қонуният дар он ифода меёбад, ки иҷроиши он аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳамчун қоида дар самти қонунқабулкунӣ, номгӯи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба таври пурра бевосита муайян мекунанд ва ё онҳо меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки мувофиқи он доираи субъектони раванди қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи қонуният дар амали намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ на танҳо дар сатҳи танзими Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"[350], "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[351], қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ"[352] дида мешавад, балки он бо муқаррароти худ дар доираи танзимоти зерқонунҳо низ мукаммал мегардад. Танзимоти зерқонун навъҳои махсуси меъёрҳоро муайян мекунад ва вобаста ба қарори Ҳукумат, Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Дар самти таҳияи лоиҳаи қонунҳо фаъолияти пай дар пайӣ Ҳукумат хеле назаррас мушоҳида мегардад. Дар ин асос доираи иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ ва даврахои қабули лоиҳаи қонун аз таҳияи матн ва ҳуҷҷатҳои замимавӣ то баррасии парлумон ва дар ҳолати зарурӣ тартиби интишор муайян карда мешавад. Ба назар чунин менамояд, ки фаъолияти ғайринизом дар таҳияи чунин танзимоти муносибатҳои ҷамъиятӣ чун санади меъёрии ҳуқуқӣ натиҷаи мусбат намедиҳад, бинобар ин бевосита ба инобат гирифтани ҳамчун пайвастагӣ дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ба сифати қонунҳои воқеӣ анқариб ҳамаи давлатҳо тасдиқ мекунанд.

---

350 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Ҳукумати ҶТ" аз 12.06.2001 с. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи мурочиат: 10.02.2022 с.)

351 Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ" аз 19.04.2000 с. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи мурочиат: 10.02.2022 с.)

352Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30.05.2017 с. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи мурочиат: 10.02.2022 с.)

Дар раванди қонунгузорӣ фаъолияти Ҳукумат бонизомиро чунон ки дар илм борҳо қайд карда шудааст, чун механизми мураккаби ҳокимият мансуб дониста, чунин андешаронӣ имкон медиҳад, ки он на танҳо ба низоми ташкили мақомоти ҳокимияти иҷроия замина фароҳам меорад, балки дар ҳалли чунин масъалаи мураккабе ба монанди тартиб додани лоиҳаи қонунҳо татбиқшаванда эътироф гардад.

Ба андешаи мо принсипҳое, ки дар раванди қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ истифода мешаванд, имкони роҳандозии тамоми расмиёти зарурииро бо риояи қатъии талаботи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқи меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи демократӣ дар доираи муносиб ба миён меоранд. Ҳангоми татбиқи ин тартиб татбиқи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҳукумат заминаи созандаи ташкилию ҳуқуқӣ мешавад. Самти дигари он ҳамоҳангсозии манфиатҳои онҳо дар тасдиқи буҷети давлатӣ мебошад. Барои парлумон ин як фишанги фаъоли таъсиррасонӣ ба Ҳукумат буда, имкони назорати молиявиро аз болои фаъолияти он фароҳам меорад.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукуматро Конститутсия ва дигар қонунҳои конститутсионӣ муқаррар мекунад. Дар баробари ин, тартиби фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

Тамоюли фаъолияти ошкорбаёнӣ дар самти расмиёти раванди қонунгузорӣ бо татбиқи фаъолонаи нуктаҳои қонунгузории амалкунанда таъмин карда мешавад, ки он ба шаҳрвандон мутобиқ намудани навовариҳои қонунгузориро пешбинӣ менамояд. Чунин чорабиниҳои махсус имкон медиҳанд, ки сифати қонунҳои қабулшуда бо роҳи такмил додани онҳо дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи қонунҳо беҳтар карда шуда, бо ин роҳ пешгирии пайдоиши камбудиҳои эҳтимолӣ дар танзими ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин гуфтаҳо мо метавонем, таҷрибаи фаъолияти ошкорои раванди қонунгузории Шветсарияро номбар кард, ин имкон медиҳад, ки на танҳо таҳкими пояҳои демократия, балки қабули санади меъёрии таҳияшуда ва бо

рафъи камбудиҳои ҳуқуқӣ тавассути татбиқи неруйи ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳандозӣ карда шавад.

Дар раванди қонунгузорӣ Ҳукумат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худро ошкоро ба амал бароварда ин фаъолияти Ҳукумат яке аз самтҳои афзалиятноки умумӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳияти қонунгузории мақомоти олии ҳокимияти иҷроия инчунин дорои механизмҳои ҳуқуқие мебошад, ки он дастрасии ҷомеаро ба натиҷаҳои фаъолияти қонунгузорӣ таъмин менамояд. Чунин дастрасӣ танҳо бо гирифтани маълумоти ибтидоӣ оид ба лоиҳаи қонунҳое, ки аз ҷониби Ҳукумат таҳия шудаанд, маҳдуд намешавад. Фаъолияти ошкоро ифодаи мушаххаси худро дар он пайдо мекунад, ки онҳо ҳам дар доираи васеи ашхоси манфиатдор ва намояндагони касбии ҷомеа, ки фикри худро ошкоро баён мекунанд, бо ҳамин ба баррасии лоиҳаи қонун дар палатаҳои Маҷлиси Олӣ таъсири муайян расонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хукумати электронӣ ба роҳ монда шуда, ба ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доир ба ташаббуси қонунгузорӣ ҳавасманд аст имконият дода шавад, то ки дар амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат, дар эскпертизаи ҷамъиятӣ доир ба лоиҳаи қонун иштирок намояд. Ҳатто доштани маълумоти умумӣ дар самти фаъолияти қонунгузорӣ ба мо имкони хулосабарорӣро медиҳад, ки ошкорбаёнӣ доир ба фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон ҷойи устуворро ишғол мекунад.

Ошкоро фаъолият намудани Ҳукумат дар самти қонунгузорӣ ду масъаларо ҳал мекунад:

- имкони ҷалби шумораи бештари ҷонибҳои манфиатдор ба раванди қонунгузориро ба миён меорад;

- он имкон медиҳад, ки матни лоиҳаи қонун тавассути омӯзиши пешниҳодҳои воридшуда такмил дода шавад. Дар баробари ин, принсипи ошкоро дар қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки талабот ва манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои аҳолӣ вобаста ба муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ муайян карда шавад. Албатта, ин раванд аз фарҳанги воло

ва ҷанбаҳои демократӣ[353] далолат медиҳад. Татбиқи принсипи ошкоро тавассути роҳандозиии воситаҳои ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Ба ин гуна воситаҳо тартиби машварат ҳангоми тартиб додани лоиҳаи қонун, интишори барномаи тадбирҳои қонунгузорӣ, экспертизаи ҷамъиятии лоиҳаи қонунҳо ва бисёр воситаҳои дигар, ки дар фаъолияти ҳокимияти давлатии ҳар як мамлакат истифода мешаванд, дохил мешаванд.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мутобиқи Дастури Ҳукумат лоиҳаи қонунҳоро ба нақша гирифта, онро таҳия намуда, мукаммал намуда барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад ва дар фаъолияти қонунгузории палатаҳои парлумон бевосита иштирок мекунад. Дар Дастур номгӯи пурраи санадҳои иловагие, ки бо лоиҳаи қонунҳо барои баррасии парлумон пешниҳод мешаванд, пешбинӣ шудааст. Қабули қарори алоҳидаи Ҳукумат, ки фаъолияти қонунгузориро танзим мекунад, нишон медиҳад, ки дар раванди қонунгузорӣ принсипи қонуният истифода шуда, он на танҳо мавзуи ҳамфаъолиятии шохаҳои қонунгузор ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, балки дар маҷмуъ фаъолияти қонунгузориро низ фаро мегирад.

Мутахассисони самти техникаи қонунгузорӣ борҳо зарурати гузаронидани расмиёти машваратиро қайд намуда, таъкид кардаанд, ки таҳияи лоиҳаи қонунҳо набояд танҳо дар доираи мақомоти давлатӣ сурат гирад. Яке аз сабабҳои асосии майлу ҳоҳиши вусъат додани ҷараёни машваратӣ зарурати таъмини бештари қабули қонун мебошад. Машварат яке аз шартҳои асосии шаффофият дар раванди қабули қарорҳо мебошанд. Дар сурати баргузорӣ онҳо бояд ба стандартҳои баландтарини шаффофият ҷавобгӯй бошанд. Аз ин рӯ, машварат бояд фаъолияти муносиб ва одилонаро ба ҳамаи ҷонибҳои равандро таъмин намоянд. Унсури навбатии усулан муҳим ва оғози муайянкунандаи фаъолияти қонунгузорӣ дар давлати демократӣ дастрасии озод ба иттилооти марбут ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо мебошад. Ин фаъолият ошкоро дар раванди қонунгузорӣ муайян карда шавад.

---

[353] Поленина С.В. Законотворчество в Российской Федерации / Ин-т государства и права Рос. акад. наук. - М. ИГПАН, 1996. – С. - 26.

Дар раванди қонунгузорӣ фаъолияти ҳар як субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бояд ба шаффоф ва имкони дастрасии озоди доираи васеи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба иттилоот оид ба омодагӣ ба тағйироти қонунгузорӣ асос ёбад. Раванди қонунгузории ошкоро ҳамчун шарти асосии худ принсипи ошкорбаёниро дорад, ки асоси фаъолияти умумии ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти қонунгузор, инчунин дар соҳаи ҳамкории онҳо дар бобати таҳия, ташаббус ва қабули қонунҳои нав мебошад.

Вобаста ба раванди қонунгузорӣ яке аз принсипҳои асосии фаъолияти ҳокимияти иҷроия ошкоро буда дар ташаккули қонунгузорӣ истифода мешавад, ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хос мебошад, ки дар он Президент, ҳамчун роҳбари ҳокимияти иҷроия, ҳарчанд бавосита бошад ҳам, имкони ба фаъолияти парлумон таъсиррасониро дорад. Шакли якҷояи иштироки ҳокимияти иҷроия дар таҳияи қонун дар ин давлат ҳамкории ду шохаи хокимият мебошад.

Ҳокимияти давлатӣ яке аз объектҳои муҳими танзими конститутсионӣ мебошад. Дар низоми ҳокимияти иҷроияи бисёр давлатҳо принсипҳои зиёди фаъолияти давлат ҳамчун қисми таркибии тамоми танзими конститутсионӣ муқаррар карда шудаанд. Конститутсия тарзу усулҳои ташкил ва низоми ҳокимияти олии давлат, салоҳият ва тартиби муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро муқаррар менамояд. Дар асоси таҳлили салоҳияти мақомот нақши онҳо дар фаъолияти қонунгузорӣ муайян карда шуда, дар натиҷа тартиби таҳияи лоиҳаи қонун дар воҳидҳои сохтории Ҳукумат то қабули қарор дар бораи пешниҳоди лоиҳаи қонун ба мақомоти намояндагӣ муайян карда мешавад.

Боиси қайд аст, ки ҳокимияти иҷроия барои таъсир расондан ба раванди қонунгузорӣ имкониятҳои васеъ дорад, ки ин барои аксари ҷумҳуриҳои парлумонӣ хос аст. Бо дарназардошти зарурати объективӣ ва ба мақсад мувофиқ будани ҳамоҳангсозии ваколатҳои иштирок дар мақомоти олии иҷроия дар раванди қонунгузорӣ ва дар асоси таҷрибаи танзими конститутсионии давлатҳои хориҷии дорои шакли идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ эътироф бояд кард, ки меъёрҳое, ки Конститутсияи кишварҳои

хориҷӣ ба Ҳукумат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ба моделҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқие, ки дар ҷаҳони муосир мавҷуд аст, мутобиқ аст.

Модели конститутсионии иштироки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузорӣ ва амали гаштани фаъолияти қонунгузорӣ аз мавқеи таносуби татбиқи принсипи тақсимоти ваколатҳо, доираи меъёрии муайяншудаи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва доираи салоҳиятҳои мақомоти олии давлатӣ муайян карда мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ иштироки ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта дар расмиёти қонунқабулкунӣ ба кишвари Фаронса бештар айният дорад. Дар баробари ин, низоми ташкили ҳокимият низ хусусиятҳои фарқкунандае дорад, ки онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хосанд. Ин нукта бештар ба хусусиятҳои татбиқи принсипи тақсимоти ҳокимият ҳамчун яке аз асосҳои волоияти қонун, таъмини фаъолияти муносиби мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузорӣ институти ҳуқуқи-конститутсионӣ буда, он фарогири маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ мебошад, ки он ҷузъи таркибии соҳаи дахлдори ҳуқуқ мебошад. Қарори мазкур аз муқаррароти меъёрҳои аслии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ва бавосита ваколатҳои қонунгузории Ҳукуматро танзим мекунанд, бармеояд.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат дастаҷамъона, дар ҷаласаи Ҳукумат, ки таҳти раёсати Раиси Ҳукумат-Президент баргузор мегардад, амалӣ карда мешавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки доираи масъалаҳое, ки ҳукумат ҳал мекунад, маҳдуд шудааст. Барои ба муҳокимаи Маҷлиси Олӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳои ҳукуматӣ бояд онҳо дар ҷаласаи ҳукумат таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сифати Раиси Ҳукумат баромад мекунад на камтар аз як маротиба дар як моҳ баргузор мегардад, тасдиқ карда шаванд. Муҳимтарин чорабиниҳои ҳукуматӣ, инчунин ҳамаи лоиҳаи қонунҳое, ки аз ҷониби ҳукумат ба

парлумон пешниҳод карда мешаванд, дар ҳукумат бо сарварии Раиси Ҳукумат-Президент муҳокима мешаванд.

Дар ин ҷода якчанд муҳимияти масъаларо тавзеҳ медиҳем. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия дар татбиқи ташаббуси қонунгузорӣ саҳми калон дорад. Ин ваколатҳо ҳам ба ташаккули низоми ягона ва ҳам ба мазмуни ташаккули он дахл доранд. Дар ин раванд Ҳукумат аз номи Президент ва бо супориши ӯ дар самти қонунгузорӣ фаъолияти худро ба амал мебарорад. Президент дар муайян кардани сиёсати қонунгузории ҳукумат, дар қабули қарорҳо, барномаҳои дурнамои такмили қонунгузорӣ нақши муҳим мебозад[354].

Пеш аз амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар ҷаласаи ҳукумат таклифҳои қонунгузорӣ метавонанд дар гурӯҳҳои кории вазирон, инчунин дар ҷаласаҳои ғайрирасмии ҳукумат баррасӣ шаванд. Пас аз қабули қарори ниҳоии Ҳукумат лоиҳаи қонун аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи қонуни мукаммал мубаддал гардида ба баррасии парлумон пешниҳод гардида қабул мешавад ва баъдан аз ҷониби Президент имзо мешавад.

Вобаста ба раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумат қарори ҳукуматро ҳамчун қарори дастаҷамъона талаб мекунад. Таҳияи лоиҳаи қонунҳо кори як ё якчанд вазир нест, он бояд аз ҷониби аксарияти аъзои ҳукумат дар ҷаласаи ҳукумат тасдиқ шавад. Пеш аз чунин тасдиқ муҳокима, баррасӣ намудани натиҷаи хулосаи коршиносон оид ба лоиҳаи қонун, ки аз ҷониби вазири салоҳиятдор таҳия карда шудааст, омӯзиш ва таҳлили фикру мулоҳизаҳо ва андешаҳои тарафҳои манфиатдор сурат мегирад. Пешниҳод ва эродҳои дар боло зикргардида оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонун мавриди баррасӣ қарордошта дар ин ҷараён метавонад аз ҷониби вазири салоҳиятдоре, ки лоиҳаро таҳия кардааст, ба инобат гирифта шавад. Лоиҳаи қонунҳои ҳукуматӣ баъди тасдиқи онҳо дар ҷаласа объекти бевосита барои баррасӣ дар Маҷлиси Олӣ мегарданд.

---

[354] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. Монография. - Душанбе. 2007. – С. - 78.

Ҳусусияти амалишавии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар раванди қонунгузорӣ ҳамчун мақомоти дастаҷамъӣ дар он аст, ки татбиқи он на танҳо аз тарафи ҳокимияти иҷроия ба амал баровარда мешавад, балки ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ мансуб буда онҳо низ дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба таври дастаҷамъона амалӣ менамоянд[355].

Дар ҷомеаи мутамаддин тағйироти куллӣ ба амал омада истодааст ва раванди қонунгузорӣ дар низоми ҳуқуқӣ низ акси худро пайдо мекунад. Аз ин рӯ, омодасозии лоиҳаи қонунҳо ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Раванди таҳияи лоиҳаи қонунҳо тибқи Дастури ҳукумат[356] ва пешниҳоди он ба Маҷлиси намояндагон мувофиқи Дастури палатаи поёнии парлумони кишвар сурат мегирад[357].

Воситаи таконбахш доир ба иштирок дар раванди қонунгузорӣ ва амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо асосҳои гуногун мебошад: масалан, қарори Ҳукумат, супориши Раиси Ҳукумат, бо пешниҳоди вазир, дар асоси мурочиатномаи парлумон, вобаста ба танзимоти корҳои ҷамъиятӣ, вобаста ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ғ. Ба ин мисол шуда метавонад, қарори Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2002, ки тибқи он гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти ҳокимияти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" таъсис дода шуд[358]. Яъне вобаста ба ин масъалаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешавад.

Тибқи қоидаи маъмул ин раванди қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ робитаи мутақобилаи дигар вазорату идораҳое, ки ба коркарди лоиҳаи қонунҳо машғул нестанд, инчунин иттиҳодияҳои манфиатдор ва коршиносони саҳмгузорро талаб мекунад. Дар амал ҳукумат тартиб додани лоиҳаи қонунҳоро аксаран ба зиммаи гурӯҳҳои корӣ вогузор

[355] Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: Конституционно - правовое исследование. М.: 2013. – С. - 88.
[356] Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2017 с.
[357] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010 с. – С. - 290.
[358] Алиев З. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти ичроия дар ҶТ. - Душанбе. Давлат ва ҳуқуқ. №1. 2003. – С. - 13.

мекунад, ки ба ҳайати онҳо намояндагони вазорату идораҳо, мутахассисон, коршиносон, олимон дохил мешаванд.

Аслан, дар амалия лоиҳаи қонунҳоро бештар кормандони мақомоти давлатӣ таҳия мекунанд. Нақши онҳо дар таҳияи лоиҳаи қонун муҳим мебошад, корманд барои такмили он иқдом гирифта, онро иҷро мекунад ва баъд лоиҳа аз тарафи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта ба Маҷлиси Олӣ ирсол мегардад.

Дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат аз пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ва ё таклифҳои қонунгузорӣ оғоз мешавад, ки коршиносони салоҳиятдори вазоратҳои дахлдор асоснокии лоиҳаи қонунҳоро дар шакли зарурӣ омода мекунанд, тавсифи мухтасари мундариҷаи он дода мешавад, рӯйхати мақомот ва ташкилотҳое, ки дар таҳияи лоиҳа иштирок доранд, инчунин ҳисобҳои молиявию иқтисодӣ, маълумоти оморӣ, пешгӯии оқибатҳои эҳтимолии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар маълумоте, ки барои зарурати нуктаҳои лоиҳаи қонун заруранд, оварда мешавад.

Пас аз таҳияи лоиҳаи қонун мувофиқа кардани он бо вазорату идораҳо, инчунин бо сохторҳои дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президент (шуъбаҳои соҳавӣ, шуъбаи ҳуқуқ, шуъбаи тарҷума ва Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон), лоиҳаи қонун барои баррасии минбаъда ба маҷлиси ҳукумат, ба баррасии Раёсати Ҳукумат пешниҳод карда мешавад. Баррасии лоиҳаи қонун дар маҷлиси ҳукумат тибқи Дастури корӣ аз маърӯзаи роҳбари мақомоте, ки лоиҳаро пешниҳод кардааст, оғоз мегардад. Дар бораи ин қарор қабул шуда, лоиҳаи қонун дар ҷаласаи ҳукумат тасвибшуда ба Маҷлиси намояндагон фиристода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунеро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад, ки дар ҷаласа Раиси ҳукумат иштирок ва онро тасдиқ кардааст.

Ҳукумат вазифадор аст, ки ба лоиҳаи қонунҳо хулоса диҳад. Пешниҳод ва тарафдории лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон, чун қоида, аз

ҷониби Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон амалӣ карда мешавад, яъне ӯ дар парлумон ҳам президент ва ҳам ҳукуматро намояндагӣ мекунад. Намояндаи Президент дар Маҷлиси Олӣ манфиатҳои ҳукуматро дар самти қонунгузорӣ ҳимоя намуда, дар раванди қонунгузорӣ бевосита иштирок менамояд.

Дар раванди қонунгузории парлумон дар баробари иштирок доштани намояндаи ваколатдори Президент, Ҳукумат дигар намояндагонро (одатан онҳое, ки бевосита лоиҳаи қонунро таҳия кардаанд, вазоратҳо, мутахассисон ва ғ.) барои ироаи лоиҳаи қонун дар парлумон муваззаф менамояд. Ёрдамчии Президент то ба итмом расидани раванди қонунгузорӣ тибқи Дастури палатаҳои Маҷлиси Олӣ лоиҳаи қонунро дар кумитаҳо ва комиссияҳои ҳар ду палата ва дар маҷлисҳои палатаҳои парлумон намояндагӣ ва тарафдорӣ мекунад.

Дар ин раванди қонунгузорӣ Ҳукумат на танҳо вобаста ба лоиҳаи қонунҳо, балки ба дигар лоиҳаи қонунҳое, ки аз тарафи дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба парлумон пешниҳод шудаанд, хулоса медиҳад. Маҷлиси намояндагон "лоиҳаи қонунҳое, ки хароҷоти аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинишавандаро мадди назар дорад, бо хулосаи асосноккунандаи молиявию иқтисодӣ барои додани хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод менамояд[359].

Дар раванди қонунгузорӣ хулосаи мусбати Ҳукумат маънои изҳори ризоияти аз ҷониби он тасдиқнамудаи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда, кам кардани даромади давлатӣ ё зиёд кардани хароҷоти давлатиро дорад.

Тибқи Дастури Ҳукумат[360], бо супориши сарвазир ба Вазорати адлия, ба дигар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои манфиатдор барои баррасӣ ва баъдан барои додани хулосаи хаттӣ ва лоиҳаи қарори дахлдори ҳукумат пешниҳод карда мешаванд. Ҳукумат хулосаро дар мӯҳлати муқарраргнамудаи Маҷлиси намояндагон, вале на дертар аз се моҳ, ба

---

[359] Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2017 с. Б. 18.
[360] Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2017 с. Б. 21.

Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад. Хулосаи хаттии ҳукумат оид ба лоиҳаи қонунҳо бо қарори ҳукумат тасдиқ карда мешавад. Хулоса метавонад мусбӣ ё манфӣ бошад.

Одатан, хулосаи мусбии лоиҳаи қонунҳо маъқул дониста шуда, оид ба он баъзе таклифу дархостҳо баён карда мешаванд, ки дар навбати худ онҳо ба такмили лоиҳаи қонунҳо мусоидат мекунанд. Чун қоида, агар ҳукумат тасмими манфӣ қабул кунад, зинаҳои баъдинаи лоиҳаи қонунҳо, муҳокима дар Маҷлиси намояндагонро аз даст медиҳад.

Дар ин мавридҳо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ одатан лоиҳаи қонуни худро бозпас мегирад. Аз ин рӯ, хулосаи мусбии Ҳукумат дар бораи лоиҳаи қонунҳое, ки кам кардани даромади молиявии давлатӣ ё зиёд кардани хароҷоти молиявии давлатиро пешбинӣ мекунанд, яке аз талаботи ҳатмист. Бидуни хулосаи ҳукумат лоиҳаи қонунҳоро ҳатто ба рӯзномаи кории Маҷлиси намояндагон ворид кардан ғайриимкон мебошад.

Саволе ба миён меояд, сабаб чист, ки палатаи поёнии парлумон мехоҳад аз пуштибонии ҳукумат бархурдор бошад, то ин ки дар ҳолати имзо гузоштан ба қонун аз тарафи Президенти кишвар мушкилие ба миён наояд? Дар ин самт андешаи З. Ализода қобили таваҷҷӯҳ аст. Ӯ қайд мекунад, ки ин раванд ба он далел аст, ки Президент сарвари хокимияти иҷроия аст ва хулосаҳои ҳукумат вобаста ба лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон бо имзои президент ворид мешавад, ки он барои Маҷлиси намояндагон хеле муҳим буда, он як навъ “дастгири” - и сардори давлат мебошад. Ин дар навбати худ ба такмили лоиҳаи қонун поягузорӣ мешавад. З. Ализода бар ин назар аст, ки дар чунин мавридҳо Маҷлиси намояндагон мақсади хилофи хости ҳукумат амалкардро надорад ва наметавонад бо чанд далелҳо лоиҳаи қонунҳоро ба ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд.

Аввалан, аксари вакилон аъзои ҳизби ҳокиманд ва намехоҳанд муносибатро бо ҳукумат вайрон кунанд.

Сониян, онҳо бар он андешаанд, мумкин аст палатаи болоӣ лоиҳаи қонунро тасдиқ накунад.

Сеюм, онҳо бар он ақидаанд, ки Президент ҳамчун раиси ҳукумат ҳуқуқи баргардонидани қонунҳои қабулкардаи парлумони кишварро дорад. Ин вазъият онҳоро водор месозад, ки чунин муносибатро роҳандозӣ намоянд[361].

Дар раванди қонунгузорӣ ҳолатҳое, низ ба миён меоянд, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат на ҳама вақт аз тарафи Маҷлиси Олӣ дастгирӣ меёбад. Яъне ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қабули қонуни нав ва ё лоиҳаи қабули қонун дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қонуни амалкунанда, лоиҳаи қонун дар бораи бекор кардани қонунҳои амалкунанда ва ё қонунҳои кӯҳнаро бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагон барои қабул пешниҳод менамояд. Вале он аз тарафи Маҷлиси намояндагон қабул ва ё аз тарафи Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намеёбад. Ва қайд намудан лозим аст, ки на ҳама вақт ин ташаббус ҷонибдорӣ карда мешавад. Яъне аъзоёни парлумон оиди қабул накардан ва ё ҷонибдорӣ накардани чунин ташаббусҳо истодагарӣ менамоянд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо чунин мисолро овардан мумкин аст. Моҳи октябри соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 20 марти 2008 с.[362] қабул шудааст, пешниҳод кард. Ва вобаста ба ин масъала Шӯрои Маҷлиси намояндагон 19 октябри соли 2016 таҳти № 563 “Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қарор қабул кард. Ин лоиҳаи қонун ба кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон, фраксияҳои ҳизбӣ ва

[361] Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: Конституционно-правовое исследование. М.: 2013. – С. 306.
[362] Қонуни ҶТ “Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20 марти 2008 с. // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008 с, № 3, мод.

гурӯҳҳои вакилӣ фиристода шуд ва ҳамзамон саркумита низ таъйин карда шуд.

Дар раванди қонунгузорӣ лоиҳаи қонуни мазкур дар кумитаҳо ва комиссияҳо ҳамаҷониба баррасӣ карда шуда ҳамчунин хулосаҳои дахлдор низ дода шуд. Ва дар рафти ҷаласа доир ба ин қонун намояндаи Ҳукумат, Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Ятимов баромад намуда мӯҳтавои ин лоиҳаи қонунро возеҳ ва мукаммал шарҳ дод. Яъне зарурати ворид намудани тағийру илова ба қонуни номбурда ба моддаи 20 - ро ироа намуд. Вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи навбатии иҷлосияи панҷум қонуни дар боло зикршударо баррасӣ намуда бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул карданд. Вобаста ба қонуни қабулшуда қарори Маҷлиси намояндагон аз 2 ноябри соли 2016 қабул карда шуд[363].

Дар давраи раванди қонунгузорӣ қонуни номбурда дар муддати ҳафт рӯз ба Маҷлиси миллӣ барои ҷонибдорӣ фиристода шуд. Маҷлиси миллӣ онро ба кумитаҳо ва комиссияҳо барои баррасӣ фиристода саркумита низ таъйин карда шуд. Қонун дар Маҷлиси миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода, муайян карда шуд, ки он бо якчанд камбудиҳои зерин қабул карда шуда чунин арзёбӣ гардидааст:

1). Моддаи 21 қонуни мазкур ба талаботи қисми 10 моддаи 34 қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мутобиқат намекунад, зеро тибқи талаботи қисми 10 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” номи модда бояд мазмуну моҳияти онро ифода намояд, аммо моддаи зикршуда “Ворид шудан ба манзили истиқоматӣ ва иншооти дигар, қитъаҳои замин ва ҳудуд” номгузорӣ шуда, бо матни модда мувофиқат намекунад.

2). Дар қисми сеюми моддаи зикрёфта мафҳуми “қитъаҳои замин ва ҳудудҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқи ишғолгардида” нишон дода шудааст, ки он мафҳуми номуайян буда, дар таҷриба татбиқи он душворӣ

363 Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 2 ноябри соли 2016. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. №11. 2016 с.

пеш меорад. Дар қонунгузории амалкунанда барои ворид шудан ба қитъаҳои заминӣ ғайриқонунӣ ишғолгардида тартиби махсус пешбинӣ нагардидааст.

3). Дар қисми сеюми модда мақсадҳои ворид шудан ба манзили истиқоматӣ ва иншооти дигар, қитъаҳои замин ва ҳудуд нишон дода шудаанд, ки онҳо васеъ буда, дар амал татбиқ намудани онҳо **боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон** мегардад. Аз ҷумла ҷиноятҳое, ки ҷиҳати пешгирии онҳо ворид шудани хизматчиёни ҳарбии мақомоти амнияти миллӣ ба манзил ва иншоотҳои дигар имконпазир аст, номуайян аст. Инчунин, муайян намудани ҳолатҳои ҳодисаи нохуш низ возеҳ ифода карда нашудааст.

4). Дар қонуни мазкур дигар хатогиҳои имлоиву техникӣ низ ҷой доранд, ки ҷонибдории онро дар шакли пешниҳодгардида имконнопазир мегардонад.

Бо назардошти асосҳои зикршуда, мутобиқи моддаи 60 Конститутсия, моддаи 59 қонуни конститутсионӣ “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Маҷлиси миллӣ қарор қабул намуд, ки қонуни номбурда бинобар мавҷуд будани камбудиҳо ҷонибдорӣ нашуд. Ва он ба Маҷлиси намояндагон барои такроран баррасӣ намудан пас гардонида шуд[364]. Дар ин ҷода Маҷлиси миллӣ ба вайрон шудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ надодааст.

Ва дар ин раванди қонунгузорӣ аъзоёни Маҷлиси миллӣ яке аз фаъолияти босамарро ба анҷом расонидаанд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти раванди қонунгузорӣ дар амали гардонидани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз соли 2000 то 2004 ба Маҷлиси намояндагон зиёда аз 213 лоиҳаи қонунҳоро пешниҳод намудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва интихоби масъалаҳои пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон аз як қатор кишварҳои хориҷӣ хеле фарқ мекунад.

[364] Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 феврали соли 2017. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. № 1-2. 2017 с.

Ҳукумат доир ба баъзе масъалаҳо аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдор нест. Ҳукумати ҶТ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оиди пешниҳод намудани лоиҳаи қонун дар бораи авф, дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро надорад[365]. Ин масъалаҳо дар доираи салоҳияти Президент буда, аз ҷониби Президенти кишвар амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, аз муқоисаи раванди қонунгузории кишвар дар ин самт мо ба хулосае омадем, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат ва Президент доир ба пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо дар алоҳидагӣ ба амал бароварда мешавад. Воқеан, тақсимот оиди амали гаштани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ боиси таъсиси низомест, ки дар он ҳукумат дар татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ нақши пешбарандаро дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, ин амали гардонидани татбиқи сиёсати ягонаи қарзию молиявӣ ва пулӣ мебошад, ин салоҳияти асосии ҳукумат ба ҳисоб меравад.

Иштироки Ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ на танҳо аз пешниҳод намудани “лоиҳаи қонун” ва ё “таклифҳои қонунгузорӣ” балки истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доир ба буҷети давлатӣ, таҳия намудан ва ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намудан[366]; сиёсати андозро таҳия ва амалӣ намудан; такмили низоми буҷетро таъмин менамояд, барои танзими бозори коғазҳои қиматнок тадбирҳо меандешад, карзи давлатии дохилию берунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро идора мекунад. Буҷет ҳамчун ифодаи ваколатҳои

[365] Якубова С.Н. Реализация права законодательной инициативы Правительства РТ. Законодательство. №1. (37) Журнал Национального центра законодательства при Президенте РТ. Душанбе, 2020. Январь - март. – 41 с.

[366] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Ҳукумати ҶТ” аз 12 майи соли 2001 с.- М. 15. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва Қазоқистон буҷети давлатӣ дар шакли Қонун қабул карда мешавад. Ба таври мисол, буҷети ШМА дар шакли қонун қабул намегардад, он дар шакли қарори мувофиқ қабул гашта, хусусияти ҳатмӣ ва ниёз ба ветои Президентро надорад, ин санад барои қабули лоиҳаҳои қонунҳои молиявӣ асос буда, дар навбати худ он дар ду шакл қабул карда мешавад. Аввало, лоиҳаи қонун дар бораи маблағгузорӣ қабул карда мешавад, ки он татбиқи лоиҳаҳои алоҳида ва маблағгузории онҳоро пешбинӣ менамояд. Баъдан, дар асоси чунин қонун ягон навъи пардохт амалӣ карда намешавад. Ин раванд қабули лоиҳаи маблағгузориро талаб мекунад, ки дар асоси он ба хазинадорӣ барои ҷудо намудани маблағи дахлдор супориш дода мешавад. Ин ду қонун барои имзо ба Президент пешниҳод мешаванд, ки дар навбати худ Президент онҳоро метавонад рад кунад. Ниг. Коврякова Е.В. Парламентский контроль: зарубежный опыт и российская практика. М.: ОАО «Издательский дом “Городец„. 2005. – 43 с.

ҳукумат ва ба сифати барномаи амали ҳукумат барои давраҳои мушаххас баррасӣ мешавад.

Яке аз раванди қонунгузории парлумон, ки дар асоси ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат амалӣ мегардад, ин доир ба баррасӣ ва қабули лоиҳаи қонун дар бораи буҷет мебошад. Ҳукумат мувазזаф аст лоиҳаи қонун “Дар бораи буҷет”, оид ба муқаррар ва бекор кардани андозҳоро ҳатман ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд. Ин вазифаи муҳимтарини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳукумат ба Маҷлиси намояндагон буҷети давлатиро дар шакли лоиҳаи қонун, масъалаи андозаи касри буҷети давлатӣ, манбаъҳои пӯшонидани он, муқаррар ва бекор кардани андозҳо, ки самтҳои асосии рушди иқтисодиёти кишварро дар бар мегирад, барои соли нави молиявӣ пешниҳод менамояд[367].

Дар ин раванди қонунгузорӣ Маҷлиси намояндагон барои ҳар як хароҷоти буҷети соли оянда қарорҳои мушаххас қабул мекунад. Буҷет ҳамчун санади мукаммал тавсиф карда мешавад, ки он бояд танҳо нишондиҳандаҳои умумии даромад ва хароҷоти давлатро истисно намояд. Дар лоиҳаи қонуни буҷет фонди захиравии президент низ тасдиқ карда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми зарурат метавонад лоиҳаи қонун “Дар бораи буҷети иловагии давлатӣ барои соли равон” - ро пешниҳод намояд.

Баъзан дар раванди қонунгузории мавҷуда нисбати баъзе намудҳои лоиҳаи қонунҳо талаботи махсус муқаррар карда мешавад. Дар ин замина он талаботҳое муқаррар мешавад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун дар бораи буҷет бояд ҳаҷми умумии даромади буҷет, маблағи хароҷот, касри буҷет, инчунин дигар нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд. Дар лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлатӣ меъёрҳои тақсими даромадҳо байни буҷетҳои низоми буҷети пешбинӣ шудааст, агар онҳо дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашуда бошанд. Ғайр аз ин, дар лоиҳаи қонунгузории буҷет бояд рӯйхати маъмурони асосии даромадҳои буҷет, рӯйхати

367 Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии ҶТ” аз 28 июни 2011 с. - М. 43. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.02.2022 с.)

маъмурони асосии манбаъҳои маблағгузории касри буҷет, маблағи умумии буҷет барои татбиқи ҳолатҳои танзими давлатӣ ҷудо карда шаванд; ҳаҷми интиқоли маблағи байни буҷетие, ки аз буҷетҳои дигар гирифта мешаванд ва ё ба буҷетҳои дигари низоми буҷети дар соли молиявии навбатӣ дода мешаванд, манбаъҳои маблағгузории касри буҷет барои соли молиявии навбатӣ ва нишондиҳандаҳои дигарро фарогир бошад.

Дар раванди қонунгузорӣ Ҳукумат ҳангоми истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оиди пешниҳоди лоиҳаи қонун "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо як қатор принсипҳоро риоя мекунад ва риоя накардани ин принсипҳо ба ҳолатҳои ногувор оварда мерасонад. Масалан, сармоягузории ҳатмии буҷет дар шакли санади қонунгузорӣ таҳия карда шуда, дар он принсипҳои мувозинат, самаранокӣ, сарфаю сариштакорӣ ва ба мақсад мувофиқ будани истифодабарии маблағҳои буҷети солона муқаррар карда мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз принсипҳои асосии конститутсионӣ маблағгузории ҳатмии буҷет дар шакли лоиҳаи қонун мебошад. Ҳукумат ҳангоми пешниҳоди ин лоиҳаи қонун принсипи буҷети мутавозинро риоя мекунад. Ин принсип "ҳаҷми касри буҷети давлатӣ, манбаъҳои пӯшонидани он" - ро дар назар дорад. Дар истифодаи маблағҳои буҷет[368] принсипи самаранокӣ, сарфаю сариштакорӣ ва ба мақсад мувофиқ низ вуҷуд дорад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррарот вуҷуд надорад. Аммо қоидаи шабеҳи сарфаи харид ва самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар буҷети давлатӣ муқарраршуда, инчунин таъмини самаранокии сарфи маблағҳои буҷетӣ дар қисми 2, моддаи 20 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст. Аҳаммияти иқтисодии буҷет аз он иборат аст, ки он қисми зиёди талаботро ба маҳсулоти ниҳоӣ ташкил медиҳад, аз ҳисоби маблағҳои он қисми зиёди даромади аҳолӣ ташкил карда мешавад,

---

[368] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. - М. 75. Бо тағйиру иловаҳои минбаъда.

ҳаҷми зиёди маҳсулот харида мешавад, захираҳои давлатии моддӣ зиёд карда шуда, маблағгузориҳои асосӣ амалӣ мегарданд[369].

Ҳамзамон, дар раванди қонунгузорӣ, Маҷлиси Олӣ буҷетро ҳамчун заминаи молӣ барои иҷрои барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ пешбинӣ менамояд. Дар доираи буҷет барои дастгирии корхонаҳо, соҳаҳои алоҳида субсидияҳо, кафолатҳо, дотатсияҳо, карзҳо дода шуда, ба дигар мамлакатҳо ёрӣ расонда мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ принсипи ягонагии буҷет риоя шуда мақсади он иборат аз он аст, ки тамоми даромад ва хароҷоти давлат дар доираи як буҷети умумӣ муттаҳид карда мешаванд. Инчунин, ягонагии буҷет, пеш аз ҳама, дар ягонагии низоми буҷетӣ ва дар таснифи ягонаи буҷетӣ зоҳир мегардад. Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии мамлакат татбиқи принсипи ягонагии буҷет торафт душвор мегардад. Ин бештар ба дараҷаи баланди муносибатҳои қарзӣ дар сиёсати иқтисодии давлатҳо вобастагӣ дошта, ин раванд имкон намедиҳад, ки тамоми даромаду хароҷот дар буҷети ягона ба ҳисоб гирифта шавад.

Аз ин рӯ, дар раванди қонунгузорӣ парлумони кишвар маҷбур мешавад, ки буҷетҳои замимашуда, ҳисобҳои махсуси хазина, буҷетҳои мухтор, фондҳои мақсаднокро ба таври алоҳида қабул кунанд. Ин буҷетҳои иловагӣ, суратҳисобҳои махсуси хазинадорӣ ва фондҳои гуногуни мақсаднок ба тарзи истисно аз принсипи ягонагии буҷет мебошанд. Принсипи солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қабули қонуни номбурда истифода мешавад.

Принсипи мақсаднок будани истифодаи маблағҳои буҷетӣ ба тавзеҳ ниёз дорад. Буҷет муфассал муқаррар карда мешавад. Дар он нишон дода мешавад, ки маблағҳоро чӣ тавр ва дар кадом шароит метавон истифода бурд. Принсипи коркардшуда дар буҷет имкон медиҳад, ки фаъолияти тамоми фондҳои буҷетӣ назорат карда шавад. Мақсад аз ин принсип омӯхтани ҳисоботи молиявии солона, тафтиши пурраи даромад, хароҷоти дуруст ва пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи хароҷоти буҷети давлатӣ

[369] Одинаев Ф.Ф., Беков Ф.Ш. К вопросу об исполнении параметров государственного бюджета РТ. Вестник Таджикского государственного университета. - Душанбе, 2017. №2 / 10. – С. - 48.

мебошад. Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ таъсис дода шудааст[370].

Ҳамин тариқ, Ҳокимияти иҷроия дар раванди қонунгузорӣ ба танзими конститутсионӣ дар соҳаи молия ҳамчун яке аз омилҳои рушди иқтисодиёт ва суботи иҷтимоӣ аҳаммияти хоса медиҳад. Дар асоси ин гуфтаҳо метавон қайд намуд, ки таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо кори пурмасъулият ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти нуқтаҳои таҳлилшуда дар ин самт ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Якум, раванди қонунгузории қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" хусусияти ба худ хос дошта аз дигар раванди қонунгузории қабули қонун дар парлумон фарқ дорад.

Дуюм, раванди қонунгузории қабули ин қонун маҳз бо ташаббуси Ҳукумат роҳандозӣ мешавад. Ҳолатҳое, ба миён меояд, ки дар рафти раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ Ҳукумат ҳамчун иштирокчӣ фаъолият мекунад, яъне субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ тамоман субъекти дигар аст. Аммо дар ин ҷода ташаббускор ва субъекти фаъоли асосии раванди қонунгузорӣ Ҳукумат ба ҳисоб меравад.

Сеюм, хусусияти раванди ин қонунгузорӣ дар он аст, ки Маҷлиси намояндагон принсипҳои дар боло зикршударо ҳатман риоя мекунад.

Чорум, раванди қонунгузории ин қонун дар мӯҳлати муайяншуда бояд ба анҷом расонида шавад ва ин раванд ҳар сол баргузор мегардад.

Ҳамин тариқ, дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумат аз маънои конститутсионии он пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо ва таъмини риояи Конститутсия ва иҷрои қонунҳои ҶТ дар саросари

---

[370] Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати молияии давлатиро оид ба истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, тавассути пешгирӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ иқтисодиёти хусусияти коррупсионӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳое, ки қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии ҶТ пешбинӣ намудаанд, амали менамояд. Қонуни ҶТ "Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ" аз 20 марти 2008 с. - М. 1. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.)

кишвар бармеояд. Барандагони он дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро сари вақт қабул кунанд, иҷрои қонунҳоро таъмин намоянд, барномаҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии татбиқи амалии меъёрҳои қонунҳоро таҳия ва амалӣ намоянд, барои татбиқи онҳо захираҳои заруриро ҷудо намоянд, тадбирҳои ташкилию роҳбарикунанда, аз ҷумла, оид ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва мукаммалгардонии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот дар бораи тағйироти воқеии соҳаи танзимшаванда ва дар асоси онҳо оид ба такмили онҳо пешниҳодҳо омода намоянд[371].

Ҳокимияти иҷроия дар назди аҳли ҷомеа ва давлат барои таҳияи лоиҳаи қонунҳо, ба миёновардандаи раванди қонунгузорӣ ва иҷрои қонунҳо масъул мебошад.

Дар асоси андешаҳои дар боло зикршушуда ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд пешниҳодҳои мукаммалро арзёбӣ менамоем:

Аввалан, барои танзими масъалаҳои молиявӣ, пешниҳод мешавад, ки лоиҳаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси намояндагон барои қабул кардан ирсол шавад, чуники он ҷанбаи мантиқӣ дорад.

Сониян, дар раванди қонунгузорӣ Ҳукумат доир ба такмили қонунҳои амалкунанда ба Маҷлиси намояндагон пешниҳодҳо ирсол намояд. Ҳангоми таҳияи ислоҳоти нави консептуалӣ, махсусан дар соҳаҳои иҷтимоӣ, манзилӣ ва коммуникатсионӣ хуб мешуд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Сеюм, дар раванди қонунгузорӣ аз шумораи муайяни кормандон, ки аз мутахассисони соҳаҳои гуногун, инчунин намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа ва касбу кори гуногун, олимони намоёни соҳаи иқтисод ва ҳуқуқшиносон, мутахассисони варзида оиди омода намудани лоиҳаи қонунҳо гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шавад[372]. Ин гурӯҳҳои корӣ бо риояи талабот дар

[371] Раззоков Б.Х. В юридической литературе, полагаем, вполне обоснованно поднимается вопрос о механизме юридической корреляции, позволяющей проводить моделирование правового воздействия на основе прогнозов и способов юридического проектирования, что открывает новые горизонты деятельности исполнительной ветви государственной власти. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти РТ. Дисс. ... д-ра юрид. наук. - М. 2014 г.- С. -51.
[372] Ойев Х. Конститутсияи ҶТ ва ташаккули ҳокимияти иҷроия. Давлат ва ҳуқуқ №3. - 2009. – С. - 27.

варақаи тавзеҳии лоиҳаи қонун бояд маълумот дар бораи ҳайати гурӯҳҳои корӣ ва дараҷаи иштироки аъзоёни он зикр карда шавад ва назорати ин маълумот ба зиммаи Маҷлиси намояндагон, ки лоиҳаи қонуни дахлдорро дар қироати якум баррасӣ мекунад, вогузор карда мешавад. Ин раванди қонунгузорӣ объективона таҳия ва эътимоднокии натиҷаҳои онро зиёд мегардонад, зеро ки дар таҳияи лоиҳаи қонун на як шахс, балки гурӯҳи мутахассисон фаъолият мекунанд.

Чорум, мавҷудияти қонунҳои такрорӣ ва мақомоти назорати молиявии ҳокимияти давлатиро мадди назар гирифтан. Меъёрҳои амалкунанда, ки танзими масъалаҳои молиявиро такрор мекунанд, кам ва бекор карда шаванд[373], инчунин гузарондани экспертизаи такрории лоиҳаҳои қонунҳо истисно карда шавад.

Ҳамин тариқ, пешниҳодҳои зикршуда диққатҷалбкунанда буда баррасӣ ва татбиқи ин масъалаҳо дар раванди қонунгузории парлумон муҳим ва ҳалталаб мебошанд.

[373] Дар ҶТ зиёда аз 5 санади меъёри ҳуқуқӣ масъалаҳои молиявиро танзим менамояд: (дар шакли таҳияи лоиҳаҳои қонунгузории молиявӣ, яъне лоиҳаи қонуни буҷет), татбиқи лоиҳаи қонуни буҷет, додани хулосаҳои зиддикоррупсионии ҳуқуқӣ. Қонунҳои ҶТ “Дар бораи молияи давлатии ҶТ”, “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ”, “Дар бораи эспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои ҶТ”, “Дар бораи хазинадорӣ”, “Дар бораи Палатаи ҳисоб”, “Дар бораи агенгии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ”, “Дар бораи Ҳукумати ҶТ” ва Дастури Ҳукумати ҶТ дар ин самт амал менамоянд.

# БОБИ 3. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Баррасӣ ва қабули қонунҳо дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Категорияи қонун ва мафҳуми он дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи афкори ҳуқуқӣ диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Олимон ба муайян кардани хусусиятҳои илмии ин мафҳум сайъ намуда, моҳияти илмии онро ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқ тавсиф менамоянд. Қонун низ ба мисли ҳуқуқ қолаби тағйирнопазир набуда, он вобаста ба пешрафту рушди ҷомеа пайваста ташаккул меёбад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ин мафҳуми илмӣ аз рӯйи хусусиятҳои худ ба тағйирот дучор мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир баъзан таърифҳо дар ин соҳа таҳия ва пешниҳод шуда, онҳо ҳамоно баҳсталаб боқӣ мемонанд.

Бояд зикр намуд, ки танҳо парлумон салоҳияти қабули қонунҳоро дорад. Қонунро метавон санади эътибори олии ҳуқуқидошта ҳисобид, ки он аз ҷониби мақомоти намояндагии махсуси ваколатдор бо тартиби махсуси расман муайяншуда қабул гардида, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим менамояд. Ҳангоми баррасии хусусиятҳои асосии қонун, ки нақши махсуси онро дар низоми қонунгузорӣ муайян мекунанд, метавон қайд намуд, ки қонун муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад ва барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии аҳли ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад.

Маҳз ҳамин хусусият мавқеи махсуси қонунро дар низоми қонунгузорӣ ва воқеан дар тамоми низоми ҳуқуқӣ муайян менамояд. Қонунҳо ҳамчун асоси танзими қонунгузорӣ барои таъсир расонидан ба муносибатҳо ва равандҳои асосии ҳаёт ва рушди ҷомеа пешбинӣ шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ олимон мафҳуми консептуалии қонунро ба таври васеъ тавзеҳ додаанд.

Ба андешаи олимони тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев[374] ва А. Имомов[375] "Қонун санади меъёрии ҳуқуқии мақомоти олии намояндагии давлат ё халқ

---

[374] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. - Душанбе, 2009. – С. - 259.
[375] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. - Душанбе, 2017. – С. - 579.

(шаҳрвандон) мебошад, ки дорои қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, доир ба масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа қабул карда мешавад”. Олими рус В.Н. Хропанюк таърифи ин мафҳумро ба таври зайл меорад “Қонун-санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мақомоти олии намояндагии давлат бо тартиби махсуси қонунгузорӣ қабул намуда, дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад, он муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба манфиат ва талаботи аҳолии мамлакат ба танзим медарорад”[376].

Дар таърифи додаи А.С. Пиголкин дигар хусусиятҳои ҳуқуқии ин мафҳум зикр шудаанд: “Қонун санади меъёрие мебошад, ки ба таври махсус қабул карда шуда, он баъд аз Конститутсия қувваи бештари ҳуқуқӣ дошта, ба танзими муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ нигаронида шудааст”[377]. Аз мазмуну моҳияти таърифҳои зикргардидаи олимон метавон хулосагирӣ намуд, ки мафҳуми Қонун ҳамчун санади ҳуқуқӣ аз ҷониби қонунгузор дар шакли танзимшуда қабул карда шуда, он дорои қувваи ҳуқуқӣ буда, муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Барои пурратар гардидани таърифи мазкур метавон ба андешаронии С.С. Алексеев такя намуд, ки “Қонун аз рӯйи масъалаҳои асосии самтҳои фаъолияти давлатӣ қабул шуда, он бевосита ифодакунандаи иродаи умумии давлат мебошад ва дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад”[378].

Дар ҳуқуқшиносии муосир қонунро ба маънои “васеъ” ҳамчун муродифи мафҳуми ҳуқуқ, дурусттараш ба маънои **“қонунгузорӣ”** баррасӣ мекунанд. Қонун гуфта ҳамаи санадҳои меъёри ҳуқуқие (дар маҷмуъ), ки аз ҷониби мақомоти давлатии қонунқабулкунанда қабул мешавад фаҳмида мешавад. Ба андешаи Г.Ф. Шершеневич “қонун-меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, бевосита аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ дар асоси тартиботи пешакии муайяншуда ба вуҷуд меояд”. Дар ин таъриф, муаллиф, пеш аз ҳама, ба он андеша такя дорад, ки “қонун меъёри ҳуқуқӣ, яъне қоидаи умумии ба баррасии ҳолатҳои номаҳдуд нигаронидашуда мебошад”. Муҳиммияти ин аломат аз он

[376] Хропанюк В.Н. Теория государства и права. - М., 1994. – С. - 182.
[377] Пиголкин А.С. Общая теория права. Учебник 2 - изд. перераб и дополн. Колл. авторов. М. Изд - во МГУ им. Баумана, 1996 – С. - 181.
[378] Алексеев С.С. Общая теория права. Т.И. - М. 1982. – С. - 219.

бармеояд, ки қонун меъёри ҳуқуқӣ буда, тавсифи он маҳз дар ҳамин замина дуруст мебошад[379]. Дар таърифҳои овардашуда хусусияти муҳимтарин фарққунандаи қонун ҳамчун хусусияти меъёрии он оварда мешавад.

Аммо бояд зикр намуд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар дигар санадҳои ҳуқуқӣ низ мавҷуданд. Агар мо ба ин мантиқи илмӣ пайравӣ кунем, пас ҳар як амалро қонун метавон ҳисобид[380]. Ин таъриф дар илми ҳуқуқшиносӣ ноҷо ба назар мерасад. Ин масъала диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус М.Н. Марченко чунин қайд мекунад: “Шабоҳати қонун бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаклҳои (сарчашмаҳои) ҳуқукро омехта намуда татбиқи босамари таъсиррасониро паст мекунад”.

Бо дарназардошти ин омилҳо дар адабиёти таълимии илми ҳуқуқшиносӣ, ба маънои маҳдуд **“Қонун”** истифода бурда мешавад. Дар ин хусус дар санадҳои муҳим чунин қайд шудааст: “Қонун санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки мақомоти қонунгузор онро бо тартиби муқарраршуда дар раванди қонунгузорӣ қабул карда, муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад”[381]. Қонун санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки танҳо аз ҷониби мақоми олии намояндагӣ дар раванди қонунгузории парлумон, ки ба маънои ҳуқуқии худ расман тамоми мардумро намояндагӣ мекунад (Маҷлиси Олӣ дар ҶТ, Маҷлиси Иттифоқӣ дар ФР, Конгресс дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, парлумон дар Италия, Фаронса ва ғ.) ва ё бевосита аз ҷониби халқ тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда мешавад[382].

Ин хусусияти қонун дар бисёр кишварҳо ба таври васеъ татбиқ карда мешавад ва мазмуну мундариҷаи он мукаммал ба назар мерасад. Бо дарназардошти мавқеъгирии олимон, ки муаллифони алоҳида андешаҳои худро нисбат ба мафҳуми қонун баён намудаанд, метавон мафҳуми ҳуқуқии онро ба таври васеъ арзёбӣ намуд. Қонун ин санади меъёриест, расман ҳуҷҷатест, ки бо риояи қатъии қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ таҳия шуда,

---

[379] Марченко М.Н. Теория государства и права. 2-е изд. перераб. и доп. - М.: ТК Велби, Изд-во. Проспект, 2005. - 514 – С. - 515.
[380] Марченко М.Н. Асари ишорашуда. – С. - 515.
[381] Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. - 2017. - №5. - М. 99. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 01.11.2021 с.)
[382] Марченко М.Н. Теория государства и права. 2-е изд. перераб. и доп. - М.: ТК Велби, Изд-во. Проспект, 2005. – С. - 516.

аз ҷониби мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор ё халқ бо тартиби махсуси раванди қонунгузорӣ қабул гардида, дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад ва муҳимтарин масъалаҳоро, ки ба манфиати инсон, давлат ва ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ дахл доранд ба танзим медарорад. Дар андешаронии олимон ҳангоми баррасии мафҳуми илмии қонун нуктаи муҳим ин ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ тавсиф ёфтани он ба шумор меравад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо ба хулосае омадем, ки Қонун ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки онро аз дигар намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавон фарқ кард ва мо онро чунин арзёбӣ менамоем:

- якум, дар низоми қонунгузорӣ мавқеи олиро ишғол менамояд, зеро он дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад;

- дуюм, онро танҳо мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор дар рафти раванди қонунгузорӣ ва ё ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул мекунанд;

- сеюм, он ба таври мустақим, бе дарназардошти санадҳои дигар амал мекунад;

- чорум, онҳоро танҳо дар сурати мавҷуд будани хулосаи Ҳукумати ҶТ дар Маҷлиси Олӣ баррасӣ ва қабул метавон кард, ки дар роҳандозии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин муқаррарот вуҷуд надорад;

- панҷум, он дорои механизми самараноки иҷроиш мебошад: давлат назорати умумии прокуратураро аз болои риояи волоияти қонун муқаррар мекунад, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи инсон дар қаламрави ҶТ мусоидат менамояд;

- шашум, нисбат ба дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ барои қабули қонун дар мақомоти қонунгузор талабот хеле мураккаб мебошад.

Ҳамин тариқ, қонун ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, ки аз мақомоти олии намояндагӣ бармеояд, ирода ва манфиатҳои тамоми ҷомеа ё халқро ифода мекунад, фаҳмида мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқии ватанию хориҷӣ чун мафҳуми “иродаи умумӣ” донистани ҳуқуқ ба ҳукми анъанавӣ табдил ёфтааст. Аммо бо дарназардошти он, ки қонунро мақомоти олии намояндагӣ ва қонунбарор дар рафти раванди

қонунгузорӣ қабул мекунад ва ё он дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда мешавад, дар ин самт андешаронихҳои мухталифро мебинем.

Масалан, ба гуфтаи М.Н. Марченко, онро асосан бо ду сабаб умумӣ эътирофшуда наметавон ҳисоб кард.

Якум, дар як қатор мамлакатҳо (масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) дар баробари мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти дигари давлатӣ (масалан, инстансияҳои суди олӣ) низ ба сифати эҷодкунандагони воқеии қонун баромад мекунанд. Дар адабиёти ҳуқуқии ин кишвар чунин навиштаҷот мавҷуд аст: “Агар шумо бодиққат назар кунед, дар бисёр мавридҳо мақомоти судӣ эҷодкунандаи қонунҳо мебошанд, зеро маҳз аз ҷониби онҳо қонунҳо шарҳи мукаммал пайдо мекунанд. Бе тафсири мукаммал бисёр қонунҳо маънои аслии худро аз даст медиҳанд”.

Сабаби дувум ин аст, ки на дар ҳама кишварҳо баргузор гардидани раъйпурсии умумихалқӣ ҳамчун тарзи конститутсионии қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Масалан дар баъзе кишварҳо аз ҷумла дар Шветсия раъйпурсӣ хусусияти қонунгузорӣ не, балки дорои хусусияти машваратӣ дорад[383].

Қонун дар тафовут бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ қабул мешавад. Ба воситаи он муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ ба тартиб даровáрда ва танзим мешаванд. Ин гуфтаи моро самти батанзимдарории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе аз давлатҳои хориҷӣ бори дигар собит менамояд. Сарфи назар аз тафовутҳои мавҷуда, ҳамаи онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ, сохти давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, раванди қонунқабулкунӣ ва дигар омилҳои муҳимро фарогир мебошанд.

Қонун вобаста ба шарҳи он қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, дар низоми қонунгузорӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд ва он шакли бартаридоштаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ин хусусияти қонунро назария ва амалияи ҳуқуқии бисёр кишварҳо борҳо тасдиқ кардааст. Дар ин бобат мо ба андешаи Г.Ф.

[383] Швеция. Конституция и законодательные акты. - М., 1983. – С. - 42.

Шершеневич розӣ ҳастем, ки дар даҳсолаи аввали садаи XXI чунин қайд намуда буд: "шакли ҳуқуқе, ки ҳоло дар байни ҳамаи халқҳои мутамаддин ҳукмфармост, ин қонун мебошад, ки тамоми шаклҳои дигарро комилан аз байн бурдааст. Имконияти ҷомеаи мутамаддин барои эҷоди қоидаҳои рафтори барои ҳамагон ҳатмиро маҳз дар фаъолияти қонунгузорӣ ифода месозад"[384]. Аз ин лиҳоз ин гуфтаҳоро дастгирӣ намуда, қайд менамоем, ки Қонун бо тартиби махсуси раванди қонунгузорӣ қабул мегардад, ба он тағйиру иловаҳо низ ба тариқи амали гаштани раванди қонунгузорӣ ворид карда мешавад.

Раванди қонунгузории парлумон дар ҳар як давлат мавҷуд мебошад. Он, чун қоида, бо санадҳои махсус ё Дастури парлумон муқаррар карда мешавад ва ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад.

Раванди қонунгузории расмии ифодаи ирода, ба андешаи Г.Ф. Шершеневич, "сарфи назар аз ташкили ҳокимияти давлатӣ хеле муҳим мебошад".

Дар ин маврид савол ба миён меояд, ки моҳияти ин зарурият дар чӣ ифода меёбад ва раванди қонунгузорӣ барои чӣ муҳим арзёбӣ мегардад? Муаллиф ба ин савол ба таври асоснок посух додааст: "Агар дар давлати конститутсионӣ шаҳрвандон кӯшиш кунанд, ки худро бо тартиботи қатъии қонунгузорӣ аз худсарии мақомоти иҷроия ҳифз кунанд, пас дар кишвари реҷааш мутлақ монарх ба он манфиатдор аст, ки тобеонаш иродаи ӯро донанд ва онро иҷро кунанд ва барои амали гардидани ин ирода ӯ бояд шаклеро муқаррар кунад, ки барои тобеон кафолати иҷрои фармони ифодакунандаи мароми мақомоти давлатӣ бошад. Дар сурати ба шакли муқарраршуда ифода нагардидан иродаи мақомоти ҳокимияти давлати он воқеӣ эътироф карда намешавад"[385].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар баробари хусусиятҳои зикршуда аломатҳои зерини Қонун низ қайд мешаванд:

1) хусусияти меъёрӣ ва ҳатмӣ;

[384] Шершеневич Г.Ф. Цитата по работе Марченко Г.Ф: Теория государства и права. 2-е изд. перераб. и доп. - М.: ТК Велби, Изд-во. Проспект, 2005. – С. - 518.
[385] Шершеневич Г.Ф. Асари ишорашуда. – С - 518.

2) ифодаи бевоситаи иродаи давлат;

3) аввалин шуда муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим мекунад, ки чорчӯбаи мавҷудияти ҳуқуқии онҳоро бори аввал муқаррар мекунад. Ин муносибатҳо ҳамчун қоида, муносибатҳои ҷамъиятии асосӣ, мустаҳкам ба ҳисоб меравaнд;

4) ноил шудан ба мақсад, манфиат ва вазифаҳои стратегӣ.

Ҳамин тариқ, қонун санади меъёрии ҳуқуқӣ буда дар асоси раванди қонунгузорӣ бо хусусиятҳои ба худ хос қабул шуда, муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, принсипҳо ва меъёрҳои бунёдиро муқаррар менамояд ва нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ афзалият дорад.

Дар асоси ин гуфтаҳо саволи комилан мантиқӣ ба миён меояд: қонун аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чӣ фарқ дорад? Пеш аз баррасии тафовути ин мафҳуми ҳуқуқӣ аз дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ мо бояд мафҳум ва хусусиятҳои санади меъёрии ҳуқуқиро муайян кунем. Олимони ҳуқуқшинос мафҳуми илмии ин истилохро ба таври мухталиф арзёбӣ намудаанд. Назар ба таърифи додаи Л.А. Морозова, санади меъёрии ҳуқуқӣ "санади мақомоти қонунгузорӣ мебошад, ки меъёрҳои ҳуқукро дар бар гирифта, он бо тартиби махсус, дар шакли хаттии мушаххас қабул гардида, дар муқоиса бо санадҳои дигар дорои шакли хаттӣ мебошад ва бо онҳо алоқамандии бевосита дорад"[386].

Ба гуфтаи И.И. Камолов, санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳамеша ҳамчун ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар баробари ин, санади меъёрии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои санади ҳуқуқӣ буда, намудҳои гуногунро дорост[387].

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Ба монанди дигар кишварҳо намудҳои асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон Конститутсия, қонунҳои дар раъйпурсӣ қабулшуда, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳои мақомоти олии қонунгузори ҳокимияти давлатӣ, фармонҳои Президент, инчунин санадҳои зерқонунии

[386] Морозова Л.А. Теория государства и права. Учебник. 4-е изд. пепераб. и доп. - Москва: (Российское юридическое образование). Эксмо, 2010. – С. - 464.
[387] Камолов И.И. Система нормативных правовых актов РТ. Монография. - Душанбе, 2015. – С. - 45.

мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки навъҳои худро доранд: қарорҳои ҳукумат, санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, вазорат ва кумитаҳои давлатӣ ва ғ. мебошанд[388].

Аммо хусусияти санади меъёри ҳуқуқии зерқонунӣ бояд ба муқаррароти санадҳои меъёри ҳуқуқии мақомоти болои мувофиқат кунад. Мо ба таснифоти навъҳои “санади меъёрии ҳуқуқӣ” таваҷҷуҳ нахоҳем кард, вале хусусиятҳои онро муайян намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки онро ба таври зайл метавон тавсиф намуд: санади меъёрии ҳуқуқӣ санади расмии ҳуқуқии дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад; дорои хусусиятҳои меъёрист.

Доираи субъектоне, ки ҳуқуқи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доранд, дар сатҳи конститутсия, қонуни махсус дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муайян карда мешаванд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки мушаххасан шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Бо дарназардошти мавқеи гуногун доштани олимон, ки дар таърифи худ муаллифони алоҳида дидгоҳи худро нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баён намуда, аломатҳои асосии онро муайян кардаанд, мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқиро ба таври инфиродӣ арзёбӣ менамоем.

Санади меъёрии ҳуқуқи ҳуҷҷати хаттиест, ки аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқ: мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, институтҳои амалкунандаи демократӣ қабул карда шуда, дорои хусусиятҳои расмӣ ва қувваи ҳатмӣ мебошад, ки моҳиятан муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунад[389]. Аммо ҳар як субъект танҳо ҳамон намудҳои санадҳои меъёри ҳуқуқиро қабул менамояд, ки ба салоҳияти онҳо марбут аст. Аз гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби доираи васеи субъектони ҳуқуқэҷодкунанда қабул шуда, намудҳои гуногун дорад, ки онҳо хусусиятҳои хоси санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Бо дарназардошти сершумор будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ он кодификатсияшуда ва низомнок бояд бошад. Аммо ҳадафи таҳқиқоти илмии мо кодификатсия ва ба низом даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нест.

---

388 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30.05.2017. М. 2. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.)

389 Алексеев С.С. Общая теория права: в 2 т. - М.,1982. - Т. 2. – С. - 192-193.

Аз ин рӯ, мо навъи маъмули санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли-**Қонун** бозгӯӣ менамоем. Дар ин масъала бо И.И. Камолов ҳамфикрем, ки тибқи тасаввуроти маъмултарин дар бораи қонун он "санади меъёрие мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии намояндагии ҳокимият бо тартиби муқаррарнамудаи конститутсия ва ё бо роҳи раъйпурсӣ қабул карда мешавад"[390].

Ҳамин тариқ. қонунҳо вобаста ба моҳияти меъёрҳои дар онҳо ҷой дошта ба қонунҳои конститутсионӣ ва муқаррарӣ тасниф мешаванд. Ба қонунҳои конститутсионӣ, пеш аз ҳама, худи Конститутсияҳо, баъдан қонунҳои конститутсионие дохил мешаванд, ки ба воситаи онҳо ба матни конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад, ҳамчунин қонунҳои конститутсионӣ, ки зарурати қабули онҳоро худи конститутсия пешбинӣ менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қонунҳо аз рӯйи тартиби баррасӣ ба қонунҳои ҷорӣ ва афзалиятнок[391], фаврӣ ва қонунҳои консептуалии нав тақсим карда мешаванд. Қонунҳо ба таври муқаррарӣ дар раванди қонунгузорӣ баррасӣ ва қабул карда мешаванд, вале ин маънои онро надорад, ки онҳо моҳиятан номукаммал бошанд ва дар баробари ин намуди қонунҳо мумкин аст дар баррасии аввал қарор дода шавад.

Ҳамин тавр, масъалаи сифати лоиҳаи қонун набояд аз тартиби баррасишаванда вобаста бошад. Лоиҳаи қонунҳои афзалиятнок ба барномаи намунавии кории парлумон ворид карда мешаванд. Лоиҳаи қонунҳое, ки аз ҷониби Президент ва Ҳукумат пешниҳод шуда, муҳим ва афзалиятнок ҳисобида мешаванд ва дар раванди қонунгузорӣ ба он таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ назар ба дигар субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Президент ва Ҳукумат лоиҳаи қонунҳои қабулашон таъхирнопазир пайгирӣ мекунанд.

Дар раванди қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонунҳои фаврӣ "Дар бораи авф", "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қонунҳои дорои хусусияти консептуали навро метавон дохил намуд, ки аз тарафи вакилон таваҷҷӯҳи хосса зоҳир карда мешавад. Лоиҳаи қонунҳои консептуалии нав

---

[390] Камолов И.И. Система нормативных правовых актов. Монография. - Душанбе, 2015. – 122 с.
[391] Виноградов Т.П. Разработка проектов законов в Российской Федерации: конституционно - правовой аспект. - М., 2018. Дисс. ... канд. юрид. наук. – С. - 54 – 55.

бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини имкониятҳои нави қонунгузорӣ барои амалӣ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ нигаронида шаванд.

Дар ин замина, Т.П. Виноградов қонунҳоро аз рӯйи шакли ҳуқуқиашон ба ду гурӯҳ: иттифоқӣ ва минтақавӣ тақсим мекунад. Ба гурӯҳи якум, муаллиф он қабули қонунҳоеро дохил менамояд, ки раванди қонунгузорӣ дар сатҳи парлумони иттифоқи баррасӣ ва қабул мешаванд: қонунҳои конститутсионии иттифоқӣ, қонунҳои иттифоқии Федератсияи Россия дар бораи ворид намудани тағйирот ба Конститутсияи Федератсияи Россия ва ғ.

Ба гурӯҳи дуюм қонунҳое, ки дар раванди қонунгузорие, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузори субъектҳои Федератсияи Россия қабул шудаанд, дохил мешаванд.

Вобаста ба объекти танзим қонунҳо ба умумӣ ва махсус ҷудо мешаванд. Агар қонунҳо бо мӯҳтавои худ ба ҳамаи шаҳрвандон дахл дошта бошанд, умумӣ ва ба гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ё синфҳо дахл дошта бошанд, махсус меноманд. Қонунҳое ҳастанд, ки ба қонунҳои амалкунанда тағйиру илова ворид мекунанд, ҳамчунин, қонунҳое низ мавҷуданд, ки қонунҳои амалкунандаро (ё меъёрҳои қонунро) бекор мекунанд. Қобили зикр аст, ки аксари лоиҳаи қонунҳо ба тағйири қонунгузории амалкунанда нигаронида шудаанд[392]. Ҳангоми бекор кардани қонунҳои мавҷуда холигии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ набояд ба миён ояд.

Бо дарназардошти низоми ҳуқуқии Тоҷикистон намудҳои зерини қонунҳои ҶТ мавҷуд аст ва метавон онро чунин арзёбӣ намуд:

1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2) Қонунҳое, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул мешаванд.

3) Қонунҳои конститутсионӣ.

4) Кодекс.

5) Қонунҳо. Моҳият, макони қабул ва нақши ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - ро муайян намудан ба манфиати кор мебошад. Аз лиҳози

[392] Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Шурои иттифоқӣ дар соли 2008, ҳаҷми қонунҳои таҳиягардида (яъне қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо) дар байни ҳамаи қонунҳои қабулшуда беш аз 80% - ро ташкил медиҳад. Ниг ба: Доклад Совета Федерации Федерального Собрания РФ 2008 г. «О состоянии законодательства в РФ». Под общ. ред. - С.М. Миронова, Г.Э. Бурбулиса. - М.: Совет Федерации, 2009. – С. - 496.

эътибори қонунии худ, бешубҳа, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷа дошта дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Тамоми қонунҳо аз Конститутсия маншаъ мегиранд. Ва ягон санад наметавонад ба Конститутсия мухолиф бошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қонун дар раъйпурсии умумихалқиро низ пешбинӣ намудааст. Хусусияти ин навъи қабули қонун дар он аст, ки он дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад. Яке аз хусусиятҳои қонуне, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул мешавад, дар он аст, ки онҳо танҳо тавассути раъйпурсии умумихалқӣ бекор карда мешаванд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалияи бо ин роҳ қабул кардани қонун вуҷуд надорад. Қонунҳое, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул мешаванд, санади меъёрӣ мебошанд, ки шаҳрвандон дар қабули он тавассути овоздиҳии умумихалқӣ иштирок намуда, масъалаҳои муҳими фаъолияти давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятиро танзим мекунанд.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раъйпурсӣ ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ мебошад (моддаи 6). Ба андешаи Б.С. Гадоев дар раъйпурсӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мавҷуданд, ки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба хоҳиши шаҳрвандон оид ба тасдиқ ё рад кардани лоиҳаи конститутсия ва лоиҳаи қонун, қонунҳои дорои қувваи олии ҳуқуқидошта ба вуҷуд меоянд, танзим мекунанд[393].

Мафҳуми қонуни конститутсионӣ дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи нав ба ҳисоб меравад, зеро ки дар қонунгузории даврони шуравӣ ифодаи “қонуни конститутсионӣ” вуҷуд надошт ва он дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ қабул карда мешавад. Ин бесабаб набуда, дар низоми қонунгузории Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ин санади меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ нашуда буд. Дар ин маврид диққати асосӣ ба таносуби меъёрҳои қонунгузории конститутсионии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ

[393] Гадоев Б.С. Референдум как институт конституционного права. Учебное пособие. - Душанбе, 2004. – С. - 17.

ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ равона гардида буд. Албатта, сарчашмаҳои доктриналӣ бар он ақидаанд, ки қонуни конститутсионӣ мавҷуд буд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо Ю.А. Тихомиров иброз менамояд, ки қонунҳои конститутсиониро пас аз конститутсия ба навъи дуюми қонунҳо нисбат дода, онҳоро ба се гурӯҳ тақсим намудааст: 1) қонунҳое, ки расман мувофиқи тартиби муқарраршуда ҳамчун гурӯҳи мустақили санадҳо баромад мекунад; 2) санадҳои қонунгузорӣ, ки ба конститутсия тағйирот ворид мекунанд; 3) қонунҳое, ки интишори онҳо бевосита дар конститутсия пешбинӣ шудааст[394].

Мо ба андешаи Ю.А. Тихомиров розӣ шуда, қайд менамоем, ки он заминаи илмӣ дошта, ба се гурӯҳ тақсим кардани қонунҳои мазкур ба замони ҳозира низ мувофиқат мекунад.

Баъзе муаллифон ба қатори қонунҳои конститутсионӣ, инчунин қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро шомил намудаанд[395]. Ба ин мисол шуда метавонад, Қонуни Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ" аз 20 июли соли 1994 қабул гардид, ки он барои қабули қонуни конститутсионӣ замина гузошт. Ин қонун қувваи қонуни конститутсиониро дошт. Дар асоси қонуни номбурда ба қисми якуми моддаи 103-и Конститутсияи соли 1978 Ҷумхурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон иловаи зерин дохил карда шуд: "Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии Конститутсия буда, бо тарафдории камаш аз се ду ҳиссаи овозҳои шумораи умумии вакилони халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд". Ин қонун бо расмиёти муқаррар карда дар раванди қонунгузории парлумон қабул карда шудааст.

Аммо ба андешаи А. Имомов, дар ин ҷо тавзеҳоти хеле муҳим доир ба таносуби конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ мавҷуд буда, ҳамзамон муқаррар шудааст, ки қонуни конститутсионӣ қисми ҷудонашавандаи

---

[394] Тихомиров Ю.А. Теория закона. - М., 1982. – С. - 53-54.
[395] Тихомиров Ю.А., Лукьянов А.И. Развитие законодательства о советских представительных органах власти. - М. 1978. - 130 – С. - 138.

Конститутсия мебошад[396]. Мо андешаи А. Имомовро тарафдорӣ менамоем ва ҳамзамон қайд мекунем, ки минбаъд ин меъёр на дар меъёрҳои дигари Конститутсия ва на дар меъёрҳои дигар қонунҳо зикр нашудааст. Яке аз ҳадафҳои асосии қонунҳои конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини устувории Конститутсия ҳамчун Қонуни Асосии давлат, ки асосҳои сохти конститутсионии онро муқаррар менамояд, мебошад.

Минбаъд мафҳуми "қонуни конститутсионӣ" дар Конститутсияи амалкунандаи кишвар (1994) ба таври ҳуқуқӣ тасдиқи худро ёфт ва дар низоми қонунгузории миллӣ нақши муҳим дорад.

Ислоҳоти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1999 заминаи конститутсионии қабул ва тартиби ба қувваи амал даромадани қонунҳои конститутсиониро хеле васеъ намуд.

Қисми 2, муқаррароти моддаи 61-и матни пешинаи Конститутсия танҳо механизми қабули қонуни конститутсиониро танзим карда буд. Айни замон бандҳои дуюм ва сеюми моддаи 62-и Конститутсия тартиби барои имзо ба Президент пешниҳод намудани қонуни конститутсионӣ ва тартиби аз нав дар парлумон баррасӣ намудани онро ҳангоми аз ҷониби Президент барои такмил баргардонидан ба таври дақиқ танзим мекунанд. Қонунҳои конститутсионӣ аз рӯйи масъалаҳои пешбининамудаи Конститутсия қабул карда мешаванд. Яъне онҳо Конститутсияро пурра менамоянд ва такмил медиҳанд ва илова бар ин дар саросари кишвар мустақиман амал мекунанд.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ намуд, ки қонунҳои конститутсионӣ на танҳо як навъ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, балки онҳо дар шакли устувор ба низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд ва бо дарназардошти ин яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Қувваи махсуси ҳуқуқии қонунҳои конститутсионӣ дар он ифода меёбад, ки набояд қонунҳои муқаррарӣ, дигар санадҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда мухолиф бошанд. Конститутсия доираи масъалаҳоеро, ки аз рӯйи онҳо қонунҳои

[396] Имомов А. Укрепление государственности в создании гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. – С. - 127.

конститутсионӣ қабул карда мешаванд, дақиқ муайян кардааст. Инҳо қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат" ва ғайра мебошанд. То имрӯз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ҳолати қабули қонуни конститутсионӣ пешбинӣ шудааст, ки дар муқаррароти моддаҳои 7, 15, 27, 47, 48, 49, 51, 65, 66, 74, 78, 83, 95 оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, Конститутсия барои инъикоси қонунҳои конститутсионӣ дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун асос хизмат мекунад. Муқаррароти шабеҳи конститутсионӣ дар дигар конститутсияҳои пасошуравӣ барои омӯзиши хусусиятҳои алоҳидаи қонуни конститутсионӣ замина гардидаанд[397].

Дар ин замина хусусиятҳои қонуни конститутсиониро ба таври зайл тавсиф менамоем:

- Якум дар рафти раванди қонунгузорӣ қабул, тағйир ва бекор мешаванд.
- Дуюм, қонунҳои конститутсионӣ идомаи меъёрҳои конститутсионӣ буда, барои пешгирии барзиёди тағйир додани матни Конститутсия кӯмак мерасонанд.
- Сеюм, дар муқоиса бо дигар қонунҳо, хусусияти устуворӣ ва доираи истифодаи васеътар доранд.
- Чорум, онҳо муносибатҳои бунёдии устувори ҷамъиятиро танзим мекунанд.
- Панҷум, онҳо нисбат ба қонунҳои ҷорӣ қувваи бештари ҳуқуқӣ доранд.
- Шашум, дар муқоиса бо қонунҳои ҷорӣ барои қабули қонунҳои конститутсионӣ шумораи зиёди овозҳо дар Маҷлиси Олӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, мавқеи муҳими қонунҳои конститутсионӣ дар низоми қонунгузорӣ тартиби махсуси раванди қонунгузории қабули онҳоро муайян

---

[397] Пиголкин А.С., Казьмин И.Ф. Инициативный проект закона «О нормативных правовых актах РФ» / Государство и право. - 1992, №7. – С. - 76-86.

мекунад. Қонунҳои конститутсионӣ дар ҳар як палатаи Маҷлиси Олӣ бо шумораи муайяни овозҳо қабул карда мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки қонуни конститутсионӣ танҳо дар сурате қабулшуда ҳисобида мешавад, ки ба тарафдории он на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ овоз дода бошанд, дар ҳоле, ки барои қабули қонунҳои оддӣ овоздиҳии аксарият кифоя мебошад. Дар зинаи аввал лоиҳаи қонуни конститутсионӣ дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ ва қабул мешавад. Пас аз он қонуни конститутсионӣ барои баррасӣ ва ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда мешавад. Ин раванд аслан як давраи пай дар пай буда, раванди воқеии қонунгузорӣ барои лоиҳаи қонуни мушаххас дар палатаи болоӣ ҳангоми ворид шудани он ба палатаи дахлдор оғоз мешавад.

Ҳамаи қонунҳои конститутсионӣ дар Маҷлиси миллӣ баррасӣ мешаванд. Дар асоси натиҷаи баррасии лоиҳаи қонуни конститутсионии аз Маҷлиси намояндагон воридгардида Маҷлиси миллӣ метавонад дар бораи ҷонибдории қонуни конститутсионӣ қарор қабул намояд. Аммо сарфи назар аз он, ки қонунҳои конститутсионӣ бо шумораи умумии овозҳои вакилон қабул мешаванд, Маҷлиси миллӣ метавонад қонуни конститутсиониро бо дарназардошти сабабҳо: номукаммал будани қонун ва ё ғ. баргардонад.

Дар раванди қонунгузорӣ барои рафъи ихтилофоти ба миён омада комиссияи созишро метавон таъсис дод. Аз моҳияти моддаи 61-и Конститутсия бармеояд, ки қонунҳои конститутсионӣ то замоне, ки дар байни ҳар ду палата мувофиқат ба миён наояд, қабулшуда ҳисобида намешаванд. Пас аз анҷоми кори комиссияи дахлдор қонуни конститутсионӣ бояд аз ҷониби Маҷлиси намояндагон дубора баррасӣ шавад. Комиссияи созиш ҳар як эътирози баёнкардаи Маҷлиси миллиро тибқи қонун баррасӣ намуда, аз рӯйи натиҷаҳои кори он протокол тартиб медиҳад, ки дар он пешниҳодҳо оид ба рафъи ихтилофоти ба миён омада ё имкони рафъи ихтилоф аз ҷониби комиссияи созиш асоснок карда шудааст. Қарори комиссияи созиш бо овоздиҳии алоҳидаи вакилони ҳар як палата қабул карда мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ истифодаи расмиёти созиш ба таҳияи қарорҳои созиш ва тавассути онҳо барои қабули қонуни конститутсионӣ дар шакле, ки ба ҳар ду палата мувофиқ бошад, мусоидат мекунад. Қонуни конститутсионие, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул гардида, аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ шудааст, дар қарори дахлдори ҳар ду палата қайд гардида, он аз ҷониби Раиси палатаи болоӣ барои имзо ва интишор ба Президенти ҶТ фиристода шуда, дар ин хусус ба Маҷлиси намояндагон хабар дода мешавад.

**Дар айни замон, мо ба гуногуннавъии қонунҳои конститутсионӣ тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро алоқаманд мешуморем.** Ин навъи қонуни конститутсионӣ дар моддаи 61-и Конститутсия муқаррар шудааст. Ин қонуни конститутсионӣ дорои қувваи махсуси ҳуқуқӣ буда, он дар асоси муқарраროти муайяншудаи қонуни конститутсионӣ ҳамчунин дар рафти раванди қонунгузорӣ қабул карда мешавад.

Кодексҳо. Дар адабиёти ҳуқуқӣ кодекс (аз калимаи лот. ***codex***) ҳамчун санади ба низом даровардашудаи қонунгузорӣ муайян карда мешавад, ки он фарогири меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқ мебошад[398]. Дар ин маврид М.Н. Марченко чунин қайд менамояд: “кодекс маҷмӯи санадест, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ягона ва ҳамнавъи ҷамъиятиро ба танзим медарорад, фаҳмида мешавад”. Андешаи олимон В.М. Сирих ва Т.Н. Рахманина дигаргуна ба назар расида, ба фикри онҳо кодекс шакли анъанавии санади кодификатсияшуда мебошад. Онҳо чунин қайд менамоянд: “Кодекс маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки тавассути онҳо муносибатҳои ягона ва ҳамнавъи ҷамъиятӣ ба низом дароварда ва танзим мешаванд”. Меъёрҳои кодекс, чун қоида, “муносибатҳои дахлдорро ба таври комил танзим мекунанд ва ба санадҳои мушаххаскунандаи ин меъёрҳо ниёз надоранд”[399].

Кодексҳо моҳиятан гуногуннавъии санадҳои меъёри ҳуқуқиро ифода менамоянд. Онҳо дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

---

398 Румянцев О.Г., Додонов В.Н. Юридический энциклопедический словарь. М.: ИНФРА-М, 1997. - 133 с.
399 Общая теория права. Учебник / Под общ ред. Пиголкина А.С. - 2 е изд. - М. МГТУ, 1996. – С. - 233.

Бо назардшти он, ки кодексҳо дар раванди қонунгузорӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, А. Имомов бар он андеша аст, ки "дар фарқият аз қонунҳои конститутсионӣ ҷойгоҳи кодексҳо дар низоми қонунгузории конститутсионӣ муайян карда нашудааст"[400]. Ин андеша боиси дастгирист, чунки раванди қонунгузории қабули кодексҳо аз раванди қонунгузории қабули қонунҳои муқаррарӣ фарқе надорад ва дар Конститутсия барои кодексҳо қисмати алоҳида бахшида нашудааст. Конститутсия тартиби раванди қабули онро пешбинӣ ва муносибати онро бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ муайян накардааст. Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор кодексҳо (андоз, ҷиноятӣ, гражданӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мурофиавии иқтисодӣ, гумрук ва ғ.) қабул кардааст.

Шакли маъмултарини қонунҳо ин қонунҳои муқаррарӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 60-и Конститутсия қонунҳоро Маҷлиси намояндагон дар рафти раванди қонунгузорӣ қабул мекунад. Конститутсия қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба салоҳияти ин палата гузоштааст, вазифаи Маҷлиси миллӣ, баррасии қонунҳои қабулкардаи Маҷлиси намояндагон, ҷонибдор ё баргардонидани онҳо мебошад.

Таҷрибаи муосири раванди қонунгузорӣ тавре ташаккул меёбад, ки ҷузъи асосии қонунгузорӣ дар асоси коргузории Маҷлиси намояндагон амалӣ шуда, он мутаносибан баррасии ибтидоии лоиҳаи қонун ва қабули қарори қонун оид ба он, дар айни замон иштирокро дар раванди қонунгузорӣ ва дар Маҷлиси миллӣ таъмин менамояд. Қонунҳо асоси низоми қонунгузориро ташкил медиҳанд. Қонун ифодаи моҳияти низоми қонунгузорӣ буда, он бо пай дар пайи худ фарқ менамояд ва маркази ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Маҷлиси намояндагон мебошад.

Масъалаи муҳими марҳилаи раванди қонунгузорӣ ин қабули навъҳои гуногуни қонунҳо мебошад. Дар раванди қонунгузорӣ баррасии зинаи ибтидоии лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон бар асоси таҷрибаи мавҷудаи парлумонӣ сурат мегирад. Мутобиқи он дар парлумони дупалатагӣ

[400] Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. – С. - 133.

бори асосии баррасии лоиҳаи қонунҳо ба дӯши палата гузошта мешавад, ки он тавассути интихоботи мустақим ташкил ёфта, бевосита тамоми шаҳрвандони кишварро намояндагӣ мекунад. Субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонун ва маводҳои зарурии омодашударо ба Маҷлиси намояндагон барои ба миён омадани раванди қонунгузорӣ пешниҳод мекунад. Лоиҳаи пешниҳодшуда бояд ба талаботи боби 10-и Дастури Маҷлиси намояндагон барои пешакӣ баррасӣ кардан мутобиқат намояд. Вакилон лоиҳаи қонуни ба муҳокимаи кумита ва комиссияҳои палата пешниҳодшуда, ки баъдан онро қабул мекунанд баррасӣ менамоянд. Барои татбиқи ҳамаҷонибаи ин раванди қонунгузорӣ вакилон аз мазмуну мӯҳтавои лоиҳаи қонуни ба муҳокимаи палата пешниҳодшуда пешакӣ хабардоранд. Саволе ба миён меояд. Чӣ гуна?

Чунки дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доир ба пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон қабул карда мешавад. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки бо баъзе аз лоиҳаи қонунҳо вакилон пешакӣ огоҳ ҳастанд. Барои пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон Ҳукумат маводҳои баррасишавандаро омода менамояд. Маводҳои баррасишавандаро аз рӯйи мазмуну мӯҳтаво ба асосӣ (мавод барои ҳамаи навъҳои лоиҳаи қонунҳо) ва иловагӣ (мавод барои навъҳои муайяни лоиҳаи қонунҳо) замима карда мешавад тақсим метавон кард. Масалан, барои қабули қонунҳо дар раванди қонунгузорӣ, ки хароҷот аз ҳисоби буҷети давлатиро пешбинӣ мекунанд, хулосаи Вазорати молия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман бояд мавҷуд бошад.

Дар раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон таъсис додани кумитаи масъул ва кумитаҳои ҳамкор, инчунин аз як кумита ба ихтиёри кумитаи дигар ирсол намудани лоиҳаи қонун роҳи таъсиррасонии самарабахши сиёсӣ мебошад.

Дар ин раванди қонунгузорӣ кумитаи масъул корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, ба таври мустақилона тартиби тайёр кардан ва мӯҳлати пешниҳод намудани хулоса, баррасӣ, таклифу эродҳоро ба лоиҳаи қонун муайян мекунад.

Дар баробари ин, дар раванди қонунгузорӣ, то қабули лоиҳаи қонун дар қироати аввал аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳуқуқ дода мешавад, ки бо пешниҳоди кумита матни қонунро тағйир диҳад ва ё дар асоси аризаи хаттӣ лоиҳаи қонунро бозпас гирад. Мо чунин мешуморем, ки дар амалияи коргузории раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон кумитаи масъул барои дар мӯҳлати муайян таҳия намудани лоиҳаи қонунҳо барои муҳокима дар қироати якум аз тамоми имкониятҳо бархурдор мебошад.

Ҳамин тавр, дар раванди қонунгузорӣ тақдири лоиҳаи қонун ба фаъолияти кумитаи масъул алоқамандии бевосита дорад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон дар раванди қонунгузорӣ аз рӯи масъалаҳое, ки ба салоҳияти онҳо тааллуқ доранд, омодагӣ ва баррасии пешакии лоиҳаи қонунҳоро ба итмом расонида фаъолияти пурсамарро анҷом медиҳанд, муҳокимаҳои парлумониро дар палатаҳо ташкил мекунанд, масъалаҳои ташкили фаъолияти онҳоро ҳал мекунанд, дар ин раванди қонунгузорӣ гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешавад. Кумитаи масъул метавонад лоиҳаи қонунҳоро барои додани хулоса, эродҳо ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақомоти дигар фиристад. Хулоса, эродҳои пешниҳодшудаи вакилони Маҷлиси намояндагон ва дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бояд дар маҷлиси кумитаи масъул баррасӣ карда шаванд.

Дар баланд бардоштани сифати кори раванди қонунгузории парлумон кумитаҳои палатаҳо нақши калон мебозанд. Ҳамчунин гурӯҳҳои хурд, кумитаҳо аксаран метавонанд ба мисли як бахши муассир барои баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, гурӯҳҳои манфиатдор, амал кунанд. Ин маънои онро дорад, ки кори кумитаҳо то андозае хусусияти ошкорбаёнӣ дорад (чӣ бо роҳи гузаронидани маҷлисҳои дарҳои кушод ва ё чӣ бо интишори нашрияҳо ва ҳисоботи худ).

Дар раванди қонунгузорӣ кори кумитаҳои палатаҳои парлумон бо роҳҳои гуногун инъикос меёбад. Маҷлиси Олӣ бояд аз механизмҳои гуногун истифода кунад, то ба шаҳрвандон ва гурӯҳҳои манфиатдор имкон фароҳам

орад, ки онҳо дархостҳои худро ба парлумон дар ҷаласаҳои палатаҳо ё ҷаласаҳои кумитаҳо ва ё тавассути телефонҳои боварӣ баён кунанд. Боиси хушнудист, ки вакилони Маҷлиси намояндагон барои вохӯрӣ бо интихобкунандагон ба ҳавзаҳои интихоботӣ ташриф меоранд. Аммо ин иқдомро басанда наметавон ҳисобид.

Дар раванди қонунгузорӣ қабули муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо дар кумитаҳо ба таври ошкоро сурат мегирад, дар ин маврид намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки лоиҳаи қонунро пешниҳод кардааст даъват гардида, мазмуни он дар дар васоити ахбори омма нашр мешавад. Ҳар як вакили Маҷлиси намояндагон, аъзои Маҷлиси миллӣ, Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин намояндагони мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо, лоиҳаи қонуне, ки барои пешниҳод ва эродҳо ба Маҷлиси намояндагон фиристода шудааст, ҳуқуқ дорад дар ҷаласаҳо, кумитаҳои масъул ҳангоми баррасии лоиҳаи қонун иштирок намоянд.

Ин давраи раванди қонунгузориро васеъ мекунад, зеро иштироккунандагон дар муҳокимаи лоиҳаи қонун бо тайёрии хуб ҳозир мешаванд. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки ҳангоми қабули лоиҳаи қонун дар қироати якум дар Маҷлиси намояндагон субъектҳо метавонанд (ё имконият доранд) фикри худро баён кунанд, эрод ва пешниҳодҳои худро ироа намоянд.

Дар раванди қонунгузорӣ кумита барои такмили лоиҳаи қонун аз ҳисоби аъзои кумита, инчунин дигар вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони субъекти дахлдори ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, экспертҳо ва мутахассисон ҳайати корӣ ташкил менамояд.

Яке аз муҳиммияти раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон дар он аст, ки бо қарори кумитаи дахлдор лоиҳаи қонун барои гирифтани хулосаву таклиф ва эродҳо, инчунин барои экспертизаи илмӣ ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳои илмӣ фиристода мешавад. Бояд қайд кард, ки лоиҳаи қонун ва маводи ба он замимашавандаро фраксияҳо ва гурӯҳҳои вакилӣ низ баррасӣ менамоянд.

Дар раванди қонунгузорӣ такмили лоиҳаи қонун дар кумитаи масъул бо додани хулосаи асоснок оид ба зарурати қабул ё баргардонидани он анҷом дода мешавад. Ҳангоми қироати якуми лоиҳаи қонун[401] диққати асосӣ ба муҳокимаи муқаррароти асосии он, консепсияи лоиҳаи қонун, баҳодиҳии мутобиқати муқаррароти асосии лоиҳа ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи зарурати қабули он, муҳиммият ва аҳаммияти амалии он нигаронида мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ муҳокима бо маърузаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки лоиҳаи қонунро ба миён гузоштааст, оғоз гардида, баъдан гузориши муштараки кумитаи масъул шунида шуда, дар заминаи он мубоҳиса сурат мегирад. Дар охир аз рӯйи лоиҳаи қонун бо дарназардошти ҳамаи эродҳо ва таклифҳои баёншуда қарор қабул мешавад.

Аз амалияи ин раванди қонунгузорӣ роҳҳои зерини баррасии он ба миён меояд: лоиҳаи қонунро дар қироати якум қабул намуда, бо дарназардошти таклифу мулоҳизаҳои баёншуда фаъолияти худро идома медиҳад, қонунҳоро бармегардонад, қабули қонунҳоро ба роҳ мемонад. Дар сурати баргардонидани лоиҳаи қонун он дигарбора баррасӣ карда намешавад ва он ба субъекти ташаббуси қонунгузор баргардонида мешавад. Дар Дастури Маҷлиси намояндагон пешниҳоди лоиҳаи қонуни алтернативӣ пешбинӣ шуда, ин тарҳ ба таври умумӣ баррасӣ мешавад. Пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо роҳи маъмул ва таъсиргузори сиёсӣ ба раванди қонунгузорӣ мебошад ва лоиҳаи алтернативии қонунҳо барои расидан ба чунин ҳадафҳо, аз қабили ҳавасмандгардонӣ, суръат бахшидан ё ба даст овардани ташаббус дар баррасии масъалаҳои алоҳидаи танзими раванди қонунгузорӣ, монеъ шудан ва ё ба таври назаррас боздоштани равандҳои баррасии лоиҳаи қонунҳо; воридсозии минбаъдаи ҳатмии муқаррароти муайяни қонунгузорӣ ва меъёрҳо дар қироати якум роҳандозӣ карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни алтернативӣ ба чунин хулосае оварда мерасонад, ки расман аз баррасии лоиҳаи қонуни алтернативӣ даст кашида мешавад ва ё ин ки қарор дар бораи бекор кардани қабули ин қонун қабул мешавад ва ё ин ки

---

[401] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. – С. - 336.

кафолат дода мешавад, ки ба қироати дуюм гузоштани қабули ин қонун таклифҳо пешниҳодҳо иброз мегардад.

Агар дар раванди қонунгузорӣ лоиҳаи қонуни алтернативӣ пас аз қабули лоиҳаи қонун оид ба ҳамин масъала дар қироати якум ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуда бошанд, он наметавонад боиси баррасӣ қарор дода шавад ва он ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ баргардонида мешавад. Чунки доир ба ҳамин масъала аллакай даврахои раванди қонунгузорӣ доир ба лоиҳаи қонун дар баррасии Маҷлиси намояндагон қарор дорад.

Ҳамин тариқ. бо вуҷуди мавҷуд будани раванди қонунгузорӣ ва расмиёти қонунқабулкунӣ, ҳар як парлумон дар мавриди баррасии лоиҳаи қонун бо қоидаҳо ва раванди хос фарқ мекунад. Ин қоидаҳо ва тартибот аксаран барои муваффақияти раванди қонунгузорӣ воқеан муҳим мебошанд.

Дар таҷрибаи раванди қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳо дар якчанд қироат, аз ҷумла ду, се қироат баррасӣ мешаванд. Масалан, дар Думаи давлатӣ лоиҳаи қонун дар се хониш баррасӣ мешавад[402]. Бояд қайд намуд, ки дар қироатҳои баррасии лоиҳаи қонунҳо, пеш аз ҳама, ба муҳокимаи муқаррароти асосии лоиҳаи қонун диққати махсус дода шуда, масъалаи зарурати қабули он, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он баррасӣ карда мешавад[403]. Вазифаи омодасозии он ба қироати аввал ин қабул ё рад кардани консепсияи лоиҳаи қонун аз ҷониби палата мебошад. Ҳар як қироати лоиҳаи қонун хусусияти худро дорад. Моҳиятан қироати дуюм ин овоздиҳии ниҳоӣ оид ба қабули қонун дар маҷмуъ мебошад.

Дар Дастури Маҷлиси намояндагон муқаррар шудааст, ки дар қироати дуюми лоиҳаи қонун ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ба муҳокимаи дубораи он иҷозат дода намешавад. Таклифҳое, ки дар қироати дуюм пешниҳод шудаанд, танҳо ба бартараф намудани ихтилофҳое, ки ҳангоми баррасии лоиҳа дар қироати якум ба миён омадаанд, ба ислоҳи хатогиҳо, чоп кардан ва ё танҳо ба такмили моддаҳое, ки ба қонунгузории амалкунанда

---

402 Абросимова Е.Б. (Коллектив авторов). Комментарий к Конституции Российской Федерации. - 2002. М.: Юрайт-М. Новая правовая культура. – С. - 700.
403 Абросимова Е.Б. Асари ишорашуда. – С. - 733.

мухолифанд, равона карда мешаванд. Дар бораи ин пешниҳодҳо баҳсу мунозира ба назар намерасад. Мутобиқи қисми 1, моддаи 60-и Конститутсия, қонунҳоро Маҷлиси намояндагон бо аксарияти овозҳои шумораи умумии вакилони палата қабул мекунад. Аммо новобаста аз оне, ки парлумон дар ду қироат қонунро қабул мекунад, он як давраи раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар раванди қонунгузорӣ таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ба шакли маъмули овоздиҳии қабули қонун дар парлумон аҳаммияти хосса додаанд. Тавре Т.Я. Хабриева қайд менамояд, шакли маъмули овоздиҳӣ ҳангоми тасвиби лоиҳаи қонун дар аксари парлумонҳои ҷаҳон мебошад. Аз таҷрибаи парлумонӣ дар ҷаҳон бармеояд, ки таҳти мафҳуми шумораи умумии вакилон одатан шумораи вакилон ба парлумони интихобшударо мефаҳманд.

Ин таърифро дар овоздиҳии қабули қонун дар Маҷлиси намояндагон чунин шарҳ медиҳем. Зери мафҳуми шумораи умумӣ бояд шумораи умумии ҳайати Маҷлиси намояндагон фаҳмида шавад, ки тибқи моддаи 2-и Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” он аз 63 вакил иборат аст[404]. Аксарияти овозҳоро аз шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон 32 овоз ташкил медиҳад. Конститутсия тавассути муқаррар намудани қабули пай дар пайи қонун аз ҷониби як палата ва баъдан ҷонибдорӣ шудани он, бо ин васила мақоми баробари ҳуқуқии онҳоро дар амалӣ намудани ваколатҳои қонунгузор, ягонагии парлумон, инчунин манфиатҳои тамоми халқи Тоҷикистонро таъмин менамояд. Мутобиқи моддаи 60-и Конститутсия дар Маҷлиси миллӣ қонунҳои қабулкардаи Маҷлиси намояндагон, ба истиснои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Авф” ва “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба таври ҳатмӣ баррасӣ мешаванд. Маҷлиси миллӣ ба мисли палатаҳои болоии парлумони давлатҳои хориҷӣ дар баррасии масъалаҳои молиявӣ ва авф маҳдудият дорад.

---

[404] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19.04.2000 с. М. **2.** // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.).

Раванди қонунгузорӣ бо қабул намудани қонун дар Маҷлиси намояндагон ба итмом намерасад. Раванди қонунгузорӣ пас аз қабули қонун дар палатаи поёнӣ, дар Маҷлиси миллӣ идома меёбад.

Раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси миллӣ бо тамоми тартиботи муақкараршудаи қонунгузорӣ оғоз мегардад. Яъне қонуне, ки Маҷлиси намояндагон қабул кардааст дар муддати 15 рӯз ба баррасӣ ва ҷонибдории Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешавад. Дар баробари матни қонун ба Маҷлиси миллӣ ҳуҷҷатҳои замимавӣ низ фиристода мешаванд, ки ба онҳо пайнавишти ҷаласаи Маҷлиси намояндагон ва маводҳое, ки ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон ироа шудаанд, ворид мешаванд. Маводҳои тасдиққунанда бояд ба ҳамаи лоиҳаи қонунҳо замима карда шаванд. Маводҳои асосӣ иборатанд: аз тавзеҳот; номгӯйи қонунҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бояд аз эътибор соқит дониста шаванд, боздошта шаванд, тағйиру иловаҳо вобаста ба қабули ҳамин қонун, асосноккунии иқтисодии онҳо; мактуб оид ба ворид намудани лоиҳаи қонун.

Теъдоди ҳуҷҷатҳои иловагии тасдиққунанда аз мазмуни лоиҳаи қонун вобаста аст. Масалан, ба лоиҳаи қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасиҳои расмии Ҳукумат ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба лоиҳаи қонунҳо дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ, хулосаи Вазорати корҳои хориҷӣ ба Ҳукумат пешниҳод мешавад, ки онро вакилон ҳангоми овоздиҳӣ ба назар мегиранд.

Дар раванди қонунгузории Маҷлиси миллӣ нақши муҳим ба зиммаи кумитаи палата, ки Раиси Маҷлиси миллӣ барои баррасии қонун муайян мекунад, гузошта мешавад. Ин як раванди қонунгузории анъанавии қабули қонун дар парлумони дупалатагӣ аст.

Таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо ба палатаи болоӣ танҳо лоиҳаи қонунҳо фиристода мешаванд, дар

ҳолатҳои дигар бошад худи қонунҳои қабулшуда[405]. Он бо тарзҳои гуногун ифода гардида, маънои умумӣ дорад, яъне қонуне, ки дар палатаи поёнӣ қабул шудааст, ҳатман барои баррасӣ ва ҷонибдорӣ ба палатаи болоии парлумон фиристода мешавад.

Доир ба ин гуфтаҳо мисоле аз раванди қонунгузории кишварҳои хориҷӣ меорем. Лоиҳаи қонунҳое, ки Палатаи намояндагони парлумони Беларус қабул кардааст, барои баррасӣ ва ҷонибдорӣ ба палатаи болои пешниҳод мегардад[406]. Қонунҳои иттифоқӣ аз ҷониби Бундестаг қабул карда шуда бояд бе таъхир ба Бундесрат пешниҳод карда шаванд[407].

Дар як қатор мамлакатҳои парлумони дупалата раванди ибтидоии қонунгузорӣ метавонад дар яке аз палатаҳо баргузор гардад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки раванди ибтидоии қонунгузорӣ на танҳо дар палатаи поёнии парлумон, балки дар палатаи болоии парлумон низ метавонад оғоз гардад. Ба таври мисол Италия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро метавон гуфт. Субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ метавонанд лоиҳаи қонунро ба палатаи болоӣ ва ё поёнӣ пешниҳод намоянд дар ин ҷода фарқият гузошта намешавад. Доир ба ин масъала палатаҳои парлумон баробарҳуқуқанд.

Аммо дар раванди қонунгузорӣ хусусияти хос мавҷуд аст. Қонун дар ҳар ду палата дар як матн қабул мешавад. Палатаи болоӣ наметавонад ин фаъолиятро бе ҷонибдории палатаи поёнӣ анҷом диҳад. Аз ин мебарояд, ки ҳар ду палатаи парлумон дар самти қонун қабулкунӣ дар ҳамбастагӣ фаъолият мекунанд.

Дар раванди қонунгузорӣ мутобиқи муқаррароти моддаи 51 Дастури Маҷлиси миллӣ доир ба ҷонибдории қабули қонун яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

1) қонуни қабулшудаи Маҷлиси намояндагон аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ меёбад;

---

[405] Булаков О.Н. Двухпалатный парламент РФ. СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003. – С. 152.
[406] Булаков О.Н. Асари ишорашуда. – С. - 100.
[407] Қонуни Асосии Ҷумҳурии Федеролии Олмон. 1949. М. 71 (1).

2) қонун пас аз баррасии ҳамаҷониба дар Маҷлиси миллӣ бо аксарияти овозҳои шумораи умумии аъзои палата ҷонибдорӣ мешавад. Аммо ҳолатҳое, низ мавҷуданд, ки қонун аз тарафи Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ нашуда баргардонида мешавад ва ин яке аз давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар раванди қонунгузорӣ дар давраҳои баррасии қонун дар кумитаҳо, Маҷлиси миллӣ ҳуқуқи тағйиру илова ворид намудани қонунро надорад. Аз рӯйи баъзе таҳлилҳо аксаран нақши палатаи болоӣ дар амалисозии ваколатҳо ба мафҳуми "Маҷлиси намояндагон қонунҳоро қабул ва Маҷлиси миллӣ онро ҷонибдорӣ мекунад" маҳдуд карда мешавад. Аммо боиси қайд аст, ки Маҷлиси миллӣ дар чанд давраҳои раванди қонунгузорӣ иштирок мекунад ва воқеан, иштироки Маҷлиси миллӣ дар раванди қонунгузорӣ назаррас аст.

Иштироки Маҷлиси миллӣ дар раванди қонунгузорӣ дар доираи ҳуқуқҳои он амалӣ гардида, қисми зиёди ин равандро меъёрҳои Дастур мустақилона танзим мекунад. Ба андешаи мо ин давра ба давраҳои раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон шабоҳат дошта, дар ҳар ду ҳолат мақсад иборат аст аз қабул ва ҷонибдории қонун аз тарафи парлумон мебошад.

Дар раванди қонунгузории муосир яке аз масъалаҳои муҳим устуворӣ, бардавомӣ ва тағйирнопазирии принсипҳои раванди қонунгузории қабули қонун мебошад.

Раванди қонунгузорӣ на танҳо қабули лоиҳаи қонунҳои навро дар бар мегирад, балки раванди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаро низ фаро мегирад. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонун раванди мураккаб аст.

Ин раванди қонунгузорӣ назар ба рафти қабули лоиҳаи қонунҳои нав мураккабтар аст. Тағйиру иловаҳо ба ин санадҳо ҳамон тавре, ки ин санадҳо қабул шудаанд, ворид карда мешаванд. Мақсад аз гуфтаҳо дар он аст, ки қонун бояд мукаммал қабул шуда устувори ва зуд-зуд тағйир наёфтани меъёрҳои он дар назар дошта шавад. Аммо дар ҳолатҳои истисноӣ барои

ворид намудани тағйиру иловаҳои алоҳида зарурати таъхирнопазир ба миён меояд, ки ворид намудани тағйиру илова ба талаботи рӯзмарра мувофиқ мебошад. Масалан, ба андешаи И.И. Камолов Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифтааст ва беш аз 10 тағйироту илова ба он ворид карда шудааст. Аммо ин тағйирот ба меъёрҳое дахл дорад, ки дар амалия мавриди татбиқ қарор нагирифтаанд[408].

Боиси қайд аст, ки бештар вақт тағйиру иловаҳо бо сабаби риоя накардани техникаи қонунгузорӣ ба миён меояд. Қабули қонун маънои онро надорад, ки вакил танҳо бояд "ҳа" ва ё "не" овоз диҳанд. Қабули қонун набояд танҳо иродаи вакилон дар шакли овоздиҳии "ҳа" ва ё "не" ифода гардад. Қабули қонун бодиққат омӯхтан, баррасӣ, таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи қонунро давра ба давраро талаб мекунад ва дар ин раванд, пеш аз ҳама, ба техникаи қонунгузорӣ риоя бояд кард. Дар замони имрӯза талаботи ҷомеаи муосир ин такмили техникаи қонунгузорӣ мебошад ва бояд ба он аҳамияти ҷиддӣ дод[409].

Усули раванди қонунгузорӣ меъёри асосии сифат ва самарабахшии қонун мебошад. Ин нукта дар гуфтаҳои олимон М.З. Раҳимов ва А.Р. Нематов чунин қайд гардидааст: "агар дар рафти раванди қонунгузорӣ қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқи талаботи техникаи қонунгузорӣ таҳия, нашр ва мавриди амал қарор дода шаванд, дар ин ҳолат иҷрои қонун бо сифати баланд ба роҳ монда мешавад"[410].

Аммо дар раванди қонунгузорӣ техникаи қонунгузории қабули қонуни конститутсионӣ, қонун ва кодексҳо дар шакли мукаммал, инчунин техникаи раванди қонунгузории тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқиро бояд фарқ кард. Ба ин масъала дар яке аз паёмҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки "ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун бояд ба техникаи қонунгузорӣ диққати махсус дода шавад, яъне дар маҷмуъ он сифати баланди қонунро инъикос менамояд" ва дар ин замина он тағйироте,

---

[408] Имомов А. Укрепление государственности в создании гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. – С. - 194.
[409] Имомов А. Асари ишорашуда. - 2003. – С. - 194.
[410] Раҳимов М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. "Шуҷоиён" - Душанбе. 2011. – С. - 13.

ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - Қонун ворид карда мешаванд, бояд асоснок бошанд.

Аз тарафи олими тоҷик А. Имомов ба суханони аз ҷониби Президент, ки дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зикр шудааст, оид ба камбудиҳо, дар бораи ихтилофи меъёрҳои қонунҳои қабулшуда, номутобиқатӣ дар сохтори онҳо, танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки такмилталаб боқӣ мемонад, саривақти диққат дода шуда[411], қайд шудааст, ки бешубҳа, эродҳо барои такмили минбаъдаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар асоси ин андешарониҳо метавон қайд намуд, ки барои таҳия ва такмили раванди қонунгузорӣ омӯзиши амалияи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ зарур аст. Ба андешаи олимони тоҷик А.Ғ. Холиқзода ва Ҷ.М. Зоир, ташаккули босуръати раванди қонунгузорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ маънои онро дорад, ки қабули қонунҳои асосии дорои хусусияти инфиродиву оммавӣ ва мурофиавии моддӣ, инчунин як қатор қонунҳои дигари муҳим, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи муносибатҳои молиявию қарзӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ба танзим медароранд, анҷом пазируфта, ин омил аз пурзӯр шудани фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад[412].

Дар давоми зиёда аз 29 соли амалкарди Конститутсияи нав асосҳои нави раванди қонунгузории муосир ба вуҷуд омаданд, ки онҳо ба танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд[413]. Бо дарназардошти ин, муҳаққиқон А.Ғ. Холиқзода ва Ҷ.М. Зоир қайд мекунанд, ки дигар барои қонунгузорон зарурати суръат бахшидани фаъолияти қонунэҷодкунӣ намондааст.

Ҳамзамон муҳаққиқон қайд менамоянд[414], ки "барои ба тартиб даровардани муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба Конститутсияи соли 1994 қабулшуда солҳои аввали истиқлолият зарурати бетаъхир такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ ба миён омад, ки дар

---

[411] Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права РТ. - Душанбе. "Сифат – Офсет", 2020. - 102 с.
[412] Холикзода А.Г., Маджидзода ДЖ.З., Одиназода Р.С. «Права человека и конституционное правовое развитие Таджикистана» Душанбе, 2019. – С. - 284.
[413] Холикзода А.Г., Маджидзода ДЖ.З., Одиназода Р.С. - Асари ишорашуда. – С. - 284.
[414] Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. - Асари ишорашуда. – С. -284.

ин асос як қатор қонунҳои батанзимдароранда қабул карда шуданд”[415]. Мо низ андешаи муҳаққиқони тоҷикро тарафдорӣ менамоем. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намоем, ки доираи масъалаҳои танзимкунандаи қонун хеле васеъ мебошад.

Аз ин рӯ, зарурати воқеии навсозӣ ва такмил додани раванди қонунгузории ҷорӣ ба миён омадааст. Қонунҳои нав ба шароити нави иқтисодӣ ва меъёрҳои қонуният бояд мувофиқ бошанд. Дар назди қонунгузор вазифа гузошта шудааст, ки сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқиро баланд бардоранд ва шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии бесамарро ба ҳадди ақал кам кунад, албатта на бо он суръате, ки дар таи 20 соли охир қонунҳо қабул шудаанд.

Аммо вақти он расид, ки дар бахши сохтмони манзил, пешбурди барномаҳои иҷтимоии дастгирии нафақахӯрон, маъюбон, аҳолии камбизоат, барои нигоҳ доштан ва зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, дар бораи нафақа ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайра бояд қонунҳои мукаммал қабул карда шаванд. Барои қабули қонунҳои муҳим дар бораи мақомоти давлатӣ, дар бораи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра аллакай замина гузошта шудааст. Акнун вакилон бояд қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо оид ба тафсири Конститутсия, тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои муқаррарӣ қабул кунанд. Ҳамзамон, дар бораи қонунҳои қабулшуда тавзеҳот бояд дода шавад. Дар таҳияи қонунгузорӣ камбудиҳои мавҷуда, ихтилофҳоро дар санадҳои мансуб ба қонунгузорӣ бартараф бояд кард.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо мо пешниҳод менамоем, ки қонунҳои нави мукаммал ва такмилёфта қабул карда шаванд ва дар навбати худ қонунҳои амалкунанда такмил дода шаванд. Дар баробари ин, барои муназзамии қонунгузории Маҷлиси Олӣ мо роҳандозии чанд пешниҳодро зарур меҳисобем:

Аввало, рушди падидае, ки дар моддаи 57-и Конститутсия дар бораи ба муҳокимаи умумихалқӣ гузоштани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои

[415] Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. - Асари ишорашуда. – С. - 284.

муҳимми давлатию ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дувум, лоиҳаи қонунро баъд аз қироати якум дар Маҷлиси намояндагон ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намудан[416].

Сеюм, қабули қонунҳое, ки ба манфиатҳои миллӣ дахл доранд.

Чорум, қабули қонунҳое, ки ба урфу одатҳои халқи тоҷик мансубанд.

Панҷум, қонунҳо набояд бо услуби мураккаб навишта шаванд, зеро онҳоро доираи васеи одамон истифода мебаранд. Ҳамин тавр, ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун бояд қоидаҳои мантиқӣ, сохторӣ, мурофиавӣ ва ғ. риоя карда шаванд. Ин омил ба мо имкон медиҳад, ки талаботи иҷтимоӣ дар шакли қонун бо забони умумиву фаҳмо инъикос ёбад.

Шашум, дар шароити кунунии кишвар ва ҷаҳонӣ (албатта, бо дарназардошти манфиатҳои давлат, масалан, дар давраи пандемияи соли 2019) ба таври фаврӣ қабул намудани лоиҳаи қонунҳои ҳаётан муҳим.

Ҳафтум, баланд бардоштани дараҷаи шуури ҳуқуқии аҳолӣ.

Албатта, ҳама раванди қонунгузориро ба таври пешакӣ пешгуӣ наметавон кард, вале танзими низоми қонунгузорӣ вобаста ба ҳолатҳои муайян муҳим арзёбӣ мегардад. Фаъолияти қонунгузорӣ, хусусияти эҷодкорӣ дошта, он ҳамчун фаъолияти нисбии иҷтимоӣ дар танзими тағйиротҳои дар ҷомеа ба амаломада нақшгузор бояд бошад. Ҳама лоиҳаи қонунҳое, ки дар раванди қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд (ба истиснои лоиҳаи қонунҳои дорои сирри давлатӣ) бояд дар сайти парлумон ҷой дода шаванд.

Ҳамзамон, парлумон бояд раванди қонунгузории лоиҳаи қонунҳоро тавассути телевизион, радио ва дигар воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои интернети дастраси мардум намояд ва дар мавриди зарурӣ оид ба ин раванд тавзеҳот диҳанд. Ҷомеа бояд аз давраҳои раванди қонунгузорӣ дар парлумон огоҳ бошад.

Саволе ба миён меояд, ки чаро аҳли ҷомеа аз давраҳои баррасии лоиҳаи қонун бояд огоҳ карда шаванд?

---

[416] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010 с. – С. - 347.

Ин савол ҷавоби мукаммал мехоҳад, зеро ки ин қонунҳо бевосита ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд. Онҳо ба таври воқеӣ метавонанд зиндагии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро беҳтар созанд. Масалан, қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" - ро ҳамасола тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус табақаи ниёзманди аҳолии Тоҷикистон, аз ҷумла нафақахӯрон, маъюбон, камбизоатон, омузгорон ва дигарон, ки қонуни қабулшуда сатҳи зиндагии онҳоро беҳтар менамояд ва ин комилан ба тақдири инсон вобаста аст, мунтазир мебошанд. Ҳамчунин аксари шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар мавриди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Авф" чунин маълумотро интизоранд. Зеро хешу табор, махсусан падарону модарони маҳкумшудагон қабул, имзо ва ба қувваи амал даромадани ин қонунро бесаброна интизоранд.

Дар ин маврид ба суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомали Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ ба муносибати 20-умин солгарди қабули Конститутсия гуфта шуд, такя намудан бамаврид мебошад: "Воқеияти ҳаёт чунин аст, ки рушди минбаъдаи кишвар ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд, таъмини шароит барои ташаккули гуногунандешӣ ва бисёрҳизбӣ, такмили салоҳияти мақомоти давлатӣ ва фаъолнокии сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон аз мақомоти қонунгузор вобастагии амиқ дорад"[417].

Ҳамин тариқ, аз баррасии асосҳои назариявии раванди қонунгузорӣ метавон чунин хулосабарорӣ кард: Қонун ҳамчун санадҳои аввалия амал мекунад, ки меъёрҳои онҳо дар заминаи санадҳои дигар мукаммал мегардад. Маҳз Қонун меҳвари сохтории қонунгузориро ташкил намуда, ҳампайвандиро дар низоми қонунгузорӣ ба миён меоранд[418]. Бо дарназардошти ин метавон гуфт, ки қонун воситаи асосии ҳуқуқӣ буда, метавонад вазъи иҷтимоиро ба куллӣ тағйир диҳад.

---

417 Суханронии Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон бахшида ба 20 солагии қабули Конститутсияи ҶТ. // Ахбори Суди конститутсионии ҶТ. (№3), 2014. – С. - 108.

418 Научные основы советского правотворчества. Отв. ред. Р.О. Халфина. - М.: Наука, 1981. – С. - 157.

Ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақсади асосии раванди қонунгузорӣ қабули қонунҳое мебошад, ки манфиатҳои муҳимтарини ҷомеаро ифода намуда, талаботи асосии онро таъмин намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар асоси муқаррароти конститутсионӣ танзим кунанд. Дар асоси ин гуфтаҳо мо чунин мешуморем, ки Маҷлиси Олӣ ҳалли масъалаҳои дар салоҳияташ бударо, ба воситаи ворид намудани тағйиру илова, қабул ва ҷонибдории қонунҳоро мутобиқи раванди қонунгузории конститутсионӣ бо риояи меъёрҳои мурофиавӣ он шаклҳое, ки қонуният ва ошкорбаёнии парлумонро кафолат медиҳанд, ба амал мебарорад. Ба таври хулоса метавон қайд намуд, ки ҳар як мамлакат тартиби ба худ хос ва махсуси қабули қонун дар парлумон, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунро дорад, аммо ҳамаи қонунҳои қабулшуда, тибқи қоидаҳои маъмул, давраҳои раванди қонунгузориро, аз лаҳзаи ба мақомоти олии намояндагӣ ворид шудани лоиҳаи қонун, муҳокима, қабул ва ҷонибдории он то ба интишори қонуни қабулшуда ба охир мерасад, бо риояи меъёрҳои муқарраргардида дар амал татбиқ менамоянд.

### 3.2. Тафсири расмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар илми ҳуқуқшиносӣ тафсири Конститутсия яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ин масъала бо ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, инкишоф ва фаъолияти он алоқамандӣ дорад. Албатта, дар даврони муосир тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун фишангҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ баромад мекунад, ки он ба ҳифзи манфиатҳои тамоми табақаҳои аҳолӣ равона шуда-аст.

Тафсири меъёрҳои Конститутсия як падидаи мураккаб дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, он барои муайян кардани мафҳуми воқеии муқаррароти ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Мақсад ва моҳияти тафсири Конститутсияро ҳамчун аниқ намудан ва ё шарҳдиҳии мазмуни меъёрии ҳуқуқӣ низ муайян мекунанд.

Аксаран мутахассисони соҳа байни ин мафҳумҳо фарқ мегузоранд. А.Ф. Черданцев, А.И. Денисов, С.А. Голунский, М.С. Строгович зери мафҳуми

тафсири Конститутсия маънои аниқ намудани меъёр ё санади меъёриро мефаҳманд[419][420][421] ва баръакси ин маънидодкунӣ гурӯҳи дигар онро чун шарҳи маъноии онҳо арзёбӣ менамоянд. Дар ин маврид аниқ намудан ва шарҳ додани мазмуни меъёри Конститутсияро ҳамчун тафсир фаҳмидан ба мақсад мувофиқ аст.

Барои рӯшанӣ андохтан ба ин масъала, пеш аз ҳама, дарки маънои тафсир муҳим мебошад. Аввало, ин раванди тафаккури ботинӣ буда, дар шуури шахсе, ки меъёри ҳуқуқиро баррасӣ мекунад, маънои меъёри ин мафҳумҳоро аниқ ва шарҳ медиҳад, ташаккул меёбад. Баъдан, мафҳуми тафсир берун аз ифодаи мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунад. Маънои меъёри ҳуқуқиро бе аниқ намудан ва маънидодкунии илмӣ, яъне шарҳи мазмуни он, дарк намудан ғайриимкон мебошад.

Мафҳумҳои аниқ намудан ва шарҳ додан фаҳмиши ду ҷиҳати ба ҳамдигар алоқаманд дар раванди қонунгузории тафсир мебошанд. Аз ин рӯ, дар раванди қонунгузорӣ аниқ намудан аз усулҳои гуногуни шинохт ва шарҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ: далел овардан, рад намудан, тасвири воқеият, шарҳ додан ва ғ. истифода менамоянд.

Аниқ намудан ҳамчун унсури раванди тафсир на ҳамеша то зинаи шарҳ додан ташаккул меёбад. Дарки мазмуну моҳияти мафҳумҳои ҳуқуқӣ воқеан раванди мураккаби қонунгузориро фаро мегирад. Дар баробари ин, раванди тафсир дар заминаи шарҳ додан боиси тафсири мукаммали санади ҳуқуқӣ мегардад. Аз ин рӯ, тафсири Конститутсия дар ҳамбастагии аниқ намудан ва шарҳ додан маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Тафсири меъёрҳои Конститутсия ин раванди бозгӯии иродаи воқеии қонунгузор мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ акс ёфта, дар марҳилаи кунунӣ он муҳим арзёбӣ мешавад. Зарурати тафсири меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсия

---

[419] Черданцев А.Ф. Толкование советского права. - М.: "Юридическая литература". 1979. – С. - 6; Пиголкин А.С. Толкование нормативных актов в СССР. - М., 1962. – С. - 8; Александров Н.Г. Применение норм советского социалистического права. Издательство МГУ, 1958. – С. - 25; Недбайло П.Е. Применение советских правовых норм. - М.: "Госюриздат". 1960. – С. - 328; Вопленко Н.Н. Официальное толкование норм права. - М.: "Юридическая литература". 1976. – С. - 5 – 6.

[420] Денисов А.И. Социалистическое право. Издательство МГУ. 1955. – 58 с; Щетинин Б.В. Проблемы теории советского государства и права. - М.: "Юридическая литература". 1969. – С. -33.

[421] Голунский С.А., Строгович М.С. Теория государства и права. - М., 1940. – 240 с; Ткаченко Ю.Г. Толкование юридических норм в СССР. Автореф. канд. дисс. - М., 1950. – С. - 6.

низ аз моҳияти ин мафҳумҳо бармеояд. Меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсия дар ҳамбастагӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Мазмуни аслии меъёри ҳуқуқӣ ба таври мантиқӣ дар вобастагӣ бо меъёрҳои дигар ифода мегардад. Чунин меъёрҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа маҳдуд ё васеъ мебошанд. Зарурати тафсири мафҳумҳои ҳуқуқӣ низ ба хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқ (шакли ҳуқуқии онҳо), тафсири маънои онҳо дар матн, истилоҳоти махсус ва ғ. вобастагӣ дорад.

Дар раванди қонунгузорӣ тафсири Конститутсия маънидодкунии мафҳумҳо ба шакли мураттаб анҷом пазируфта, онҳо ба дарки объективии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Тавре П.Е. Недбайло[422] қайд менамояд, ки дар раванди қонунгузорӣ тафсири Конститутсия, пеш аз ҳама, ба муайян кардани мазмуни ҳуқуқӣ, ошкор намудани иродаи воқеии қонунгузор нигаронида шудааст.

Дар раванди қонунгузорӣ бо тафсири мушаххас номуайянӣ дар фаҳмиши муқаррароти асосӣ бартараф карда мешавад. Мутобиқи талаботи қонуният дар раванди қонунгузории тафсири Конститутсия набояд ба меъёрҳои тафсиршаванда тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Инъикоси тағйироти ҷамъиятӣ дар раванди қонунгузории тафсири меъёри Конститутсия танҳо дар доираи мундариҷаи муайян имконпазир аст.

Муҳаққиқ А.В. Мелехин дар мафҳуми тафсир, аз як тараф, раванди муайяни тафаккурро дар назар дорад, ки ба тавзеҳи аломатҳои муайян нигаронида шудааст, аз тарафи дигар, натиҷаи ин раванд тавассути ифодаи дақиқ сурат мегирад[423].

Аниқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсия на ҳамеша ба таври мукаммал мазмуни онҳоро дар бар мегирад. Дар ин гуна мавридҳо шарҳи махсуси мазмуни онҳо талаб карда мешавад.

Тафсир-шарҳ татбиқи пурра ва дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин намуда, хатогиҳоро дар амалияи раванди қонунгузории татбиқи онҳо ба

---

[422] Недбайло П.Н. Применение советских правовых норм. - М., 1960. -331 с; Алексеев С.С., Общая теория права. - М., 1982. – 297 с; Пиголкин А.С. Толкование норм права и правотворчество: проблемы соотношения. Закон: создание и толкование. // Под ред. д.ю.н., проф. Пиголкина А.С. - М.: «Спарк». 1998. – С. - 66-67.

[423] Мелехин А.В. Теория государства и права. Учебник 2 - издание, переработанное и дополненное. 2009. – С. - 399.

таври амалӣ бартараф менамояд.

Тафсирро метавон аз рӯйи хусусиятҳои гуногун тасниф кард. Тафсир вобаста ба зарурияти ҳуқуқӣ фарқ мекунад:

а) расмӣ (дорои хусусияти амрӣ буда, иҷрои он ҳатмист);

б) ғайрирасмӣ[424] (хусусияти ҳатмии ҳуқуқӣ надорад).

Хусусияти расмӣ ва ғайрирасмии тафсир аз субъекти тафсирдиҳанда вобаста аст. Тафсири расмӣ ин шарҳи маънои аслии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Тафсири расмӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад:

-якум, он шакл ва тартиби махсуси татбиқ дорад;

-дуюм, шаклҳои тафсири расмӣ, чун қоида, санадҳои ҳуқуқӣ бо тамоми маълумоти зарурӣ мебошанд.

Тафсири расмӣ дар навбати худ ба тафсири **меъёрӣ ва казуалӣ** тақсим мешавад. Дар мазмуни онҳо дараҷаи гуногуни васеи таъсиррасонии тафсир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад[425].

Тафсири меъёрӣ ин шарҳ додан мебошад, ки бо мақсади бартараф намудани хатогиҳо дар фаҳмиши санад ва таъмини татбиқи ягонаи он ба роҳ монда мешавад. Тафсири меъёрӣ дорои хусусиятҳои зерин аст:

- аввалан, санадҳои тафсири меъёрӣ ба доираи хеле васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ дахл доранд ва дар ин замина онҳо хусусияти умумӣ пайдо мекунанд;

- дуюм, хусусияти фарққунандаи тафсири санадҳои меъёрӣ шакли махсуси ҳуқуқии онҳо мебошад;

- сеюм, аз ҷумлаи хусусиятҳои муҳими тафсири санадҳо, ки дорои хусусияти меъёрист, ба такмили танзими ҳуқуқӣ ва самаранокӣ равона

---

[424] Таҷрибаи ҳуқуқӣ ҳолатҳои хеле маҳдуди тафсири шифоҳии расмиро дорад. Он дорои хусусиятҳои худ мебошад, масалан, фаҳмонда додани ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокчиёни ҷараёни судӣ аз тарафи суд ҳангоми баррасии парвандаҳои граждонӣ ва ё ҷиноятӣ. Дар баробари ин, чунин амалҳои мурофиавӣ дар санадҳои муайян (имзои шоҳидон, коршиносон ва ғайра) низ мушоҳида мешаванд. Шарҳи расмии шифоҳӣ, ки шахсони мансабдор ҳангоми қабули шаҳрванд оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ (қабули шаҳрвандон аз ҷониби кормандони суд, прокуратура) анҷом медиҳанд, ба ин ҳолатҳо монандӣ дорад. - Вопленко Н.Н. Указ. соч. - М.: «Юридическая литература». 1976. – С. - 11 – 12.

[425] Питерская А.Л. Официальное толкование норм Конституции Российской Федерации высшими судебными органами. Дисс. ... канд. юрид. наук. М. 2003. – С. - 137.

гардидани онҳо ба ҳисоб меравад;

- тафсири санадҳои меъёрӣ метавонанд барои рафъи мушкилоти амалияи ҳуқуқӣ таъсири назаррас расонанд, онро аз рӯйи мақсад ва воситаҳои танзими ҳуқуқӣ тағйир диҳанд.

Нуктаи муҳимро доир ба раванди қонунгузории тафсири Конститутсия диққати олимони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст. Ба таври мисол, С.С. Алексеев чунин қайд мекунад: "Тафсири меъёрии Конститутсияро метавон чун дастури меъёрии мушаххас шинохт"[426]. Муҳаққиқи дигар Н.Н. Вопленко ин ақидаро тарафдорӣ менамояд. Ба андешаи ӯ "Масъалаи моҳияти тафсири Конститутсия, ки хусусияти меъёрӣ доранд, бояд асосан аз рӯйи мундариҷа ё сохтори шарҳи мавҷуда ва дар заминаи алоқамандии онҳо бо меъёрҳои тафсиршаванда баррасӣ карда шавад"[427].

Тавассути раванди қонунгузорӣ тафсири Конститутсия моҳияти ҳуқуқии мафҳум пурра баён карда мешавад. Тафсир дар илми ҳуқуқшиносӣ таърихи куҳан дорад. Ин истилоҳи юнонӣ ба маънои аниқ намудан, шарҳ додан, тавзеҳ ва тафсир меояд. Ба ақидаи А.Ф. Черданцев тафсир, аз як тараф, ҳамчун раванди муайяни қонунгузории тафаккур аст, ки барои шарҳ додани аломатҳо нигаронида шудааст ва аз тарафи дигар, онро натиҷаи ин раванд метавон фаҳмид. С.С. Алексеев чунин мешуморад, ки тафсир ин амалест, ки моҳияти санадро барои татбиқи амалии он муқаррар мекунад.

Муҳаққиқи тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев қайд менамояд, ки дар раванди қонунгузории тафсир меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқиро дар бар намегирад, меъёри нав эҷод намекунад, балки танҳо меъёрҳои мавҷудаи Конститутсияро тафсир медиҳад[428]. Мо ба андешаи олим пайравӣ намуда, қайд кардани ҳастем, ки мақсади раванди тафсири Конститутсия, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст муайян кардани фаҳмиши меъёри Конститутсия мебошад.

Дар раванди қонунгузорӣ меъёри Конститутсия расман тафсир дода мешавад. Тафсири Конститутсия метавонад аз ҷониби мақомоти гуногун ба

---

[426] Алексеев С.С. Социальная ценность права в советском обществе. - М: «Юридическая литература». 1971. – С. - 140.
[427] Вопленко Н.Н. Официальное толкование норм права. - М.: «Юридическая литература». 1976. – С. - 38.
[428] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. - Душанбе, 2000. – С. - 348.

амал бароварда шавад.

Дар фарқият аз тафсири меъёрӣ, ки ба меъёрҳои тафсиршаванда алоқамандӣ дорад, тафсири казуалӣ шарҳи расмии меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳолатҳои муайян дар бар мегирад. Он танҳо барои ҳалли парвандаи мушаххас, ки нисбат ба он ин санад дода шудааст, ҳатмӣ мебошад. Тафсири казуалӣ ба дуруст ва қонунӣ будани ҳалномаи парвандаи ҳуқуқӣ мусоидат намуда, он қонунӣ будани қарорро асоснок мекунад. Аз ҷониби қонунгузор эътибори ҳуқуқӣ бахшидан ба чунин санадҳо муқаррар карда мешавад.

Ба андешаи Т.Я. Хабриева ва Н.С. Волков "барои тафсири конститутсионии казуалӣ, дарки мазмуни умуминазариявии тафсири казуалӣ муҳим аст". Санади тафсиршаванда, сарфи назар аз санаи қабули он, аз рӯйи амалкарди худ бо санади меъёрии тафсиршаванда мувофиқат мекунад. Дар сурати бекор кардани санадҳои меъёрӣ меъёрҳои дахлдори ин санади тафсиршаванда қувваи худро пурра ё қисман аз даст медиҳанд. Санади тафсиршуда бо тафсири он бояд аз рӯйи моҳияти худ мувофиқат кунад, аммо дар тафсири санад унсурҳои нав бо дарназардошти муносибатҳои нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд ифодаи худро ёбанд. Истифодаи меъёрҳои қонун (санади дигар) бар акси тафсир маънои қонунвайронкуниро дорад. Тафсири санад бо дарназардошти тамоми расмиёти раванди қонунгузорӣ сурат мегирад. Тафсире, ки аз тарафи мақомоти гуногун оид ба як масъала дода мешавад, бояд вобаста ба қувваи ҳуқуқӣ ва мавқеи мақомоти дахлдор фарқ карда шаванд.

Одатан дар амалияи гузашта тафсири меъёрҳои конститутсионӣ маъмул набуд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки мувофиқи талаботи Конститутсия, ки меъёрҳои онҳо устувор мебошанд, аниқ намудан ва шарҳи ин меъёрҳо барои дарки моҳияти онҳо муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир тафсири расмии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин падида дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад. Зарурати тафсири расмии конститутсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар рафти ҳуқуқтатбиқкунӣ бо майли худ ба тафсири меъёрҳои асосӣ роҳ дода нашавад.

Дар даврони муосир раванди қонунгузории тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Талаботи

гузариш ба сохти давлати ҳуқуқбунёд, пеш аз ҳама, волоияти қонун, дарки объективии меъёрҳои ҳуқуқии мавҷударо дар назар дорад.

Мутобиқи Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон ба салоҳияти умумии Шурои Олии ҶТ тафсири қонунҳо муқаррар шуда буд. Аммо муқарраротоиди тафсири Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон муқаррар нашуда буд.

Аммо дар он даврон раванди қонунгузориии тафсири меъёрҳои алоҳидаи Конститутсия ба назар мерасид ва чунин андешаҳо ҳукмфармо буд, ки Конститутсияро танҳо мақомоти ваколатдоре, ки қабул кардааст, тафсир медиҳад. Президиуми Шурои Олӣ қонунҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро тафсир менамуд[429]. Президиуми Шурои Олӣ тафсири қонунҳоро дар шакли Қарори Шурои Олӣ қабул мекард.

Бо қабул намудани Конститутсияи соли 1994 зарурати тафсири Конститутсия низ ба миён омад ва он ба салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд. Яъне ин меъёр дар моддаи 60 Конститутсия муқаррар карда шуд.

Ҳамчунин ин меъёр дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 3 ноябри соли 1995 қабул шуда буд муқаррар карда шуд, ки “Тафсири Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар шакли қонун аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад[430]. Вобаста ба ин гуфтаҳо дар ин ҷода чанд нуқтаро қайд менамоем:

Якум, тафсири Конститутсия ва қонунҳо аз тарафи Маҷлиси Олӣ дар шакли қонун қабул карда мешуд.

Дуюм, дар қабули тафсири Конститутсия ва қонунҳо фарқияте вуҷуд надошт. Ҳол он ки Конститутсия қувваи олии ҳуқуқиро дорад.

Сеюм, раванди қонунгузории тафсири Конститутсия на аз тарафи вакилони касбӣ ва доимоамалкунанда ба амал бароварда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки тафсири меъёрҳои конститутсионӣ дар ҳолатҳои

---

[429] Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶСС Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978. – Моддаи 110, б. 6.
[430] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ” аз 3 ноябри соли 1995. Моддаи - 7. / Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. №21.

устувории меъёрҳои конститутсия муҳим арзёбӣ мешавад. Дар баробари ин, ҳангоми муайян кардани мақсад ва мазмуни тафсири Конститутсия дар шароити давлатдории муосир бояд дар назар дошт, ки он шакли мушаххаси раванди қонунгузориро пайдо намуда, барои дарки моҳияти объективии меъёрҳои ҳуқуқӣ замина фароҳам меорад.

А.В. Солостовская чунин қайд менамояд, ки тафсири Конститутсия аз муҳимтарин самараи фаъолияти раванди қонунгузорӣ маҳсуб мешавад ва қарорҳои ҳуқуқиву сиёсӣ аз он вобастагӣ доранд[431].

Тафсири аввалини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 доир ба салоҳияти Суди конститутсионӣ, вобаста ба қисми 3 моддаи 89-и Конститутсия қабул шуда буд[432]. Дар парлумон оид ба тафсири қисми 3-и моддаи 89-и Конститутсия **Қарори** Маҷлиси Олӣ қабул гардид.

Дар ин раванди қонунгузорӣ ба он нукта бояд таваҷҷуҳ кард, ки тафсири Конститутсия аз ҷониби парлумон дар шакли қарори Маҷлиси Олӣ қабул шудааст. А. Имомов қабули ин гуна қарорро “на танҳо аз ҷиҳати шакл, балки махсусан аз ҷиҳати мундариҷа баҳсталаб” мешуморад. Дар ин ҷода мо бо муаллиф ҳамақида мебошем[433]. Баъдан А. Имомов иброз намудааст, ки Конститутсия ва қонунҳо дар шакли Қонуни конститутсионӣ тафсир дода мешавад[434]. Аммо дар ин ҷода мо бо ин нукта розӣ шуда наметавонем. Чунки дар Қонуни конститутсионии мазкур муқаррар шуда буд, ки “Маҷлиси Олӣ тафсири Конститутсия ва қонунҳоро дар шакли Қонун қабул мекунад”[435].

Аммо ба андешаи мо доир ба ин масъала ду ҷанбаро бояд қайд намуд:

Аввалан, Маҷлиси Олӣ ҳолати дар боло зикршудаи тафсирро бояд дар шакли Қонун қабул мекард. Ҳол он ки худи Қонуни конститутсионии

---

431 Солостовская А.В. Некоторые проблемы толкования норм Конституция России. Вестник Саратовской государственной юридической академии №2 (109) 2016. – С. - 173.

432 Постановления Маджлиси Оли РТ от 12.12.1997 г. «О толковании статьи 89 Конституции РТ 1994 г.» от 12.12.1997 г. //Ахбори Маджлиси Оли РТ. 1997. №23-24. Ст. 341; Также см. Более подробно. Холиков К.Н. Конституционный суд РТ: статус, организация и деятельность. - М.: Издательство Московского университета, 2009. – С. - 172.

433 Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. – С. - 145.

434 Имомов А. Асари ишорашуда. – С. - 145.

435 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3 ноябри соли 1995. М. 7. / Душанбе. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ №21.

номбурда ба амалбарории тафсири Конститутсия ва қонунҳоро аниқ муқаррар кардааст, ки дар кадом шакл қабул карда шавад.

Дуюм, қонунгузор бояд оиди додани тафсир ба Конститутсия ва қонунҳо фарқ мегузошт. Чунки Конститутсия назар ба қонунҳо қувваи олии ҳуқуқиро дорад.

Ба назари мо дар ин ҷода аз ҷониби вакилон дар фазои ҳуқуқи сарфи назар карда шудааст.

Ба андешаи мо дар Конститутсияи соли 1994 ва қонунҳои конститутсионии "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" камбудӣ ва норавшанӣ доир ба ин масъалаҳо мавҷуд буд.

Ва танҳо ислоҳоти конститутсионии соли 2016 ба ин масъала равшанӣ андохт. Яъне дар моддаи 61 Конститутсия муқаррар карда шуд, ки тафсири Конститутсияи ҶТ аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонуни конститутсионӣ[436] қабул карда мешавад.

Аз ин мебарояд, ки дар замони муосир салоҳияти парлумон доир ба тафсири Конститутсия, дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нигоҳ дошта шудааст.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақомоти давлатиест, ки муқаррароти Конститутсияро расман мутобиқи раванди қонунгузорӣ тафсир медиҳад. Он барои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳудидораи маҳаллӣ, корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои он дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

Ба андешаи олимон ин раванди қонунгузорӣ сабаби воқеӣ дорад, ки Конститутсия тавассути раъйпурсии умумихалқӣ, бевосита аз ҷониби халқ қабул шудааст ва аз ин рӯ, тафсири он бояд ба тариқи махсус бо овозҳои бештари вакилони парлумони касбӣ, мутобиқи муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар, ки дар рафти раванди қонунгузории парлумон ба амал мебароранд, сурат мегирад.

Салоҳияти тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди

[436] Конститутсияи ҶТ аз 06.11.1994 с. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда. М. 61.

қонунгузории Маҷлиси Олӣ аҳаммияти муҳим дошта, қарорҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ аз натиҷаи он бармеоянд. Чунин салоҳият барои тамоми низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Маънои меъёри ҳуқуқиро дарк накарда, онро татбиқ кардан ғайриимкон мебошад. Ба ибораи дигар, мақсад аз тафсир муайян кардани аҳаммияти моддии меъёри ҳуқуқӣ, тафсир додани он ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ барои ҳалли ҳолатҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар раванди қонунгузорӣ тафсири Конститутсия як қадами муҳим дар рушди фаъолияти қонунгузорӣ буда, инчунин он роҳҳои такмили тамоми заминаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам меорад. Тафсир яке аз шаклҳои фаъолияти ҳуқуқӣ буда, он пеш аз ҳама, ба ҳифзи Қонуни Асосии давлат ва сохтори ҳуқуқии конститутсионии он нигаронида шуда, он шакли алтернативии устувории Конститутсия мебошад[437].

Зарурати ба миён омадани падидаи тафсири Конститутсияи соли 1994 бо як қатор сабабҳо алоқаманд аст. Конститутсия, ки аз рӯйи моҳияти худ санади ҳуқуқии хеле мухтасар буда, дар айни замон барои танзими доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Конститутсия аз мафҳум ва истилоҳҳое иборат буда, мумкин аст аз тарафи субъектони ҳуқуқтатбиққунанда бо мазмуни гуногун маънидод гарданд. Ин ҳолатро ба хусусияти истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ, сермаъноии онҳо, номукаммалии усули қонунгузорӣ мансуб медонанд.

Дар матни Конститутсия, тавре ки аз амалия бармеояд, мумкин аст норасоӣ бевосита мавҷуд бошад. Ин ва дигар сабабҳо барои татбиқи дурусти меъёрҳои конститутсионӣ вобаста ба иродаи қонунгузор, ки дар онҳо ифода ёфтаанд, монеа шуда наметавонанд. Падидаи тафсири Конститутсия дар мавриди зарурат барои возеҳ намудани маънои меъёрҳои конститутсионӣ хизмат мекунад. Тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти меъёрии расмӣ дорад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти ба зиммааш

[437] Остапович И.Ю. Процессуальные особенности толкования Конституции Конституционным Судом РФ. Государственная власть и местное самоуправление. 2007, №8. – С. - 20.

гузошташударо танҳо тавассути раванди қонунгузорӣ, он ҳам бошад дар шакли қонуни конститутсионӣ амалӣ менамояд.

Аммо раванди қонунгузорие, ки дар он тафсири расмии меъёрӣ дар Маҷлиси Олӣ сурат мегирад, аз қабули дигар қонунҳои конститутсионӣ дар раванди қонунгузорӣ фарқияте надорад. А. Имомов дуруст қайд менамояд, ки "доир ба тартиби баррасӣ ва қабули қонуни конститутсионӣ оид ба тафсири Конститутсия ва тартиби қабули дигар қонунҳои конститутсионӣ ягон тафовут вуҷуд надорад"[438]. Муайян аст, ки қонунгузор фарқияти қабули қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ намекунад.

Дар баробари ин, тафсир дар доираи раванди қонунгузорӣ дар маҷмуъ сурат мегирад ва бинобар ин баррасии хусусиятҳои қонунгузории ҳалли ин масъалаҳо бе дарназардошти меъёрҳои умумии раванди қонунгузорӣ ғайриимкон аст. Тафсир пойбанди вақт нест, яъне он бо гузашти вақти муайян ниёз дорад ба илова ва аниқ намудан.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Ҳукумат, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди қонунгузорӣ тафсир медиҳад.

Субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ барои тафсир ба Маҷлиси Олӣ, ки ҳуқуқи истисноии тафсири Конститутсияро дорад, дархост менамоянд. Дар дархост оид ба тафсири Конститутсия бояд нишондоди моддаҳо, қисмҳо ва бандҳое, ки дар фаҳмиши онҳо номуайяни ба назар мерасад, оварда шавад. Ҳамчунин, эзоҳоти мушаххаси нофаҳмиҳо қайд мегардад[439], байни мақомоти давлатӣ ихтилофот ба амал ояд, дар амалия гуногунӣ ба миён меояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае мавҷуд аст, ки Конститутсия танҳо дар ҳолате тафсир дода мешавад, ки дар меъёрҳои Конститутсия номуайяни мавҷуд бошад. Дархост дар ҳолате қобили қабул аст, ки дар он номуайянии муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне дар меъёри

---

[438] Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. – С. - 143.
[439] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. – С. - 411.

мушаххаси конститутсионӣ номуайянии воқеӣ мавҷуд аст.

Дар раванди қонунгузорӣ мақсади тафсири Конститутсия аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муайян кардани мазмуни муқаррароти Конститутсия мебошад. Тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд татбиқи дақиқ ва саривақти онҳоро таъмин намояд, ки бе дарназардошти он дар бораи аҳамияти тафсир, имкони тағйир додани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳарф задан ғайриимкон аст.

Вакилон дар рафти раванди қонунгузории тафсири Конститутсия, ки қонуни конститутсионӣ қабул мешавад, бояд принсипҳоеро риоя кунанд, ки ҳангоми қабули қонунҳои конститутсионӣ истифода мешаванд. Масалан, принсипи мустақилият маънои ба вакилон додани ваколати пурраи баррасӣ ва ҳалли ин масъаларо дорад[440441].

Ҳангоми раванди қонунгузории тафсири Конститутсия истифодаи принсипи дастаҷамъии баррасии ин масъала танҳо ба таври ҳамрайъӣ ба амал бароварда мешавад, дар ин маврид вакилон уҳдадоранд, ки дар кумитаҳо ва комиссияҳо бо аксарияти овозҳо ва дар маҷлиси палата танҳо дар сурати ҳозир будани аз 3/2 ҳиссаи шумораи умумии вакилон дар рафти раванди қонунгузорӣ қарор қабул намоянд.

Ҳангоми раванди қонунгузории тафсири Конститутсия дар Маҷлиси миллӣ низ бояд ҳамон миқдори овозҳои аъзоёни Маҷлиси миллӣ ба ҷонибдории он дода шавад.

Принсипи ошкорои раванди қонунгузорӣ ин тартиби муқаррарнамудаи қонун буда муҳокима, баррасӣ ва қабули қонуни конститутсионӣ оид ба тафсири Конститутсия мебошад ва он ба таври ошкоро амалӣ карда мешавад.

Дар ин раванди қонунгузорӣ бо иштироки мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмӣ, дигар мутахассисон ва намояндагони васоити ахбори омма барои ба таври васеъ баррасӣ намудани мазмун ва натиҷаҳои ин раванд роҳандозӣ мешаванд.

[440] Лившиц Р.З. Теория права. - М. 1994. - 195 – С. - 196.
[441] Эбзеев Б.С. Конституция, Правовое государство. Конституционный суд. - М., Закон и право. 1996. – С. - 46-47.

Баъзан, ба таври асоснок қайд менамоянд, ки раванди қонунгузории ошкоро баёнӣ ғояи асосии мақомоти дахлдор буда[442][443], таҷассуми шакли иттилоотӣ ва фаъоли он аз бисёр ҷиҳат ошкорбаёнии воқеӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба масъалаи раванди қонунгузории тафсир таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ба назари мо, чунин муносибат комилан асоснок аст, зеро тафсири санадҳои меъёрӣ ва пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дуруст ва возеҳ дарк намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, муайян намудани моҳияти қонунҳо ва дар ин замина барои дуруст истифода кардан ва татбиқ намудани онҳо боис мегардад. Дар фарқият аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсия объекти мушаххаси тафсир мебошад, зеро моҳияти тафсир дар ин ҳолат бояд ба вазифаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардад.

Аммо Маҷлиси Олӣ барои тафсири муқаррароти конститутсионӣ, татбиқи мувофиқати онҳо, пеш аз ҳама, мазмуни муқаррароти Конститутсияро, ки бояд тафсир дода шаванд, барои худ муайян намояд. Дар адабиёти ватанӣ оид ба додани чунин салоҳият ба Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон - Маҷлиси Олӣ ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад. Вале ба андешаи мо ин мавзуъ то имрӯз баҳсталаб боқӣ мемонад.

Олими тоҷик А. Имомов чунин мавқеъгириро қатъиян рад мекунад ва ба андешаи ӯ ба Маҷлиси Олӣ додани ин салоҳият ба таҷзияи ҳокимият мутобиқ нест. Ҳамзамон ӯ қайд менамояд, ки "фаъолияти қонунгузор қабули қонунҳо буда, тафсири қонунҳо ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад"[444]. Тафсири Конститутсия бояд ба таври махсус тавассути экспертизаи боихтисоси ҳуқуқӣ матни меъёрҳо аз ҷониби мақомоте, ки ҳокимияти судиро тавассути мурофиаи конститутсионӣ амалӣ менамояд, ба амал бароварда шавад[445].

Ин андешаро профессори олмонӣ И. Фровайн дар асоси таҳлили

---

[442] Петрухина И.Л. Конституционное правосудие в СССР. - М., 1981. – С. – 71.
[443] Ержанова Ф.А. Государственно-правовые аспекты принципа гласности //Советское государство и право. Автореферат. Институт государства и права. Москва. 1990. – С. - 13.
[444] Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. – С. -146.
[445] Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. - М. С. - 55-56.

таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба тафсири Конститутсия ва қонунҳо, ки Маҷлиси Олӣ ваколатдор аст[446], чунин мегуяд, "ин салоҳият раванди мураккаб мебошад" ва ҳамчунин қайд менамояд, ки "салоҳияти тафсири конститутсия ва қонунҳо вазифаи судҳои мустақил мебошад". Чунин андешаро олими тоҷик К.Н. Холиқов низ дастгирӣ менамояд. "Парлумон метавонад танҳо дар доираи конститутсия қонунгузориро амалӣ намояд. Дар мавриди додани тафсир, чунин ваколатҳои Парлумон ба принсипи таҷзияи ҳокимият мутобиқ набуда, он бояд ба салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад". Ин андешаро муҳаққиқи тоҷик Х.М. Ғафуров низ тарафдорӣ намуда қайд менамояд, ки тафсири Конститутсия аз ҷониби парлумон "норасоиро дар қонунгузории Тоҷикистон ба миён меорад, зеро тафсири меъёри Конститутсия дар доираи муайян бо тартиби махсус бояд сурат гирад"[447]. Баъдан, Х.М. Ғафуров[448] барои асоснок намудани андешаи худ чунин зикр менамояд: "Тафсири меъёри Конститутсия имкон фароҳам меорад, ки тавассути дарки маънои муқаррарот ва меъёрҳои алоҳида самараи ҳуқуқии он баланд гардида, норасоиҳои он рафъ карда шавад, зарурати таҳқиқ ва санҷиши конститутсионии санадҳои ҳуқуқӣ кам гардад, тағйироти барзиёди конститутсия пешгирӣ карда шавад, ки ҳамаи ин омилҳо шарти муҳими устуворӣ, муназзами, давомнокии татбиқи конститутсия ба шумор мераванд".

Дар як қатор давлатҳо тафсири Конститутсия аз ҷониби мақомоти назорати конститутсионӣ ба амал бароварда мешавад. Масалан, Суди конститутсионии Федератсияи Россия (моддаи 125 Конститутсия), Суди конститутсионии Ҷумҳурии Озарбойҷон (моддаи 130 Конститутсия), Суди конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (моддаи 109 Конститутсия), Суди конститутсионии Ҷумҳурии Украина (моддаи 147) фарогири ин масъалаанд.

Ҳангоми тафсири Конститутсия мақомоти номбаршудаи назорати кон-

[446] Фровайн И. Таджикская конституция, разделение властей и права человека. //Конституция РТ и пути её реализации. - Душанбе, 1995. - 15-21 с. (Цитата по работе Имомова А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. - 145-146 с).
[447] Гафуров Х.М. Судебная система РТ: современное состояние и перспективы развития. - Душанбе, 2007 г. – С. - 81.
[448] Гафуров Х.М. Асари ишорашуда. – С. - 81.

ститутсионии кишварҳои мазкур қарор қабул менамоянд ва ин масъаларо шарҳ медиҳанд. Ин масъала дар Суди конститутсионии кишварҳои номбурда ҳалли худро ёфтааст. Мутаассифона, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин салоҳиятро надорад.

Аз таҳлили тафсири Конститутсия метавон хулосагирӣ намуд, ки раванди қонунгузории тафсири Конститутсия дар кишвари мо ниёз ба такмил дорад. Дар ин маврид ба андешаи ҷолиби Н.В. Витрук метавон такя намуд, ки "мақсади ҳама гуна тафсири конститутсия аниқ намудан ва шарҳи минбаъдаи иродаи қонунгузор (ва ё халқ) буда, он дар мазмуни мушаххаси меъёрҳои конститутсия таҷассум ёфтааст, яъне матлаб ошкор намудани маънои аслии муқаррароти Қонуни Асосӣ мебошад"[449].

Барои баррасии ҷанбаҳои ҳуқуқии ин раванд омӯзиши хусусиятҳои фарқкунандаи тафсири Суди конститутсионии кишварҳои мазкур ва Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муҳим арзёбӣ менамоем. Зеро ҳангоми тафсири Конститутсия, Суди конститутсионии кишварҳои хориҷии дар боло зикрёфта равияи хосро дорад, ки онро ба таври зайл метавон тавсиф намуд:

Якум, ҳангоми тафсири Конститутсия Суди конститутсионӣ қарор қабул мекунад, ки онро тағйир наметавон дод.

Дуюм, санадҳои Суди конститутсионӣ ҳатман дар раванди мурофиаи конститутсионӣ қабул мешавад. Ва пас аз эълони қарори Суди конститутсионӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Сеюм, ҳар як ҳуқуқтатбиққунанда вазифадор аст, фаҳмиши муқаррароти Конститутсияро, ки дар қарори Суди конститутсионӣ дарҷ гадидааст ба инобат гирад.

Чорум, қарорҳои Суди конститутсионӣ санадҳои ҳуқуқтатбиққунанда мебошанд.

Панҷум, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи ҳуқуқии Суди конститутсиониро бо дарназардошти моҳияти он ҳамчун мақомоти махсуси судӣ муайян метавон кард, ки қарорҳои он қатъӣ мебошад, аз болои мақомоти суди конститутси-

---

[449] Витрук Н.В. Конституционное правосудие. Судебное конституционное право и процесс. Учебное пособие. - Юридическое издательство. Норма. Москва. - 2012.- С. - 319.

онӣ, суди болои ба мисли судҳои ваколати умумидошта вуҷуд надорад, ҳамзамон ваколатдор аст, ки қонунҳои ба Конститутсия мутобиқ набударо беэътибор эълон намояд.

Шашум, қарори Суди конститутсионӣ оид ба тафсири Конститутсия боиси аз байн рафтани қувваи ҳуқуқии ягон санад ё муқаррароти алоҳидаи онҳо намегардад, чӣ тавре, ки ин чараён ҳангоми қабули қарори мақомоти судӣ оид ба санадҳои меъёрӣ, шартномаҳо, нуктаҳои баҳсталаб оид ба салоҳиятҳо ба миён меояд. Бо вуҷуди ин, санадҳо ё муқаррароти алоҳидае, ки ба шарҳи меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфта, ба тафсири Суди конститутсионӣ мухолифанд, бояд аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдоре, ки онҳоро қабул намудаанд, аз нав таҷдиди назар шаванд.

Қарори Суди конститутсионӣ дар бораи тафсири Конститутсия метавонад барои шикояти судӣ (дар судҳои ваколати умумидошта, судҳои иқтисодӣ ва ё судҳои арбитражӣ) аз қарорҳо ва амалҳо асос гардад, агар ҳангоми таҳия ё татбиқи онҳо мақомот ва шахсони мансабдор нодуруст тафсир дода бошанд ва он ба тафсири додашудаи Суди конститутсионӣ оид ба доираи салоҳият ва ваколат номувофиқ роҳ дода бошанд. Қарорҳои Суди конститутсионӣ ба таври қатъӣ ва сари вақт иҷро кардан ниёз доранд, чунки самаранокии вазифаи судро оид ба ҳимояи ҳуқуқ афзун менамояд, инчунин боиси риоя ва эҳтироми қонун аз ҷониби тамоми субъектҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Акнун амалӣ шудани тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷониби Маҷлиси Олӣ, ки дорои баъзе аз хусусиятҳост арзёбӣ мекунем:

Якум, тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешавад ва дар оянда аз ҷониби ҳамин мақомот тафсири додашуда тағйир ва ё илова карда мешавад.

Дуюм, дар раванди қонунгузории тафсири Конститутсия қатъиян принсипҳои хоси қабули қонуни конститутсионӣ риоя карда мешавад.

Сеюм, қонуни конститутсионӣ дар бораи тафсири Конститутсия санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Чорум, Маҷлиси намояндагон доир ба тафсири расмии Конститутсия

қонуни конститутсионӣ қабул намуда онро барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллӣ ирсол менамояд. Дар қабули ин қонун ду рукни ҳокимияти давлатӣ иштирок доранд.

Панҷум, қонуни конститутсионӣ дар бораи тафсири Конститутсия пас аз имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интишори он ба қувваи амал медарояд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз тафовутҳои мавҷуда ҳар ду шакл дорои мақсади ягона мебошад, тафсир чун фаъолияти ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи Қонуни Асосии давлат ва тартиботи конститутсионӣ нигаронида шудааст. Воқеан, қабули санадҳои ҳуқуқие, ки ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқанд, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти ин нукот мо ба таври зайл хулосабарорӣ менамоем:

Якум, дархосту пешниҳод оид ба тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам ба назар мерасанд. Ин ҳолат, ба назари мо, ба ду сабаб алоқамандӣ дорад: аввал, бояд дар назар дошт, ки Маҷлиси Олӣ вобастаи ташаббуси субъектҳои дархост оид ба тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад; дуюм, доираи маҳдуди субъектҳои ҳуқуқ, ки доир ба дархости тафсири Конститутсия муроҷиат мекунанд. Дар амалияи қонунэҷодкунӣ аксаран оид ба мафҳуми норавшании баъзе меъёрҳои конститутсионӣ, саволе ба миён меояд, ки он аз консепсияи лоиҳаи қонуни баррасишаванда ё шартномаи байналмилалӣ вобастагӣ дорад[450].

Дуюм, тафсири меъёрӣ барои ҳолатҳои номаҳдуд пешбинӣ шудааст.

Сеюм, ҳангоми тафсири меъёрӣ шарҳи худи меъёрҳои конститутсионӣ ба миён меояд, ки Маҷлиси Олӣ наметавонад онро беэътибор эътироф кунад, илова бар ин, онро ҳаққи тағйир додан надорад.

Ҳамин тариқ, дар раванди қонунгузорӣ тафсири меъёрҳои Конститутсия ҷузъи зарурӣ ва муҳими механизми танзими ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд волоияти қонун дар тамоми соҳаҳои ҳаёти

---

[450] Рогов И.И. Влияние решений Конституционного Совета Республики Казахстан на законодательство и правоприменительную практику. Вестник конституционного суда Республики Таджикистан. Четвертый выпуск. (№ 4) 2010. – С. - 75.

ҷамъиятӣ, ба таври объективона дуруст ва амиқ баррасӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда, муқаррар намудани маънои дақиқи онҳо, бозгӯии нақши онҳо дар низоми умумии танзими ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад[451].

Дар раванди қонунгузорӣ тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шарҳи умумии ҳатмии мафҳумҳо, истилоҳҳо, меъёрҳои дар матни Конститутсия мавҷудбуда мебошад, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор амалӣ мешавад. Новобаста аз он ки матни конститутсионӣ дар раванди қонунгузорӣ аз тарафи аъзоёни парлумон то кадом сатҳ такмил дода мешаванд, дар онҳо муқаррарот ва истилоҳҳое мавҷуданд, ки эзоҳталаб боқӣ мемонанд. Дар амалия баъзе камбудиҳо мавҷуданд, ки онҳоро метавон саривақт дар рафти раванди қонунгузорӣ ошкор намуд; тавассути тафсир онҳоро ислоҳ метавон кард.

Ба мушоҳидаи мо аз соли 2000 то имрӯз аз ҷониби субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Маҷлиси Олӣ барои тафсири меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон дархост пешниҳод нашудааст. Субъектҳои дархости тафсири Конститутсия фаъолияти назаррас надоранд. Ҳол он ки дар амалияи қонунқабулкунӣ оид ба мафҳуми норавшанӣ баъзе меъёрҳои конститутсионӣ ва доир ба алоқамандии консепсияи лоиҳаи қонуни баррасишаванда ё шартномаи байналмилалӣ савол ба миён меояд.

Воқеан, Маҷлиси Олӣ ҳуқуқ надорад, ки меъёрҳои Конститутсияро бе дархости субъектони ҳуқуқи ташаббуси боиси раванди қонунгузорӣ қарор дода Конститутсияро тафсир намояд. Қонунгузор бояд дарк кунад, ки доираи салоҳияти Маҷлиси Олӣ дар ин масъала маҳдуд аст. Дар сурати набудани дархост Маҷлиси Оли наметавонад доир ба ин масъала раванди қонунгузориро ба амал барорад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти ин андешаронйҳо оид ба ин раванди қонунгузории тафсири Конститутсияи чунин натиҷагирӣ намудем:

Якум, салоҳияти тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Суди

---

[451] Пиголкин А.С. Толкование норм правотворчества. Проблемы соотношения. Закон: создание и толкование. - М. «Спарк». 1998. – С. - 66-67.

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад [452][453][454][455]. Дар ин ҷода чанд ҷанбаро бояд қайд кард: ҳангоми тафсири Конститутсия Суди конститутсионӣ қарор қабул мекунад, ки онро тағйир наметавон дод; санадҳои Суди конститутсионӣ ҳатман дар ҷараёни мурофиаи конститутсионӣ қабул мешавад. Ва пас аз эълони қарори Суди конститутсионӣ мавриди амал қарор дода мешавад; қарори Суди конститутсионӣ оид ба тафсири Конститутсия боиси аз байн рафтани қувваи ҳуқуқии ягон санад ё муқаррароти алоҳидаи онҳо намегардад. Механизми тафсири расмии Конститутсия амалӣ карда мешавад.

Дуюм, дар ин маврид бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру илова дохил кард.

Сеюм, васеъ намудани доираи субъектҳои дархост оид ба тафсири Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби: Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суд Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин пешниҳоди худро бо он асоснок менамоем, ки дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ дар мақомоти судӣ[456], мурофиаи Суди конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, иҷрои қонунҳо номуайянии меъёрҳои алоҳидаи Конститутсия зоҳир мегардад.

Чорум, дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” субъектони дархост доир ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Панҷум, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Дастури Маҷлиси намояндагон доир ба васеъ намудани доираи субъектҳои дархост оид ба тафсири Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст,

---

452 Тахиров Ф.Т. Место конституционного суда в системе правоохранительных органов РТ. Вестник Конституционного суда РТ. (№4). - Душанбе, 2010. – С. - 188.

453 Диноршоев А.М. Конституционный суд в системе органов государственной власти РТ. Вестник Конституционного суда РТ. № (3) 2014. - Душанбе. – С. - 168.

454 Холиков К.Н. Конституционный суд в РТ: проблемы и перспективы. Вестник Конституционного суда РТ. (4) 2010. - Душанбе. – С. - 207.

455 Гафуров Х.М. Судебная система РТ: современное состояние и перспективы развития. - Душанбе, 2007. – С. - 81.

456 Гафуров Х.М. Судебная система РТ: современное состояние и перспективы развития. - Душанбе, 2007. – С. - 72.

зеро ки дар хусуси субъектҳои дархост оид ба тафсири Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" меъёр пешбинӣ нашудааст. Меъёр оиди субъектҳи дархости тафсири Конститутсия дар Дастури Маҷлиси намояндагон муқаррар шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар мавриди васеъ кардани доираи субъектҳои ҳуқуқи дархости тафсири Конститутия ду ҷанбаи муҳимро бояд қайд кард: а) аз як тараф, ин метавонад ба афзоиши ҷараёни ҳолатҳои номусоид оварда расонад; б) аз тарафи дигар, чунин тавсеа боиси дарки дурусти меъёрҳои конститутсионӣ мегардад, ки ин омил ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

Бо назардошти таҳлилҳои мавҷуда, мо ба хулосае омадем, ки якчанд хусусиятҳои фарққунандаи тафсири Конститутсия мавҷуд аст ва онҳо метавонанд дар такмили масъалаи тафсири расмии меъёрии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

-якум, дархости субъектҳои тафсири Конститутсия ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба шумор намеравад;

-дуюм, ҳангоми пешниҳоди дархост риоя намудани он талаботе, ки барои лоиҳаи қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ шудааст, зарурат надорад;

-сеюм, ба дархости тафсири Конститутсия хулосаи Ҳукумат лозим нест;

-чорум, Маҷлиси намояндагон наметавонад дархости тафсири Конститутсияро рад кунад, ба истисноии мавҷуд набудани номуайянӣ дар дарки муқарраароти конститутсионӣ;

-панҷум, ҳангоми тафсири Конститутсия Маҷлиси Олӣ меъёри нав эҷод намекунад, балки танҳо меъёрҳои Конститутсияро тафсир медиҳад. Дар ин раванд дигар кардани меъёри конститутсионӣ ғайриимкон аст.

Ҳангоми тафсири Конститутсия вазифаи Маҷлиси Олӣ аз муқаррар намудани маънои меъёри конститутсионӣ, инчунин шарҳ додани он иборат аст. Дар баробари ин, аз ҷониби парлумон шарҳ додани принсипҳо, меъёрҳо ва муқаррароти конститутсионӣ дар раванди қонунгузорӣ ҳангоми ҳалли

масъалаҳои меъёрии конститутсионӣ ва ё қисмҳои он тавсиф дода шуда ин раванди қонунгузорӣ на танҳо аз тафсир додан иборат аст, балки қисми муайяннамоии муқаррароти конститутсионӣ низ мебошад.

Ҳангоми раванди қонунгузории тафсири Конститутсия чанд ҷанбаро бояд арзёбӣ намоем, ки дар асоси чунин посухгузорӣ метавон ба онҳо равшанӣ андохт: оё аъзои Маҷлиси миллӣ тафсири Конститутсияро, ки дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул шудааст, метавонад ҷонибдорӣ накунад? Оё аз ҷониби Президент ба муқаррароти тафсири Конститутсия, ки дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул шудааст, ветои нисбӣ гузошта мешавад? Ҳалли мушкилоти ин масъала на дар Конститутсия ва на дар қонунҳо пешбинӣ нашудааст.

Аммо ба андешаи мо, тафсири расмии Конститутсия, ки дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул шуда, мумкин аст аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ нашавад ва ё аз тарафи Президент имзо нашавад. Дар асоси ин гуфтаҳо чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст.

Аввало, тафсири расмии Конститутсия дар рафти раванди қонунгузорӣ бо тамоми риояи принсипҳои раванди қонунгузорӣ дар шакли қонуни конститутсионӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул мешавад.

Дуюм, баъди қабул шудани ин қонуни конститутсионӣ он ба Маҷлиси миллӣ барои оғози раванди қонунгузорӣ ва баъдан ҷонибдории он ирсол мегардад. Агар қонуни конститутсионии мазкур ба талаботи раванди техникаи қонунгузорӣ мутобиқат намояд ва он бо қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузориии кишвар қабул шуда бошад, Маҷлиси миллӣ онро баррасӣ намуда ҷонибдорӣ менамояд.

Сеюмин, дар раванди қонунгузории қабули қонуни конститутсионии мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ иштирок намуда онро имзо мегузорад ва интишор менамояд.

Ҳамин тариқ, аз ин гуфтаҳо мо ба хулосае омадем, ки тафсири расмии меъёрии Конститутсияи соли 1994 - и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди фаъолияти қонунгузорӣ иқдоми назаррас буда, он ба такмили заминаҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардидааст. Тафсири Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи эъмор ва ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд муҳим мебошад. Дар ин раванди қонунгузорӣ волоияти қонун риояи қатъии онро дар назар дорад, ки дарки мазмуну моҳияти мафҳумҳои ҳуқуқӣ зарур аст. Ҳамин тариқ, тафсир ҳамчун яке аз шаклҳои ҳуқуқӣ барои риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама Конститутсия фароҳам меорад.

Маҷлиси Олӣ дар масъалаҳои тафсири расмии меъёрии Конститутсия бояд ба таҳким ва таъмини қонунияти конститутсионӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Яке аз навъҳои тафсири меъёрии расмӣ тафсири аутентӣ мебошад.** Санадҳои меъёрӣ бо хосиятҳои умумии тафсири меъёрӣ, инчунин бо хусусиятҳои ба худ хос тавсиф мешаванд. Аз ҷумла, тафсири аутентии санадҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдоре қабул мешаванд, ки онҳо фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба амал мебароранд.

Дар муқоиса бо дигар навъҳои тафсир, тафсири аутентӣ хусусияти ҳатмигиро дорост. Ба гуфтаи Н.Н. Вопленко дар адабиёти ҳуқуқӣ тафсири аутентӣ ҳамчун “санади ҳуқуқэҷодкуниест, ки қувваи бозгаштро дорад” баррасӣ мешавад[457].

Тафсири аутентии санад фарогири меъёрҳои муайян буда, доираи мустақил буданаш маҳдуд аст. Тафсири аутентӣ дар давраи муосир як шакли махсуси фаъолияти ҳуқуқӣ дар раванди қонунгузорӣ ташаккули қонун ва татбиқи қонун мебошад.

Зери мафҳуми тафсири аутентӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ тафсири расмӣ ва дорои хусусияти ҳатмӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатии ҳуқуқ муқарраркунанда, (ҳуқуқэҷодкунанда; намояндагӣ ва иҷроия), ки аз ҷониби онҳо мутобиқ ва дар доираи салоҳияташон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудааст фаҳмида мешавад. Вазифа ва мақсади чунин тафсирро чунин метавон тасниф намуд: муқаррар намудани иродаи воқеии қонунгузор, ки дар ин меъёр ифода ёфтааст, инчунин истифодаи дурусти он; дуруст, аниқ ва якхела фаҳмидан ва татбиқ намудани қонун, муайян намудани моҳияте, ки қонунгузор ба ин меъёр гузоштааст; муайян намудани моҳияти аслӣ ва

[457] Асари ишорашуда. Вопленко Н.Н. - М., 1976. – С. - 39.

мақсадҳое, ки қонунгузор онҳоро мадди назар дорад.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ як гурӯҳ олимон бар он ақидаанд, ки ба тафсири қонун[458] бояд Маҷлиси Олӣ машғул шавад. Бояд ягон мақомот ҳуқуқи тафсир додан, возеҳ намудани чунин меъёрҳои ҳуқуқиро дошта бошад. Ва ҳамин тавр ҳам ҳаст. Қоидаҳои асосии тафсири аутентии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар муқаррароти моддаи 82-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин муқаррароти мухтасари моддаи 82-и қонуни мазкур ба чунин хулоса оварда мерасонад, ки қонуне, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст тафсири он аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонун қабул карда мешавад[459].

Ҳамзамон тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз дархости субъектҳо амалӣ карда мешавад.

Дар раванди қонунгузории тафсири қонуни зикргардида ҳар ду палатаи парлумони кишвар ва ҳам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд. Яъне дар ин ҷода низ раванди қонунгузории қабули қонун дар бораи тафсир аз раванди қонунгузории дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияте дида намешавад. Ва боиси қайд аст, ки дар Дастури Маҷлиси миллӣ чунин муқаррарот пешбинӣ нашудааст.

Дар баробари ин тафсири қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли **Қарори** Маҷлиси намояндагон қабул карда мешавад. Доир ба қонунҳои номбаршуда Маҷлиси намояндагон тафсири аутентиро анҷом медиҳад.

Дар пасманзари гуфтаҳо қайд карданӣ ҳастем, ки мақомоте, ки қонунҳоро қабул мекунад ва тафсири расмии қонунро амалӣ мегардонад, ин раванд метавонад боиси вайрон шудани принсипи объективӣ гардад.

Ҳамин тариқ, айни замон салоҳияти қабули қонун ба Маҷлиси Олӣ ва тафсири он низ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

---

458 Диноршоев А.М. Осуществление общего конституционного контроля и надзора в РТ. Вестник Конституционного суда РТ. (№ 4) 2015. Душанбе. – С. - 79.

459 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ» аз 17.05.2017 с. б. 4. м. 82. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.)

Тоҷикистон тааллуқ дорад.

Раванди қонунгузории тафсири қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти муайяншуда ба амал бароварда мешавад, нисбати ин санадҳои меъёрии ҳуқуӣ қарор қабул карда мешаванд. Аммо қабули чунин қарор аз қабули қарорҳои дигар тафовуте надорад, вале он аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа фарқ мекунад.

Ва ба андешаи мо, ин қарор хусусияти меъёрӣ дорад, яъне хусусияти меъёрии он ба моҳияти масъалаи баррасишаванда алоқамандӣ дорад. Маҷлиси Олӣ қонунҳои номбаршударо қабул мекунад ва онҳоро расман тафсир менамояд. Санадҳои тафсири аутентӣ ҳам бо хосиятҳои умумии тафсири санадҳои меъёрӣ ва ҳам бо хусусиятҳои хос, ки танҳо ба у мутааллиқ буда тавсиф мешаванд. Аз ҷумла, санадҳои чунин тафсирро мақомоте қабул менамоянд, ки қаблан қабули ин санади ҳуқуқиро муқаррар кардааст.

Пасманзари ин гуфтаҳо, моро зарур аст қайд намоем, ки қабули чунин қарорҳо оиди дархости қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби худи Маҷлиси намояндагон ба имзо расонида шуда ва аз ҷониби худи Маҷлиси намояндагон интишор мегардад.

Яъне интишори санадҳои тафсири аутентӣ ба салоҳияти мақомоти ваколатдор оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда мансубият дорад. Тафсири аутентии санад то амалкарди санади меъёрӣ амал мекунанд, яъне аз байн рафтани санади меъёрӣ маънои аз байн рафтани тафсири аутентии санад мегардад. Ҳамзамон, тафсири санад, аз тарафи мақомоти қонунгузор қабул, имзо ва интишор мегардад.

Аммо ба андешаи мо чунин қарор санади танҳо яке аз палатаҳои Маҷлиси Олӣ-Маҷлиси намояндагон буда, он тафсири аутентии қонуни конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб намеравад. Ва ё агар мо ба назар гирем, ки тафсири ин санадҳо, тафсири аутентӣ мебошад, бояд дар назар дошт, ки он танҳо аз тарафи палатаи поёнӣ ба анҷом расонида шуда ба ҳисоб меравад.Чунки дар ин раванд Маҷлиси миллӣ иштирок намекунад. Ва ин ҳолатро бо он асоснок метавон кард, ки дар кишвари мо ҳамаи мақомоти меъёрэҷодкунанда ҳуқуқӣ тафсири аутентии

санади меъёриро доштанд ва доранд.

Ба таври мисол, тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллӣ дар шакли қарори Маҷлиси миллӣ қабул карда мешавад. Тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармони Президент қабул мешавад. Тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардa мешавад. Тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва ғ. дар шакли фармону қарорҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва ғ. дода мешавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тафсири қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро низ пешбинӣ мекунад. Дар ин ҷода саволе ба миён меояд, ки раванди қонунгузории тафсир ва интишори қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон чӣ гуна хоҳад буд?

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда, мо ба хулосае омадем, ки албатта ин раванди қонунгузорӣ ба ташаккули қабули қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, қарорҳо, қарорҳои якҷояи ҳарду палатаҳо доир ба додани дархост ҳамчун асоси ҳуқуқӣ дошта заминагузор мебошад. Гарчанде, ки ин раванди қонунгузорӣ дар қабули дархост хеле масъалаҳои ҳалталабро ба миён меорад, аксаран бунёди қабули дархост дар шакли қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, қарорҳо ва қарорҳои якҷояи ҳарду палатаҳоро барои танзими ҳуқуқи фароҳам меорад ва миёни худ дар робита ин зуҳуротҳо ногусастаниианд.

Робитаи ин зуҳуротҳо дар миёни онҳо ифода мешавад.

Аз як тараф танзими меъёрии тафсири дархости “Конститутсия” ва “қонунҳои дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда”, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузории парлумон бояд ба роҳ монда шавад.

Дуюм, қарорҳое, ки оиди тафсирт қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд дар танзими раванди қонунгузорӣ фарқ карда шаванд.

Чунин тарзи бо ҳам пайвастан ва ҳамфаъолиятии Маҷлиси намояндагон

ва Маҷлиси миллӣ танзими ҳуқуқиро ба миён меорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо А. Имомов дуруст қайд мекунад, ки дар Конститутсия дар баробари муайян кардани субъекти тафсири Конститутсия, инчунин ба таври дақиқ муайян намудани субъекти тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад[460]. Зеро ки тафсири қонунҳо предмети танзими конститутсионӣ мебошанд.

Аз гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми тафсири Конститутсия ва қонунҳое, ки тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, қонуни конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал мавҷуд нест. Аз баррасии фаъолияти беш аз 20-солаи Маҷлиси Олӣ метавон гуфт, ки то ба имрӯз аз ин меъёрҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои дастур истифода бурда нашудааст. Бо дарназардошти ин, мо пешниҳод менамоем, ки механизми тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад.

Акнун вақти он расидааст, ки раванди қонунгузории ин намуди қабули дархости тафсирро вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ бояд давра ба давра ба роҳ монанд. Бо мақсади дарки меъёрҳои конститутсионӣ ва татбиқи дурусти онҳо Маҷлиси намояндагон, пеш аз ҳама, мазмуни он муқаррароти Конститутсияро, ки ба тафсир ниёз доранд, бояд тафсир дода тавонад. Тафсир аз эҷодкорӣ ва маҳорати илмӣ вобастагӣ дошта, дар ин самт муносибати бонизом ва эҷодкорона лозим аст.

Дар ин раванди қонунгузории мураккаб чараёни зеҳнӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, мо чунин пешниҳод менамоем:

-Тафсири қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон на дар шакли қарор, балки дар шакли қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шаванд. Мақсад аз қабули чунин намуди қонунҳо танзими тамоми самтҳо ва тартиби қабули тафсири ин санадҳо мебошад. Ин раванд, бешубҳа

[460] Имомов А. Конституция как юридическое социальное политическое явление. Государство и право. №4. 2008. - Душанбе. – С. - 61.

ба такмили мазмуни раванди қонунгузорӣ дар кишвари мо мусоидат менамояд. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҷрибаи тафсири Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, кодексу қонунҳо таърихи куҳан надорад. Ин ҷараён бояд ташаккул ва инкишоф ёбад ва он як навъ ба анъанаи раванди қонунгузорӣ мубаддал гардад.

-Дар тафсири қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ низ иштирок намуда, бо дарназардошти ин ба Дастури ҳар ду палатаи парлумон тағйиру иловаҳо ворид карда шавад.

Ҳамин тариқ. баъзе аз номгӯи пешниҳодҳои номбаршуда доир ба Дастури Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пурра набуда таҳлили овардашуда ба андешаи мо, ба таври мушаххас роҳи беҳтар намудани мазмуни онҳоро қадре ҳам бошад нишон медиҳад ва хуб мешуд ин амал дарояндаи наздик анҷом дода шавад. Чунки набояд меъёри конститутсионӣ ва меъёри дастур доир ба тафсир ҳамчун меъёри щахшуда бошад. Ва аз ҷиҳати такмили муҳтавои Дастури Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон таъсири мусбат мерасонад. Ба андешаи мо, ҳалли тафсири Конститутсия, қонунҳои дар раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда, қонунҳои конститутсионӣ, кодексу қонунҳо ба рушду такомули давлати ҳуқуқбунёду демократӣ мусоидат мекунанд.

Волоияти қонун риояи қатъии онро дар назар дорад, ки дар ин раванди қонунгузорӣ дарки мазмуну моҳияти мафҳумҳои ҳуқуқӣ зарур аст. Тафсир ҳамчун яке аз шаклҳои ҳуқуқӣ барои риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама Конститутсия замина фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти худ мо баъзе паҳлуҳои тафсири раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намудем, ки дар амал татбиқ намудани ин гуфтаҳо ба танзими раванди қонунгузорӣ мусоидат намуда, амалӣ намудани онҳо тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷумҳурӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар шароити ҳозира зарурат ба миён меояд, ки субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ нисбат ба дархости тафсир ҷоиз аст, ки хеле фаъол бошанд. Дар кори илмӣ мо ба он

масъалаҳои ҳалталабе дахл кардем, ки такмили ҳуқуқии онҳо барои беҳсозии раванди қонунгузорӣ муҳим хоҳад буд. Дар фарҷоми ин масъалаҳо қайд карданӣ ҳастем, ки дар танзими конститутсионию ҳуқуқии масъалаҳои тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин падида чандон аҳамият дода намешавад. Вале бо боварии комил метавон гуфт, ки намояндагони халқ дарояндаи наздик барои рафъи норасоиҳои зикрёфта иқдом хоҳанд гирифт.

Албатта, таҳкими ин раванди қонунгузорӣ ба фаъолияти пурсамари субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вобаста буда, дар баррасии ин масъала вакилон бояд фаъолияти назаррас дошта бошанд.

# БОБИ 4. БАНАҚШАГИРИИ РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Масъалаҳои мубрами банақшагирии раванди қонунгузорӣ

Оғози даврони муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1990-1991 ба тағйироти амиқи ҷомеа ва низоми ҳокимияти давлатӣ дар асоси принсипҳои демократӣ, ҳуқуқбунёд муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҳамгироии Тоҷикистони навин дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин таҷдиди қонунгузории миллӣ, ки бо қабули як қатор санадҳои асосии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад, боис гардид.

Дар ин давраи тақдирсоз таҷрибаи мусбати танзими ҳуқуқӣ ва амалкарди бисёр санадҳои қонунгузории Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешуд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди навсозии қонунгузориро ба таври васеъ бояд ба роҳ монд, ки онҳо зарурати тадриҷан иваз кардани қонунгузории даврони шуравиро бозгӯӣ менамуданд. Аммо бо баробари оғози ҷанги шаҳрвандӣ такмил ва навсозии низоми нави ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон халалдор гардид. Тавсеа ва такмили фаъолияти раванди қонунгузорӣ ба як қатор омилҳо вобастагӣ дошта, аксари меъёрҳои Конститутсия ба воқеияти ҳамон давра мувофиқат надоштанд.

Баъди ба ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдан қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 6 ноябри соли 1994 азнавсозии қонунгузории кишвар ба миён омад.

Дар баробари ин, таҷдид ва қабули қонунҳои комилан нав то андозае сурат гирифтанд, ки онҳо воқеан барои такмили бахши қонунгузорӣ замина ба миён оварданд.

Принсипҳои нави муносибатҳои ҳуқуқи шакли меъёрӣ пайдо карданд, мақомоти нави ҳокимият ва идоракунӣ ташкил ва ташаккул ёфтанд, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид. Тамоюли такмили босуръати қонунқабулкунӣ ба таври назаррас мушоҳида мегардид.

Дар ин давра чунин сохти низоми қонунгузорӣ илман асоснок карда шуданд ва вобаста ба меъёри асосии танзими ҳуқуқӣ (конститутсионӣ, маъмурӣ, молиявӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ ва ғ.) таснифи онҳо амалӣ мегардид: соҳаҳо аз рӯйи меъёри ҳамҷояи усулҳои ҳуқуқи давлатӣ ва хусусӣ ва усулҳои мушаххаси танзим (дар бораи маориф, илм, фарҳанг, манзил, муҳити зист, замин ва ғ.), соҳаҳои мурофиавии қонунгузорӣ, ки фаъолияти ин ду гурӯҳро таъмин менамояд, идораи фаъолияти соҳаҳои якум ва ҳуқуқиро таъмин мекунанд.

Баъди қабули Конститутсия дар Маҷлиси Олии ҶТ зарурати банақшагирӣ, таҳия ва қабули қонунҳо ба роҳ монда шуд. Дар асоси банақшагирӣ аввалин қонунҳои конститутситонӣ ва қонунҳои ҶТ қабул карда шуданд. Аммо банақшагирӣ ҷараёни ба худ хосро дошта, ташкили парлумони доимоамалкунанда ва касбиро тақозо мекард.

Андешаи Т.Я. Хабриева боиси дастгирӣ буда заминаи амалӣ низ дошта, ҳалли вазифаҳои дар ҷараёни банақшагирии раванди қонунгузорӣ муқарраршуда ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва мавқеъҳои ҳамаи иштирокчиёни он, мувофиқати амали онҳоро дар самти қонунқабулкунӣ талаб мекард.

Ин гуфтаҳо исботи худро дар ислоҳоти конститутсионии соли 1999 пайдо карданд.

Т.Я. Хабриева дуруст қайд менамояд, ки "қарори банақшагирифта дар қонунгузорӣ имкони муайян кардани тағйирот дар низоми ҳуқуқиро барои амалӣ гардонидани талаботи таъхирнопазири рушди ҷомеа ва давлат амалӣ месозад ва он як навъ манбаи иттилоот барои субъектҳои дорои ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд"[461].

Ин суханон боиси дастгирист, чунки хусусияти банақшагирӣ дар он ифода меёбад, ки амалҳо дар ин раванд ҳамчун объекти банақша гирифташуда бо моҳияти ҳуқуқии худ аҳаммияти принсипиалӣ доранд ва онҳо ба ҳалли муносибатҳое, ки ба танзими устувори дарозмуддати ҳуқуқӣ ниёз доранд, нигаронида шудаанд.

---

[461] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. Издание Государственной Думы. - М, 2013. – С. - 233.

Асосан дар амалияи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон банақшагирии корҳои мансуб ба лоиҳаи қонунҳо аз соли 2000, яъне баъди таъсиси парлумони касбии дупалатагиии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд. Тағйиру иловаҳои воридшуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон модели раванди қонунгузории парлумони кишварро тағйир дода, зарурати навсозии кулли тамоми низоми қонунгузориро ба миён овард. Ин тағйирот боиси ташаккули зарурати банақшагирии раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон гардид. Айни замон раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ тибқи барномаи намунавӣ амалӣ мегардад. Ба андешаи Т.Я. Хабриева, дар банақшагирии раванди қонунгузорӣ мақоми ҳамоҳангсозӣ парлумон, масалан, Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои Думаи Давлатии Маҷлиси Иттифоқии Федератсияи Россия, Бюрои Кантонии Шветсария нақши муҳим доранд. Дар ин раванд саволе ба миён меояд, ки моҳияти мафҳуми банақшагирӣ дар раванди қонунгузорӣ чиро ифода менамояд?

Банақшагирӣ раванди қонунгузорӣ ба ташкили мусоиди раванди тартиб додан ва тайёр кардани лоиҳаҳои қонунҳо ёрӣ мерасонад, дар ин фаъолият ҳамоҳангсозиро таъмин менамояд, такрори қонунҳоро бартараф мекунад, назоратро аз болои сифат ва муҳлати тайёр кардани қонунҳо пурзӯр мекунад, дараҷаи касбияти иҷрокунандагонро баланд мебардорад, маҳдудиятҳоро дар ин соҳа рафъ менамояд[462]. Ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши банақшагирии раванди қонунгузорӣ идеяи таҳияи барномаи ягонаи давлатии фаъолияти қонунгузориро ба вуҷуд овард. Бартарии банақшагирӣ дар шакли пешниҳодшаванда дар он аст, ки он дурнамои рушди раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд, масъалаи муайян намудан ва тағйирёбанда будани афзалиятҳои моддиро (бо сабаби тағйирёбии шароити зиндагӣ) дар раванди қонунгузориро ҳал мекунад, низоми зинавии онро

---

[462] Казмин И.В. Совершенствование практики планирования законопроектов. //Проблемы законотворчества Российской Федерации: Труды. Институт законодательства и сравнительного правоведения. Вып. 53. - М.: 1993. – С. - 74.

муқаррар менамояд ва ба ташаккули раванди қонунгузорӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки иҷрои нақшаи тасдиқшудаи раванди қонунгузорӣ вазифаи муҳимми Маҷлиси намояндагон, кумитаҳо, комиссияҳо ва Дастгоҳи палата мебошад. Дар заминаи таҷрибаи роҳандозии банақшагирӣ баъзе равишҳои асосии тартиб додани барномаи давлатии кори қонунгузориро метавон муайян кард. Ташаккули барнома бо иштироки бевоситаи субъектҳои фаъолияти қонунгузорӣ дар асоси пешниҳоди онҳо оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунқабулкунии мушаххас сурат мегирад. Дар рафти баррасӣ ва баҳодиҳии таклифҳо зарурияти ба таври қонунӣ танзим кардани доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки асоси идеологии санади қонунгузории пешниҳодшавандаро ташкил медиҳанд, муҳим арзёбӣ мешавад. Ба таври дақиқ метавон гуфт, ки ба сифати шакли муҳими танзими ҳуқуқӣ дар ин раванд танҳо қонун метавонад амал кунад.

Мақсади асосии масъалаҳои ба нақшагирифташуда асоснок намудан ва инъикоси навоварии танзими қонунгузории пешниҳодшуда, зарурати воқеии қабули санади қонунгузории мушаххас, мансубияти лоиҳаи қонуни пешбинишуда ба соҳаи дахлдор ва мутобиқати он ба қонун мебошад.

Дар раванди қонунгузорӣ вазифаи муҳими банақшагирӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди қонунгузорӣ мебошад. Ба андешаи муаллиф навоварии амалияи банақшагирии раванди қонунгузорӣ тасдиқи номгӯи лоиҳаҳои қонунҳое мебошад, ки онҳо бояд дар навбати аввал аз ҷониби Маҷлиси намояндагон, дар ҷаласаи аввалини иҷлосияи навбатии палата қабулшуда масъалаҳои дар асоси он муқарраршуда бояд баррасӣ карда шаванд[463].

Ҳамин тавр, тибқи Қарори Маҷлиси намояндагон аз 27 ноябри соли 2000, таҳти рақами 286 бори аввал нақшаи раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон барои тамоми давраи кори иҷлосияи навбатии даъвати дуюми ин палата, ки давраи аз 1 октябри соли 2000 то 30 июни соли 2001-ро дар бар

[463] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2020. - Б. 10. «д».

мегирад, тасдиқ карда шуд. Дар амалия ин гуна банақшагириҳоро барои ҳар семоҳа ва нимсола метавон тартиб дод[464].

Банақшагирии барномаи лоиҳаи қонунро, ки зарурати ба миён омадани ташаккули раванди қонунгузорӣ мегардад, дар Шурои Маҷлиси намояндагон таҳия намуда, дар ҷаласаи якуми иҷлосияи даъвати нави палата тасдиқ менамоянд. Дар бораи тасдиқи барнома қарори Маҷлиси намояндагон қабул карда мешавад. Дар ҳолати зарурат палата метавонад ба нақшаҳои тасдиқшудаи раванди қонунгузорӣ тағйироти дахлдор ворид намояд. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи банақшагирӣ пешниҳодҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ба инобат гирифта мешаванд. Метавон қайд намуд, ки кумитаҳо на танҳо дар банақшагирии раванди қонунгузории парлумон иштирок мекунанд, балки фаъолияти қонунгузории худро мувофиқи нақшаи умумии парлумон ба нақша мегиранд.

Ҳангоми таҳияи нақша пешниҳодҳои кумитаҳо, пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагон, ки дар ҷаласаҳои палатаҳои парлумон ифода ёфтаанд ва ё аз ҷониби онҳо оид ба барномаи раванди қонунгузорӣ ба таври махсус пешниҳод шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд. Аммо барнома таҳлили қонунгузории амалкунандаро фарогир набуда, он вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро ба таври кофӣ бояд инъикос намояд, аз тарафи дигар, дар асоси дурнамои илмӣ ин банақшагириро дуруст ба роҳ гузорад.

Аҳамияти махсусро дар раванди қонунгузории замони муосири Маҷлиси намояндагон барномаи банақшагирии таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои баррасишаванда дар бар мегирад. Дар ҳолати ба қайд гирифтани лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон: субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ; санаи ба Маҷлиси намояндагон пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо, рақами татбиқи он, кумитаи масъул барои қабули лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон; рӯйхати кумитаҳои ҳамҷоя фаъолияткунанда, мӯҳлати баррасии лоиҳаи қонун аз тарафи Маҷлиси намояндагон таҳиякунанда қайд карда мешавад.

[464] Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе. 2003. – С. - 195.

Дар раванди қонунгузорӣ банақшагирии таҳияи лоиҳаи қонунҳо мутобиқи соҳаҳои дахлдор ба инобат гирифташуда ба чунин гурӯҳҳо тасниф мешаванд: иқтисодӣ ва молиявӣ; қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният; масъалаҳои аграрӣ ва экологӣ; муносибатҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот; маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон; оила, ҳифзи саломатӣ; сохтмон, ҳокимияти маҳаллӣ; энергетика, саноат, сохтмон, коммуникатсия[465].

Дар раванди қонунгузорӣ банақшагирии лоиҳаҳои қонунҳое, ки қарор дар бораи баррасии онҳо қабул карда шудааст, ташаккул меёбад.

Чунин тартиби ташаккули барнома на ҳамеша имкон медиҳад, ки афзалияти воқеии як қонун дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян ва муттаҳид карда шавад, зарурати воқеии баррасии афзалиятноки ин ё он лоиҳаи қонун аз ҷониби палатаҳо муайян карда мешавад. Афзалияти таҳияи лоиҳаи қонунҳо интихоби мухлати таҳия ва қабули қонунҳоро вобаста ба самтҳои рушди соҳаҳои танзимшаванда, робитаи муайяни дохилии қонунҳои алоҳида ва пай дар пайии қабули онҳо ифода месозад.

Дар баробари Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ низ раванди қонунгузории палатаро банақша мегирад. Қонунҳои қабулкардаи Маҷлиси намояндагонро баррасӣ мекунад, пешниҳод ва эродҳои аъзоёни палатаро, ки дар ҷаласаҳо иброз шудааст баррасӣ менамояд, дар бораи гузаронидани муҳокимаҳои парлумонӣ қарор қабул мекунад, фаъолияти онро бо Маҷлиси намояндагон, инчунин бо кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ҳамоҳанг месозад. Аммо дар як қатор мавридҳо банақшагирӣ ва тарҳрезии лоиҳаи қонунҳо дар Маҷлиси миллӣ аз Маҷлиси намояндагон вобаста аст. Чунки ба андешаи мо, қабули қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон сурат гирифта, баъдан Маҷлиси миллӣ қонунҳои қабулшударо ҷонибдорӣ менамояд.

Банақшагирӣ воситаи муҳимтарини татбиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ буда, он имкон медиҳад, ки раванди қонунгузорӣ дар самти рушди давлат ва ҷомеа мақсаднок бошад, барои расидан ба ин мақсадҳо мухлат ва пай дар

[465] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2010. - Б. 88.

пайи амалисозии қонунгузорӣ бояд муайян карда шавад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо банақшагирӣ дар раванди қонунгузорӣ аҳаммияти калон дорад.

Ин нукта аз ҷониби А.И. Абрамова баррасӣ гаштааст ва ба андешаи ин муҳаққиқ банақшагириро ҳамчун категорияи ибтидоии ҳадафҳои мушаххаси раванди қонунгузорӣ ҳисоб мекунад[466]. Дар моҳияти ин ҳадафҳои ҳуқуқӣ раванди омода кардани қонунгузорӣ барои рафъи мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ акс меёбад. Хусусияти банақшагирӣ дар он аст, ки объекти банақшагирифта шуда дар ин ҷода санадҳое мебошанд, ки хусусияти бунёдии ҳуқуқӣ доранд ва ба ҳалли муносибатҳое нигаронида шудаанд, ки ба танзими устувори ҳуқуқии дарозмуддат ниёз доранд. Такмили низоми банақшагирии раванди қонунгузорӣ танзими онро ба мадди аввал мегузорад.

Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила сурат гирифта, бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2017 “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” танзим карда мешавад. Низоми мавҷудаи банақшагирии раванди қонунгузорӣ ба ҳамрайъии иштирокчиёни ин раванд дар асоси стратегияи ягонаи умумимиллии қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Мувофиқи моддаи 31-и қонун “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро таҳия ва тасдиқ мекунанд. Дар ба амалбарории раванди қонунгузорӣ банақшагириҳо бояд мунтазам роҳандозӣ шаванд.

Ҳамин тариқ, ҷузъи муҳими ташкилии раванди қонунгузорӣ банақшагирии фаъолияти қонунгузорӣ алоқаманд буда, интихоби роҳи мувофиқтарини қонунгузориро вобаста ба татбиқи амалии тадбирҳои дахлдори таъсири ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад ва ба баланд бардоштани самаранокии кор дар соҳаи қонунгузорӣ, тайёр кардани санадҳои қонунгузорӣ, ба ташкили назорат аз болои риояи мӯҳлати иҷрои ин корҳо,

466 Абрамова А.И. Актуальные проблемы планирования законодательной деятельности. Журнал Российского права №1. 2012. – С. - 41.

мувофиқати шакли санади қонунгузории мушаххас ба вазифаи ҳуқуқии дар санад зикрёфта нигаронида шудааст.

Ба андешаи У.Х. Мухамедов, “Банақшагирӣ имкони ташаккули низоми қонунгузориро тавассути баррасии қонунҳои асосӣ ва муҳим, инчунин баррасии “маҷмуӣ” лоиҳаҳои қонунҳо, ки ба танзим ниёз доранд, фароҳам меорад”[467].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки банақшагирии раванди қонунгузорӣ муайян намудани шаклҳои имконпазирро вобаста ба алоқамандии барномаи раванди қонунгузорӣ бо пешниҳодҳои мансуб ба интишори санад дар назар дошта, он бо супориш ва ё аз номи субъекти ташаббуси қонунгузорӣ таҳия мешавад.

Аз таҷрибаи парлумонӣ бармеояд, ки таҳлили қарори ҳуқуқии пешниҳодшуда дар ин маврид фарогири арзёбии асоснок ва бозгӯии оқибатҳои он мебошад, аз ҷумла:

-Нақшаҳои санадҳои меъёри ҳуқуқӣ барои як сол тасдиқ карда мешаванд, вале нақшаҳои дарозмуҳлат зиёда аз як солро дар бар мегиранд.

-Дар нақшаҳои дарозмуҳлат мақсад ва афзалиятҳои сиёсати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо, консепсияҳо, дурнамо ва самтҳои рушди қонунгузории кишвар ба инобат гирифта шуда, барои танзими қонунгузорӣ тадбирҳои мушаххас муайян мегарданд. Онҳо ба мушаххас намудани нақшаҳои ҳозираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нигаронда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, дар раванди қонунгузорӣ хусусияти воқеӣ будани муҳлат бо дарназардошти ба инобат гирифтани таклифу пешниҳоди дахлдор ҳангоми баррасии лоиҳаи қонунҳо дар Маҷлиси Олӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Банақшагирии раванди қонунгузорӣ барои таъмини оқилона ва асоснокии илмии таҳия, баррасӣ ва қабули қонунҳо, саривақт гузаронидани корҳои экспертию таҳлилӣ ва тайёрӣ, таҷрибаҳои ҳуқуқӣ ва ғайра аҳамияти

---

[467] См.: Мухамедов У.Х. Цитата по работе: Тультеева И.Т., Тастанбековой Г.С., Янгибаева А.К. Правотворческая деятельность парламента: содержание и приоритетные направления ее совершенствования. Учебное пособие. Ташкент - 2016. – С. - 30.

калон дошта, он ба беҳтар намудани сифати қонунҳои қабулшуда мусоидат менамояд. Ноил шудан ба мақсадҳои банақшагирии ягонаи раванди қонунгузорӣ вазифаи таъмини ҳамоҳангсозии танзими қонунгузорӣ ва зербандҳои онро пеш мегузорад. Муҳимияти чунин ҳамоҳангӣ аз он иборат аст, ки фаъолияти самараноки қонун, чун қоида, бо қабули санадҳои зерқонунии дахлдор вобаста аст, ки ба татбиқи меъёрҳои дар қонун муқарраргардида нигаронида шудаанд.

Дар раванди қонунгузорӣ муҳимияти банақшагирӣ дар он аст, ки мутобиқатӣ таҳияи лоиҳаи қонунҳоро дар қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, татбиқи меъёрҳои қонун қабулшударо муайян менамояд.

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки банақшагирӣ воситаи муҳимтарини татбиқи сиёсати пайвастаи раванди қонунгузорӣ буда, он имкон медиҳад, ки фаъолияти қонунгузорӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди давлатию иҷтимоӣ, ки дар Конститутсия, Консепсия, стратегия ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ, афзалиятҳои қонунгузорӣ, инчунин муҳлат ва пай дар пайии ноил шудан ба ҳадафҳо ва афзалиятҳои зикргардидаро муайян мекунанд, равона гардад.

Ҳамин тавр, бо мақсади банақшагирифтан ва такмил додани раванди қонунгузорӣ 19 феврали 2011 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд[468].

Мақсади консепсияи мазкур ҳалли масъалаҳои муҳими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани самтҳо, усулҳои рушд ва раванди қонунгузорӣ, дурнамои қонунгузорӣ ҳангоми банақшагирии фаъолияти қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар раванди қонунгузорӣ самтҳои афзалиятноки Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи босамари онҳо дар ҳаёти

[468] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба "Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 11 феврали соли 2011, №1021 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.08.2020 с.).

ҷамъиятӣ пешбинӣ шуда буд ба инобат гирифта мешавад. Консепсияи мазкур самтҳои афзалиятнокро муайян мекунад, аз қабили баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи босамари онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ. Самтҳои афзалиятноки он барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёрии давлат, манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ; якпорчагии давлат, барқарор намудан ва пойдории сулҳу субот, муносибатҳои дӯстона ва некхоҳона бо кишварҳои дигар; таъмини волоияти қонун; рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои идеологияи сиёсӣ, озодии баён ва такмили ҷанбаҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ; баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ; рафъи ихтилофот дар санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангсозӣ ва фазои ягонаи қонунгузорӣ ва раванди қонунгузорӣ дар Тоҷикистон; мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, мебошад. Консепсияи мазкур танҳо он муқаррарот, идеяҳо, ақидаҳоеро дар бар мегирад, ки барои татбиқи амалӣ гаштани раванди қонунгузорӣ имконпазир бошанд.

Дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ мавҷуд будани Консепсия чун масъалаи аввалиндараҷа дарояндаи наздик қабул кардани як зумра қонунҳо мадди назар гирифта шуда мавҷуд будани он аҳаммияти қалон дорад. Бо дарназардошти ин хусусияти қонунгузорӣ Т.Я. Хабриева durуст таъкид мекунад, ки ҳангоми муайян кардани муҳлати таҳия ва қабули санади пешбинишуда имкони татбиқи ҳуқуқии масъалаи мазкур бояд ба инобат гирифта шавад.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки давраи банақшагирӣ бояд муҳлати мусоидро барои баррасии ҳамаҷонибаи санади дахлдор фаро гирад, аз ҷумла:

-ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ барои пешгуӣ кардани самараи меъёрҳои ҳуқуқии дар санад пешбинишуда;

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо дар соҳаи дахлдори танзими ҳуқуқӣ;

- омӯзиши омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар омилҳое, ки зарурати таҳия ва қабули қонунҳоро инъикос менамоянд ва ба татбиқи он мусоидат мекунанд[469].

Дар баробари ин, дар раванди қонунгузорӣ муназзам қабул кардани қонунҳо ба манфиати шаҳрвандон ва давлат равона гардида, он эҳтиёҷоти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро таъмин менамояд ва дар ин ҷода оиди якчанд нукот натиҷагирӣ намудем:

- Дар раванди қонунгузорӣ самтҳои афзалиятноки Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи босамари онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ пешбинӣ шуда буд ба инобат гирифта мешавад. таҳия ва қабули лоиҳаи қонунҳо тибқи Консепсияи банақшагирифта бояд давра ба давра татбиқ карда шаванд;

- Консепсия банақшагирии ба танзим даровардани қонунгузории кишварро пешбинӣ менамояд;

- Консепсия барои амали гаштани раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи раванди ҳамгироӣ зарурат ба миён меорад. Ин консепсия ба муътадил гардондани раванди қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Таҳия, такмил ва сифати қонунгузорӣ таҳияи пешниҳодҳоро оид ба такмили раванди қонунгузорӣ, таҳия ва амалияи татбиқи қонунгузорӣ тақозо мекунад. Арзёбии вазъи кунунии қонунгузорӣ, муайян кардани масъалаҳои асосии ҳалталаб ва ихтилофот дар онҳо ба ин раванд алоқамандӣ дорад.

Консепсияи мазкур самтҳои афзалиятнок, ҷорӣ ва такмили имкониятҳои асосии раванди қонунгузорӣ ва татбиқи онҳоро муайян мекунад.

Аз ин гуфтаҳо мо ба хулосае омадем, ки Консепсия барои ҳалли масъалаҳои муҳими раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани самтҳои асосии таҳияи қонунгузорӣ, усулҳои таҳияи қонунгузорӣ чунин омилҳоро пешбинӣ менамояд:

[469] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. Издание Государственной Думы. М. - 2013. – С. - 237.

- баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи босамари онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба ҳифзи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст;

- дар таҳияи лоиҳаи қонунҳои дар Консепсия пешбинӣ шуда ҳуқуқу озодиҳои шахс ва шаҳрванд, соҳибихтиёрии давлат, манфиатҳои миллӣ; таъмини волоияти қонун; такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди ҷомеа; баланд бардоштани дониши касбӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро муқаррар мекунад;

-рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

- бо дарназардошти талаботи ҷомеа, рафти ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ, инкишофи ҳаёти сиёсию маданӣ, ба такмили қонунгузории амалкунанда ва ҳамчунин барои таҳия ва қабули қонунҳои нав мусоидат намуда, ба ташаккули раванди қонунгузорӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, Консепсия пеш аз марҳилаи банақшагирӣ барои роҳандозии ин раванд тарҳрезӣ шудааст ва он ба пешгирии ҳама гуна оқибатҳои манфии танзими ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Ҳадафи Консепсия такмили қонунгузорӣ дар бахшҳои сохти конститутсионӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ, аграрӣ, молиявӣ, низоми андоз ва бонкӣ, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф, қонунгузорӣ дар соҳаи прокуратура, судӣ, қонунгузории маъмурӣ, мурофиавӣ, мубориза бо коррупсия ва ғайра мебошад. Ин Консепсия дар такмили қонунгузорӣ саҳми назаррас гузошт.

Зеро дар асоси он раванди қонунгузорӣ доир ба қабул ва такмил додани қонунҳои конститутсионӣ “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ”, “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ба миён овард. Ҳамчунин раванди қонунгузорӣ доир ба мутобиқ будани як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, “Дар бораи ҷамъияти саҳҳомӣ” ба Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда қабул низ шуданд.

Ҳамчунин Консепсия, барои раванди қонунгузорӣ ҳамчун асос баромад намуда, оиди такмил додани қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамчунин як қатор қонунҳо доир ба соҳаи қонунгузории мурофиавии гражданӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа қабул ва такмил дода шуданд. Дар асоси татбиқи консепсия қонунҳои нави конститутсионӣ “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат”, “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардиданд.

Консепсия зарурати раванди қонунгузории як қатор қонунҳои нав: “Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон”; “Дар бораи муҳоҷират”; “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”; “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”; “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи адвокатура”- ро ба миён овард. Қонуни мазкур на танҳо мушаххас кардани вазъи ҳуқуқии адвокатҳоро мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, балки бартараф намудани номутобиқатии вазъи ҳуқуқии аъзои коллегияҳои адвокатҳо ва адвокатҳоро низ ба назар мегирад; дар ин замина тартиби ягонаи иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи хизматрасонии ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шуд. Ҳамчунин дар асоси Консепсия кодекси касбии адвокатҳо таҳия шуда боз ҳам зарурати ташаккули ба миён оварандаи раванди қонунгузорӣ дар қабули кодекси номбурда ба миён омадааст. Дар ин раванди қонунгузорӣ як қатор кодексҳои мавҷуда низ такмил дода шуданд.

Як қатор қонунҳо “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда” таҳия ва қабул гардиданд.

Дар Консепсия банақша гирифта шудааст, ки қонунҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” бояд мутобиқ карда шаванд. Зеро

қонуни мазкур барои муқаррар намудани принсипҳои умумии ташкили банақшагирӣ, мушаххас кардани масъулияти мақомоти алоҳидаи давлатӣ ва шахсони мансабдори вобаста банақшагирӣ, фароҳам овардани шароит барои татбиқи афзалиятҳои стратегии раванди қонунгузории кишвар, инчунин таъмини устувории расмиёт, тартиб додан ва тасдиқ намудани санадҳои банақшагирӣ ва эътибори ҳуқуқӣ додани онҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, қабули Консепсия барои амалӣ ва ташаккули раванди конунгузорӣ такони бузургро фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз аз ин гуфтаҳо натиҷагирӣ намуда қайд карданӣ ҳастем, ки новобаста аз аҳаммияти банақшагирӣ ва мавҷуд будани Консепсия дар раванди қонунгузорӣ, аъзоёни парлумон барои самарабахшӣ, асоснокнамоии илмӣ, дурнамои он имконоти мавҷудаи банақшагирӣ дар ин соҳа ба таври зарурӣ татбиқ карда нашудааст. Қонунҳо бо гузашти вақт ба тағйирот дучор мешаванд. Ин як таҷрибаи маъмулӣ шудааст, ки ба қонуни нав қабул карда аллакай дар соли аввали ба қувваи амал даромадани он тағйироту иловаҳо ворид менамоянд. Яке аз омилҳои асосӣ номукаммал будани сатҳу сифати қонун, ба таври зарурӣ омӯхта нашудани масъалаҳои дахлдори ин соҳа ба шумор рафта, дар натиҷа қонунҳои қабулшуда ислоҳро талаб мекунад.

Ва ҳамзамон ба миён омадани давраҳои раванди қонунгузориро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти баррасии вазифаҳои банақшагирӣ пешниҳод менамоем, ки қонунгузорӣ дар соҳаи интихобот такмил дода шавад, инчунин Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби рафти интихобот ва мурофиаи интихобот, Кодекс дар бораи хоҷагии коммуналӣ ва манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қабул карда шавад. Ин масъалаҳои муҳим ҳамоно ба такмил ниёз доранд. Усул ва иҷрои масъалаҳои коммуналию манзилӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯй намебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз модели пештараи татбиқи банақшагирии масъалаҳои коммуналӣ ва манзилӣ даст кашад ва дар ин самт аз равияҳои нав истифода намояд.

Дар баробари ин суханон қайд кардани ҳастем, ки бо гузашти солҳо амалияи раванди қонунгузории ватанӣ такмил ёфта, масъалаҳои ҳалталаб мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар ин самт корҳои илмии зиёде нашр гардида, оид ба масъалаҳои соҳаҳои қонунгузорӣ назарияҳои асосноки илмӣ ташаккул ёфтанд ва ҳамаи ин барои таҳияи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гардид, ки дар он ба омезиши бештари қонунқабулкунӣ ва ҳимояи ҳифзи ҳуқуқ дар доираи умумии ташаккули ҳуқуқӣ диққати асосӣ нигаронида шуда буд.

Барои фаъолияти мақсаднок ва мунтазами раванди қонунгузорӣ 6 феврали соли 2018 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қабул карда шуд, ки он самти асосии татбиқи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад[470].

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати минбаъдаи ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Мақсади Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, ки ба рушди низоми нави ҳуқуқ мусоидат мекунад, расонидани раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ ба марҳилаи сифатан нав, аз қабили банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмию ҳуқуқӣ дар соҳа, инчунин гузаронидани таҳқиқоти илмиву таҳлилӣ оид ба ҳолат, ҷараёни рушд ва амалияи қонунгузорӣ, роҳандозии экспертизаи зиддикоррупсионӣ ва ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳо мебошад.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон бо дарназардошти рушди ҷомеаи мутамаддин марҳалаи нави такмили сохти конститутсионӣ оғоз гардид, ки дар заминаи он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд ва дар ин замина таҳкими асосҳои демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявии он таҳким бахшида шуданд.

---

[470] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба "Консепсияи ҳуқуқии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2018" аз 27 июли соли 2010, №1021 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.08.2020 с.).

Дар раванди қонунгузорӣ дар баробари қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ як қатор консепсияву стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ низ таҳия ва қабул карда шуда аҳамияти калон доранд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои олӣ зарурати такмили қонунгузории миллӣ ва таҳияи механизми муассири танзими ҳуқуқӣ пеш меояд.

Низоми навини ҳуқуқӣ ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мунтазам такмил меёбад.

Ҳамин тариқ, Консепсия дар такмил ва ба миён омадани раванди қонунгузории кишвар ба сифати ҳамоҳангсозии ибтидоӣ, асоси таҳияи барномаҳои дахлдор дар соҳаи ҳуқуқ, дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақшаҳои самарабахши фаъолияти қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумат, Президенти кишвар, Маҷлиси Олӣ мавқеи калонро мебозад.

Яъне банақшагирӣ ва қабули Консепсия ба миёноварандаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар пасманзари ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди минбаъдаи раванди қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

Унсурҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро стратегияҳои давлатӣ, консепсияҳо, барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳифзи ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо самтҳои асосии сиёсати давлатӣ амалӣ гардида, онҳо заминаи ба миёновардаи раванди қонунгузории соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳои сиёсати Тоҷикистони соҳибихтиёрро ташкил медиҳад.

Моҳияти сиёсати ҳуқуқӣ арзишҳои олии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, фазои гуногуни сиёсӣ, шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт мебошад.

Яке аз тадбирҳои аз ҷониби давлат дар амалӣ намудани Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ барои солҳои дар 2018-2028 мебошад, ки он имкони такмили ҷараёни меъёрэҷодкунӣ ва раванди қонунгузориро ба дараҷаи сифатан нав расонида дар банақшагирии мақсаднок ва раванди қонунгузории Парлумон нақши калидӣ мебозад.

Дар ин замина дар асоси раванди қонунгузорӣ як қатор қонунҳо дар соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла соҳаҳоӣ ҳуқуқи конститутсионӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ, молиявӣ, бонкӣ, гумрукӣ, андоз, ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ, мурофиаи иҷро ва ғайра иқдомҳои бузург роҳандозӣ карда шуданд.

Минбаъд, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ масъалаҳои такмил ва рушди сиёсати қонунгузориро дар соҳаҳои молиявию иқтисодӣ, сиёсати андоз, гумрук, низоми бонкӣ, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ: такмили гуманизм дар қонунгузории ҷиноятӣ, такмили низоми судӣ, бунёди давлати индустриалӣ-аграрӣ, такмил додани раванди қонунгузорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва як қатор соҳаҳои дигар тавсеа бахшид.

Ҳамин тариқ, ташаккул, такмил ва рушди қонунгузории миллӣ, низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ аз ҷумла раванди қонунгузорӣ дар фазои мусоид аз дастоварди муҳими сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар даврони соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳия, такмил ва ба миёноваранда ва заминаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Он тавассути рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва нақши онҳо дар раванди қонунгузорӣ, мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба принсипҳои раванди қонунгузорӣ ва техникаи қонунгузорӣ; шаффофият дар раванди қонунгузорӣ; риояи манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва банақшагирии таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар давоми бист соли охир раванди қонунгузории Парлумони Тоҷикистони муосир беш аз пеш такмил ёфта, пайваста дар таҳкими минбаъдаи истиқлолияти кишвар саҳм мегузорад. Вобаста ба

ислоҳотҳои конститутсионии ба миён омада такмили минбаъдаи демократикунонии институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи ин масъала чунин хулосабарорӣ метавон кард: мақсади банақшагирӣ дар рушди раванди қонунгузорӣ хусусияти тамоман нав пайдо мекунад ва дар давраи муосир таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мутобиқ ба Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳое, ки ба баррасии Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд; самтҳои асосӣ ва дурнамои такмили раванди қонунгузорӣ ва татбиқи онро муайян кардан мебошад.

Банақшагирӣ мақсаду вазифаҳои инкишоф ва такмили раванди қонунгузориро муайян мекунад. Аз ин бармеояд, ки барномаю нақшаҳои фаъолияти раванди қонунгузориро мунтазам тартиб додан бамаврид аст.

Тавре ки олимони тоҷик А.Ғ. Холиқзода ва Ҷ.М. Зоир қайд мекунанд, “қонунгузории муосир бояд мувофиқи барномаҳо ва консепсияҳои дарозмуддат дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ инкишоф ёфта, ба рушди минбаъдаи кишвар мусоидат намояд”[471].

Дар пасманзари ин гуфтаҳо қайд менамоем, ки илми ҳуқуқшиносӣ ташаккул ёфта, ҳангоми ба нақша гирифтани раванди қонунгузорӣ ҷанбаҳои илмии банақшагириро ба назар бояд гирифт. Вусъат бахшидани ҷанбаи илмии масъалаҳое, ки асоси лоиҳаи қонуни ояндаро ташкил медиҳанд, дар якҷоягӣ бо намояндагони халқ қобили қабул аст. Инчунин, пояи иттилоотии раванди қонунгузорӣ низ бояд устувор бошад.

Банақшагирии раванди қонунгузорӣ масъалаи муайян кардани мазмуни ин мафҳум низ алоқамандӣ дорад. Объекти банақшагирӣ инчунин лоиҳаи қонунҳо буда, таҳияҳои илмии онҳо, инчунин санадҳои нав ё ислоҳот дар ин бахш буда метавонанд.

---

[471] Холикзода А.Г., Маджидзода ДЖ.З., Одиназода Р.С. «Права человека и конституционное правовое развитие Таджикистана» Душанбе. «Мехрона- 2017». - 2019. – С. - 289.

Бо назардошти ин гуфтаҳо олимон А.С. Пиголкин[472] ва И.Д. Сафаров[473] чунин меҳисобанд, ки раванди эҷоди лоиҳаи қонунҳо бояд ба низоми муайян, аз рӯйи пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок амалӣ гарданд. Зеро ки ҳалли масъалаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар раванди қонунгузорӣ муҳим арзёбӣ мешаванд.

Аз ин таҳлилҳо ба хулосае омадем, ки банақшагирии раванди қонунгузориро бояд ҳамчун муқаррар намудани шаклҳои имконпазири таносуби барномаи кори таҳияи лоиҳаи қонун бо супоришҳои мавҷуда ва ё бо салоҳдиди худи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ омода карда мешавад, бояд фаҳмид[474].

Банақшагирии раванди қонунгузорӣ танҳо вобаста ба тағйироти вазъи иҷтимоӣ ба амал меояд. Ба вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки барои сари вақт арзёбӣ намудани тағйироти ҳаётан муҳим ва доир ба фаъолияти худ, эҷоди қонунҳои муосир, ки ба воқеияти объективӣ мувофиқат мекунанд, эътино намоянд. Дар шароити кунунӣ тартиб додани барномаи ягонаи раванди қонунгузорӣ бо мӯҳлати дахлдор мувофиқи мақсад мебошад. Пурра намудани чунин барнома дар ҷараёни татбиқи он аз ҳисоби пешниҳодҳои нав оид ба таҳия ва қабули ин пешниҳодҳо амалӣ карда мешавад. Дар асоси барномаи ягонаи таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо нақшаҳои раванди ҷории қонунгузориро метавон қабул кард.

Ҳамин тавр, мо чунин мешуморем, ки банақшагирӣ имкон медиҳад, ки дигар вазифаҳои такмили раванди қонунгузорӣ сари вақт ва самаранок ҳал карда шаванд: камбудиҳои танзими раванди қонунгузорӣ ислоҳ карда шаванд, шумораи зиёди қонунҳо бартараф ва меъёрҳои куҳнашуда бекор карда шаванд.

---

[472] Пиголкин А.С., Рахманина Т.Н., Желялетдинова З.С. Законодательные программы субъектов Российской Федерации. – С. - 86.

[473] Сафаров И.Д., Зиёев М. Логические основы законотворческого процесса в Республике Таджикистан. - Душанбе. Государство и право. №3. -2006. – С. - 34.

[474] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. Издание Государственной Думы. М. – 2013. – С. - 237-238.

Банақшагирии раванди қонунгузорӣ барои асоснокии илмии таҳия, баррасӣ ва қабули қонунҳо, саривақт гузаронидани корҳои экспертизаю таҳлилӣ ва омодагӣ ва дар ниҳояти кор, баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулшуда, аҳамияти муҳим дорад.

Дар замони муосир банақшагирӣ дар раванди қонунгузорӣ хусусияти ҳатмӣ гирифтааст. Ва пеш аз ҳама банақшагирӣ дар амалишавии пешгуӣ доир ба раванди қонунгузорӣ вобастагӣ дорад. Дар мавриди баррасии амалияи банақшагирии раванди қонунгузорӣ, ба эътидол овардани инкишофи раванди қонунгузорӣ вазифаи омодасозии лоиҳаҳои қонунҳо дар заминаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии оқилона аҳаммияти муҳимро касб менамояд.

Дар ба амал баровардани раванди қонунгузорӣ, ба инобат гирифтани пешгӯи низ хеле аҳаммияти муҳим дорад. Ва пешгӯии рушди раванди қонунгузорӣ дар муайян кардани ҳадафҳо муҳим аст.

Ба гуфтаи А.И. Абрамова дар назарияи ҳуқуқӣ, баъзан пешгӯи яъне дурнаморо бо мафҳуми банақшагирӣ шабоҳат медиҳанд[475]. Воқеан, пешгӯӣ ва банақшагирӣ нисбат ба фаъолияти қонунгузорӣ моҳияти ягона дошта, онҳо маънои дурнамои иҷтимоӣ ва илмии таҳаввулоти инкишофи муносибатҳои иҷтимоиро дошта, объекти танзими ҳуқуқии оянда мебошанд. Пешгӯӣ тамоюлҳои умумии рушди ҷамъиятро инъикос мекунад, дар ҳоле ки банақшагирӣ ба ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронида шудааст. Гурӯҳе аз олимон чунин мешуморанд, ки дар шароити банақшагирии мақсадноки бисёрзинагӣ барои кишвар бидуни пешгӯии фаъолияти қонунгузорӣ ҳалли мушкилот хеле душвор аст.

Аз ҷумла, муҳим будани истифодаи натиҷаҳои пешгӯии рушди раванди қонунгузориро дар муайян кардани ҳадафҳо А.И. Абрамова дуруст қайд менамояд. Пешгӯӣ ҳадафҳоро муайян мекунад ва тавассути банақшагирӣ онҳо амалӣ мешаванд. Пешгӯӣ пеш аз марҳилаи банақшагирӣ буда, барои

---

[475] Абрамова А.И. Актуальные проблемы планирования законодательной деятельности. Журнал Российского права №1. 2012. – С. - 42.

роҳандозии ин раванд тарҳрезӣ шудааст ва тавассути он ба пешгирии ҳама гуна оқибатҳои манфии танзими ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Нуктаи ҷолиби илмӣ аз ҷониби К.В. Агамиров баён шудааст, ки ба андешаи ин олим арзёбии пешгӯии рушди қонунгузориро ҳамчун марҳилаи ҳатмӣ дар роҳи банақшагирии фаъолияти қонунгузорӣ бояд донист. Мафҳуми пешгӯӣ маънои саҳм гузоштан дар банақшагирии раванди қонунгузорӣ мебошад. Ба нақшагирии фаъолияти қонунгузорӣ бе пешгуӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок нахоҳад шуд. Раванди тайёр кардан, асоснок кардан ва қабули санадҳои меъёрӣ бояд ба дурнамо асос ёфта бошад[476] Масалан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба Маҷлиси намояндагон лоиҳаи Қонун “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, оид ба муқаррар ва бекор кардани андозҳо барои соли нави молиявӣ дар заминаи дурнамои нишондодҳои буҷети давлатӣ барои соли оянда пешниҳод менамояд. Якҷоя бо лоиҳаи қонун дар бораи буҷет пешгӯии нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои соли оянда, инчунин барномаи қарзи давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва пешгӯии нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2023-2024 пешбинӣ шудааст. Зеро бе ба нақшагирӣ ва пешгӯӣ маблағи хароҷот ва даромади бюҷет муқаррар карда намешавад. Ҳар сол лоиҳаи қонуни номбурда тибқи барномаҳои қаблан таҳияшудаи Ҳукумат омода мешавад. Тавре ки аён аст, соли 2020 афзоиши таназзули иқтисод, афзоиши шумораи бекорон ва ғайра ба мушоҳида расида буд. Пас, саволе ба миён меояд, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, дар бораи муқаррар ва бекор кардани андозҳо барои соли 2021, пешгӯии нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2022-2023, 2023-2024, кадом меъёрҳо барномарезӣ шудаанд, кадом омилҳо бароиояндаи он ба инобат гирифта шудаанд? Оё кафолати пардохтҳои иҷтимоӣ ба назар гирифта шудааст, оё индексатсияи пардохти нафақа, стипендия, музди меҳнат ва ғайра ба инобат гирифта шудааст, дар соҳаи иҷтимоӣ ягон афзалият муқаррар шудааст? Аз

[476] Агамиров К.В. Юридические прогнозирование как фактор совершенствования Российской правовой системы. Дисс. ... д-ра юрид. наук. М. 2020. – С. - 154.

раванди иқтисодӣ бармеояд, ки солҳои 2021-2026 низоми иқтисодӣ ба ташаннуҷ рӯ ба рӯ мешавад.

Ҳамин тариқ, ба назари мо банақшагирӣ ва пешгӯӣ дар самти раванди қонунгузорӣ ҷузъи муҳими сиёсати қонунгузории давлат буда, он пеш аз ҳама, фарогири чунин омилҳост: мутобиқати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст; муайян кардани қабули як қатор қонунҳо дар навбати аввал ва ё дарояндаи наздик; ба манфиати шаҳрвандон ва давлат мунтазам қабул кардани ин қонунҳо; эҳтиёҷот дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ; кодификатсияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва кодексҳои нав, аз ҷумла бо мақсади таҳияи механизми татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст; ба тартиб даровардани қонунгузорӣ, ҳамоҳангсозии мунтазами санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; амалияи муҳокимаи умумӣ ва парлумонии лоиҳаҳои қонунҳоеро, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим мекунанд; мувофиқсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамгироӣ. Ин раванд ибтидои банақшагирӣ ва пешгӯӣ ҳадафи мушаххаси ҳуқуқӣ буда, онҳо дар якҷоягӣ барои омодасозии раванди қонунгузорӣ оид ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва проблемаҳои сиёсӣ мусоидат менамояд[477].

Пас аз таҳлили банақшагирӣ ва пешгӯии раванди қонунгузорӣ метавон ба чунин хулоса омад:

Якум, мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, татбиқи самараноки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёрии давлат, якпорчагии давлат, таъмини волоияти қонун.

Дувум, ҳалли масъалаҳои таъмини ягонагӣ ва мутобиқати ҳамаи қонунҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

---

[477] Абрамова А.И. Актуальные проблемы планирования законодательной деятельности. Журнал Российского права №1. 2012. – С. - 42.

Сеюм, рафъи ихтилофот дар санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангии фазои ягонаи қонунгузорӣ дар Тоҷикистон.

Чорум, баланд бардоштани сифати раванди қонунгузорӣ ва қабули қонунҳо, инчунин беҳтар намудани назорати иҷрои онҳо.

Ҳамин тариқ дар бораи банақшагирӣ ва пешгӯи сухан ронда, мо баъзе тамоюлҳои манфиеро муайян кардем, ки дар раванди такмили қонунгузорӣ бояд бартараф карда шаванд:

-маънидодкунии нодурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида;

-тавзеҳоти зиёди меъёрҳо; пешгӯии нокифояи оқибатҳои қабули баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи онҳо, ки боиси зуд тағйир ёфтани он мегардад;

-ворид намудани иловаҳо ё бекор кардани ин санадҳо фавран баъди қабули онҳо.

## 4.2. Экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо

Дар раванди қонунгузории парлумон экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо нақш ва аҳамияти муҳим дорад. Сифати лоиҳаи қонуни иҷрошуда аксаран самарабахширо дар раванди қонунгузорӣ таъмин менамояд ва он на танҳо имкон медиҳад, ки дараҷаи дурусти тартиб додани санади мушаххас таъмин карда шавад, балки ба ташкили низоми илман асосноки раванди қонунгузорӣ, инчунин ошкор намудани окибатҳои манфие, ки дар татбиқи онҳо ба амал меояд, мусоидат мекунад.

Истифодабарии маълумоти экспертиза дар раванди қонунгузорӣ ба ташаккули ғояҳои нав дар доираи ифодаҳои мушаххаси мафҳумҳои ҳуқуқӣ сурат гирифта, ин раванд ба баланд гаштани таъсири танзими санади қабулшуда мусоидат мекунад.

Баррасии лоиҳаҳои қонунҳо арзёбии онҳоро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва соҳаҳои дигар фарогир мебошад.

Ба андешаи Т.Я. Хабриева “Экспертизаи босифат боиси ташаккули қонуни самарабахш ва дарозмуҳлат мегардад. Моҳияти экспертиза дар он аст, ки ин раванд на танҳо барои таъмини дурусти омодасозии санади

мушаххас имкон фароҳам меорад, балки барои ба вуҷуд овардани низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснок, қарорҳои қонунгузорӣ, мувофиқати онҳо, инчунин ошкор намудани оқибатҳои манфие, ки дар амалӣ гардидани онҳо халал эҷод менамоянд, асос мегардад"[478].

Экспертиза дар раванди қонунгузорӣ дар шакли умумӣ фарогири ҳама гуна масъалаҳое мебошад, ки барои ҳалли онҳо дониши махсусро дар соҳаи илм, техника ва ғайра талаб мекунад. Ҳангоми гузаронидани экспертизаи лоиҳаи қонунҳо ва худи қонунҳо пеш аз ҳама ба дониш ва таҷрибаи ҳуқуқшиносон такя менамоянд.

Аслан мафҳуми экспертиза ба маънои шакли таҳқиқи ҳама объектҳои мавҷуда буда, он маҳсули фаъолияти шифоҳӣ ва равонӣ, падида ё ҳолати истифодаи донишҳои махсус барои гирифтани ҷавобҳо ба саволҳои дахлдор мебошад. Омили предмети экспертиза ҳамчун алгоритми муайяни ҳосили дониш бо истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, вобаста ба мазмуну мундариҷаи худ ин мафҳум ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Такмили маводи қонунгузорие, ки дар айни замон таҳия мешавад, бе арзёбии экспертиза дар раванди қонунгузорӣ имконнопазир аст. Татбиқи ҳар як намуди экспертиза имкон медиҳад, ки сифати қонун ба таври аниқ муқаррар карда шавад.

Экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо як қатор хусусиятҳо дорад:

Якум, ба субъектҳо бояд дар бораи мавод ва ҳуҷҷатҳои барои экспертиза фиристодашуда ва аз натиҷаҳои он бо дарназардошти рафъи минбаъдаи эродҳои додашуда маълумот дода шавад.

Дуюм, экспертиза бояд аз ҷониби коршиносони касбӣ, салоҳиятдор ва мустақил гузаронида шавад; стандартҳои сифат бояд риоя карда шаванд.

Сеюм, дар гузаронидани экспертиза ба шаклпарасти роҳ дода нашавад, балки барои арзёбии воқеии ҳолати мавҷуда равиши низомнокӣ нигоҳ дошта шавад.

---

[478] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. Издание Государственной Думы. М. - 2013. – С. - 240.

Чаҳорум, хулосаҳои дар экспертиза овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва қонунӣ бошанд.

Панҷум, масъулияти шахсии эксперт барои хулосаҳои таҳияшуда мушаххасан дар экспертиза пешбинӣ карда шавад[479].

Муҳаққиқи соҳаи мазкур Л.Ф. Апт[480] бар он андеша аст, ки "экспертиза имкони ислоҳи камбудиҳои қонунбарориро пайгирӣ намуда, диққати аъзоёни парлумонро ба рафъи ихтилофҳои қонунҳо бо меъёрҳои Конститутсия, принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти ҳуқуқии конститутсия, қонунҳо, стандарти техникаи қонунгузорӣ, ки дар раванди қонунгузорӣ риоя карда мешавад ҷалб менамояд".

Дар ин ҷода суханони Н.Н. Аверянова ва Е.О. Локтионова ба маврид буда боиси дастгирӣ низ мешавад, чунки экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо назар ба дигар шаклҳои кор бо лоиҳаи қонунҳо хусусияти хос доранд, он бояд аз ҷониби эксперти салоҳиятдор, ки дар соҳаи муайян дониши махсус доранд, гузаронида шавад. Пас аз гузаронидани экспертиза хулосаи эксперт дар асоси истифодаи дониши махсус дар соҳаи муайяни илм, техника, санъат, ҳуқуқшиносӣ пешниҳод карда мешавад. Зеро ба андешаи мо хулосаи эксперт барои қабули қарори дуруст асос мегардад. Ва хулосаи экспертизаро бояд аз хулосаи ин ё он мақомоте, ки доир ба лоиҳаи қонун дода мешавад, фарқ кард. Тартиби гирифтани хулосаи экспертиза дар доираи коргузорӣ муайян шудааст[481].

Экспертиза муҳимтарин воситаи таъмини сифати баланди қонунҳо дониста мешавад. Мавқеи олимонро тарафдори намуда, қайд кардани ҳастем, ки маҳз омӯзиши ҳамаҷонибаи экспертизаи лоиҳаи қонун дар доираи раванди қонунгузорӣ, имкони баррасии тамоми мушкилот ва зиддиятҳои

---

[479] Филатова А.В. Экспертиза регламентов и процедур исполнения государственных функций в системе экспертной деятельности России. Под ред. Н.М. Конина. - М.: ДМК Пресс, 2009. – С. - 32.

[480] Апт Л.Ф. Теоретические вопросы правовой экспертизы федеральных законов // Журнал Российского права. - 2008 - №2 – С. - 18.

[481] Аверьянова Н.Н., Локтионова Е.О. Экспертиза законопроектов в законотворческом процессе России: Правовая теория и классификация. Изд. Сарат. ун-та. Нов. сер. Сер. Экономика. Управление. Право. 2016. Т. 16, вып. 1.

мавҷудбудаи лоиҳаи қонун фаро мегирад ва сари вақт онро муайян менамояд.

Ин мавқеъро М.В. Батюшкина низ дастгирӣ менамояд ва ба андешаи ӯ сарфи назар аз он ки ҳар як намуди экспертиза предмети функсионалии худро дорад[482], таҳлили ҳамаҷонибаи лоиҳаи қонун бояд як ҳадафи умумӣ дошта бошад, ин ҳам бошад рафъи камбудиҳо дар қонунҳои парлумон.

Масъалаи омӯзиши муфассали экспертизаи қонунҳо ё лоиҳаҳои қонунҳоро дар асарҳои Т.В. Худойкина метавон дид.

Якум, ба андешаи Т.В. Худойкина такмили маводи қонунгузории таҳияшудаистода бе баҳодиҳии воқеӣ ба сифати он тавассути экспертизаҳои гуногун имконнопазир аст.

Дуюм, қонун ё лоиҳаи қонун бояд аз экспертизаи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, молиявӣ, экологӣ, забонӣ ва дигар экспертизаҳои махсус гузаронида шавад[483], ки онро аъзоёни парлумон, муаллифони лоиҳаҳои қонунҳо, субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ, эксперт, вакилон, кумитаҳо ва комиссияҳои мақомоти қонунгузор, мақомоти судӣ, институтҳои илми-таҳқиқотӣ, олимони соҳаҳои гуногун ва баъзан ташкилотҳои байналмилалӣ дар асоси шартнома амалӣ мекунанд. Мо далели аввали Т.В. Худойкинаро тарафдорӣ менамоем, аммо бо далели дуюм, ки лоиҳаи қонун ё қонуни баррасишаванда бояд аз ҳамаи намудҳои экспертиза гузарад, розӣ шуда наметавонем. Агар мантиқан дуруст таҳлил намоем дар адабиёти ҳуқуқӣ метавон гуфт, ки намудҳои зиёди экспертиза вуҷуд дошта, на ҳамаи санадҳо аз ҳамаи намуди экспертиза бояд гузаранд.

Ин раванди қонунгузорӣ ва қабули қонунро хеле мушкил мекунад. Зеро дар навбати худ, вобаста ба предмети таҳқиқот, вазифаҳои мушаххас ва экспертизаи амалӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин мафҳум ва навъҳои экспертиза мавҷуданд: ҳуқуқӣ, илмӣ, махсусгардонидашуда, забонӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва техникӣ, ҷамъиятӣ, мустақил, экологӣ, иҷтимоию

[482] Батюшкина М.В. Лингвистическая экспертиза законопроектов: объект, предмет и задачи. Вестник ТГПУ (TSPU Bulletin). 2017. 7 (184) – С. - 10.
[483] Худойкина Т.В. Стабильность федерального и регионального законодательства и пути ее достижения // Российская Федерация ее субъекты: проблемы укрепления государственности. - Саранск: изд-во Мордов. ун-та, 2003. – С. - 117.

равонӣ[484] ва ғ. Сол аз сол экспертизаҳои гуногун ба вуҷуд омада истодаааанд. Яъне раванди амалигардонии экспертиза ҳамеша ниёз ба такмил дорад.

Масалан, 16 апрели соли 2012 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун "Дар бораи экспертизаи экологӣ" қабул карда шуд. Қонун принсипҳо ва тартиби гузаронидани экспертизаи экологиро муайян намуда, ба пешгирии таъсири зараровари фаъолияти банақша гирифташудаи хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо ба муҳити зист ва оқибатҳои марбут ба иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар оқибатҳои татбиқи объекти экспертизаи экологӣ нигаронида шудааст.

Бинобар ҳамин сабаб, экспертиза дар асоси моҳияти масъала бояд ба таври мушаххас гузаронида шавад. Аз таҳлилу баррасии андешаронихои олимони соҳа мо ба хулосае омадем, ки мақсад аз гузаронидани экспертиза баланд бардоштани сифати қонунҳо, рафъи зиддият, номутобиқатӣ ва холигии байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили онҳо мебошад[485].

Дар рафти экспертиза лоиҳаи омодашуда аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор мегирад. Экспертизаи лоиҳаи қонунҳо бар хилофи дигар шаклҳои хусусияти ба худ хос дорад он бояд аз ҷониби экспертҳои салоҳиятдоре, ки донишҳои махсуси соҳаи муайян доранд, гузаронида шаванд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми экспертизаро муайян намуда, таҳлили навъҳои экспертизаро, ки барои раванди қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад арзёбӣ менамоем.

Н.С. Титов экспертизаҳои қонунҳоро ба ду гурӯҳи калон тақсим мекунад: экспертизаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва экспертизаи ҳуқуқиву техникӣ.

Тибқи таснифоти муаллиф ба гурӯҳи якум экспертизаи ҳуқуқӣ (арзёбии моҳияти тағйирот), психологӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, экологӣ, гендерӣ, криминологии лоиҳаҳои қонунҳо дахл дорад.

Ба гурӯҳи дуюм экспертизаи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-техникии лоиҳаҳои қонунҳо дохил мешавад. Аммо ба яке аз ин гурӯҳҳо нисбат додани

---

[484] Экспертизаҳои дигаре низ мавҷуданд, бо қарори мақомоти давлатӣ ё муассиса, ташкилоти давлатӣ гузаронида шуда, онҳоро экспертизаи давлатӣ меноманд. Экспертизае, ки ташкилоти ҷамъиятӣ мегузаронад, экспертизаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва экспертизае, ки дар асоси дархости мақомоти ваколатдор, муассисаҳои илмии давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида мешаванд, экспертизаи байналмилалӣ ба шумор мераванд.

[485] Народна газета от 31 января 2018 г.Душанбе. – С. - 8.

экспертизаи зиддикоррупсионӣ ғайриимкон мебошад, зеро ки он ба муайян кардани омилҳои фасоди иҷтимоӣ ва нуқсонҳои техникаи ҳуқуқӣ, ки боиси пайдо шудани онҳо мегардад, равона карда шудааст.

Е.И. Юлегина экспертизаи давлатӣ, ҷамъиятӣ ва илмии лоиҳаҳои қонунро ҷудо мекунад. Аммо ин таснифот ҳам ба такмил ниёз дорад, масалан, экспертизаи илмии лоиҳаҳои қонунҳо ҳам давлатӣ ва ҳам ҷамъиятӣ буда метавонад.

Дар баробари ин омилҳо коршиносон ва олимон навъҳои дигарро ҳам ҷудо мекунанд. Масалан,Т.Я. Хабриева экспертизаи лоиҳаҳои қонунро ба ҳуқуқӣ, соҳавӣ, забонӣ, илмию ҳуқуқӣ, мустақил, ҷамъиятӣ тасниф мекунад. Ба андешаи Т.Я. Хабриева, экспертизаи ҳуқуқӣ баҳодиҳии мутобиқати лоиҳаи қонун ба принсипи ҳуқуқӣ, истифодаи дурусти категорияҳои ҳуқуқӣ, интихоби шакли санад, мутобиқати муқаррароти лоиҳаро ба дастовардҳои илмии ҳуқуқшиносони ватанию хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқӣ дар бар мегирад. Аммо мақсади экспертизаи ҳуқуқӣ муқоисаи лоиҳаи қонуни омодашуда бо санадҳои қонунгузории амалкунанда бо мақсади муайян намудани ҳамгироии он ба низоми қонунгузорӣ мебошад.

Дар асоси ин гуфтаҳо намудҳои экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳоро метавон тасниф ва онҳоро аз рӯйи якчанд меъёрҳо гурӯҳбандӣ намуд:

Аз рӯйи объект - универсалӣ ва махсус мешаванд.

Дар баробари ин, танҳо экспертизаи ҳуқуқӣ ва забонии лоиҳаи қонунҳоро метавон ҳамчун экспертизаи универсалӣ тасниф кард. Ҳама намудҳои дигари экспертизаи лоиҳаи қонунҳо махсус хоҳанд буд.

Аз рӯйи субъект. Экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо аз ҷониби субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ, парлумон, Палатаи ҳисоб, Прокуратура дигар мақомоти давлатӣ, экспертҳо ва ташкилотҳои экспертӣ, муассисаҳои таълимӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, олимони алоҳида ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба амал мебароранд.

Аз рӯйи меъёри ҳатмияти гузаронидани экспертиза: ҳатмӣ ва ихтиёрӣ мавҷуд аст.

Ба экспертизаи ҳатмӣ чунин навъҳо дохил мешаванд: экспертизаи ҳуқуқӣ, забонӣ, зиддикоррупсионӣ, экспертизаи мустақили зиддикоррупсионии лоиҳаҳои қонунҳо, илмӣ нисбати лоиҳаи қонунҳои ҳукумат, ки аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, молиявӣ, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоб гузаронида мешавад, иҷтимоӣ-иқтисодии лоиҳаҳои қонунҳо.

Дигар навъҳои экспертизаро ба шакли ихтиёрӣ метавон мансуб донист.

Экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар марҳилаи пешакӣ, яъне то пешниҳоди лоиҳаи қонун ба парлумон аз ҷониби Ҳукумат гузаронида мешавад; баъдан экспертизаи лоиҳаи қонунҳо аз ҷониби кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон, дар вақти баррасии лоиҳаи қонунҳо дар қироати якум ва ё дуюм, аз ҷониби Маҷлиси миллӣ низ дар сурати зарур будан, дар сурати аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ё Президент баргардонидани қонун, инчунин дар сурати таъсис додани комиссияи созиш ва ё комиссияи махсус гузаронида мешавад.

Вобаста ба хулосаи қувваи ҳуқуқӣ экспертиза хусусияти ҳатмӣ ва (ҳуқуқӣ, забонӣ, зиддикоррупсионӣ) ва ё тавсиявӣ (ҷамъиятӣ, педагогӣ, мустақил, зиддикоррупсионӣ ва ғ.) гузаронида мешавад.

Дар байни намудҳои сершумори экспертиза ҷойи махсусро экспертизаи ҳуқуқӣ ишғол мекунад, ки барои лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳо ҷузъи ҳатмии раванди қонунгузорӣ эътироф шудааст. Эксперте, ки барои баҳодиҳии лоиҳаи қонун ҷалб мешавад, бояд дараҷаи касбияти баланд дошта бошад. Дар раванди экспертизаи ҳуқуқӣ ба мазмуну мундариҷаи мукаммали экспертиза диққати махсус дода мешавад. Дар ин раванд савол ба миён меояд, оё мантиқан сохтори дохилии лоиҳаи қонун дуруст аст ё не? Оё ҳамаи номгӯи он санадҳои қонунгузорӣ, ки вобаста ба қабули лоиҳаи қонуни мазкур беэътибор дониста мешавад, муайян карда шудааст?

Ҳамин тариқ, гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ[486] бо мақсади муайян сурат мегирад. Мақсади экспертизаи ҳуқуқӣ муайян кардани мутобиқати лоиҳаи қонун ба Конститутсия, қонунҳо ва қонунҳои конститутсионӣ, санадҳои асосии қонунгузории соҳавӣ, қоидаҳо, меъёрҳо ва стандартҳои техникаи қонунгузорӣ, инчунин санади ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи ҶТ эътирофшуда мебошад.

Ба андешаи В.А. Томин экспертизаи ҳуқуқӣ амалан татбиқи минбаъдаи санади меъёрии ҳуқуқиро муайян мекунад. Экспертизаи ҳуқуқӣ ҳамаҷониба муфассал ба вуҷуд овардани низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноки санадҳои қабулшуда ва мувофиқати онҳоро таъмин намуда, барои муайян кардани оқибатҳои эҳтимолан манфии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва дигар оқибатҳои эҳтимолии амалигардонии ин санадҳо мусоидат мекунад[487].

Аз нуктаи назари амалӣ таснифоти мукаммалтарини экспертизаро дар Думаи Давлатӣ олимон Н.Н. Аверянова ва Е.О. Локтионова чунин пешниҳод менамоянд: илмӣ, ҳуқуқӣ ва техникӣ, забонӣ, ҷамъиятӣ, мустақил, молиявии лоиҳаҳои қонунҳо[488]. Экспертизаи илмӣ дар моддаи 105-и Дастури Шурои Иттифоқии парлумонӣ Федератсияи Россия омадааст, ки он барои баррасии қонуни иттифоқӣ масъул буда, “метавонад ба ҷаласаҳои худ ташаббускори лоиҳаи қонунҳо, олимону мутахассисонро ба сифати эксперт, инчунин намояндагони воситаҳои ахбори оммаро даъват намояд”. Ин равия барои раванди қонунгузории Ҷумҳурии Беларус низ хос аст. Яъне дар моддаи 130-и Дастури Палатаи намояндагони парлумони Ҷумҳурии Беларус муқаррароти ҳамин мазмун инъикос ёфтааст: “дар ҳолатҳои зарурӣ бо қарори кумитаи масъул лоиҳаи қонунҳо барои экспертизаи илмӣ ба вазорату идораҳо фиристода шуда, ҳамчунин фикру мулоҳизаҳои андешаҳои ташкилотҳои гуногун дархост карда мешавад”.

Ба экспертизаи ҳуқуқӣ Т.Я. Хабриева андешаи хос дорад. Ӯ арзёбии мутобиқати лоиҳаро ба принсипҳои ҳуқуқӣ; истифодаи дурусти категорияҳои

---

[486] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 2010. 321 с.

[487] Томин В.А. Правотворческая деятельность субъектов Российской Федерации. Учебное пособие. Санкт - Петербург. 2017. – С. - 90.

[488] Аверьянова Н.Н., Локтионова Е.О. Экспертиза законопроектов в законотворческом процессе. Изд. Сарат. ун-та. Нов. сер. Сер. Экономика. Управление. Право. 2016. Т. 16, вып. 1.

ҳуқуқӣ; интихоби шакли саҳеҳи санад; мутобиқати муқаррароти лоиҳа ба дастовардҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷиро фарогир буда ҳисоб мекунад.

Дар баробари ин, вобаста ба хусусиятҳои лоиҳаҳои қонун мухолиф ва номутобиқ будани матн муайян карда мешавад. Дар доираи экспертизаи ҳуқуқӣ бо мақсади муайян намудани мавҷудияти зуҳуроти гуногуни коррупсионӣ зарурияти омӯзиши ҳамаҷонибаи лоиҳа пеш меояд. Ҳамзамон, дар рафти экспертиза лоиҳаи омодашуда аз ҷиҳати мазмун ва шакл мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор мегирад[489].

Ҳангоми таҳлили ҳамаҷониба эксперт дар заминаи дониши худ лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо аз рӯйи мавҷудияти ин омилҳо баррасӣ менамояд:

- афзалият ва нуқсонҳо;

- аҳаммияти иҷтимоии қарорҳои қабулшуда;-

- алоқамандии лоиҳа бо дигар механизмҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати адлия экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳоро мегузаронад. Танҳо пас аз ин лоиҳаи қонунҳо барои баррасӣ ба ҷаласаи ҳукумат пешниҳод мешаванд. Сарфи назар аз он, ки вазорати адлия ва мақомоти дахлдор экспертизаи ҳуқуқӣ мегузаронанд, шуъбаи ҳуқуқии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон низ экспертизаи ҳуқуқӣ мегузаронад[490], яъне барои баррасии лоиҳаи қонун дар қироати якум хулосаи эксперти бахши ҳуқуқӣ ҳуҷҷати ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Зеро баррасии лоиҳаи қонун дар доираи мавҷудияти раванди қонунгузорӣ имконнопазир аст. Экспертизаи ҳуқуқӣ дар Маҷлиси намояндагон пас аз пешниҳоди расмии лоиҳаи қонун ба мақомоти қонунгузор гузаронида мешавад. Ҳатто агар лоиҳаи қонуни алтернативӣ пешниҳод шавад ҳам, дар Дастури Маҷлиси намояндагон экспертизаи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Ин амал барои муайян кардани афзалиятҳои ҳуқуқии раванди қонунгузорӣ сурат мегирад.

---

[489] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. Издание Государственной Думы. М., 2013. – С. - 233.
[490] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – С. - 321.

Ғайр аз намудҳои дар боло зикргардидаи экспертиза, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд, дигар намудҳои экспертиза низ дар раванди қонунгузорӣ хеле мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Масалан, дар замони имруза бо ба даст овардани соҳибистиқлолии ҶТ дар раванди қонунгузории парлумони кишвари мо зарурати гузаронидани экспертизаи забонӣ, баҳодиҳии мутобиқати матни лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба меъёрҳои забони адабии муосир бо дарназардошти хусусиятҳои имлоиву услубии санадҳои ҳуқуқӣ зарур ва муҳим мебошад.

Ба андешаи М.В. Батюшкина, таҳлили экспертии забонии лоиҳаи қонун таҳлилу омӯзиши матни қонунгузориро дар маҷмуъ тақозо намуда, ин раванд ҷанбаҳои забонии экспертизаро дуруст ва пурра мегардонад. Аз ин рӯ, ба вазифаҳои экспертизаи забонӣ таҳлили забонӣ ва саҳеҳии нутқи матни лоиҳаи қонун дохил мешаванд[491].

Вазифаи экспертизаи забонӣ аз ислоҳи хатоҳо ва тарзи дурусти корбурди истилоҳот, сарфи назар намудани мафҳумҳои баҳсталаб, ислоҳи номутобиқати мантиқию услубӣ, риоя накардани услуби забони қонунгузорӣ, инчунин дигар камбудиҳои матни лоиҳаи қонун иборат мебошад.

Дар ин маврид дар раванди қонунгузорӣ аз нигоҳи мазмуну мундариҷа мувофиқати шаклҳои тоҷикиву русии лоиҳа низ муҳим арзёбӣ мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ба забонҳои давлатӣ ва русӣ қабул карда мешаванд[492]. Дар муқаррароти 298-и Дастури Маҷлиси намояндагон ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон эътибори ягонаи онҳо бо забони давлатӣ ва забони русӣ қайд карда шудааст. Аз ин рӯ, лоиҳаҳои қонунҳои ба Маҷлиси намояндагон пешниҳодшуда бояд ба меъёрҳои забони адабии муосири русӣ низ мутобиқ бошанд. Мутаассифона, матнҳои қонунҳои ба забони адабии тоҷикӣ на ҳамеша ба мазмуни тарҷумаи забони адабии муосири русӣ мувофиқат менамояд. Дастури Маҷлиси намояндагонро дар ин маврид метавон мисол овард.

---

[491] Батюшкина М.В. Лингвистическая экспертиза законопроектов: объект, предмет и задачи. Вестник ТГПУ (TSPU Bulletin). 2017. 7 (184) – С. - 10.

[492] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. Бо тағйиру иловаҳои минбаъда. Қ. 2. М. 2.

Дар Дастури Маҷлиси намояндагон дар матни тоҷикӣ дар бандҳои 321 ва 323 гузаронидани экспертизаи "ҳуқуқӣ" пешбинӣ шудааст. Гузаронидани ин экспертизаҳо дар бандҳои 321 ва 323 мазмунан аз ҳам фарқ намекунанд.

Аммо дар Дастури Маҷлиси намояндагон матн ба забони русӣ дар бандҳои 321 ва 323 доир ба гузаронидани эспертиза истилоҳҳои «юридический» ва «правовой» пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки Дастури Маҷлиси намояндагон дар матни руси дар банди 321 истилоҳи «правовой» ба истилоҳи «юридический» иваз карда шавад. Ва он мазмунан ба истилоҳи "экспертизаи ҳуқуқӣ" - и забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ истилоҳи "ҳуқуқӣ" хеле васеъ истифода мешаванд ва ҳангоми ба забони "русӣ" тарҷума кардани ин мафҳумҳо духӯрагӣ ба амал меояд. Воқеан ба кор бурдани чунин истилоҳот баҳсталаб ба назар расида, дар оянда ин тарзи коргузорӣ дар раванди қонунгузорӣ бояд такмил ёбад. Ин нуктаи муҳим дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон низ қайд гардида буд. Президент дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон худ ба масъалаи таҳия ва тайёр кардани лоиҳаи қонун ба забони давлатӣ, истифодаи шакли ягонаи истилоҳот дахл карда буданд, ки ин раванд ба беҳбудии сифати қонун мусоидат менамояд[493].

Яъне оид ба мавҷудияти экспертизаи забонии лоиҳаҳои қонунҳо, ки аз ҷониби мутахассисони шуъбаи тарҷума ва таҳрири Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон гузаронида мешавад, бояд ёдовар шуд[494], ки зимни омодагӣ ба қироати якум хулосаи ҳам экспертизаи ҳуқуқӣ ва ҳам забониро медиҳад ва танҳо пас аз ин лоиҳаи қонун барои пешниҳод ба ҷаласаи Шурои Маҷлиси намояндагон фиристода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба экспертизаи забонии лоиҳаи қонун, ки мутобиқати матни пешниҳодшударо ба меъёрҳои

---

[493] Ҷаласаи якҷояи даъвати сеюми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2005. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005.

[494] Лоиҳаҳои қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон ба ду забон: бо забони давлатӣ ва забони муошират байни миллатҳо русӣ пешниҳод карда мешаванд. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Оли ҶТ. - Душанбе, 2010. – С. - 298.

забони адабии ҳозираи тоҷик бо дарназардошти хусусиятҳои имлоӣ ва услубии матнҳои қонун муайян мекунад, аҳамияти калон дода мешавад.

Ҳамзамон, истифодаи чунин мафҳумҳо ба мазмуни лоиҳаи қонунҳо дар рафти раванди қонунгузорӣ таъсири худро мерасонад. Ҳама мафҳумҳои ҳуқуқии асосӣ бояд ба таърифҳои раванди қонунгузорӣ мутобиқат дошта бошанд, яъне моҳиятан мафҳумҳои ҳуқуқӣ бояд ба таври мушаххас ифода ёбанд. Барои рух надодани ин ҳолат луғатномаи истилоҳоти ҳуқуқиро бояд таҳия кард. Дар ин самт корҳои анҷомёфтаро наметавон мукаммал ҳисобид. Ин масъалаҳои мубрам барвақт бояд ҳалли худро меёфтанд ва дар айни замон низ метавон онро ба танзим даровард. Қобили зикр аст, ки ин навъи таҳлили экспертӣ дар амалияи кишварҳои хориҷӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Масалан, ба гуфтаи М.В. Батюшкина, ин навъи коргузорӣ дар Федератсияи Россия ҳамчун “силоҳи сиёсати забонӣ” такмили забони санадҳои қонунгузорӣ ба кор бурда мешавад ва ба ташаккули забони русӣ ҳамчун забони муошırати халқиятҳо мусоидат менамояд[495].

Дар ҷараёни гузаронидани экспертизаи илмӣ раванди дигаре низ мавҷуд аст, ки тибқи он “лоиҳаи қонуни ба қайдгирифташуда ва ба рӯзномаи иҷлосия дохилгардида ҳангоми омодагӣ ба қироати якум бояд ба экспертизаи илмӣ ва ҳангоми омодагӣ ба қироати дуюм ба экспертизаи ҳуқуқӣ ва таҳрир ба шуъбаи масъул ва ҷузъӣ, ба сохтори Дастгоҳи Радаи Олии Украина ирсол карда шавад” гуфта шудааст дар Дастури Радаи Олӣ. Нававарии қонунгузории Украина дар мавриди ташхиси ҳатмии илмии лоиҳаи қонун то қироати якум пешрафти воқеӣ дар қонунгузорӣ мебошад.

Албатта, чунин раванди қонунгузорӣ барои ташаккули илмию консептуалии матни лоиҳаи қонун муҳим арзёбӣ мешавад. Андешаи олимон ва коршиносон ба такмили қонунгузорӣ мусоидат менамояд. Ба инобат гирифтани вазъи олии эксперти илмӣ ин эҳтиром ба илм, масъулияти кафолати касбӣ ба ҳисоб меравад.

---

[495] Батюшкина М.В. Лингвистическая экспертиза законопроектов: объект, предмет и задачи. Вестник ТГПУ (TSPU Bulletin). 2017. 7 (184) – С. - 9.

Ҳамин тариқ, мо метавонем экспертизаи илмиро ҳамчун поягузорӣ дар такмили раванди қонунгузорӣ, рушди ҷомеа ва давлат шуморем. Ин таҷриба бешубҳа аз ҷониби аъзоёни парлумони ватанӣ бояд пазируфта шавад, зеро аҳаммият ва ба мақсад мувофиқ будани омӯзишҳои илмӣ оид ба лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ба таври назаррас аён мегардад.

Экспертизаи илмиро аксаран экспертизаи мустақил низ меноманд (ҳатто агар он аз ҷониби мақомоти давлатӣ анҷом дода шавад).

Дар раванди қонунгузорӣ қарор дар бораи ба экспертизаи илмӣ фиристодани лоиҳаи қонунро кумитаи Маҷлиси намояндагон, ки дар такмили лоиҳаи қонуни мазкур масъул аст, қабул карда метавонад. Дар он муҳлати пешниҳоди хулосаи экспертиза муқаррар карда мешавад. Дар доираи илмӣ бар он андешаанд, ки маҳз экспертизаи мустақили илмии лоиҳаи қонун барои таъмини сифат, асоснокӣ ва устувории қонун, мавҷудияти бардавоми он дар низоми қонунгузорӣ мусоидат мекунад.

Дар гузаронидани экспертизаи илмию ҳуқуқӣ иштироки фаъолонаи олимони варзида, мутахассисони соҳаҳои дахлдор дар раванди қонунгузорӣ дар назар дошта шудааст

Аз ин рӯ, набояд ба гурӯҳҳои лоббӣ ва субъектҳои алоҳида имконияти дар амалисозии фаъолияти экспертиза роҳ дод. Ҳамчунин, имконияти ба сифати эксперт ҷалб намудани шахсонеро, ки бо ин ё он тарз дар тайёр кардани лоиҳаи қонун иштирок намудаанд ва ё аз ягон ҷиҳат ба субъекти ташаббуси қонунгузорӣ вобастаанд, бояд истисно кард. Ҳангоми қарор дар бораи даъват кардани эксперт омили субъективиро то ҳадди имкон сарфи назар бояд кард. Мо чунин мешуморем, ки ин равандро тавассути натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ки дар ҷомеаи илмӣ, дар мактабҳои пешбари ҳуқуқ гузаронида мешавад, бояд роҳандозӣ намуд. Он бояд самти мушаххаси илмиро инъикос намуда, фарогири мутахассисони бонуфузи ин соҳа бошад. Дар асоси ин назарсанҷӣ гурӯҳҳои эксперти дар самтҳои гуногун таъсис дода, онҳоро давра ба давра нав бояд кард. Аз ин рӯ, дар назди мақомоти қонунгузор фаъолияти комиссияи мустақили илмӣ-экспертӣ комилан имконпазир аст. Ин комиссия бояд тамоми лоиҳаҳои қонунҳои мавҷударо

дар доираи риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, омилҳои коррупсионӣ ва ғайра баҳогузорӣ намояд. Ҳайати комиссияи экспертӣ устувор бошад, вобаста ба танзими хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд намояндагони соҳаҳои гуногунро фарогир бошад.

Дар замони муосир яке аз намудҳои муҳими экспертизаи лоиҳаи қонун ин экспертизаи зиддикоррупсионӣ мебошад. Мақомоти назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз пешниҳоди лоиҳаи қонун ба ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон[496] экспертизаи зиддикоррупсионӣ мегузаронад.

Баргузории ин навъи экспертиза ба раванди қонунгузорӣ хеле аҳаммияти муҳим дорад. Бояд қайд намуд, ки ин намуди экпертиза ба таври ҳатмӣ сурат гирифта, бидуни хулосаи ин мақомот лоиҳаи қонунро дар ҷаласаи Ҳукумат наметавон баррасӣ кард. Ин намуди экспертиза ҳангоми ҳалли санадҳои мушаххас, инчунин барои таҳияи ҳама гуна лоиҳаи қонун, хусусан агар он ба масъалаҳои молиявӣ ё иқтисодӣ таъсиргузор бошад, гузаронида мешавад. Экспертизаи зиддикоррупсионӣ на танҳо барои муайян кардани ихтилофи байни қонунгузорӣ ва Конститутсия, балки барои муайян кардани тамоюлҳо, таҷрибаи мусбати танзими қонунгузорӣ ва таҳияи маводи таҳлилӣ дар ин замина оид ба вазъи қонуни амалкунанда мусоидат мекунад. Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ хусусияти машваратӣ дорад, вале дар раванди қонунгузорӣ бояд ба таври ҳатмӣ баррасӣ карда шавад.

Дар байни экспертизаҳои зикрёфта, доир ба лоиҳаи қонун экспертизаи "модда ба модда" - ва "экспертизаи ҳуқуқӣ" - ро низ бояд зикр кард, ки онро шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон анҷом медиҳад. Моҳияти ин экспертизаи ҳуқуқии "модда ба модда"[497] аз он иборат аст, ки маҳз дар ҳамин марҳила таҳлили муфассали тамоми муқаррароти лоиҳаи қонун бо дарназардошти тағйироту иловаҳои ба он воридгардида гузаронида мешавад.

[496] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28.12.2012 с. – М. 12. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи мурочиат: 10.02.2022 с.)
[497] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2010. – С. - 356.

Экспертизаи ҷамъиятии лоиҳаи қонунҳо омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳлилии лоиҳаҳои қонунҳо мебошад, ки аз ҷониби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ё намояндагони онҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронида шуда, ба муайян кардани мутобиқати лоиҳаҳои қонун ба ҷанбаҳои олии конститутсионӣ, равишҳои илмию ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона мешавад ва он дар заминаи хулосаи асоснок, аз ҷумла таклифу тавсияҳо барои мақомоти қонунгузор бо мақсади пурратар ба назар гирифтани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон амалӣ мегардад.

Мақсади ин экспертиза муайян кардани дараҷаи баррасӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар раванди танзими қонунгузории манфиатҳои гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа мебошад. Дар ин асос қарори ояндаи қонунгузорӣ ба дастгирии табақаҳои гуногунии иҷтимоӣ нигаронида мешавад.

Ҳамчунин дар ҳолати зарурӣ дар раванди қонунгузорӣ, дар асоси муроҷиати мақомоти дахлдор аз ҷониби муассисаҳои илмии давлатҳои хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида мешавад, ки экпертизаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва байналмилалӣ ва хориҷӣ метавонанд ҳамчун ташкилоти экспертӣ баромад кунанд.

Экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо вобаста ба мақомот ё субъектҳое, ки салоҳияти таъйин намудани экспертиза ё қарор дар бораи ба экспертиза фиристодани лоиҳаи қонунҳоро дорад, тақсим мешаванд.

Ҳамин тариқ, экспертиза имкон медиҳад, ки камбудиҳои қонунгузориро пайгирӣ намуда, таваҷҷуҳи аъзоёни парлумонро ба нуктаҳои баҳсталаби қонунҳо бо меъёрҳои Конститутсия, принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, нишондодҳои ҳуқуқии қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, муқаррароти судии Суди конститутсионӣ, меъёрҳо ва стандартҳои техникаи қонунгузорӣ, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ эътироф шудаанд, равона месозад. Экспертизаҳо вобаста ба муассисаҳое, ки онро мегузаронанд, гуногун буда метавонад. Субъектони ба амалбарорандаи экспертиза аз ҳам фарқ мекунанд.

Экспертизае, ки бо қарори мақомот ё муассисаи давлатӣ аз тарафи ташкилоти давлатӣ гузаронда мешавад, экспертизаи давлатӣ ҳисобида мешавад.

Гузаронидани экспертизаро тасниф намуда, бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни ба анҷом расонидани фаъолияти экспертиза хулоса дода мешавад. Натиҷаи экспертиза дар шакли хулоса ба мақомоте, ки бо қарори ӯ экспертиза таъйин шудааст, пешниҳод карда мешавад. Хулоса дар шакли хаттӣ тартиб дода, аз ҷониби ҳамаи экспертони дар экспертиза иштироккунанда имзо карда мешавад. Дар аксари мавридҳо, хулосаи экпертиза ба мазмуни мусбӣ дода мешавад. Аммо, агар андешаҳои экспертон ҳам мувофиқат накунанд, яъне иштирокунандагон дар экспертиза бо хулосаи умумӣ розӣ набошанд, ин мазмун ба матни хулоса замима карда мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ хулосаи экспертиза, барои арзёбии матни пешниҳодшудаи лоиҳаи қонун мумкин аст баҳодиҳии дурнамои инкишофи қонунгузорӣ дар соҳаи дахлдор ва пешниҳодҳо оид ба такмили он таҳия карда шуда хеле аҳамияти муҳим дорад.

Дар соли 2015-2020 аз тарафи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон беш аз 1302 лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба экспертизаи ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст[498] гуфта шуд дар суханронии собиқ раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров[499].

Экпертизаи мустақили лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон оид ба мутобиқат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ гузаронида мешавад[500]. Экспертизаи мустақил дар раванди қонунгузорӣ бо иштироки намояндагони илмҳои гуногун ва пеш аз ҳама олимони ҳуқуқшиносӣ, ба таври объективӣ муҳим буда дар раванди қонунгузорӣ воқеан зарур мебошад.

Экспертизаи мустақил тибқи моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экпертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ”, ки ба ташкил ва гузаронидани экспертиза дар фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ бахшида шудааст, дар доираи экспертизаи илмӣ ва илмию техникӣ, барномаҳои

---

498 Суханронии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров доир ба ҷамъбасти фаъолияти даъвати панҷум аз 28 феврали соли 2020.

499 Ҳамон ҷо.

500 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2010. – С. - 352.

илмию техникӣ ва лоиҳаҳое, ки аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузорӣ мешаванд, гузаронида мешавад. Лоиҳаи қонунҳо метавонанд чун натиҷаи фаъолияти илмӣ бошанд, ки дар барномаҳои фаъолияти илмӣ пешбинӣ шудаанд[501].

Баҳогузории экспертизаи мустақил ба мазмуни қонуни оянда муҳим аст. Дар қироати дуюм лоиҳаи қонун дар палатаи поёнӣ экспертизаи мустақили лоиҳаро мегузаронад. Чунин навъи экспертиза мутобиқ ба Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ гузаронида мешавад[502].

Маҳз дар ҳамин давраи раванди қонунгузорӣ таҳлили муфассали ҳамаи паҳлуҳои лоиҳаи қонун бо дарназардошти тағйироти ба он воридгардида гузаронида мешавад.

Арзёбии экспертизаи матни ислоҳот ва мазмуни дар қонун ифодаёбандаи он муҳим аст. Қонунгузории амалкунанда миқдори зарурии экспертизаи лоиҳаҳои қонунро дар бар мегирад, аз ҷумла дар ҳолати зарурӣ ба таври комплексӣ (бо ҷалби олимон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм) ва инчунин экпертизаи илмии лоиҳаи қонун дар доираи маҳдуд гузаронида шавад. Ин равандро ба таври ягона наметавон баҳогузорӣ намуд. Масалан, ҳангоми қабули қонун ва тасвиби шартномаҳои байналмилалӣ экспертиза аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад ва дар ин маврид пешниҳоди хулосаи он ҳатмист. Зеро, ки комиссияи масъул бо дарназардошти хулоса ва таклифҳои мақомоти экспертизаро амаликунанда хулосаи худро қабул мекунад. Ин экспертизаҳо нақши муҳим доранд, аммо дар эҷоди санади қонунгузорӣ имрӯз экспертизаи илмӣ, ки дар он олимону мутахассисон иштирок мекунанд, нақши махсус доранд[503].

---

[501] Объектҳои экспертизаи илмӣ ва илмию техникӣ метавонанд инҳо бошанд: лоиҳаҳо, барномаҳо, технологияҳо, пешниҳодҳои мундариҷаи гуногун барои таҳлили илмӣ бо асосноккунӣ, додани хулоса дар бораи ба мақсад мувофиқ будани қабул, татбиқи онҳо, истифода, паҳн намудани онҳо; барномаҳои давлатӣ илмӣ, илмӣ-техникӣ ва технологӣ; лоиҳаҳои барномаҳои байнидавлатии илмӣ ва илмию техникӣ дар соҳаи ҳамкории илмию техникӣ; барномаҳои илмию техникии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузории сатҳи гуногун, инчунин натиҷаҳои иҷрои ин барномаҳо ва лоиҳаҳо: таҳқиқоти диссертатсионӣ, таклифҳои муҳим, ихтироот; лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолият дар соҳаи илмӣ ва илмию техникӣ, корҳои ба мукофотҳои давлатӣ дар соҳаи илм ва техника пешниҳодшуда ва ғайра. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи илм ва экспертизаи илмию техникӣ" аз 10 январи соли 2010. - М. 6. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).

[502] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2010. – С. - 352.

[503] Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2010. – С. - 380.

Хусусияти таъсирбахшии чунин экспертиза фарогирии муассисаҳои илмӣ вобастагӣ дорад. Тавассути таҳлили илмӣ дурнамои самаранокии қонуни ояндаро метавон муайян намуд. Доираҳои илмӣ дар амалисозии экспертизаи мустақили илмии лоиҳаи қонун бо дарназардошти таъмини сифати баланд, эътибори қонунӣ ва таъсиргузории он дар низоми қонунгузорӣ мусоидат мекунад. Дар ин маврид ба сифати эксперт ҷалб намудани шахсонеро, ки бо ин ё он тарз дар тайёр кардани лоиҳаи қонун иштирок намудаанд ва ё аз ягон ҷиҳат ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вобастаанд, истисно бояд кард. Ҳангоми қарор дар бораи даъвати мутахассисон омилҳои субъективиро то ҳадди имкон маҳдуд бояд намуд.

Ба андешаи мо, ин амалро тавассути таҳқиқоти сотсиологие, ки дар доираҳои илмӣ, донишгоҳҳои пешқадами ҳуқуқшиносӣ гузаронида мешавад, метавон роҳандозӣ кард. Он бояд самти мушаххаси илмиро инъикос намуда, рӯйхати васеи мутахассисони шинохтаи ин соҳаро фарогир бошад. Дар асоси ин назарсанҷӣ зарур аст, ки гурӯҳҳои коршиносон дар самтҳои гуногун таъсис гардида, онҳо давра ба давра иваз карда шаванд. Аз ин рӯ, дар назди мақомоти қонунгузор роҳандозии фаъолияти комиссияи мустақили илмӣ-экспертӣ комилан имконпазир аст. Ин комиссия бояд дар мавриди зарурат лоиҳаҳои қонунҳои ба мақомоти қонунгузор пешниҳодшударо барои мувофиқат ба қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ баррасӣ ва таҳлил намояд. Шумораи комиссияҳои экспертӣ бояд зиёд набошад, яъне вобаста ба хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда намояндагони соҳаҳои гуногунро дар бар гиранд. Аммо Маҷлиси намояндагон экспертизаи илмии лоиҳаҳои қонунро намегузаронад.

Дар раванди қонунгузорӣ экспертизаи расмӣ аз рӯйи лоиҳаи қонунҳое, ки дар асоси муроҷиат ба бахшҳои экспертизаи сохторҳои ваколатдори Маҷлиси намояндагон ё кумитаи он барои лоиҳаи қонун ба қайд гирифта шудааст, гузаронида мешавад.

Экспертизаи ғайрирасмӣ бо ташаббуси мақомот ва шахсони ғайрирасмии парлумон нисбати лоиҳаи қонунҳое, ки дар Маҷлиси

намояндагон ба қайд гирифта нашудаанд, яъне ба таври расмӣ эътироф нашудаанд, гузаронида мешавад. (Яъне бо сабабҳое ба қайд гирифта нашудаанд).

Ҳамин тавр, бо дарназардошти ин таҳлилҳо метавон қайд намуд, ки новобаста ба навъҳои худ экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо бояд ба чунин талабот ҷавобгӯй бошанд:

Якум, ба субъектҳо бояд дар бораи мавод ва ҳуҷҷатҳои барои экспертиза фиристодашуда ва аз натиҷаҳои он бо дарназардошти рафъи минбаъдаи эродҳои додашуда маълумот дода шавад.

Дуюм, экспертиза бояд аз ҷониби экспертони касбӣ, салоҳиятдор ва мустақил гузаронида шаванд; стандартҳои сифат бояд риоя карда шаванд.

Сеюм, барои арзёбии воқеии ҳолати мавҷуда равиши низомнокӣ нигоҳ дошта шавад.

Чаҳорум, хулосаҳои дар экспертиза овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва қонунӣ бошанд.

Панҷум, масъулияти шахсии эксперт барои хулосаҳои таҳияшуда мушаххасан пешбинӣ шавад.

Ҳамин тариқ, хулосаҳои эксперт барои инъикоси ҷанбаҳои муҳимтарини ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва раванди қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ин замина оид ба хусусияти масъалае, ки танзими раванди қонунгузориро талаб мекунад, инчунин дар бораи роҳу усулҳои беҳтарини ҳалли он хулоса метавон баровард. Бояд дар ин раванди қонунгузорӣ ҷанбаҳои мусбат ва манфии онҳо дар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра ба таври мушаххас арзёбӣ гардида, дурнамои он бо дарназардошти ташаккули қонунгузорӣ бозгӯӣ шавад.

Ҳамин тариқ, муҳимтарин воситаи таъмини сифати баланди қонунҳо дар раванди қонунгузорӣ экспертизаи лоиҳаи қонунҳо мебошад. Роҳандозии ҳамаҷонибаи экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар доираи раванди қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки тамоми мушкилот ва ихтилофи қонунгузорӣ сари вақт ошкор карда шаванд.

Дар пасманзари ҳамаҷонибаи мафҳуми экспертиза ва намудҳо ба хулосае омадем, ки лоиҳаи қонун ва ё қонунҳо бояд аз экспертизаи ҳатмии ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, забонӣ, модда ба модда, илмӣ гузаранд ва дар сурати зарурат экспертизаҳои дигар низ бояд гузаронида шавад. Дар ин масъала мо бояд ба як ҷузъиёти муҳим таваҷҷуҳ намоем. Маҷлиси миллӣ низ метавонад экспертизаи қонунҳоро гузаронад ва дар ҳолати зарурӣ мутахассисони соҳа ва олимонро метавон дар ин самт даъват кард[504].

Дар асоси таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи ин раванди қонунгузорӣ мавҷудияти баъзе масъалаҳои ҳалталабро низ мушоҳида кардем. Нисбати лоиҳаи қонунҳо экспертизаҳои такрории ҳуқуқиву зиддикоррупсионӣ гузаронида мешавад. Экспертизаи ҳуқуқие, ки аз ҷониби Вазорати адлия ва Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон гузаронида мешавад, моҳиятан аз ҳам фарқ надоранд, ҳамчунин экспертизаи модда ба моддаи қонунҳо бо экспертизаи ҳуқуқӣ якхела аст. Аммо дар миёни экспертизаҳои зиёди лоиҳаи қонунҳо ягон экспертизаи илмӣ ба назар намерасад. Ба экспертизаи илмии лоиҳаи қонунҳо муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳои олӣ, олимон ва мутахассисони соҳаи дахлдор бояд ҷалб карда шаванд.

Ин нуктаи муҳим ҳангоми суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 марти соли 2015 дар ҷаласаи якуми иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагон, даъвати панҷум қайд гардида буд, ки “бо мақсади такмили фаъолияти қонунэҷодкунии парлумон экспертизаи лоиҳаи қонунҳо ба таври васеъ ба роҳ монда, аз имкониятҳои экспертизаи илмии лоиҳаи қонунҳо бо ҷалби ҳарчи бештари муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо истифода бурда шавад”. Бисёр олимон дар бораи ҷорӣ намудани экспертизаи илмии лоиҳаи қонунҳо пешниҳодҳои мушаххас доранд. Олимон пешниҳод мекунанд, ки дар назди кумитаҳои Маҷлиси намояндагон бо ҷалби олимону мутахассисони варзида як комиссияи экспертӣ таъсис дода шавад[505].

Маҷлиси Олӣ дар солҳои 2000-2015 лоиҳаҳои қонунҳоро барои гирифтани хулосаи олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

[504] Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. – 2005. – М. 51.
[505] Ойев Х. Система органов государственного управления Республики Таджикистан нуждается в редакции. Правовая жизнь. № 3. (11). 2005. – С. - 50.

Тоҷикистон пешниҳод менамуд ва дар оянда ҳамкории олимони ин факултет бо вакилон ва аъзоёни парлумон ба манфиати кор хоҳад буд.

Мо бо таклифи олимони тоҷик ҳамраъй мебошем, ки чунин раванд сатҳу сифати қабули лоиҳаи қонунҳоро дар раванди қонунгузорӣ беҳтар мекунад.

Ҳамин тариқ, мо аз таҳлилҳои дар боло овардашуда чунин натиҷагирӣ намудем, ки экспертиза ин омӯзиши самти мушаххас бо истифода аз донишҳои касбӣ дар соҳаи дахлдор буда, тавассути хулосаи мукаммал натиҷаҳои чунин омӯзиш ва ҷавобҳоро ба саволҳои додашуда инъикос менамояд.

Истифодаи экспертиза дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ ба тарҷумаи ғояҳои нави созанда ба забони касбии категорияҳои ҳуқуқӣ ва дар ин замина ба баланд бардоштани таъсиргузорӣ дар танзими санади қабулшуда мусоидат мекунад[506]. Мо навъҳои экспертизаро ба таври васеъ баррасӣ кардем, ки онҳо на танҳо дар доираи раванди воқеии қонунгузорӣ, балки дар марҳилаҳои пешакии раванди қонунгузорӣ низ анҷом дода мешаванд. Бояд қайд намуд, ки бидуни экспертизаи ҳатмӣ лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуда наметавонад ва дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем хулосабарорӣ намоем, ки ҳама гуна экспертиза, новобаста аз шаклҳои он, бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошанд.

Аввалан, ихтилофи байни матни қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ ва забони русӣ бартараф карда шавад. Аъзоёни парлумон бояд ба дурустии истилоҳоти матни тоҷикӣ ва русӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, Дастури Маҷлиси намояндагон (тарҷумаи дуруст, вале мувофиқати маъноӣ дар тарҷума ба назар намерасад) таваҷҷуҳ намоянд. Ин масъалаи муҳим диққати олимони соҳаро барвақт ба худ ҷалб намудааст. Ба таври мисол, А.С. Пиголкин чунин қайд менамояд: “Дар матни ҳуқуқӣ ягонагии истилоҳоти истифодашуда бояд риоя гардад - мафҳумҳои дар санади меъёрӣ омада бояд бо ҳамон як

---

[506] Хабриева Т.Я. Парламентское право России. Монография. Издание Государственной Думы. М. - 2013. – С. - 239.

истилоҳи ҳуқуқӣ ифода карда шаванд ва дар айни замон як истилоҳ наметавонад мафҳумҳои гуногунро ифода намояд”[507].

Дуюм, бо мақсади пешгирии камбудиҳо ва ихтилофот дар мазмуни матнҳои лоиҳаи қонун пешниҳод менамоем, ки ба Маҷлиси намояндагон мутахассисони соҳаи забони тоҷикӣ ва русӣ даъват карда шаванд, онҳо матни лоиҳаи қонунро бодиққат омӯзанд ва баъд ба тарҷумаи он шуруъ кунанд. Ҳангоми тарҷумаи матни лоиҳаи қонун бояд забони илмии ҳуқуқии қонунҳо ба назар гирифта шавад, ки риояи ин низом ба такмили сифати он мусоидат менамояд. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки ин лоиҳаи қонунро миллионҳо нафар намояндагони касбу кори гуногун истифода менамоянд ва бо дарназардошти ин, ҳар як ҷузъиёти онро бояд мукаммал сохт. Матни санади меъёрӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад ва он бояд бо риояи услуби расмии коргузорӣ, забони фаҳмо, бидуни истифодаи калимаҳои душворфаҳм таҳия шавад.

Сеюм, барои экспертизаи забонӣ ба Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, инчунин ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани лоиҳаи қонунҳоро зарур мешуморем.

---

[507] Шубенкова К.В. Теоретико - правовые концепции А.С. Пиголкина. Дисс. ... канд. юрид. наук. Волгоград. - 2013. – С. - 22.

## БОБИ 5. ИМЗОИ ҚОНУНҲО АЗ ҶОНИБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ИНТИШОР ВА БА ҚУВВАИ АМАЛ ДАРОМАДАНИ ОНҲО

Имзои қонун марҳилаи ниҳоии раванди қонунгузорӣ буда, моҳияти он аз он иборат аст, ки қонуни аз ҷониби палатаҳои парлумон қабулшуда ба Президент фиристода шуда, аз ҷониби ӯ имзо карда мешавад ва пас аз он интишор гардида, ба қувваи амал медарояд. Ин давраи раванди қонунгузорӣ дар аксарияти конститутсияҳои амалкунандаи давлатҳои муосир пешбинӣ шудаанд.

Тавре ки маълум аст, пас аз ба имзо расидани қонун он хусусияти эътибори ҳуқуқиро пайдо мекунад. Моҳияти ҳуқуқии имзои қонун аз он иборат аст, ки сарвари давлат ризоияти худро оид ба қабули он тасдиқ мекунад ва далели қабули қонунро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ менамояд. Бе имзои сарвари давлат, интишори расмии он ва ҳамзамон қувваи ҳатмӣ пайдо кардани он имконнопазир аст. Сарвари давлат ҳуқуқ дорад ба қонун имзо нагузорад. Ва дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ имзо нагузоштани қонун “вето” номида мешавад. Зери мафҳуми вето (лот. *veto* - манъ мекунам) дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ҳуқуқи сарвари давлат доир ба рад кардани қонун ва ё баргардонидани қонун бо назардошти эродҳо барои баррасии такрорӣ фаҳмида мешавад.

Аҳаммияти ҳуқуқии вето дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ он қадар муҳим арзёбӣ мешавад, ки ин санад на танҳо ҳамчун яке аз салоҳияти сардори давлат, балки ҳамчун институти мукаммали конститутсионию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, масъалаи танзими конститутсиони ҳуқуқии ин ниҳод дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ муҳим ба назар мерасад. Ҳуқуқи конститутсионӣ ду намуди асосии “вето” - ро тасниф мекунад: ветои мутлақ ва ветои нисбӣ. Ветои мутлақ маънои онро дорад, ки рад намудани сарвари давлат аз тасвиби лоиҳаи қонуне, ки аз ҷониби парлумон қабул шудааст, ниҳоӣ аст ва онро рафъ намудан ғайриимкон аст. Дар айни замон, ветои мутлақ амалан истифода намешавад, гарчанде ки онро ҳуқуқи консти-

тутсионии як қатор давлатҳои монархӣ расман истисно накардаанд[508]. Бояд дар назар дошт, ки ветои мутлақ ҳуқуқи рад кардани қонунро дар назар дорад, аммо ветои нисбӣ бошад аз ҷониби Парлумон тибқи тартиби мурофиаи муқарраргардида бартараф карда мешавад ва ё хусусияти муваққатан боздоштани қонунро мефаҳмонад. Моҳияти ҳуқуқии ветои нисбӣ аз тарафи Президент таъсиргузории бевоситаи он ба фаъолияти қонунгузории парлумон мебошад. Ҳуқуқи ветои нисбӣ муҳим буда, шакли иштироки президент дар раванди қонунгузорӣ мебошад.

Аҳаммияти ин ҳуқуқ дар он ифода меёбад, ки он танҳо ба президент тааллуқ дошта, яке аз салоҳияти анъанавии ӯ ба ҳисоб меравад. Моҳиятан тавассути ветои нисбӣ қонуни барои имзо пешниҳодгардида аз ҷониби Президент ба Парлумон барои баррасии такроран баргардонида мешавад. Ветои нисбӣ одатан бо аксарияти овозҳои маъмулӣ (Юнон, Италия, Руминия, Венгрия) ва ё овоздиҳии махсуси вакилон (Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия, Полша, Чехия) бартараф карда мешавад. Ветои нисбии президент аз ҷиҳати назариявӣ ҳамчун яке аз элементҳои боздорӣ ва мувозинат барои амали гаштани принсипи таҷзияи ҳокимият зарур мебошад.

Аз амалияи раванди қонунгузории аксари кишварҳо бармеояд, ки ҳуқуқи ветои нисбӣ воситаи назарраси таъсиррасонии ҳокимияти иҷроия ба ҳокимияти қонунгузорӣ мебошад. Тибқи қоида, ветои нисбӣ ба лоиҳаи қонун дар маҷмуъ татбиқ мешавад ва он наметавонад ба қисмҳои муқаррароти алоҳидаи он татбиқ карда шавад.

Ин бахш дар раванди қонунгузорӣ баъзе мушкилиҳоро пеш меорад, зеро президентро лозим меояд, ки лоиҳаи қонуни такмилталабро тасдиқ кунад ва ё аз сабаби дар лоиҳаи қонун мавҷуд набудани моддаҳои дахдор қонунро боздорад. Ин қоида дар кишварҳои хориҷӣ ба таври гуногун амалӣ мегардад.

---

[508] Дар айни замон ветои мутлақ амалан истифода намешавад (дар Англия ҳолати охирини истифодаи ветои мутлақ ба соли 1707 рост меояд), гарчанде ки он расман истисно карда нашудааст. Ветои мутлақ бо консепсияи қонун, ки ба мубориизаи байни монарх ва парлумон алоқаманд аст, дахл дорад. Инкишофи ҳуқуқи конститутсионӣ ба он оварда расонид, ки сарвари давлат ҳуқуқи рад кардани қонуни қабулкардаи парлумонро бо салоҳиди худ аз даст дод ва ветои нисбӣ ба миён омад. Ҳоло истилоҳи “манъ кунӣ” дар конститутсияҳо нисбатан кам муқаррар карда шудааст ва дар аксари онҳо истилоҳҳои имзо ва ё интишор муқаррар шудааст.

Ба таври мисол, дар як қатор кишварҳое чун Фаронса, Аргентина, Мексика Президент ба баъзе моддаҳо ва муқаррароти лоиҳаи қонун ҳуқуқи гузоштани ветои нисбӣ мавҷуд аст[509]. Аз ин лиҳоз ин намуди веторо, ветои ба истилоҳ интихобӣ низ номидан мумкин аст. Моҳияти аслии он чунин ифода мегардад, ки сарвари давлат метавонад ба парлумон барои баррасӣ ва овоздиҳии дубора баъзе моддаҳо ва муқаррароти қонунро, ки бо он розӣ нест баргардонад. Масалан Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар тӯли дусад соли мавҷудият тавонист тақрибан 3% шумораи умумии ветои нисбии президентро амалан бартараф намояд. Маҷлиси Иттифоқии Федератсияи Россия қариб бист қонуни иттифоқиро, ки ветои нисбӣ гузошта шударо, бартараф намудааст[510]. Маҷлиси Олӣ тавонист ветои нисбиро нисбати янчанд қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро бартараф намояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ якчанд асосҳои истифодаи ҳуқуқи ветои нисбии президент мавҷуд аст. Ба таври мисол, муҳаққиқи рус Л.А. Окунков гурӯҳҳои зерини асосҳои истифодаи ҳуқуқи ветои нисбиро аз ҷониби президент вобаста ба якчанд хусусиятҳо муайян менамояд:

1) хусусиятҳои ҳуқуқӣ, ки вобаста ба шарҳи мухталифи муқаррароти конститутсия ва қонунҳо аз ҷониби парлумон ва президент, дар натиҷаи камэътиборӣ ва риоя накардани талаботи техникаи қонунгузорӣ дар байни таҳиякунандагони қонунҳо ба вуҷуд меояд;

2) хусусияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, бо дарки мухталифи президент ва парлумон, ки дар самтҳои асосии ислоҳоти ҳокимияти давлатӣ ва иқтисодӣ ифода месозад;

3) хусусияти раванди қонунгузорӣ ва техникаи қонунгузорӣ, ки дар натиҷаи номукаммалии раванди қонунқабулкунӣ ба миён омадааст;

4) хусусияти ташкилию идоракунӣ, ки аз набудани назорат ҳангоми омодасозии лоиҳаи қонунҳо ва масъулияти иҷрои онҳо бармеояд[511].

---

[509] Баглай М.В. Конституционное право зарубежных стран. Учебник для вузов. Под общей ред. Чл. корр. РАН, проф. Баглай М.В., д.ю.н. проф. Лейбо Ю.И., д.ю.н., проф. Энтина Л.М.: Издательство НОРМА (Издательская группа НОРМА - ИНФРА М), 2002. – С. - 228-229.

[510] Булаков О.Н. Двухпалатный парламент РФ. - СПб. Издательство. «Юридический центр Пресс», 2003. – С. -375.

[511] Ханько Д.Н. Вето Президента в конституционно-правовом механизме постсоветских республик. Вестник Беларус. Гос.ун-та. – 2012.- № 2. С. - 201-206.

Дар конститутсияҳои як қатор кишварҳо асосҳои муфассал баргардонидани қонуни парлумон аз ҷониби президент нишон дода нашудаанд, дар ҳоле ки онҳо метавонанд талаботро оид ба дурустии ветои нисбӣ қарор додани санад аз тарафи президентро дар бар гиранд.

Қарор дар бораи баргардонидани қонун, ки пас аз гузаштани муҳлати муқарраршуда эълон шудааст, маънои баргардонидани қонунро надорад ва оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён намеорад. Аз ин мебарояд, ки Президент дар муддати муқарраршуда қонунро имзо менамояд ва ё бо пешниҳоду эродҳо бармегардонад. Ва Президент чунин ҳуқукро танҳо дар давраи ниҳоии давраи раванди қонунгузорӣ дорад. Имзои қонун бо имкони баргардонидани қонун аз ҷониби Президент алоқамандӣ дорад. Бояд қайд кард, ки Президент метавонад аз ҳуқуқи ветои нисбӣ танҳо дар давраи имзои қонун ва дар давраи барои он муқарраршуда истифода барад. Дар зимн бояд қайд намуд, ки имзои қонун аз тарафи Президент дар мӯҳлати муқарраршуда уҳдадории Президент мебошад на ҳуқуқи ӯ.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994 истилоҳи “вето” истифода нашудааст. Дар баробари ин, аслан ҳуқуқи баргардонидани қонун дар қисми 1, моддаи 62 пешбинӣ шуда, он салоҳияти баргардонидани қонун ба парлумонро ба таври кофӣ ва муфассал танзим намекунад.

Қаблан (мутобиқи Конститутсияи соли 1978) вақте ки қонунҳо имзо ва интишор мешуданд, дар бораи рад кардан ё баргардонидан масъалагузорӣ ба мушоҳида намерасид. Зеро ки қонунҳо аз ҷониби Шурои Олӣ қабул шуда баъдан ба он Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва котиби Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон имзо мегузоштанд. Дар ин раванди қонунгузорӣ танҳо як шохаи ҳокимияти давлатӣ иштирок дошт.

Дар баробари соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррар намудани шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси парлумони дупалатагӣ тартиби имзои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфт. Қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳоии ҶТ, ки Маҷлиси Олӣ қабул кардааст, дар

муддати ҳафт рӯз барои имзо ба Президенти ҷумҳурӣ фиристода мешавад. Мутобиқи моддаи 62-и Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки дар давоми понздаҳ рӯз қонун, қонуни конститутсиониро баррасӣ намуда онро имзо кунад ё барои аз нав баррасӣ намудан ба парлумон баргардонад. Раванди имзо нагузоштани қонун дар ду шакл имконпазир мебошад:

1) баргардонидани қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҶТ ба Маҷлиси Олӣ дар ҳолати бо он розӣ набудан;

2) баргардонидани қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳолати розӣ набудан бо қисме аз он. Ва ин муқаррарот дар бандҳои 1 ва 3 - и моддаи 62 - и Конститутсияи соли 1994 Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Қонунҳои конститутсионӣ аз тарафи Сардори давлат ҳатман имзо карда мешавад (дар ҳолати мавҷуд набудани норасои дар қонун). Имзои Президент се вазифаи муҳимро фарогир мебошад:

- он маънои анҷоми раванди қонунгузорӣ ва ба итмом расидани расмиёти қабули қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо дар парлумонро дорад;

- ин раванди қонунгузорӣ аз он далолат медиҳад, ки матни имзошудаи қонун ба матни аслии қонуни қабулкардаи қонунгузор комилан мувофиқат мекунад ва қабули қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст;

- қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ифодагари иродаи мардуми Тоҷикистон буда, аз ҳамон лаҳза чун қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад.

Ба андешаи мо, аз нигоҳи илмӣ барои имзои қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои қабулшуда понздаҳ рӯз муқаррар шуда ба Сарвари давлат имконият медиҳад, ки муҳтавои онро бодиққат мутолиа намояд, дар ҳолати зарурӣ олимону мутахассисонро ба такмили ин раванд ҷалб намояд, зарурат ва саривақт интишор кардани онро таҳлил намояд, ба таври ҳамаҷониба онро баррасӣ карда, қонунро ба имзо расонад ва ё барои такмили қонун ва бандҳои алоҳидаи он изҳори андеша намояд. Президент дар мактуби худ са-

баб ва омилҳои баргардонидани қонунро асоснок мекунад. Дар сурати баргардонидани қонун Президент эрод ё таклифҳои худро пешниҳод мекунад, ки онҳо метавонанд дар маҷмуъ ба қонун, бобҳо ва ё моддаҳои алоҳидаи он дахл дошта бошанд. Дар баррасии ин раванди қонунгузори андешаи муҳаққиқон мухталиф мебошад.

Олими тоҷик З. Ализода сабабҳои баргардонидани қонун аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро чунин арзёбӣ менамояд:

1) ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун асос номувофиқ будани онро метавон нишон дод[512];

2) номукаммалии қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Эътирози президент метавонад тамоми қонун ё қисми онро фаро гирад. Аксар, бо ҳамин тарз, номувофиқ будани баъзе моддаҳо ва бандҳои қонун ба моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда мешавад. Дар ин замина, натиҷагирӣ намуда, таҳлили амалияи баргардонидани қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки барои такмили ин бахш асосҳои зеринро қайд намоем: риоя нашудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон (Президент кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст); вайрон кардани ҳуқуқҳои субъектони ташаббуси қонунгузорӣ; риоя накардани муқаррароти Конститутсия оид ба таъмини молиявии лоиҳаи қонун; хусусияти ҳаволакунанда доштани қонун; риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи конститутсионӣ ва меъёрии қабули қонунҳо; вайрон кардани тартиби қироатҳои минбаъда доир ба баррасии лоиҳаи қонун. Дар ин самт мушкилот, пеш аз ҳама, дар номукаммалӣ ва техникаи қонунгузории қабули як қатор қонунҳо мебошад, ки он боиси камтар гардидани назорат аз болои ин ё он санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки Президент онро имзо гузоштааст. Аммо Президент ваколатдор нест ҷиҳати конститутсионӣ будани қонунро баҳо диҳад, бинобар ҳамин бо дархости дахлдор ба Суди конститутсионӣ

[512] Ализода З. Становление института парламента в РТ: Проблемы теории практики. Монография. - Душанбе, 2010. – С. - 283.

муроҷиат менамояд. Аммо дар ин сурат қонун бояд аз ҷониби Президент имзо шавад, зеро ки мутобиқи қисми 2-и моддаи 34-и Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”[513] ин мақомот назорати конститутсионии пешакии қонунро ба амал баровarда наметавонад. Пас, дар ин раванди ҳуқуқӣ савол ба миён меояд, ки бо кадом тарз масоили ба миён омада ҳалли худро меёбад? Тибқи моддаи 40-и қонуни мазкур, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо дархости субъектҳо парвандаҳоро оиди мутобиқатии қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ба Конститутсияро баррасӣ намуда қарор қабул мекунад. Аз ҷониби Суди конститутсионӣ ғайриконститутсионӣ эътироф шудани қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва ё муқаррароти алоҳидаи онҳоро аз қувваи амал бозмедорад. Аммо аз ин имкониятҳои Суди конститутсионӣ дар ҳалли ниҳоии баҳси ҷонибҳои манфиатдор аз ҷониби Президент ба қадри кофӣ истифода намешавад. Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем Суди конститутсионӣ салоҳияти назорати конститутсионии пешакии қонунҳоро надорад. Аз баррасии таҷрибаи чанд соли охир бармеояд, ки танҳо дар чанд ҳолат муроҷиати Президент ба Суди конститутсионӣ оид ба Конститутсия мутобиқ будани баъзе қонунҳои мушаххас ба назар расида, дар ин самт масъалаҳои ҳалталаб зиёд мебошанд.

Аз таҷрибаи раванди қонунгузорӣ бармеояд, ки дар ҳама гуна қонунҳои қабулшуда норасоиҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои баҳсталаб ва дигар камбудиҳоро метавон мушоҳида кард ва бо дарназардошти ин Президент ба таври асоснок тартиби аз нав баррасӣ кардани онро дар парлумон пешниҳод менамояд. Воқеан, ин камбудиҳо барои баҳо додан ба моҳияти конститутсионии мазмуни қонун, дуруст шарҳ додан ва дар амал татбиқ намудани он монеа ба миён меоранд. Меъёри субъективӣ баъзан дар ин раванд метавонад беасос бошад.

Дар адабиёти бахши ҳуқуқи конститутсионӣ чунин ақида низ мавҷуд аст, ки Президент метавонад қонунҳоро бидуни баррасӣ баргардонад.

[513] Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ” аз 26.07.2014 с. - М. 34. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.).

Дар ин самт андешаи олимон ягона нест. Ба гуфтаи Ю.Е. Ширяев[514], институти **бидуни баррасӣ баргардонидани** қонунҳо аз институти **баргардонидани қонун бо пешниҳоду эродҳо** бояд фарқ кард.

Бидуни "**баррасӣ"** баргардонидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия пешбинӣ нашудааст. Бо дарназардошти ин нукта А.А. Котенков чунин мешуморад, ки агар дар рафти қабули лоиҳаи қонун қоидаҳои мурофиавӣ риоя нашуда бошад, раванди қонунгузорӣ вайрон шуда бошад, вакилон қоидаҳои муқарраршудаи қабули қонунҳоро вайрон кунанд, аз ҷумла ба таври "ғайриҳузурӣ овоз диҳанд", яъне ҳуқуқи овоздиҳии худро ба вакилони дигар вогузор намоянд[515], қонунро барои имзо ба Президент ирсол намоянд, ин ҳолатҳо асос мешавад барои баргардонидани қонун ба парлумон бе баррасӣ намудани он аз тарафи Президент, чунки Президент ҳамчун кафили Конститутсия набояд ба ин раванд розӣ бошад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ барои имзо накардани қонунҳо ду равия мавҷуд мебошад: баргардонидани қонун бидуни баррасӣ ва баргардонидани қонун бо пешниҳоду эродҳо.

Дар ин раванд саволе ба миён меояд, ки оё Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳоро бе баррасӣ метавонад баргардонад? Ин масъала дар таҷрибаи муносибати сарвари давлат бо палатаҳои Маҷлиси Олӣ ифодаи худро ёфтааст.

Мо мавқеи худро доир ба равияи бидуни баррасӣ баргардонидани қонунро бо ин омилҳо чунин натиҷагирӣ менамоем:

-Аввало, Президент кафили Конститутсия мебошад ва ин муқаррароти конститутсионӣ маҳдудият доир ба ваколати Сардори давлатро ба миён намеорад.

-Баъдан, Президент дар раванди қабул ё тасдиқи қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо вайрон гардидани шарту тартиби қабул ва ҷонибдории онро,

---

[514] Ширяев Ю.Е. Федеральный законотворческий процесс: Конституционно - правовой анализ. СПб. 2006. Дисс. …д-ра юрид. наук. – С. - 290.

[515] Котенков А.А. На чём основано право Президента России: возвращать принятый федеральный закон без рассмотрения. // Журнал российского права. 1997. №11. – С. - 49 - 54.

ки Конститутсия муқаррар кардааст, мушоҳида менамояд ва ҳамчун кафили Конститутсия наметавонад чунин қонунро қабулшуда ҳисобида, онро имзо кунад.

- Сеюм, қонуни қабулшуда ба қонунгузории кишвар мутобиқат намекунад.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки дар сурати муайян намудани вайрон кардани меъёрҳои мурофиавии қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳуқуқи бидуни баррасӣ ба Маҷлиси Олӣ баргардонидани қонунҳоро дорад.

Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ дар сурати аз ҷониби Президент баргардонидани қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо бидуни баррасӣ ва ё баргардонидан бо норасоӣ ва эродҳо, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳоро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия аз нав баррасӣ мекунанд ва ин давраҳои раванди қонунгузории иловагиро ба миён меорад. Баргардонидани қонун дар шакли мактуби Президент ба Раиси Маҷлиси намояндагон ба расмият дароварда мешавад, ки дар он сабабҳои баргардонидани матни қонун қайд мегардад.

Ҳамин тариқ, дар баъзе мавридҳо Президент пешниҳод мекунад, ки раванди қонунгузории қабули қонун бо дарназардошти эродҳои ӯ ба итмом расад, дар мавриди дигар, метавонад ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намояд, ки аз баррасии дубора ва қабули қонун даст кашанд. Қонунҳо барои баррасии дубора ба Маҷлиси намояндагон баргардонидашуда, чун қоида, ба рӯзномаи ҷаласаи навбатии Маҷлиси намояндагон ворид карда мешаванд. Баррасии такрории қонуни баргардонидашуда аз ин зинаҳо иборат аст: баромади Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тавзеҳоти сабабҳое, ки барои баргардонидани қонун асос шуда буданд; маърузаи намояндаи саркумитаи масъул дар бораи хулосае, ки ӯ аз рӯйи натиҷаҳои баррасии эътирози Президент таҳия намудааст; мубоҳисаи қонуни баргардонидашуда; сухани хотимавии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон оид ба масъалаҳои

ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ҳамин асос натиҷаи баррасии қонуни баргардонидашуда аз ҷониби Президентро Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо се тарз метавонанд роҳандозӣ намоянд:

-якум, қабули қонун дар асоси пешниҳод ва эродҳои Президент;

-дувум, барои рафъи ихтилофоти ба миён омада комиссияи махсус таъсис дода мешавад;

-сеюм, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ қонунро дар асоси таҳрири пештара тасдиқ кунанд.

Тибқи шакли аввал, агар вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ бо дарназардошти пешниҳод ва эродҳои Президент қонунро қабул кунанд, пас ба овоздиҳӣ тағйири ҳар як пешниҳоду эродҳо ва ё нақшаи он гузошта мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар ин маврид танҳо тағйироту иловаҳои Президент пешниҳодшуда дар маҷмуъ мавриди баррасӣ ва овоздиҳӣ қарор мегиранд, яъне дар ин маврид ягон тағйироту иловаҳои дигар мавриди баррасӣ қарор намегирад. Дар ин сурат ба тарафдории кодекс, қонун бо аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллӣ (дар палатаҳо ҷаласаҳо алоҳида гузаронида мешавад) овоз медиҳанд.

Шакли дуюм ин аст, ки комиссияи махсус барои рафъи ихтилофоти ба миёномада таъсис дода мешавад. Бо пешниҳоди Маҷлиси намояндагон Президент ва Маҷлиси миллӣ метавонанд намояндагони худро ба ин раванд ҷалб намоянд. Пас аз анҷоми кор комиссияи махсус матни мувофиқашудаи лоиҳаи қонунро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад ва дар ин сурат, агар на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон ва аъзоён ба тарафдории он овоз дода бошанд, кодекс, қонун қабулшуда ҳисоб мешавад. Дар асоси баррасии ин раванд бармеояд, ки дар ин гуна ҳолатҳо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон ва аъзоён зарур аст. Ҳамзамон, дар оянда эҳтимоли тағйирот дар ҳолатҳои алоҳидаи рафъи ветои нисбии Президент аз ҷониби ҳар ду палата сурат гиранд. Дар баробари ин,

бояд қайд намуд, ки бо дарназардошти манофеи устувору умумӣ бартараф намудани ветои нисбии Президент имконпазир аст. Дар ин маврид конститутсия Президентро муваззаф мекунад, ки дар давоми даҳ рӯз ин қонунро имзо ва интишор кунад. (Дар Конститутсия ва қонунҳо муқаррар нашудааст, ки ин 10 рӯз тақвимӣ аст ё корӣ).

Шакли сеюм ин аст, ки қонун аз ҷониби Маҷлиси намояндагон бори дигар баррасӣ ва дар таҳрири қаблан қабулшуда қабул карда мешавад, такроран ба тарафдории қабули қонун бо иштироки аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон қабул мешавад. Аммо, дар ин ҳолат, палатаи болоӣ низ бо иштироки аксарияти аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзоёни Маҷлиси миллӣ, тарафдорӣ мекунанд. Илова бар ин, тасвиби дубораи қонун дар таҳрири қаблӣ дар палатаи поёнӣ метавонад дар Маҷлиси миллӣ чунин ҷонибдорӣ надошта бошад. Ҳамзамон, ин раванд вобаста ба корбарии вакилон ва аъзоёни ҳар як палата дар муайян намудани мавқеи Президент душворӣ пеш меорад.

Аз таҳлили раванди сеюм саволе ба миён меояд, ки дар кадом асос парлумон қонунро дар таҳрири пештара қабул метавон кард?

Дар ин раванди қонунгузорӣ сабабҳои гуногун вуҷуд доранд. Аввало, ҳангоми таъсиси комиссияи махсус ҷонибҳо наметавонанд ҳамрайъ бошанд. Баъдан, вакилон дар доираи ваколатҳои худ намехоҳанд беасос гузашт кунанд ва “далелҳои аз ҷониби савари давлат пешниҳодшударо ба инобат намегиранд”. Чунин ҳолат дар парлумонҳои як қатор мамлакатҳои хориҷӣ зиёд ба мушоҳида мерасанд. Ҳамин тавр, қонуне, ки дар таҳрири пештара аз чониби Маҷлиси Олӣ қабул шудааст аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дубора баргардонида намешавад ва он дар муҳлати муқаррарнамудаи Конститутсия имзо ва интишор карда мешавад.

Дар баробари баргардонидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хуқуқи баргардонидани қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дорад. Дар қисми 3-юми моддаи 62-и Конститутсия аз ҷониби Президент баргардонидани қонуни консти-

тутсионӣ пешбинӣ шудааст. Ин моҳияти иштироки сарвари давлатро дар қабули қонунҳои конститутсионӣ муайян мекунад.

Раванди қонунгузорӣ дар ин ҷода яке аз мақсадҳои муҳим дар таъмини устувории Конститутсия мебошад, ки он асосҳои сохти конститутсиониро муқаррар менамояд. Масоили баҳсталаби қонунҳои конститутсионӣ дар раванди қонунгузорӣ бояд бо дарназардошти номгӯи мукаммал ва тартиби муайяни қабули қонунҳои конститутсионӣ ҳал карда шавад. Дар ин ҳолат барои пешгирӣ аз ветои нисбӣ вакилони парлумон метавонанд танҳо бо овоздиҳии шумораи аксарият муваффақ шаванд. Барои ин дар ҳар як палата бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии вакилони палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоӣ тасдиқ шавад. Ин масъала Президентро муваззаф мекунад, ки дар давоми даҳ рӯз қонуни конститутсиониро имзо ва интишор кунад.

Ба андешаи И.И. Камолов[516], Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ветои нисбии президентро нисбат ба қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ намекунад. Ин андеша баҳсталаб буда, мо ба он розӣ шуда наметавонем, зеро мувофиқи қисми 3-и моддаи 62-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикиситон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон метавонад қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо пешниҳоду эродҳо баргардонад. Ин гуфтаи И.И. Камолов ба раванди имзои қонунҳои конститутсионии Федератсияи Россия мувофиқат мекунад. Моҳияти ҳуқуқии қонунҳои конститутсионии иттифоқӣ дар он зоҳир мешавад, ки пас аз ба тасвиб расидан аз ҷониби палатаҳо ин гуна қонунҳо аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия рад намешавад ва аз нав барои баррасӣ ба Думаи Давлатии Маҷлиси Иттифоқии Федератсияи Россия бар намегардад.

Ин раванди қонунгузорӣ дар қарори Суди конститутсионии Федератсияи Россия аз 28 ноябри соли 1995 дар мавриди тафсири қисми 2-и моддаи 137-и Конститутсияи Федератсияи Россия тасдиқ карда шудааст. Аз мазмуни банди 5-и қарори мазкур бармеояд, ки Президенти Федератсияи Россия ҳуқуқ надорад, ки қонунҳои конститутсионии иттифоқиро

---

[516] Камолов И.И. Система нормативных правовых актов РТ. Монография - Душанбе, 2015. – С. - 131.

баргардонад ва тибқи қисми 2-и моддаи 108-и Конститутсияи Федератсияи Россия "салоҳият оид ба андешидани чораҳои муайян дар омода намудани санадҳои қабулшуда" - ро пешбинӣ менамояд. Конститутсияи Федератсияи Россия Президенти Федератсияи Россияро новобаста аз он ки ӯ ба қонуни конститутсионии қабулшуда эътироз дорад ё не, вазифадор мекунад, то онро дар шакли аз ҷониби палатаҳои Маҷлиси иттифоқӣ қабулшуда имзо намояд ва он дар ҳамин шакл интишор мешавад. Дар Конститутсияи Федератсияи Россия мӯҳлати чордаҳрӯза муқаррар шудааст[517], ки дар давоми он қонун бояд аз ҷониби Президенти Федератсияи Россия имзо шавад. Баръакси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Федератсияи Россия ҳуқуқи ветои нисбӣ ба қонунҳои конститутсионии иттифоқиро надорад. Ин ҳолат дар раванди қонунгузории кишварҳои хориҷӣ низ ба таври гуногун сурат мегирад. Ба таври мисол, Президенти Ҷумҳурии Чехия ҳуқуқ надорад, ки қонуни конститутсионии қабул намудаи Парлумони кишварро, баргардонад[518]. Яъне аз ин мебарояд, ки дар муддати муқарраршуда Президент муваззаф аст қонуни конститутсиониро имзо намояд.

Ҳамин тавр, дар заминаи баррасии ин раванди қонунгузорӣ мо ба чунин хулосае омадем, ки дар ҳама ҳолат қонунҳои бидуни баррасӣ ва ё бо пешниҳоду эродҳо баргардонидашуда дар Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ дар алоҳидагӣ, бо овоздиҳии шумораи аксарияти вакилон ва аъзоён аз нав баррасӣ мегардад. Ин қонунҳо бо тартиби ғайринавбатӣ баррасӣ мешаванд. Баъзан вакилон ва аъзоёни палатаи болоӣ дар баррасии қонуни бо эродҳо баргардонидашуда ягон роҳи дар боло зикршударо интихоб накарда, бо раъйи сардори давлат ҳамфикрии худро ифода менамоянд. Аммо истифодаи барзиёди ветои нисбӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ба андешаи мо, ба раванди баррасии қонунҳо дар Маҷлиси Олӣ халал ворид сохта, он наметавонад барои раванди қонунгузорӣ манфиатовар бошад.

---

[517] Абросимова Е.Б. (Коллектив авторов). Комментарий к Конституции Российской Федерации. - Юрайт.М. 2002. – С. - 756.

[518] Златопольский Д.Л. Новые конституции стран Восточной Европы и Азии (1989-1992). Сборник Конституции. Издательство «Юридический колледж МГУ». - М., 1996. Конституция Чешской Республики от 16 декабря 1992 г. - Ст. 50 – С. - 226.

Тавсеаи муносибатҳои Маҷлиси Олӣ ва Президент танҳо тавассути такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии палатаҳо ва муқаррарот дар бораи тартиби ҳамкории Президент ва палатаҳо дар раванди қонунгузорӣ кифоя нест. Самара ва сифати кори қонунгузорӣ заминаи мукаммали ҳуқуқиро дар шакли қонуни махсус дар бораи ҳамкории мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар раванди қонунгузорӣ, тезонидани гузашти расмиёти зарурии қонунгузориро талаб мекунад.

Дар тамоми ин раванди ҳуқуқӣ давраҳои раванди қонунгузорӣ бояд ба танзим даровarда шавад[519], нақш ва уҳдадориҳои ҳар як иштирокчии ин раванд муайян карда нашудааст, ки онҳо ба таври бевосита дар меъёрҳои Конститутсия инъикос наёфтаанд. Ин омил метавонад ба рафъи ихтилофот байни мақомот ва баланд бардоштани сифати қонунҳо мусоидат кунад ва дар ин замина ҳамкорӣ ва ҳамраъйи ҷонибҳои дахлдор амалӣ гардида, раванди қонунгузорӣ ташаккул мeёбад. Маҷлиси Олӣ ва Президент дар якҷоягӣ воқеан ҳокимияти давлатиро намояндагӣ мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст 17 июни соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он” - ро баргардонида аз ҳуқуқи ветои нисбӣ истифода бурдааст. Дар натиҷаи баррасии дубора қонуни мазкур бо дарназардошти эроди Президент қабул гардид. Ҳамчунин соли 2008 Президенти кишвар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека”, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” - ро барои аз нав баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон баргардонид. Ин дар таърихи қонунгузории ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аввалин таҷриба мебошад[520]. Дар ин маврид Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ ҳамаи таклиф ва эродҳои Президентро баррасӣ намуда, қонунро дар шакли пешниҳоднамудаи Президент қабул карданд. Ба андешаи мо, сабаби қисми зиёди қонунҳои баргардонидашудаи даъвати сеюми Маҷлиси Олӣ, бо он шарҳ дода мешавад,

[519] Раҳимов М.З., Нематов Р.А. Техникаи қонунгузорӣ. - Душанбе, “Шуҷоиён”, 2011.- С. - 13.
[520] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ. - Душанбе,. 2009.- М. 62. – С. - 311.

ки ташаккули мақомоти қонунгузор дар шароити душвори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ амалӣ гардида, дар фаъолияти қонунгузории ҳайати намояндагон ва кормандони Маҷлиси намояндагон камтаҷрибагӣ ба мушоҳида мерасид. Дар баробари ин, дарки самтҳои асосии ислоҳоти давлатӣ ва иқтисодӣ дар марҳилаи мазкур аз ҷониби намояндагони мақомоти қонунгузор ва иҷроияро гуногун метавон арзёбӣ намуд.

Бояд қайд намуд, ки зиёда аз даҳ сол боз ҳуқуқи ветои нисбӣ аз ҷониби Президент истифода нашудааст. Ба андешаи мо, парлумон қонунҳоро тавре қабул мекунад, ки ҳуқуқи интихоби ветои нисбӣ ба Президент намемонад ва ё бо ҳамфаъолиятии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар давраҳои аввал вакилон эродҳои президентро дар рафти қонунгузорӣ ба назар мегиранд. Ин раванди қоннгузориро қобили қабул метавон ҳисобид, ки истифодаи ветои нисбӣ ҳангоми қабули қонунҳо мушкилиро дар муносибатҳои миёни Президент ва Маҷлиси Олӣ афзоиш медиҳад ва дар ин раванд ба ҷойи ҳамкориҳои судманд масъалаҳои баҳсталаб ба миён меоянд, ки онҳо ба раванди қонунгузорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Шуруъ аз соли 2008 вазъ бо татбиқи ветои нисбӣ ба қонунҳо ба куллӣ тағйир ёфт. Ин раванд, ба андешаи мо, аз оғози ташаккули институти конститутсионии ҳамҷояи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дарак медиҳад, ки зарурат ва моҳияти ислоҳоти ба амал омада ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Воқеан, ҳуқуқи ветои нисбии Президентро самти мусбати қонунгузорӣ метавон арзёбӣ намуд, ки он такмили мазмуну мундариҷаи лоиҳаи қонунҳо мусоидат менамояд ва як воситаи назорати он мебошад.

Бо дарназардошти ин андешаронихо метавон хулосабарорӣ намуд, ки чунин тартиби мураккаби баррасӣ, ба имзорасонии қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, ба моҳияти махсус ва зарурати ризоияти ҳамаи иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ вобаста аст. Дастрасӣ ба чунин раванди қонунгузорӣ вақти

зиёдро талаб мекунад. Мо чунин мешуморем, ки агар палатаи поёнӣ дар оянда қонунро дар таҳрири пешина, ки аз тарафи Президент баргардонида шуда буд, қабул кунад, пас зарурати такроран баррасӣ кардани ин қонуни баргардонидашуда дар палатаи болоӣ нест. Ин раванди қонунгузории иловагии парлумон баҳсталаб мебошад. Зеро ки Маҷлиси намояндагон ин қонунро бори дувум дар таҳрири қаблӣ қабул мекунад. Ин қонун қаблан дар Маҷлиси миллӣ баррасӣ ва ҷонибдорӣ ёфтааст ва он аз такрори як раванди қонунгузорӣ далолат медиҳад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ин омил раванди қонунгузории қабули қонунҳоро ба таъхир меандозад ва ин пешниҳод дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонояндаи наздик акси худро хоҳад ёфт. Баъдан, Маҷлиси миллӣ баъд аз Маҷлиси намояндагон ба баррасии қонунҳои баргардонидаи Президент шурӯъ менамояд ва ин ягона роҳ дар ин самт мебошад. Аммо Конститутсия ҳангоми рафъи эътирози президент аввал Маҷлиси миллӣ ва баъдан Маҷлиси намояндагонро муқаррар намудааст. Қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳое, ки аз тарафи Президент баргардонида мешавад, он аввалан ба Маҷлиси намояндагон ирсол мегардад. Яъне аввал ин масъала дар Маҷлиси намояндагон ҳалли худро меёбад, баъдан он ба Маҷлиси миллӣ ирсол мегардад. Мо боварӣ дорем, ки дар оянда ҳангоми даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ин нукта тағйир меёбад.

Ҳамин тавр, бо имзои қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом меёбад.

**Интишори қонун яке аз ваколатҳои конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад**. Нашри қонун маънои интишори матни онро дар нашрияи расмии муқарраршуда дорад, ки дар он шакли пурраи қонун пешниҳод мегардад. Дар яке аз ироаи паём ба Маҷлиси Олӣ, Президент таъкид намуданд, ки “Қабули қонунҳои хуб ин ҳанӯз оғози кор аст. Бисёр муҳим аст, ки қонунҳои қабулшуда қатъиян иҷро шаванд. Бо ин қонунҳо шинос будани шаҳрвандони кишвар зарур аст. Воситаҳои ахбори умум бояд онҳоро сари вақт ба маълумоти омма расонанд”.

Мақсади ин давраи раванди қонунгузорӣ интишори расмии мазмуни санади қабулшуда, огоҳии аҳли ҷомеа, шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ бо қонун, интишори нусхаҳои расмии он мебошад. Интишори расмии қонун барои таҳияи нусхаҳои матни расмии қонуни қабулшуда ва муайян кардани эътибори қонунии он муҳим мебошад. Он маънои расмии ҳуқуқӣ дошта, аз тарафи субъекти ваколатдори раванди қонунгузорӣ, ки барои қабули қонун муваззаф аст, барои дастрасии омма, мутобиқи қонунгузорӣ интишори пурра ва айнан қабули қонун дар матбуоти расмӣ интишор мешавад, ки дар оянда он аз тарафи мақомоти дахлдор ва идораҳо дар маҷаллаҳои онҳо чоп шуда, дар вақти татбиқи ҳуқуқ аз он истифода бурда мешавад. Интишори расмии қонун муҳим аст, зеро пас аз интишор қонун қувваи ҳуқуқиро пайдо мекунад.

Ба андешаи З. Ализода, ин принсипи аз тарафи умум эътирофшудаи фаъолияти қонунгузорӣ дар ҳаёти сиёсиву ҳуқуқии кишвар арзишманд аст. Дар замони муосир нақши қонунҳо дар ҷомеа меафзояд, муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд. Аз таҳлили таърихи қонунгузорӣ бармеояд, ки дар замони шуравӣ ин масъала аз мавзуи танзими конститутсионӣ ба ҳисоб намерафт. Албатта чунин раванд дастоварди бузург дар эътироф ва татбиқи принсипҳо ва арзишҳои раванди қонунгузорӣ мебошад. Аммо дар сатҳи конститутсионӣ масъалаи расман интишори қонун аз тарафи кадом мақомот ба танзим даровarda мешавад, муайян набуд.

Дар даврони шуравӣ нашри қонунҳоро Шурои Олӣ ва сохторҳои дахлдори он ба ҷой меоварданд. Дар муқаррароти моддаи 10-и Конститутсияи соли 1994 муқаррар гардидааст, ки қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд. Ин меъёри аз ҷониби умум қабулшуда, ки аз таҷрибаи бисёр давлатҳо баҳрабардорӣ шудааст, ифодаи арзишҳои демократӣ дар раванди қабули қонун мебошад.

Дар айни ҳол интишори расмии қонун, ҳамчун нашри пурраи матни онро дар матбуот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” муайян мекунад. Интишори расмии қонун, аввалан дар

рӯзномаҳои “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” нашр мешавад[521]. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба забони давлатӣ нашр мешаванд[522]. Дар матбуот на танҳо қонунҳо ва қонунҳои конститутсионии нав қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки он қонунҳое низ нашр мешаванд, ки ба қонунҳои амалкунанда тағйиру илова ворид мекунанд ва ҳатто мумкин аст, матни пурраи ин қонун такроран нашр шавад. Ҳамзамон шартномаҳои байналмилалие, ки Маҷлиси Олӣ тасдиқ кардааст, дар як вақт бо қонунҳо интишор мешаванд. Дар баробари ин, санадҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ бояд ба забони давлатӣ интишор шаванд. Аммо дар қонунгузории мо ба ин нуктаҳо чандон аҳаммият намедиҳанд. Қонунгузорӣ меъёрҳоеро муқаррар кардааст, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони муошири байни миллатҳо низ нашр мешаванд[523]. Мувофиқи моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон забони муошири байни миллатҳо забони русӣ аст. Бо дарназардошти ин, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Маҷлиси Олӣ қабул ва аз ҷониби Президент ба имзо расидаанд, бо забони русӣ низ нашр мешаванд[524].

Конститутсия забони русиро ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо ба таври расмӣ муқаррар намудааст ва истифодаи онро кафолат додааст. Муқарраротӣ конститутсионие, ки мувофиқи он забони русӣ забони муоширати байни миллатҳо эълон шудааст, ба принсипи демократӣ мувофиқат дорад. Дар ҳамаи давлатҳо эҳтиром ба халқиятҳои дигар риоя мегардад.

---

[521] Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи 2017 с. М. 66. Б. 1. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.)

[522] Ҳамон ҷо. Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” М. 65. Б. 3.

[523] Мутобиқи моддаи 105-уми Конститутсияи ҶСС Тоҷикистон соли 1978, қонунҳои ҶСС Тоҷикистон, қарорҳо ва дигар санадҳои Шурои Олии ҶСС Тоҷикистон аз тарафи Раис ва котиби Шурои Олии ҶСС Тоҷикистон имзо шуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ нашр карда мешуданд. Дар муқаррароти Конститутсия меъёр оиди “қонунҳо танҳо пас аз интишори расмӣ ба қувваи амал медароянд” ҷой надошт. Ҳамчунин дар ин ҷо ҳатто зикр нашудааст, ки қонунҳоро расман ки нашр мекунад. Шояд ба ин зарурат набуд, зеро ки масъалаҳои хеле муҳимро қарорҳои ҳизб танзим мекарданд. Танҳо дар солҳои бозсозӣ ва демократикунонӣ ва баланд шудани нақши Шурои намояндагони халқӣ ин масъала мавзуи танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ гардид. Ҳамин тавр, дар ислоҳоти соли 1989 ба Конститутсияи ҶСС Тоҷикистон ба ин масъала диққат дода шуд. Дар моддаи 108 Конститутсия, ки дар он ваколатҳои Президиуми Шурои Олии ҶСС Тоҷикистон муқаррар шуда буд, қайд шудааст, ки Президиуми Шурои Олии ҶСС Тоҷикистон қонунҳо ва дигар санадҳои қабулкардаи Шурои Олии ҶСС Тоҷикистонро ба забони тоҷикӣ инчунин бо тарҷумаи русӣ ва ӯзбекӣ нашр мекунад.

[524] Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи 2017 с. М. 65. Б. 3. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.)

Забони муоширати байни миллатҳо дар таҳким бахшидани дӯстии халқиятҳои кишвар ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангӣ нақши босазо дорад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони русӣ таъсири расмӣ доранд ва бештари намояндагони ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути забони русӣ низ шинос мешаванд. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ба қонунҳо, қонунҳои конститутсионӣ ва шарҳи онҳо ба забони русӣ ниёз доранд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" пешбинӣ шудааст, ки дар ҳолати зарурӣ Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад қонунҳоро ба забонҳои дигар тарҷума кунад. Аммо, мутаассифона, дар айни замон қонунҳо расман ба забонҳои дигари байналмилалӣ (ғайр аз забони русӣ) тарҷума ва нашр нашудаанд. Ба истиснои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо", ки ба чор забон: тоҷикӣ, русӣ, форсӣ ва англисӣ интишор шудааст[525].

Ин раванд дар кишварҳои пешрафтаи олам роҳи ҳалли худро барвақт ёфтааст. Ба таври мисол, дар Белгия ва Шветсария тамоми раванди қонунгузорӣ бо дарназардошти таркиби забони аҳолӣ амалӣ мегардад: интишори расмии санадҳои қонунгузорӣ бо ҳамаи забонҳои расмӣ ва матнҳои дорои мазмуни ягона нашр карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи нашри матнҳои расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ "Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" низ мебошад. Қонунҳо, санадҳои палатаҳои Маҷлиси Олӣ дар маҷаллаи расмии ҳармоҳаи "Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба забони давлатӣ ва русӣ нашр мешаванд. Ин маҷаллаи парлумонӣ аз се бахш иборат аст. Дар бахши якум санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин санадҳои ҷаласаҳои алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҷой

[525] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. (Маҷмӯаи мақолаю маърӯзаҳо). Душанбе "ЭР-граф"- 2017. С. - 80.

дода мешаванд. Бахши дуюм санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарҳи расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин тавзеҳоти расмии санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Дар фасли сеюм санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ ва маводҳои иттилоотӣ чоп карда мешаванд.

Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи расмӣ буда, аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва русӣ нашр мешавад. Он ҳар моҳ нашр гардида, дорои фасл ва бобҳои алоҳида мебошад. Ин нашрия дар ҳолати зарурат бо мақсади тавсеаи маводи худ ва такмили қонунгузорӣ дар ин банду бобҳо тағйирот ворид менамояд[526]. Матни интишоршуда дар Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳои баъдан ба санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида инъикос меёбад. Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро[527] Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мекунад, ки он нашрияи расмӣ мебошад. Ин нашрия ба мисли нашрияи "Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" фарогири бахшҳои алоҳида мебошад. Бахши аввал санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва ғ. дар бар мегирад. Фармонҳои Президент дар фасли дуюм ва қарорҳои Ҳукумат дар фасли сеюм чоп мешаванд. Фасли чорум аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳатмии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президент ва мақомоти назди Ҳукумат ва ғ. иборат аст.

Ҳамин тариқ, қонунҳо ва қонунҳои конститутсионӣ дар якчанд нашрияҳои расмии ҷамъиятию давлатӣ расман нашр мешаванд. Бояд гуфт, ки то интишори расмӣ қонун наметавонад қувваи ҳуқуқӣ пайдо кунад. Ин яке аз принсипҳои асосии конститутсионии давлатҳои муосир аст: қонунҳои

[526] Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи 2017 с. М. 68. Б. 1. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.).
[527] Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30 майи 2017- М. 66. Б. 3.

нашрнашуда дар амал татбиқ намешаванд. Дар ин ҳолат шаклҳои дигари татбиқи он ғайриимкон аст. Агар шаҳрвандон дар риоя кардани қонунҳо вазифадор шаванд, нашри онҳо шарти муҳими азхудкунии онҳо ба ҳисоб меравад.

Давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқи инсонро ба иттилоот ва таҳкими татбиқи он риоя намояд. Зеро интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон шарти ҳатмии татбиқи онҳо мебошад. Дар санади ҷамъбастии маҷлиси машваратии Вена оид ба Созмони аҳдномаи ҳамкорӣ дар Аврупо аз 15 январи соли 1989 диққати асосӣ ба "таъмини самарабахши ҳуқуқи шахсони алоҳида барои донистани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ ва бо ин мақсад нашр намудани ҳама қонун, қоида ва расмиёти маъмурӣ ва расмиёти марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон" нигаронида шудааст.

Аҳаммият ва мустақилияти ин давра дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқ ба маълумот дар бораи санадҳои ҳуқуқии нав яке аз ҳуқуқҳои инсонии аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофгардида ба ҳисоб меравад. Маҳз нашрияи расмӣ кафолати комилан мувофиқ будани матни нашршуда ба нусхаи аслӣ, яъне ба матне, ки қонунгузор (ё дар раъйпурсӣ) қабул кардааст ва аз ҷониби шахси мансабдори салоҳиятдор имзо шудааст, мебошад. Баръакси навъҳои дигари интишор, (эълони қабули қонун) ки ҳадафи онҳо низ иттилоот оид ба қонунҳост (функсияи иттилоотӣ), нашри расмии қонун хусусияти тасдиққунандагиро доро мебошад. Дар ин маврид равияе мавҷуд аст, ки мувофиқи он нашри қонун аз доираи раванди қонунгузорӣ берун мебарояд. Ин нукта аз принсипи волоияти мақомоти намояндагии ҳокимият дар мамлакатҳои дорои сохти сотсиалистӣ асоснок карда мешавад, ки дар он ҷой раванди қонунгузорӣ бо тасдиқи лоиҳаи қонун дар парлумон ба охир мерасад. Қарори ин мақомот ниҳоӣ буда, ягон амали иловагиро талаб намекунад, бинобар ин, интишор танҳо барои ба амал даромадани қонун зарур аст, он марҳилаи раванди қонунгузорӣ нест, балки "шарти ҳатмӣ барои эътибор пайдо кардани қонуни ба тасвиб расида" мебошад.

Дар раванди қонунгузорӣ имзо ва интишор моҳиятан тасдиқ намудани қонунро ифода намуда, ба диққати аҳолӣ расонидани қонунро ҳамчун давраи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин самт профессор Йорг Луке давраи имзо ва интишори қонунҳоро дар қонунгузории Ҷумҳурии Иттифоқии Олмон тавсиф намуда, чунин қайд менамояд: Баъд аз давраи қабули қонун дар парлумон давраи иҷроиши он ҳамчун давраи охирини раванди қонунгузории иттифоқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин дар кишварҳое, ки принсипи таҷзияи ҳокимият амал мекунад ва муносибати давлат ва шахсро конститутсияҳо ҳамчун муносибати субъектҳои баробарҳуқуқ танзим мекунанд, нашри қонун ба анҷоми раванди қонунгузорӣ бевосита алоқаманд аст. Зеро нашри қонун вазифаи мақомоти ваколатдор бо мақсади ба диққати омма расонидани қонуни қабулшуда мебошад. Дар анҷоми ин раванд иродаи ҳатмии давлатӣ ифода меёбад. Қабул ва ба расмиятдарории ин ирода ба низоми танзими ҳуқуқӣ дохил намудани қонунро пешбинӣ мекунад ва ин бидуни шиносоии расмии шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор бо дастурҳои он аз ҷониби мақомоти давлатӣ ғайриимкон мебошад.

Аз баррасии раванди қонунгузории имзо ва нашри қонун бармеояд, ки нашри расмӣ дорои хусусиятҳои хос буда, онро ба таври зерин метавон тавсиф намуд:

-дорои хусусияти ҳуқуқӣ, расмӣ буда, дар доираи меъёрӣ муайян ба вуҷуд меояд;

-аз ном ва ё дар асоси меъёри мавҷудбудаи мақомоти намояндагӣ амалӣ мегардад, вазифаи он аз ба омма расонидани матни қонун ба воситаи нашри расмии аввалия иборат буда ҳамчунин тасдиқкунии онро фарогир мебошад. Дар раванди татбиққунии ҳуқуқ метавон аз он истифода намуд ва ба он ишора кард. Аз ин рӯ, ин давраи баррасишуда, раванди техникӣ мебошад, аммо бо вуҷуди ин, барои мазмун ва босамар истифодабарии таъмини иттилоот дар бораи мундариҷаи санадҳои қабулшуда аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Аз ин гуфтаҳо мо чунин хулосабарорӣ менамоем, ки раванди қонунгузорӣ бо имзои қонунҳо аз ҷониби Президент ва интишори қонунҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасад. Имзои Президент ва интишори расмии қонун маънои онро дорад, ки қонун барои иҷроиши ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул шудааст. Пас аз имзои қонун аз ҷониби Сарвари давлат ва нашри он мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки барои ташкили иҷрои қонун масъуланд, бояд барои татбиқи он тамоми чораҳоро андешанд[528].

Дар замони муосири раванди қонунгузорӣ инчунин дар шакли хаттӣ ва электронӣ интишори қонунҳо пешбинӣ шудааст. Интишори ғайрирасмии санади меъёрии ҳуқуқӣ пас аз интишори расмии он сурат мегирад. Дар ин маврид бояд манбаи нашри расмӣ нишон дода шавад. Маълум аст, ки нашрияи ғайрирасмӣ хусусияти меъёрӣ надорад, бинобар ин, матни қонуне, ки дар ин шакл нашр шудааст, маводи меъёрӣ набуда, зеро чун қоида, ба ин намуди нашри қонун талаботи иловагӣ гузошта намешавад (риояи қоидаҳои грамматикӣ, наҳвӣ (синтаксис) ва дигар қоидаҳо). Аксаран дар матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин маврид хатоҳои зиёд мавҷуданд, масалан, дар матни қонун дастурҳое, ки ба замима дохил карда шудаанд мавҷуд нестанд, ки ин омил метавонад дар фаҳмиши маънои аслии он халал ворид созад. Дар бештари ҳолатҳо дар ин навъи нашрҳо матни қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо хатогӣ ва камбудӣ, (масалан, дар матни қонун дастурамал, ки ба сифати замима баромад мекунад мавҷуд нест), ки боиси нодуруст ва ё ғалат будани мазмуни санади меъёриро мушоҳида менамоем.

Аз ҷумла, инро ба нашри навъҳои гуногуни маҷмуи санадҳои қонунгузорӣ, маҷаллаҳои махсус ва ё матни ин ё он санади қонунгузорӣ метавон нисбат дод.

Дар ин раванд на танҳо қонунҳои нав қабулшуда, балки қонунҳои аз эътибор соқитгардида низ нашр карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми “интишор” ва “нашр” истифода бурда мешавад. Дар таҷриба дар бозгӯии мазмуни ин истилоҳот аксаран ба

[528] Ализода З. Становление и развитие института парламента в РТ: Конституционно-правовое исследование. Дисс. ...д-ра юрид. наук. М. - 2013. – С. - 286.

омехтагӣ роҳ дода мешавад. Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ олимон ба таври асоснок айният ва фарқияти ин истилоҳҳоро бозгӯӣ намудаанд. Масалан, А.В. Измалков чунин менигорад: “Бо вуҷуди муқоиса намудани ин ду истилоҳ ҳангоми корбурд дар санадҳои расмӣ, маънои ҳуқуқии онҳо гуногун аст”[529]. Мафҳуми нашр кардан - ин айнан нашр кардани матни қонун дар матбуот буда, истилоҳи интишор маънои ба таври дақиқ ба доираи мардум расондани қонуни қабулшуда, маълумоти умумӣ додан дар телевизион ва радио мебошад. Ба ақидаи Ю.Е. Ширяев нашр ҷузъи васеътари интишор - эълони қонун мебошад.

Давраи интишор хусусияти иҷтимоӣ дошта, раванди муҳими қонунгузориро ифода мекунад, ки барои раванди минбаъдаи муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии қабулшуда дар шуури ҷамъиятӣ асос ба шумор рафта, дар татбиқи воқеии онҳо замина фароҳам меорад[530]. Ин мафҳумҳо дар санадҳои меъёрии кишварҳои хориҷӣ низ шарҳи худро ёфтаанд. Масалан, дар Конститутсияи Федератсияи Россия дар муқарраротн моддаи 84 мафҳуми “интишор” муқаррар шудааast.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [531] ва қонунгузории амалкунанда мафҳуми “интишор” истифода бурда мешавад[532]. Дар ин замина ба чунин хулоса метавон омад, ки ин мафҳумҳо аз нуқтаи назари қонунгузорӣ ба таври ягона (яъне ба ҳам мутобиқ) маънидод мешаванд. Ин мафҳумҳо дар забони тоҷикӣ як мафҳумро ифода мекунанд. Бояд гуфт, ки ин давра ҳамчун раванди заруриест, ки манфиатҳои дар қонун пешбинишуда, инчунин шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои амалисозии онҳо вобаста ба интизории ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Дар айни замон низоми мавҷудаи хабардор кардани шаҳрвандони Тоҷикистон ба такмил ниёз дорад. Ба назари мо ба шаҳрвандон фароҳам овардани шароит барои дастрасии содаи қонунҳо, доир ба маълумотҳои ҳуқуқӣ, истифода аз шабакаҳои интернети ройгон дар ин раванд муҳим ба

[529] Измалков А.В. Дискуссионные вопросы промульгационной стадии законодательного федерального процесса. Конституционное и муниципальное право. - Изд-во Краснодар. ун-та МВД России. Краснодар. - 57 с.
[530] Ширяев Ю.Е. Федеральный законотворческий процесс: Конституционно-правовой анализ: дисс. ... д-ра. юрид. наук: - СПб., 2006. – С. - 295.
[531] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда. М. 10.
[532] Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”аз 30 майи 2017. М. 65.

ҳисоб меравад. Ин иқдомҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва макони вохурии вакилон бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули вакилон метавон роҳандозӣ намуд, ҳамчунин истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба манфиати кор мебошад. Дар асоси низоми мавҷудаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ метавон ҳамчун занҷираи байни қонун ва истифодабарандаи он низоми “раҳнамо” ва доираи машваратчиёни ҳуқуқӣ ташкил карда шавад. Бо дарназардошти ин пешниҳод карда мешавад, ки “таълимоти умумии ҳуқуқӣ” барои тамоми табақаҳои аҳолӣ ва намояндагони касбу кори гуногун ройгон ба роҳ монда шавад.

Дар ин асос метавон хулосабарорӣ намуд, ки давраи ниҳоии раванди қонунгузорӣ сохтори хос дошта, он фарогири ду амали мустақили ҳуқуқӣ: имзо ва интишор мебошад. Имзо ва интишор ҳамчун давраҳои ниҳоии раванди қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, мазмуни ин давраҳои ниҳоии раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз доираи фаъолияти мақомоти қонунгузор амалӣ карда мешавад.

Аҳамияти махсусро дар замони муосир санаи интишори қонун аҳаммияти муҳим дошта, ба қувваи амал даромадани қонунро нишон медиҳад.

Сухан, пеш аз ҳама дар бораи санаи интишори расмии қонун, ки санаи нашри аввалини он дар нашрияи расмӣ мебошад, меравад.

Муҳаққиқ Г.Ф. Шершеневич доираи амалкарди санадҳои меъёриро дар замон бозгӯӣ намуда, дуруст қайд кардааст, ки “Қонун ҳамчун меъёри муайянкунандаи рафтори шаҳрвандон лаҳзаҳои амали ибтидоӣ ва ниҳоӣ дорад. Посух ба саволи аз кадом вақт ба қувваи амал даромадани қонун ва аз кадом давра қувваи амали худро гум мекунад аз ҷиҳати амалӣ хеле муҳим аст”[533].

Дар ҳақиқат ин гуфтаҳо дар амалияи қонунгузорӣ мавҷуд аст. Амали қонун мисли ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қувваи амал

[533] Шершенвич Г.Ф. Асари ишорашуда. – С. - 397.

даромадани он оғоз гардида, аз лаҳзаи гум кардани қувваи ҳуқуқӣ қатъ мегардад. Аммо дар назария ва амалияи ҳуқуқии давлатҳои гуногун оид ба “лаҳзаи қувваи амал пайдо кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ” андешаронии ягона вуҷуд надорад. Санаи қувваи қонунӣ пайдо кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ пас аз риояи ҳамаи талаботи мурофиавӣ метавонад рангорангӣ дошта бошад. Мо барои муайян кардани қувваи амал пайдо кардани қонун меъёрҳои конститутсионии як қатор давлатҳоро баррасӣ мекунем.

Ҳолати аввал ба қувваи амал даромадани қонун ба рӯзи интишори расмии он алоқаманд аст. Масалан, Қонуни конститутсионии иттифоқии ФР, ки 21 июли соли 1994 Дар бораи Суди конститутсионии Федератсияи Россия қабул шудааст, аз рӯзи интишори расмӣ эътибор пайдо кард.

Ҳолати дуюм пас аз интишори расмӣ ба қувваи амал даромадани қонунро фаро мегирад. Дар Фаронса қонун як рӯз пас аз интишори расмӣ ба қувваи амал медарояд.

Ҳолати сеюм фарогири муҳлатест, ки бевосита дар худи қонун муайян карда шудааст ё тавассути санадҳои дахлдор муайян карда мешавад ва ё дигар санадҳои махсус барои ба қувваи амал даромадани онҳо қабул карда мешавад. Масалан, Кодекси гумруки Федератсияи Россия 18 июни соли 1993 қабул шудааст. Ин кодекс бо қарори Шурои Олии Федератсияи Россия аз лаҳзаи интишор мавриди амал қарор дода шудааст[534].

Муҳлати ба қувваи амал даромадани баъзе аз қонунҳо ва ё кодекс гуногун мебошад, зеро ки хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар амалияи сиёсати давлатии ҳуқуқии кишварҳои гуногун “лаҳзаи ба қувваи амал даромадани қонун аз сабаби моҳиятан мураккаб будани қонун ба таъхир гузошта шуда”[535] борҳо тасдиқи худро ёфтааст. Дар як қатор конститутсияҳои давлатҳои хориҷӣ чунин қоида муқаррар шудааст, ки қонунҳо дар як вақт дар тамоми давлат пас аз интишори расмӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Дар Конститутсияи ҶТ чунин муқаррарот вуҷуд надорад. Аммо дар моддаи 10-и Конститутсияи соли 1994 муқаррар гардидааст, ки “Қонунҳо ва

534 Марченко М.Н. Теория государства и права. Учеб - 2-изд., перераб. и доп. -М.: ТК Велби, Изд-во проспект, 2005. – С. - 522.
535 Асари ишорашуда. Марченко М.Н. – С. - 522.

санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд”[536].

Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мавриди амал қарор гирифтани қонунҳо чунин иборахоро ба кор мебаранд:

**“Аз рӯзи интишори расмӣ”** ва ё

**“Пас аз интишори расмӣ”**.

Оид ба истилоҳи аввал, мисоли қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” - ро меорем, ки он аз ҷониби Президенти кишвар 3-юми ноябри соли 1995 ба тавсиб расидааст. Вобаста ба мавриди амал қарор гирифтани ин қонун Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намудааст ва он чунин муқарраротро дар бар мегирад: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” аз лаҳзаи ба табъ расиданаш дар амал ҷорӣ карда шавад.

Дар қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат”, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 ноябри соли 2016 ба имзо расида, муқаррар шудааст: қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад. Ин ду тавзеҳот мутобиқи қисми 4 моддаи 10 Конститутсия хусусияти ягона доранд.

Ҳамин тариқ, дар қонунҳои номбурда ба қувваи амал даромадани онҳо тавзеҳоти гуногун пешбинӣ шудааст, вале онҳо аз ҷиҳати маъно хусусияти ягона доранд. Ҳар ду тавзеҳ маънои онро дорад, ки пас аз интишори расмӣ қонунҳо эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Корбурди ин мафҳум дар илми ҳуқуқшиносӣ баҳсталаб ба назар мерасад. Бо дарназардошти ин нукта, мо пешниҳод менамоем, ки оянда яке аз ин шаклҳоро интихоб ва татбиқ намоем.

Қонунгузорӣ ҳолатҳои ба таъхир гузоштани ба қувваи амал даромадани қонун ва ё баъзе аз модда ва ё бобҳои қонунро низ муқаррар намудааст. Ин вобастагӣ дорад ба моҳияти ҳуқуқӣ, шиносоӣ ва омӯхтан ва дар баъзе мавридҳо тадбирҳои пешакӣ ҷустан, омодагӣ вобаста ба татбиқи муқаррароти қонун вақти зиёдро талаб менамояд.

[536] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда.

Масалан, қонуни ҶТ “Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат” 2 августи соли 2011 ба имзо расидааст. Яъне дар қонун чунин муқаррарот мавҷуд аст: Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

Ва ё мисоли дигар. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ” 26 декабри соли 2011 ба тавсиб расида чунин тавзеҳот дар он мавҷуд аст:

1.Қонуни мазкур ба истиснои моддаҳои 16, 17 ва қисми 2 моддаи 26 аз 1 январи 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

2.Моддаҳои 16, 17 ва қисми 2 моддаи 26 қонуни мазкур аз 1 январи соли 2017 мавриди амал қарор дода шавад.

Ҳолатҳои дигари ба қувваи амал даромадани қонунҳо низ мавҷуданд. Яъне пеш аз мавриди амал қарор додани қонунҳо санади махсус қабул карда мешавад, аз ҷумла дар бораи муҳлати амалкарди он. Дар асоси ин санад санаи эътибор, мухлати онро, ки баъди он эътибор пайдо кардани қонун муқаррар мешавад, метавон муайян кард. Масалан, чунин санадҳо-кодекс шуда метавонанд. Ва доир ба қувваи амал даромадани кодекс се маврид мавҷуд аст.

1). Пас аз интишори расмӣ ба қувваи амал медарояд.

2). Баъд аз интишори расмӣ ба қувваи амал даромадани он ба таъхир гузошта мешавад.

3). Баъд аз интишор барои ба қувваи амал даромадан санади махсус қабул карда мешавад.

Дар мавриди якум. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президент 30 майи соли 2017 ба имзо расида, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифт.

Дар мавриди дуюм. Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президент 5 марти соли 2007 ба имзо расида аз 1 майи соли 2007 ба қувваи амал даромад, ки ин мӯҳлат дар худи Кодекс муқаррар шуда буд. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 сентябри соли 2012 қабул шуда, аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифта, санаи мавриди амал қарор додани он низ дар худи Кодекс муқаррар шудааст.

Дар мавриди сеюм, доир ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми дуюм аз ҷониби Президент 11 декабри соли 1999 ба имзо расид. Барои ба қувваи амал даромадани Кодекси мазкур аз 11 декабри соли 1999 қарори Маҷлиси намояндагон қабул гардид. Дар қарори мазкур чунин меъёр муқаррар шуда буд: “Қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди интишори расмиаш аз 1 июли соли 2000 мавриди амал қарор дода шавад”. Дар баробари ин, барои меъёрҳои алоҳидаи моддаҳо, қисмҳои моддаҳо, бобҳо, фаслҳои қонун муҳлатҳои гуногуни ба қувваи амал даромадани он муқаррар шуда буд. Ин омил ба моҳияти ҳуқуқии чунин санадҳо, ба мақсад мувофиқ будани амалияи татбиқи онҳо бо дигар санадҳои меъёрӣ ё принсипҳои умумии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, муқаррароти дигари меъёрҳо мавҷуд аст. Агар муҳлати ба қувваи амал даромадани ин қонунҳо муқаррар нашуда бошад, онҳо аз рӯзи ба имзорасӣ қувваи ҳуқуқиро пайдо мекунанд.

Ҳамин тавр, ба андешаи баъзе олимон, ба кувввваи амал даромадани қонун раванди қонунгузориро ба анҷом мерасонад, яъне ба таври расмӣ вазифаҳои раванди қонунгузорӣ татбиқ мегардад. Дар ин хусус андешаи олимонро мухталиф метавон арзёбӣ намуд. Гурӯҳе бар он андешаанд, ки эътибор пайдо кардани қонун бо давраҳои раванди қонунгузорӣ алоқаманд набуда, мазмуни он фарогири раванди омодасозии он ва ба таври расмӣ эътибор пайдо кардани он мебошад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки эътибор пайдо кардани қонун танҳо натиҷаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ қабул ва интишори санад муҳим мебошад, на ягон амали субъекти раванди қонунгузорӣ. Дар асоси назарияи умумии ҳуқуқӣ имзои қонун аз ҷониби Сардори давлат барои интишор аҳаммияти муҳим дорад ва нашри он дар навбати худ барои эътибор пайдо кардани қонун аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд.

Бо дарназардошти ин андешарониву таҳлилҳои ҳамаҷониба мо чунин хулосабарорӣ намудем, ки шакли иштироки Президенти Тоҷикистон дар раванди қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи онҳо, салоҳият ва имкониятҳои

мавҷудаи Президент ба ӯ имкон медиҳад, ки ба тамоми раванди қонунгузорӣ фаъолона таъсир расонад. Доираи васеи ваколатҳо дар соҳаи қонунгузорӣ, инчунин хусусиятҳои мақоми конститутсионӣ ва ҳуқуқии Президент боиси мавҷудияти самтҳои асосии фаъолияти ӯ дар ин соҳа гардиданд, ки онҳоро чунин тасниф менамоем:

1) таҳияи стратегияи қонунгузорӣ; 2) муайян намудани самтҳои афзалиятноки ташаккули низоми ҳуқуқӣ; 3) ҳамоҳангсозии амали иштирокчиёни раванди қонунгузорӣ; 4) банақшагирии кори қонунгузорӣ; 5) ба тайёрии давраҳои раванди қонунгузорӣ ҷалб намудани доираи васеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон.

Ҳамин тавр, Президент дар даврони муосир на танҳо самтҳои фаъолияти қонунгузории субъектҳои раванди қонунгузориро ташкил медиҳад, балки ҳамчун чеҳраи асосӣ дар татбиқи ин фаъолият баромад намуда, барои танзими ҳуқуқии барномаҳои муҳими иҷтимоӣ замина мегузорад.

Президент ва палатаҳои Маҷлиси Олӣ дар соҳаи қонунгузорӣ робитаи ногусастанӣ дошта, онҳо баҳри самарабахшии фаъолияти хеш ҳамкории мутақобиларо бояд ба роҳ гузоранд.

# ХУЛОСА

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи рисолаи илмӣ, дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса барори намуда муайян карда шуд, ки парлумони Ҷумхурии Тоҷикистон аз солҳои 1990 то инҷониб якчанд давраро сипарӣ намудааст: 1) даврони соҳибихтиёр гаштани кишварамон, 2) баъдан ба пуррагӣ ба даст овардани истиқлолият, 3) бо қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 ва зарурияти ба миён омадани ислоҳоти конститутсионии соли 1999.

Албатта, дар даврони аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар раванди қонунгузорӣ мушкилиҳои зиёд ба миён омада буд. Дар даврони муосир парлумони сифатан нав ташкилёфта мушкилиҳои зиёдро паси сар намуда, ба марҳилаи нав қадам гузошта, ташкили раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим даровард.

Муаллиф қайд мекунад, ки шарти асосии раванди қонунгузории парлумон ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй будани он ба шумор рафта, дар соҳаи фаъолияти қонунгузории парлумон талаботи асосӣ ин таҳияи қонунҳои мукаммал, баррасӣ ва озодона иброз намудани фикру ақидаҳо оид ба қонун, ба тариқи дастаҷамъона ва бо иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсии кишвар, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, вазифаву ҳадафҳои дар пешгузоштаи давлат маҳсуб меёбад. Парлумони касбӣ собит сохт, ки пеш бурдани ислоҳоти қонунгузорӣ, мутобиқ намудани қонунгузории дохилӣ ба санадҳои байналмилалӣ, нигоҳ доштани масъулияти қонунгузории Тоҷикистон, нигоҳ доштани фазои ягонаи ҳуқуқии кишвар, мувофиқ намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба арзишҳои умумибашарӣ ва асноди байналмилалӣ аз вазифаҳои асосии парлумони кишвар маҳсуб мешавад.

1. Мафҳум ва моҳияти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи доимоамалкунанда ва касбӣ ташкил шудани Маҷлиси Олӣ - парлумони кишвар ба миён омадааст. Раванди қонунгузории

парлумонро бо назардошти даврахои ташаккул ва инкишофи раванди қонунгузорӣ, ки асосан фарогири қабули лоиҳаи қонун дар ду қироат дар Маҷлиси намояндагон ва ҷонибдории қонун дар Маҷлиси миллӣ мебошад, муайян кардан мумкин аст. Муқаррар шудааст, ки раванди қонунгузорӣ аз маҷмуӣ чорабиниҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ иборат буда, бо мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонун, баррасӣ ва қабул, ҷонибдорӣ, ҳамчунин ба имзорасонии қонун ва нашри он равона карда мешавад.

2. Қабули Конститутсияи соли 1994 ва ислоҳоти конститутсионии соли 1999 зарурати аз нав намудани ҳуқуқэҷодкунии кишварро ба миён овард. Чунки ҳуқуқэҷодкунии пешин ба замони муосир мутобиқ намеомад. Акнун ҳуқуқэҷодкунӣ дар асоси принсипҳои нав ба амал бароварда мешуд. Дар ин асно қонунэҷодкунӣ низ ба замони муосир мутобиқ бударо бояд ба роҳ монд. Акнун ҶТ имконияти васеи таҳия ва қабули қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дошт.

Ҳуқуқэҷодкунӣ дорои мафҳуми умумӣ буда, онро метавон ҳамчун навъи фаъолияти давлат муайян кард, ки фарогири вазифаҳои қабул, тағйир ва бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос, аз қабили: эҷоди қоидаҳои умумӣ ва рафтори ҳатмӣ, мавҷуд будани субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, ки аз субъектони раванди қонунгузорӣ фарқ мекунанд, имконияти вогузории ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ мавҷуд аст.

Қонунэҷодкунӣ бошад, чун мафҳуми мустақил як қатор хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад: таҳияи лоиҳаи қонун дорои низоми танзимдарории қатъӣ надошта, ҳамчунин аз даврахо низ иборат нест; дар рафти таҳияи қонунэҷодкунӣ мақомоти давлатӣ, доираи номаҳдуди шахсон, ки онҳо бо фаъолияти гуногун, масалан иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, гуруҳҳои корӣ, олимон, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва дигар соҳаҳо, ҳамчунин субъектҳое, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд, иштирок мекунанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ бо ҳадафҳо ва вазифаҳои қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ

алоқамандӣ дошта, баҳри амалӣ гаштани фаъолияти қонунгузории парлумон замина ба миён меорад. Аммо мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ аз ҳамдигар тафовут ва шабоҳат дошта дар алоқамандии зич қарор доранд. Вале ҳар яке мазмун ва хусусиятҳои хоси худро доранд.

3. Конститутсияи ҶТ субъектони ташаббуси қонунгузориро муқаррар намудааст. Ва дар асоси ин муқаррарот ин субъектон ҳуқуқи амали намудани ташаббуси қонунгузориро доранд. Дар раванди қонунгузорӣ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ хеле муҳим буда, ибтидои раванди қонунгузорӣ аз субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вобаста мебошад. Субъект лоиҳаи қонунҳоро ба Маҷлиси намояндагон ирсол намуда иштирокчии фаъоли раванди қонунгузорӣ мегардад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ба мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор имконият медиҳад, то ин ки лоиҳаи қонунҳоро бо тартиби муқарраршуда барои баррасии парлумон пешниҳод кунанд.

4. Бояд тазаккур дод, ки аз мазмуни диссертатсия равшан гардидааст, ки ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли таклифҳои қонунгузорӣ низ амали гашта боиси ба миён омадани раванди қонунгузорӣ мегардад. Ҳамзамон таҳлили-муқоисавии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки баъзе аз субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ маҳз ташаббуси қонунгузориро дар шакли “таклиҳои қонунгузорӣ” амалӣ мегардонанд. Яъне тафовут байни мафҳуми “лоиҳаи қонунҳо” ва “таклифҳои қонунгузорӣ” мавҷуд аст. Таклифҳои қонунгузорӣ, дар фарқият аз лоиҳаи қонун ин як идея, консепсияи қонуни оянда аст, ки баъдан метавонад дар шакли қонуни мушаххас таҷассум ёбад. Ҳамчунин дар таҳқиқоти мазкур ошкор карда шудааст, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ байни ин мафҳумҳо фарқият гузошта шудааст. Масалан, дар Фаронса, Кипр, Шветсия Ҳукумат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорио дар шакли “лоиҳаи қонунҳо” пешниҳод менамояд. Ташаббуси қонунгузорие, ки аз ҷониби вакилони парлумон амалӣ мешавад “таклифҳои қонунгузорӣ” номида мешавад.

5. Ҳар як раванд аз давраҳои ба худ хос иборат мебошад. Раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ низ аз якчанд давраҳои пай дар пайи иборат буда хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Раванди қонунгузориро метавон ба чор, панҷ, шаш ва ё ҳафт давра ҷудо кард. Аммо муайян шудааст, ки панҷ давраи раванди қонунгузорӣ маъмул буда, фарогири раванди қонунгузорӣ мебошад. Аз давраҳои хеле зиёд иборат будани раванди қонунгузорӣ низ фаъолияти қонунгузории парлумонро хеле мушкил мекунад.

Дар ҶТ пас аз қабули конститутсияи ҶТ 6 ноябри соли 1994 ва ислоҳоти конститутсионии соли 1999 баъди таъсиси парлумони думаҷлиса давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ миён омадаст. Мутобиқи Конститутсия раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон ва раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси миллӣ дар алоҳидагӣ баргузор гардида, ҳар яке доир ба қабули қонун қарорҳои дахлдор қабул менамоянд. Раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон аз чунин давраҳо иборат аст:

- пешниҳоди лоиҳаи қонун;
- баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи қонун;
- қабули лоиҳаи қонун дар Маҷлиси намояндагон, дар қироати якуми ва ё дуюм;
- ҷонибдорӣ намудани қонун дар Маҷлиси миллӣ;
- ба имзорасонии конун аз ҷониби Президенти ҶТ.

Қабули қонун дар давраҳои муқаррар кардаи раванди қонунгузорӣ дар пайдарҳамӣ амалӣ мегарданд, дар ҳолати ба инобат нагирифтани давраҳои номбаршуда, қонун ғайриконститутсионӣ қабулшуда ба ҳисоб меравад. Дар баъзе ҳолатҳо раванди қонунгузории иловагӣ барои бартараф намудани эроду пешниҳоди қонунҳо, ки аз ҷониби Президент ва ё Маҷлиси миллӣ баргардонда шудааст, ба миён меояд.

6. Дар диссертатсияи мазкур принсипҳое, ки ба ташкили парлумон дахл доранд ва як қатор принсипҳое, ки дар раванди қонунгузорӣ бояд риоя карда шаванд, нишон дода шудааст. Чӣ тавре, ки қайд шудааст, самаранокии қабули қонунҳо ба мавҷуд будан ва истифодаи принсипҳои раванди қонунгузорӣ вобастагӣ дорад. Муаллиф дар рисола принсипҳоро ба ду гуруҳ

чудо кардааст: принсипҳое, ки ба ташкили мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор ва принсипҳое, ки ба раванди қонунгузории парлумон хос бударо баррасӣ намудааст. Принсипҳои ташкили мақомоти парлумон ин хусусияти намояндагӣ доштани парлумон, дараҷаи қасбият, мустақил будани аъзоёни парлумон, принсипи дастаҷамъона, бисёрҳизбӣ, мандати озод ва дахлонпазирии вакилони палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоии парлумон ба ҳисоб меравад. Ва ин принсипҳо дар ташкили парлумон аҳамияти калон доранд. Принсипҳое, ки ба гурӯҳи дуюм дохил мешаванд, мутааллиқ ба раванди қонунгузорӣ мебошад. Аз қабили, пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон ба таври хаттӣ ва электронӣ, мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Дастури Маҷлиси намояндагон. Принсипи забонӣ, ки яке аз принсипҳои муҳим ба ҳисоб рафта кафолати он дар Конститутсия муқаррар карда шудааст. Лоиҳаи қонун ба забони давлатӣ пешниҳод мегардад, раванди қонунгузорӣ низ ба забони давлатӣ баргузор гардида қонунҳо ба забони давлатӣ қабул мешаванд. Принсипи дигар, ин ба забони русӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонун мебошад, ки забони муоширати байни миллатҳо эътироф шудааст. Принсипи дигар ин баррасии ошкорои қабули қонунҳо мебошад.

7. Шакли идоракунии Тоҷикистон ҷумҳурии президентӣ буда, мақом ва нақши Президенти ҶТ дар ба амалбарории салоҳияти қонунгузорӣ ҳамчун субъект дар ин раванди қонунгузорӣ хеле аҳамияти муҳим дошта бевосита метавонад дар раванди қонунгузории парлумон ширкат варзад. Президенти ҶТ дар самти қонунгузорӣ салоҳияти васеъ дошта доир ба чанд самт дар раванди қонунгузорӣ иштирок менамояд.

Масалан, Президенти ҶТ ташаббуси қонунгузориро ҳам дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонун ва ҳам дар шакли таклифҳои қонунгузорӣ амалӣ менамояд ин якум.

Дуюм, зимни ироаи паём таклифҳои қонунгузориро пешниҳод менамояд. Паёми Президент ба раванди қонунгузорӣ ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ алоқамандии зич дошта, ҳамчун барнома, пешниҳод оиди қабули қонун ироа мешавад. Доир ба таклифҳои қонунгузории Президент, ки дар паём ироа

шудаанд аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун қабул мешавад.

Сеюм, лоиҳаи қонунҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ба Маҷлиси намояндагон бо имзои Президент-Раси Ҳукумати ҶТ ирсол мешавад;

Чорум, қонунҳоро бо эроду пешниҳодҳо ба Маҷлиси намояндагон барои аз нав баррасӣ бармегардонад.

8. Дар баробари соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррар намудани шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси парлумони дупалатагӣ тартиби имзои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфт. Қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳоии ҶТ, ки Маҷлиси Олӣ қабул кардааст, дар муддати ҳафт рӯз барои имзо ба Президенти ҷумҳурӣ фиристода мешавад. Мутобиқи моддаи 62-и Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор аст, ки дар давоми понздаҳ рӯз қонун, қонуни конститутсиониро баррасӣ намуда онро имзо кунад ё барои аз нав баррасӣ намудан ба парлумон баргардонад. Раванди имзо нагузоштани қонун дар ду шакл имконпазир мебошад:

1) баргардонидани қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҶТ ба Маҷлиси Олӣ дар ҳолати бо он розӣ набудан;

2) номукаммалии қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ. Эродҳо ва пешниҳоди Президент метавонад тамоми қонун ва ё қисми онро фаро гирад. Аксар, бо ҳамин тарз, номувофиқ будани баъзе моддаҳо ва бандҳои қонун бо моддаҳои Конститутсияи ҶТ ошкор карда мешавад.

9. Лоиҳаҳои қонунҳое, ки ба Маҷлиси намояндагон аз тарафи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ирсол мегардад, аз тарафи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон боиси экспертиза қарор дода мешавад. Ҳамчунин лоиҳаи қонуне, ки аз ҷониби Ҳукумат ба палатаи поёнӣ ирсол мегардад, он низ пеш аз оне, ки дар ҷаласаи Ҳукумат баррасӣ шавад экспертизаҳои зарурӣ гузаронида мешавад.

Навъҳои гуногуни экспертиза мавҷуд аст. Вале на ҳамаи онҳо барои лоиҳаи қонунҳо зарур мебошанд. Қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки

лоиҳаи қонун боиси кадом намуди экспертиза қарор дода давад. Муаллиф ба амалбарории аҳамияти экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боиси баррасӣ қарор додааст. Аҳамияти экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дар он ифода мегардад, ки муҳимтарин воситаи таъмини сифати баланди қонунҳо дониста мешавад. Экспертиза бо мақсади муайян гузаронида мешавад. Дар диссертатсия муаллиф якчанд намудҳои ҳатмии эспертизаро таҳлил намудааст. Ҳамчунин муқаррар карда шудааст, ки дигар намудҳои экспертиза низ мавҷуд буда, дар ҳолатҳои зарурӣ нисбати лоиҳаи қонунҳо татбиқ мегардад.

10. Аз тарафи муаллиф ба амалбарории тафсири Конститутсия дар муқоиса бо кишварҳои хориҷӣ муайян карда шудааст. Масалан, дар баъзе аз кишварҳо тафсири Конститутсия ба зиммаи мақомоти назорати конститутсионӣ - Суди конститутсионӣ вогузор карда шудааст. Ҳамчунин аз тарафи муаллиф якчанд хусусиятҳои қабули қонуни конститутсионӣ доир ба тафсири Конститутсия муқаррар шудааст.

Муаллиф равшан намудааст, ки тафсири Конститутсияи ҶТ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Тафсири мъёрҳои Конститутсия як падидаи мураккаб буда, он барои муайян намудани мафҳуми воқеии муқарраротн ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Дар раванди қонунгузорӣ бо тафсири мушаххас номуайяни дар фаҳмиши муқаррароти асосӣ бартараф карда мешавад. Мутобиқи талаботи қонуният дар раванди қонунгузории тафсири Конститутсия ба меъёрҳои тафсиршаванда тағйиру иловаҳо ворид карда намешавад. Мутобиқи Конститутсияи ҶТ тафсири Конститутсия аз тарафи Маҷлиси Олӣ дар шакли қонуни конститутсионӣ ба амал баровarda мешавад. Муаллиф қайд мемояд, ки қабули қонун дар бораи тафсири Конститутсияи аз қабули дигар қонунҳои конститутсионӣ фарқе надорад. Аммо аз ҷиҳати мазмун ба куллӣ фарқ доранд, дархости субъекти тафсири Конститутсия, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб намеравад.

Ҳангоми пешниҳоди дархост риоя намудани он талаботе, ки барои лоиҳаи қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ шудааст, зарурат надорад.

1. Ба дархости тафсири Конститутсия хулосаи Ҳукумати ҶТ лозим нест.

2. Маҷлиси намояндагон наметавонад дархости тафсири Конститутсияро рад кунад, ба истиснои мавҷуд набудани номуайянӣ дар дарки муқаррароти конститутсионӣ.

3. Ҳангоми тафсири Конститутсия Маҷлиси Олӣ меъёри нав эҷод намекунад, балки танҳо меъёрҳои Конститутсияро тафсир медиҳад. Дар ин раванд дигар кардани меъёри конститутсионӣ ғайриимкон аст.

11. Асосан ба нақшагирии таҳия ва қабули қонунҳо ба ташкили парлумони дупалатагии Тоҷикистон рост меояд. Чунки аз соли 2000 ин ҷониб парлумони кишвар доимоамалкунанда ва касбӣ буда, банақшагирии қабули қонунҳо дар Маҷлиси Олӣ, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ ба роҳ монда шудааст. Банақшагирии раванди қонунгузорӣ ба ташкили мусоидати раванди тартиб додан ва тайёр кардани лоиҳаҳои қонунҳо ёрӣ мерасонад, дар фаъолияти қонунгузорӣ ҳамоҳангсозиро таъмин менамояд, такрории қонунҳоро бартараф менамояд, назоратро аз болои сифат ва муҳлати тайёр намудани қонунҳоро пурзур мекунад. Дар раванди қонунгузорӣ вазифаи муҳими банақшагирӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди қонунгузорӣ мебошад. Банақшагирӣ воситаи муҳимтарини татбиқи сиёсати пайвастаи раванди қонунгузорӣ буда, он имкон медиҳад, ки фаъолияти қонунгузорӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди давлатию иҷтимоӣ, ки дар Конститутсия, Консепсия, стратегия ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ, афзалиятҳои қонунгузорӣ, инчунин муҳлат ва пай дар пайи ноил шудан ба ҳадафҳо ва афзалиятҳои зикргардидаро муайян мекунанд, равона гардидааст.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳлил ва баррасии масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф як қатор таклиф ва пешниҳодҳои амалиро ба сифатан такмил ёфтан ва рушди раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа менамояд:

1. Бо мақсади муайян намудани тартиби баргузор ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян намудани айният ва фарқияти мафҳумҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ аз раванди қонунгузорӣ, таклиф менамоем, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия ва қабул карда шавад. Ин қонун фарогири тамоми масоили раванди қонунгузориро дар худ муқаррар менамояд.

2. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пайдарпай амалӣ мегардад ва аввалин давраи раванди қонунгузорӣ ин пешниҳод гардидани лоиҳаи қонун ва ё таклифҳои қонунгузорӣ аз тарафи субъекти дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, яъне оғози раванди қонунгузорӣ ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин мо чанд нуктаро пешниҳод иброз менамоем:

а). Дар даврони муосир иштироки шаҳрвандони кишвар бевосита ё ба воситаи намояндагон амалӣ мегардад, аммо имконият додан ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки бевосита дар қабули қонунҳо саҳм дошта бошанд, аз хусусиятҳои давлати демократӣ бармеояд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муқаррар карда шавад ва ҳамзамон ин ҳуқуқ дар қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", бо дарназардошти ҷамъоварии шумораи ҳадди ақали имзоҳо барои баррасии ташаббус ҳамчун омили муҳим муайян карда шавад.

б). Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти назорати конститутсионӣ бояд дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бошад, яъне ба Суди конститутсионӣ вобаста ба масъалаҳои ба салоҳияти он додани ҳуқуқи ташббуси қонунгузорӣ зарур аст.

в). Бо дарназардошти он, ки прокуратура мақоми ягонаи марказонидашуда буда, дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад, таклиф дорем, ки ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ “танҳо дар доираи масъалаҳои ба онҳо марбут буда” муқаррар карда шавад.

г). Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба палатаи поёнӣ, палатаи болоии парлумони кишвар, ҳамчунин ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ пешбинӣ карда шавад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлисиҳои маҳаллии вакилони халқи ВМКБ ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин, онҳо дар як вақт субъекти дархости тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, яъне дар ин ҷода фарқият вуҷуд надорад. Бо дарназардошти он ки ин масъала дар Конститутсияи кишвар ва ё дар қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар нашудааст, пешниҳод менамоем, ки ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъекти ҳуқуқи дархости Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шаванд.

4. Қабул намудани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи тафсири қонунҳое, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, тафсири қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” - ро хеле саривақтӣ меҳисобем. Ин қонунҳо тамоми ҷузъияёти тафсири расмии Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршударо ба пуррагӣ ба танзим медарорад. Мавриди амал қарор гирифтани Қонун чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегирад:

- тафсири расмии Конститутсия барои дуруст татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо асос мешавад;

- тафовути тафсири расмии меъёрҳои Конститутсия ва тафсири қонунҳо муайян карда мешавад;

- фаҳмиши дуруст доир ба меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои дар боло зикргардида ба миён меояд.

5. Маҷлиси миллӣ дар тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ иштирок намекунад. Бинобар ин, вобаста ба ин санадҳои ҳуқуқи доир ба тафсир на қарори Маҷлиси намояндагон, балки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, ҳамзамон дар ин раванд Маҷлиси миллӣ низ иштирок намояд.

6. Дар сархати 3-юми моддаи 61-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули “Тафсири Конститутсия” муқаррар шудааст, баъди калимаи “Тафсири” калимаи “расмии” илова карда шавад, зеро он расман аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул карда мешавад.

7. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба назорати конститутсионӣ буда, мақсади он таъмини волоият ва амалӣ намудани бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, тафсири расмии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваколати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

8. Мутобиқи қонунгузории кишвар қонунҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эроду пешниҳодҳо баргардонидааст, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон такроран ва ё бо дарназардошти эроду таклифҳои пешниҳоднамудаи Президент қабул мекунанд. Бо дарназардошти он ки Маҷлиси намояндагон қонуни баргардонидашударо такроран бо ҳамон матни пештара қабул менамояд, зарурат нест, ки Маҷлиси миллӣ низ онро бо

ҳамон тарз ва тартиб ҷонибдорӣ намояд, чунки ин фаъолият дубора анҷом ёфтани як масъала ба ҳисоб меравад. Қабули такрории ҳамин гуна қонун аз тарафи Маҷлиси намояндагон кифоя аст.

9. Мавҷудияти қонунҳои такрорӣ ва мавҷудияти такрории мақомоти назорати молиявии давлатиро ба мадди назар гирифтан лозим мешавад. Меъёрҳои амалкунанда, ки танзими масъалаҳои молиявиро такрор мекунанд, кам ва бекор карда шаванд[537], ҳамчунин лоиҳаи қонунҳо боиси экспертизаи такрорӣ қарор дода нашаванд.

10. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ масъалаҳои молиявиро ба танзим медароранд. Пешниҳод шудааст, ки доир ба ин мавзуъ як Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон” қабул шуда, пурра масъалаҳои молиявиро ба танзим дарорад. Қонуни мазкур ҳар сол аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон на дертар аз 1 ноябр барои баррасӣ ва қабул ирсол мегардад. Дар ҳолати мавҷуд будани Кодекс танҳо тағйиру иловаҳо, ки соли нави молиявиро дар бар мегиранд, қабул карда шуда, ба Кодекси мазкур тағйиру илова ворид карда мешавад.

11. Ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон. Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун як навъи демократияи мустақим буда, он ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ба мазмуни қонуни қабулшаванда бевосита таъсир мерасонанд. Институти муҳокимаи умумихалқӣ имкон фароҳам меорад, ки тамоми манфиатҳои аз тарафи қонун эътирофшуда ба назар гирифта шуда, мазмуну мундариҷаи онҳо дуруст дарк гарданд.

[537]Дар ҶТ зиёда аз 5 санади меъёрии ҳуқуқӣ масъалаҳои молиявиро танзим менамоянд. Қонунҳои ҶТ “Дар бораи молияи давлатии ҶТ”, “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ”, “Дар бораи эспертизаи зиддикоррупсинии санадҳои ҶТ”, “Дар бораи хазинадорӣ”, “Дар бораи Палатаи ҳисоб”, “Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ”, “Дар бораи Ҳукумати ҶТ” ва Дастури Ҳукумати ҶТ дар ин самт амал менамоянд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)


I. **Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016 [Матн]: –Душанбе. 2016.
2. Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Шуравии Сотсиаилистии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978. Бо тағйироту иловаҳои минбаъда. [Матн]: –Душанбе. 1978.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 12.11.1995 с. [Матн]: –Боку. 1995.
4. Конститутсияи Федератсияи Россия аз 12.12.1993 с. [Матн]: –Москва. 1993.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 08.12.1992. [Матн]: – Тошканд. 1992.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус аз 24.11.1996 с. [Матн]: Бо тағйироту иловаҳои минбаъда. - Беларус. 1996.
7. Қонуни Асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз 23.05.1949. [Матн]: – ҶФО. 1949.
8. Конституции зарубежных стран: сборник. [Текст] / Сост. Дубровин В.Н., Москва: Орлитинформ, 2008. – 445 с.
9. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 04.11.1995 с. М. 7. / Душанбе. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ № 21.
10. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат” аз 14.11.2016 с. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad 1 ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.).
11. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19.04.2000 с., // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. –

Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи мурочиат: 10.02.2022 с.).

12. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26.07.2014 с., // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.).
13. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12.05.2001 с., // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.).
14. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 21.07.1994 с. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ с.1994, № 13, 195; 1999, № 9 мод. 238; с.2005, №12, мод.626; 2018, №2, мод.60, №9-10, мод 580; с. 2019, №7, мод. 459).
15. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 10.12.1999 с. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 1999, №12, м. 296; с. 2004, №7, м. 451; с.2007, №5, м.352; с.2008, №10, м.797; с.2012, №8, м.811; 2014, №3, м.140; №7,қ.1,мод.382; с.2017, №7-9, мод. 562; с.2018,№2, мод.61. с.2019, №7,мод.460).
16. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 4.11.1995 с.. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1995, № 21, мод. 245; с. 2001, № 4, мод. 212; с.2008, №12, қ.1, мод. 983; с.2018, №7-8, мод.520).
17. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" аз 10.12.1999 с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1999, №12, мод.298; с. 2007, №5, мод.353; с.2012, №8, м. 813; с.2014, №7,қ.1, мод.383; с.2014, №11, мод.640; с.2017,№5, мод. 269. с.2019, №7, ст.461)

18. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 25.07.2005 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, №7, м. 398; с. 2006, №3, м. 141; с.2007., №5, м. 350; с.2007, №7, м.652; с.2008, №12, қ.1. м. 981; с.2009, №5, м. 314; с.2011, №3, м.150; №6, м.428; с.2012, №8, м. 810, с. 2013, №7 м. 497, №12, м.876; с. 2014, №3, м.139.
19. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8.08.2015 с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2015, №7-9, мод.696
20. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмуию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19.03.2013 с. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2013, №3, мод. 177; с. 2018,№1, мод.1.
21. Қонуни конститутсионии иттифоқии Федератсияи Россия “Дар бораи Суди конститутсионии Федератсияи Россия” аз 21.07.1994 с.
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” аз 3.11.1995 с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 № 21., бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии хуқуқӣ” аз 30.05.2017 с., №1414 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.11.2021 с.).
24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20.03.2008 с., № 374 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: UPL: http: //www. ad l ia. Tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022 с.)
25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28.06.2011 с., №723 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ].

– Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.02.2022 с.).
26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02.12.2002 с., №66 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).
27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 09.06.2011 с., №180 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2022 с.).
28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20.03.2008, №374 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.01.2022 с.).
29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 28.12.2012, №925 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.12.2021 с.).
30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи экологӣ” аз 16 апрели соли 2012 с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2012., №4, мод.268.
31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи илм ва экспертизаи илмию техникӣ” аз 10.01.2010 с. - // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).

32. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015” аз 24.11.2014 №1132. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 30.09.2020 с.).
33. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Авф” аз 24.08.2016. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.02.2022 с.).
34. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хазинадорӣ” аз 18.06.2008. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).
35. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8.06.2008 с., // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).
36. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тартибия фарзанд” аз 02.08.2011 с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат” аз 02.08.2011 с. / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қ- 1, мод. 275.
38. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ” аз 26.12.2011 с. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).
39. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 03.03.2006. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).

40. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъият саҳҳомӣ” аз 05.03.2007. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).
41. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02.01.2018 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.01.2022 с.).
42. Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.10.2000 с. / АМОҶТ с.1998, №22, мод.303; с.2006, №4, мод.196; с.2008, №3, мод.201; с.2010, №7. мод.546; с.2011, №3, мод.177, №12, мод.855; с.2013, №3, мод.195; 2015с., №11, мод.960; с.2016,№3,мод.143;№11, мод.881;с.2017,№2, мод.18.
43. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.12.1997 с. /АМОҶТ 1997 с № 23-24, мод.338.
44. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.12.1996 с. / АМОҶТ с.1996, № 23. м. 351; с. 1997, № 23-24, м. 333; с. 1999, № 5, м.59; с. 2001, № 4, м.176; с. 2004, № 2, м.55, №3. м. 190; с.2006, №7, мод.347; с.2008, №1. қ.2 м. 22; №6, м.463; с.2011., №3, м.171; с.2012, №4, м.269; №8, м. 828;с.2016,№11, мод.879.
45. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.10.2000 с. / (АМОҶТ с.2000,№11, мод. 510; с.2006, №3, мод. 164; с.2008, №3, мод.200; с. 2009, №12, мод.824; с.2011, №6, м.455; с.2012, №4, м.271)
46. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844 [Матн]. / АМОҶТ с. 2012, № 9, мод. 838, бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
47. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 с. / АМОҶТ с.2017, №5, қ.1, мод.270.
48. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 2 аз 11.12.1999 с. / АМОРТ 1999 с, №12, мод. 323; бо тағйироту иловаҳои минбаъда.
49. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷсиат: 10.03.2022 с.).
50. Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 №232 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 21.05.2020 с.).
51. Қарори Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баргардонидани қонунҳои ҶТ "Дар бораи ҳимояи рақобат", "Дар бораи ипотека". [Матн]: / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016 с. № 12.
52. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба "Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 11.02.2011 с., №1021 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.08.2020 с).
53. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба "Консепсияи ҳуқуқии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" аз 27.07.2010 с., №1021 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.08.2020 с.).
54. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2001.оиди Низомнома дар бораи Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 737. Манбаи электронӣ. Санаи муроҷиат. 29.10.2020.
55. Постановления Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 12.12.1997 г. «О толковании статьи 89 Конституции Республики Таджикистан 1994 г.» от 12.12.1997 г. //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 1997. № 23-24. Ст. 341.
56. Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2017 с., № 409. // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.08.2020 с.).

57. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.1.02016 с.- 2010.- 90 с.
58. Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.12.2020 с.- 48 с.
59. Постатейный комментарий к Конституции Российской Федерации, под общей ред. Кудрявцева Ю.В. // Под общей ред. Кудрявцева Ю.М. (Авторский коллектив: В.И. Андрианов, С.В. Боботов, Г.В. Васильева, А.С. Деденева, И. Иванов, Р.И. Иванова, В.А. Кикоть, П.Е. Кондратов, В.А. Кряжков, Л.В. Лазарев, М.Г. Мойсеенко, Б.А. Страшун, Х.Б. Шейнин). М. - Фонд "Правовая культура", - Москва. 1996.- 756 с.
60. Комментарий к Конституции Российской Федерации. // Абросимова Е.Б. (Коллектив авторов). – 2002. М.: Юрайт-М. Новая правовая культура. – 723 с.
61. Комментарий к Конституции Российской Федерации /А.М. Дроздова [и др.], под редакцией С.А. Комарова. – 4-е изд. и перераб. и доп. – Москва. Издательство Юрайт. 2023. – 409 с. (Профессиональные комментарии). Текст: электронный // Образовательная платформа Юрайт [сайт]. — URL: https://urait.ru/bcode/514923 (дата обращения: 12.10.2023).
62. Научно-практический комментарий к Конституции Российской Федерации / Под ред. В.М. Лазарева. 1997. – 385 с.
63. Научно-практический комментарий к Конституции Российской Федерации / [Ю.Г. Арзамасов и др.]; отв. ред. В.В. Лазарев. - 4-е изд., доп. и перераб. - Москва: Юрайт, 2009. – 871 с.
64. Румянцев О.Г., Додонов В.Н. Юридический энциклопедический словарь. М.: ИНФРА-М, 1997. - 384 с.
65. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳайати муаллифон. - Душанбе: Шарқи озод, 2009. – Душанбе. – 288 с. /Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики акадеии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А.
66. Л.Ю. Тихомирова, М.Ю. Тихомиров. Юридическая энциклопедия. - 5 е

изд., перераб. и доп.- / [Л.В. Тихомирова, М.Ю. Тихомиров М.Ю.]. - Юринформцентр, Москва. – 2008. - 971 с.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ, курси лексияҳо:**

67. Абрамова А.И. Понятие и формы осуществления законодательной инициативы. [Текст]: / А.И. Абрамова. Проблемы законотворчества Российской Федерации. Труды 53. М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения, 1993. – 120 с.
68. Авакьян С.А. Федеральное Собрание - парламент России. [Текст]: / С.А. Авакьян. Российский Юридический Издательский дом. М. 1999. – 432 с.
69. Адамович А.С. Система государственного и муниципального управления: учебник [Текст]: / [А.С. Адамович и др.]; под общ. ред. Г.В. Атаманчука. - Изд. 2-е, доп. и перераб. - Москва: РАГС, 2007. - 487 с.
70. Абдуллаев, М.И. Теория государства и права: учебник для высших учебных заведений. [Текст]: / М.И. Абдуллаев. - М.: 2004. – 410 с.
71. Адилкариев, И.Т., Тультеев, Н.П., Азизов и др. Теория государства и права: [Текст] Учебник. / Под общей редакцией проф. И.Т. Адилкариева. - Ташкент.: Академия МВД Республики Узбекистан, 2014. - 522 с.
72. Ализода, З Становление института парламента в Республике Таджикистан: Проблемы теории практики: [Текст]: Монография. / З. Ализода. - Душанбе. 2011. – 264 с.
73. Александров, Н.Г. Применение норм советского социалистического права. Издательство МГУ. [Текст]: / Н.Г. Александров. - М.- 1958, - 40 с.
74. Алексеев, С.С. Правотворческий (законодательный) процесс. Теория государства и права. Учебник для вузов. 3 - е изд. [Текст]: / С.С. Алексеев. – М. 2005. – 458 с.
75. Алексеев, С.С. Теория права. [Текст]: / С.С. Алексеев. - М: Издательство БЕК: 1994. – 130 с.
76. Алексеев, С.С. Общая теория права. - [Текст]: / С.С. Алексеев. - М. Юрид.издат. Курс в двух томах. 1982. - 360 с.

77. Алексеев, С.С. Теория государства и права. Учебник для юридических вузов и факультетов. 3 - издание. [Текст]: / С.С. Алексеев. – НОРМА». 2004 - 247 с.
78. Алексеев, С.С. Проблемы теории права: учеб. курс. Т.2. [Текст]: / С.С. Алексеев. - Свердловск, Курс лекция: 1972-1973. В 2 т.: - 200 с.
79. Алексеев, С.С. Социальная ценность права в советском обществе. [Текст]: / С.С. Алексеев. - М: «Юридическая литература». 1971. – 140 с.
80. Андреева, Г.Н. Конституционное право зарубежных стран. Учебник. [Текст]: /Г.Н. Андреева. - М. Изд. Эксмо. 2005. - 396 с.
81. Артамонов, А.М. Законодательный процесс в Российской Федерации (теоретические аспекты). Монография. [Текст]: / А.М. Артамонов. - Ростов на Дону. 2014. – 100 с.
82. Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации. [Текст]: / М.В. Баглай. - М., 2004. – 556 с.
83. Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации: Учебник для вузов. 6 - ое издание. изм. и доп. [Текст]: / М.В. Баглай. - М.: Норма, 2007. – 530 с.
84. Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации: Учебник для вузов. 7 - ое издание. - [Текст]: / М.В. Баглай. - М.: 2008. – 522 с.
85. Баглай, М.В. Конституционное право зарубежных стран. [Текст]: учебник для вузов. / Под общей ред. чл. корр. РАН, проф. М.В. Баглай, д.ю.н. проф. Ю.И. Лейбо, д.ю.н., проф. Л.М. Энтина. Издательство НОРМА (Издательская группа НОРМА - ИНФРА М). 2002. – 229 с.
86. Булаков, О.Н. Двухпалатный парламент Российской Федерации. [Текст]: / О.Н. Булаков. Издательство «Юридический центр Пресс», СПб. 2003. – 753 с.
87. Булаков, О.Н. «Парламентское право России»: учебник. [Текст]: / О.Н. Булаков. - Эксмо. М. - 2006. - (Российское юридическое образование). - 656 с.
88. Васильев, Р.Ф. Законодательный процесс: Понятие. Институты, стадии. Науч. практ. пособие. [Текст]: / Р.Ф. Васильев. М. - Юриспруденция. 2000. – 320 с.

89. Витрук, Н.В. Конституционное правосудие. Судебное конституционное право и процесс. Учебное пособие. - [Текст]: /Н.В. Витрук Юридическое издательство Норма. Москва. 2012. - 592 с.
90. Вопленко, Н.Н. Официальное толкование норм права. [Текст]: / Н.Н. Вопленко. М.:- «Юридическая литература». 1976. - 38 с.
91. Гадоев, Б.С. Референдум как институт конституционного права. Учебное пособие. [Текст]: / Б.С. Гадоев. – Душанбе. 2003. - 125 с.
92. Гафуров, Х.М. Судебная система РТ: современное состояние и перспективы развития. [Текст]: / Х.М. Гафуров. – Душанбе. 2007. – 185 с.
93. Голунский, С.А., Строгович, М.С. Теория государства и права. [Текст]: / С.А. Галунский, М.С. Строгович. - М., 1940. – 177 с.
94. Дададжанов, М. Развитие парламентаризма в современном Таджикистане. [Текст]: / М. Дададжанов - Душанбе. «Деваштич». 2006. – 264 с.
95. Денисов, А.И. Советское государственное право [Текст] / А.И. Денисов, М.Г. Кириченко. - Москва: Госюриздат, 1957. - 335 с.
96. Денисов, А.И. Социалистическое право. [Текст]: / А.И. Денисов. Издательство МГУ. 1955. – 58 с.
97. Диаконов, В.В. Правотворчество. [Текст]: / В.В. Диаконов. Учебное пособие по теории государства и права. Оренбург. 2016. Allpravo. PU. 2004. – 210 с.
98. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. Монография. [Текст]: / А.М. Диноршоев. - Душанбе. 2007. – 78 с.
99. Достиев, А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятие внесение изменений и основные положения. [Текст]: / А.С. Достиев. Монография. Душанбе. - 2001. – 240 с.
100. Дюрагин, И.Л., Пиголкин А.С. Правотворчество в советском государстве. [Текст]: / И.Л. Дюрагин, А.С. Пиголкин. - М., НОРМА. 1974. – 157 с.
101. Енгибарян, Р.В. Сравнительное конституционное право. Учебное пособие. Правотворчество в советском государстве. [Текст]: / Р.В. Енгибарян. – М.: Юрист, 2005. – 429 с.

102. Златопольский, Д.Л. Новые конституции стран Восточной Европы и Азии (1989-1992). Сборник Конституции. [Текст]: / Д.Л. Златопольский. Издательство «Юридический колледж МГУ». - М., 1996. Конституция Чешской Республики от 16.12.1992. - 226 с.
103. Земченков, Н.Ф. Послание Президента Российской Федерации Федеральному Собранию Российской Федерации как стимул правовой реформы (Проблемный комментарий). [Текст]: / Н.Ф. Земченков. Известия Южного Федерального университета. Техническая наука. 2014. – 268 с.
104. Имомов, А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. [Текст]: / А. Имомов. – Душанбе. 2003. – 143 с.
105. Имомов, А. Актуальные проблемы парламентского права Республики Таджикистан. Монография. [Текст]: / А. Имомов. - Душанбе. «Сифат - Офсет». 2020. - 292 с.
106. Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. Душанбе. “Офсет Империя” [Матн]: / А. Имомов. – Душанбе. 2017. – 760 с.
107. Имомов, А. Ҳуқуқи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]: / А. Имомов. – Душанбе. 2017. – 424 с.
108. Камолов, И.И. Система нормативных правовых актов Республики Таджикистан. Монография. [Текст]: / И.И. Камолов. Душанбе, «Андалеб-Р», 2015. – 239 с.
109. Карпов, Н.Н. Законодательный процесс в Российской Федерации. Учебник для студентов вузов, обучающихся вузов по специальности «Юриспруденция». [Текст]: / Н.Н. Карпов. Москва. ЮНИТИ: Закон и право. - 2008. - 230 с.
110. Катков, Д.Б., Корчиго Е.В. Конституционное право России: Учебное пособие. [Текст]: / Д.Б. Катков, Е.В. Карчиго. / Отв. ред. Академик РАЕН Веденеев Ю.А. - М.: Юриспруденция, 2001. – 284 с.
111. Катков, Д.Б. Конституционное (государственное) право Российской Федерации. Программа для поступающих в магистратуру по направлению.

Юриспруденция. [Текст]: / Д.Б. Катков. – Барнаул. Издательство Алтайского государственного университета. 2007. - 200 с.
112. Керимов, Д.А. Законодательная деятельность Советского государства. [Текст]: / Д.А. Керимов. – (Основные принципы и орг. формы): М., Госюриздат. 1955. – 134 с.
113. Ковачев, Д.А. Проблемы конституционного права. / Д.А. Ковачев. - Москва: ОЛИТА, 2003. - 375 с.
114. Ковачев, Д.А. Конституционное право государств Европы: Учебное пособие для студентов юрид. вузов и фак. / Отв. ред. Д.А. Ковачев - Вольтер Клувер, 2005 – 320 с.
115. Коврякова, Е.В. Парламентский контроль: зарубежный опыт и российская практика. [Текст]: / Е.В. Коврякова. М.: ОАО «Издательский дом "Городец„. 2005. – 192 с.
116. Ковешников, Е.М. Конституционное право Российской Федерации. Краткий курс лекций. 2-е изд. изм. и доп. [Текст]: / Е.М. Ковешников. - М.: Издательство НОРМА. (Краткие учебные курсы юридических наук). (издательская группа НОРМА – ИНФРА М). 2001 – 240 с.
117. Козлова, Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. Учебник. - 3-е изд. перераб. и допол. [Текст]: / Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин. - М. 2001. – 351 с.
118. Комарова, В.В. Механизм непосредственной демократии современной России (система и процедуры). Учебник. -3-е изд. перераб. и допол. [Текст]: / В.В. Комарова. –М. «Формула права», 2006. – 558 с.
119. Kazimirchuk, V. P. Конституция и закон: стабильность и динамизм (серия «Конфликт закона и общества»). Institut gosudarstva i prava (Rossiĭskaia akademiia nauk). [Текст]: / V.P. Kazimirchuk. - М.: Издательство «Юридическая книга», 1998. - 206 с.
120. Королев, Ю.А. Законодательство и законодательная деятельность в СССР / Отв. ред. П.П. Гуреев, П.И. Седугин - М., 1972. – 120 с.
121. Копылев, С., А. Шуплов. Цена депутата. [Текст]: / С. Копылев, А. Шульцов. Независимая газета. 2000. - от 16 марта. М. - 1 с.

122. Ларионов, В.П., Петров Н.П. Юридические конструкции законодательной процедуры Нижегородской области // В.П. Ларионов, Н.П. Петрович Юридическая техника. - Н. Новгород, 2013. - № 7. - Ч.2. – 396 с.
123. Лейбо, Ю.И. Законодательный процесс в зарубежных странах: учеб. пособие. (Серия «Конституционное право зарубежных стран»). [Текст]: /Ю. И. Лейбо. М. МГИМО- Университет, 2012. - 172 с.
124. Левин, И. Советское государственное право. [Текст]: /Под ред. И. Левина. М. Юрид. издво.1947. - 131 с.
125. Лившиц, Р.З. Теория права. - [Текст]: / Р.З. Лившиц. Теория права. Учебник – М.: Издательство БЕК, 1994. – 224 с.
126. Любимов, А.П. Парламентское право России: [Текст]: Учеб. пособие / А.П. Любимов. - 3. изд., перераб. и доп. - Москва: Маркетинг, 2002. – 365 с.
127. Лукьянов, А.И. Развитие законодательства о советских представительных органах власти. [Текст]: / А.И. Лукьянов. - М. 1978. – 138 с.
128. Малиновский, В.А. ЛИДЕР: Президентская власть в Казахстане на рубеже эпох. Монография. [Текст]: / В.А. Малиновский. - Астана. ТОО. - «Издательство «Норма-К». 2012. – 528 с.
129. Малько, А.В. Конституционное право зарубежных стран в вопросах и ответах. М. Юристь. 2003. / Под редакцией А.В. Малько. Москва. Юристь. 2003. – 128 с.
130. Манов, Г.И. Теория права и государства. [Текст]: Учебник для студентов и аспирантов вузов и факультетов. / Под редакцией Г.И. Манова. М.: БЕК,1996. - 323 с.
131. Марченко, М.Н. Теория государства и права. [Текст]: / М.Н. Марченко. учеб - 2-изд., перераб. и доп. -М.: ТК Велби, Изд-во проспект, 2005. – 648 с.
132. Марченко, М.Н. Общая теория государства и права. [Текст]: / Отв. ред. М.Н. Марченко. 3-е изд., перераб. и доп. Академический курс в трех томах. М.: Норма, 2010. Т. 3. - 460 с.

133. Маҳмудзода, М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ [Матн]: Маҷмӯаи мақола ва маърӯзаҳо / М.А. Маҳмудзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 632 с.
134. Маҳмудзода, М, Сотиволдиев, Р. Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар рушди давлати соҳибистиқлол. [Матн]: / М. Маҳмудзода, Р. Сотиволдиев. – Душанбе. «ЭР-граф», 2016. – 192 с.
135. Мелехин, А.Б. Теория государства и права. [Текст]: / А.Б. Мелехин. М. серия) - 2007. - 699 с.
136. Миронов, А.Н. Административные процедуры технологии подготовки нормативных правовых актов федеральными органами исполнительной власти. Монография. [Текст]: / А.Н. Миронов. Владимир: Транзит-ИКС, 2012. – 250 с.
137. Мишин, А.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. [Текст]: / А.А. Мишин. Учебник. – М.: Белые альвы. 1996. – 400 с.
138. Могунова, М.А. Скандинавские государства: Центральные органы власти. М.- 1975 г. - 83 с.
139. Морозова, Л.А. Теория государства и права. [Текст]: / Л.А. Морозова. Учебник. 4-е изд. пепераб. и доп. - Москва: (Российское юридическое образование). Эксмо, 2010. – 510 с.
140. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. [Текст]: / Э.С. Насриддинзода. Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 204 с.
141. Недбайло, П.Е. Применение советских правовых норм. [Текст]: / П.Е. Недбайло. М.: “Госюриздат”. 1960. – 328 с.
142. Нематов, А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан. LAP LAMBEPT/ [Текст]: / А.Р. Нематов. Academik Publishing. Caapbpucken. Cermany, 2013. – 244 с.
143. Нематов, А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. [Текст]: / А.Р. Нематов. - Душанбе. 2013. - 125 с.

144. Николаева, М.Н. Нормативные акты министерств и ведомств СССР [Текст] / М.Н. Николваева. Всесоюз. науч.- исслед. ин-т сов. законодательства и юстиции СССР. - Москва: Юрид. лит., 1975. - 143 с.
145. Остапович, И.Ю. Процессуальные особенности толкования Конституции Конституционным Судом Российской Федерации. [Текст]: / И.Ю. Остапович. Конституционное правосудие. Программа учебной дисциплины. Хабаровск. 2012. - 44 с.
146. Овчинникова, О.Г., Селянин А.В., Торопов С.В. Конституционное право зарубежных стран. [Текст]: / О.Г. Овчинникова, А.В. Селянин, С.В. Торопов. Конспект лекций. - Ростов н/Д. «Феникс», (Серия «Сессия без депресиии»). 2004. – 432 с.
147. Парламентское право России. Учебное пособие. (Колл.авторов). Автономов А.С., Любимов А.Р., Румянцева Т.С., Степанов И.М., Хабриева Т.Я., Чехарина В.И. под ред. Степанова И.М., Хабриева Т.Я. Издательство Юристь. Москва, 1999. – 392 с.
148. Правительство Российской Федерации. / Под ред. Хабриевой Т.Я. [Текст]: / Т.Я. Хабриева. - М.: Норма, 2005. - 607 с.
149. Петрухина, И.Л. Конституционное правосудие в СССР. [Текст]: / И.Л. Петрухина. - М., 1981. – 71 с.
150. Пиголкин, А.С. Общая теория права. [Текст]: учебник. / Под редакцией А.С. Пиголкина А.С. (1998, - 2 изд.). Москва. 1998. – 384 с.
151. Пиголкин, А.С. Общая теория права. Учебник 2 - изд. Перераб и дополн. Коллектив автров. М. Изд- во МГУ им. Баумана, 1996 – 484 с.
152. Пиголкин, А.С. Закон, создание и толкование. Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации: Закон, [Текст]: / А.С. Пиголкин. Москва. СПАРК. 1998. – 283 с.
153. Пиголкин, А.С. Толкование норм правотворчества. Проблемы соотношения. [Текст]: / А.С. Пиголкин.- 1990. М - 80 с.

154. Пиголкин, А.С. Толкование нормативных актов в СССР. [Текст]: / А.С. Ниголкин. / Всесоюзный ин-т юрид наук. – Москва: Госюриздат, 1962. – 166 с.
155. Пиголкин, А.С. Право, законность, гражданин. [Текст]: / А.С. Пиголкин. - М., 1976. - 58-59 с.
156. Пиголкин, А.С. Толкование норм права и правотворчество: проблемы соотношения. Закон: создание и толкование. [Текст]: Под ред. д.ю.н., проф. А.С. Пиголкина. –М. «Спарк». 1998. – 283 с.
157. Пиголкин, А.С., Рахманина Т.Н., Желялетдинова З.С. Законодательные программы субъектов Российской Федерации. [Текст]: / А.С. Пиголкин, Т.Н. Рахманина, З.С. Желялетдинова. М. - 1988. - 198 с.
158. Пискунова, Е.А. Законодательный процесс в субъектах Российской Федерации. Монография. [Текст]: / Е.А. Пискунова. «Юриспруденция», - 2017. – 160 с.
159. Поленина, С.В. Законотворчество в Российской Федерации [Текст]: / С.В. Поленина. Ин-т государства и права Рос. акад. наук. - М.: ИГПАН, 1996. - 145 с.
160. Раҳимов, М.З., Нематов, А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. [Матн] / М.З. Раҳимов, А.Р. Нематов. – Душанбе: «Шуҷоиён». 2011. – 198 с.
161. Румянцев, О.Г., Додонов, В.Н. Юридический энциклопедический словарь. [Текст]: / О.Г. Румянцев, В.Н. Додонов. М.: ИНФРА-М, 1997. – 384 с.
162. Сайнозимзода, Ф.С. Аҳамияти сиёсӣ-хуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. // [Матн]: Ф.С. Сайнозимзода. Душанбе.: «ЭР-граф», 2021. -216 с.
163. Сапаргалиев, Г.С. Конституционное право Республики Казахстан. [Текст]: / Г.С. Сапаргалиев. Академический курс. – Алматы. - 2005. – 311 с.
164. Сапаргалиев, Г.С. Парламентское право Республики Казахстан. Монография. [Текст]: / Г.С. Сапаргалиев. Астана: ТОО «Институт законодательства РК», 2009. – 90 с.

165. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. [Текст]: / Р.Ш. Сотиволдиев. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2000. – 543 с.

166. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи ҳукуқ ва давлат. [Текст]: / Р.Ш. Сотиволдиев. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳисл мекунанд Душанбе. «Империал - Групп» 2014. – 998 с. Шакли электронӣ.

167. Страшун, Б.А. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. [Текст]: / Отв. ред. Б.А. Страшун. Учебник. В 4-х томах. Тома 1-2. - Издательство БЕК, 1996. – 778 с.

168. Сулаймонов, М.С. Конституционно - правовой статус Президента Республики Таджикистан. Монография. [Текст]: / М.С. Сулаймонов. - Душанбе. – 2019 – 156 с.

169. Томин, В.А. Правотворческая деятельность субъектов Российской Федерации. [Текст]: / В.А. Томин. Учебное пособие. Санкт-Петербург. - 2017. – 245 с.

170. Тультеев, И.Т., Тастанбеков Г.С., А.К.Янгибаев. Правотворческая деятельность парламента: Содержание и приоритетные направления ее совершенствования. Учебное пособие. [Текст]: / И.Т. Тультеев, Г.С. Тастанбеков, А.К. Янгибаев. - Ташкент. Академия МВД Республики Узбекистан, 2016. - 62 с.

171. Холикзода, А.Г., Маджидзода Дж. З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно – правовое развитие Таджикистана. [Текст]: / А.Г. Холикзода, Дж.З. Маджидзода, Р.С. Одиназода. – Душанбе. – «Мехрона – 2017». – 488 с.

172. Холиков, А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. [Текст]: / А.Ғ. Холиков. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 684 с.

173. Хабриева, Т.Я. Парламентское право России. [Текст]: / Т.Я. Хабриева. Монография. –М. 2013. – 400 с.

174. Хабриева, Т.Я. Организация законодательного процесса в зарубежных странах. [Текст]: // Под ред. Т.Я. Хабриевой, Р.Г. Газизова, Н.М. Касаткина, Н.Б. Крысенкова, Ф.А. Лещенков, А.Н. Пилипенко, Ю.Н. Трещетникова, Т.И. Чурина. - М. - Издание Государственной Думы, 2014. – 112 с.
175. Халфина, Р.О. Научные основы советского правотворчества. [Текст]: / Отв. ред. Р.О. Халфина. М.: Наука, 1981. - 157 с.
176. Ханько, Д.Н. Вето Президента в конституционно-правовом механизме постсоветских республик. [Текст]: / Д.Н. Ханько. Вестник Беларус. Гос.ун-та. – 2012.- № 2. 201-206 с.
177. Холиков, К.Н. Конституционный суд Республики Таджикистан: статус, организация и деятельность [Текст] / К.Н. Холиков. – М.: Изд-во Московского университета, 2009. – 272 с.
178. Хропанюк, В.Н. Теория государства и права. [Текст]: / В.Н. Хропанюк. Учебник для высших учебных заведений. / Под ред. В.Г. Стрекозова. - 4-изм. испр. - М. Издательство. «Омега- Л». 2001. – 250 с.
179. Худойкина, Т.В. Стабильность федерального и регионального законодательства и пути ее достижения. Российская Федерация ее субъекты: проблемы укрепления государственности. [Текст]: / Т.В. Худойкина. - Саранск: изд-во Мордов. ун-та, 2003. - 117 с.
180. Черданцев, А.Ф. Толкование советского права. [Текст]: / А.Ф. Черданцев. - М.: “Юридическая литература”. 1979. – 164 с.
181. Чехарина, В.И. Проблемы парламентского право России. [Текст]: / В.И. Чехарина. Сборник подготовлен Центром конституционных исследований Московского общественного научного фонда, под редакцией Льва Иванова. – Москва. 1996. – 131 с.
182. Чехарина, В.И. Право законодательной инициативы и его влияние на процесс стабилизации закона / В.И. Чехарина. Концепция стабильности закона. [Текст]: / Отв. ред. В.П. Казимирчук. - М., 2000. – 95 с.
183. Чепурнова, Н.М. Муниципальное право Российской Федерации: учебно-практическое пособие. [Текст]: / Н М. Чепурнова, А.В. Филиппова. Международный консорциум «Электронный университет» Московский госу-

дарственный университет экономики, статистики и информатики, Евразийский открытый институт. – Москва: Изд. центр ЕАОИ, 2011. – 559 с.

184. Чиркин, В.Е. Конституционное право зарубежных стран. [Текст]: / В.Е. Чиркин. Учебник. «Юристь» 1997. – 568 с.
185. Чиркин, В.Е. Конституция XXI века: Сравнительно – правовое исследование. [Текст]: / Отв. ред. В.Е. Чиркин. – М., 2011. – 494 с.
186. Чухвичев, Д.В. Законодательная техника. [Текст]: / Д.В. Чухвичев. Учебное пособие. Москва. – 2014. - 418 с. //Электронная версия.
187. Шайо, А. Самоограничение власти. Краткий курс конституционализма. [Текст]: / А. Шайо. – М., Юристь, 2001. – 292 с.
188. Шершенвич, Г.Ф. [Текст]: / Г.Ф. Шершеневич. – 397 с. (Теория государства и права. Учебник Марченко М.Н. - С.521. [Текст]: / М.Н. Марченко. М. 1960. – 106 с.
189. Швеция: Конституция и законодат. акты. [Пер. со швед.] / Под ред. и с вступ. ст. [с. 9-26] М. А. Могуновой. - [Текст]: Москва: Прогресс, 1983. - 359 с.
190. Шульман, Е.В. Законотворчество как политический процесс. [Текст]: / Е.В. Шульман. Московская школа гражданского просвещения. 2014. – 193 с.
191. Щетинин, Б.В. Проблемы теории советского государства и права. [Текст]: / Б.В. Щетинин. - М.: “Юридическая литература”. 1969. – 33 с.
192. Эбзеев, Б.С. Конституция, Правовое государство. Конституционный суд. [Текст]: / Б.С. Эбзеев. - М., 1997. – 46 – 47 с.
193. Юдин, Ю.А. Политические партии и право в современном государстве [Текст] / Ю.А., Юдин. Юрид: учебное пособие для вузов. Ин-т государства и права РАН. - Москва: Форум: ИНФРА-М, 1998. - 284 с.
194. Якубова, С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст]: / С. Н. Якубова. Душанбе. «ЭР-граф» 2009. – 156 с.

## Ш. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:


195. Абдуджалилов, А. Законодательный процесс в Таджикистане. [Текст]: / А. Абдужалилов. Государство и право. - Душанбе, 2003. - № 2. - 14-23.
196. Аверьянова, Н.Н., Локтионова Е.О. Экспертиза законопроектов в законотворческом процессе России: Правовая теория и классификация. [Текст]: / Н.Н. Аверьянова, Е.Н. Локтионова. Изв. Саратовского ун-та. Новая серия. Сер. Экономика. Управление. Право. - 2016. - Т. 16, вып. 1.
197. Абрамова, А.И. Актуальные проблемы планирования законодательной деятельности. Журнал Российского права № 1. 2012. - 41-50 с.
198. Абрамова, А. И. Современный законодательный процесс Российской Федерации: стадии и проблемы их совершенствования. [Текст] / А. И. Абрамова // Журн. рос. права. – 2007. – № 2. – 14- 23 с.
199. Алиев, З. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти ичроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст]: / З. Алиев. Душанбе. Давлат ва ҳуқуқ. № 1. 2003. – 9-14 с.
200. Алиев, З.М. Парламентаризм и процесс его становления в Республике Таджикистан. [Текст]: /Государство и право. - Душанбе. 2006. № 3. – 18-22 с.
201. Ализода, З. Конституционный суд и проблемы защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан. [Текст]: / З. Ализода. Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. Душанбе. (№ 4). 2010. – 123-128 с.
202. Алексеев, С.С. Проблемы теории права: учеб. курс. Т.2. [Текст]: / С.С. Алексеев. Свердловск, 1973. – 401 с.
203. Артамонов, Н.А. Законотворчество субъектов Российской Федерации: Стадии законодательного процесса. [Текст] / Н.А. Артамонов. Издательство: Юрист Москва. 2014. 48-52 с.
204. Апт, Л.Ф. Теоретические вопросы правовой экспертизы федеральных законов. [Текст]: // Л.Ф. Апт. Журнал Российского права. 2008 - №2 – 18 с.

205. Батюшкина, М.В. Лингвистическая экспертиза законопроектов: объект, предмет и задачи. [Текст]: / М.В. Батюшкина. – Законодательное собрание Омской области. Омск. Вестник ТГПУ (TSPU Bulletin). 2017. – 1-8 с.
206. Бекетова, С.М. Особенности законодательного процесса в субъектах Российской Федерации в современный период. [Текст] / С.М. Бекетова Воронежский Госуниверситет. Вестник ВГУ. Серия Право. 2013. - 25-31 с.
207. Борискова, И.В. Современный законодательный процесс в Российской Федерации. [Текст]: И.В. Борискова. - // Вестник Воронежского института МВД России. – 2007. – 14 с.
208. Бямбадоржа, Ж. Конституционный суд Монголии - важный институт демократического государства. [Текст]: / Ж. Бямбадоржа. Вестник Конституционного Суда РТ. 2010. Душанбе. – (№ 4). – 78-84 с.
209. Ворсова, Ж.П. К вопросу о принципах законотворчества. [Текст]: / Ворсова Ж.П.. Конституционное и муниципальное право. 2008. - № 12. - С. 15-18.
210. Витрук, Н.В. Конституционное правосудие. Судебное конституционное право и процесс. [Текст]:/ Н.В. Витрук. Учебное пособие. Российская акад. правосудия. 4-е изд., перераб. и доп. – Москва. Норма: ИНФРА-М, 2012. – 146 с.
211. Гадоев, Б.С. Конституционно-правовое регулирование референдума в Республике Таджикистан. [Текст]: / Б.С. Гадоев. Государство и право. № 4. – 2004. – 1-24 с.
212. Гузнов, А.Г. Современный законодательный процесс. Основные институты и понятия. [Для юрид. фак.] А.Г. Гузнов, А.А. Кененов, Т.Э. Рождественская. Смоленск. Гуманит. ун-т. Смоленск. Траст-имаком. 1995. – 92-98 с.
213. Диноршоев, А.М. Осуществление общего конституционного контроля и надзора в Республике Таджикистан. [Текст]: / А.М. Диноршоев. Вестник Конституционного суда РТ. (№ 4) 2015. Душанбе. -72-82 с.

214. Диноршоев, А.М. Правовая природа послания президента Республики Таджикистан. [Текст]: / А.М. Диноршоев. Государствоведение и прав человека. № 1. 2016. – 55-50 с.
215. Диноршоев, А.М. Конституционный суд в системе органов государственной власти Республики Таджикистан. [Текст]: / А.М. Диноршоев. Вестник Конституционного суда РТ. № (3) 2014. - Душанбе. – 161- 168 с.
216. Доклад Совета Федерации Федерального Собрания РФ 2008 г. «О состоянии законодательства в РФ» [Текст]: / Под общ. ред. - С.М. Миронова, Г.Э. Бурбулиса. - М. Совет Федерации, 2009. – 506 с.
217. Дубов, И.А. Законодательная инициатива: проблемы и пути совершенствования. [Текст]: // И.А Дубов. Журнал Российского права. -2001. - №10. – 13-22 с.
218. Звягин, Ю.Г. Парламент и Регламент. Заметка журналиста. [Текст]: / Ю.Г. Звягин. Журнал российского права. 1997. № 11. – 54-59 с.
219. Земченков, Н.Ф. Послание Президента Российской Федерации, Федеральному Собранию Российской Федерации как стимул правовой реформы (Проблемный комментарий). Известия Южного Федерального университета. Техническая наука. № 4. (39). 2004. – 268-270 с.
220. Зарецкий, А.П. Законодательная инициатива в парламентах Казахстана, Таджикистана, Узбекистана. Кафедры государственного и международного права северо-западной академии государственной службы. Политика и экономика Евразии. 1 (38) 2019. - Адвокатура. 3-5 с.
221. Измалков, А.В. Дискуссионные вопросы промульгационной стадии законодательного федерального процесса. Конституционное и муниципальное право. [Текст]: А.В. Измалков. Изд-во Краснодар. Ун-та МВД России. Краснодар. – 2008. – 59 с.
222. Имомов, А. Конституция как юридическое и социально политическое явление. [Текст]: / А. Имомов. Государство и право. № 4. 2008. - Душанбе. - 55-62 с.

223. Имомов, А. Таъсисёби ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ - Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум (с. 2000 - 2004). [Текст]: / А. Имомов. Қонунгузорӣ. № 2 (26). 2017. Апрель-июнь. – 15-24 с.
224. Казмин, И.В. Совершенствование практики планирования законопроектов. // Проблемы законотворчества Российской Федерации: Труды. Институт законодательства и сравнительного правоведения. [Текст]: / И.В. Казмин. Вып. 53. - М.: 1993. - 73-82 с.
225. Keненов, А.А., Чернобель, Г.Т. Логические основы законотоврческого процесса / [Текст]: / А.А. Keненов., Г.Т. Чернобель Правоведения. 1991. № 6. – 71-76 с.
226. Королев, Ю.А. Законодательство и законодательная деятельность в СССР. / [Текст] / Отв. ред. П.П. Гуреев, П.И. Седугин. - М., 1972. – 325 с.
227. Кокотов, А.Н. Федеральный законодательный процесс: понятие и структура. [Текст]: / Правоведение. - СПб.: Изд-во С. - Петербург. ун-та, 2001, № 1. - 53-63 с.
228. Конституция, закон, подзаконный акт. [Текст]: / [И.В. Котелевская, М.А. Митюков, А.В. Мицкевич и др. под. ред. Ю.М. Тихомирова] Инт-т законодательство и сравн. правоведения: при Правительстве Российской Федерации. -М. Юрид. лит., 1994. – 300 с.
229. Конституционные основы организации и функционирования институтов публичной власти в Российской Федерации: Материалы всероссийской научно-практической конференции (20-21 апреля 2000 года). [Текст]: / Под отв. ред. В.Д. Перевалов. Екатеринбург: Изд-во УрГЮА, 2001. - 465 с.
230. Котенков, А.А. На чем основано право Президента России возвращать принятый федеральный закон без рассмотрения. [Текст]: / Журнал российского права. 1997. № 11. – 185 с.
231. Кузнецова, И.В. Структура научной теории и структура объекта / [Текст] / И.В. Кузнецова. Вопросы философии. - 1968. - № 5. – 72-83 с.

232. Ларионов, В.П., Петров, Н.П. Юридические конструкции законодательной процедуры Нижегородской области / [Текст] / В.П. Ларионов, Н.П. Петров. Юридическая техника. - Н. Новгород, 2013. - № 7. - Ч. 2. - 413 с.
233. Леоненко, Н.Т. Право законодательной инициативы в региональном законодательном процессе: сущность, проблемы, предложения. / [Текст]: /Н.Т. Леоненко. Российский юридический журнал. - 2011. №5. **(сентябр-октябр)** - 88-95 с.
234. Лукьянов, А.И. Развитие законодательства о советских представительных органах власти. [Текст]: / А.И. Лукьянов. - М. 1978. - 130 – 138 с.
235. Мазаев, В.Д., Мингх, Г.В. Законодательная инициатива как инструмент реализации конституционных полномочий Президента Российской Федерации. Конституционное и муниципальное право. [Текст]: / В.Д. Мазаев, Г.В. Мингх. М. 2013. - Конституционное и муниципальное право. № 1. 50-55 с.
236. Мамин, А.С. Проблемы совершенствования законодательного процесса в Парламенте Российской Федерации. [Текст]: / А.С. Мамин. Белгород. 2008. Наука. Теория. Практика. - 1-15 с.
237. Мазуренко, А.П. Роль посланий законодательным органам власти и иных документов концептуального характера и формирования правотворческой политики. [Текст]: / А.П. Мазуренко. 2014. № 2. Современная наука инновация. М. - 48-59 с.
238. Маҳмудзода, М. Сиёсати ҳуқуқи ва давлати демократӣ. (Маҷмӯаи мақолаю маърӯзаҳо). [Матн]: / М. Маҳмудзода. - Душанбе. “ЭР-граф” 2017. – 632 с.
239. Маҳмудзода, М. Президент ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ӯ. [Матн] / М. Маҳмудзода. Рӯзномаи Ҷумҳурият, 5 октябри соли 2005 с. 3-5 с.
240. Махмудзода, М. Президент ва конститутсионализм. [Матн]: / М. Маҳмудзода. Рӯзномаи Ҷумҳурият. Душанбе. 3 октябри 2005 с. 4-6 с.
241. Мурашин, А.Г. Прямое правотворчество. Особенности принятия актов прямого народовластия. [Текст]: / А.Г. Мурашин. – М. Государство и право. 2001. № 2. – 85-93 с.

242. Мухамедов, У.Х. Совершенствование института парламентского контроля – важный этап конституционных реформ в Узбекистане. [Текст]: / У.Х. Мухаметов. Журнал. Законность и правопорядок в современном обществе. Ташкент - 2016. - 1-4 с.
243. Насурдинзода, Э.С., Сайнозимзода, Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии паёми Президенти ҶТ. [Матн]: / Э.С. Насурдинзода, Ф.С. Сайнозимзода. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ № 2 (21) 2021. - 13-19 с.
244. Одинаев, Ф.Ф., Беков, Ф.Ш. К вопросу об исполнении параметров государственного бюджета РТ. [Текст]: / Ф.Ф. Одинаев, Ф.Ш. Беков. Вестник Таджикского государственного университета. – Душанбе. 2017. № 2 / 10. – 48-57 с.
245. Ойев, Х. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули ҳокимияти иҷроия. [Текст]: / Х. Ойев. - Душанбе. Давлат ва ҳуқуқ № 3. - 2009. -15-27 с.
246. Ойев, Х. Система органов государственного управления Республики Таджикистан нуждается в редакции. [Текст]: / Х. Ойев. - Правовая жизнь. № 3. (11). 2005. – 120 – 126 с.
247. Поленина, С.В. Законотворчество в Российской Федерации. [Текст]: / С.В. Поленина. - М: ИГПАН. 1996. – 145 – 160 с.
248. Рахимов, М.З.. Развитие законодательства Республики Таджикистан в период независимости / М.З. Рахимов. – (В государствах Содружества). - Текст: непосредственный // Журнал российского права. - 2013. - № 2. – Москва. - 102-109 с.
249. Рогов, И.И. Влияние решений Конституционного Совета Республики Казахстан на законодательство и правоприменительную практику. [Текст]: / И.И. Рогов. Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан. Четвертый выпуск. - Душанбе. (№ 4) 2010. – 74-77 с.
250. Саидов, И.Х. Понятие и классификация стадий законодательного процесса. [Текст]: / И.Х. Саидов, – Душанбе. Законодательство. № 2 (26). 2017. Апрель-июнь. – 25-29 с.

251. Сафаров, И.Д., Зиёев, М. Логические основы законотворческого процесса в Республике Таджикистан. [Текст]: / И.Д. Сафаров, М. Зиёев. – Душанбе. Государство и право. № 3. -2006. – 34-44 с.
252. Солостовская, А.В. Некоторые проблемы толкования норм Конституции России. [Текст]: / А.В. Солостовская. Вестник Саратовской государственной юридической академии. № 2. (109) 2016. – 173-177 с.
253. Тасин, Н.Н. Правительство Кыргызской Республики как субъект права законодательной инициативы. [Текст]: / Н.Н. Тасин. Государственная власть и местное самоуправление. – 2009. № 2. – 42-48 с.
254. Тахиров, Ф.Т. Политико-правовое значение послания Президента. [Текст]: / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе. //Народная газета от 30 июля 2005 г. - № 29. – 19 с.
255. Тахиров, Ф.Т. Место конституционного суда в системе правоохранительных органов РТ. [Текст]: / Ф.Т. Тахиров. Вестник Конституционного суда РТ. (4). – Душанбе. 2010. – 183-188 с.
256. Убайдуллаев, М.У. Нақши Маҷлиси миллӣ дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд. [Текст]: / М.У. Убайдуллоев. – Душанбе. Давлат ва ҳуқуқ. № 2. - 2004 – 1-8 с.
257. Филатова, А.В. Экспертиза регламентов и процедур исполнения государственных функций в системе экспертной деятельности России. [Текст]: / Под ред. Н.М. Конина. - М.: ДМК Пресс, 2009. – 32 с.
258. Фровайн И. Таджикская конституция, разделение властей и права человека. //Конституция РТ и пути её реализации. - Душанбе, 1995. - С. 15-21. (Цитата по работе Имомова А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. - Душанбе, 2003. - 145-146 с).
259. Хованский, Н.А. Право законодательной инициативы и его реализация. /Вестник Совета Федерации. [Текст]: / Н.А. Хованский. М. 1998. № 1. – 20-27 с.

260. Холиков, К.Н. Конституционный суд в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы. [Текст]: / К.Н. Холиков. – Душанбе. Вестник Конституционного суда Республике Таджикистан. (4) 2010. – 210 с.
261. Халиков, К.Н., Якубова, С.Н. Маҷлиси Олӣ ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мақоми ҳуқуқи ва алоқамандии байни онҳо. [Текст]: / К.Н. Халиков, С.Н. Якубова. – Душанбе. - Давлат ва ҳуқуқ. № 2. - 2004. – 8-16 с.
262. Храмцова, Н.Г. Принципы правотворчества в правовом дискурсе. – [Текст]: / Н.Г. Храмцова. Юридический журнал. Пробелы в Российском Законодательстве. - 2009. - 51-53 с.
263. Худойкина, Т.В. Стабильность федерального и регионального законодательства и пути ее достижения. [Текст]: / Российская Федерация ее субъекты: проблемы укрепления государственности. - Саранск: изд-во Мордов. ун-та, 2003. – 18-28 с.
264. Шарипов, Т.Ш., Солиев К.С. Закономерность дополнений и изменений в Уголовном кодексе Республике Таджикистан. [Текст]: / Т.Ш. Шарипов, К.С. Солиев. –Душанбе. Государство и право. № 1. 2005. – 77-82 с.
265. Ширяев, Ю.Е. Исполнение законов. [Текст]: / Ю.Е. Ширяев. «Круглый стол» журнал «Советское государство и право» 1991. № 6.- 266-270 с.
266. Эбзеев, Б.С. Конституция, Правовое государство. Конституционный суд. [Текст]: / Б.С. Эбзеев - М., 1996. - 349 с.
267. Якубова, С.Н., Диноршоев, А.М. Конституционно-правовой анализ структуры парламента. [Текст]: сборник научных трудов молодых ученых юридического факультета ТГНУ / С.Н. Якубова, А.М. Диноршоев. – Выпуск № 1. – Душанбе. – 2007. 85-91 с.
268. Якубова, С.Н. Реализация права законодательной инициативы Правительства Республике Таджикистан. [Текст]: / С.Н. Якубова. Законодательство. № 1 (37). - Душанбе, 2020. январь- март. 41-44 с.

**IV. Диссертатсия ва автorefератҳо:**

269. Агамиров, К.В. Юридические прогнозирование как фактор совершенствования Российской правовой системы. [Текст]: дисс. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 // Агамиров Карэн Владимирович. - М., 2020. - 665 с.
270. Ализода, З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Ализода Зариф. – М., 2014. – 349 с.
271. Богданова, Н.А. Система науки конституционного права: [Текст]: / дисс. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02. / Богданова Наталья Александровна. - М., 2001. – 189 с. - Москва, 2001. - 51 с.
272. Бошно, С.В. Законодательная инициатива в Государственной Думе Федерального Собрания Российской Федерации: [Текст]: / дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.01. / Бошно Светлана Владимировна. - М., 1997. – 194 с.
273. Бошно, С.В. Законодательная инициатива в Государственной Думе Федерального Собрания Российской Федерации: [Текст]: / автореферат … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Бошно Светлана Владимировна. - М., 1997. – 27 с.
274. Виноградов, Т.П. Разработка законов Российской Федерации: Конституционно-правовой аспект. [Текст]: дисс. ... канд.юрид.наук. 12.00.02 //Виноградов Тимофей Петрович .- М., 2008. - 248 с.
275. Вихарев, А.А. Совет Федерации Федерального Собрания Российской Федерации. // Вопросы конституционной теории и практики. [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02. // Вихарев Андрей Анатьолевич. - Екатеринбург., - 2000. – 192 с.
276. Гадоев, Б.С. Тенденция развития высших форм непосредственной демократии в РТ: [Текст]: дисс. ...д-ра юрид.наук. 12.00.02. // Гадоев Бурхонидин Саймудинович.- Душанбе., 2019. - 425 с.
277. Давлатова, Ш.С. Общетеоретические основы и особенности реализация законодательной инициативы в Таджикистане. [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.01. //Давлатова Шоира Сафаровна. - Душанбе, 2015. - 167 с.

278. Ержанова, Ф.А. Государственно-правовые аспекты принципа гласности. [Текст]: Автореферат канд. юрид. наук. Институт государства и права. 12.00.02. / Ержанова Фарида Аннаевна. Москва. 1990. - 36 с.
279. Заврабян Н.И. Бикамерализм и демократия в Республике Таджикистан. [Текст]: Диссертация канд. полит. наук. Таджикский государственный национальный университет 23.00.02 / Заврабян Наира Ивановна; - Душанбе, 2008. - 176 с.
280. Зоиров, Дж. М. “Формирование и развитие национальной государственности в странах содружества независимых государств: (Сравнительно-правовое исследование)”. [Текст]: дисс. ... д-ра юрид. наук. 12.00.01. / Зоиров Джурахон Маджидович. МВД России Санкт Петербургский университет. Санкт Петербург. 2004. - 416 с.
281. Котенков, А.А. Конституционно-правовые основы, практика и проблемы повышения эффективности взаимодействия Президента Российской Федерации с Государственной Думой Федерального Собрания в законотворческой сфере: [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02. / Котенков Александр Александрович. - М., 1998. – 178 с.
282. Кубатаев, М.Г. Правовые акты Президента Российской Федерации. [Текст]: дисс. … канд. юрид. наук. 12.00.02. / Кубатаев Магомед Гаджиевич. М. - 2000 г. - 178 с.
283. Кудряшов, А.В. Правовые основы согласования воль и интересов субъектов права законодательной инициативы. [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02. // Кудряшов Алексей Викторович. - М., 2008. – 260 с.
284. Кучерявцев, Д.А. Осуществление права законодательной инициативы в Российской Федерации: Конституционно-правовое исследование [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 //Кучерявцев Денис Александрович. – СПб., 2017. - 276 с.
285. Мартьянов, Г.А. Теория и методика оптимизации участия законодательных (представительных) органов государственной власти субъектов Российской Федерации в федеральном законотворческом процессе: [Текст]: Автореф. канд. юрид. наук. 12.00.01. СПб., 2010. – 167 с.

286. Мирзамонзода, Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики. [Текст]: / дисс. … д-ра юрид. наук. 12.00.02. / Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон. Душанбе. 2021 - 431 с.
287. Нематов, А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. [Текст]: дисс. ... д-ра юрид.наук. 12.00.01. //Нематов, Акмал Рауфджонович. - Душанбе., 2013. - 343 с.
288. Паштов, Д.Р. Участие прокуратуры в законотворческой деятельности законодательных (представительных) и исполнительных органов субъектов Российской Федерации. [Текст]: Дисс. … канд. юрид. наук. 12.00.11. /Паштов Джамал Русланович. – М.- 240 с.
289. Полевщикова, А.С. Конституционно-правовые основы участия МВД России в законотворческом процессе. [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02. //Полевщикова Алена Сергеевна. - М. 2019. – 248 с.
290. Питерская, А.Л. Официальное толкование норм Конституции Российской Федерации высшими судебными органами**.** [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.01. // Питерская Александра Леонидовна. - М. 2003. – 163 с.
291. Раззоков, Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти в Республике Таджикистан [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.14. / Раззоков Баходур Хаётович. – М., 2014. – 458 с.
292. Рамазанова, Э. Т. Институт законодательной инициативы в правовой системе РФ: теория и практика реализации: [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02. // Рамазанова Элвира Таджудиновна. - М. 2005. – 165 с.
293. Репринцев, А.С. Становление парламентаризма в современной России: [Текст] дисс. … канд. политич. наук. – 12.00.02. // Репринцев Александр Сергеевич. - М. 2001. – 141 с.
294. Родионова, Н.В. Осуществление законодательной инициативы законодательными (представительными) органами государственной власти субъектов Российской Федерации в Государственной Думе Федерального Со-

брания Российской Федерации: [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02. // Родионова Наталья Владимировна. - Челябинск., 2006. – 203 с.
295. Скуратов, Д.Ю. Проблемы участия Президента РФ в правотворческом процессе. [Текст]: дисс. … канд. юрид. наук. 12.00.02. // Скуратов Дмитрий Юрьевич. - М. – 2002. – 220 с.
296. Ткаченко, Ю.Г. Толкование юридических норм в СССР. [Текст]: / Автореферат. канд. юрид. наук. Юлия Генадьевна Ткаченко.- М., 1950. – 16 с.
297. Толеубеков, А.Т. Конституционно-правовой статус парламента Республики Казахстан: [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.02.. // Толеубеков Аян Толеубекулы. – М., 2015. - 225 с.
298. Холикзода, А.Г. Критерии качества закона: Общетеоретическое исследование: [Текст]: дисс. ... канд. юрид. наук. 12.00.01. // Холикзода Абдуманон Гафорович. - Душанбе., 2018. - 226 с.
299. Цветков, В.В. Реализация института законодательной инициативы в современном Российском государстве (общетеоретический аспект): [Текст]: автореферат канд. юрид. наук. 12.00.01. //Цветков Владимир Владимирович. - Нижний Новгород., 2008. – 32 с.
300. Ширяев, Ю.Е. Федеральный законотворческий процесс: конституционно-правовой анализ: [Текст]: дисс. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 // Ширяев Юрий Егорович. - СПб., 2006. - 441 с.
301. Шубенкова, К.В. Теоретико - правовые концепции А.С. Пиголкина: [Текст]: дисс. … канд. юрид. наук. 12.00.01. // Шубенкова Ксения Владимировна. - Волгоград. - 2013. – 175 с.

**V. Захираҳои электронӣ [Электронный ресурс]**

302. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2012. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 04.02.2022 с.)
303. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.04.2000 с.

304. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 21.02.2022 с.)
305. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. (Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / URL. htpwww/ presidenttj. ru).
306. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 3) 2014. Душанбе. – 193 с.
307. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якуми иҷлосияи давъати панҷуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.03.2015. (Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / URL. htpwww/ presidenttj.ru / 1083).
308. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум 17 марти соли 2015. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи муроҷиат: 21.02.2022 с.)
309. Суханронии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров доир ба фаъолияти ҷамъбастии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум (солҳои 2015-2020) аз 28 феврали соли 2020.
310. Конституционные основы организации и функционирования институтов публичной власти в Российской Федерации: Материалы всероссийской научно-практической конференции (20-21 апреля 2000 года). – Екатеринбург: Изд-во УрГЮА, 2001. – 62 с.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монография

**[1-М]** Якубова С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] монография. // С.Н. Якубова. – Душанбе. 2009. – 156 с.

**[II -М]** Якубова С.Н. Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Макҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ.

### II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Якубова, С.Н. Маджлиси Оли Республики Таджикистан: назначение, структура и организация деятельнотсти. [Текст] / С.Н. Якубова // Представительная власть, - XXI век: законодательство, комментарии, проблемы. 2007. Москва - № 6. – С. 7 -10.

**[2-М].** Якубова, С.Н. Баъзе аз масоили ҳуқуқӣ дар бораи тағйири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / С.Н. Якубова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. (Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ). – 2013. – №2 (36). – С. 35-42; ISSN: 2305-0535.

**[3-М].** Якубова, С.Н. Некоторые особенности лишения депутатской неприкосновенности депутатов Местных народных депутатов Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Государствоведение и права человека. (Научно-практический журнал). – 2015. – №3 (11). – С. 73-81; ISSN: 2307-5098.

**[4-М].** Якубова, С.Н. Қабули санадҳо тибқи қонунгузории вогузоршуда дар кишварҳои шакли идоракунии ҷумҳурӣ. [Матн] / С.Н. Якубова // Илм ва фановарӣ (Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2015. - № 2 (6). – С. 147-151. ISSN: 2412-3648.

**[5-М].** Якубова, С.Н. Особенности представительной функции Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Государствоведение и права человека. (Научно-практический журнал). – 2016. - № 2 (02). – С.70-73. ISSN: 2414-9217.

**[6-М].** Якубова, С.Н. Основания и способы приобретения гражданства Республики Таджикистан по новому законодательству. [Текст] / С.Н. Якубова // XXI век. Право и управление (Московский государственный институт международных отношений (Университет) Министерства иностранных дел Российской Федерации. Научно-правовое издание. – 2016. – №2 (39). – 62-67 с; ISSN: 2073-8420.

**[7-М].** Якубова, С.Н. Законодательные полномочия Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2017.- № 2. (10) – С. 260-264. ISSN: 2413-5151.

**[8-М].** Якубова, С.Н. Реализация конституционного контроля Конституционным судом Республики Таджикистан. [Текст-Тезис] / С.Н. Якубова // Государствоведение и права человека. (Научно-практический журнал). – 2017. - № 2 (06). – С. 21-23. ISSN: 2414-9217.

**[9-М]** Якубова, С.Н. Реализацияи предварительного конституционного контроля Конституционным судом Республики Таджикистан. [Текст] /С.Н. Якубова // Правовая жизнь. (научно-информационный журнал). – 2017.- № 1. (17) – С. 53-60. ISSN: 2307-5198.

**[10-М].** Якубова, С.Н. Участие Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан в законодательном процессе. [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). – 2018.- № 3. – С. 274-278. ISSN: 2413-5151.

**[11-М].** Якубова, С.Н. Некоторые особенности изменения конституционного закона Республики Таджикистан «О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан». [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). – 2018.- № 4. – С. 204-208. ISSN: 2413-5151.

**[12-М]** Якубова, С.Н. Конституционные поправки о правовом статусе члена Маджлиси милли и депутата Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая жизнь. (научно-информационный журнал). – 2019.- № 2. (26). - С. 68-73. ISSN: 2307-5198.

**[13-М].** Якубова, С.Н. Роль адвокатуры в осуществлении защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова, Ш.Х. Камолов // Законодательство (Журнал “Законодательство” Научного центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан). – 2019.- № 2. (34), апрел –июн – С. 23-26. ISSN: 2410-2903.

**[14-М].** Якубова, С.Н. Такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти қонунгузории вазъи ҳуқуқии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / С.Н. Якубова // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2020. - № 4 (36). – С. 65-68. ISSN: 2305-0535.

**[15-М].** Якубова, С.Н. Ҳамфаъолиятии мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузорӣ. [Матн] / С.Н. Якубова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – 2020. - № 4 (012). – С. 176-180. ISSN: 2076-2569.

**[16-М].** Якубова, С.Н. Реализация права законодательной инициативы Правительства Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Журнал “Законодательство”. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – 2020.- № 1. (37) январ-март. – С. 41-45. ISSN: 2410-2903.

**[17-М].** Якубова, С.Н. Порядок повторного рассмотрения законов, возвращенных Президентом Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Журнал “Законодательство”. Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – 2021.- № 1. (41 январ-март) – С. 21-24. ISSN: 2410-2903.

**[18-М]** Якубова, С.Н. Основные принципы законодательной деятельности Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая

жизнь. (научно-информационный журнал). – 2020.- № 4. (23). (октябр-декабр) – С. 79-83. ISSN: 2307-5198.

**[19-М]** Якубова, С.Н. К вопросу об особенностях стадий законодательного процесса в Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова // Правовая жизнь. (научно-информационный журнал). – 2020.- № 1. (29) – С. 113-119. ISSN: 2307-5198.

**[20-М].** Яқубова, С.Н. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / С.Н. Яқубова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2020. – № 4 (10) Қисми 2. – С. 254-258; ISSN: 2413-5151.

**[21-М]** Якубова С.Н., Рассмотрение и одобрение законов в Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] / С.Н. Якубова, // Доклады. Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2023. - № 1 (021). – С. 202-205. ISSN: 0002-0000.

**[22-М]** Зоир Ҷ.М., Яқубова, С.Н. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ. [Матн] / Ҷ.М. Зоир., С.Н. Якубова // Қонунгузорӣ. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (52) – 2023 (октябр-декабр). С. 48-53. ISSN: 2410-2903.

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[23-М].** Якубова, С.Н. Принятие закона делегированным законодательством в странах монархической формы правления. [Текст] / С.Н. Якубова // Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан. – 2015. – №4. – С. 94-99.

**[24-М].** Яқубова, С.Н., Камолов, Ш.Х. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар партави тағйиру иловаҳои Конститутсия. [Матн] / С.Н. Якубова, Ш.Х. Камолов // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №1. – 31-36 с.

**[25-М].** Якубова, С.Н. Право законодательной инициативы депутатов Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. [Текст] /

С.Н. Якубова. // Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо. (Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 31 марти соли 2020).- 47-52 с.

**[26-М].** Якубова, С.Н., Камолов Ш.Х. Защита прав и свобод человека в религиозных учениях Таджикского народа. [Текст] / С.Н. Якубова, Ш.Х. Камолов. Материалы Международной научно-практической конференции “IIХ Ломоносовские чтения”, посвященнной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией. (29-30 апреля 2022). Часть II. Общественные и гуманитарные науки. Под общей редакцией к.э.н., доцента Ганиева Р.К. -Душанбе, 2022. - “Ирфон”, - 552-557 с.

**[27-М].** Якубова, С.Н., Особенности принятия закона Республики Таджикистан “О Государственном бюджете Республики Таджикистан”. [Текст] / С.Н. Якубова. Материалы Международной научно-практической конференции “Таджики в зеркале истории”, посвященнной 115-летию академика Бободжона Гафурова. (27 - октября 2023). Часть I. Право, Экономика. - Душанбе, 2023. - “Филиал Московского государственного униврситета им. М.В.Ломоносова в городе Душанбе, 2023 г.- 236 -242 с.

**[28-М].** Яқубова С.Н. Луғати истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ. Луғат. (русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ). [Текст] / С.Н. Якубова, А.М. Диноршоҳ, [ва дигарон]. Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Диноршоев А.М. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назарова З.А. - Душанбе.- 2021. – 104 с.